
ЮНУСИ
ИМОМНАЗАР
Сабзу
сурх

ЮНУСИ ИМОМНАЗАР

# САБЗУ СУРХ

## РОМАН

Тошканд
«TAMADDUN»
2021

**УЎК: 821.512.133-1**
**КБК: 84 (Тоҷ)7**

**Имомназар, Юнус.**
Сабзу сурх: роман / Ю. Имомназар. – Тошканд: «Tamaddun», 2021. – 488 саҳ.

***Муҳаррир:***
Олим ДАВЛАТОВ, доктори фалсафа доир ба илмҳои филологӣ

Аз пайи Инқилоби Октябр, ки дар Русия ба вуқуъ пайваста буд, ибтидои солҳои бистуми асри XX дар сарзамини Иморати Бухоро низ табаддулоти куллии сохти кишвардорӣ ба амал омад. Дар ин маҳдудаи таърихӣ сабку равишҳои зиндагӣ, ҳаёти иҷтимоию фарҳангӣ ва ҳатто эътиқоду ҷаҳонфаҳмии мардум дигаргун шуд. Агар то ин дам парчами сабзи Ислом эҳтизоз дошт, бо мурури вақт ливои сурхи Ҳукумати Шуравӣ ҷойгузини он гардид.

Дар китоби мазкур низ воқеаю ҳодисаҳои ҳамин давраи гузариш, ки ҳудудан даҳ солро фаро мегирад, табаддулоти зеҳнию иҷтимоии одамон, одоб ва расму оинҳои алоқаманд бо нигориши бадеӣ баён шудаанд. Муаллиф дар мисоли персонажҳои фаровон, алалхусус, дар симои як нафар муллои таҳсилкарда, ки бо ҷаҳонбинӣ ва тафаккуру андешаҳои худ боқӣ мемонад ва бародари омӯзгори ӯ, ки ба ҳаёти нав созгор мешавад, сужаи асар ва гиреҳкушоии рӯйдодҳоро тасвир мекунад.

Қобили зикр аст, ки бо далели асари бадеӣ будан, исми персонажҳо, номи маҳалҳо (ба ҷуз шаҳрҳои бузург) ва ҳамчунин густариши воқеаю саҳнаҳои офаридашуда маҳсули тахайюлоти нависанда аст. Яъне, воқеияти бадеӣ мазмун ва мундариҷаи асар аст, на исмҳо.

Ин китоб ба хонандагони синну соли гуногун пешниҳод мегардад.

ISBN 978-9943-5121-9-1 «TAMADDUN», 2021

# ФАСЛИ ЯКУМ

*Ба шаҳрам яке меҳрабон дӯст буд,*
*Ту гуфтӣ, ки бо ман ба як пӯст буд.*
*(Фирдавсӣ)*

## 1. РОҲИ НУР

### Дар омади гап

Ба сару дӯши деҳаи Бору боз як субҳи поизӣ бағал кушод. Аз поин то боло домани фарозу нишебҳои деҳа ғолибан бо ду ранг ҷилва мекард, ки як сӯ соядору торик ва ҷониби дигар равшану тобон ба назар метофт. Ин дунамоӣ дар канораҳои рӯди морпечи мобайни деҳа ҳосил мешуд, ки гӯё арӯси субҳгоҳон аз як сӯ қаҳрӣ асту дар ҷониби дигар нурҳои рахшони худро беохир арзонӣ медорад. Бо ин ҳол, одати ҳаррӯзаи Хуршеди пурнигоҳ буд, ки ҳар саҳарӣ аз ҷониби машриқ, аз пушти доманакӯҳҳои миёнхамидаву барҷаста сар афрохта, беибо шуруъ мекард ба тамошои таҳу болои рустои ноором. Ҳарчанд мехост сокинони ин дараи кӯҳиро дар ғафлат гузораду ҳама ҷоро бо чодари заррини худ бипӯшад, аз дасташ намеомад. Ҳанӯз вай чашмак назада, бошандагони саҳархез моли дари худро ба чаро мебароварданд, дуди сиёҳгуни оташдонҳои оҳангарию хумсозӣ ба фалак мепечид, садои ғулғуладори осиёбҳои обӣ гӯши атрофиёнро кар мекард, тақ-туқу шақ-шуқи дӯконҳои бофандагӣ беист шунида мешуд... Пай бурдан мушкил набуд, ки шиори ҳамешагии рустоиёни пурҷунбуҷӯл «саҳархез бош, то комраво бошӣ» аст ва аслан намехоҳанд аз пайи хоболудӣ ризқу рӯзиашон канда шавад.

Дар яке аз саҳариҳои аввали моҳи муҳаррам, ки оғози айёми хазонрез буд, Шокирустои дӯкондор пас аз чор ҳафтаи додугирифти фаровардаҳои[1] дӯкони худ дубора порчаҳои[2] тӯб-тӯб омодакардаашро лингабандӣ мекард. Аллакай хари сапеди болобаланд бо борубуна ресмони ба сутун бастаро алвонҷ дода, дар ҷо по мезад. Хари сиёҳ бошад, каме дуртар гӯшҳои дарозашро сих карда, пӯза ёзонда, сабук гирди мех мечархид. Гӯё бетоқат буд, мехост соҳиб ба пушти вай низ бор занад ва бо ҳамтои худ ҳаллос зада ба роҳ барояд. Ин интизорӣ зиёд тӯл накашид, Шокирусто банди пояшро кушода ба назди бор овард. Ресмони дулингаи омодаро бо даст кашида-кашида муҳкамиашро имтиҳон кард ва сипас бо ду панҷаи бақувват аз он дошта, бо нидои «ё пирам!», бо як ҳаракати тез ба болои хар гузошт. Гӯё ки сангинии борро ногаҳон ҳис кард, гӯшдароз аз таҳи дил «ҳиъъ»-гӯён овоз баровард. Бо вуҷуди ин, аз ҷо наҷунбида, дар назди соҳиб бо сари хам истодан гирифт. Шокирусто пушти ҳам панҷ тӯби матоъро ба болои дулинга гузошт ва дар ҳоле, ки борро бо ресмон аз ду ҷо мебаст, шунаво садо зад:

---

[1] **Фароварда** فراورده – маҳсули ба даст омада
[2] **Порча** پارچه – матоъ, газвор

– Бону![3]

– Лаббай! – ҳамоно шунида шуд овози маҳини занонае аз ҷониби танӯрхона, ки дар канори дигари ҳавлӣ қарор дошт.

– Гӯй, бачаҳо бароянд, ҳар ду хар зери бор шуданд. Зудтар ба роҳ афтанд, то ба Нур мерасанд, як рӯз вақт мегузарад.

– Чояшона додам, як пиёлагӣ шир хӯранд, дарҳол мебароянд, – ду косаи сафолро аз деги рӯйи оташдон бо шир пур карда, аз танӯрхона ба самти хона шитофт кадбону ва роҳравон ба суханаш идома дод: – То шумо сари харҳора ба раҳ рост кунед, Фарҳоду  Фаршед ҳам дар наздатон ҳозир мешаванд.

Шокирусто гиреҳ бар абрӯ зада нигоҳе ба сӯйи ҳамсараш афканд, вале дастпочагии ӯро дида чизе нагуфт. Дубора дулингаю сарбориҳои ҳар ду маркабро бо даст кашида ба тартиб даровард, банди пойи хари сапедро низ боз карда ба самти сутун ҳаво дод. Сипас дарвозаи ҳавлиро кушода, пешу пас бо харҳои маҳмуладор ба берун баромад. Дар сари кӯча бо меҳр ба порчаҳои ранг ба ранг, ки аз пушти ду гӯшдароз худнамоӣ мекарданд, чашм дӯхт. Кафҳои каме дурушти худро ба сатҳи матоъҳои читу карбоси нарм ва алочаҳои маҳин кашид, лаҳзае ба хаёл фурӯ рафт. Беихтиёр дар барги зеҳнаш амали порчабофӣ, ки бар заминаи нахресӣ, тору пудчинӣ, тортанӣ, оҳардиҳӣ ва фарқкушоӣ анҷом мешуд, зинда гардид. Аз он ки заҳмати қариб якмоҳа бар абас намерафт, фараҳу ҳаяҷони гармеро дар тани худ ҳис кард. Бо ин дастовард дилаш пур буд, ки дӯсти савдогари нуриаш хурсанд мешавад, бар замми дастмузд аз калобаҳои навбаромад мефиристад, газворҳои ӯро на танҳо ба Карминаю Миёнкол, ҳатто то Бухоро мерасонад. Охир, бештар алочаҳои бофтаи ӯ дар бозорҳои Бухоро бо номи «алочаи Нур» маъруф асту даст ба дасти муштариён мегардад!

– Мо омодаем, додо[4], – пайғоми муаддабонаи Фарҳод риштаи хаёландешиҳои Шокирусторо барканд, ки дар даст хӯрҷине дошт ва пайи ҳам бо бародари хурдиаш Фаршед аз ҳавлӣ мебаромаданд, – озуқаи серӯзаамон дар кӯлапушт, бо миёнбанд камарҳоямона муҳкам бастем, китоби «Лисонулғайб» ҳам бо мост, фақат монда як дуои шумо, ки бароем ба роҳи сафар.

– Бале, писарам! Аз додарат эҳтиёт шав, бори аввал ба роҳи дур мебарояд, – як он ба сухан омад Шокирусто. – Дар роҳ дамгирон равед, аз харҳо парво накун, шиками ҳар ду сер аст. Ҳамин ки ба хонаи ошноям Баҳром расидед, ин номаи мана ба вай деҳ, дар хусуси матоъҳо навиштаам, худаш медонад чӣ кор кунад, – ӯ коғази зардранги чорқатшудаеро ба дасти Фарҳод дод ва ба суханаш афзуд: – Фаршедҷона ба Чашма[5] бар, нағзакак тамошо кунад. Ҳа, баъди бозгашт дарси ҳофизхонира давом медиҳем, дар сафар аз ғазалҳояш бештар ҳифз кунед. То зимистон бояд ба Ҳазрати Бедил гузарем...

Фарҳод лабханд зад. Чун ба сахтгириҳои падар одат карда буд, бо дилпурӣ посух дод:

– Чашм, устод, он чӣ шумо мефармоед!

---

[3] **Бону بانو** – Шокирусто ҳамсари худ Маҳтобро бо ин исм ном мегирифт

[4] **Додо دادا** – вожаи гӯйишӣ ба маънии падар *(дар гӯйиши тоҷикони кӯҳистони Нур роиҷ аст)*

[5] **Чашма چشمه** – манзур чашмаи муқаддаси Нур аст

Ҳар ду барои хайрухуш ба ҳамдигар бағал кушоданд. Пас аз гарм дар оғӯш гирифтан, падар насиҳатомез гуфт:

– Бори аввал нест, ки ба сафар мебарой, аз худат гап намемонад. Дар роҳ эҳтиёт шавед, ба вазъият нигоҳ карда по бардоред. Ҷумъаи дуюми моҳи сафар аз ёдат наравад, дар соли сию нуҳ ин рӯз[6] дар ҳаётат таърихӣ хоҳад шуд. Ба ҳама дӯстони нурӣ салом расон, ба тӯят[7] даъват кун, ба хусус, эшонҳоямон Саидҷону Атоҷон бояд ҳамроҳат бошанд, расо як моҳи дигар! Мулло Дурандеш имомати масҷиди калона ба ту бахшиданӣ. Якбора тӯята ҳам мегузаронем, мӯйи сарат сафед шудасту зан гӯем димоғат меуфтад.

– Мулло устоди бузурги ман, чӣ хел аз эшон пеш мегузарам? – хаёломез арз кард Фарҳод, гӯё ки ҳарфи охири падар ба гӯшаш надаромада буд.

– Дигар ҳоҷати ин эътирозҳо нест, худи устодат ина хост, илтимосаша дар замин намон. Наздики даҳ сол аст, ки муллоӣ мекунӣ, ба бовараш даромадӣ, мехоҳад ҳама кора ба ту супораду хотираша ҷамъ кунад, – Шокирусто чун дид дар мавриди зан лом-мим намегӯяд, бо таъкид илова кард: – Ба тӯят аз шаҳр қанду ҳалвою парварда биёр, дигар ҳама чиз ҳаст, – он гоҳ бо меҳр писари хурдиаш – Фаршедро, ки бо завқ суҳбаташонро гӯшкунон ба оғӯшкашии вай бетоқат буд, дар бағал гирифт.

Дар ин лаҳза модари бачаҳо Маҳтоб давида омада, аз дарвоза ба кӯча баромад. Падар ба ӯ нигоҳкунон сару синаи Фаршедро чанд лаҳза зери дастонаш нигаҳ дошту дар идомаи сухан гуфт:

– Аз додият[8] ҷудо нашав, ҳамин ки аз сафар омадӣ, дидаю шунидаҳоята ба ман навишта медиҳӣ. Инак, мавзуи озод дар кафи дастат, кам наёр!

– Ҳатман, иншое менависам, ки ҳама лол бимонанд! – бо хушҳолӣ ҷавоб дод Фаршед ва аз бӯсаҳои падар лаззат бурда, баргашту худро ба оғӯши модар андохт.

– Офарин, хурдаки боақли худам, нағз рафта биё, ман пазмон мешавам.

Фаршед даме аз бӯйи хуши модар нашъа бурда, ноилоҷ вайро низ раҳо кард ва аз канори бародар, ки чеҳрааш аз сухани ӯ шукуфта буд, ба ҷониби гӯшдарозони бетоқат гузашт.

Модар аз ду китфи паҳни писари калонӣ низ оғӯш карда, бо овози кам сафари нек хост. Сипас, мисли ин ки забонаш дар ком мечаспид, хомӯш монд, дидаҳои бо ашк пуршудааш аз вазъи хираи ӯ дарак медоданд. Фарҳод ин ҳолати модарро хуб дарк карда, бо меҳрабонӣ гуфт:

– Очаҷон, мо ҳамагӣ ба се-чор рӯз меравем, барои чӣ дилтанг мешавӣ? Ин сафарҳо мисли бозӣ аст ба ман, парво накун!

Фарҳод аз оғӯши модар берун омада ба ақиб гашт. Ҳамоно аз дасту камари бародар, ки омодаи савор шудан ба хари сиёҳ меистод, дошта, «ё пирам»-гӯён барояш ёрӣ расонд, то ба болои сарбории хар нишинад. Падар кӯлбори мояҳтоҷи[9] сафарро ба пеши Фаршед дод ва даст бардошта дуои сафар хонд:

---

[6] 8-уми моҳи сафари соли 1339 ҳ.қ. *(рӯзи ҷумъа)* – мутобиқ бо 22-юми октябри соли 1920

[7] Ин ҷо манзур аз «тӯй» рӯзи ақди никоҳ, ҷашни арӯсӣ аст

[8] **Додӣ دادی** – бародари меҳтар *(калонӣ)*

[9] **Мояҳтоҷ مایحتاج** – он чӣ мавриди ниёз аст *(барои сафар)*

– Бисмиллоҳ, таваккулту алаллоҳ, ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ. Ба ёрии Худованди раҳим, сафаратон ба хайр гузарад, сиҳат рафта саломат баргардед, омин!

Ҳама даст ба рӯ кашиданд. Фарҳод гарданбанди хари сапедро алвонҷ дода, амромез садо баланд кард:

– Хӣ!

Бародарон дунболи якдигар ба роҳ уфтоданд. Бо ин ки Шокирусто зуд ба хона даромада рафт, Маҳтоб то ноаён шудани ҷигарбандҳояш аз хамгашти калони Пайк, бар рӯйи санги паҳни дами кӯча истода, дербоз дида дӯхт. Аз уфуқи шарқ кулчаи заррини Офтоб намудор мешуд, шамоли каме сарди тирамоҳи тозарасида сару шонаҳои ӯро молида мегузашт. Модар беовоз дар дил ният кард: «Худоҷонам, худат бузургиву меҳрабон, бачаҳоямро дар амонат нигаҳ дор».

Саҳаргоҳон навою садоҳои гуногун номураттаб рӯйи ҳам рехта, аз гиребони табиат берун меомаданд ва дар фазои бепоёни фарозу нишеби доманакӯҳҳо пахш мешуданд. Гӯё оҳанге садо медод, ки созандааш дидаю дониста овозҳои чандгунаро бо як маром ба мақом медаровард ва мехост хишир-хишир ба ҳам задани шоху баргҳои дарахтон, шилдиру шар-шари обҳои масти ҷӯйборон, баосу маосу ар-ар барин садоҳои пайдарҳами ҷонварон ва дигар лаҳну навоҳои табииро дар ҳам омехта, ҳамроҳи боди вазон ба гӯши саҳархезон расонад. Фаршеди наврас ин лаҳну навои субҳгоҳиро борҳо шунида буд, аммо ин дам ба он бо алоқаи бештар гӯшу ҳуш шуд. Баробари помониҳои хари сиёҳ тамоми вуҷудаш ором мелӯккиду хаёлашро оҳанги дилнавози табиат ва дарахтони нимаурёни беду сапедорҳои болобаланд, теппаю доманаҳои кӯҳии зардгуну сангсор, бому деворҳои коҳгилгирифтаи харошхӯрда маҷзуби худ месохт. Чун тараддуди аз деҳа баромадан дошт, дилвопасиеро ҳис мекард, гӯё раъяш мухолифи иродааш буд, ки ӯро аз сафар боздоштанӣ мешуд. Дар ҳавои роҳравӣ хомӯширо халалдор кард:

– Додӣ, дили оча ганда шуд, ба ту сухане гуфтанӣ буду натавонист.

– Одати модарон ҳамин аст, барои онҳо фарзандон ба ҳеч ҷо нараванд, дар наздашон парвона шуда гарданд.

– Барои ту нигарон буд.

– Не, дар айни ҳол танҳо писари кенҷааша фикр мекард, чунки ту бори аввал ба сафар мебароӣ, ба ин корҳо хеле хурдӣ мекунӣ.

– Лекин, ман тавонистам ҳам оча ва ҳам додора розӣ кунонам. Агар росташа гӯям, аз ту як лаҳза ҷудо шудан намехоҳам.

– Барои чӣ? Ин ҳама бародарон ҳастанд, бо онҳо бозӣ карда гард.

– Ҳар сеяшон беғаму бо фикри худ овораанд, парвои касера надоранд. Аммо ту дунёи дигар, дили васеъ дорӣ! Мехоҳӣ ҳар чизи ёд гирифтаата ба ман ҳам омӯзонӣ. Ба мисли додо ҷон меканӣ, дар канори дарс зиндагӣ обод мекунӣ. Мехоҳам дастёри туву додо бошам.

– Аз забони ширинат гардам, додарҷон, то ҳол ҳеч кас мана ин қадар таъриф накарда буд. Аммо ман ҳам ҳанӯз аз бисёр чиз огоҳ нестам.

– Худа кам мегирӣ, додӣ! Бар замми ин ҳама ҳунари дастӣ, аз «Шарҳ»-у «Қофия» гирифта то Каломуллоҳ донистан кори осон нест...

– Ҳар чӣ ёд гирифтаам, аз баҳр қатрае асту бас. Тайи чанд соли таҳсил дар мадрасаҳои Бухоро фақат бо дарсҳои такрорӣ банд шудам, ягон устоди дурустҳисобӣ наёфтам, ки ба ман илми дину Калому тасаввуфа пурра омӯзонад, бештар худомӯзӣ кардам. Боз ҳам, ҳамин Мулло Дурандешу падари бузургвор устодони вориданд. Ман ба қувваи ҳофизаю қироати муллои худамон тан медиҳам, росташа гӯям, дар ҳамон Бухорои бузург мисли ӯ муллои аз ҳар чиҳат мукаммал камёб аст.

– Мегуфтӣ, аз кампулӣ азоби дунё ба дӯшат буд, муллои хуб ҳам фақат бо пул ёфт мешавад...

– Оре, дар он шаҳри пурҳаёҳу ва бесару таҳ ёфтани устоди ҳамадон кори осон нест. Агар як сабабаш бебизоатӣ бошад, ҳамчунин аз рафтору бархӯрди муллоҳои худбини камсавод ва соҳибмадрасаҳои мумсик дилтанг мешудам. Ба ту гӯям, муллобачаҳо низ саводи казоӣ надоштанд, онҳо танҳо барои салла бастану худнамоӣ ҳуҷраҳои мадрасаро банд мекарданд, – Фарҳод як он ба хараш «ишш-ш» гӯён аз роҳравӣ бозистод. Чун ба канори қабристон расида буданд, дар бағали роҳ рӯйи санге пушт ба қибла нишасту бо овози баланд ба дуохонӣ даромад.

Фаршед низ хари худро нигаҳ дошт ва пиёда нашуда, аз боло бо сари хам гӯшу ҳуш ба тиловати Фарҳод шуд. Дар воқеъ, бародар муллои хушхоне буд, садои ширадору гирои ӯ вуҷуди касро биҷиррос мезанонд, аз қироати муассираш дили мухотаб об мешуд. Фаршед чашмонашро нимпӯш карда, саропо ба дуохонии бародар гӯш дод ва беихтиёр дар зеҳни худ суханони ӯро такрор намуд: «... ассалому алайкум йо аҳлал қубури, яғфируллоҳу лана ва лакум антум салафуна ва наҳну бил-асар...»

Пас аз салому дуою салавот фиристодан ба руҳи гузаштагон, Фарҳод савори маркаб шуд. Ду харакӣ аз назди Бозоргоҳ гузашта, гузари Бодияро миёнбур карда, ба самти чап печиданд ва таҳ-таҳи доманакӯҳҳо, ки идомааш ба саҳрои бепоён мечаспид, роҳи сафарро идома доданд. Биёбони бекарони самти рост чашмони Фаршедро хира мекард. Ӯ наметавонист ба паҳнои беохире, ки аз бедарахтию беобӣ куллан хушку беҷон ба назар метофт, дидаҳои ҳариси худро хӯ диҳад. Дар поёни ин кавири беҷон уфуқи нилиранг бо шиёрҳои сапеду обӣ ба интиҳо мерасид ва канораҳои деги фалакро ба дӯш мегирифт. Хирашавон то хат-хатиҳои сапедгуни поёни биёбон дида дӯхта, хомӯшии ба миён омадаро дубора барҳам дод:

– Аз ин дашти паҳновар, ки сели лаппишҳои фазояш чашмҳоро мебарад, дили кас ба ҳавл меояд. Деҳаи мо хеле бофайз аст, теппаю дараҳои алафзору сердарахт дар муқобили ин заминҳои беобу кал чун биҳишт менамояд.

– Ту нагӯ! Гузаштаҳои мо дониста дар миёни дараҳо манзил гузидаанд. Зебоипарастии онҳо то ҷое расида, ки дили нозуку пуриштиёқашона фақат бо нозу намоҳои беназири табиат пур мекардаанд, – бо фахр ба сухан омад Фарҳод ва хирадмандона афзуд: – Бо ин ҳол, медонӣ Худованд замина барои чӣ офаридаст? Мурод аз халқ кардани замину осмон ин буда, ки инсон барои

худ имкони зиндагӣ дошта бошад. Дар ҳамин биёбон ҳам инсон умр ба сар мебарад, агар ба поён равӣ, пас аз ду-се фарсанг бо хаймазору адирҳои одамон рӯ ба рӯ мешавӣ, – Фарҳод бо ангушт ба навори сапедранге, ки аз фосилаи дур ба чашм метофт, ишора карда суханашро пай гирифт: – Дар наздикии Шӯркӯл қазоқҳо сукунат доранд, онҳо асосан гӯсфанд мепарваранд, ба роҳи бозаргонон намак мебароранд.

– Пас, он хат-хатиҳои сафед кони намак аст?

– Оре, дашти Қизилқум пур аз ин гуна конҳост. Шояд донӣ, «қизилқум» ба маънои регзори сурх аст. Биёбони Қизилқум дар миёни рӯдҳои Ҷайҳуну Сайҳун ҷойгир шуда, қариб сӣ миллион ҷариб[10] масоҳат дорад. Охири ин паҳнои калон то дами доманакӯҳҳои мо омада мерасад. Мегӯянд, дар ин дашт мори бузмак, сангпушт, кали сакой, ки як навъи бузҳои саҳрой аст, фаровон дида мешавад. Агар шабона аз ин ҷо гузарӣ, уллоси шағолу рӯбоҳ гӯшата кар мекунад.

– Ту хеле чиза медонӣ, додӣ, – бо завқ гуфт Фаршед.

– Бо гузашти вақт дару даричаи донистаниҳо ба рӯйи ту ҳам боз мешавад. Аз дарсҳои мадраса ва сабақҳои устодам Мулло Дурандешу падари бузургвор бисёр чиза омӯхтам. Бояд донӣ, ки қиблагоҳи мо фақат дӯкондор нест, як донишманди замон аст. Афсус, ки ӯ барои такмили илму ҳунараш ба шаҳр нарафтааст, ҳамин зодгоҳ – деҳаи миёни се кӯҳа аз ҳама шаҳомату карруфари шаҳр беҳтар медонад. Устодони бухороиям – мударрисони мадрасаи Хоҷа Порсо нек дар ёдам ҳастанд. Ба хусус, Домулло Икрому Мулло Асват омӯзгорони беҳамтоянд, дилама ба илму маърифат гарм кардаанд, надонистани қадри онҳо камоли беинсофӣ аст. Китоби «Таърихи Бухоро» ёдгории беназире аз он солҳост, ки Домулло Икром бароям туҳфа карда буд.

– Аз номаш маълум, ки дар хусуси таърихи Бухоро аст он китоб? – бо бетоқатӣ пурсид Фаршед.

– Бузургвор Абӯбакр Муҳаммад бинни Ҷаъфар Наршахӣ таҳти исми Бухоро дар бораи шаҳру шаҳракҳо, қасабот, деҳаҳо, рӯдҳо ва ҳар чизе, ки ба таъриху ҷуғрофиёву табиати Бухоро ва гирду атрофи он вобаста аст, доир ба сулолаҳои ҳукмрон, шахсони машҳури ин диёр ҳикоят мекунад. Дар бораи шаҳраки Нури мо ҳам бисёр суханҳои воло гуфтааст.

Фаршед бо шунидани каломи «нур» як он шод шуд ва беихтиёр бо халачӯб ба гардани хараш сахттар фуроварду онро ба тез қадам мондан маҷбур кард, то хубтар нақлҳои бародарро шунавад. Фарҳод аз сухан гуфтан намеистод:

– Азбаски дар хусуси Кармина[ю] Нури мо буд, ҳамин як тикка аз китоби он ҳазрат дар ёдам мондааст: «Кармина аз ҷумлаи рустоҳои[11] Бухорост ва оби ӯ аз оби Бухорост ва хироҷи ӯ аз хироҷи Бухорост ва вайро рустои алоҳида аст. Масҷиди ҷомеъ дорад ва андар вай удабо ва шуаро бисёр будаанд. Ва ба масал, Карминаро Бодияи Хурдак хондаанд ва аз Бухоро то Кармина чаҳордаҳ

---

[10] **Ҷариб جريب** – масоҳате аз замин, ки муодили  тақрибан даҳ ҳазор метри мураббаъ аст

[11] **Русто روستا** – деҳаи бузург, шаҳрак

фарсанг[12] аст. Ва Нур ҷойи бузург аст. Дар вай масҷиди ҷомеъ аст ва работҳои бисёр дорад. Ба ҳар соле мардумони Бухоро ва ҷойи дигар ба зиёрати он ҷо раванд. Ва аҳли Бухоро дар ин кор такаллуф кунанд[13] ва касе, ки ба зиёрати Нур равад, фазилати ҳаҷ дорад. Ва чун боз ояд, шаҳрро хавоза банданд[14], ба сабаби омадан аз он ҷойи мутаббарик. Ва ин Нурро дар вилоятҳои дигар нури Бухоро хонанд ва бисёр кас аз тобеин[15] он ҷо осудаанд...»

– Баҳ, баҳ! Зиёрати Нур фазилати ҳаҷ дорад! – бо хушҳолӣ садо дардод Фаршед, – Аз ин мебарояд, ки ману ту ҳам ба ҳаҷ меравем? Ҳоҷӣ мешавем?

– Кӯтоҳ фикр накун, таъбири «фазилати ҳаҷ дорад» ба он маъно нест, ки ҳоҷӣ шуда бошӣ. Дар асл, амали «ҳаҷ» дар шариат сафар кардан ба макони муқаддас, шаҳри мукаррами Макка дар моҳи зулҳиҷҷа ва зиёрати хонаи Худо – Каъба, баргузории маросими хос дар чанд ҷойгоҳ ва меодгоҳ мебошад, ки маҷмуи ин маросим ба номи маносики ҳаҷ ёд мешавад. Ин сафари муқаддас барои ҳар як мусалмон ба шарти тавоноии молӣ, тандурустӣ ва боз будани роҳ дар тӯли умр камаш як бор лозиму воҷиб аст. Азбаски на ҳар кас метавонад ин имконията дар давоми ҳаёт дошта бошад, бузургон гуфтанианд, ки нафси эътиқодӣ ва эътимодии худа дар баробари Офаридгор ҳадди ақал бо дидану зиёрати ҳамин гуна манзилҳои муқаддас, ки хуфтагоҳи тобеину саҳобагон аст, пасанда кун, – Фарҳод гулу афшонда хомӯш шуд, аз кӯлбори худ мешиашро гирифта об хӯрд.

– Ман таърифи Нура зиёд шунидаам, ҳоло ту намедонӣ чи қадар дилам ба диданаш кашол аст! Додо мегуфт, мисли чашмаи Нур дар ҳеч ҷойи дунё нест, моҳиҳояш антиқаанд...

– Мебинӣ, ҳам Нура мебинӣ, ҳам чашмаю моҳиҳоша! Худо хоҳад, ба Карминаю Бухоро ҳам меравӣ. Ту акнун бачаи хурд нестӣ, худам тамошо медиҳам, додар, – суханро аз даҳони Фаршед гирифта гуфт Фарҳод. – Бояд донӣ, ки Нури мо аз як сӯ бо табиати бетакрори худ, ки пур аз чашмаю корезу доманаҳои сабзу хуррам аст, ва аз ҷониби дигар, бо масҷиду қалъаву оромгоҳҳои поки худ шухрат дорад. Агар гӯш кунӣ, ҳар чӣ ба ёдам омад бароят нақл мекунам.

– Ба ин шаҳр Нурато ҳам мегӯянд?

Фарҳод бо ҳавсала ба таърифи шаҳри Нур пардохт:

– Бале, ба ин макон назари Худо афтидааст. Калимаи «нур-ато»[16] ба ҳамин маънӣ мебошад – Офаридгор нури худа ба чашмаи серобу ҳамешаравон бахшидааст. Сокинони Нур, мардуми бешумор аз чор тараф ба чашмаи Нурато эътиқоди беқиёс доранд, обаша муқаддас мешуморанд. Ин муҳаббат аст, ки ҳар сол ихлосмандон ба зиёрат меоянд, аз он ҳамчун як ҷойгоҳи покиза ва қадамҷойи авлиёи бузург дидан мекунанд. Оби чашма унсурҳои шифобахш дорад, ҳарораташ дар тамоми фаслҳои сол яксон мемонад. Он барои дармони

[12] **Фарсанг فرسنگ** – тақрибан 6 километр
[13] **Такаллуф кардан تکلف کردن** – ранҷ *(-и сафарро)* кашидан
[14] **Хавоза бастан خوازه بستن** – ойинбандӣ кардан, тоқи нусрат бастан, ҷашн гирифтан
[15] **Тобеин تابعین** – тобеон; онҳое, ки як ё чанд тан саҳобаро мулоқот кардаанд ва бо имон аз дунё гузаштаанд, вале ба дидори паёмбар нарасидаанд
[16] **Нурато** – дар хатти ниёгон: نورعطا

бемориҳои равонию асаб, аъзои ҳозимаю пӯст хеле муфид аст. Мегӯянд, замонҳои пеш беморон дар чиллахонаҳои назди чашма то чил шабонарӯз нишаста даво меёфтаанд. Оби чашма парешонхотирӣ, ҳарзагӯйӣ, хуруҷи кисаи сафрою асорати газидагии сага аз байн мебарад. Мушоҳида шуда, ки дар як они воҳид аз мағзи чашма ду ҳазор калбез[17] об регу қума пош дода мебарояд. Дар бисёр маврид мухтасар бо номи «Чашма» ёд мешавад.

– Моҳиҳои аҷоиб доштааст, гӯё ғизо намехӯрдаанд, – дар васати ҳарфи бародар гап андохт Фаршед, дар ҳоле ки бештар ба нақлҳои ӯ дилгарм мешуд.

– Моҳиҳои чашма аз гунаи хоҷу ё ширмоҳиҳоянд, он қадар ҷуссаи бузург надоранд. Онҳо озодона ҳам дар ҳавзоби Чашма, ҳам дар ҷӯйборҳои ҳосилшуда аз он то дари хонаҳои сокинони шаҳр шино карда мегарданд. Ин моҳиҳо дар ҳушу зеҳни одамон чун ҷонварҳои муқаддас ҷилва мекунанд, аз ин хотир, ба онҳо даст намерасонанд, ғизо ҳам намедиҳанд, вақти об хӯрдану об гирифтан онҳоро намерамонанд. Оре, хӯрокашон аз обу обзиҳо аст.

– До[18] Дурандеш ҳар гоҳ аз Нур меомаданд, масҷидҳоша ба додо таъриф мекарданд. Мегуфтанд, намози ҷумъа дар Нур файзу сафои дигар дорад.

– Нагӯ «до Дурандеш», бигӯ Мулло Дурандеш! – бо қаҳр садо баланд кард Фарҳод. – Дар ҳақиқат, масҷидҳои Нур камназиранд, ба хусус, Чилсутуну Панҷвақта. Масҷиди Чилсутун гузаштаи дуртар дорад, аз ҷумлаи ёдгориҳои бостонии Нур аст. Он бар пояи чил устуни яксохт устувор мебошад. Масҷиди Панҷвақта дунёи дигар, хосияти беҳамтои садодиҳӣ дорад, ҳамон тавре ки агар дар як гӯшааш каф ба ҳам занем ё овоз диҳем, айнан ҳамон овоз дар ҳар як гӯшаи дигар акси садо медиҳад. Бино ба исботи меъморон, чунин садодиҳии ҳамсон ба хумҳои бузурги яксохте вобастагӣ дорад, ки дар дохили девор, мутаносиб бо гунбаз дар чор гӯша гузошта шудаанд. Дар ин масҷид нури Хуршед ҳам яксон пахш мешавад ва аз рӯйи зиёдию камии шуои Офтоб вақти рӯз муайян мегардад. Панҷвақта як гунбази калон дорад, ки қутри он ба понздаҳ газ[19] мерасад.

– Оне ки Панҷаи Алӣ мегӯянд, чӣ аст?

– Ҳамин ки рафтем, мебинӣ, додар. Дар болотари чашма як чоҳе мавҷуд аст, ки гирдогирди девораша то поин сангчинӣ кардаанд. Оби чоҳ ҳеч гоҳ хушк намешавад, бо зинаҳо ба чашмаи асосӣ мепайвандад ва як савуми оби Чашма аз он фароҳам меояд. Ҳамон чашмаи чоҳмонанд дорои панҷ ҷӯяк аст, исмаш Панҷоб, одамон вая Панҷаи Алӣ ҳам меноманд. Албатта, ин як номгузории рамзӣ аст, бо эҳтироме, ки ба чорумин халифа, давомдиҳандаи пурзӯри ҳазрати паёмбар дорем, – Фарҳод каме сукут варзид, ба ақиб сар гардонду Фаршедро гӯшу ҳуш ба ҳикоятҳояш дида, аз нав суханашро пай гирифт: – Чанд сол пеш дар ҷойи гармобаи қадимаи Нур, поинтар аз Чашма як ҳаммоми нав сохта шуд. Ба он ҷо ки расидем, ҳатман аз сарамон об мегирем. Мегӯянд, ин гармобаи нав бо усули ҳаммомсозии эрониҳо бино шудааст, дорои хонаҳои алоҳидаи сарду гарм, маҳалли бухор ва либосканӣ аст.

---

[17] **Калбез (кафлез) (كفليز) كلبيز** – дар қадим аз воҳидҳои андозагирии ҳаҷм буда, баробар бо ғунҷоиши як стакан *(дусад грам)* аст

[18] **До دا** – дар лаҳҷа ба маънии ҷаноб, ака; *қад.:* киё

[19] **Газ گز** – воҳиди андозагирии дарозӣ дар замони пеш, ки баробар ба 106,68 см аст

– Мешавад ягон китоба дар бораи Нур пайдо кард?

– Орзу ҳам накун, додар. Ман ҳар чӣ ба ту мегӯям, аз чор сӯ гирд овардаам. Фақат мехостам ту низ як насиҳати додора ҳаргиз аз ёд набарӣ, «одам бояд таърихи диёру сарнавишти мардуми худа чун панҷ ангушт донад», гуфта буд ӯ. Дар хусуси Нур ҳанӯз нақлҳои бисёр аст. Масалан, корезҳои он – ҳамон риштачоҳу ҷӯйборҳои зеризаминӣ, ки дар чандин чақрим оба ба сатҳи хок мебароранд, Қалъаи қадимаи Нур, ки аз тарафи мардуми маҳаллӣ ба хотири ҳифзи худ аз яғмогарону душманони нобоб сохта шудааст ва ба гуфтаи Ҳаким Наршахӣ, канораҳои он хокҷойи тобеон аст, ё ҳамон қабристону гузарҳояш саргузашти тӯлонӣ ва шигифтовар доранд.

– Додӣ, хоҳиш мекунам, боз нақл кун, – илтиҷоомез гуфт Фаршед, ки намехост бародараш аз гуфтан бозистад, – масалан, тобеоне, ки он ҷо дафн шудаанд, киҳоянд?

– Ман аз нақл хаста намешавам, – бо дили пур ба ҳарфаш идома дод Фарҳод, – ҳар қадар бештар суҳбат кунем, роҳамон кӯтоҳтар мешавад. Инак, бодиққат гӯш кун, як шеъра мехонам ва ту аз калимаҳои он моддаи таъриха биёб. Мефаҳмӣ чӣ мегӯям?

– Набошад чӣ?! Масалан, «хоки Мусалло» (خاک مصلی) баробари соли 791 ҳиҷрии қамарист, соли вафоти Хоҷа Ҳофиз.[20]

– Бале! – бо хушҳолӣ тасдиқ кард Фарҳод ва бурро, бо садои гиро ба хондани шеър пардохт: –

*Хоҷаи Нурӣ, ки зи анвори вай,*
*Гашт мунаввар ба ҷаҳон нури дин.*
*Рафт чу з-ин хонаи зулмоти даҳр,*
*Сурати Хуршед ба хулди барин.*
*Реҳлати ӯ – саййиди дин Булҳасан,*
*Турфа хирад гуфт ба сидқ яқин.*
*Садр аён гашт, рақам шуд «фарид»,*
*Реҳлати он шоҳи замону замин.*
*Мир би-Йӯлдош ба санг овард рақам,*
*Чун хирад «ғуфрон» бигуфт таърихи ин*[21].

– Ғуфрон! – баробари хомӯш мондани бародар арз кард Фаршед.

Фарҳод бо завқ пурсид:

– Аввалӣ чӣ? Таърихи асосӣ он аст.

Фаршед таваккул чанд калимаи шунидаашро пайи ҳам чид:

– Нури дин, сурати Хуршед, хулди барин...

– Не, не, беҳуда зӯр назан. Маълум, ки хуб диққат надодаӣ.

– Агар ба ман навишта медодӣ, ҳатман меёфтам, – бо каме ноҳинҷорӣ гуфт Фаршед, – рав кунҷи биҳишт!

---

[20] 791 ҳ.қ. – мутобиқ бо соли 1389 милодӣ

[21] Ин байти охир аз лиҳози вазн солим нест. Зоҳиран, аз пайкари аслии шеър ҷудо ва илҳоқӣ аст.

– Додарам, аз ин пас бисёр таслим мешавӣ, – бо хушҳолӣ ба суханаш идома дод Фарҳод, – Ин порашеър катибаест, ки бар рӯйи санги мазори Шайх Абулҳасан Нурӣ ҳаккокӣ шудааст. Дар мисраи «Садр аён гашт, рақам шуд фарид» вожаи «фарид» (فريد) моддаи таърих аст, ки аз он адади 294[22] дармеояд, мансуб ба соли даргузашти Шайх. Дигараша дуруст ёфтӣ – «ғуфрон» (غفران). Ҳисоби ин баробар аст ба 1331[23], соли гузоштани лавҳи болои гӯри шайх.

Фаршед пурсид:

– Ӯ кист, ки барояш ин қадар эҳтиром қоиланд?

– Бино ба гуфтаи Муҳаққиқ Сабзаворӣ[24], ӯ мунзавӣ, яъне гӯшанишин будааст. Агар мункире пеш меомад, роҳаша мебаст, ҳарчанд хатари куштан дар он бошад. Нақл аст, рӯзе барои вузу ва таҳорат ба канори Даҷла меравад. Он ҷо қаиқе мебинад, ки сӣ хуми сарбаста ва муҳршуда дошт. Бар хумҳо навишта буданд: «Лутфи шайх». Бо тааҷҷуб аз маллоҳ мепурсад: «Дар ин хумҳо чӣ бошад?» Маллоҳ мегӯяд: «Фузулӣ накун, дар ин хумҳо шароб аст, ки барои пазироии меҳмонони халифа овардаанд». Шайх як чӯба аз қаиқ гирифта, тамоми хумҳора мешиканад. Маллоҳ бо доду фарёд ба маъмурон хабар медиҳад. Онҳо омада шайха мегиранд ва ба назди Муътазид, ки халифаи бисёр бераҳм ва шамшераш ҳамеша пеш аз суханаш будааст, мебаранд. Мардуми Бағдод аз бурдани шайх ғамнок мешаванд. Муътазид ба сари ӯ дод зада мепурсад: «Ту ба чӣ ҷуръат ва бо амри кӣ ин густохиро кардӣ?» Шайх ҷавоб медиҳад: «Ман ба амри Худованд ин корро кардам, бо амри он ки туро подшоҳӣ додааст. Подшоҳо, ин гуна аъмол раиятро водор ба иртикоб, яъне анҷоми ин гуна мункирот мекунад ва гуноҳи онҳо низ ба ҳисоби ту навишта мешавад. Дар натиҷа, раият дар салоҳу фасод пайрави ту ҳастанд. Бинобар ин, ҳам ба ту ва ҳам ба раият дилсӯзӣ кардам ва ғаразе ҷуз хушнудии Худоро надоштам». Муътазид аз ин суханони ӯ хушҳол шуда, ба гиря даромада мегӯяд: «Ту сазовор ба ин корӣ ва дар ин кор озодӣ!»... – Фарҳод каме нафас рост карда ба суханаш идома дод: – Додар, ин ҳикоята барои он овардам, ки каме бо бузургии Шайх Абулҳасан шинос шавӣ. Оромгоҳи ӯ дар Нури худамон аст, дар бағали Чашма. Ӯ дар гузашта яке аз машоихи сӯфия будааст, барояш тахаллусҳои «амирулқулуб» ва «қамаруссӯфия» додаанд. Мегӯянд, шогирд ва муриди Сарии Сақатӣ ном сӯфӣ ва орифи машҳури Бағдод будааст. Медонӣ чӣ касоне сӯфӣ ҳастанд? Пеш аз ҳама, онҳо қавмеанд, ки ҷонашон аз тирагии башарият озод гашта ва аз офати нафс софӣ, яъне пок шуда, то дараҷаи аъло ва дар сафи аввал бо Ҳақ орамидаанд, на молик будаанд, на мамлук. Сӯфӣ содиқи онест, ки дар ҳоли фақр ором ва дар ҳоли доштан, яъне вақти доро будан, дигарона аз худ бартар медонад. Ӯ дар диёри мо аҳкоми дини мубинамона паҳн карда, бо одобу ахлоқи ҳамида дар ёди гузаштагону насли имрӯз номи неки худа боқӣ гузоштааст.

---

[22] 294 ҳ.қ. – мутобиқ бо соли 907 милодӣ

[23] 1331 ҳ.қ. – мутобиқ бо соли 1912 милодӣ

[24] Муҳаммадбоқир ибни Муҳаммадмуъмини Хуросонӣ (1608-1679) машҳур ба Муҳаққиқ Сабзаворӣ аз ҷумлаи фуқаҳо ва донишмандони асри Сафавия аст.

Фаршед дар ҳавои нақлҳои бародар қариб фаромӯш карда буд, ки дар болои хар меравад ва бо хомӯш шудани Фарҳод як он роҳгардии маркабашро ҳис карда гуфт:

– Акнун фаҳмидам, ки барои чӣ зиёрати Нур фазилати ҳаҷ доштааст.

– Оре, ӯ низ аз ҷумлаи тобеин аст, як нафар сӯфӣ ва орифи камназир, – хулоса кард Фарҳод ва як он бо хушнудӣ афзуд: – Ана, Авлиё ҳам намудор шуд, акнун то хондани ду-се ғазал ба он ҷо мерасем.

– Аз Хоҷа Ҳофиз бигир, додӣ.

– Ба чашм! – гуфт хурсандона Фарҳод ва бо тамоми овоз, ба сози худ оҳанг дуруст карда, ба сурудан пардохт:

*Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,*
*Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро...*

Бародари калонӣ ғазал мехонду хурдӣ аз овози хушу таскинбахши ӯ роҳат мебурд ва гоҳ-гоҳ дастҳояшро ба канору болои сар ёзонда ба шакли нақарот калимаҳои охири ҳамқофияро такрор мекард ва ҳар замон «э бале, мошоаллоҳ!» гӯён ба бародар неру мебахшид. Шамолаки мулоиме аз самти саҳро мевазид, офтоб торафт ба фарози теғаи доманакӯҳҳои самти чап болотар мерафт, дар осмони обиранг тӯда-тӯда абрҳои сапеду хокистарӣ бо суръати кам ҷой иваз мекарданд. Дар ҳавои роҳпаймоии бомароми гӯшдарозони боҳуш Фаршед фароғатеро дар худ эҳсос мекард, ки гӯё бар рӯйи чодари махмалин нишастаасту он озод дар ҳаво парвоз мекунад ва аз сӯйи бародар лаҳни дилнишини мурғи хушхоне то пардаҳои табира[25] ӯро навозиш медиҳад. Ин лаззате буд, ки ҳар як узви вуҷудашро ба ларза меовард ва гармии маҳине тамоми рагу паю торҳои мағзашро масҳ мекард. Вақте ки бародар ғазалро ба поён расонд, аз таҳи дил овоз сар дод:

– Эй ҷон!! Чӣ қадар садоят ширадор аст, додӣ, ман мухлису шефтаи овози туам!

– Ҳамин садо ҳаст, ки додо мана ба муллоӣ фиристод. Дар қироати Калом лаҳни хуш аз мазмун муассиртар аст, – дар идомаи ҳарфи Фаршед афзуд Фарҳод ва суол кард: – Ту ҳама байтҳои шеъра фаҳмидӣ ба чӣ маънӣ омадаанд?

– Ин ғазала ман аз ёд медонам, лекин ҳанӯз ҳам намефаҳмам, ки аз чӣ сабаб Хоҷа Ҳофиз ба турку холи ҳинду ва лӯлиҳо то ин ҳад баҳои баланд додааст.

Фарҳод аз таҳи дил хандида фиристод, ба дараҷае, ки хараш як дафъа хӯсиду бо ҳарос помониашро тезтар кард. Аз паси вай хари Фаршед низ ба суръаташ афзуд. Пас аз ором шудан Фарҳод ба сухан даромад:

– Ин ғазал аз беҳтарин сурудаҳои шоири лисонулғайб аст, ки тарафдорони бешумор дорад. «Турк» дар забони форсӣ рамзи маъшуқи зебо аст ва турки шерозӣ, яъне зеборӯйи шерозӣ. «Холи ҳинду» бошад, ду маънӣ дорад – яке холе, ки ба расми ҳиндувон бар рух мегузоранд ва дигар, холе, ки

[25] **Пардаи табира پرده تبیره** – пардаи гӯш *(ин пардаи нозук гӯши миёниро аз гӯши хориҷӣ ҷудо мекунад)*

мисли ранги пӯсти ҳинду сиёҳ аст. Муроди шоирон бештар ҳамин маънии дувум мебошад. Аз ин рӯ, мазмуни байти аввал ба ин зайл маънидод мешавад: агар он маҳбуби шерозӣ ба таманниёти дили ман сар фурорад, дар баробари холи сиёҳи ӯ, ки як нуқтаи рез аз ҷумлаи зебоиҳои ӯст, шаҳрҳои Самарқанду Бухорора ҳадя мекунам.

– Барои чӣ маҳз Самарқанду Бухоро?

– Чунки он замон ин дуто аз шаҳрҳои ангуштшумори Варорӯд ва ҷаҳон будаанд, бо ободию сарват ва мардуми хубрӯйи худ шуҳрат доштаанд. Дар баъзе ривоятҳо омада, ки ҳамин байти аввал ба эътирози фотеҳи он даврон Темури Курагонӣ сабаб шудааст. Гап дар сари он, ки Темур бар шоҳ Мансур ғолиб омада Шероза мегирад ва дар канори дигар бузургон Хоҷа Ҳофиза низ ба назди худ металабад. Он вақт хоҷа гӯшанишин ва камбағал будааст. Ӯ бо муридаш Зайнулобидин ба мулозимати Амир Темур меояд. Либоси дарвешона ва ҳоли бенавоёна дошт. Амир мегӯяд: «Эй Ҳофиз! Ман ба зарби шамшер тамоми рӯйи заминро хароб кардам, то ки Самарқанду Бухороро обод кунам, вале ту ба як холи ҳинду мебахшӣ?» Хоҷа бехаёл ҷавоб медиҳад: «Аз ин бахшандагиҳост, ки ба ин фақр уфтодаем». Аз ҳозирҷавобии ӯ хушҳол шуда, Амир Темур механдад ва ба Хоҷа подош медиҳад.

Фаршед аз нақлҳои бародар бештар ба завқ омад. Ҳамин ки ӯ аз сухан бозистод, ба хотири бисёртар маънӣ гирифтан бе таваққуф ин байтро суруд:

*– Фиғон, к-ин лӯлиёни шӯхи ширинкори шаҳрошӯб*
*Чунон бурданд сабр аз дил, ки туркон хони яғморо!*

– Ин ҷо «лӯлиён»-и шоир онҳое нестанд, ки ту фикр мекунӣ. Дар луғати адабӣ «лӯлӣ» ба маъниҳои латиф, зариф, нозук ва ҳамчунин шӯх, бешарм, шоду шангул омадааст, – гуфт Фарҳод. – Барои он ки ин байта осон шарҳ диҳам, ту бояд бидонӣ, ки «хони яғмо» дар мисраи дуюм чӣ маъно дорад. Мегӯянд, дар асл он дасторхони ом аст, бештар дар рӯзҳои ҷашн, алалхусус, дар иди Қурбон аз тарафи султонҳову ҳокимон барои мардум густурда мешуду аз дасти авому муҳтоҷон ба ғорат мерафт. Чуноне ки аз нақлҳои додо шунидаам, як вақт дар Бағдод ин гуна хоне дар рӯзи иди Фитр чида мешавад, ки вусъаташ сесад дар ҳафт заръ[26] будааст. Пас аз хондани намози фитр аз сӯйи халифа, мардум ин хона ғорат мекунанд. Ва «туркон» гуфтан ба маънии «туркони ғулом» аст, ки дар чунин ғоратгариҳо пешқадам будаанд. Аз ин рӯ, байт чунин маънӣ медиҳад: ҳамон тавре ки туркон суфраи неъмата ғорат мекунанд, зеборӯёни ошӯбгар сабри дили мана ба яғмо бурданд.

– Хеле чизро фаҳмидам, додӣ, сипос! – Бо мамнунӣ гуфт Фаршед ва дуртар гунбади баландеро дида афзуд: – Авлиё он ҷост, ки масҷид дорад?

– Оре, ҳамон – Авлиёи мо, ки дар қадим манзилгаҳи шайху валиҳо будааст, – ҷавоб дод Фарҳод ва илова кард: – Ин қасаба аз деҳаи мо се фарсанг фосила дорад, сокинонаш як дар миён тоҷику ӯзбеку қазоқанд. Ин се миллат фақат сурати гуногун доранд, дигар ҳама кору расму оинашон якест,

[26] **Заръ** ذرع – газ; воҳиди андозагирии тӯл, ки тақрибан 104-107 см аст

меҳмоннавозанд, улфатанд. Ҳарчанд номи қасаба «Авлиё» аст, дар хусуси валиҳои гузаштаи он касе чизе намедонад. Фақат марқади Нукриддини Қаттол, ки вая мардум валӣ мегӯянд, зиёратгоҳ аст. Ӯ аз ҷумлаи пайравони яке аз саромадони илми ирфон ва тасаввуфи Мовароуннаҳр – Хоҷа Аҳмади Яссавӣ ба шумор меравад. Нақл аст, валӣ Нукриддин одами сахтгир ва серталабе будааст, ки ба ӯ лақаби «қаттол» додаанд, – Фарҳод як дам хомӯш шуд ва лаҳзае чашмонашро хира карда ба Авлиё дида дӯхту боз ба сухан омад: – Ана ҳамин гапҳо, додар, ту бояд донӣ, ки хонаҳои мо аз санг сохта мешавад, лекин дар ин ҷо аз гил, похса мерезанд. Чашмаҳояш дар бехи кӯҳ аст, дар баҳору тирмаҳ сел бисёр меояд. Халқи таҳҷойиаш бештар аз кӯҳ фуромадаанд, молдорӣ шуғли онҳост. Мисли бобою падарони мо боғдорӣ аз дасташон намеояд, меваю сабзавота ба онҳо савдогарон мерасонанд...

Ғарқи нақлҳои бародар, Фаршед ҳатто пай набурд, ки чӣ тавр то Авлиё расидаанд. Аз самти даромад ба ин қасаба рӯди паҳне бо лабу каронаҳои морпеч ба поён ҷорӣ мешуд. Оби он то зону мерасид. Бо гузаштан аз он, Фарҳод ҷилави харҳоро аз роҳи аробагард ба ҷодаи хокии бориктаре ба самти чап гардонд. Каме роҳ тай карда ба масҷид расиданд ва ба ҳавлии он надаромада, дар назди хонаи гилини пастаке, ки дар гӯшаи ҳавлии масҷид қарор дошт, Фарҳод аз хар пиёда шуд. Овози «иш-иш»-гӯйӣ ва тақутуқро шунида аз дохили хона як марди яктаҳпӯш давида баромад. Ӯ қадди миёна, синаи паҳн, риши борики дароз ва чашмони бодомшакли танг дошт. Ҳамин ки меҳмони нохондаро диду шинохт, бо шитоб ба пешвози ӯ давид ва бо хушҳолии беҳад ба сухан даромад:

– Катагимга хуш келибсиз, қадамингиз қутлуғ бўлсин![27]

– Хушбахт бошед, бародар, ин катаки шумо хонаи гарми дӯстон аст, ки шабу саҳар дараш боз! – бо хушнудӣ ҷавоб дод Фарҳод ва барои мард бағал кушод.

– Дӯстлар бизнинг жону дилимиз, тақсир, марҳамат ичкарига![28]

– Не, вақти мо танг аст, ду ракъат намози таҳияро мегузораму ба роҳ мебароем.

– Йўқ деманг, бир пиёла чой! Домла ҳам кеп-қоладилар.[29]

– Лутф дорӣ, бародар! Вале, имом куҷоанд?

– Домла дам солишга кетган,[30] – гуфт соҳиби хона ва аз зери оринҷи Фарҳод дошта ба пеш гузарондан хост, ки ӯ истодагарӣ кард:

– Хуб, агар омаданд, саломи моро мерасонӣ, – гуфт Фарҳод ва бо ишора ба Фаршед афзуд: – Ин додарам – Фаршед, бори аввал ба сафар мебарояд. Шумо суҳбат карда нишинед, ман зуд бармегардам, – дигар маътал нашуда, ба самти масҷид роҳ пеш гирифт.

Дар ҳоле ки аз гуфтугӯйи омехтаи ҳамраҳони худ ба шигифт омада буд, Фаршед даст ба сари дил гузошта бо эҳтиром ба марди ношинос салом гуфт ва бо ҳамдастии ӯ ду нӯхтаро аз хӯрҷинҳо даровper, ба сари харҳо гузаронд ва

---

[27] Ба кулбаи ман хуш омадед, нури дида тоҷи сар

[28] Дӯстон ҷону дили моанд, тақсир, марҳамат ба дохил

[29] Не нагӯед, як пиёла чой. Домулло *(имоми масҷид дар назар аст)* ҳам омада мемонанд

[30] Домулло барои дам андохтан рафтаанд

ҳар дуро ба танаи дарахти тути канори девор баста монд. Сипас, аз қафои соҳибхона ба дохили «катак» даромад. Мард бо забони нофаҳмои худ беист ҳарф мезад, вале Фаршед танҳо тибқи ишораҳои ӯ амал мекард. Дар миёнҷойи хона сандалии чоргӯшае буд. Як чойники кулоҳпӯш, як пиёла ва як китоби боз дар рӯйи он ба назар мерасид. Баробари ҷой гирифтан дар бағали сандалӣ Фаршед пиёлаи чойи дарозкардаи мардро миёни се ангушт дошта, дилу бедил даҳон боз кард:

– Шумо?

– Ман Авазқул, домла Ҳакимни муридиман. Тақсир билан қалин дӯстмиз,[31] – гуфт мард, вале чун донист Фаршед ӯзбекиро намедонад, суханашро ба тоҷикии лабпарида идома дод: – Тақсир мулла зур, савод кучли! Устозим қоил ба вай! Пеши Мулло Дурандешба, Бухороба хондагӣ, нафасаш баланд, оянда зур мулло мешад.

Фаршед таърифи бародарро шунида як қат гӯшт гирифт ва дар тасдиқи гуфтаҳои ӯ илова кард:

– Моҳи дигар ҳама кори муллоиро ба вай месупурдаанд, имом мешавад.

– Ин даркор, ҷойи устодша мегирад тақсир. Ҳозир кужоба мерен?

– Ба зиёрати Нур...

Вақти зиёде нагузашта, Фарҳод пас аз гузоштани намози таҳияи масҷид ба назди кулба омад. Ӯро дида Авазқулу Фаршед бо ҳам аз ҷо хеста салом доданд. Соҳиби хона ба дохил ишора карда гуфт:

– Қабул бӯлсин, тақсир, бир пиёла чой.[32]

– Қабули Ҳақ гардад! – ҷавоб дод Фарҳод, – Худат медонӣ, то Нур қариб шонздаҳ фарсанг роҳ, то мерасем шаб чодарашро ба сар мегирад. Ба имом саломи моро расон, таъйин кун, ки ҷумъаи дуюми моҳи сафар ба деҳаамон гузаранд.

– Фаршед айтди, имом бӯлар экансиз, тақсир, жуда зӯр бӯлади, кутлуғ бӯлсин! Пешингача қолганизда бир кулчатой ер эдик...[33]

– Ташаккур, бародарам, бояд то нисфирӯз ба Қизилработ расем, пешинро дар ҳамон ҷо мехонам, – суханро аз даҳони ҳамсуҳбаташ гирифта гуфт Фарҳод.

Авазқул номи Қизилработро шуниду хавотиромез ба суханаш идома дод:

– Уер қароқчилар макони, эҳтиёт бӯлинг, тақсир! Нарсаларииздан айрилиб қолманг-яна.[34]

– Не-е, наход дар рӯзи равшан дуздӣ кунанд, инсоф ҳам будагист?

– Э тақсир, уларда инсоф нима қилсин?! Кеча Сайфи баққол айтди, бир ҳожатга кириб чиқанигача хуржинидаги ҳамма молини шилиб кетганлар.[35]

– Аҷаб?! Ҳатман эҳтиёт мешавем, хуб шуд ки ёдовар шудӣ, бародар.

---

[31] Номи ман Авазқул, муриди домулло Ҳалим ҳастам. Бо тақсир дӯсти қаринем

[32] Қабул гардад, тақсир, як пиёла чой!

[33] Фаршед гуфт, имом мешудаед, тақсир, хеле хуб аст, муборак бошад! Агар то пешин меистодед, бо ҳам кулчатой мехӯрдем

[34] Он ҷо макони дуздҳост, эҳтиёт шавед, тақсир! Боз аз чизучораатон ҷудо нашавед?!

[35] Э, тақсир, онҳо куҷою инсоф куҷо?! Дирӯз Сайфии баққол гуфт, то ба дастшӯйӣ даромада баромадан ҳама моли хӯрҷинашро ба яғмо бурдаанд

То онҳо суҳбат мекарданд, Фаршед ресмони ҳар ду харро боз карда, маркабҳоро наздиктар овард. Ҳамоно Фарҳод аз дасту камари ӯ дошта ёрӣ дод, ки ба пушти хар, ба болои дулинга нишинад. Ба пас гашта, бағал кушоду бо Авазқул хайрухуш кард ва худаш низ бо як ҷаҳиш ба болои бор савори хари сапед шуд. Гӯшдарозон мунтазири ин лаҳза буданд магар, як он лӯккасзанон ба роҳ даромаданд, Авазқул бо меҳр аз қафо нигарон монд.

Харакиҳо ба ҷодаи аробагард баромада ба самти чап роҳ пеш гирифтанд. Ҳудудан то як чақрим[36] хонаҳои қасабаи Авлиё дар пасу пеши доманаҳои теппадор пароканда ба назар мерасиданд. Қариб ҳар як хона гилкоришуда буд, боми гилини каме ба пеш баромада дошт ва даври ҳотаи назди онро бо деворҳои гилин ба баландии то нисфи қадди одам гирд карда буданд. Ҳарчанд кунҷи деҳа дарахтзор менамуд, дар қисмҳои поёнии он ҳар ҷо-ҳар ҷо фақат дарахтҳои туту санҷид бо шохаҳои нимаурёну баргҳои заҳиргашта ба чашм мехӯрд. Фаршед хира шуда ба ҳар як манзараи деҳа дида медӯхт, зоҳиран, дунболи чизе мегашт, ки ҷолибу диққатангез бошад. Аммо то баромадан аз он фақат марди ҷомапӯше, ки дар ҳавлиаш зӯр зада чархи як аробаи ду тир ба замин овезонро таъмир мекард ва занаки кулӯтадоре, ки бачаи гапнодарои беэзори худро кашидаю силкадеҳон аз гӯшаи боғча ба хона мебурд, хаёли ӯро ба худ андармон карданду бас. Ҳамин ки ба роҳи рост баромаданд, ӯ гиреҳи хомӯширо барканд:

– Чаро бо Авазқул ба ӯзбекӣ гап назадӣ, додӣ?

– Ӯ ба тоҷикӣ гап занад буд!

– Ҳамин, ҳар кӣ ба лафзи худ суҳбат мекардед, лекин ба ман форид.

– Хуб, боз барои чӣ мепурсӣ? – Фарҳод бо садои баланд «хӣ-ӣ!» гӯён хари худро ба тезтар ҳаракат кардан водошту ба суханаш идома дод: – Ман бо ҳар ӯзбеки вохӯрдаам бо забони худамон гуфтугӯ мекунам, дар тарафҳои мо қариб ҳамаашон тоҷикидонанд, лекин қазоқон не. Авазқул бачаи нағз, муриди босавод аст, дар гуфтани азону такбири намозҳо устухон надорад.

– Тоҷикии ӯ бад не, бо лаҳни ширин гап мезанад. Дар рӯйи сандалиаш «Чор китоб» боз буд.

– Ӯ «Фарзи айну»-у «Чор китоб»-а аз ёд медонад. Ҳама сураҳои кӯтоҳи Қуръона ҳифз кардааст.

– Кулчатояш чист?

– Хурок, ба монанди лахчаки худамон. Танҳо фарқаш дар ин, ки хамираша ба мисли барги паҳни чоргӯша мебуранд. Ғизои дӯстдоштаи ӯзбекону қазоқон аст. Агар мо равғани палава то оринҷ шоронида хурем, инҳо оби равғанолуди кулчатоя, – Фарҳод табассум дар лаб, бори дигар баланд «хӣ, ҷонвар!» гӯён садо дардод ва бо халачӯб ба гардани хар фуровард. Чун маркаби гапшунав боз ҳам тезтар по бардошт, дар ҳавои ҳаракати бомаром бо оҳанги хос ба хондани ғазал азм намуд:

*Биё, то гул барафшонему май дар соғар андозем,*
*Фалакро сақф бишкофему тарҳи нав дарандозем...*

---

[36] **Чақрим چقريم** – фосилаи баробар ба 1,069 км

Бародар ғазал мехонду Фаршед ҳама чизро фаромӯш карда маҳлиёи овози гирои ӯ мешуд ва ҳар замон, дар ҳоле ки худаш бехабар буд, аз таҳи дил «э ҷон!» гӯён садо мебаровард. Ҳар ду дар ҳавои ғазалхонии Фарҳод аз сойи Сангзор, ки бо суръат шилдирросзанон ба самти дашт ҷорӣ мешуд, чӣ хел гузаштани худро нафаҳмида монданд. Дар доманаи талу теппагиҳои самти чап рамаи гӯсфанд мечарид ва як пиёдаю як ҳаракӣ дар дунболи он буд. Онҳоро Фаршед бо чашми сар медид, аммо дар назар чун шабаҳ метофтанду бас. Дар ҳушу зеҳнаш ҷуз ҳаловати садои дилнишини бародар чизи дигаре наменишаст.

Вақте ки Фарҳод ғазалро ба поён расонд, хомӯшии мутлақе ба миён омад. Пас аз чанд гоҳи роҳгардӣ, чун дид аз бародар садое дарнамеояд, баргашту ба пас нигоҳ кард. Фаршед оғушта дар хаёлангезиҳои худ пушти ҳам, гӯё оҳангеро мешунид, дастҳояшро ба ду ҷониб ёзонида, сарашро аҳёнан ба боло бардошта, чизеро зери лаб замзама мекард.

– Додар, ин шеърам чӣ хел буд? – овоз баланд кард Фарҳод. – Хоб мондӣ?!

– Чӣ?! – як он ба худ омад Фаршед. – Бубахш, ғазали хондаата дар дил такрор мекардам. Ҳар қадар зӯр занам ҳам, овози ман мисли садои шевои ту намебурод.

Фарҳод хушҳол шуд, аз дилгармии бародар ба шеърхониҳояш завқ бурда афзуд:

– Ту ҳам ин ғазала шунидаӣ?

– Аз ёд медонам, дамаш гарм Хоҷа Ҳофиза! Лекин сахт муболиға кардааст.

– Ӯҳ, зираке! Аввал ин ки, ба ҷойи «сахт муболиға» иғроқ ё ғулув гӯй. Дигар, дар ҳақиқат байтҳои ин ғазал, ба хусус, ду мисраи аввалаш аҷиб ва дур аз воқеият ба назар мерасад. Аммо аҳли маърифат медонанд, ки мақсуди Хоҷа Ҳофиз ин нест, ки воқеан мумкин бошад сақфи осмон ё фалак шикофтаю хароб ва дунёи дигаре бо тарҳи нав барпо шавад. Ҳақиқат ин аст, ки инсон бояд қолабҳои тасаввуротӣ ва зеҳнии худа тағйир диҳад, то оғози дубора дошта бошад. Аз назаргоҳи шоир, истодан дар як ҷо маъное надорад ва ҳар поёне сари оғози нав аст, яъне иродаи одамира ба халлоқият ва навпардозӣ ташвиқ мекунад.

– Додӣ, ғазалҳои Хоҷа Ҳофиз хеле равону шевоанд, аммо маънию мазмунаша дарк кардан мушкил. Вақте ки ту маънидод мекунӣ, ҳама чиз сода менамояд.

– Ту ҳанӯз ҷавонӣ, додарҷон, ҳар қадар бештар хонию шунавӣ, ҳамон қадар амиқтар ба маъною мафҳумҳо сарфаҳм меравӣ. Вақте ки дар шеър ба калимаю ибораҳои калидӣ диққат медиҳӣ, бо донистани маънии онҳо мазмуни ҳар як байт фаҳмо мешавад.

– Ман ин ғазалро ба додо гуфта будам ва он кас танҳо байти охираша, ки

*Сухандонию хушхонӣ намеварзанд дар Шероз,*
*Биё, Ҳофиз, ки то худро ба мулке дигар андозем,*

аст, маънидод карда буданд, – гуфт дар идомаи сухани бародар Фаршед, – яъне, вақти сароидани ғазал гӯё замоне будааст, ки аз дасти шароити ба миён омада ба шеъру адабу овозхонӣ эътибор намедодаанд ва авзои замона хушоянди табъи шоир набудааст. Аз ин рӯ, Хоҷа дар симои худ ба ҳамтоёнаш гуфтанӣ мешавад, ки беҳтар аст дар чунин макон намонда ба шаҳри дигаре рахти сафар бибандем.

– Бале, ин ҳам азмест барои сар кардани кору иқдоми нав! – хулоса кард Фарҳод ва халачӯбро боло бардошта бо садои баланд «хӣ-й!» гӯён ба гардани гӯшдароз фуровард...

## Дузди боинсоф

Осмон беш аз пеш абрӣ мешуд, шамоли саҳроӣ бошад, тезтару сардтар. Хасу хасрӯбаҳои сабук ва баргҳои хушкида бо садоҳои навозандаи хаш-хашу хиширросӣ пасту боло ҷой иваз мекарданд. Замин гӯё бӯйи нам медод, мисли ин ки борон дар роҳ аст. Хуршеди тобон дар хатти худ торафт болотар мерафт, аммо гармии ончунон надошт. Вақте ки Фарҳоду Фаршед ба Қизилработ расиданд, ҳама ҷоро гӯё соя зер карда буд, офтоб аз паси пардаи ғафси абрҳо ба назар намерасид. Дар пиёдаравҳои каҷукилеб ва гирду бари хонаҳои гилини паст одамон равуо доштанд, думи онҳо то бозори васати деҳа канда намешуд. Аз ҳар сӯ аспу харҳои аробадор ва саворахо бо борубуна ба тарафи бозор мешитофтанд. Ин қасаба ҷон дошт, бо давутози беохири сокинонаш аз ҳастии дилгармкунандае дарак медод. Ҳамин ки дар корвонсаройи хурдаки назди бозор аз харҳо пиёда шуданд, Фаршед бо табъи болида гуфт:

– Гӯё зиндагӣ дар ҷӯш аст, агар дар Авлиё касе набуд, ин ҷо замин кафида одам баромадааст.

– Не, додар, ҷамъияти Авлиё бештар аст, – ба ислоҳи сухани Фаршед кӯшида гуфт Фарҳод, – боиси серодамӣ дар он, ки имрӯз қизилработиён бозор доранд. Ҳар ду ҳафта як бор дар ин русто бозори панҷшанбе доир мегардад. Харидору фурӯшандаҳо аз деҳкадаю авулҳои атроф ва ҳатто аз шаҳри Нур ба ин ҷо меоянд, – сипас танобҳоро аз рӯйи маҳмулаи хараш боз карда амр дод: – Зуд биё, ба ман ёрӣ деҳ! Бора дар ҳамин ҷо фуроварда рахт мезанем, харҳо низ дам мегиранд.

Фарҳоду Фаршед маркабҳои худро аз бор озод карда, ҳар дуро ба сутун бастанд ва пас аз он тӯби матоъҳои дарчидаро бо чодари паҳн муҳкам печониданд. Ҳамин ки корашон тамом шуд, нигаҳбони дари корвонсарой – марди чашмтанги кӯсарише дар наздашон пайдо шуд. Ӯ бо нимтабассум, дандонҳои зардшудаи худро намоиш дода, ба Фарҳод гуфт:

– Бисёр мемонед?

– Не, намоз мехонему наҳор мехӯрем.

– Шумо ду танга диҳед кофист, тақсир, пешакӣ дода равед.

– Хуб шудаст, бародар, – гуфт Фарҳод ва аз ҷайби даруни ҷомааш се танга баровварда рӯйи кафи нигаҳбон гузошт ва бо таъкид афзуд: – Ман бештар медиҳам, фақат ту мувозиби бору харонамон бош!

– Ба ҷону дил! – хушҳол шуд мард. – Ман шуморо мешиносам, тақсир, аз молатон бепарво бошед!

Корвонсарою бозорро як роҳи аробагард ҷудо мекард. Сарҳади ҳар ду бо деворҳои гилини паст ва ҷо-ҷо чиғҳои чӯббандшуда иҳота мешуд. Барои даромад-баромади одамон бошад, дар чор сӯ роҳҳои вурудӣ мавҷуд буд, ки дару дарвоза надоштанд. Ин ҷо ҳам мисли Авлиё камдарахту хушк ба назар мерасид, ҳарчанд каме дуртар аз бозор, дар қисми болоии қасаба фазои сабзе дида мешуд. Бозор гавҷум менамуд, аз дари даромад то охири растаҳо ва ҳатто дар гирду бари он фурӯшандаҳо ашёву амволи худро бар рӯйи замин барои фурӯш гузошта буданд. Саҳни бозорро чошу пареш сиёҳии мардум фаро гирифта, аз ҳар сӯ садоҳои дар ҳам омехтаи боздидкунандагон ба фалак мепечид. Ба ин шавқун сарусадоҳои чорпоён ҳам аз гирду атрофи бозор ва аз корвонсарой ҷӯр мешуд. Фарҳод пас аз супурдани молу амволи худ ба нигаҳбон, ба касе тавҷҷуҳ накарда, аз канори бозор рост ба самти боло роҳ пеш гирифт. Фаршед низ намонда аз дунболи ӯ уфтод ва роҳравон пурсид:

– Додӣ, ба ин қаровул бовар дорӣ?

– Таваккул ба Худо! Мо дигар чорае ҳам надорем, пешина мехонему камтар тановул мекунем ва зуд ба роҳ мебароем.

– Бозор чӣ хел нағз, ҳаёҳуйи мардум аз ҳаёти зинда дарак медиҳад!

– Оре, зиндагии мардум бо ин бозорҳо обод аст. Доду гирифт мешавад, одамон ҳоҷати якдигара мебароранд. Ба Нур, ки расидем, бозораша нишон медиҳам, аз даҳонат об меояд. Ҳар қадар рустою шаҳр калонтару ҷамъияти бештар дошта бошад, бозорҳояш ҳам бузургтару гавҷумтар мешавад.

– Чун исмаш гувоҳӣ медиҳад, дар Қизилработ туркзабонҳо зиндагӣ мекунанд?

– «Қизил» туркӣ, «работ» арабист. Дар ҳақиқат, ин ҷо макони қазоқу ӯзбекҳо аст.

– Шунида будам, работ манзилу нишемангоҳи мусофирон аст, ки дар роҳи корвонгузар бино меёбад.

– Рост мегӯйӣ, ҳамчунин ҳар гуна ҷое аст, ки барои будубош сохта мешавад. Ба ин маънӣ дар новаи Пиррӯди мо, бар рӯйи харсанги паҳни хоро ду катиба бо хатти зебои настаълиқ ҳаст. Агар донӣ, яке «надорам меҳрубоне то кунад парвои ман» ва дигаре «надорам работи холис» аст.

– Бечораҳо аз дасткӯтаҳӣ дардашона бо харошидани санг пасанда сохтаанд.

– Ба ақлат қоил, додарҷон, мардуми мо ҳамеша дарду оҳи дила ба сангу обу оташу ҳаво мегӯянд...

Назди масҷид серодам менамуд, намозхонҳо аксаран тӯда-тӯда дар пешайвони сутундор ҷамъ омада буданд. Ба назар мерасид, ки ҳанӯз то намози пешин вақт ҳаст. Фарҳод қадамзаниашро тезтар карда, бо таъкид ба Фаршед гуфт:

– Додар, ба ҳеч ҷо нарав. Дар суфачаи назди пешайвон нишаста мунтазири ман бош.

– Намешавад, ки ман ҳам намоз хонам? То имрӯз ба салоти ҷамоат нарафтаам, лекин ҳамааша медонам.

– Кош, ту ҳам намоз гузорӣ! – хурсанд шуда гуфт Фарҳод. – Биё бо ман, аввал таҳорат мегирем.

Дар саҳни масҷид се-чор нафар марди муллобашара, ки ҷомаҳои баланд ва саллаҳои сапед доштанд, баробари дидани Фарҳод ба сӯяш дартоз шуданд. Ҳамин ки расиданд, аввалӣ бо эҳтироми хосса бағал кушоду арз кард:

– Хуш омадед, домулло, шуморо дида дидаҳоямон равшан шуд!

Дувумӣ ҳам бесаброна мегуфт:

– Кадом шамолҳо парронд, ҳеч интизор набудем, домулло!

– Мо мухлиси шумоем, имом, ба Нур меравем, – бо хушҳолӣ ҷавоб дод Фарҳод ба аввалӣ, – ният кардам пешинро дар наздатон гузорам.

– Сарамон ба осмон расид, лутф кардед!

Пас аз вохӯрию ҳолпурсии кӯтоҳ Фарҳод пешопеш, имому ҳамраҳонаш бо дили шод аз паси ӯ ва Фаршед низ қафо намонда, аз самти чапи масҷид ба таҳоратхона гузаштанд. Пешхидматҳо дарҳол обдасту сачоқ дар даст пайдо шуданд...

Истиқболи гарму самимӣ хеле руҳбахш буд. Фаршед фикр намекард бародараш дар ин рустоҳо то ин ҳад обрӯ дорад. Ба хусус, вақте ки ба масҷид даромаданд ва имоми масҷид бо эҳтироми хос Фарҳодро ба пешгаҳ гузаронду имоматро ба ӯ вогузор кард, Фаршед аз шодию ғурур ба ваҷд омад. Ӯ дар давоми намоз ҳамроҳи дигарон шинухез мекарду бо садои муассир ва ҳидоятҳои бародар гӯё болу пар мебаровард ва дар осмони ибодату қаробат бо Худо худро чун кабӯтари озод медид.

Пас аз адои намоз, ҳар қадар Фарҳод вақти каму дурии роҳро баҳона пеш овард, имом ва дигар муллобачаҳо ӯро ба ҷону ҳолаш намонда розӣ кунонданд, ки наҳорро бо ҳам хӯранд. Онҳо ба хонаи имоми масҷид – Мулло Дуйсан рафтанд.

Ба ҳавлии мулло аз дарвозаи дутабақаи чӯбин, ки куллан сатҳи он кандакорӣ шуда буд, даромаданд. Дар рӯ ба рӯ нахуст боғчаи начандон бузурге ба чашм мехӯрд, ки гирдогирд бо девори похсагӣ иҳота шуда, чанд дарахти тут, зардолу, себ ва чормағз бо шохаҳои урёну сиёҳранг дошт. Замини боғча хушку хокӣ ва ҳар ҷо-ҳар ҷо пур аз барги хазон зарду норанҷӣ ба дида менамуд. Мулло ҷомаи фохираи беқасаби худро алвонҷ дода, бо хушҳолӣ қадамзанон аввал Фарҳодро аз зинаҳои сангин ба боло, ба самти пешайвон роҳнамоӣ кард. Ӯ изҳор дошт:

– Ман намехоҳам вақти шуморо гирам, ба янгаатон фармуда будам як димлама пазад, аз гӯшти тоза! Мулло Шокир ҳар гоҳ моро медиданд, мегуфтанд, «Дӯст болои таом!» Инак, ин ҳикматро ман ба шумо мегӯям, магар мешавад нон нахӯрда равед?!

– Шумо муҳаббат мекунед, бародар, – гуфт Фарҳод ва аз боғ чашм наканда афзуд: – имсол ҳосил чӣ хел шуд?

– Себҳои бегаҳию чормағзҳоям хуб андохтанд, то ду-се рӯзи пеш мева дар шох медидед. Мулло Шокир барака ёбанд, бинед, даҳ-понздаҳ сол мегузарад, ниҳолҳои шинондаашон то ҳол самар медиҳанд. Албатта, деҳқонии мо мисли деҳқонии эшон нест, баъд, замини ин ҷо ва обу ҳавояш ҳам дигар.

– Аз боғатон маълум, ки шумо низ хуб заҳмат кашидаед. Дарахтҳо зиндаанд, реша дар об, хеле калон шудаанд.

– Боғи Қозӣ Бадал аз ин беҳтар. Ниҳолҳои ӯро низ падаратон оварда буданд, чун дар саргаҳи об аст, хуб сабзиданд. Лекин боғдориро Худо ба шумоҳо додааст, ин корҳои мо ҳою ҳавас асту бас. Агар бозорҳои деҳот намебуд, намедонам ҳоли мо чӣ сон мегузашт.

– Ин хел нагӯед, Худо бандаашро, ки офарид ризқу рӯзиашро ҳам медиҳад. Молатон, пашму пӯст ва ширу ҷурғоти шумо низ ҳамто надорад.

– Шири шутурро намегӯед! – ба тасдиқи ҳарфи бародар илова кард Фаршед.

Фарҳод гуфт:

– Оре, ҳар гоҳ шири шутур ва ҷурғоти гӯсфанд мефиристед, падарам ба рақс медарояд. Ин қадар маза карда мехӯрад, ки аз даҳони кас об меояд.

– Вале ин ҳиммати мо дар назди ёриҳои Мулло Шокир як пул аст, – андешаманд ба сухан омад Мулло Дуйсан, – хуб ки ҳамин гуна доду гирифтҳо ҳасту дӯстиамон барқарор ва рӯзгорамон пуру шикамамон сер!

Дар дили суҳбат ёварони имом дасторхон густурда нону чой гузоштанд ва дере нагузашта табақҳои димламаро низ даровcovered. Пешайвонро бӯйи иштиҳоовари ғизо фаро гирифт, ҳозирин ба суфра меҳрабон шуданд. Бо муроoти соҳибхона ҳама ба тановул пардохтанд. Фаршед гӯштҳои ҳалимсон пухтаро бо майли тамом мехӯрду ҳаз мебурд. Шояд хеле гурусна шуда буд, ки дар умраш гӯё бори аввал чунин хӯроки хуштаъмро таматтуъ мекард...

Пас аз нисфирӯз офтоб домани заррини худро аз рӯйи Қизилработ бардошт. Лашкари беҳисоби абрҳои шикамдори каҷукула то ҷое осмонро мепӯшонд, ки на аз намои нилгун ва на аз тоқи зарнисори фалак хабаре буд. Дар ин дидгоҳи боло ҳар қадар нигоҳи чашм ба сӯйи Нур хира мешуд, сарбозони абрсират ба худ ранги хиратару сиёҳгун мегирифтанд ва охири лашкаргоҳ куллан тору дудӣ менамуд. Ба маҳзи ин ки аз хонаи Мулло Дуйсан баромаданд, Фарҳод ин манзараро диду бо нигаронӣ гуфт:

– Ҳамин замон борони сахт меояд, бубинед, самти Нур гӯё дар зери дӯл мондааст!

– Шуморо гуфтам, имшаб меҳмони мо бошед, фардо субҳи зуд ба роҳ мебароед.

Фарҳод дар ҷавоби имом изҳор кард:

– Дер мешавад, дӯсти баззози падарам рӯзи ҷумъа ба Ҷӯшу Самарқанд меравад, порчаҳоро бояд расонем.

– Пушти осмон баста менамояд, дар роҳ зери борон мемонед, – илова кард марди муллобашараи қадбаланде, ки ҷомаи сиёҳранги тозае дар бар дошт, – ба гуфтаи имом шавед, не нагӯед, домулло!

Фарҳод бо истодагарӣ афзуд:

– Ҳарчи бештар роҳ тай кунем беҳтар аст. То деҳаи Мазор расем шуд, он тарафаш як қадам.

Имом хавотиромез гуфт:

– То он ҷо ҳам хеле роҳ аст, тар шуда азият накашед мегӯем.

– Аз ин боронҳо бисёр дидаам, як мезанаду мегузарад! – гуфт Фарҳод ва чун ба назди корвонсарой расида буданд, чашмаш ба нигаҳбони шаққа маст афтиду бо ҳайрат афзуд: – Аҷабо?! Мо ӯро қаровул гузоштему бубинед вай дар чӣ ҳол аст!

Марди нигаҳбон бошад, базӯр по бардошта, калавида ба Фарҳод наздик шуд ва канда-канда бо бехи гулу ҳарф ба забон чид:

– Тақ-сир, х-у-уш о-ма-дӣ-ӣ... – ҳамин ки мехост бо ангуштони чангакшудааш аз бари ҷомаи Фарҳод дорад, яке аз ҳамраҳони Мулло Дуйсан як он пеш омаду ӯро боздошт, вале нигаҳбони ширакайф аз сухан бознаистод: – Ҳа-ма молат ҷо-ояшба, ха-аронат ҳам...

Ҳамин лаҳза нидои изтиробомези Фаршед, ки ба дигарон таваҷҷуҳ накарда ба сари харҳои лигомбанд ва порчаҳояшон рафта буд, баланд шуд:

– Додӣ, нисфи тӯби матоъҳо нест!

Ҳама як он ба сӯйи Фаршед, ки бо шитоб чодари нимабозро ба як сӯ кашида, тӯби порчаҳоро тагурӯ мекард, бо изтироб нигоҳ карданд. Фарҳод бошад, нороҳат нашуда, ҳатто ранги рӯяшро тағйир надода, омирона гуфт:

– Воҳима накун, додар, борамон сари ҷояш аст, – ва дигаронро низ ором карданӣ шуда ба мулло рӯ овард: – Дӯстам, шумо аслан нигарон набошед, матоъҳои мо ба назари Фаршед кам тофту бас. Аз илтифотатон, ки то ин ҷо ҳамроҳӣ кардед, мамнунам. Дигар намехоҳам вақти шуморо гирам, дар ҳамин ҷо хайрухуш мекунем, ҳама аз пайи корҳоятон равед.

Мулло Дуйсан ҳанӯз лаб накушода, ҳамоно нозири бозор, ки каме пештар ба онҳо пайваста буд, арз кард:

– Додаратон рост мегӯяд, тақсир, нигоҳ кунед, ҳам тӯбҳои матоъ даст хӯрдаанд, ҳам харҳоятон безобита!

– Не, не, ин суханҳо чист? – дубора бо мулоимат ба суханаш идома дод Фарҳод. – Ҳама чиз сари ҷояш аст!

Аммо нозири бозор – марди сиёҳчурдаи қоматбаланд, ки аз рӯйи чакман камарбанди тасмагине баста, ба он дурраи дарозеро овезон карда буд, ба фориғболии Фарҳод эътиное надода, баргашту аз гиребони нигаҳбони маст гирифт:

– Лаънатӣ, росташро гӯй, киҳо омаданд? Кӣ ба ту танга дод?! – бо ҷаҳл дод зад ӯ, дар ҳоле ки аз чашмони калоншудааш гӯё оташ меламъид.

– То-ш-бой... – базӯр гуфт нигаҳбони сармаст, дар сурате ки аз канори лабҳояш оби даҳан мешориду чашмҳояш беист бозӣ мекарданд.

Нозир ӯро раҳо накарда, бо зарб ба ақиб тела дод. Марди бе он ҳам беҳуш худро дошта натавониста, пуштнокӣ гурсосзанон ба замин афтид. Аз ин бархӯрд Фарҳод хеле нороҳат шуд. Мехост ҳарфе ба нозир гӯяд, аммо Мулло Дуйсан аз оринҷаш дошта гуфт:

– Домулло, ба инҳо кордор нашавед, бигузор бозҷӯйиашонро давом диҳанд! Биёед, мо ба Фаршед ёрӣ мерасонем.

Даст ба даст ду ҷуфт дулинга бо дарчидани тӯбҳои порча бар рӯйи ресмонҳо омода гардид ва ба харҳо низ онҳоро бор карданд. Охирсар маълум шуд, ки панҷ тӯб матоъ «ғайб» задааст. Фаршед медид, аз гумшавии мол ҳар як мизбон нороҳату безобита аст, онҳо намедонистанд, ки чӣ коре кунанду аз ноҳинҷорӣ раҳоӣ ёбанд. Ба хусус, Мулло Дуйсан чеҳраи бозу хуррами худро аз даст дода буд, хиҷолат мекашид, то пешонию буногӯш лолагун ба назар менамуд. Вале, бародар бошад, парвое надошт, мижа хам намекард, ҳатто аз бетафовутии ӯ пай бурдан мушкил набуд, ки хеле хушҳол ҳам ҳаст. Ин фориғболии Фарҳод Фаршедро ба завқ овард:

– Боз ҳам беҳтар, ҷойи ман кушод шуд! – гуфт ӯ ва илова кард: – Акнун бар рӯйи тӯқуму дулингаҳо бемалол дароз кашида меравам!

Хурсандии ӯ ба дигарон фараҳ бахшид. Ба хотири куллан барҳам задани дилтангии пешомада Фарҳод аз додар илҳом гирифта афзуд:

– Мо дар оғоз таваккул ба Худо кардем ва ин ҷо тақсири ҳеч кадоматон нест. Хеле хушҳолам, ки мисли шумо бародарони меҳрабон дорам, – сипас Мулло Дуйсанро ба оғӯш кашиду гуфт: – Дӯстам, ҷумъаи дуюми моҳи оянда фаромӯш нашавад, бо ҳама бародарон ташриф биёред, дар Бору чашм ба роҳатон мешавам.

– Ҳатман! Худам ҳам деҳаро пазмон шудам, албатта мегузарем!

...Ё диди чашмҳо фиреб мехӯрд, ё дар ҳақиқат табиат ду ранг дошт. Агар доманакӯҳҳои самти чапи роҳ то бун, то охирин нуқоте, ки дида мешуд, тирафому сиёҳранг ба назар метофт, бар хилофи он, дар бахши саҳрой то хатҳои сафеди уфуқ чодари тобони Офтоб заминҳоро равшан месохт. Ин дунамоии муъҷизаосо дар ҷое ба ҳам бармехӯрданд, ки хатти ҳафтранге ба шакли нимдоира аз канораҳои осмон гузашта ба замин фурӯ мерафт. Айнан ҳамон навор бо ҷилои ҳафтгона нури дидаҳоро ба сӯйи худ мекашид ва мехост ду ҳусни табиатро, ки яке деви сиёҳи бадҳайбатеро ба хотир меовард ва дигаре аз чеҳра боз кардани фариштаи хуршедие дарак медод, ба тамошо гузорад. Ин манзари ҳайратзо аз нигоҳи ду тан харакии кунҷков, ки дар роҳи Нур беист саъй мекарданд, дар канор намонд. Фаршед баробари дидани рангинкамон бо шӯр гуфт:

– Чӣ қадар мафтункунанда аст ин табиат, додӣ! Як сӯ сип-сиёҳ, мисли ин ки чоҳе дар фалак кандаанд, сӯйи дигар домани густурдае акси нур медиҳад. Вале, ин муъҷиза кам буд магар, Офаридгор бо тасмаи нақшини худ чоҳу доманро моҳирона аз ҳам ҷудо мекунад. Чӣ тирукамоне!

– Шоир шаве, додарҷон! – бо завқ дунболи сухани Фаршедро гирифт Фарҳод. – Воқеан, ин як муъҷиза аст, падидаи нодире, ки камокон дар табиат рух медиҳад. Дар самти кӯҳ борону жола меборад, аммо дар дуриҳои саҳро нам-нами борон меояду бас. Бубин, Офтоб ҳам аз пушт, аз самти чапи мо ба доманаҳои дашт нур мепошад. Ана, дар ҳамин ҳолат қавси қузаҳ намудор шудааст.

– Барои чӣ қавси қузаҳ мегӯянд?

– Қавс ҳамон камонест, ки ту мегӯйӣ, аммо қузаҳ ба маъниҳои баланд ё роҳи рангин бо фомҳои сурх, сабз, зард... ва ё номи фариштаест, ки гумошта бар абр бошад. Ба ҳар ҳол, қавси қузаҳ ҳамин тирукамоне, ки ту мегӯйӣ, яъне рангинкамон аст, бо номҳои Камони Рустам ё Камони Шайтон ҳам ёд мешавад.

– Ба ин эъҷозкории Худованд ақли кас бовар намекунад, нигоҳ кун, ҳафт навори тобхӯрдаи рангин бо арзу тӯли яксон то охир!

– Оре, дар ҳақиқат, рангинкамон ваъдаи Офаридгор аст ва гаҳ-гоҳ чун як халтаи тилло дар табиат ҷило медиҳад. Вале ин намоишро хеле кам мебинем, агар ин лаҳза дар пеши чашм намудор аст, чанде баъд нопадид мешавад...

Фаршед китф дарҳам кашид. Ӯ сабаби пайдо шудани ин муъҷизаро намедонист, фақат онро тамошо мекарду роҳат мебурд. Ба навори рангин дида дӯхта, саъй мекард рангҳоро аз якдигар ташхис диҳад. Бо ин ҳол, хеле мехост дар хусуси ин «халтаи тилло» бештар донад. Ӯ гӯшу ҳуш ба суханҳои бародар шуд. Фарҳод бо иштиёқ ба шарҳ пардохт:

– Рангинкамон дар асл нури хуршедӣ аст, ки бо чанд гуна ранг пахш мешавад ва мо бо чашм мебинем. Он макони дақиқ надорад, ҳамеша дар ҳар ҷо падид меояд. Барои шакл гирифтани рангинкамон дар як вақт ҳам борон меборад ва ҳам қисмате аз ҳаво офтобӣ аст.

– Яъне, гуфтанӣ ҳастӣ, ки ин ҳодисаи табиат аз ду унсури асосӣ падид меояд – аз борон ва нури Офтоб?

– Оре, додари бафаҳми худам! Дар ин ҳол боз чанд ҳолати муҳимми дигар аст, ки бояд донист. Ман мегӯям, ту ба самти рангинкамон чашм дӯхта мушоҳида кун. Аввал, Хуршед дар пушти сари шахси бинанда қарор мегирад; дувум, манзараи рӯ ба рӯйи бинанда ҳавои боронӣ аст, яъне қатраҳои борон вуҷуд доранд; севум, ҳаво ба андозаи кофӣ бояд аз абр холӣ бошад...

– Дуруст, ҳамин тавр аст. Аммо, ҳеч намефаҳмам, ин наворҳои рангӣ чӣ хел ҳосил мешаванд?

– Додар, ман беҳуда қатраҳои борона ёдовар нашудам. Нури Хуршед маҳз дар ҳамонҳо дубора метобад ва таркиби рангини худа ба мо фош мекунад. Агар дақиқтар гӯям, ташкил шудани рангинкамон аз лаҳзае, ки нури Хуршед дар як қатра борон медурахшад, сар мешавад. Ҳамин ки шуои нур ба даруни қатра меафтад, суръати нур кам мешавад, чунки об аз ҳаво ғализтар аст. Дар натиҷа, нур бо мунъакис шудан хатти ҳаракаташа тағйир медиҳад. Ту бояд донӣ, ки нури Хуршед аз мавҷҳое бо тӯли ҳархела таркиб ёфтааст. Вақте ки бо ҳам ҳастанд ва дар як хатти рост равонанд, бо ранги сафед падид меоянд. Агар дар ин хат чизе халал расонаду нур хам шавад ё мунъакис ёбад, тӯли мавҷҳои рангии гуногун, яъне партавҳои нуронӣ аз ҳам ҷудо шуда, ҳар яке ба танҳоӣ, бо ранги хоси худ ҷилва мекунад. Ин аст, ки шуои нур ба даруни қатраи об мегузарад ва хам мехӯраду ба тӯли партавҳои рангини ташкилшудааш тақсим мешавад. Нур хатти худа дар қатра идома медиҳад, то замоне, ки аз охири қатра баргардад, яъне мунъакис шавад. Дар натиҷа, бо як кунҷи хос аз қисмати дигари қатра берун меояд. Ана дар ҳамин ҳолат, нур боз ба ҳаво баромада суръат меёбад ва ба шакли воруна ба чашми одами бинанда намудор мешавад.

Ин амала барои тамоми қатраҳои борон дар осмон ба назар гир, яъне ту дар осмон рангинкамоне дорӣ!

– Хеле аҷоиб! – ба шигифт омада гуфт Фаршед. – Ту медонӣ, оё рангҳои тирукамон ҳамеша бо ҳамин тартиб аст ё ҷо ба ҷо ҳам мешаванд?

– Ман хонда будам, ки нури сурхранг дарозтарин мавҷ аст ва ҳамеша аз болои рангинкамон қарор мегирад ва нури бунафшранг бошад, кӯтоҳтарин мавҷ буда, доиман дар поин аст. Тартиби рангинкамон ҳамеша ба ин зайл намудор мешавад: сурх, норанҷӣ, зард, сабз, обӣ, нилӣ ва бунафш.

– Бале, рангҳо бо ҳамин тартиб намудор аст, – ба сӯйи падидаи беҳамтои осмонӣ бештар диққат дода гуфт Фаршед, – ин нимакамони рангин чун арӯси нозанини замину осмон ҷилва мекунад!

– Ин ҷо боз як сирри дигар нуҳуфта аст, – гуфт Фарҳод ба ҳайрати Фаршед афзуда, – Бе шак, ту гумон дорӣ, ки рангинкамон шакли қавсро дорад, яъне нимдоира аст. Вале дар асл ин тавр нест, бовар кун, ҳар як рангинкамон доирашакл аст! Гап дар сари ин ки мо нимаи дуюмашро ба хотири қарор гирифтани замин дар байн дида наметавонем. Ҳарчи Хуршед дар осмон поинтар бошад, мо ба доирашаклии он хубтар пай мебарем. Агар дар ин ҳол намади парроне мебуду ҳар ду ба само парвоз мекардем, возеҳан медидем, ки ин арӯси нозанин шакли доираро дорад.

Даҳони Фаршед боз монд. Фарҳод ҳар қадар бештар сухан мегуфт, тааҷҷуби ӯ зиёдтар мешуд. Наметавонист тахмин кунад, ки ин ҳама маъниро бародар аз куҷо омӯхтааст. Ӯ ҳамеша гумон мекард, ҳар як ҳодисаи табиӣ бо амри Парвардигор аст, кай медонист зери ҳар мавзуъ ин ҳама сабаби воқеӣ низ вуҷуд дорад. Тасанно ба ақли бародар!

Ду харакӣ ғарқи андешаю суҳбат роҳи сафарро торафт кӯтоҳ мекарданду беохир аз диданиҳои атроф, то ҷое, ки ташнагии илҳом мешикаст, роҳат мебурданд. Фарҳод дар қаъри дил эҳсоси нигаронӣ дошт, дарун-дарун метарсид, ки мабодо дар зери борони сахту жола намонанд. Бо ин ҳол, вазъи табиатро нодида мегирифт, худро ба додар чунон вонамуд мекард, ки саъю азми қавӣ дорад, барои ӯ ин ҳама роҳу ҳар гуна инҷиқии табиат ранҷе нахоҳад дошт. Пайваста мекӯшид хаёли додари кунҷковро бо нақлҳои ранг ба ранг банд созад, шавқу ҳаваси ӯро барои донистани асрори нуҳуфтаи дидаю шунидаҳои худ бедор кунад.

Ногоҳ, дар дили хомӯшие, ки ба миён омада буд, садоҳои канда-кандае аз дур шунида шуд. Ҳамроҳи вазиши боди мулоими саҳроӣ ва чир-чири беохири атроф овози нобаҳангом шунавотар ба гӯш расид. Бародарон нахуст ба якдигар ва ҳамоно ба қафо сар тофтанд. Як чақрим намебаромад, ду аспакӣ босуръат ба сӯяшон дартоз меомаданд. Аз роҳ бозистоданд, Фарҳод тааҷҷубомез гуфт:

– Инҳо кӣ шуданд, мисли чопарони амир метозанд-е?!

– Фикр мекунам, аз қизилработиён бошанд, – бо чашмони нимапӯш дида андӯхта ба сухан омад Фаршед, – бубин, дар пеши ҳар ду лӯлагиҳое ҳаст, матоъҳои моро меоранд, ба гумонам.

Фарҳод низ лаҳзае бодиққат зеҳн монда афзуд:

– Рост мегӯйӣ, аввалӣ ҳамон нозири қавиҳайкал аст. Бечораҳо азият кашиданд, магар мо умедвор будем?

– Ин ба шарофати обруи туст, додӣ!

– Не, гувоҳӣ аз ҷавонмардию дилгармии дӯстонамон аст.

– Ё ҳар ду! – бо ханда гуфт Фаршед ва пасу пеш аз харҳо пиёда шуданд.

Аспакиҳо расида омаданд. Дар ҳақиқат, яке нозири бозор буд ва дуюмӣ ҳам марде болобаланд, бо чашмони бозикуни гурдаи говӣ, чеҳраи сиёҳу сӯхтаи ожангбаста. Ҳамин ки расиданд, бедаранг худро аз аспҳо ба замин андохтанд ва дар ҳоле, ки нафасгирии тези ҳар ду беист шунида мешуд, марди ношинос давида ба пеши Фарҳод омад. Ӯ, бе саломи бе алейк, муҳкам аз бандҳои дасти Фарҳод дошта гирифту бо сари хам зону ба замин афканд. Лаҳзае хомӯшӣ ҳукмрон шуд. Нозир оҳиста қадамзанон ба назди Фаршед омад, маънидор чашмакӣ зад ва бо меҳрабонӣ дасти росташро ба дӯши ӯ гузошт. Ниҳоят, марди ношинос сар бардошт, имдодҷӯёна, дар сурате ки наметавонист ҳиссиёти пушаймонии худро пинҳон созад, арз кард:

– Агар метавонед, ин нобакорро бубахшед, аз як қошуқ хунам гузаред, домулло! – ӯ дубора сар ба зер афканд, вале дастони Фарҳодро сар надода, аз нав бо оҳанги илтиҷо афзуд: – Хоҳишан, аз мо дилмондаю норохат нашавед, домулло! Мо гумон кардем моли гумоштаҳои амир аст, надонистем шумо ба амонат гузоштаед.

Нозир ҳам дигар хомӯш наистода, дар тақвияти суханҳои ӯ гуфт:

– Домулло, ин Тошбойи дуздтабор бо шарикони худ гоҳ-гоҳ корҳое мекунад, ки кас намедонад барояш чӣ муҷозоте муқаррар фармояд. Ин дафъа аз мо ҳам гузашт, агар метавонед моро низ бубахшед, ҳама якдаст беҳурматӣ кардем.

– Ин ҳарфҳо барои чӣ, бародарон! Магар ман норохат шудам? Магар чизе аз шумо талаб кардам? – узру маъзаратхоҳии мардон Фарҳодро ноҳинҷор сохт. Масрурона аз банди дасти марди ношинос гирифту ӯро ба хестан маҷбур кард. – Он воқеаро ману додарам ҳамон лаҳза аз ёд баровардем, лекин мебинам, ки ин дам шумо маро хиҷолат медиҳед. Бародарони қизилработӣ дӯстони наздики моанд, барояшон ҳамеша эҳтиром мегузорем.

– Нозир рост мегӯяд, мо дуздҳои нобакор ҳастем, нохудогоҳ, ин нафси бало ё хӯйи бадам ҳаст, ки агар вақт ба вақт дуздӣ накунам, хобам ҳаром мешавад, – дар назди Фарҳод рост шуда, мулоим дасти ӯро пахш карда гуфт Тошбой, – Вале, домулло, ҳама молатонро баргардондам, агар заррае харош хӯрда бошад, рӯзам сиёҳ шавад!

– Мо дуздҳои баинсофем, домулло! – илова кард нозир ва ҳама хандиданд.

– Беҳуда заҳмат кашидед, тасаввур кунед, ин тӯбҳои матоъ аз як гӯшаи дӯкони мо барои шумо савғотист, – олиҳимматии худро пинҳон накарда гуфт Фарҳод, – ман пас намегирам.

– Ҳеч гоҳ! Ман хушбахтам, ки мисли шумо инсони саховатмандро мебинам, вале, хоҳиш мекунам, ин гапро нагӯед, маро шармсор насозед, домулло!

– Ин бор ҳар чӣ ҳаст, ба бозор бароред, дафъаи дигар агар бо дасти худ ҳадя диҳед, бо ҷон қабул мекунем, – афзуд нозир ва бе он ки Фарҳод дубора сухане гӯяд, ба Тошбой ишораи иқдом кард ва ҳар ду ба самти аспҳо қадам бардоштанд.

Даст ба даст, дар як чашмпӯшӣ тӯбҳои порча ба хари Фаршед ҷо ба ҷо шуд. Онҳо бандҳои  сарбориро бастанд. Мардон шоду мамнун ба ҳам бағал кушода худоҳофизӣ карданд. Вақте ки Фаршед бо мадади дӯстон ба болои сарборӣ нишаст, сар ҷунбонда, афсӯсхӯрон гуфт:

– Хуб ҷое доштам, дароз кашида мерафтам, акнун маҷбурам аз ҳар албонҷи гӯшдароз ҳушёр бошам.

– Инро ба ман нагӯй, – бо завқ арз кард Фарҳод ва бо ишора ба нозиру Тошбой афзуд: – роҳати туро дӯстонамон нахостанд.

Дубора ҳама мулоим хандиданд. Нозир даст ба рӯйи дил гузошта изҳор намуд:

– Боз як бор моро бубахшед, домулло, бозоратон бобарор ояд!

Тошбой илова кард:

– Сафари хубе дошта бошед!

– Худо нигаҳбонатон бод, ба ҳама дӯстон салом расонед, – гуфт Фарҳод ва чолокона хез заду ба хари сапед савор шуд.

Пас аз ба роҳ уфтодани бародарон нозиру Тошбой чанд муддат аз қафояшон дида дӯхта истоданд. Ҳар ду хушҳол буданд, ҳис мекарданд, ки бори гароне аз дӯшашон барканор шудааст. Табассуми дамида дар чеҳраи харошхӯрдаи Тошбой аз дилхушии ӯ дарак медод, медонист, ки ин гуна ҳиссиёт барояш кам дар кам иттифоқ меуфтад...

## Дар ҳузури ҳофиз

Вақте ки Фарҳоду Фаршед ба Мазор расиданд, пардаи торикии бегоҳӣ дар талош буд ҳама ҷоро фаро бигирад. Дигар борон намеомад, вале ҳаво гӯё бо хорҳои сарду серун ба бадан мехалид. Аз он ки дар роҳ фалаки бемеҳр раҳме накарда, ду бор ба сари ду харакии мусофир оби нобоб зада буд, бародарон аз сар то по тар шуда, қариб ки анголак мезаданд. Рӯ-рӯйи порчаҳо низ шип-шилта нам буд, гӯшдарозони борбардор бошанд, барои ба манзил расидан саъй мекарданд, дар ин лаҳзаи дилозор аз пайи халачӯбзаниҳои соҳибонашон бо тамоми неру қадам мезаданд, Худо медонад, аз дили онҳо чиҳо мегузашт. Бо ин ҳол, ҳавои деҳаи Мазорро ҳис карда буданд магар, ҷонноктар шуданд. Хари сапед, мисли ин ки марраро медид, аз роҳгардии муқаррарӣ ба лӯкка гузашт. Хари сиёҳ низ ба вай пайравӣ кард. Ин пиндор дуруст баромад, чанде нагузашта дар назди дарвозаи чӯбини баланде садои ҷонбахши Фарҳод баланд шуд:

– Ишш-ш! – ӯ ҷаҳида ба замин фуромад ва дарҳол ба қафо гузашта аз лигоми хари Фаршед дошт: – Биё, додар, даст те, ниҳоят расидем, – гуфт ӯ.

Фаршед барои фуромадан ба пеш хазида изҳор кард:

– Худоро шукр! Ин чӣ рӯзе буд, додӣ?!

– Тирамоҳ гуфтаанд, ин гуна боронҳо ҳар рӯз омаданаш мумкин. Хунук хӯрдӣ?

– Камтар, вале охири роҳамон маро зиқ кард.

– Монда шудӣ?

– Не, додӣ, аз суҳбатҳои аҷоиби ту бебаҳра мондам. То тирукамон буд, аз тамошои табиат лаззат мебурдам, саргарми нақлҳои ту шуда ҳис намекардам вақт чӣ хел мегузарад. Вале, ин боронгарӣ ҳама роҳата барҳам зад!

– Ҳеч гап не, одам бо ҳамин гуна инҷиқиҳо рӯ ба рӯ шуда обутоб меёбад. Дарсҳои мана бошад, бисёр мешунавӣ, – гуфт аз дасти додар гирифта Фарҳод, – имшаб дар назди Собирҷон – дӯсти ҳофизам мемонем, фардо субҳи барвақт ба ҳузури амаки баззоз меравем. Ин тарафаш кам монд, бо як нафас мерасем.

– Баззоз?

– Нашунидаӣ, ба чӣ касе баззоз мегӯянд?

– Не.

– Пешаи дӯсти додо газвору матоъфурӯшист, яъне баззозӣ. Дар асл калимаи «базз»-и арабӣ ба маънии ҷома, матоъ аст. Таваҷҷуҳ кун:

*Соил аз бахшиши ту гашт шарики сарроф,*
*Зоир аз хилъати ту ҳаст радифи баззоз.*[37]

Фаршед ҳамзамон бо шунидани шеър хушҳолона гуфт:

– Ин ҷо соилу зоирро медонам, яке пурсанда, яъне гадо асту дигаре зиёраткунанда. Аммо, чаро шоир онҳоро ҳамтои саррофу баззоз медонад?

– Назокати сухани Фаррухӣ низ дар ҳамин аст! Сарроф пули бешумор доду ситад мекунад, вале худаш бе сармоя аст ва мисли ӯ баззоз ҳам газвори бисёр аз даст мегузаронад, аммо худаш либоси хуб надорад. Бахшишу хилъати ту ба андозаест, ки соил аз он бой намешавад, зоир ҳам пӯшида.

– Аҷаб?! Пас, ҳиммати ман ба як ҷав намеарзад!

Ҳар ду хандиданд. Фарҳод банди харҳоро ба дасти Фаршед дода, худ ба назди дарвозаи Собир омад. Ду-се бор тақ-тақ заду овоз дод:

– Ҳофиз!

Дере нагузашта садои по ба гӯш расид. Аз дохил овози мардона баланд шуд:

– Лаббай!

– Ҳофиз, дӯстам, ин манам – Фарҳод. Хеле маъзарат мехоҳам, ки дар бегоҳӣ шуморо заҳмат медиҳем.

«Э, муллоҷон, ин худатӣ? Омадам, омадам!» гуфтани марди хона ба гӯш расид ва ҳамоно як лингаи дарвоза кушода шуду марди болобаланде дар даст фонус ба берун қадам ниҳод. Ӯ, ки дӯсти ҳамсабақашро ҳанӯз дар мадраса мулло гуфта ном мебурд, бо хушҳолӣ ба суханаш идома дод:

– Бародари азизам мулло Фарҳод, хуш омадӣ, нури дида, тоҷи сар!

Фарҳод ба Собир бағал кушода вохӯрикунон гуфт:

---

[37] Ин байт аз Фаррухӣ аст

– Ба зиёрати ҳазрати Нур меравем, дӯстам, аз дасти жолаву борон ба бегаҳ мондем. Гуфтам, шабро пеши ту гузаронем.

– Сарам ба осмон расид, худам ҳам хеле дилтанг будам! – гӯён ба самти Фаршед омад Собир ва ба ӯ низ бағал кушод.

Фарҳод шинос кард:

– Додари хурдиам Фаршед, мисли худат мухлиси шеъру суруд аст.

– Боракаллоҳ! – хурсанд шуда гуфт Собир ва нӯхтаи яке аз харҳоро ба даст гирифт. – Бифармоед, ба дохил, хунук хӯрдаед. Ман ин гӯшдарозонро дар тавила ҷойгир карда меоям.

Фаршед дарҳол банди хари дуюмро миёни ангуштон нигаҳ дошт. Фарҳод низ ба онҳо ҳамроҳӣ карда гуфт:

– Бо ҳам борҳоро холӣ мекунем. Бубин, ҳофиз, аз дасти борон ҳама тӯби порчаҳоямон тар шуда рафт.

Собир дил дод:

– Ҳеч гап не, то пагоҳ тандор[38] мешавад. Дар анбори бағали тавилаам қафасаҳои чӯбин ҳаст, дар болояш рахт мезанем.

– Дастат дард накунад, лутф дорӣ, – бо мамнуният изҳори миннатдорӣ кард Фарҳод, – агар намедаромадем, боз ҳам зери борон мемондем, он вақт ба ҳоламон маймунҳо механдиданд!...

Аз ду адад шамъ хонаи Собир равшан мешуд ва фонуси дами дасти соҳибхона равшаниро дучанд мекард. Фаршед медид, ки дар ду ҷониб гилемҳои қоқма задаанд ва бар рӯйи онҳо як даф, як рубоб ва дуто дутор овезон аст. Дар назди сандалӣ бошад, як дутори дигар бо торҳои канда мехобид. Зоҳиран, то ин дам ӯ машғули торбандии сози мусиқиаш буд.

– Кори ман ҳамин, дӯстам, тор мекашем, тор меканем, пайваста дунболи оҳанги нав мегардем, – дутори торкандаи худро аз рӯйи сандалӣ гирифта бар рӯйи лабаи тиреза гузошт Собир, – агар навои дилнишин ба гӯш нарасад, бемор мешавам. То ба ниятам нарасам аз хона берун намеравам. Ин аст, ки янгаат аз ман безор, гоҳе хонаро ба сараш мебардорад. Духтаронро ба хонаи хоҳараш фиристоду худ бе дастёр монд, мехоҳад дар паҳлуяш ман ҳам зиндагӣ кунам[39].

Хонаи Собир тозаю озода буд. Ҳама чиз мураттаб ба назар мерасид, ба хусус, Фаршед чанд гоҳ натавонист аз рахти кӯрпачаю болиштҳои дарчидаи ду меҳроби кунҷи хона дида барканад. Дар миёни ду тиреза бар рӯйи девор қафасаи чӯбинеро зада буданд, ки дар ду рафи он чанд китоб рӯйи ҳам мехобиданд.

Фарҳод ҳаракатҳои дӯсташро дида эътироз кард:

– Барои чӣ торатро канор мегузорӣ, ба корат идома деҳ! Мо ҳам пазмони ҳамон навоҳои дилнишини ту ҳастем. Дилам мехоҳад то рӯз нишинему сурудхонию оҳангсаройӣ кунем.

– Не, мулло, аввал салом, баъд калом гуфтаанд, шумоён аз роҳ омадед, як дами гарм бо ҳам мехӯрему аз он пас ман дар ихтиёри шумо, – бо хушҳолӣ

---

[38] **Тандор шудан تندار شدن** – ҳолати ашёст, ки хушк шуда ба ҳоли қаблӣ бармегардад

[39] **Зиндагӣ кардан زندگی کردن** – хонадорӣ кардан, ба корҳои зиндагидорӣ расидан

арз кард Собир ва ба даҳлез баромада, аз сари остона ба самти хонаи дигар овоз дод: – Нигина!

– Ҳамин одат ба ту ҳам гузашту монд, вақте ки янгаро бо исми «Нигина» садо мезанӣ, барои ман аҷиб менамояд, – бо завқ гуфт Фарҳод.

– Хӯи ҷавонӣ муҳр дар сина будааст, мулло, ҳатто дар ёдам нест исми аслиаш чӣ буд.

– Аммо ман медонам – Заррина! – шӯхии дӯсташро дарк карда ҳамоно ба суханаш идома дод Фарҳод. – Достони ишқиатро, ки дар солҳои таҳсил барояш навишта будӣ, фаромӯш кардӣ?

Ҳар ду хандиданд. Дар ҳамин асно аз пушти дар садои занона шунида шуд:

– Бифармоед, додош.

Собир дасторхони нонро аз дасти ӯ гирифта амр кард:

– Зуд бош, мулло аз Бору омад, чой дам кун, ош паз!

– Хуб шудааст!..

Суҳбати ду нафар дӯсти шарикдарс, ки пас аз муддати тӯлонӣ бо ҳам вохӯрӣ карда, дафтари хотироти дилкашу гувороеро аз солҳои толибилмӣ варақ мезаданд ва бо меҳр ҳамдигарро муллою ҳофиз ном бурда шишаи пазмонӣ мешикастанд, барои Фаршед дилнишину муассир буд. Сари ҳар сухан, чи аз шӯхию тааб бошад, чи аз саргузашт ё баҳси таҷриба, дарк мекард, ки ин ду нафар ба ҷавонии худ нигоҳ накарда аллакай дар олами пурасрори зиндагӣ ва баҳри беканори дониш ғӯтавар шудаанд. Онҳо суханҳои кӯча-бозорӣ намезаданд, аз ноомаду ноумедиҳо ҳасрат намекарданд, балки сари калобаи мавзуъ ё баҳсеро гирифта то ба поёни мунозира расидан маънӣ меҷустанд, далел меоварданд. Пас аз чанд гоҳи суҳбат худи Фарҳод баланд шуду дутори торкандаро ба дасти дӯсташ дод ва аз ӯ хондани оҳангу таронаро хоҳиш кард. Дар лобалои овозхониҳо, ҳамзамон бо баҳравар шудан аз оҳангу садои роҳатбахш, дам ба дам домани баҳсу маъниҷӯйӣ густурда, якдигарро ба илҳом меоварданд. Хеле ҷолиб он буд, ки Фарҳод ҳар шеър ё ғазалеро мегуфт, дӯсти ҳофизаш ҳамоно онро ба оҳанг медаровард.

Посе аз шаб гузашт. Берун торику сокит, дигар аз ҳамҳамаи боду борони «бераҳм» хабаре набуд. Фаршед аз дастшӯйӣ баргашту Собирро дубора ғарқи овозхонӣ дид. Ҳарчанд дунафарӣ аҳд карда буданд бистару болин андохта бихобанд, зоҳиран, илҳомашон аз нав ҷӯш задааст. Дар моварои садои дилошӯби дутор овози ширадору маҳини ҳофиз то мағзи ҷон менишаст. Фарҳод бо чашмони нимапӯш, мулоим сар ҷунбонда, ба оҳанги дӯсташ гӯш фаро медод. Дар фазои нимаравшани хона, ки то ин ҷо ду шамъи кофурӣ сӯхта тамом шуда танҳо чароғи нафтӣ ламъа мезад, навое аз пардаи «Ушшоқ» ҷо хуш карда буд:

*Зулф бар бод мадеҳ, то надаҳӣ бар бодам,*
*Ноз бунёд макун, то накунӣ бунёдам.*
*Май махур бо ҳама кас, то нахурам хуни ҷигар,*
*Сар макаш, то накашад сар ба фалак фарёдам.*

*Зулфро ҳалқа макун, то накунӣ дар бандам,*
*Турраро тоб мадеҳ, то надаҳӣ бар бодам.*
*Ёри бегона машав, то набарӣ аз хешам,*
*Ғами ағёр махур, то накунӣ ношодам.*
*Рух барафрӯз, ки фориғ кунӣ аз барги гулам,*
*Қад барафроз, ки аз сарв кунӣ озодам.*
*Шамъи ҳар ҷамъ машав в-арна бисӯзӣ моро,*
*Ёди ҳар қавм макун, то наравӣ аз ёдам.*
*Шуҳраи шаҳр машав, то ниниҳам сар дар кӯҳ,*
*Шӯри Ширин манамо, то накунӣ Фарҳодам.*
*Раҳм кун бар мани мискину ба фарёдам рас,*
*То ба хоки дари Осаф нарасад фарёдам.*
*Ҳофиз аз ҷаври ту, ҳошо, ки бигардонад рӯй,*
*«Ман аз он рӯз, ки дар банди туам, озодам».*

– Баҳ-баҳ, офарин! Аҳсан! – баробари итмоми оҳанг сар бардошт Фарҳод. – Аз дасти ин Хоҷа Ҳофизи ошиқ яқин аст, ки нолаю фарёд ба осмон кунему ҳастии худро ба бод диҳем.

– Чӣ ҳам мекардем, ин ёр аст, ки моро ба ҳар кӯй меафканад. Бо ин ҳол, кош ёри мо пайваста чеҳра биорояду ба по хезад, то аз барги гулу тамошои сарв бениёз шавем, – бо хушҳолӣ илова кард Собир.

– Вале ин пандаш хеле баҷост, ҳофиз, – кам наомад Фарҳод, – бо бегонагон дӯст машав, ки ман аз ту бадар меравам ва ғамхори бегонагон мабош, ки дилам озурда гардад.

– Ту низ ангуштнамои ҳар маҷлис машав, ки дар акси ҳол маро дар оташи ҳасодат сӯзонӣ ва аз дигарон сухан магӯй, ки озурдахотир шаваму ту аз ёдам равӣ.

– Эй дӯст, коре макун, ки забонзади мардуми шаҳр гардӣ, то бандаи фақир сар ба кӯҳу дашт наниҳам ва монанди Ширин шӯрангезӣ накун, ки мисли Фарҳод беқарор шавам!

Фаршед ба завқ омад. Аз он ки бародару Собир нақшҳои дилдору дилдодаро аз муҳтавои ғазали Ҳофиз бозӣ мекарданд ва бо забони сода ба ҳам дарди дил мегуфтанд, бениҳоят лаззат бурд. Намехост ин дарду розгӯйӣ поён ёбад, ҳарчанд шаби бедорхобӣ ба интиҳо мерасид. Гӯё ин хостаи ӯро Собир пай бурд, пас аз каме хомӯшӣ бо ҳавои имдод ба сухан омад:

– Эй ҷон, бар мани бенаво раҳм куну ба додам бирас, то фарёди додхоҳии ман ба хоки даргоҳи вазир нарасад.

Фарҳод бо садои ҳалиму меҳрабонона сирри дил кушод:

– Нигарон мабош, азизам! Муҳол аст, ки Ҳофиз рӯй аз даргоҳи ту ба хотири ҷабру ситамат баргардонад. Аз рӯзе, ки ба муҳаббати ту пойбанд ва асири ишқат шудаам, худро озод медонам!

Ҳар ду хандиданд. Собир аз шеърфаҳмии дӯсти муллояш ба завқ омада, бо хушҳолӣ ба вай даст дод. Ӯ изҳор кард:

– Ин шеъри Хоҷа гувоҳӣ аз он аст, ки ӯ дар сароидани ғазали ошиқона аз пешгузаштагонаш бартарӣ дорад. Мо аз Шайх хондаем:

*Ман аз он рӯз, ки дар банди туам, озодам,*
*Подшоҳам, ки ба дасти ту асир уфтодам.*

Ҳарчанд ҷойи мисраъҳо иваз шудааст ва Хоҷа мисраи аввали Шайхро тазмин мекунад, бе муболиға, байти ӯ дилпазиртар аст. Зеро ки дар байти Шайхи Аҷал хонанда сараввал дар байни мисраъҳо пайванди маъниро пай намебарад, фақат бо такрор хондан ва таваҷҷуҳ додан вобастагии маъниро ҳис мекунад. Вале баёни Хоҷа равонтар аст ва тамоми абёти ин ғазал як порча аз забони ҳоли ошиқи дилсӯхтае аст, ки бо маъшуқи худ сухан мегӯяд.

– Вале, дӯстам, пасупешшавии ниҳод ва гузораро[40] дар сурудаҳои Хоҷа низ бисёр мебинем ва он аз балоғати гуфтор намекоҳад. Набояд фаромӯш кард, ки Шайх Саъдӣ устоди маънавии Хоҷа Ҳофиз буд ва ба эҳтимоли зиёд, агар Саъдие намебуд, шояд Ҳофизе ҳам ба вуҷуд намеомад. Дар ғазали боло низ, ҳамин тазмин кардани Ҳофиз авҷи таҳсин ва эҳтироми вайро ба устоди маънавияш мерасонад. Ва бешак, ин эҳтимол ҳам ҳамеша ҳаст, ки шогирде аз устодаш пешӣ бигирад ва Хоҷа Ҳофиз низ ғазали форсиро ба авҷе расонид, ки амалан барои дигарон ваояндагон ғайри қобили дастрасӣ шуд. Бе муҳобо, ӯ сухани латиф ва зебо ба мерос гузошт, – Фарҳод аз ҷо хест ва узрхоҳӣ кард: – Ман шармандаам, агар иҷозат диҳед, таҳорат бигирам.

Ҳамоно Собир низ по шуд ва аз пушти дари даҳлез обдасту дасторчаеро[41], ки ҳамсараш омода карда буд, бо эҳтиром ба дасти дӯсташ дод. Сипас баргашту бо ҳамдастии Фаршед ба се кас ҷойи хоб андохт...

Субҳгоҳон суруди оромбахши табиат тану ҷонҳоро навозиш медод. Дигар аз раъду барқу хурӯши боду борони дирӯза хабаре набуд. Бӯйи диловез аз заминҳои обзадаи тар ба машом мерасид. Мулоим вазидани боди таруни поизӣ ҳамнаво бо саъйи мусофирони равон дар роҳи мақсад буд. Ду харакӣ – Фарҳоду Фаршед оғушта дар ҳусну ҳавои дилпазири субҳгоҳӣ, замоне, ки тоҷи заррини фалак тоза мехост чашм боз кунад, ба шаҳри Нур наздик шуданд. Дар дидгоҳи пеш намои аҷибу ғарибе аз шаҳр, ки торафт то доманаҳои кӯҳ бар фароз доман паҳн мекард ва девору чиғҳои баланд, хонаҳои хурду калони бешумор пушти ҳам то хатти сароб тӯл мекашиданд, Фаршедро ба шигифт овард. Даҳони ӯ боз монд, ҳарфе нагуфта ба манзараҳои нав беохир дида медӯхт. Дашти бепоёни хушку урён дар фосилаи зиёд давр то даври шаҳр ба заминҳои корам ва боғистону чаманзор иваз мешуд. Ин ободӣ аз он гувоҳӣ медод, ки шаҳрнишинон ба кори деҳқонӣ ва заминдорӣ беҳад вориданд, онҳо талош кардаанд, ки ҳатто як тикка замин бекор нахобад. Пас, ин макон бояд оби фаровон дошта бошад, то ин ҳама қитъа сабзу корам шавад. Дар ниҳояти тааҷҷуб Фаршед ба сухан омад:

– Мегуфтанд, Нур танҳо як чашмаи сероб дорад, вале ин қадар ободонӣ...

---

[40] **Ниҳод ва гузора نهاد و گزاره** – мубтадо ва хабар

[41] **Дасторча دستارچه** – порчае, ки бо он сурату дастҳоро пок ва хушк кунанд

– Не, додар, манбаъҳои об зиёданд, вале он як чашмаи калони Нур бо муқаддасӣ ягона аст. Ҳамчунин чашмаҳои Обисабз, Бекоб, Содиқхӯҷа, Обако, Чӯлӣ, Ҷойдок хеле серобанд, – хари худро почакзанон ба ҳаракати тезтар водор карда гуфт Фарҳод, – лекин барои обёрии заминҳои кишоварзӣ манбаи оби аҷибе вуҷуд дорад, ки ҳеч гоҳ надидаӣ. Ба он заминҳое, ки дар пешорӯямон аст, бо диққат назар кун, чӣ чиз ба назарат ғайриодӣ менамояд?

Фаршед чорчашм ба самти арозии атрофи шаҳр, ки бародар нишон медод, нигоҳ кард ва ниҳоят, дудила ба сухан омад:

– Ҳама чиз маъмулӣ аст – дарахту буттаҳо, заминҳои зардгуни холишуда аз ҷаву гандум, майдонҳои каландшуда[42]... Оре, ҳар ҷо-ҳар ҷо дар як хат теппачаҳои яксохте низ ба чашм мерасанд.

– Офарин! – бо хушҳолӣ баён кард Фарҳод. – Ана ҳамон теппагиҳо маҳалли сӯрохҳои боздиди корезҳоест, ки заминҳоро обшор месозанд.

– Нақлҳои корезро шунидаам, – дар васати сухани бародар ҳарф зад Фаршед, – ҳамон рӯдҳое, ки дар таҳи замин кашида шудаанд?

– Бале, ҳамонҳо, фақат рӯд нестанд, ҷӯйҳои зерзаминии дастсохте ҳастанд, ки ба тарзи уфуқӣ канда мешаванд ва «лаҳм» ном доранд. Маъмулан, арзи лаҳм то чаҳору ним ваҷаб[43] ва баландиаш то шашу ним ваҷаб мерасид ва тӯли он ба дараҷаи ниёзмандӣ кӯтоҳу дароз мешуд. Он теппаҳои хокӣ ҷойи боздиди оби корез аст ва фосилаи байни чоҳҳои боздида ҳудудан ёздаҳ қадамӣ[44] мегирифтаанд, ки ин қисмати рӯйизаминӣ «пушта» ном дорад. Корез оби худа аз чоҳи асосӣ мегирад, ки умқи он аз шаш то дувоздаҳ қадди одам[45] мерасидааст ва сипас бо чоҳҳои дигар, ки умқашон торафт кам мешавад, об ба таври сақилӣ, яъне, бо вазни худ ба рӯйи замин мебарояд.

– Мегӯянд, маънои «корез» аз «каҳ рез» падид омадааст, рост?

– Шояд ҳамин хел бошад, чунки дақиқ донистани ҷараёни оби корез, ки чоҳ ба чоҳ меомад, аз тариқи рехтани каҳ маълум мешуд. Корезканони нозир дар таҳу болои чоҳ истода бо расидани об ба нафарҳои болоӣ ишора мекардаанд, ки коҳ бирезад. Азбаски «ҳ» талаффузи суст дорад, бо мурури замон аҷаб нест, ки амри «коҳ рез!» корез шуда бошад.

– Барои обёрии ин қадар замин чанд корез кандан мумкин аст?

– Хеле бисёр! Ҳанӯз ҳеч кас намедонад, ки дар ҳамин Нури мо чандто кореза ҷорӣ кардаанд, бо ин ки имрӯз миқдори корезҳои мавҷуд аз сесадто зиёд аст. Лекин шунидаам, ҳар як корез дар як лаҳза камаш дусад-дусаду панҷоҳ кафлез об медодааст. Мардум оби кореза қадр мекарданд, азбаски он бо тармими ҳарсолаи роҳи об ва нигаҳбониҳои шабурӯзӣ ба даст меомад, беҳуда масраф намегардид. Корез бо ҳашар канда мешуд, аз ин хотир, оби он ба ҳама тааллуқ дошт. Бо вуҷуди ин, корезҳои шахсӣ ва меросӣ ҳам буданд, ки аз тарафи соҳибонашон харидуфурӯш мешуданд. Дар ин ҷо оби як корез арзиши бист-бисту панҷ гӯсфанда доштааст...

---

[42] **Каландшуда کَلَنْدْشده** – шудгоршуда

[43] **Ваҷаб وجب** – тақрибан 22,5 см

[44] **Қадам قدم** – тақрибан 90 см

[45] **Қад *(-ди одам)* (قد آدم) قد** – тақрибан 165 см

Ба ғайр аз заминҳои ободд, то расидан ба даромадгоҳи шаҳр, ду тарафи роҳ низ пур аз дарахт буд. Ба таври парешон аксаран санҷид, туту маҷнунбед ва буттаҳои ваҳшӣ бо шохаҳои урёну ҷо-ҷо нимапӯш бо баргҳои зардгуну қаҳвай ва сиёҳу хушк ба назар мерасиданд. Бо роҳи хокии сахт пеш рафта, ҳар қадар ба даромадгоҳ наздик мешуданд, дар гирду бари шаҳр торафт бештар тараддуди одамон ва аспу хару аробаҳо ба чашм мехӯрд, маълум буд, ки аз пагоҳӣ ҷунбуҷӯли шаҳриён оғоз меёбад.

– Мебинӣ, додар, ин деҳаи мо нест, ки сару таҳаш бо як дид ба назар намояд, – хомӯширо халалдор карда дубора сухан дар миён овард Фарҳод, – ин ободиро шаҳр меноманд!

– Оре, хеле калон будааст, баробари паҳнои дашти бекарон пас аз заминҳои корам девору хонаҳо бешуморанд, аввалу интиҳояш маълум нест, – бо завқ идомаи гапи бародарро гирифт Фаршед. – Лекин, додӣ, бовар кун ин ҳама диданиҳо дар назари ман сатҳӣ менамояд, чаро ки «Нур» дар мағзи ман бештар бо ёдгориҳои беназираш акс ёфта аст, аз он чи шунидаам ва ё туву падар нақл кардаед. То кӯчаҳои сангфаршу Қалъаи қадима, Чашмаю моҳиҳои муқаддас, Панҷвақтаю Чилсутун, ҳаммому хумхонаю нонвойиҳо ё бозору қабристони машоихаша набинам, ҳаяҷони дилам ором намегирад.

– Шитоб накун, ҳар якера мебинӣ! Ба ғайр аз гуфтаҳои ту, ин шаҳри бостонӣ мардуми боҳушу наҷибе дорад, ки дар ҳама кор сахткӯшу пурталош ҳастанд. Бо ин ҳол, дар ҳар қадам ҳушёр бошу эҳтиёт шав, агар ҳаракату амали нобоб ё ягон бархӯрди носавоба дидиву ҳис кардӣ, дарҳол ба ман гӯй. Бе рухсату ишораи ман қадами ноҷо набардор, таваккулӣ гап назан, дар байни издиҳом ба таърифу тавсиф фирефта нашав. Ин ҷо дар канори мардуми сода дузд ҳам ҳаст, авбошу безорӣ ҳам ҳаст, кулоҳбардору[46] соҳибу хӯҷаин ҳам бисёр аст...

Гӯшу ҳуш ба суханҳои пандомези бародар, ҳамин ки ба дарвозаи корвонгузари шаҳр наздик шуданд, нигоҳи Фаршед ба пештоқи он уфтод, ки дар миёни нақшу шаклҳои кошикоришуда бо хатти настаълиқ нивиштаи дуруште ба чашм мехӯрд. Ӯ бо садои баланд овоз баровард: «Расидан ба хайр!»

## 2. МАНЗИЛИ СУЛАҲО[47]

### Гузарҳои ҳунармандон

Гӯё ба хирноe фишор оваранд, мисли садои гирифтаи он ғиҷирроси чархҳои ароба сангину дардовар шунида мешуд. Аробаҳо то ҳадде бори зиёд доштанд, ки наздик буд харони аробакаш аз фарти беҳолӣ ва нафастангӣ ба пушт сарнагун шаванд. Дар ҳар хирвор гарданбанди таранг аз пуртобию таҳаммули ин боркашони сар ба роҳ гувоҳӣ медод. Онҳо дар зери хирмани

[46] **Кулоҳбардор کلاه بردار** – *маҷ.* фиребгар, молимардумхӯр, ҳуққабоз
[47] **Сулаҳо صلحا** – *ҷ.*салеҳ: солеҳон, некон, дурусткорон

чорпаҳлуи ресмонбандшуда хурду ночиз ба назар мерасиданд, вале аробаҳо мунтазам ба пеш мехазиданд. Яке алафу коҳу бедаҳои бастабандшуда, дигаре пашму пӯстҳои рад-рад болои ҳам чидашуда, савумӣ гупию гаҳвораю сандуқ барин дастсохтҳои рӯйиҳамрехта, билохира, ҳар яке борубунаи чашмгиреро бо худ мебурд ва соҳибони бетоқат дастафшону кулочкашон маркабҳои худро ба тезгардӣ водор карда, забон аз дашном намебастанд. Ғалоғула ва доду бедоди онҳо то як фарсах раҳ гӯшҳоро кар мекард. Ин ҳама кам буд магар, гоҳу ногоҳ дар хаму тӯли кӯчаҳо мунодиҳои[48] аспсавор низ пайдо мешуданд ва бо овози баланду дурушт фаҳшу ҳақоратзанон одамҳои пиёдаю савораро ба канорагирӣ водор месохтанд. Давутози онҳо, ки ангор аз хатаре дарак медод, чангу ғубори кӯчаҳои хокиро ба осмон мебардошт ва аҳёнан сумҳои аспони хашмгин ба кӯлмаку лойобаҳои сари роҳ бархӯрда, обу гил ба тану тӯши пиёдаравон мезаданд. Саворон дар миёни дашномҳои худ танҳо як ҷумларо бо шӯру қиём ва такрор ба такрор мунодӣ медоданд: «Беки нав аз Бухоро ба Нури мо қадам ранҷа фармудаанд, барои ҳазрати бек роҳро тоза кунед!»... Вале дар кӯчаҳои тори қисми поёнии шаҳр, ки ҳадди аксар гунҷоиши ду аробаро доштанд, амалӣ кардани ин фарохонӣ сахту мушкил менамуд. Одамону аробадорон ба танг меомаданд, саъй мекарданд бо бору бунаи худ ба бехи девори хонаҳо ҷафс шуда, по чида-по чида ба пеш раванд.

– Аз ман ақиб намон, додар! – Фаршеди ба шигифт омадаро ҳушёр карда гуфт Фарҳод. – Ба гузари Ҳалвогарон гузарем хилват мешавад. Ин кӯчаи калони шаҳр аст, ки мустақим ба бозор меравад ва ҳар кас мекӯшад дар каллаи саҳар аз ҳама пеш ба бозор расад. Гӯё ин тараддудҳо кам бошад, гумоштаҳои бек низ доду бедод роҳ андохтаанд.

Фаршед хари худро халакунон ба пеш меронд, саъй мекард ҳарчи наздик ба бародар шаваду садояшро равшантар шунавад. Ин талоши ӯро дида, Фарҳод илҳоми худро аз сарусадоҳои атроф нашикаста, шунаво ба додар, афзуд:

*– Бар сари бозор ҷонбозон мунодӣ мезананд,*
*Бишнавед, эй сокинони кӯйи ҷонон, бишнавед.*
*Духтари раз чанд рӯзе шуд, ки аз мо гум шудаст,*
*Рафт, то гирад сари худ, ҳону ҳон, ҳозир шавед...*

Мефаҳмӣ, додар, аз пайи ин ҷор андохтанҳо ба ёди ман як ғазали Хоҷа Ҳофиз омад, ки дар он вазъияти нобасомони Шероз пас аз рафтани Исҳоқ ва омадани Амир Муборизуддин тасвир шудааст. Он замон касоне, ки аз сахтгириҳои амири нав безор будаанд, дар кӯчаҳову бар сари бозор омада ба гӯши сокинон мунодӣ задаанд. Яъне ҷор зада гуфтаанд, ки шароб аз дасти ғосибон ноёб шуд, фавран бар сари бозор ҳозир шавед. Ва дар идомаи суханаш Хоҷа бо такрор дарёфтани шароби хурсандибахш – духтари разро таъкид мекунад, ки пайдо шудани вай муждагониест барои ҷонҳои мунтазир.

– Хоҷаи мо хостааст, ки шоҳи аввалӣ ба шаҳр баргардад? – маънӣ ҷуста ба сухан даромад Фаршед.

---

[48] **Мунодӣ منادی** – ҷорчӣ, нидодиҳанда, ҳотиф

– Офарин! Хоҷа ва ҳамтоёни ӯ дар он замон аз дасти Амир Муборизуддин ба дод омада, аз Исфаҳон баргаштани Шайх Абӯисҳоқа хостаанд. Инак дар ин ҷо ҳам пайғом мерасонанд, ки беки нав омадааст, Худо медонад, ӯ чӣ касест!...

Гузари Ҳалвогарон, дар ҳақиқат, хилват буд. На тараддуди одамон ба назар мерасид, на равуойи аспу аробаҳо. Фаршед аз пайи бародар роҳ уфтода, тору пуди кӯчаро аз нӯфи нигоҳ мегузаронд, саъй мекард хурдтарин ҷузъе аз намои боду борондида нодида намонад. Ҳарчанд тамоми хонаҳо дар кул шабеҳи ҳам буданд, аз сар то бун бо ҷузъиёте тафовут доштанд, ба вижа, ҳангоми бархӯрдани дидаҳо ба гилкориҳои софу сайқалии ҷо-ҷо харошхӯрда, даричаҳои чоргӯшаи қуфлзада, дарбу тоқу дарвозаҳои чӯбини кандакоришуда, новдонҳои сафолин, ки гӯё чун шиёрҳои рангин хонаҳоро аз ҳам ҷудо мекарданд, суфаҳои сангини дами дару дарвозаҳо, обравҳои борики бағали таҳкурсиҳои девор...

– Нигоҳ кун, додар, ин тангкӯча сар то бун тару тоза аст, – гузаштаравон ба сухан омад Фарҳод, – сокинони ҳунарманди Нур ба иттифоқ чунин одат доранд, ки субҳи зуд, пеш аз баромадан ба бозор, дами дарвозаи худа то девори хонаи ҳамсоя об зада мерӯбанд. Агар дидӣ пеши ҳар хонае обу ҷорӯб нахӯрдааст, дон, ки соҳибонаш ҳанӯз машғули корҳои дамидастӣ аст.

– Дар айни ҳол бошандагони ин паскӯча ҳама ба бозор баромадаанд?

– Оре, аз ҳар хона касоне, ки хариду фурӯш мекунанд.

– Яъне, ҳалво ба муомила баровардаанд?

– Қариб ҳар як гузари Нур ба мисли Бухорою Самарқанд бино ба шуғли асосии бошандагон номгузорӣ шудааст. Бо вуҷуди ин, бояд донӣ, ки чунин ном ниҳодан нисбӣ аст ва маънии васеътар дорад. Чунончи, агар ин гузар «Ҳалвогарон» аст, манзур фақат ҳалвопазӣ нест, дар ин ҷо навъҳои гуногуни ширинӣ ва қандуқурс таҳия мешавад. Ба ғайр аз ҳалвоҳои тару пашмаку риштаю лавзу кунҷид дар худи ҳамин гузар набот ҳам мепазанд, парварда ҳам, нишолло ҳам.

– Пас, биёед, аз ҳамин ҷо ба хона харид кунем?!

– Мехарем, вақти бозгашт. Фақат аз Усто Ҳамид каме ҳалвои тар мегирем, ба хонаи Баҳромамак, дастхолӣ равем айб мешавад.

– Барои чӣ аз Усто Ҳамид?

– Номи ӯро нашунидаӣ? – як ба қафо нигоҳ карда ба сухани худ идома дод Фарҳод. – Калонтарин коргоҳи қаннодӣ дар ҳавлии Усто Ҳамиди ҳалвогар аст. Ҳар чӣ хоҳӣ ӯ дорад, ба хусус, ҳалвои тару лавз ва наботу парвардаҳояш дар ҳама шаҳрҳои атроф маъруф шудаанд. Мегӯянд, чанд муддат дар назди қаннодони машҳури Бухоро кор кардааст, вале ҳеч гоҳ аз маҳсулоти омодакардаи худ розӣ нашудааст. Дастпухтҳояш бо обуҳавои Нур созгорӣ доранд, танҳо дар ҳамин ҷо маҳсулоти марғуб мепазад.

– Ҳамин гапа дар ҳаққи нонҳои Самарқанд ҳам шунида будам.

– Рост аст, савдогарону нонпазҳо хеле саъй кардаанд, ки нони самарқанда ба гӯшаю канор, ба шаҳру кишварҳои дигар низ паҳн кунанд, аммо бо вуҷуди ҳар гуна хамирросткунию нонпазӣ натавонистаанд ба ин шакл

нонҳои сермағзу хушмаза пухта гиранд. Ҳатто аз хоки Самарқанд бурда танӯр сохтаанд ва бо орди Самарқанд хамир кардаанд, вале боз ҳам «нони самарқандӣ» дарнаомадааст. Ҳар ҷо обуҳавои хоси худа дорад, ки он дар пухтани хӯрданиҳояш таъсиргузор аст.

Ҳанӯз ба поёни паскӯча нарасида, дар назди дарвозаи дулингаи баланд, ки сатҳи он бо мунаббаткории тарошаӣ оро меёфт, Фарҳод хари худро нигаҳ дошт ва пиёда шуда ба назди Фаршед омаду гуфт:

– Ин манзили Усто Ҳамид аст, ту дарою як табақ парварда ва се-чор қолиб ҳалвои тар харида биё, – ҳамин ки аз дасти додар дошт, ӯ ҷаҳида аз хар фуромад. Сипас чанд танга дар кафи дасташ гузошту бо нигоҳ гусел кард.

Фаршед аз ин дастури бародар, ки ба ӯ бовар карда кор мефармуд, хушҳол шуд. Гӯё он чиро дилаш мехост, бародар ҳам пай бурда буд. Беш аз пеш дар вуҷудаш ҳавасу иштиёқи дидани коргоҳҳои қаннодӣ ва аҳли ҳунари он ҷавона мезад. Дар деҳа коргоҳҳои зиёде ҳаст, аммо қаннодӣ не, чӣ гуна ҳосил шудани ҳалвоҳои риштаю тару кунҷид ва наботу парварда барин шириниҳоро донистан мехост. Фаршед ба пушти дарвоза омада, як ангушт тиқ-тиқ зада буд, ки дари хурди бағал аз дохил боз шуд. Як ҷавони болобаланди сапедпӯш аробаи дастии дучархиеро пури бор ба берун кашола карда баровард. Дар ҳоле ки аз роҳ истоданӣ набуд, суоломез ба меҳмони нохонда чашм дӯхт.

– Бубахшед, каме қандукурс хариданӣ будам, – маънии нигоҳҳои шитобзадаи ӯро пай бурда гуфт Фаршед.

– Даро ба дарун, – сипас бо овози баланд ба самти дохил дод зад: – Сумо, ба ин сӯ нигар! – дигар наистода аробаашро бо шитоб кашида рафт.

Фаршед ба ҳавлӣ по ниҳоду аз ҳайрат дар ҷо шах шуд. Ҳеч бовараш намеомад, ки дар пушти як дарвоза ба ин бузургӣ ҳавлию боғчаю хонаҳо ҳаст. Аз самти рости боғча роҳраве мустақим тӯл мекашид, ки охираш торику ба назар ноаён буд. Сақфи ҷуфтвассаи роҳрав аз ҷониби чап бар болои чандин сутун устувор меистод ва аз ҷониби рост то охир ба боми хона мепайваст. Девори хона ба дарозо дару тирезаҳо дошт, ки қариб ҳамааш боз буданд. Ҳамин як лаҳзае, ки сари ҷо истод, гӯшҳояш аз садоҳои омехтаи ба ҳам хӯрдани чизҳое ва ғав-ғуви мағалмонанде банд омад. Садои духтарона ӯро ба худ овард:

– Биё, ука, чӣ мехостӣ?

– Ин чӣ мағал? – ҷойи он ки арзи матлаб кунад, худро ба даст гирифта гуфт Фаршед ва дар дил «Сумо» гӯён исми духтарро ба зеҳн овард.

– Чӣ гумон кардӣ, бист-сӣ нафар машғули кор бошанду ҳеч садое наояд? Дардата гӯй, писарак!

– Ба ҳамин ҷавони барно мегӯйӣ писарак? – худро шердил гирифта шӯхӣ кард Фаршед. – Гӯё худат хеле калон бошӣ, моро ҳақир мебинӣ?

– Дурӯғ мегӯям? – кам наомад духтар. – Қадди кӯтоҳата-ку наметавонӣ дароз кунӣ, ақаллан оби бинита пок кун!

Фаршед беихтиёр пушти даст аз бинӣ кашид. Духтар баланд хандид. Хушҳолона дар идомаи суханаш афзуд:

– Писараки сода, шӯхӣ кардам! Ба чӣ омадӣ?

Бо ин ки дар назди духтар аз хиҷолат то буногӯш сурх шуда буд, Фаршед худро ба даст гирифт:

– Мегӯянд, Усто Ҳамид беҳтарин қаннод аст, метавонам он каса бубинам? – беихтиёр пурсид ӯ.

– Бобо нестанд, ба бозор баромаданд.

– Афсӯс, донистанӣ будам, ки ҳалвою қанду қурсашона чӣ хел месозанд...

Духтар кокулҳояшро ба пушт партофта, сухани Фаршедро бурида гуфт:

– Агар вақти аср ойӣ, дар хона мешаванд, ҳар як ширинира бо таъриху майда-чуйдааш фаҳмонда медиҳанд. Лекин, ту ҳанӯз хурдӣ, аздусар ҳеч чиза намефаҳмӣ.

– Боз ҳам кам мегирӣ, дукокула? Он чизҳоера, ки ман медонам, ту дар хоби шабат надидаӣ!

– Не-е?! Чӣ коре аз дастат меояд, ки мо бехабарем?

– Магар нашунидаӣ, ки маликзодае буд кӯтоҳу ҳақир ва дигар бародаронаш баланду хубрӯй?

– Хуб.

– Боре ин маликзода ҳис кард, ки падараш ба вай бо чашми кароҳат нигоҳ мекунад. Вале ӯ наранҷида бо фаросат мегӯяд: «Эй падар, кӯтоҳи хирадманд беҳ, ки нодони баланд. На ҳар чӣ ба қомат меҳтар, ба қимат беҳтар!» Падар аз ин сухан хурсанд шуда ба писар мақом дод. Бародарон ранҷиданд. Дар ин миён душмане ба кишвари малик ҳамла овард. Аввалин касе, ки ба майдон баромад, ҳамин писари ҳақир буд. Ӯ далерона ҷангида, ҳамразмонро ба мардонагӣ хонд ва бар душман зафар ёфт. Падар сару чашми ӯро бибӯсиду дар канор гирифт ва ӯро валиаҳд кард...

– Чаро бародарон ранҷиданд? – беихтиёр гуфт духтар.

– Онҳоеро, ки ту мегӯйӣ қадбаланд ҳастанду хубсурат, на ҳамеша сирати нек доранд. Писарони ҳасуди малик низ ба додари писандидаи падар ҳасад бурданд ва ҳатто заҳр дар таомаш карданд. Хушбахтона, ин амали нопокро хоҳар аз ғурфа дид ва бародарро огоҳ кард. Писар аз хӯрдан даст кашид ва гуфт: «Муҳол аст ҳунармандон бимиранд ва беҳунарон ҷойи эшон бигиранд».

– Падар ҳеч коре накард? – боз гап партофт духтар фирефта ба нақли Фаршед шуда.

– Падар хабар ёфт, писарони бузургашро хонда гӯшмол дод ва онҳоро ба вилоятҳо фиристод[49].

– Хуб коре кардааст! Ту ҳам гуфтанӣ ҳастӣ, мисли он додари ҳақир тавоноӣ?

– Аз куҷо донӣ? Шояд ҳам ҳунаре дорам, вале манзурам ин, ки як каси ношиноса набояд беписанд кунӣ, духтараки доно!

– Аз ман наранҷ, писарак, хеле дӯстрӯяк ҳастӣ ту, – гуфт духтар бо завқ ва илова кард: – акнун донистам, ки донояк ҳам будаӣ! Агар хоҳиши дигар надорӣ, маро ба ҳолам гузор, корам бисёр аст.

---

[49] Мазмуни ҳикоят аз «Гулистон»-и Шайх Саъдӣ аст

– Эҳ, сарама гаранг кардию асли қазия аз ёдам рафт! – гуфт Фаршед бо норохатӣ. – Бародарам дар берун мунтазири ман аст, қарор буд каме мева харам.

– Хуб, худат нагуфтӣ, ман чӣ кунам? Биё аз дунболам! – духтар ба роҳрави тӯлонӣ гузашту дари аввали самти ростро боз кард.

Охири хона маълум набуд. Он анбореро мемонд, ки аз бисёрии мавод кафу деворҳояш ба чашм наменамуд. Пушти ҳам сабаду лаганҳои хурду калон пур аз фаровардаҳои ранг ба ранги қаннодӣ буд ва ба рӯйи фаршу рафҳои чӯбини ба девор кӯфташуда ва дар болои қафасаҳои симини овезон мехобиданд.

– Бигӯ, чӣ мехоҳӣ? – Фаршеди даҳонбозро ба худ оварда суол кард духтар.

– Як табақ парварда ва се-чор қолиб ҳалвои тар, – як он ба сухан омад Фаршед ва тангаҳои додаи бародарашро дар кафи духтар гузошт.

– Ин пулат бисёр, – гуфт духтар ва чанд тангаро ба Фаршед пас доду аз остона ба дохил даромад ва афзуд: – бобоям мегӯянд, ҳар талабгоре, ки меояд, аз коргоҳи мо бояд розӣ равад. Мо қимат[50] намефурӯшем, лекин ҳама шириниҳоямон тозаю хушмаза аст.

– Таърифи коргоҳатона шунидам, магар мешавад бо ту барин духтарони фаришта чизи бад пухт?!

– Оҳо, тамаллуқ мекунӣ? – хушҳолона гуфт духтар ва бо як чашмпӯшӣ ба ду коғази зардранги қифмонанд парвардаю ҳалво рехту ба Фаршед дароз кард.

– Тамаллуқ-чи, аз ту таъриф мекунам! Маълум ки духтари бодасту панҷа ҳастӣ, нонат ҳалол бод!

– Ҷавони наврас ҳам бошӣ, писари дилёб будаӣ, боз биё, мо дар хидмат мешавем, – гуфт духтар, дар ҳоле ки дарро аз қафо мебаст.

Фаршед хушҳолона гуфт:

– Дар бозгашт медароем, ба арӯсии бародарам аз ҳама шириниҳоятон мехарем.

– Бошад, он вақт хонаҳои қаннодира ҳам нишон медиҳам, бо бобоям шинос мешавӣ.

Фаршед хушҳол шуд, бо дилгармии хосе бо духтар хайрухуш карда ба берун баромад. Ӯ шитоб мекард, гумон мебурд аз дер карданаш бародар норохат аст. Аммо Фарҳод баргаштани ӯро ҳатто пай набурд, бо як китф ба гардани хараш такя карда китоб мехонд.

– Ин Сумояш балоча будааст, додӣ, – ба назди бародар омада овоз дод Фаршед, – маро нашиносад ҳам чунон гап медиҳад, фикр мекунӣ, ҷӯрааш бошам.

– Агар аз ту касе шарм кунад, вой бар ҳоли замона! – сар бардошт Фарҳод. – Духтару набераҳои Усто бисёранд, ҳама муаддабу коргар, илми тиҷората хуб медонанд...

---

[50] **Қимат** قیمت – гарон, нархи баланд

Бародарон аз гузари Ҳалвогарон гузашта ба самти боло роҳ пеш гирифтанд. Ин кӯча низ аз ду самт бо хонаҳои яксохти гилин масдуд мешуд ва дару даричаю дарвозаҳо куллан шабеҳи ҳам буданд.

– Ана акнун ба гузари Чармгарон омадем, – Фарҳод почазанон харашро ба тезтар роҳ гаштан маҷбур кард, – дар ин ҷо қариб ҳар як хонавода бо пӯсту пашму чарм сарукор дорад. Сафо Чароғи пӯсткашон дар ёдат ҳаст?

– Марди қоқинаи болобаланди мӯйлабдоре, ки бо ҳаёҳуи зиёд пашму пӯст ҷамъ мекард? Хари сафеди калонаш ҳам ду аробара мекашид, бори аробаҳояш ба бостурма[51] мемонд...

– Худаш! Ана ҳамон марди босалобат аз ҳамин гузар аст, аз ошноёни қарини додост. Дар ин ҷо даст ба даст даббоғии пӯст, гузиндану соба кардани пашм, сохтани чарми хушсифата анҷом медиҳанд. Агар ёдат бошад, Сафо Чароғ ду-се бор ба мо кафшҳои чармини нӯлкаҷ, дафҳои ҷарангосӣ, борониҳои ялтосӣ ва кулоҳҳои пашмини лабадор бурда буд. Бобо Савори оҳангарамон аз пешдоманҳои чармини бурдааш беҳад хурсанд шуда, дар ҳаққаш дурудароз дуо карда буд. Ба ҳиммати амаки пӯсткашон он вақт ҳама шогирдони оҳангархона доманпӯш шуданд.

– Додо ҳам ба рӯйи пӯсти бузғола корҳое мекунаду онро ба гардиши табӯрок мекашад. Занони гӯяндаи деҳа дар сари табӯрокҳояш талош мекунанд...

– Гуфтанию, ки дастсохти устоёни мо аз дафсозони нурӣ камӣ надорад? Аз як ҷиҳат рост, вале бояд донист, ки дар як дастовард ҷозибаю гармии дастони меҳнатӣ нуҳуфтааст ва дар дигаре диққати асбоби коргоҳӣ. Агар дафсози деҳа рӯзе то ду адад табӯрок созад, устои коргоҳӣ камаш даҳто. Ин ҷо имконоти бештар доранд, ба хусус, анборашон пур аз ашёи хому василаҳои сохтусоз аст.

– Яъне, маҳсулоти коргоҳӣ аз сохтаҳои дастӣ беҳтару зиёдтар аст?

– Албатта, додари ҷон, барои ҳамин ҳам ин ҷоро шаҳр мегӯянд!

– Хуб, барои чӣ аз асбобу анҷоми худ барои мо ба қадри кофӣ намебаранд?

– Инҳо бо шаҳрҳои калон муомила мекунанд, тавре ки мо бо инҳо, – Фарҳод аз таҳковии додар завқ бурда гуфт дар ҷавоб, – бе гумон, ту фикр мекунӣ, танҳо матоъҳои додо марғубият дораду каси дигаре мисли ӯ намебофад? Не, дар худи шаҳри Нур дувоздаҳ дӯкони порчабофии калон фаъол аст, бар замми даҳҳо хонаводае, ки ресандагию бофандагиҳои хусусӣ доранд. Мисли амаки Баҳром боз панҷ-шаш баззози машҳури дигар маҳсулоти дӯкондорона ба чор сӯ мекашонанд.

Ду бародар дар поёни гузари Чармгарон аз хамгаштии борике ба самти рост, ба кӯчаи нисбатан паҳну боҳавотар печиданд. Дар канори чапи кӯча то охир ҷӯйи обе равон буд ва лаб-лаби ҷӯй дарахту буттаи зиёд ба чашм мехӯрд, ки бо вуҷуди урёнии саросар фазои дилкаше ба чашм менамуд. Фарҳод

[51] **Бостурма باسترمه** – собот *(ба шакли долони сарпӯшида, ки маъмулан бар болои он хошоку алафҳоро барои зимистони чорво захира мекунанд)*

баробари ворид шудан ба ин кӯча худро беш аз пеш фараҳманду шодмон ҳис кард ва бо руҳбаландии бемонанде садо дардод:

– Ана, ин ҷо гузари тоҷирон аст, додар! Пас аз ободиҳои атрофи Чашма беҳтарин маҳалли хушбоду ҳавои Нури мо ҳамин хиёбон аст. Ҳар қадар болотар меравӣ, шилдир-шилдири обу хондани мурғони хушилҳон ва бар замми ин, роҳи сангфаршу хонаю ҳавлиҳои муҷалलову зебо ҳушу ҳавосата бештар мерабоянд. Ба хусус, ороиши иморатҳо бо мармарҳои сайқалии сиёҳу сафеду обиранг ва сутуну сақфу пештоқҳои чӯбини мунаққаш ба дили бинанда нишоту фараҳ мебахшад. Ҳатто амири Бухоро ба зебоии манзилҳои тоҷирони Нур қоил омада, дар як мусофирataш иқрор шудааст: «Вақте ки акси худро бар рӯйи мармарҳои нуриён мебинам, дар зеҳни хеш оинаи Искандарро ҳис мекунам, гӯё замину осмон бар сафҳаи биҳиштие мутаҷассим аст».

– Аҷаб?! Чи таърифе, дилҳо об мешавад, мисли ин ки дар саҳни ҷаннат қадам мезанӣ! – ба ҳаяҷон омада гуфт Фаршед. – Ин маҳаллаи Нур чӣ ном дорад?

– Миршикор аст ва бародарони турктабор вая Миришкор ҳам мегӯянд.

– Миршикор... – хаёломез такрор кард Фаршед.

– Аз қадимулайём ҳар як шоҳу амир дар вилоятҳои худ одамони махсус доштаанд, ки ба шикорчиён сарварӣ ва сайдҳояшона пайгирӣ мекардаанд. Унвони ҳамонҳо «мири шикор» ё «миршикор» буд. Дар ин гузари Нур кошонаи аввалин манзили миршикоре аст, ки ҳам сайду шикорҳора доир мекардааст ва ҳам аз ҷинси мурғони шикорию ғурму оҳувони зебо фаровон доштааст. Вале имрӯз аз ӯ дараке нест, фақат исмаш мондаву бас, – ҳанӯз ба поёни кӯча нарасида Фарҳод як он «иш-ш» гӯён харашро нигаҳ дошт ва худро ба поин андохту бо хушҳолӣ афзуд: – Ин ҳам хонаи амаки Баҳром, ба мақсад расидем, додар!

Бо ёрии бародар Фаршед низ ҷаҳида аз болои бор фуромад. Дарвозаи дулингаи пур аз нақш ва тоқи оҷурнамо бо деворҳои кунгурадор дар назари ӯ мисли даромадгоҳи қасре ҷилва карданд. Бе мулоҳиза, фурӯ дар ҳавои шигифт гуфт:

– Ваҳ, чи кохи зебое доранд, Баҳромшоҳ! Гуфтаи амир рост будааст, бубин додӣ, ба рӯйи сангҳои пойдевори хона худамона мебинем!

– Ин аз нӯки хамир фатир, ба дарун дарою кайф кун! Хонаи дуошёнаи эшон ба мисли намоишгоҳест, ки ҳама нозукиҳои кандакорию наққошӣ дар он ҳувайдост. Акнун бошад, даҳоната банду зуд ҳалқаи дара зан, бубинем, касе ҳаст ё не.

Фаршед ба назди дарвоза омад. Боз як бор лингаҳои дару қоби боҳайбати онро аз таҳ то сари тоқ аз назар гузаронд. Гӯё сари духтареро навозиш медиҳад, даст ба рӯйи нақшу нигорҳое кашид, ки бо усули кандакорӣ дар шаклҳои мутаносибу яксон такрор ба такрор бар рӯйи чӯб падид омада буданд. Болотар дар байни ҳар ду табақи дар ду ҳалқаи мунаққаши оҳанин аз миёни лӯлаҳои хурдак овезон меистоданд, ки он аз ҳунармандии оҳангари зарифкоре дарак медод. Нақши ҳалқаҳо дар сурати шер ба назар мерасид ва дар як хат ду шер рӯ ба рӯйи ҳамдигар меистоданд. Фаршед яке аз шерҳоро ба даст гирифт

ва онро се бор ба сафҳаи дар кӯфт. Овозе маҳин, вале ҷарангосӣ баланд шуд. Фаршед пай бурд, ки устои дарсоз ба ҷинси ҳалқаю сафҳаи зарбагир диққат додааст, то ба ҷойи садои хушку гӯшхароши оҳан овози мулоиму оҳангдор падид ояд. Ба ин назокати лаҳн фирефта шуда, дубора шерро кӯфт. Бо ин қаноат накарда боз ҳам кӯфт, мехост пайи ҳам овози дилнавози ҳалқаро шунаваду ташнагии дили нооромашро бишканад. Ҳамоно садои омиронаи Фарҳод баланд шуд:

– Чӣ кор мекунӣ? Як бор задӣ, бас! Ин ҷо мисли дарвозаҳои мо нест, ки то хонаи ҷойи шишт сад қадам роҳ бошад. Ҳалқара як бор занӣ, дар дохил се бор акси садо медиҳад, ҳамара ба по хезонданӣ ҳастӣ-чӣ?

– Бубахш, додӣ, ин аҷоибот ҳушу хаёлама рабуд, фузулӣ кардам.

– Бо фузулиат талхаи маро кафондӣ, мусофир, чӣ гап, душман ба сарамон омад, ки воҳима мекунӣ?! – шунаво овоз дода, марди қоматбаланде по ба берун ниҳод.

Фаршед хӯсид, бо ҳарос як қадам ба сӯйи Фарҳод партофт. Вале ҳанӯз ҳарфе назада ва худро ҷамъ накарда буд, ки марди ношинос барои бародар бағал кушод ва бо шӯр ба сухан омад:

– Фарҳодҷон! Кадом шамолҳо паррондан ба сӯйи мо?

– Чӣ шамоле мешуд, ғайр аз насими меҳру садоқати шумо?! – дарҳол ба сухан омад Фарҳод, ресмони харро як сӯ андохта ва барои оғӯшкашӣ ба самти Баҳроми баззоз қадам бардошт. – Падарам гуфт, дӯсте дорам дар шаҳри Нур бо чеҳраи гарми пурнур, ки моҳе як бор зиёраташ накунам, танам сарду хонаам шавад бенур! Бо ин ишқи офтобӣ мо – ду ҷавони камнур остонаи муҳаббати шуморо мебӯсем бо дили пур!

– Писари меҳрубону ширинсуханамро гардам, хуш омадӣ, ба Нури мо, ба манзили мо нур овардӣ! – бо хушҳолӣ, хурсандии худро пинҳон накарда гуфт Баҳром ва чанд муддат Фарҳодро аз бағал раҳо накард.

Барои Фаршед ин вохӯрӣ сафои тозае буд, ки аз ободгоҳи деринаи меҳрабонию навозиш боло хеста, дар гулгашти дилҳои ташна ба оби дӯстдорӣ фурӯ менишаст. Ва пай мебурд, ки ниҳоли ин сафо аз чашмаи отифаи падар ва бародари бузург об мехӯрад, зеро ҳар нумӯе обхуре дорад. Дар айни ҳол ҳамнафас будан бо ин сафои беғубор чӣ қадар масарратбахш аст!

Бо ҳамдастӣ дарвозаро калон кушоданд ва бо хару хингил ҳама вориди ҳавлӣ шуданд. Нахустин манзарае, ки ба чашм мехӯрд, замини рӯйи даричаи Баҳроми Баззоз буд, ки дар байн се дарахти сершохи анору анҷири ҳанӯз гӯрнашуда ва дар ҳошия воиши баланди ток дошт. Дар самти рост роҳраве ба хонаҳои девормуштараки қабати аввал ва роҳпилаи чӯбине ба хонаҳои ошёнаи дуюм мебурд. Аз самти чап чанд хона бо намои гиландуд ва поинтар тавилаи дарозе ба назар мерасид. Дар ҳамин ҷониб, ки анборҳои савдогар будааст, бори харҳоро фуроварданд, Фарҳод номаи падарро ба Баҳром дод:

– Зоҳиран, дӯстатон ҳар чӣ хоста дар ин хаташ навиштааст, – гуфт ӯ ва илова кард: – фақат таъкид кард, ки агар рангу калобаҳои нав бошад, барояш медодаед.

– Албатта, ҳар чӣ дорам медиҳам, лекин рӯзҳои охир хабаре паҳн шуд, ки ҳамаамонро ба таҳлука андохт, – тӯбҳои порчаҳоро аз дасти Фарҳоду Фаршед гирифта, дар як гӯшаи анборхона рахт зада истода арз кард савдогар. Ӯ нигоҳҳои суоломези Фарҳодро дар пайи суханаш ҳис карда афзуд: – Вале ҷойи хавотир нест, моро тоҷир гуфтаанд, замину осмон ба ҳам часпад ҳам, сӯрохие ёфта дармеравем. Агар Бухоро нашуд, Кармина ҳаст, Миёнколу Самарқанд ҳаст, доду гирифтро канда намекунем.

– Магар хабари бад паҳн шудааст?

– Кофарҳо ниҳоят ба мақсуди худ мерасанд, онҳо арки амирро ишғол кардаанд. Ҳама ҷо алғов-далғов шудааст, мегӯянд, рӯзҳои охир шаҳри Бухоро дар оғӯши дуду ғубори ҷанг аст.

Фарҳод ба асли қазия воқиф шуда, суоломез изҳор намуд:

– Пас, сурхҳо ба Бухоро низ даст ёфтанд, барояшон хонигариҳои Хеваю Хӯқанд камӣ кардааст?

– Оре, лаънатиҳо ҳама кӯшку манораҳои қадимиро гулӯлаборон кардаанд, шаҳр ба коми дуду оташ фурӯ рафта, аз дарвозаҳояш ному нишон намондааст, халқ парешон, ҳар кӣ ба ҷое, ки сараш метобад, фирор мекунад.

– Маълум мешавад, он ҳама фарохонию ғазавоти гумоштаҳои амиру муллоҳо бар ҳадар рафтааст, пас амир куҷо бошад?

– Ҳеч кас намедонад, ба гуфтаи эшонҳои мо, як рӯз пеш аз гулӯлаборонӣ бо ҳазор аскар ба Ғиҷдувон ва аз он ҷо ба самти номаълум гурехта рафтааст.

– Сад афсӯс! Ба Бухоро раҳмам меояд, ба шаҳре, ки маъбади имону эътиқод, маҳди илму донишҳост, имрӯз касе ҷонсупор нест.

– Аскарони кофар бо шамшеру гулӯлаандоз қонеъ нашуда, шаҳрро бо ҳавопаймо низ бомбборон кардаанд. Вақте ки шунидам Арк харобу валангор шудааст, гиребон гирифтам. Бовар мекунӣ, ҳамон қалъае, ки садҳо сол бо деворҳои сахту боҳайбати худ ифтихор мекард!

– Аз дасти инсон ҳар кор меояд, ба ҷаҳолат роҳ диҳад аз ваҳшӣ бадтар мешавад одамизод, – хаёломез нигарониро дар худ хӯрда гуфт Фарҳод, – Худо нигаҳ дорад, оқибаташ ба хайр ояд.

Дохили ҳавлӣ дим буд. Насими диловези тирамоҳӣ, ки саросар дар хиёбонҳои шаҳр вазида меистод, аз дасти дарвозаю деворҳои баландболо наметавонист ба дохил роҳ ёбад. Шохаю баргҳои боқимондаи дарахтҳои боғаки назди ҳавлӣ бо оромии мутлақ сари ҷо шах шуда, ба сукути атроф меафзуданд. Зоҳиран, дар хонаи баззоз касе набуд, аз даруну берун на овозе шунида мешуд, на касе рӯ боз мекард. «Магар мешавад Баҳромамак танҳо зиндагӣ кунад? – бо худ андешид Фаршед. – Ин ҳама ҷою ҷойгаҳро кӣ саришта мекунад? Не, шояд ҷое рафтаанд аҳли хонаводааш». Баҳроми баззоз нардаи нақшдори роҳпиларо дастгирон ба самти болохона роҳ пеш гирифт. Ӯ сукути ба миён омадаро халалдор карда, дар идомаи суҳбат гуфт:

– Ин овозаҳои наҳсро шунидем, вале аз омадани беки нав мунодӣ додани чокарони амир маро дар ҳайрат гузошт. Бачаҳоро бо борубуна дар бозор гузошта пас мегаштам, ки ба ҷорчиҳои аспсавор пеш омадам, гӯё беки навашон Нури дигаре месохта бошад, воҳимаашон осмонро мегирад. Ғайр аз

товон рӯёндану боҷу хироҷ ситондан кори дигареро ворид нестанд, калтакдорони бешуур.

– Ин гуна бешууронро гирифтани кофар беҳтар нест? – аз ғазаби ошкорои Баҳром ба завқ омада гуфт Фарҳод. – Маълум ки ин мунодигарӣ аз охирин дастурҳои амири гулӯлахӯрда аст, эҳтимолан то охирин рӯз намедонист, ки чӣ иттифоқе бо вай рух медиҳад.

– Шояд... Аммо ба мо – на хамиру на фатир!

Бо ин ҳол, дили Фарҳод сиёҳ шуд. Чунин меандешид, ки аз байн рафтани имората[52] Бухоро фоҷиаи нанговаре аст. Ӯ намехост ин дастгоҳ нобуд гардад ва ҷойи онро султаи билкул бегонае соҳиб шавад, вале аз Худо истидъо дошт зӯровариҳои гоҳу ногоҳи гумоштаҳои амир, ҷаҳолати беку қозию мударрисҳои худбини кишвар решакан шавад. Ҳамеша орзу мекард дар кишвар дилбохтагони илму ҳунару фарҳанг, ҳама касоне, ки заҳмат мекашанд, қадр ёбанд, бе мамониат ҳосили ранҷҳои шабурӯзии худро бар рӯйи кафи хеш бубинанд ва дар ин росто аз деҳхудо сар карда то сарварони имората мададкору пуштибонашон бошанд. Ӯ дағалӣ ва хӯю хислати хашини андозгирон, фиребу бедодии амину шайху қозиҳои сохтаи баднафс ва ғазабу бераҳмии саркардаҳову бекҳои якрави хушомадгӯро борҳо бо чашми сар дидаву ба амалкардҳои норавои онҳо шоҳид шуда буд. Дар дили илтиҷоҳо ва саҷдаҳои худ мудом яксӯ кардану ба фано супурдани ҳамин гуна кирдору бархӯрдҳоро аз Қодири якто мехост. Касоне, ба монанди Баҳроми баззоз, ки шуғли асосиашон тиҷорат аст, ба ин гуна пешомадҳо бефарқ буда метавонанд, аммо на ӯ, ки дилаш месӯхт ба ҳоли нобасомони хоку бум, ба ҳоли одамони шарифи Бухоро, ки акнун дар миёни дуду оташ мондаанд, ба ҳоли ёдгориҳои беназири ин шаҳри бостонӣ, ки дар Машриқзамин ба мисдоқи дурдонаҳои дурахшон шуҳратёр шудаанд...

– Янга наменамоянд? – аз хаёлронии лаҳзаина сар бардошта пурсид Фарҳод.

– Се рӯз мешавад, ки бо келини хурдӣ ба хонаи падараш рафта буд, ба Ғазғон, – ба меҳмонхонаи худ ворид шуда гуфт Баҳром ва пардаҳои шилшиладори ду тирезаи калонро ба як тараф кашида ғун кард, – маро дасттанҳо гузоштанд бачаҳо, қарор буд имрӯз биёянд, – суханашро давом дод мизбон, – акнун бо ҳам чой мекунему хӯрок мепазем, як дам ғубори пазмонӣ мешиканем!

– Заҳмат накашед, амак, мо нон мегирему аз пайи корамон меравем, дар хонаи Собирҳофизи дӯстам нағзакак субҳона хӯрдем, – дунболи Баҳром дар канори хонтахта нишаста гуфт Фарҳод ва Фаршед низ коғазпечи парвардаю ҳалворо ба рӯйи хон гузошта дар паҳлуи бародар ҷо хуш кард.

– Ман ҳам нагуфтаам мол мекушаму меҳмондорӣ мекунам, каме дилтангиамонро барорем шуд, писарҷон, – ҷавоб гардонд Баҳром ва дар кунҷ чорзону зада, бо чашмони нимапӯш дуо хонд: – Ҳамеша ба хайру хубӣ дида ба

---

[52] **Имората** إمارت – дар манбаъҳои таърихии замони Шуравӣ ин калима аксаран ба шакли «аморат» омадааст, дар сурате ки талаффузи алефи аввал дар асл «и» аст

дидор расад, ҳар сафаркардае хушу хуррам ба манзили мурод расад, қадам неку балоҳо дур гардад, омин!

Ҳама дасти дуо ба рӯ кашиданд. Баҳроми баззоз гарму самимӣ ҳолпурсӣ мекарду Фаршед наметавонист ду чашм аз ороиши меҳмонхонаи ӯ барканад: болору ҷуфтвассаҳои пурнақшу нигор, фаршу деворҳои сартосар қолипӯш, тирезаҳои шишакоришудаи боҳаво, дуто меҳроби тоқдори пур аз кӯрпаю болин – ҳама диданиҳо аз остона то пешгаҳи хона бо намои дилкашу зебо нигоҳҳои зебоипарастро маҷзуби худ месохтанд. Дар ҷойи нишаст номаълум панҷа аз рӯйи фаршу қоличаи дами дар кашида, пай бурд, ки ин нигораҳои дастсохт хеле маҳину мулоим бофта шудаанд ва нақшҳои пурпечутоби суннатӣ бар заминаи равшану нурзо оромиши бепоён ба зеҳни кас илқо мекунанд. Барои давоми бештар доштан дар таҳи по онҳо сохтори муҳкаму пурзҳои баланд доранд. Қолиҳои ба девор овезон низ ҳамсони фарш бо заминаи ялтиросӣ ва рангомезиҳои мураттаб ба чашм мерасиданд ва сатҳи махмалӣ дар онҳо аз корбурди пашми маҳину зариф гувоҳӣ медод. Ба вижа, бо хатту нақшҳои уребу доиравӣ ҳошиякашӣ кардани қолиҳо, ки ҷузъиёти тарроҳишуда ба таври мувозӣ такрор меёфт, саҷҷодаҳои ҷойнамозиро ба хотир меоварданд, вале бо андозаи калон. Фаршед ин гуна фаршу қолиҳоро танҳо дар хонаи Қозӣ Ҳушанг ва Содирамаки тоҷир дида буд ва бино ба гуфтаи модар, онҳо дар деҳа асосан аз пашми гӯсфанд бофта мешаванд ва аксаран дар ду навъ – қолу қоқма маъруфанд. Агар қоқма тахту дуруштбофт бошад, қол патдор асту мулоим.

Фарҳод нахост Баҳром ташвиш кашад, бо Фаршед аз дасторхони мизбон як луқмаӣ нон гирифтанду омин карда аз ҷо хестанд.

– Лутфи шумо бепоён аст, амак, ману додарам вақти кам дорем, – узромез аз дасти Баҳроми баззоз дошта гуфт ӯ, – бояд ба ҳаммом равем, чашмаю зиёратгоҳҳоро гардем ва аз ошноёнамон – эшонзодаҳо Саидҷону Атоҷон хабар гирем.

– Хеле хуб, то бозор шумоёнро ҳамроҳӣ мекунам, бубинем, дар дунё чӣ хабарҳои нав, – ноилоҷ ба якравии меҳмононаш розӣ шуда гуфт соҳибхона, – шояд як-ду ҳафтаи дигар ба кӯҳпоя бароям, ба навкарони Бобо Судур роҳбалад мешавам, мехоҳад пӯсту пашм ҷамъ оварад. Ин тараф пиёда равед, мешавад, дар бозгашт калобаю ранг медиҳам, аз ҳамин ҷо ба роҳ мебароед.

– Худам ҳаминро мехостам, дигар дар кӯчаҳои шаҳр бо хар гаштан намезебад, – аз пешниҳоди Баҳроми баззоз хушҳол шуда гуфт Фарҳод. – Фаромӯш накунед, амак, ҷумъаи дуюми моҳи сафар ба Бору биёед, падарам мунтазири шумо хоҳад буд.

– Додиям муллоиро қабул мекунад ва ҳам зан мегирад! – ҳамоно илова кард Фаршед ба ҳарфи бародар.

– Боракаллоҳ, писарам! – дасти худро ба китфи Фарҳод гузошта, бо навозиш тап-тап зад соҳибхона, дар ҳоле ки аз роҳпила ба поин мефуромаданд. – Ту кайҳо муллои калон шуда будӣ, номат дар Нур рӯйи забони мардум аст. Эшон Саидҷон дар ҳама нишастҳо аз ту ёд мекунад, мегӯяд, Фарҳоди Бору ситораи дурахшоне дар осмони мусалмонии кӯҳистони Нур аст, мисли вай ҳеч

кас қувваи ҳофизаи қавӣ ва овози хушу муассир надорад. Ҳар гоҳ ин таърифҳоро мешунавам, дар куртаам намеғунҷам ва ҳамоно бо ғурур меафзоям, ки Фарҳод писари дӯсти ман аст!

– Шумоҳо муҳаббат доред, дар муллоӣ мо пайрави эшонҳои покзода ҳастем. Саидҷон дӯсти ҳамсабақи ман аст, дар Бухорои шариф рӯзҳои сахти пур аз тазйиқ ва шабҳои ноорому бедорхобиҳоро гузаронда донишомӯзӣ мекардем. Эшон ҳатто як дона мавизро боҳам медид, бе ман як пиёла чой намехӯрд. Намедонам аз куҷо буд, барояш дасторхони обумева бисёр меомад, вале ӯ ҳамаро, чизе намонда, ба шарикдарсон тақсим мекард. Ин саховати ҷавони нурӣ барои муллобачаҳо шигифтангез менамуд, лекин ҳеч кас таҳашро намепурсид, гӯё ӯ мебоист ҳамин гуна амал кунад.

– Ҳанӯз ҳам саховату ҳимматбаландӣ хоси хонаводаи Эшон Мансурхон аст. Ду сол пеш худи эшон аз дунё гузаштанд, вале писаронашон Саидҷону Атоҷону Ҳалимҷон ҳам кори шариат ва ҳам илми тариқатро оличаноб идома медиҳанд, барои онҳо нағзӣ кардан ба мардуми одӣ волотарин амал ва мақсуди ниҳоӣ аст...

## Судурбобо

Хиёбони марказии шаҳр, ки охираш ба бозори калон мерасид, аз ҳар вақт дида тараддуди бештар дошт. Бар замми пиёдаравон саворaҳои аспу хару шутур, аробакашон ва онҳое, ки аз ҳар сӯ бузу гӯсфанду гӯсолаҳоеро кашола карда меоварданд, гарду хоки кӯчаро ба осмон бардошта, беназму бемизон ба пеш мехазиданд. Чор атрофи бозорро анбӯҳи одамон бо борубуна фаро мегирифт, сангпуштвор ба пеш мехазиданд, ҳар як даромадгоҳаш ба мисли орухона сарусадои беохири гӯшгире аз худ мебаровард. Баҳроми баззоз ҳамроҳи Фарҳоду Фаршед ба бозор нарасида, дар сари баромадгоҳи кӯчаи калони маҳаллаи Сайидато таваққуф кард ва дар ҳоле ки аз ҳайрату шигифт даҳонаш боз монда буд, лаб ба сухан кушод:

– Аҷабо?! Ин қадар одам зиёд аст, сӯзан партоӣ замин намеуфтад! Ғалоғулаеро то ин ҳад надидаву нашунидаам. Дар бозор хабаре ҳаст магар, ҳама дартоз ба он сӯ мераванд.

– Шояд гумоштаҳои нави амир барномае барпо карда бошанд? Субҳ мунодиҳояшон чун сагҳои сӯзанхӯрда ба ҳар сӯ медавиданд, бо тамоми овоз аз омадани беки нав хабар медоданд.

– Аз дасти ин бекҳо ғайр аз ҷаллодию талаю тороҷ чӣ ҳам меомад? Лаънатиҳо вақтҳои охир фақат ба домани ҷавонҳои боҳушу ҷаҳондида часпидаанд, шаккоку кофар шудаӣ гӯён калтаку шаллоқ мезананд, қамчинкорӣ мекунанд, ба сиёҳчол меандозанд. Ин худозадаҳо аз ҳад гузаронданд, кош артиши тазорӣ ҳамаашонро нобуд мекард!

– Онҳое, ки Самарқанду Бухороро гирифтаанд, аз ҳукумати тазорӣ нестанд, балки душманони он ҳукумат – сарбозони сурх будаанд, онҳоро булшевик ҳам мегӯянд.

– Ҳар ки бошанд, урусанд, аз иморатдорони мо бофаҳму донотаранд, хеле пеш рафтаанд, тиҷорату ҳунару санъатро хуб мефаҳманд.

Фарҳод ба хотири гарм кардани суҳбат боз ҳарфе заданӣ буд, ки чашмаш ба як гурӯҳ мардони салладору ҷомапӯш афтид, ки бо шитоб аз ҷониби маҳаллаи Сайидато роҳ мепаймуданд. Пеш-пеши онҳо як марди бовиқор аспсавор меомад ва бо ишораи даст ба ҳамраҳони худ чизҳоеро мефаҳмонд, ки пиёдаҳо бо сар тасдиқкунон даст ба сари сина мениҳоданд. Фарҳод он марди танумanди нурониро шинохт, бо ҳаяҷон ба Баҳроми Баззоз рӯ овард:

– Магар эшон Бобои Судур нестанд?

– Бале, худашон, – бо сухани Фарҳод ба сӯйи мардони омадаистода чашм дӯхта гуфт Баҳром, – Устод безобита менамояд, ноҳинҷорие рух додааст барин.

Ҳар се дар сари кӯча мунтазир монданд, то Эшони Судур бо одамонаш расида омад. Ӯ ҳамин ки Баҳрому Фарҳодро дид, бо садои баланд «тор-р-р» гӯён аспашро нигаҳ дошт ва бо ёрии як ҷавоне, ки тозон ба пеш баромад, аз ёлу зини асп дошта пиёда шуд. Ҳарчанд нахуст бо Баҳроми Баззоз вохӯрӣ мекард, бо хушҳолии беҳад ба Фарҳод рӯ оварда гуфт:

– Мулло додарамонро аз куҷо ёфтӣ, Баҳром, дар дили нигаронихо ба суроғи мо омадааст, боракаллоҳ! – ӯ беист барои Фарҳод низ бағал кушод ва дар идомаи суханаш бо ҷӯш шеър хонд:

*Дарди ишқе кашидаам, ки мапурс,*
*Заҳри ҳаҷре чашидаам, ки мапурс.*
*Гаштаам дар ҷаҳону охири кор*
*Дилбаре баргузидаам, ки мапурс...*
*Бе ту дар кулбаи гадоии хеш,*
*Ранҷҳое кашидаам, ки мапурс... –*

ин сурудат ҳеч аз хотирам намеравад, писарҷон, маро дар ҳузури Шокиракаю Мулло Дурандеш лол карда будӣ!

– Хоҷа Ҳофиз аст, ки ҳамаи моро бо каломи сеҳрангезаш лол мекунад, мо фақат ҳарфи ӯро бозмехонем, – кам наомада ҳозирҷавобӣ кард Фарҳод.

– Бозгӯйӣ ҳам ҳунар аст, алалхусус, агар бо лаҳни хушу гуворо бошад! Кай омадӣ ба Нур? Усто Шокиру ҳама бузургворони Бору чӣ ҳол доранд? Ҳамагиро хеле ёд кардам, дирӯз ба Баҳром мегуфтам, ки ҳам ба хотири дидору ҳам барои кор бояд деҳаҳои кӯҳистонро давр зада бароем.

– Мо доиман орзуи дидори шумо азизонро дорем, ҳар гоҳ ташриф оваред, дар хидмат хоҳем буд. Падарам салом расонданд, аҳли Бору ғарқи кору зиндагӣ, Худоро шукр, сиҳату саломат ҳастанд. Аммо, мебинем, ки Нури шумо пурфарёд аст, чӣ гапҳои нав?

– Ҳамин, мегӯянд беки нав омадааст, – бо шӯр сухан гуфт Эшони Судур, – пояш ба тахт нарасида ҷавонҳои моро асир кардааст! Ба мо ҳамроҳ шавед, меравем ҷавонҳоро озод мекунем, – бо ишораи эшон ҳама ба сӯйи бозор роҳ

пеш гирифтанд. Ҷавони қоқинаи хидматгор лаҷоми аспро муҳкам дошта ба канор рафт.

– Амираш фирор карду ин бек чӣ кораасти, устод? – ба сухан ҳамроҳ шуд Баҳроми Баззоз роҳравон, – ин хунхоронро бояд аз шаҳр берун андохт.

– Намешавад, инҳо ҳанӯз аскар доранд, мусаллаҳанд, – бо андеша ҳарф зад Эшони Судур, – фақат бо зиракию ҳила бояд дамашонро паст кунем. Шояд барои амирашон, ки думашро хода кардааст, ҷой омода мекунанд?

Фарҳод гуфт:

– Эҳтимол ҳамин хел бошад, Карминаю Нур ҳамеша ҷойи истироҳату фароғати амир буд, ба гумон аст ӯ ин ҷоҳоро ба осонӣ тарк кунад.

– Мо то имрӯз ҳар чӣ хостанд ҳозир намудем, вале бедодгариашонро то ин ҳад надидаем. Ин ҷо Бухоро нест, ки роҳат ҷавонҳоро шаллоқ зананду ба дор кашанд...

Фаршед хомӯшу гӯшу ҳуш ба суҳбати бузургон аз паҳлуи бародар канда намешуд. Ӯ медид, ки сари ҳар қадам одамон Эшони Судурро дида бо ҳурмат сари таъзим фуруд меоваранд ва бо ишораю такондиҳии якдигар ба ӯ ва гурӯҳаш роҳ боз мекунанд. Пешопеш пайи ҳам садоҳои пасту баланд шунида мешуд: «Ба Эшонбобо роҳ диҳед!», «Гардед аз пеши Эшон!», «Холӣ кунед дами дарвозаро!», «Зуд бошед, роҳ кушоед ба Эшон!» Маълум буд, ки аҳли Нур ба ин марди бовиқор, ки воқеан сеҳрангезу нуронӣ ба назар мерасид, эътимоди қавӣ доранд, ба ӯ бо иштиёқи баланд эҳтиром мегузоранд. «Ҳангоми бозгашт саргузашти ӯро пурсида мегирам», дар худ андешид Фаршед, «агар саҳоба набошад ҳам, азму чеҳраи саҳобагӣ дорад ӯ».

Дастаи Эшони Судур аз назди растаҳои деҳқонӣ гузашта ба самти чап печид ва бағал-бағали дӯконҳои қассобӣ ба тарафи растаҳои ҳунармандӣ роҳ пеш гирифт. Дар охири бозор, пас аз дӯконҳои чӯбтарошу мисгарон майдони васее барои муомилаи чорпоҳо вуҷуд дошт, ки як гӯшаи он зинабандӣ шуда буд. Зинаҳо рад-рад пушти ҳам, дувумӣ аз аввалӣ, севумӣ аз дувумӣ, чаҳорумӣ аз севумӣ ва ниҳоят панҷумӣ аз чаҳорумӣ баландтар қарор гирифта буданд. Ҳар гоҳ дар бозор хариду фурӯши мол ба авҷ мерасид, даллолон ва баъзан намояндагони қозӣ ҳарчи боло ба зинаҳо баромада, фурӯшандаю харидорро эълон мекарданд ва рӯйи нархи молашон савдои музояда мегузаронданд. Ин бор майдони зинадор ба танбеҳгоҳи беки нав табдил ёфта буд. Ба таври ҳалқаӣ давр то даври майдон мулозиму ясовулҳои бек меистоданд, дар зинаҳо чандин нафар амину мулозими ҷомаи кимхобпӯш бо саллаҳои сиёҳу сапеди ғафсу фашдор менишастанд. Дар болотарин зина бошад, марди шикамкалоне, ки сари шонаҳояш танг шуда ба гардан мечаспид ва чеҳраи пахне бо рухи дамидаю риши сиёҳи ғулу дошт, таёқи нақшдореро бо қуббаи заррин дар даст нигаҳ дошта менишаст. Ӯ ғазабнок менамуд, абруҳояшро гиреҳ карда, бодиққат ба майдони ҷазо, ки дар он ҷо дувоздаҳ нафар марди аз ним боло урён бо дастҳои баста сари дузону менишастанд, чашм медӯхт. Дар назди ҳар як асир навкаре миёнбаста бо калтаки шаллоқзанӣ рост меистод. Дар фазои танбеҳгоҳи серодам садои баланди ҷорчии бек, ки дар хусуси ҷинояту гуноҳҳои дастгиршудагон сухан мегуфт, пахш мешуд:

– Халоиқ, ҳой мардуми ноогоҳи Нур, ҳой мусалмонҳои ғофил! – мегуфт ӯ лабулунҷи худро пуркаф карда. – Нашунидам нагӯед, надидаам нагӯед, аз амру фармоиши додхоҳонаи беки муҳтарам, ноиби амири азимушшаън бехабар намонед! Ҳар касе, ки дар қиболи салтанати пайравони амир беэҳтиромӣ кунад ё аз иҷрои амру фармонҳои амиру навкаронаш сарпечӣ намояд ва ё дар роҳи Худову аҳли шариат шаккоку нобовар бошад, мубтало ба ҷазо, гирифтор ба шиканҷаи додхоҳи бузургвор хоҳад шуд! Имрӯз пойи муборaки беки одилу раиятпарвар, шайху додгари амири кабир ба замини Нур расид, вале ҳанӯз остонаи дафтардориро зер накарда, чашмони дурбину зеҳни нуктагири эшон амали манфуру иқдоми ношоистаи як идда аблаҳони сарироҳиро дида монд ва инак нишасти одилонае доир гашта, ки сарвари дурандеш он иддаи ноқобилро муҷозот мекунанд. Ин сархамони аблаҳу бемағзеро, ки дар маърази тамошо мебинед, бояд дарси адаб диҳем, дарсе диҳем, ки тамоми умр фаромӯш накунанд ва дигар ба фармонбарони амири оламтаноҳ суханони фаҳшу ҳақорат назананд ва роҳи онҳоро, ки ба сӯйи адлу оромию ободӣ аст, набананд. Ҳой халоиқ! – мунодӣ каме нафас рост карду дубора ба ваъзгӯйӣ даромад: – Нашунидам нагӯед, надидаам нагӯед! Ҳамоқате, ки ин мардони пойлуч кардаанд, доғу гардест нишаста бар рӯйи шаъну манзалати зимомдорони оқилу ҳамадон ва алҳақ, нобахшиданӣ. Бо ин ҳол, беки раҳмдилу мурувватпешаи мо носипосии ин нокасонро нодида гирифта, амр карданд ҳар якеро фақат ҳуфтодупанҷборӣ калтак занем. Ин ҷазо бояд ба ҳар касе, ки дар роҳи зимомдорӣ пешпо мешавад ва беҳурматию қадрношиносӣ дар ҳайси бузургворон мекунад сабақ гардад, зеро рафтори кӯр-кӯрона оқибати хайр надорад...

Эшони Судур бо ҳамроҳони худ майдонро давр зада ба минбари зинабандшуда наздик шуд. Дастаи ӯ дигар он гурӯҳи хурдаки пештара набуд, балки аз селаи одамони ба шӯр омада таркиб меёфт, ки раҳорах ба Эшон пайваста буданд. Ҳанӯз ба минбар нарасида чанд навкари силоҳбадаст пеши роҳашонро гирифтанд, аммо онҳо кучову зӯри Эшону ёварони барошуфтаи ӯ! Бекро хабардор карданд, қозии тамаллуқкор, ки сар ҷунбонда ба ҳар як сухани мунодӣ бо аломати тасдиқ сар такон медод, ҳамоно баробари дидани «исёнгарон» ба сарвари нави худ рӯ оварда бо ҳарос арз кард:

– Эшони Судур меояд, бузургворам, чӣ амре медиҳед?

– Кист ӯ?

– Сарвари эшонҳои Нур, руҳонии мардум аст!

– Бо зӯр мешавад ӯро яксӯ кард? – қиёфаи турши худро боз накарда гуфт бек.

– Ба гумон, – ваҷоҳати қозӣ аз тарс пур шуд, – агар ин корро кунем, ин ҳама одам ба болои мо фурӯ мерезанд.

– Бояд пурсуҷӯро канор гузорем?

– Оре, бузургвор, дигар чорае надорем.

Ҳамроҳони Эшони Судур дар канори ҷамъшудагон навкарони бекро низ теладеҳон роҳи уруҷ ба зинаҳоро барои роҳбари худ боз карданд. Эшон дар поёни зинаҳо бозистод ва аз миёни пайравонаш танҳо Қадамҳоҷӣ, ки аз

эшонҳои бартари Нур буд ва Фарҳодро ба сӯйи худ хонда, сарашро бо виқор ба боло кашиду қадамҳои устувор ба сӯйи болонишинон бардошт. Бо ишораи бек навкарони мудофеъ музоҳими ӯ нашуданд. Ба маҳзи ин ки бек дар муқобили худ пири нуронӣ ва ботамкинеро дар ҷомаи фохираву саллаи порсоён дид, ки шоду беғубор китоби бузургеро дар даст дошта, бо чашмони пур аз маънӣ ба ӯ назар мекард, беихтиёр ҳуш аз даст дод ва ҳама виқорро фаромӯш карда сари по рост шуд. Эшон бо мулоимат ба сухан омад:

– Хуш омадед, бекбобо, аҳли Нуру нурониёни ин диёри бостонӣ, ки нури Бухорои Шариф бошад, шуморо хайра мақдам мегӯянд!

– Хушбахт бошед, – лабонаш пир-пир парида ҷавоб дод бек, дар ҳоле ки маълум буд садои Эшон ӯро ба ҳаяҷон водор кардааст, – гуфтанд аз садрнишинони ҳазрати амир ҳастед?

– На то ин ҳад, вале умедвор будем шумо бо бузургвории худ сараввал оромгоҳи Ҳазрати Абулҳасан ва кошонаи ин бандаи ҳақирро зиёрат мекунед, – то ҷон расонда сухан гуфт Эшон ва аз баёни сухане чун тир худдорӣ накард: – Ин ҳам дарди бахайр, дар нахустин рӯз асир гирифтану шиканҷа додани одамони бегуноҳ чӣ маънӣ дорад?

– Эшон... – қозӣ дар канори бек ноором шуд, мисли ин ки кайк ба танаш роҳ ёфта буд. Аминҳои гирду бари бек низ бо нигаронӣ дар худ печиданд.

Эшон ба эътирози қозӣ таваҷҷуҳе накарда, ба бек низ имкони сухан кардан надод:

– Медонед, мардум ба чӣ ниёз дорад?

Нигоҳҳои гирои эшон кори худро карданд магар, бек бо он ҳама салобат сари ҷо хомӯшу музтар монд, мисли ин ки забонаш ба кунҷи ҳалқ фурӯ рафта бошад. Аз тарс буд ё аз хашм, гунааш то пушти гӯш сурх шуда рафт, аз моварои пилкзаниҳои тез равуои беисти мардумакон ба рӯйи пардаи сапед дида мешуд, дасти таёқдор ба ларза омад. Эшон аз ӯ ҳарфе нашунида бо нигоҳи пурсиш ба Фарҳод рӯ овард.

– Дар ҳадисе омадааст, ки мардум ба се чиз ниёз дорад: амният, адолат ва фароғат, – ҳамоно посух дод Фарҳод.

– Чӣ гуна адолат беҳтарин аст?

– Беҳтарин адолат ёрӣ ба мазлум аст!

– Ҳар кас боадолат бошад, Худованд ҳукуматашро ҳифз кунад, – афзуд Қадамҳоҷӣ ба суханони Фарҳод.

– Оре, Худованд адолатро барои оромиши дилҳо воҷиб кард, – гуфт бо таъкид Эшон, – шумо, бекбобо, ин одамони моро ҷавоб диҳед. Донед, ки ин адлатон ба дили мардум ҳаловат мебахшад, – ба фавҷи одамони гирдомада рӯ гардонда афзуд ӯ, – ва ҳамин имрӯз ба меҳмонии мо ташриф биёваред, ки бо дилу ҷон дар хидмат бошем...

Суханҳои Эшони Судуру ҳамроҳонаш бетаъсир намонд. Бек наметавонист амри хоҳишомези онҳоро, ки то қаъри ҷон гузар карда буд, нодида гирад. Дар ҳоле ки пай мебурд, боре ҳам ин қадар мутаассир нашудааст, риши ғулуи худро хилолкунон ба пеш по ниҳод ва дасте ба китфи

Эшон гузошта, ба самти поин қадам зад. Мунодии чанд лаҳза об дар даҳон гирифта аввал ба ӯ ва сипас имдодҷӯёна ба қозӣ дида дӯхт.

– Аз гузашту муруввати ҷаноби бек эълон кун, ҳамаро ҷавоб диҳанд, – аз ҳаракатҳои сарвари нави худ рамуз гирифта ба ҷорчӣ гуфт қозӣ ва ӯ низ саросема аз қафои беку Эшон ба роҳ даромад. Чанд амин, гӯё ба танашон кайк роҳ ёфта буд, бетоқатона ба думи беки нав часпиданд.

Садои баланду гӯшгири мунодӣ дубора дар фазои майдон пахш шуд:

– Имрӯз офтоби саъд, анвори ҳилму карами ҷаноби бек ба сари нуриён дурахшид. Ҳой халоиқ, ин муруввтатро бо диди тоза қабул фармоед ва дар ҳаққи фармонбари амири азимушшаън, беки бузургвор дуо кунед, ки бандаҳои гунаҳкор озод шуданд. Адлу ростӣ тантана кард, шаккокию ҳамоқат бахшида шуд, ҳама шод бошеду дасти ҳам бигиред. Инак, дар ҳаққи беки одилу ҳушмандамон дуо гӯед!

Фаршед ба куллӣ ранги дигар гирифтани манзараи бозорро дида, бо тамоми вуҷуд хушҳол гардид. Агарчи асирони дастбастаю залил дили ӯро ғарқи ғаму андуҳ карда буданд, ин лаҳза кандану афкандани занҷирҳои дасту пояшон дидаҳои ӯро ғарқи ашки шодӣ кард. Пай бурд, ки инсонҳои дилёбу дарёдил, мисли Судурбобо, метавонанд ҳатто дили сангро об кунанд ва оби ҷорирo ба роҳи худ равон созанд. Дар миёни издиҳоми бозор аз дунболи бародар мерафту ба ҳоли асирони дасту побаста дилвопас буд. Сари ҳар қадам қомат рост кардани навкарони ахмуи калтакдор ва мулозимони абопӯш бо беки мағрурашон дили ӯро ба таҳ кашида, аз пешомади ногуворе дарак медод. Аз хаёл мегузаронд, ана-ана ҳамин дам мардони нимаурёни бандӣ зери шаллоқ хоҳанд монд, ба онҳо касе наметавонад ёрӣ диҳад, касе ёрои ҷилавгирӣ аз лахтулаб шудани пӯсти бадани онҳоро надорад. Ҳар як навкаре, ки болосари асир чун сих меистод, чеҳраи қаҳролуд дошт, аз ғояти ҷаҳлу ғазаб буд ё бехобию шиканҷаи роҳ, гӯё хун ба чашмонаш дамида менамуд. Вале, дар як чашмпӯшӣ саҳнаи тамошо ранги дигар гирифт, майдоне, ки мебоист хунхориеро ба намоиш гузорад, ғарқи шӯру шаафи ҳозирин гардид. Хурду калон дасту позанон аз озод шудани асирон табли шодӣ заданд, шавқу сурури Фаршед низ дар ин миён бепоён буд. Ӯ ба хубӣ дарк кард, ки рӯзгор ҳамеша ба як қарор намемондааст...

## Гармоба

Осмони Нур ҷомаи ҷиғда-ҷиғдаи сапеду обиранг ба бар дошт, мисли ин ки абои дарвешонро ба амонат гирифта бошад. Аз боло дӯшизаи фалак бо анвори заррину мулоими худ аз ҳазору як сӯрохии он ҷомаи порашуда убур карда, ба сӯйи заминиён чашмак мезад. Дили ҳаво мехост гарм бошад, вале аз дасти абои лахтулаби осмонӣ ва насими сарди поизӣ, ки аз самти қалъаи Нур мевазиду ҳавои серун ба бор меовард, хушку хунуксада метапид. Дар кӯчаю хиёбонҳои шаҳри Нур, ба вижа, дар ҳаволии бозоргоҳу Чашмаю пойгаҳи Қалъа сели одамон аз ҳама вақт дида бештар ҷорӣ мешуд. Боди ҳаёҳу ва фарёду хурӯши шаҳриён аз ҳар сӯ ба димоғ мезад. Овозу сарусадоҳо то ҷое

рӯйи ҳам менишаст, ки намешуд арзу паёми ҳунармандону косибон ё пешавару пилаваронро аз ҳам ҷудо диду шунид. Бо вуҷуди ин, беш аз ҳама пӯшт-пӯштгӯйии аробакашону соҳибони бор ба гӯшҳо симоб мерехт. Хурду калон, зану мард тараддуди номуназзаму парешон ба чаҳор сӯй доштанд, ҳар кӣ овораи кори худ дунболи сарубарги зиндагӣ метохт. Ба назар мерасид, баракаи рӯзи ҷумъа беинтиҳо аст, ҳар кас мехоҳад дар ҳамин рӯз доду ситаде кунад ва самару подоше барои худу хонаводааш фароҳам оварад.

Пас аз худоҳофизӣ бо Баҳрому Эшони Судур, Фарҳод дасти Фаршедро гирифта, аз миёни анбӯҳи одамон бозорро миёнбур карда ба кӯчаи Чашма баромад. Аз пушти ҳисори бозоргоҳ хиёбони сангфарши васеъ мустақим то остонаи маҷмуаи Чашма тул мекашид, ки ҳошияҳои он аз самти рост бо дӯконҳои ба ҳам муттасили савдогарони хурдафурӯш ва аз ҷониби чап бо наҳри сероб пайваст мешуд. Оби наҳр аз даҳанаи танги Чашма берун ҷаҳида, қариб то ним чақрим дар роҳи худ ором мерафт ва аз бағали чойхонаи суннатӣ гузашта, дар сӯрохии ҷӯйи болопӯшидае нопадид мегардид. Фаршед аз қафои бародар роҳравон ду чашм ба наҳри камбари зинда баста буд ва наметавонист аз оби мусаффои он, ки гоҳ-гоҳ бо акси нурҳои хуршед ханда мекарду дар дилаш садҳо моҳии яксохти бесабр равуо доштанд, дида бардорад.

– Ин ҳанӯз ҷӯйи Чашма аст, додар, – таваҷҷуҳи аз ҳад зиёди Фаршедро пай бурда ба сухан омад Фарҳод, – ҳусну намои сеҳрангези ин манбаи зиндагӣ дар пеш аст. Мо аз сарамон об гирифта, ба он ҷо меравем, марқади Ҳазрати Абулҳасану модарашона зиёрат мекунем, дар масҷиди ҷомеъ намоз мегузорем ва ба серӣ аз оби поку мусаффо мехӯрему моҳиҳоша тамошо мекунем!

Бародарон аз зинаҳои мобайнӣ, ки хиёбонро ба наҳр мепайваст, давида ба поён фуромаданд ва аз болои пули борике гузашта, дар самти муқобил пасу пеш рӯйи суфаи махсуси обхӯрӣ қарор гирифтанд. Ҳам хастагии роҳ ва ҳам иштиёқи ҳарчи зуд расидан ба оби Нур буд, ки ҳар ду кафҳои худро пур-пур карда об хӯрданд: «Худоро шукр!» Бо адои шукри неъмат, ба қафо гашта аз бағали чойхона ба самти рост печиданд. Дар роҳраве, ки ба таври мувозӣ бо наҳр ба боло имтидод дошт, ва дар самти чапи он майдоне бо ниҳолҳои бешумори зинатию манзаравӣ ҷой хуш мекард, ба сӯйи ҳаммом роҳ пеш гирифтанд. Ин ҷо одам кам ба назар мерасид, маълум буд, ки барои оббозӣ кардан ҳанӯз зуд аст. Ҳавсалаи Фаршед сар мерафт, аҳёнан тезтар қадам зада аз бародар мегузашт, вале ҳеч гуна гармоба ба дида наменамуд. Фарҳод бошад, ба ин шитоби ӯ парвое надошт, беохир ба майдони сердарахт, ки бештар буттаҳои аз гул мондаи настарану садбарг ва коҷу сарву санавбарҳои сарсабзи он хаёлро мерабуданд, чашм медӯхт ва тугмаи гиребони пероҳанашро ҳам боз карда аз насими сарди поизӣ ҳаловат мебурд.

Ниҳоят, дар охири роҳрав, аз пушти дарахтҳои самти чап хонаи хиштини гунбаздоре намудор шуд. Аз ҷое, ки майдон бо кашидани тавораи ҷӯббофт тамом мешуд, роҳзинаи сангӣ ба поин мерафт ва ба саҳни ҳавлии ҳаммом даст медод.

– Ана, ин гармобаи Нур аст! – хушҳолона ба тарафи иморати мустатилӣ, ки пештоқи баланд ва дар пушти сақфаш ду рад гунбазакҳои кӯтоҳу дар васат

гунбази саркашидае дошт, ишора кард Фарҳод. – Ҳайрон нашав, дар бисёр шаҳрҳо, одатан, ҳаммомро дар шамолпанаҳӣ месозанд. Аксаран поинтар аз кӯчаҳо заминро мекананду девор мебардоранд ва атрофашро бо хок пур мекунанд. Медонӣ барои чӣ?

– Чун ба навъе маҳалли халоҷо[53] аст, шояд хостаанд аз чашм дуртар бошад? – дарҳол ҳар чӣ ба зеҳнаш зад ба забон овард Фаршед.

– Не, ин гуна сохтусоз ду далели асосӣ дорад: аввал ин ки, оби ҷӯйро бо нову лӯлаҳои сафолӣ хеле осон ба созаҳои обгир ё дегҳои бузургу хазонаҳо савор мекунанд ва дигар, ба хотири гарм нигаҳ доштани обуҳавои дохили ҳаммом.

– Яъне, гуфтанӣ ҳастӣ, ҳар қадар иморат пинҳон бошад, таъсири боду борону ҳавои сард камтар аст, бале?

– Оре, дақиқан ҳамин тавр!

Вақте ки бародарон ба ҳаммом наздик шуданд, Фаршед беихтиёр садо баровард:

– Баҳ-баҳ, чӣ сардари зебое! Дар васати нақшунигори рангин Хуршед нур мепошад ва катибаи «Гармобаи Нур» ҳам ба мисли тоҷе бар сари Офтоби заррин нишастааст.

– Чашмҳоят фақат зебоира мебинад, додар! Дар воқеъ, ҳар як гӯшаи ин бино муъҷизаи диданӣ дорад. Ба он ду панҷарае, ки дар ду ҷониби даромадгоҳ аст, нигоҳ кун. Ҳар ду шабеҳи якдигаранд ва нақшунигори даври сардар дар онҳо такрор ёфтааст.

– Гап нест! Девораш ҳам аз хишти пухта будааст, бубин, додӣ, гӯё бо хишт гулчинӣ кардаанд.

– Ин гармоба аз ҷумлаи биноҳоест, ки куллан бо хишти пухта сохта шуда, бо кошиҳои муарраақ ороиш ёфтааст ва роҳравҳою фарши он бо санги мармар пӯшонида шудааст. Ин ҷинсҳо дар муқобили ҳар гуна рутубату гармову сармо тоқатпазиранд ва аз ин хотир ҳам, гармобаамон солҳои зиёд побарҷо монда...

Ҳанӯз вориди сардархона нашуда, ҳар дуро як марди қадкӯтоҳи тупул[54], ки ришу мӯйлаби ғулуи сиёҳ дошт ва болои ҳам яктаҳу ҷома пӯшида, ба сар саллаи сиёҳранги боҳайбате гузошта буд, пешвоз гирифт. Ӯ бо эҳтиром даст ба сари дил гузошта гуфт:

– Хуш омадӣ, Мулло Фарҳод, нури дида, тоҷи сар!

– Ҳоҷибобо, салом! – ҳамоно ҷавоб дод Фарҳод. – Касе наменамояд, гармобаатон баста нашудааст, мабодо?

– Не, чиҳо мегӯйӣ, шояд тамоми ҳаммомҳои ҷаҳон варшикаст шаванд, вале гармобаи мо аз кор намеафтад! Фақат, ҳанӯз каме зуд аст, баъд аз пешин дарамон ғарқи ниёзмандон мешавад.

– Пас, мо аввалин муштариёни шумо ҳастем!

[53] **Халоҷо(й) (خلاجا(ی)** – хало, ҳоҷатхона, обхона
[54] **Тупул تپل** – гирду фарбеҳ

– Оре, марҳамат ба дохил, – аз сардархона ба самти ҷомагаҳ[55] роҳнамоӣ карда, ҳаммомӣ худаш низ аз қафо омад ва каме баланд садо зад: – Қучқор, меҳмон омад, ба дарун бар! Зуд бош, dampoӣ, сачоқ, собун, лунгиҳои тоза – ҳар чӣ ҳаст омода кун!

Бо нидои «чашм!» ҷавони борикандоми тоссаре давида ба роҳрав баромад ва бо таъзим дар пеши ҳаммомӣ рост истод, то ки тозаомадаҳоро ба хонаи дарун барад. Фарҳод бо ризомандӣ аз илтифоти хидматкорон гуфт:

– Дасти шумо дард накунад, Ҳоҷӣ Анвар, лутф кардед! Ин тарафаш худамон, шумо заҳмат накашед.

– Кори мо ҳамин, агар хидмати муштмол лозим шуд, вай ҳам дар дохил аст. Ҳар чӣ майл доред аз Қучқор бихоҳед, омода мекунад. Ман дар айвон бо чойи талх мунтазиратон мемонам, ҳаммоми хубе дошта бошед!

– Ташаккур!

Дар пойгаҳи ҷомагаҳ Қучқор ду ҷуфт дампойии чарминро пеш гузошт. Ҳамин ки Фарҳоду Фаршед кафшҳои худро иваз карданд, онҳоро ба дохилтар фаро хонд ва ба ду қафасаи чӯбин, ки дар дохил чангакҳои филизӣ барои овехтани либос доштанд, ишора карда гуфт:

– Марҳамат, либос кашед, ман лӯнгӣ медиҳам.

Сипас ба қафо гашта, аз сандуқе, ки дар пешгаҳи ҷомагаҳ буд, ду даст порчаи пахтагини таҳхӯрда, ду кисаи баданмолӣ ва дуто сачоқи тозаро берун овард. Лавозимро рӯйи ду курсӣ, ки рӯ ба рӯйи миҷозон буд, гузошт ва беист ба гӯшаи дигари ҷомагаҳ, ки дар он ҷо девори дарункавшуда ба шакли меҳроб чанд қатор раф дошт, сар зад. Аз он ҷо ҳам дутой собуну санги по ва лагану обрезаки дастадор оварда дар назди курсиҳо гузошт.

Фаршед бори аввал ба чунин гармоба меомад ва аз пайи бародар ҳар як амалро такрор мекард. Барои ӯ ошноии ҳаммомӣ бо бародараш ва ҳаракатҳои муназзаму чусту чолокии хидматкор хеле хуш омад. Аз зери чашм давутози Қучқорро хонда, дар дил завқ бурд. Вақте ки навбат ба либоскашӣ расид, дигар бо изо худдорӣ кард. Дар пеши назар Фарҳод рӯ ба қафаса истода, абоюю пираҳану шалворашро дар овард ва лӯнгии гузоштаи хидматкорро аз камар ба поин печонида баст. Сипас лагану лавозими шустушӯро ба даст гирифта, ба Фаршеди дудила рӯ овард:

– Таёқ шуда мондӣ, зуд бош! – ҳамин ки дарёфт Фаршед аз бараҳнашавӣ хиҷолат мекашад, бо табассум афзуд: – Ҷойи шарм нест, додарҷон, ба ин гармобаи умумӣ мегӯянд, танҳо мардон аз сар об мегиранд, агар лозим шуд, лухту урён ҳам ба об медароем. Канӣ, либосҳоята кашу ин лӯнгира банд ва лагану собуну санги пою сачоқата гиру аз паси ман биё, тез шав!

– Ҳам сардхона ва ҳам гармхонаи ҳаммом тозаю озода аст, хазонаҳо[56] об доранд, – дар миёни сухани Фарҳод гуфт хидматгузор, – агар ниёз доред, даллокро[57] ҳам садо мезанам, бароятон муштмолӣ мекунад.

---

[55] **Ҷомагаҳ جامه گه** – ҷойи либоскашӣ, утоқи рахткан, гардероб

[56] **Хазона خزانه** – ҳавзи оби гармоба

[57] **Даллок دلاک** – танмоланда; *ин ҷо:* кисакаш *(касе, ки дар ҳаммом тани муштариёнро мемолад, то шустушӯ осон шавад)*

– Зарурат надорад, мо худамон пушти якдигарро мемолем. Ҳама чиз ҳаст, танҳо пас аз оббозӣ боз яктоӣ лӯнгии хушк лозим мешавад.

– Ҳатман, дар сардхона рӯйи тахтапояи либосворӣ мегузорам, – гуфт хидматкор ва ду пиёла оби гарми омодакардаашро ба бародарон дароз кард.

– Ташаккур, – оби пиёларо хӯрда гуфт Фарҳод ва ба Фаршед рӯ оварда амромез гуфт: – ку, рафтем ба дохил!

Ҷомагаҳ бо роҳрави борик ба сардхона мепайваст, ки хонаи аввали шустушӯй буд. Дар мобайни ин утоқ як ҳавзаки пури об дида мешуд, ҳавои нисбатан гарм дошт. Дар атрофи ҳавзак гирдогирд кундаҳои софу сайқалшудаеро гузошта буданд, ки ҳаммомкунандаҳо метавонистанд рӯйи онҳо нишаста аз сари худ об резанд. Фарши хонаро пӯшиши мармарии хокистарранг оро медод, аз тозагӣ барқ мезад. Аз сақфи сардхона чилчароғе овезон меистод ва дар қисми васлшавии гунбазу деворҳояш чанд токчаи панҷарадор ва шишакоришуда равшании берунро ба дохил инъикос мекарданд. Аз он ки гармоба холӣ буд, Фаршед хушҳол шуд. Ӯ бо ҳавас намои сардхонаро тамошокунон аз пайи Фарҳод омад ва бар рӯйи як кундакурсӣ нишаста, пайрави ӯ лагани худро бо об пур кард.

– Ин ҳавз оби ширгарм дорад, – ба сухан омад Фарҳод, – мо танҳоро ба об одат кунонда ба гармхона медароем. Дар он ҷо шустушӯ мекунем.

Фарҳод лагани обро аз сар рехт ва дубора онро пур кард. Фаршед низ аз сари худ об рехт ва бо хушҳолӣ гуфт:

– Маза, чӣ қадар оби форам аст!

– Бо ин карраҳоят[58] намебароядн, се-чор лаган об рез, ба байти дуюм медароем. Он ҷо мазара мебинӣ!

– Не-е?!

– Оре, гармобаи асосӣ он ҷост! Ҳам ҳаловат мебарӣ, ҳам аз гарду чирк раҳо мешавӣ. Дар ин гармобаҳо одам фақат шустушӯй намекунад, ҳамчунин руҳу равони худа пок месозад. Бо оби гарми ҳаммом сардиҳо аз бадан зудуда ва балғам об мешавад. Ҳафтае як бор ба ин гуна гармоба дароӣ, асабҳоят нарм мешавад, худа озоду сабук ҳис мекунӣ.

– Чӣ қадар нағз... Хидматкори ҷомагаҳ ба мо оби гарм хуронд?

– Бубин, дар ҳама ҷо гармобаҳо фазоҳои сарду муътадил, гарму тар ва гарму хушк доранд, ки вобаста ба табъи бадан дуруст шудаанд. Ҳар кӣ ба ҳаммом меояд, набояд сармо хӯрад ё исҳол гирад, ё ҳолаш беҷо шавад. Аз ин хотир, ҳаммомдорон ҳам ҳавои дохили хонаҳора ба тадриҷ мусоиди бадан мекунанд ва ҳам табъи миҷозони худа пеш аз обтанию пас аз он бо додани оби гарму чой мутобиқи обуҳавои гармоба месозанд.

Фарҳод обрезиро қатъ кард. Лагану лавозими шустушӯро гирифта ба самти гармхона рӯ овард ва роҳравон ба суханаш идома дод:

– Шуд, додар, акнун бемалол ба байтулҳарора[59] медароем.

---

[58] **Карра كَرّه** – чирк *(-и бадан)*

[59] **Байтулҳарора بيت الحراره** – хонаи гарм, ҳуҷраи оби сӯзон дар ҳаммом *(Фарҳод гоҳ-гоҳе қасдан вожаю ибороти мушкилфаҳмро мегуфт, то бародараш бештар мафоҳиму маъниҳоро ёд бигирад)*

– Бошад, – дарҳол ба по хест Фаршед, чун ба дидани хонаи асосии ҳаммом бештар иштиёқ дошт.

Дар назари ӯ намои сардхона дубора ҷилва кард: ҳамон сангнамои фарш, кошиҳои муаррақи девор, чилчароғи овезон аз сақф, гунбади баланд, токчаҳои панҷарадор, ҳавзаки об... Вале, дар ҳақиқат, ин ҷо ба маротиб гарм буд, бухоре, ки беист хориҷ мешуд, аз ҳарорати баланд доштани оби ҳавз гувоҳӣ медод. Санги фарши ин хона бо ранги лоҷвардӣ рӯ боз мекард ва гирдогирди ҳавзак бар замми курсикундаҳо се рад зина ба поин мерафт, ки барои обгирӣ мусоидтар буд.

– Дохили ҳаммом рӯзона бо даричаҳои нургири худ равшан аст, шамъу чароғҳоша фақат шабҳо дармегиронанд. Мо дар беҳтарин вақт ба оббозӣ омадем, ҳам об тоза аст, ҳам гармоба! Бубин, ҳама ҷо дар назар ҷило медиҳад, гӯё ин созаи муҳташама ҳамин рӯз сохта ба истифода додаанд! – Фарҳод лавозими шустушӯро дар канор гузошта рост ба ҳавзаки оби гарм даромад ва дар поёнтарин зина нишаст. Ду кафи дасти худро пур карда ба сар об рехтан гирифт ва бо тамоми вуҷуд ҳаловат бурда, ба Фаршед рӯ овард: – Биё, додар, ин роҳата дигар дар ҳеҷ ҷо намеёбӣ, зуд бош, худата ба об парто!

Фаршед аз сар партофтан худдорӣ карда, омаду дар бағалдасти бародар нишаст ва кори ӯро такрор кард. Чанд бор ба тану сару дӯши худ об зада бо хушҳолӣ гуфт:

– Оби байтулҳарора, ба ростӣ, сӯзони форам будааст, маза!

– Бадан ҳар қадар бештар дар дохили об монад, зиёдтар мефаразад ва чирку карра осон дармеояд. Ин фазою ин гуна обуҳаво фақат хоси ҳаммомҳои умумӣ аст, ки аз қадим дар шаҳрҳои мо фаъол будаанд. Нақл аст, ҳатто дар аҳди бостон – аз замони Меҳрпарастон гирифта то Зартуштиҳо, пеш аз ҷашну маросимҳо ба гармобаҳо рафта худа пок мекардаанд. Сипас, ин одати нек чӣ ба сурати воҷиб, чӣ ба унвони мустаҳаб ба мусалмонҳо мегузарад ва татҳиру ғусл кардан чун одати ҳамешагии аҳли поксиришту фарҳангӣ боқӣ мемонад, – Фарҳод як дам аз сухангӯйӣ бозистода ба Фаршеди беҳаракат амр дод: – аз ҳавз набаро, додар! Дар таҳи об тамоми таната молида ист, олудагии бадан ки мулоим шуд, ба пуштмолию кисакашӣ мегузарем.

– Намолида ҳам гӯё ҳама мағору ғубор аз пӯстам ҷудо шудааст. Бе гап, ба шаҳриҳо ҳавасам меояд! Ҳар рӯз метавонанд дар ин гуна гармобаи гарму ҳаловатбахш аз сари худ об гиранд.

– Аммо ин хел нест, додар. То ҷое, ки медонам, маъмулан ҳафтае як бор ба ҳаммом меоянд ва дар давоми рӯз ҳам вақти ҳаммомравии мардону занон ҷудо аст. Дар Нури мо гармоба аз субҳ то аср дарҳои худа барои мардон боз мекунад ва аз дами аср то вақти хуфтан дар ихтиёри занҳо аст.

– Гуфтӣ, шумори муштариён зиёд мешавад, дар байнашон номуросоӣ пеш намеояд? Ба ҳар ҳол, бӯйи бадан, ах-туф, чалп-чулпҳои нофорам гуфтагӣ чизҳо ҳаст...

Фарҳод ба завқ омад, бо дилгармии бештар ба суҳбат идома дод:

– Не, додари азиз, ҳамин гармоба яке аз ҷойҳои поку дилнишине аст, ки хурду калон ба якдигар муомилаи хуш мекунанд, ба ҳам эҳтиром мегузоранд,

дастёрии худа дареғ намедоранд. Яке аз одоби ҳамида ин аст, ки навомада ҳатман ба дохилиҳо салом арз мекунад, бо лутф «тандурустӣ мехоҳам», «офият бошад» мегӯяд. Лаганҳои ҳамраҳонаша бо об пур карда медиҳанд, тахтапушти ҳамдигара мемоланд. Ҳеч гоҳ касе бо садои баланд гап намезанад, баду бероҳ намегӯяд, агар ах-туф карданӣ шавад, ҳатман ба як гӯша меравад. Оре, муҳити гармоба фарҳанги одобу сунатҳои мардумро нишон медиҳад ва бе муболиға, то ҷое бозгӯйи ахлоқи одамон аст. Дар ин ҷо мафҳуми каси худу бегона вуҷуд надорад. Ҳар як ҳаммомкунанда меҳру муруввати худро ба ҳар кӣ пеш омад, арзонӣ медорад. Ба хусус, ҷавонҳо ба бузургсолоне, ки дар саҳни гармоба нишаста аз сари худ об мерезанд, собунзанӣ ё лифу кисакашӣ мекунанд, бо изҳори адабу тавозуъ ёрӣ мерасонанд.

Фаршед аз суханҳои бародар неру гирифта изҳор кард:

– Биё, додӣ, ман баданатро собун мезанам, муштмолӣ мекунам!

– Рост мегӯйӣ, бисёр дар об нишастем, бояд ба шустушӯ гузарем, – гуфт Фарҳод ва ташти худро бо об пур карда ба Фаршед рӯ овард: – Ту ҳам дар лаганат об гир, ба саҳни ҳаммом мегузарем. Аввал нағзакак собун зада баданҳора мешӯем, сипас ба муштмолию кисакашӣ мегузарем.

Дар ҳамин асно ба гармхона ду мард бо ду писарбача, ки ҳама пешу паси худро аз миён поин лӯнгипеч карда буданд, ворид шуданд. Рухсори ҳар яке аз хушҳолӣ гул мекард, баробари даромадан марди бузургӣ дасти рости худро аз сари дил ба боло афшонда гуфт:

– Офият бошад!

Ҳамоно Фарҳод ҷавоб дод:

– Сипос, бародарон, бифармоед, ба мо ҳамроҳ шавед.

– Баҳ-баҳ, чӣ қадар тозаю озода аст ин ҳаммом! Об чӣ хел?

– Бале, бародар, ҳазури ҷон! Об ҳам гарми бафорам, ба ҳадде, ки бадан таҳаммул мекунад, роҳат мебаред.

Дар ҳамин лаҳза яке аз писарбачаҳои тозаворид давида омаду лагани оби Фарҳодро аз дасташ гирифт ва ба пешгаҳ, ба саҳни гармоба бурда монд. Ва писараки дигар ҳам кори ӯро барои Фаршед такрор кард. Фарҳод бо хушнудӣ изҳори сипос намуд:

– Дастатон дард накунад, боракаллоҳ шербачаҳо!

Вақте ки ҳар ду писарак мамнун аз амали худ фурӯтан ба қафо гаштанд, Фаршед бо дилгармӣ ба ин бархӯрд, гуфт:

– Инҳо аллакай одоби ҳаммомравира ёд гирифтаанд, мана лол карданд.

– Оре, аз чашмаи тарбият об хӯрдаанд. Ҳамин гуна алоқаю меҳрубонӣ инсонҳора ба якдигар наздик мекунад, агар аз дастат ояд, ҳиммати худа дареғ надор, дар кори хайр ҳоҷати ҳеч истихора нест! – гуфт Фарҳод ва як он бетоқат шуда афзуд: – Биё, зуд бош додарҷон, баданҳо хушк нашуда собунзанию шустушӯ кунем...

Забони ширин чи ҳикматҳое дорад! Дӯстона ва меҳрубонона ҳарф задан ба ҳар кас роҳату оромӣ ато мекунад. Мегӯянд, забони ширин морро аз сӯрох берун оварад! Оҳанги хушу гуворо чӣ? Ин мояи оромбахш низ мағзҳоро куллан фаро мегирад ва аз ҳар гуна эҳсоси нигаронию ҳаяҷон фориғ месозад.

Бешак, корҳои зиёде ҳастанд, ки дили инсонҳоро ба зиндагӣ гарм ва ҳушу ҳавоси онҳоро осуда мекунанд. Масалан, хондани як китоби хуб. Бо фурӯ рафтан ба навиштаҳои дилчаспу дилоро кас ҳама гуна ташвишу гирумонро аз ёд мебарад. Бо ин ҳол, магар лаззате ба хоб баробарӣ дорад? Ба гумон! Зеро ки хоби шаб қалбро таскин ва фишори равониро коҳиш медиҳад, ҳушёрию ҳушмандиро афзуда, ҳофизаро беҳбуд мебахшад, аз бадан афсурдагиро коста, ба он неруи нав ато мекунад. Фаршед ҳамроҳи бародар пас аз шустушӯйи мукаммал аз гармхона ба сардхонаи гармоба гузаштаравон худро сабук, мисли пари кабӯтар ҳис мекард ва маъниҳое аз дидаю шунидаҳояш дар кисаҳои хаёл ҷо мешуд. Ӯ пай мебурд, ки ҳаммом кардан низ аз забони ширину оҳанги хуш ва аз китоби хубу хоби роҳат камтар лаззат надорад. Гӯё то ин ҷойи умраш ба андозаи ин чанд лаҳзаи гармоба худро поку озода ва орӣ аз гарду ғубор надида буд. Ба ҳар ҷойи баданаш даст мерасонд, пӯсти худро ҳассосу нозуктар дармеёфт, мисли ин ки ғилофе аз пӯсташ даррафта аст. Роҳат по мебардошт, осуда нафас мекашид, пеши чашмонаш равшантар метофт. Ӯ худро дошта натавониста, аз ниҳояти шодмонӣ ду дастро мисли болҳои мурғ ба ду ҷониб ёзонда, бо як ҷаҳиш сари як по давр зад. Ин амалро ду-се бор такрор карда буд, ки лӯнгии тар аз ҷойи гиреҳ боз шуду лағжида ба замин уфтод. Фарҳод аввал аз хурсандии вай ва сипас тани лухти ӯро диду баланд хандид. Фаршеди хиҷолатзада сурху сапед шуд, давида аз рӯйи тахтапояи либосҳо лӯнгии хушкеро гирифт ва ҷойи шармро пӯшонда истода гуфт:

– Магар худат нагуфтӣ, гармоба ҷойи шарм нест? Ин ки банохост шуд...

– Не, додарам, ба ...и ту намехандам, аз хурсандиат ба завқ омадам! – хандасон гуфт Фарҳод. – То имрӯз додарама ин қадар хушҳол надида будам!

– Ба Худо, лаззат бурдам, дастат дард накунад, додӣ. Агар моҳе як бор ба ин гармоба меомадем, чӣ хел хуб буд.

Фарҳод лӯнгии тарро ивазкунон бо хушнудӣ гуфт:

– Яъне, гуфтанӣ ҳастӣ, ки ин як обтанӣ кардан ба он ҳама азияти роҳ меарзад?

– Ба Худо, меарзад! – Фаршед ҳамин ки ба сӯйи дари ҷомагаҳ қадам ниҳод, садои Фарҳод баланд шуд:

– Биист, додар, ҳанӯз баданҳо гарм аст, ба ҳавои хунук бароӣ, сармо мехӯрӣ.

– Магар ин ҷо ҳам сардхона нест?

– Дуруст мегӯйӣ, аммо номаш сардхона аст. Нигоҳ кун, он лӯлаҳои сафолиро мебинӣ?

– Оре.

– Аз они чӣ аст, ба фикрат?

– Шояд об дошта бошад.

– Бале, оби гарма ба хонаҳо мегузаронад. Сардхона ном гирифтани ин байт ба нисбати гармхонаи дохилӣ аст. Ба воситаи лӯлаҳои об фазои ин ҷо каме гарм ва оби ҳавзаш низ ширгарм мемонад.

– Гармоба оташдон дорад? – кунҷковӣ кард Фаршед.

– Албатта! Оташдонаш дар пушти гармхона аст ва он оби деги бузурги мисина ба ҷӯш меоварад. Оби сӯзон бо ҳамин лӯлаҳои сафолин дар гармхона ва буғи он дар хонаҳои дигар давр мезанад. Ҳатто дуди оташдона беҳуда сарф намекунанд, он аз гурбаравҳое, ки дар зери фарши утоқҳо канда шудаанд, гузашта ба берун мебарояд. Ин аст, ки аз пойгаҳи даромадгоҳ то пешгаҳи гармоба ҳавои ҳаммомӣ ҳукмрон аст.

– Шунида будам, гӯлахӣ дар гармобаҳо оташ мегузорад.

– Офарин! Ҳеч гармобае бе гӯлахӣ намешавад. Гарм кардани об ва мураттабу тоза нигаҳ доштани ҳаммом ба ухдаи вай аст.

Вақте ки бародарон машғули суҳбат бар рӯйи тахтапоя менишастанд, боз чанд нафар писарбачаю ҷавону мард бо изҳори офият дохили сардхона шуданд. Ҳама хурсанд буданд, ба эҳтимоли зиёд, аз он ки ба ҳаммом мерасиданд, аз димоғашон бӯйи баҳор меомад. Фарҳод хомӯш нанишаста, дар идомаи суҳбат аз шунидаҳои худ ба нақл пардохт:

– Мебинӣ, ҳавои гармоба поку матбуъ аст. Чунки дар ин ҷо назофата нигаҳ медоранд, дар чанд рӯз як бор оби хазонаҳора холӣ карда, гилрӯбӣ мекунанд. Ҳатто баъзан оби оҳак мезананд, то ҳар гуна ҳашараю кирму киҷҷа мурда равад. Ин ҷо ба ғайр аз оббозӣ маҳалли ғуслу таҳорат ҳам ҳаст. Барои ҳамин дар ҳама шаҳру рустоҳо гармобаҳора дар канори масҷид месозанд ва бештаринашон қабл аз азони субҳ боз мешаванд. Ҳар пагоҳӣ ҷомадори ҳаммом бо гарм шудани об нидо баланд мекунад: «Ҳой ҳамсояҳо, ҳой мардо, ҳой зано, ҳой унҳое, ки ҳамум рафтаниед, биҷунбед, об ях кард, афтоб буромад, намози субҳ қазо шуд!...» гӯён мардума ба ғуслу таҳорат ҷеғ мезанад. Аз сӯйи дигар, гармоба ҳам ба монанди чойхонаҳои суннатӣ ҷойи ҳангомаю чақ-чақи одамон аст. Аксар ҳолат улфатон бар рӯйи ҳамин тахтапояҳо ва дар курсиҳои ҷомагаҳ нишаста, то чанд муддат доди сухану ҳазлу шӯхира медиҳанд.

Фаршед дар миёни сухан давид:

– Боре тағои Равшан гуфта буд, ки як дӯсти нурияша дар гармоба ороиш дода баъд ба ҷашни арӯсиаш бурдаанд.

– Дуруст, ғайр аз шустушӯй дар гармоба маросими ҳинобандии арӯсу домод ва ороиши онҳо низ сурат мегирад. Ба хусус, домод бо дӯстону наздикони худ муфассал ҳаммом гирифта, садру атр мезанад ва рақсу бозӣ ҳам мекунад. Аз шодию нишоти онҳо ҳаммомӣ ва коргаронаш низ баҳра мебаранд. Онҳо ба ғайр аз ҳаққи ҳаммом аз домод ҳар гуна қанду қурс ва ширинию мева мерӯёнанд. Вақте ки арӯс ё домод бо наздиконашон ба ороиш меоянд, дарҳои ҳаммом ба дигар касон баста мешавад. Соҳибтӯйҳо дар ҳавои масаррату хушҳолӣ ҳамара хурсанд мекунанд, ба ҳар як хидматгузор – то даллоку муштмолдеҳу кафшкан, дастмузд медиҳанд, – Фарҳод аз ҷо баланд шуд ва ба сӯйи дари ҷомагаҳ қадамзанон ба сухани худ идома дод: – Ба гап дода шуда нишаста мондаем, аз ин зиёд фоида надорад, биё, як пиёлагӣ чой мехуреми ба зиёрати Чашма мебароем.

Фаршед низ бо хушнудӣ аз пайи ӯ роҳ уфтод. Дар воқеъ, мағзи ёду хаёлаш оғушта бо ҳисси зиёрати марқади Ҳазрати Нурӣ ва тамошои маҷмуаи Чашма буд. Дар ҷомагаҳ боз чанд нафар муштарӣ либос иваз мекарданд. Ба

худ лӯнгиҳои додаи Қучқорро баста, лавозими шустушӯро гирифта, пасу пеш ба сардхона медаромаданд. Фаршед аз пайи бародар зуд либосҳои худро пӯшид, ба сӯйи долон қадамзанон ба сухан даромад:

– Бо ин ҳама одам дар ин ҷо дуздию қаллобӣ намешавад? Бубин, ҳама чиз дар дастрас аст, хидматкор ҳам ба кадом яке нигоҳ мекунад?

– Албатта, гулзор бе хор намешавад, аҳёнан duздбачаҳо низ ба корашон мерасанд. Аз ин хотир, ман тангаҳояма ба ҳаммомӣ додам, надидӣ магар?

Дар ҳамин лаҳза писарбачае, ки ҳангоми даромадан наменамуд, давида ба пеш гузашт ва кафшу маҳсии ҳар дуро аз ҷокафшии погаҳи ҷомагаҳ ба пеш гузошт. Қучқор бо эҳтиром даст ба сари сина ниҳода ба Фарҳод рӯ овард:

– Сабукак шудед, домулло, ҳаммом гарм буд, мушкилӣ ки надоштед?

– Не, ҳаммааш хуб, Худо умратонро дароз кунад, бо додарам роҳату фараҳ бурдем! – бо хушҳолӣ ҷавоб дод Фарҳод. – Аз ин беҳтар намешавад, ба ҳар ҷо нигоҳ кунӣ, ҷило медиҳад, поку покиза аст гармоба, офарин ба шумо!

Фаршед илова кард:

– Ростӣ, ман дар умрам ин қадар лаззат набурда будам, сипосгузорем, бародар.

– Мо дар хидмат ҳастем, хуш омадед, сафо овардед!

Дар долон Ҳоҷӣ Анвар бо ду мӯйсафед ғарқи ҳангома буд. Ба маҳзи дидани Фарҳоду Фаршед аз пушти мизи чӯбини дарозрӯя рост шуду ба пеш баромад. Ӯ ба Фарҳод хараки бағалдасти худро, ки ба рӯяш кӯрпача андохта буданд, нишон дода, бо меҳрабонӣ илтифот кард:

– Офият бошад, Мулло Фарҳод, бифармоед, як дам нишаста чойи кабуд хӯред.

– Ташаккур, Ҳоҷӣ, – гуфт Фарҳод ва бо мӯйсафедони ҳамроҳаш, ки онҳо низ ба пешвозашон аз ҷо хеста буданд, даст дода вохӯрӣ кард ва бо хиҷолат афзуд: – нороҳат набошед, бародарон, бо бузургии худ моро шарманда кардед.

– Домулло, ин ҳарфҳо чӣ, шумоҳо таҳсилдида ҳастед, дар пешатон таъзим ҳам кунем, кам аст, – гуфт мӯйсафеде, ки солмандтар ба назар мерасид, – ҳоло Ҳоҷӣ таъриф мекард, аз деҳаи Мулло Дурандеш будаед, писари Шокирусто. Ҳар ду аз ошноёни ман ҳастанд, инсонҳои табарруку олиҳиммат!

– Лутф доред, бобо, ман мухлиси ҳар яки шумоям!

Бо таоруфи Ҳоҷӣ Анвар ба рӯйи харакҳо нишастанд, мӯйсафед дуои тулоние ХОНДУ ҳама даст ба рӯ кашиданд.

– Аз чойи мо нӯши ҷон кунед, Мулло Фарҳод, пас аз ҳаммом ширай бадан мешавад, – пиёлаҳои чойро паси ҳам ба Фарҳоду Фаршед ёзонда бо муҳобо ба сухан даромад Ҳоҷӣ, – ба чойи кабуд алафаки кӯҳӣ изофа кардаем, хеле хуштаъм аст...

## Рози Чашма

Обе, ки бо нури Илоҳӣ тобону дурфишон чеҳра боз мекард, аз чашмакосаи шашзалъии каҷ берун омада, дар ду наҳри борики ҳамарз тақсим мешуд. Наҳри аввал орому бехаёл мустақим аз канортари девори сангини

масҷиди Чилсутун гузашта, бағали чойхонаи суннатиро бӯсида, дар зери погардҳои яксара сақфпӯш нопадид мешуд ва наҳри дувум бошад, сари худро ба рост хам намуда, каме дуртар аз ҳаёти гармоба ҷилвакунон ба сӯйи маҳаллаҳои болодасти шаҳр роҳ пеш мегирифт. Регу сангрезаҳои оби муҷаллои ҳар ду наҳр равшан дида мешуд, вале дар ин қафасобҳои бесақф хайлу фавҷи бешумори моҳиҳои озодболу мағрур тозатару возеҳтар нуру фурӯғи чашмҳоро мерабуданд. Ба назар мерасид, он ҷонварҳои поку муназзаҳ комилан худсару фориғболанд, ба худ дунёи бекарони озодӣ сохтаанд ва ба касеву мӯнисеву ҳомие ниёз надоранд. Ба роҳатӣ пасту боло сина пеш мекашанд, фуку дум ба ҳам расонда нозкунон шино мекунанд, мисли ин ки ҷуръату шуҷоате бемонанд аз худ нишон медиҳанд. Вале болотар, дар дили худи чашма хайли моҳиҳо анбӯҳу ғализтар ба чашм мехӯрад...

Пас аз он ки таоруфи ҳаммомдору чойхӯрии мухтасар ба поён расид, Фаршед низ баъд аз худоҳофизии гарм аз пайи бародар дар зинаҳои пиёдарави боғи ҳаммом сарболо шуда, аз канори наҳри об ба самти Чашма саъй кард. Ӯ ғарқи андешаҳои бепоён, аз фарти тамошои обу моҳиҳо ҳатто сар такон намедод, ба хурдтарин ҷузъиёти ҳусну намои ноз-нозӣ дида дӯхта, дар умқи хаёл шунидаҳои худро дар пайкари ин манзара медӯхт. Насими мулоиму матбуъ ба машом мезад, ки гӯё он аз сатҳи лап-лапии оби софу муҷалло бо гаштугузори мураттаби дастаҳои сафкашидаи моҳӣ ҷудо мешуд ва тамошогарону зоирини гирду бари ин гӯшаи биҳиштосоро ба сони париёни боғи фирдавс навозиш медод. Фаршед беғаму осуда роҳравон то ҳафт мағзи ҷон аз ҳавои ботароват нашъа мебурд ва ҳис намекард, ки аз дунболи бародар мераваду дар пасу пеши онҳо даҳҳо мусофири дигар низ қадам мениҳанд. Фарҳод бо каме гаштугузор дар роҳрави Чашма, дӯш ба дӯш бо одамон аз ду рад зина ба арзаки обхӯрӣ поин омад. Ҷогаҳи обро бо оби чашма пур карда ба Фаршед дод ва шоду мамнун гуфт:

– Оби поку мутаҳҳари Чашмаи муқаддаси Нур, бигир, нӯши ҷон кун, додарҷон!

Риштаи хаёлангезиҳои Фаршед аз ҳам гусаст, обхӯриро аз дасти бародар гирифта бо ихлос миёни панҷаҳояш нигаҳ дошт ва зери лаб бо чашмони нимапӯш «ба номи Худованди меҳрабону бахшоянда» гуфта, бо рағбату дилбастагии ҳаяҷономез обро то охир хӯрд ва ҷогаҳи обро ба бародар дароз кард:

– Шукри Худо! – аз таҳи дил садо баровард ӯ. – То ба ҳол ин гуна оби хушмазара нахӯрда будам, пир шав, додӣ.

– Иншоаллоҳ, саломат бошӣ!

Пасу пеш одамон поин омада об мегирифтанд, бо майлу иштиёқ меошомиданд, ба ҳамраҳони худ медоданд ва кӯзаю даббаҳоро низ пур мекарданд. Маҳалли обгирӣ чунон serодам буд, ки касе наметавонист як фурсат бештар он ҷо бимонад. Ҷунбуҷӯли беохир ва шукуфоии чеҳраи ҳар як соъӣ[60] аз эътиқоду самимияти бепоёни ӯ ба Чашмаи Нур ва оби поки он гувоҳӣ медод. Вақте ки Фаршед аз дунболи бародар то пешгаҳи чашма омад, дигар

---

[60] **Соъӣ ساعی** – саъйкунанда, кӯшо

лигоми ҳиссу ҳаяҷони ботиниаш аз даст рафт. Ӯ қалби воқеии ин манбаи зиндагиро, ки дар чандин нуқта регу шину[61] сангрезаҳоро пошдеҳон ба хурӯш меомад, дида, бо хушнудӣ изҳори дил кард:

– Ман мухлиси ин замири озодаҷӯш ҳастам! Ба сони чашмаҳои синадоғи мо пардаи сабру хамӯшӣ медарад, вале бо ин хурӯшу дабдаба обе надидаам!

– Оре, ин ҳамон чашмаобест, ки нури Илоҳӣ ба мисли сурате бар рӯйи оина дар паҳнояш мунъакис мешавад ва бозтобии рӯшноӣ ба дилҳо умед мебахшаду ба зебоиҳои ҳаёт умедвор мекунад.

– Ва ин ҷо ҳам мағзи чашма аст, ки гуфтӣ, дар як лаҳза ду ҳазор калбез об мебарорад?

– Дақиқан ҳамин ҷост, ки оби он ҷамъ шуда бо ду наҳр берун меравад. Яке Оби Роста ном дорад, ки ҷорӣ шуда бо ду ҷӯйбори дигар ба Марғи[62] Қозӣ ва Марғи Хонӣ ҷудо мешавад. Дигаре Оби Чаппа аст, ки он ҳам рафтаравон дар гузари Дуоба ба Марғи Миршакар ва Марғи Миргадо бахш мегардад ва шодобии шаҳри мо бо ин ҳама ҷӯйбор фароҳам меояд:

*Чу омад ба поён, яке коза[63] дид,*
*Равон обу марғе хушу тоза дид.*[64]

Фарҳод каме аз сухан гуфтан бозистода, бо ишора ба самти болотари пешгаҳи чашма, ки он сӯ деворчинии мудавваре пас аз зинапояи сангини сартезе ба чашм мехӯрд, афзуд:

– Он ҳам чоҳе, ки чашмаи Панҷоб онҷост, додар, бо номи «Панҷаи Алӣ» низ маъруф аст. Биё, агар аз тамошои моҳиҳову оби синадоғ сер шуда бошӣ, диду боздида идома медиҳем.

Дил кандан аз неъматҳои худодод барои Фаршед сахт буд. Агар яке поку беғубор сайр мекарду ба хӯрдание ниёз надошт ва ҷилваҳои духтарона мекард, дигаре орому соф бо нури хуршедӣ зинат ёфта, ташнагии ҷисмониву руҳиро мешикаст ва ба танҳои хаставу муҳтоҷи меҳр неру мебахшид. Аҷабо, пухта хӯрдани моҳиҳо гуноҳ аст, гуноҳе, ки хатокор ба марг мубтало шавад! Вале об хӯрдан бениҳоят судовар аст, тавре ки на фақат аташзудо[65], ҳатто даҳҳо бемориро дармон бахшад!

Дар фарози чашма гарданаи чоҳоби панҷашакл софусуф ва ҷилодор ба назар мерасид, ки аз расидани ҳазор-ҳазор дасти мусофир дарак медод. Дар умқи сею ним қулоч ҷилои нурзойи оби чоҳ дидаҳоро чун оҳанрабо ба худ ҷазб мекард. Сангчинии девори гирдаш номуназзам то поён бо ранги қаҳваии тира ба назар метофт. Ҷо-ҷо чанд бех ҳазориспанд, ки аз дили девори гирд сабзида, инак дар поиз шохакҳояш рӯ ба хушкӣ овардаанд, дида мешуд ва қариб ҳар як шоха бо тиккаҳои латтаю бандакҳои зиёд ҳусни шилшилаӣ дошт. Маълум буд,

---

[61] **Шин شن** – сангрезаҳои ба андоза бузургтар, вале нармтар аз рег

[62] **Марғ مرغ** – чаман, сабзазор, боғ

[63] **Коза کازه** – каппа; кулба

[64] Ин байт аз Асадӣ аст.

[65] **Аташзудо عطش زدا** – ташнагишикан

ки латтапораю бандакҳо нишона аз боздиду ниёиши боздидкунандагон аст ва, бешак, дар ниҳоди онҳо истидъою илтиҷоҳое нуҳуфтаанд...

– Он силсилахонаҳои ба ҳам часпида, ки дар бағали Масҷиди Панҷвақта қомат афрохтаанд, Чиллахонаи Чашма аст, – дар сари чоҳоб хомӯшию хаёлмандии Фаршедро барканда гуфт Фарҳод. – Бубин, ин ҷо, ки баландтар аст, аз пошна то пушти боми Чиллахона ба чашм менамояд. Дастандозҳои даври бомҳо чунон шабеҳи якдигаранд, ки гӯё чанд қуттии яксохтро пушти ҳам дар як хат чидаанд.

– Оре, хеле зебо аст. Акнун ба он ҷо меравем?

– Не, аввал марқади ҳазрат ва муқаррабонашро зиёрат мекунем, – гуфт Фарҳод ва аз пайи марду занҳое, ки дар пайроҳаи рафтуомад барои ба сари қабр рафтан саъй доштанд, ба роҳ даромад.

Фаршед аз дунболи бародар уфтоду ҳамоно катибаи дар роҳ хондаи ӯро ба хотир овард. «Фарид», бо ин ки ламъае дар гӯшаи зеҳнаш дурахшид, зери лаб гуфт ӯ ва ду лаби ҷомаашро бо даст рӯйи ҳам кашида тезтар қадам ниҳод, то қафо намонад. Ҳар кӣ, чи зану чи мард, аввал дар сари роҳ қабри Нургулбибӣ – духтари Шайх Нуриро тавоф карда, бӯса мезад ва сипас ба сари оромгоҳи худи шайх омада, зери лаб дуогӯён даври қабрро се бор давр мезад ва ба рӯйи харакҳои дарозрӯя менишаст. Фаршед низ пайрави онҳо бо салому ниёиш ба номи Худо, хост мазорро тавоф кунад, вале Фарҳод аз дасташ дошта дар канори худ нишонд. Ӯ нимшунаво гуфт:

– Ин ҳама бӯсидану гирдгардӣ суде надорад. Мон, ҳар кас хости дилашро кунад, чун куфрашро намедонанд, гунохе нест.

Гурӯҳи боздидкунанда саъю саҷдаро анҷом дода, паси якдигар ба рӯйи харакҳо нишастанд. Мисли ин ки Фарҳод муллои зиёратгоҳ буд, ҳама ба самти ӯ рӯ оварда, мунтазири дуою фотиҳа хомӯш сар хам карданд. Садои маҳину муассир бо қироати оёти сураи «Фотиҳа»-и Каломуллоҳ баланд шуд, чанд лаҳза зоирин дар олами руъёӣ фурӯ рафтанд. Овози ширадори Фарҳод то гуфтани хатмулсураву дуою салавот беохир ба ҳушу хаёли нишастагон асар кард. Пас аз дасти омин бардоштан, як-як одамон бо сари хаму хаёлманд ба ҳар сӯ парешон шуданд. Фаршед беихтиёр ба болосари қабр омад ва ба лавҳасанги мармарии он дурудароз диққат дӯхт. Ба рӯйи тахталавҳ ҳамон шеъри гуфтаи Фарҳод пурра ҳак шуда буд, танҳо охири мисраъҳои мақтаъ ба иллати харош хӯрдану паридани лабаи санг нохоно менамуд.

– Санги қабри ҳазрат бисёр кухна нест, аммо бурҷҳояш паридааст, – ба Фарҳод рӯ оварда гуфт Фаршед, – Ба ҳунари Мирйӯлдош бошад, гап нест, хушнавис будааст.

– Акнун ҳашт сол мешавад, ки ин санга мондаанд, бегумон, садҳо сол умр мебинад! – Фарҳод аз ҷо хест ва ба самти Масҷиди Панҷвақта роҳ пеш гирифта, ба суханаш идома дод: – Дар асл, устоҳои сангтарошу ҳаккок дар Нури мо ё худ дар тамоми иморат ҳам зиёд нестанд, алалхусус, онҳое, ки ба рӯйи санг катиба менависанд. Мирйӯлдош аз ҷумлаи устоҳои нодири нигоранигор мебошад. Бисёр катибаҳои рӯйи санги мазорҳо ба қалами тарошкории ӯ мансуб аст.

Саҳни мураббаи Масҷиди Панҷвақта дуруст дар зери гунбади болобаланд бо чанд ранг ҷило медод. Анвори заррини хуршед аз даричаҳои панҷарадор ба дохил роҳ ёфта, дар васат ба ҳам бармехӯрданд ва нурҳои шикастаи худро даста-даста дар мадди назари бинандагон пош медоданд. Ҷилои равшанӣ гоҳе зардгун, гоҳе сурхранг ва баъзан қаҳваӣ дар фазои кошонаи нақшин ҷой иваз мекард. Ин намои мунаққаш бо садоҳои каму зиёде, ки дар чор гӯшаи саҷдагоҳ танин меандохт, ҳамхонӣ мекард. Фаршед медид, дар ҳар гӯшае касе қарор гирифта, сар ба девор часпонда ҳарфе мезанад ва бо диққат ба пажвоки овози худ, ки аз ҷонибҳои дигар шунида мешуд, гӯш медиҳад. Ӯ низ бо ишораи Фарҳод ба гӯшаи самти рост омад ва даҳон ба бурҷи бино гузошта садо дод:

– Додӣ, куҷоӣ?

– Ман даруни кӯзаам! – овози марғуладори бародар аз мағзи девор баромад ва ӯ бо ҳарос худро ба қафо кашида ба сӯйи Фарҳод назар афканд. Бародар дар самти муқобил, аз гӯшаи дигари кошона ба ӯ бо лабханд нигоҳ мекард.

Асли қазия ба хотираш заду Фаршед дубора сарашро ба девор чафс карда гуфт:

– Маро тарсондӣ, инсу ҷину парӣ – ҳар чӣ ҳастӣ, бурун-о аз кӯза!

– Ба чашм, хоҷаам, сарсупурдаи амри шумоям! – ва дар поён каломи «шумоям» чанд бор дар зери гӯши Фаршед акси садо дод.

– Ин масҷид аст ё садохонаи Илоҳӣ?

– Ин муъҷиза аст, ки сирраш дар девору хумҳояш нуҳуфта...

Фарҳод Фаршедро ба назди меҳроби масҷид хонд.

– Ана ин ҷо обишхури ҳамаи сарусадоҳост, додар, – гуфт Фарҳод, вақте ки додар ба наздаш омад. – Масалан, агар як каф занӣ, овозаш на камтар аз ҳафт бор дар ҳама гӯшаи хона акси садо медиҳад. Медонӣ, барои чӣ?

– Бояд чунин ҳам бошад, охир, мулло дар ҳамин ҷо нишаста имомат мекунад!

– Бале, овози имом аз тариқи меҳроб дар фазои масҷид яксон пахш мешавад ва бо садои расотар ба гӯшҳо мерасад. Ҳоло имтиҳон кун, додар.

Ҳамин ки садои кафзании Фаршед аз давру бар чанд бор баландтар садо дод, ҳар ду ба шигифт омаданд ва Фарҳод дасти худро ба китфи ӯ гузошта гуфт:

– Қоил шудӣ?

– Гап нест, воқеан муъҷиза аст!

– Ҳунармандони мо дасти гул доранд, барои шукуфоии қалби инсонҳо мудом меҳрафшонӣ мекунанд, шигифтиҳо меофаранд. Дигар наметавонем ин ҷо бимонем, додар, биё, дер нашуда ба намози ҷумъа меравем.

– Магар ҳамин ҷо намегузорем?

– Не, дар намозгоҳ, дар Масҷиди Чилсутун.

Ҳар ду аз дари дулингаи кандакоришудаи Панҷвақта баромада, аз зинаи мудаввар ба роҳрави асосӣ поин фуромада, ба самти ҷараёни оби чашма роҳ пеш гирифтанд. Фарҳод раҳорах ба сухан омад:

– Намозгоҳ куҳантарин масҷиди ҷомеъ дар Нур аст. Ин даргоҳи муборак, ки бо номи Масҷиди Чилсутун ёд мешавад, дар замони Сомониён бино ёфта, пас аз шашсад сол бо амри Абдуллохон навсозӣ шудааст. Агар аз боло назар андозӣ, бисту панҷ гунбаз ба чашм мехӯрад, ки дар панҷ рад ба берун сар зада худнамоӣ мекунанд. Ҳамин чордаҳ-понздаҳ сол пеш ҳоли табоҳе дошт, вале ба ҳиммати Судурбобо бо ҷилои нав бозтобӣ кард.

Фаршед хомӯш шудани бародарро дида бетоқатона пурсид:

– Бобо чӣ саховате нишон дод?

– Ин қисса дароз аст, дар бозгашт бароят нақл мекунам, – гуфт Фарҳод ва бо ишора ба дари Масҷиди Чилсутун, ки он ҷо анбӯҳи намозгузорон торафт ғализтар мешуд, афзуд: – Биҷунб, додар, ба намоз дер нашавад...

– Намозро барпо доред, ки он инсонро аз зиштиҳо ва мункирот бозмедорад. Маънии намоз ҳамон ёди Худост ва руҳу равони вай бо зикри Худованд пойдор мемонад. Намоз бо шустушӯй дуруст аст ва бо тану руҳи пок омурзиши гуноҳонро аз Офаридгор фароҳам меоварад, – пешкори намоз Эшон Саидҷон як он аз ваъзгӯйӣ бозистод ва ба сӯйи дар рӯ оварда шунаво гуфт: – Мулло Фарҳод, хуш омадед! Ба сафи пеш гузаред, дар канори Бобо Судур ҷой гиред.

Нишастагони масҷид беихтиёр ба ҷониби даромадгоҳ рӯ оварданд. Фарҳод бо овози баланд салому дуруд арз кард, агарчи моил набуд, ба пеш гузашт. Эшону муллоҳои пешнишин бо эҳтиром аз ҷо хеста ба ӯ ва аз пояш ба Фаршед низ даст дода вохӯрӣ карданд. Ҳарчанд Фарҳод аз ин тааруфу муҳаббат хиҷил шуд, ноилоҷ бо ҳидояти онҳо ба миён гузашт ва боз як бор ба оғӯши бози Судурбобои хандон бағал кушод. Ҳама дубора ба ҷойҳои худ нишастанд ва садои гирои Эшон Саидҷон дар фазои ниёишгоҳ танин андохт:

– Пеши назар биёваред, дар назди хонаатон наҳре бо оби софу покиза ҷорист ва шумо панҷ бор дар он шустушӯй мекунед. Бо ин амал аз олудагию касофат чизе дар бадан боқӣ мемонад? Аслан! Ҳар як намози гузоштаи шумо низ мисли ҳамон наҳрест, ки то намози дигар гуноҳони шуморо аз миён мебарад. Намоз руҳи имонро дар инсон тақвият мебахшад ва ниҳоли тақворо дар дил парвариш медиҳад ва медонем, ки имону тақво садди боэътимод дар баробари гуноҳон аст. Мусибати раҳравони роҳи Ҳақ, аз ҷумла, он аст, ки ғарқ дар зиндагии моддӣ ва лаззатҳои зудгузар мешаванд ва ҳадафи офариниши худро фаромӯш мекунанд. Гузоштани панҷ вақт намоз ба инсон ҳушдор медиҳад, ки маънии мавҷудияти худро дарк кунад ва аз ғафлатзадагӣ раҳо ёбад. Намоз худбинӣ ва кибрро дарҳам мешиканад, чаро ки инсон дар ҳар ниёиш чандин бор пешонӣ бар хок дар баробари Худо мегузорад, худро чун зарра дар ростои азамат ё бениҳояте мебинад. Намоз фазилати ахлоқ ва такомули маънавиро фароҳам меоварад ва руҳи ихлосро зинда мекунад, зеро он маҷмуаест аз нияти холис, гуфтори нек, амали поку покиза. Намоз даъват ба поксозии зиндагӣ мекунад, ки далели он ҳамин либос ва ҷойнамози пок, оби тозае, ки бо он таҳорату вузуву ғусл мегиранд ва нияти беолоиши дохили ниёиш аст. Чунончи, ҳатто хамри андак намозро вайрон мекунад ва дар ривоёт омадааст: «Намози шаробхор то чиҳил рӯз мақбул нахоҳад шуд, магар ин ки

тавба кунад». Намоз сабру таҳаммул, андешаи саҳеҳ ва тавозуъро дар ниҳоди инсон парвариш медиҳад...

Фаршед дар бағалдасти Фарҳод сари дузону зада, гӯшу ҳуш ба ваъзи имом буд. Гарчи ин қабил ҳарфу калом чандин бор дар моварои гӯш садо додааст, ин бор гӯё бо тараннуми дигар, бо садою навои салистар аз каҷнайи сомеа гузашта дар шерозаи мағз менишаст ва ба даргаҳи дил пайғоми фараҳзо мерасонд. Ҳис мекард, гӯё беғаму осуда дар канори чашмаи Сарикӯҳи Бору ҷо хуш кардаасту садои якмароми шаршари хурди он беохир ҳушу хаёлро менавозад ва насими диловези дараи танг беисту мулоим тану ҷонро масҳ дода мегузарад. Оре, намехост ин навозиш аз байн равад, шираи руҳнавози ғазали имом аз барги зеҳнаш зудуда шавад. Ҳар як сухану дуое, ки аз пайи имомату саҷдагузорӣ бо тароват то қаъри дил роҳ меёфт, ба вуҷудаш гармӣ ва ҳиссиёти равонии сурурангез ато мекард...

## Сулаҳои ҳамроз

Ҳавои поизии шаҳри қадимаи Нур, ки бошандагони сертараддуди он бехаёл аз пайи ризқу рӯзӣ аробаи зиндагӣ мекашиданд ва чанде мусофиронаш низ гоҳе бо дидагони ҳайратзо ва гоҳе ҳам бо меҳру алоқаи шадид ба гирудори маҳаллиҳо, коми дил мебардоштанд, бо серунбоди мулоим ба нигоҳи гарми Хуршеди хандон, ки пароканда шудани тӯдаи абрҳои саҳариро ғанимат шумурда шаъшаъапошӣ мекард, даромехта, нафаси тоза ба машоми хокиён арзонӣ медошт. Ин ҳавои дилпазир ҳиссу ҳаяҷони шодиомези Фаршедро, ки бо гузоштани намози ҷамоат ва маъмум[66] будан ба имоме мисли Эшон Саидҷон ва аз пайи бузургдошти бародараш аз сӯйи масҷидиён ба вуҷудаш роҳ ёфта буд, ба маротиб афзуда, тану тӯшашро гӯиё дар миёни фазои илҳомбахш чун кабӯтарони озодбол ба парвоз медаровард. Вақте ки эшону муллоҳои калони Нур бо арҷгузориву табаррук Фарҳод ва дар канораш ӯро дар васат гирифта, ғарқи суҳбату ҳангомаҳои ширин аз масҷид баромада, қад-қади роҳрави мадраса ва саҳни гулпӯши маҷмуаи «Чашма» ба самти хиёбони асосӣ роҳ пеш гирифтанд, аз ду ҷониб хайли мардум – пиру барно, зану марди ба зиёрат омада бо эҳтирому иҳтимом даст ба пеш гузошта онҳоро гусел мекарданд. Фаршеди лолу шигифтзада дар канори ин ҳама иззату икром нафаҳмид чӣ хел то пешайвони Эшон Саидҷон, ки дар гузари Сайидато воқеъ буд, расиданд ва дар ниҳоят, ҳамин ки дастаҷамъӣ дар гирди дастархони пурнозу неъмати дӯстона чорзону заданд, дигар об аз даҳонаш рафт. Аз тариқи расми ошноӣ, ба ҷону ҳолаш намонда ба меҳмонӣ хондани бародари қадрдон ва ба наздаш даъват кардани аҳли зиёву сулаҳои шаҳр аз муҳаббати бепоён ва бузургмардии Эшон Саидҷон дарак медод. Бо вуҷуди ин ки тамошои Қалъаи қадимаи Нур, мадрасаю чиллахонаҳо ва зиёрати қабристонҳои муборак барояшон насиб нашуда ба дафъаи баъд монда буд, Фаршед дар иваз ба нурхонаи меҳру вафо, ба гулистони муаттари дӯстдориву ҳамдилӣ ва ба фазои

---

[66] **Маъмум** مأموم – намозгузоре, ки ба пешкори намоз – имом иқтидо мекунад

пурҳикмати дурусткору некдилон роҳ ёфт. Дар канори суханҳои латифу хушгӯйиҳо аз чеҳраи ҳар як эшону мулло ва мардони рӯзгордидаи Нур гӯё нури имону саодат пош меҳӯрд, меҳрубонию эҳтироми беқиёси онҳо ба Фарҳод аз сар то по ӯро ба ваҷд меовард, дар пиндори худ бародарро савор ба қолии париён дар арши барин медид.

– Мо мегӯем, ки порсою ҳалолкору ғамхор ҳастем, вале ин хислатҳои ҳамидаро бештар дар мардони кӯҳистон дидаам, – дар идомаи суҳбати ҳамнишастон мегуфт Эшони Судур. – Ҳар гоҳ аз дари Бору дароям, дӯстам Шокирҷону Мулло Дурандеш корҳое мекунанд, ки бениҳоят пандомезу шигифтовар аст. Як рӯзи доғи тобистон ҳеч аз ёдам намеравад. Вақте ки бо шутурҳоям аз роҳи дашт ба деҳа расидам, дамои гарму сӯзон гӯё гулуямро мегирифт, ёрои озод нафасгирӣ надоштам. Ҳавои Бору ин қадар хафаю дамгир буд, мисли ин ки ҳама насимашро ба пушти кӯҳҳо кашидаанд. Ҳатто шутурҳои ба гармию ташнагӣ тобовар сари худро хам карда, фиххасзанон оби бинӣ мерехтанд. Дараҷаи гармо то ҳадде боло буд, ба назар, теғи филизие рухсору пешониро харошида мегузашт, ҳис мекардам аз зуҷоҷияи чашмҳоям ҳаври оташ берун меояд. Дар кӯчаҳои Бору паша пар намезад. Мехостам ҳарчи зуд ба гузари Пайк расаму дар кошонаи дӯстам паноҳ ёбам. Вале ба дараш нарасида, дар назди чашмаи Пайк худи ӯро вохӯрдам. Шитоб дошт, маро диду мисли гул шукуфт ва ҷойи ин ки меҳмони тозаворидро ба хонааш барад, ба ман рӯ оварда гуфт: «Хуб шуд, ки омадӣ, аз дунболам биё, ту ҳам ба як кори савоб шарик мешавӣ». Ноилоҷ, дангуфангамро[67] дар ихтиёри шогирд гузошта, аз паси ӯ ба роҳ уфтодам. Бо ҳам ба хонаи Бобо Тобон рафтем. Бо чӣ забоне гӯям, ҳоли пирамард асафовар буд, чашмонаш дар косахонаи сараш фурӯ рафта, беҳолу бемадор рӯйи пӯстаки дами дар мехобид. Кампираш бо нигоҳҳои хаставу ноумед дар бағалдасти ӯ малулу сархам менишаст, дилшикаста менамуд. Дӯстам баробари расидан бобоaccount пуштора карда ба айвон баровард ва аз ман хоҳиш кард, ки либосҳояшро бикашам. Худаш давида рафту бо ду сатил об ва як калбез баргашт. Мо дукаса Бобо Тобонро нағзакак оббозӣ доронда, либосҳои тозаашро пӯшонидем ва дубора ба ҷояш бурда хобонидем. – Эшони Судур хомӯш шуд. Ҳама нишастагон ду чашм ба ӯ дӯхта буданд, гӯшу ҳуш мунтазири охири қиссааш менишастанд. Бобо оҳи бадарде кашида гуфт: – Саҳарии дигар, ҳанӯз чашми рӯз накафида хабар оварданд, ки Бобо Тобон ҷон ба Ҳақ таслим кардааст. Ҳар гоҳ он кори савобро, ки дар ҳолати назъ[68] ба бандае ёрӣ расонда ғусл дода будем, ба ёд оварам, аз худ меболам ва дар назди савобҷӯйиҳои дӯстам сари таъзим фуруд меоварам.

– Ҳалолзода ба асли худ мекашад, шумо аз падар гӯеду ман аз писар. Ҳамин дӯстам Фарҳод низ чандин бор корҳое кардааст, ки ба ақлу андешаи мо намеомад, – идомаи суханро аз даҳони Эшони Судур гирифта гуфт Эшон Саидҷон. Дигар нахи нигоҳҳо ба сӯйи ӯ дӯхта шуд. Фаршед аз хурсандӣ дар куртаи худ намеғунҷид, барояш таърифи пайвандон хеле сурурангез буд. – Вақте ки бо ҳам дарс мехондем, на танҳо хӯрду хӯрокашро, ҳатто либосу

---

[67] **Дангуфанг** دنگ و فنگ – ҷоҳу ҷалол; *ин ҷо ба маънии* бору буна, васоил

[68] **назъ** نزع – ҳолати ҷон кандан, эҳтизор

кулоҳу кафшҳояшро бо шарикдарсон баҳам медид. Дар ёд дорам, боре як ҷуфт кафши чармини тозаашро, ки аз дастсохтҳои падараш ва хеле мулоиму нафис буд, ду рӯз напӯшида ба ҳамсабақамон Барзуи пошнақоқ дод ва ӯ се соли тамом пӯшида гашт. Худаш бошад, бо чоруққҳои куҳнаи қаблӣ иктифо кард.

Ҳама ба шигифт омаданд.

– Бе муболиға, дар ғамхорию ҷонсахтӣ ба ин кӯҳистониён касе наметавонад баробар шавад, – ба ҳангома  ҳамроҳ шуд Баҳроми баззоз, – ҳамин айём буду ду сол пеш, Шокирусто ба хонаи ман омад. Ҳамроҳи ӯ зане ҳам бо духтараш буд, ки худ хоришак дошту духтар аз сурхак ранҷ мекашид. Бемор онҳо буданд, аммо он лаҳза ба сару сурати дӯстам намешуд нигоҳ кард, ба ҳоли ӯ раҳми кас меомад. Азбаски харашро ба модару духтар дода худ аз деҳа то ин ҷо – фосилаи қариб ҳаждаҳ фарсахро пойи пиёда омада буд, лабонаш хушку қоқ шуда, базӯр аз даҳан нафас мегирифт, ёрои рост истодан надошт, поҳояш то буҷулак харошхӯрдаву хунин метофтанд, дилаш заъф меовард. Бовар кунед, бо ин ҳоли низор аз ман хоҳиш мекард, ки бе таваққуф модару духтарро ба назди табиб, ба чиллахона барем, дар сурате ки худи ӯ аз онҳо бештар ба табобат ниёз дошт!

– Он воқеа ҳамин дирӯзакак буд гӯё, ман ҳам дар ёд дорам, – ба тасдиқи нақли Баҳром афзуд Эшони Судур, – дӯстамро базӯр се рӯз дар хона нигаҳ доштем, аммо марди якрав меҳмонӣ то се рӯз аст гӯён, бо пойи обилааш ба деҳа пас гашта рафт.

Баҳроми баззоз ба маънии тасдиқ сар ҷунбонд, нигоҳҳои пур аз меҳру нуронии ҳозирин ба сӯйи Фарҳоду Фаршед дӯхта шуд. Нигоҳҳое, ки қадри инсону аҳли ҷоннисорро аз даричаи кушоди ҳушу ройи нек варандоз мекарданд, рӯшании дилҳои софу беғуборро ба саргаҳи ҳастиву ҳавоси хушмоя мерасонданд. Фарҳод бо руҳи болида, вале шармзада аз изъони[69] сулаҳо сар боло кард:

– Корҳои Худованд ҳеч гоҳ бе ҳикмат нест. Мо ҳама дастпарварони шумоем, аммо ҳанӯз коре накардаем, ки қобили таҳсин бошад. Албатта, ба касоне, ки ниёзманданд бояд ёрӣ расонд, беҳуда нагуфтаанд: Некӣ куну ба дарё андоз! – гуфт ӯ ва қоматашро сари дузону каме рост карду ба Эшони Судур, ки дар пешгаҳ менишаст, рӯ овард: – Аз суҳбатҳои ширини шумоён намешавад дил канд, бобати пазирой ва наҳори хушмазае, ки бароямон доданд, сипос мегӯяму ташаккур! Ману додарам чанд кори дигар дорем, ки бояд то шом анҷом диҳем, фардо субҳи зуд ба роҳ мебароем.

– Ҳамду сано мар Офаридгорро! – пешдастӣ кард Эшон Саидҷон. – Бо ташрифи худ моро сарфароз гардондед, вале меҳмондории мо чизе набуд, ки лоиқи дӯстон бошад. Умедворем сиҳҳату саломат ба Бору баргардед ва ба арӯсӣ ҳам хуб омодагӣ бубинед, ки мо ҳама нуриён чун хок мерезем ба даргоҳатон.

Ҳама бо завқ хандиданд. Фарҳод ҳамоно арз кард:

– Ман навкари шумоям, хоки поятон тӯтиё!

---

[69] **Изъон** اذعان – иқрор; фурӯтанӣ

Эшони Судур «ё Аллоҳ» гуфту ду даст ба пеш кушод ва ҳама гӯшу ҳуш ба дуохонии ӯ шуданд:

– Худованд кариму меҳрабон аст, дили ҳар бандаи ниёзмандро аз хуршеди меҳру шафоати худ мунаввар ва дару кошонаи дилдодагони хайру саховатро пур аз молу манол ва мураффаҳ гардонад. Бодо, ки ҳар мусофири роҳи зиндагӣ бе заҳмату уқубат ва бо кӯлапушти пур ба мақсади мурод бирасад, Яздони пок ҳамаи моро дар паноҳаш нигаҳ дорад!

Вақте ки меҳмонон аз дарвозаи Эшон Саидҷон баромада, гарму самимӣ бо ҳам хайрухуш карда ба чор сӯ пароканда шуданд, Эшони Судур бо Фарҳод ва Баҳрому Фаршед аз қафояшон ба роҳ уфтоданд. Фаршед аз Баҳроми баззоз пурсид:

– Бобо пиёдаанд?

– Ба масҷид ки меоянд, ҳамеша пойи пиёда заҳмат мекашанд. Ҳама эшонҳои Нур ин корро мекунанд.

– Барои чӣ?

– Намехоҳанд дар роҳи Худо аспони худро ранҷ диҳанд.

– Аз он ки ҷойи сутурон худро ранҷ медиҳанд, Худоро хуш меояд?

– Дар роҳи Худо ранҷ кашидан аз имон аст ва шунидаам чандин мазийят[70] дорад.

– Яъне, мехоҳанд муъмини воқеӣ будани худро нишон диҳанд? – бештар таҳковӣ кард Фаршед.

– Ин ҳам ҳаст, – бо тафаккур афзуд Баҳроми баззоз, – вале Худованд бениёз аст, аз касе таваққуъе надорад ва омода аст ҳар дили холиро, ки ба самташ омадааст, пур кунад, ба вай умед бахшад. Эшонҳо ин марҳамати Худоро дарк мекунанд...

Эшони Судур бошад ба онҳо эътино накарда, пеш-пеш қадам мезад ва Фарҳод пас намонда дар канори ӯ мерафт. Эшон раҳорах бо садои кам, дар ҳоле ки аз чизе нигарон буд, шунаво ба Фарҳод мегуфт:

– Беки нав, лаънатӣ, модарбахато менамояд. Лингаш ба остонаи Нур нарасида аз домани зулму ситам гирифт, навкаронаш аз пайи таҷаммуъи молу чиз афтидаанд. Фаҳмидӣ, як даста сарбозаш ба деҳаҳои шумо ҳам рафтааст?

– Не. Чӣ кор доштаанд?

– Чӣ ҳам мекарданд, аз номи амираш ба ҷайби худу муқаррабонаш боҷу хироҷ ҷамъ карданӣ.

– Як ҳафта пеш доруғаҳо[71] бадар рафта буданд, ин қадар танобонаю ушру[72] аминона[73] ситонданд, ки дуди халқ ба фалак печид. Қариб монда буд аҳли деҳа онҳоро сангсор кунанд.

– Кал рафту кӯр омад, чун фасли ҳосилғундорист, мардумро ором намегузоранд, гушнаҳо! Ту дер накарда ба Эҷ баргард, ба ҳама хабар кун, ба

---

[70] **Мазийят** مذيت – фазилат, бартарӣ

[71] **Доруға** داروغه – дар замони иморати Бухоро шахсе буд, ки то омода шудану бардоштани ҳосил ва чудо карда гирифтани ҳаққи амлокдор, подшоҳ ё вақф, хирмани иҷорадор ва дигаронро посбонӣ мекард

[72] **Ушр** عشر – андозе, ки даҳяки ҳосил аз замини обӣ ва лалмӣ аст

[73] **Аминона** امينانه – андозе, ки бар изои истифодаи об ва фурӯши мол дар бозор ситонда мешуд

қозию арбоб саломи маро расон, гӯй, ки мисли дафъаҳои пеш олиҳиммат нашаванд. Аз ин гургҳои иморат дигар нафъе нест, зери оби амирро задаанд.

– Мо фардо субҳ ба роҳ мебароем, пеш аз онҳо мерасида бошем?

– Оре, инҳо аввал ба Моҳигарму Синдоб меравақд, охарсар ба деҳаи шумо.

– Агар зада пеш кунем-чи?

– Ба вазъият нигаред, одамони худро маҷруҳ накунед шуд. Чанд рӯзи дигар дар Нур ҳам аломон мехезад, боди наҳси Бухоро дар пушти девори ҳар хона шуввас мезанад.

Ҳамин ки Эшони Судур дар сари хамгашти кӯчаи калони маҳаллаи Сайидато барои хайрухуш кардан бо Фарҳодино истод, ногоҳ садои илтиҷоомези духтараке, ки тозон аз пушти девори гӯшаӣ баромада монд, онҳоро як қад парронд:

– Бобо, бобоҷон, я танга назл кунед, а ҷонатон галдам, фақат я танга!

Вай бо тоқияи гулдори чиркбастаю ҷамолакҳои ҳалқадори рангпарида ва куртаи обшустаи дароз, ки лабаи домону остинҳояш ҷиғда-ҷиғда шуда риштаторҳои овезон дошт ва бо чеҳраи лоғари дудаолудааш бечораю маъюс ба назар мерасид. Духтарак бо чашмони ашколуди умедвор ба боло чашм дӯхта, кафи як дасташро ба пеш ёзонда, чунон илтимоси назр мекард, ки ҳозир буд бо ин ҳоли худ ҳатто дили сангро об кунад.

Эшони Судур беихтиёр дар рӯ ба рӯйи ӯ сари дупо нишаст. Кафи худро мулоим ба китфаш гузошта, бо забони нарм гуфт:

– Тоқията ба дастат гир, духтарҷон, – ва худаш аз ҷайби дарунии абояш як мушт мавизу мағзи чормағз баровард: – ин ба тую додаронат, – Бобо инъомашро ба тоқия рехта аз ҷайби дигар се чор сикка гирифт ва ба дасти духтарак, ки дарҳол кафашро ба пеш дароз кард, гузошта афзуд: – ин ҳам ба очаат.

Чеҳраи духтарак шукуфт, бо меҳру масаррат рост ба чашми Эшони Судур нигоҳ карда, бо хушҳолӣ лаб ёзонида гуфт:

– Худо умлатона далоз кунад, бобоҷон! – ва ҳамоно дасти холии эшонро гирифту ба чашмонаш молид ва бо лабони нозуку нарми худ гарм бӯса бардошт.

Вақте ки эшон сари по рост шуд, Фарҳод низ ба ӯ пайравӣ кард ва ду сиккаро рӯйи кафи аллакай дарозкардаи духтарак гузошт. Назр дода, як лаҳза ба сипосгузории кучулу мафтун шуд.

– Ба ҳиммати худтон лозӣ шавед, акаҷон, – пушти дасти ӯро низ бӯсида бо меҳр гуфт духтарак, – шумо ба ман ёлӣ додед, ба шумо а Худо галдад!

Дар ҳоле, ки ҳама маҳви забони ширини кӯдаконаи духтарак, бо нигоҳи нек ба ҳам назар меафканданд, вай тозон ба самти муқобили сероҳа рафт ва аз хамгаштӣ ба чап гашта дар пушти ҳисори таворай нопадид шуд...

## Муруввати баззоз

Фаршед пас аз боздидҳо майл дошт дубора бо Сумо рӯ ба рӯ шавад, аз лабони шаҳдрези ӯ суханҳои гарму ҳазломез шунавад. Намефаҳмид барои чӣ, бо як дидан чашмони оҳусони дӯшиза бо мижгонҳои мишкии росту тез ва лабони ақиқвору ғабғабе бо чину шикани малеҳ дилашро об карданд. Ба тани ӯ куртаи чити гулдор ва нимтачаи қирмизранг хеле мезебид. Дар шонаҳояш ду кокули кашол аз зери тоқии ироқии гулдор нури чашмро мерабуд. Ҳанӯз ҳам пажвоки садои диловези духтар дар гӯшу зеҳни гирои зебоихоҳ хуруҷ мекард.

Пас аз худоҳофизӣ бо Эшони Судур Баҳроми баззоз низ ба бародарон ҳамроҳ шуд ва ҳар се якрост ба гузари Ҳалвогарон омаданд. Баҳром дар як лаҳза бо Усто Ҳамид забон ёфта, ҳар гуна қанду қурсу ширавориеро, ки барои Фарҳод лозим буд, дар халтаҳои хоси коғазӣ ҷудо-ҷудо ҷамъ овард. Ӯ ба писари дӯсти худ имкони тасвия[74] надода, ҳама пули маводи харидоришударо худаш ба қаннод дод. Вақте ки Фарҳод шармзада изҳори эътироз кард, Баҳроми баззоз бо лутфу меҳрабонӣ гуфт:

– Ин тӯёнаи ман бошад, додарам! Ба ҳурмати дӯстиамон, дил ба хиҷил нашав, агар заррае бандагии маро қабул дорӣ, аз ҳимматам рӯ натоб. Ман хеле-хеле дар назди дӯстам бедеҳкорам, нону намаки шуморо зиёд хӯрдаам, ин ки медиҳам, дар қиболи дасткушодиҳои шумо чизе нест!

– Дасти шумо дард накунад, саховататон беқиёс аст! Мо навкари шумоем, бародар, нагӯед қарздорам. Ҳамаамон фақат дар назди Офаридгори якто бедеҳкорем.

Аз лаҳзае, ки Фарҳоду Баҳроми баззоз ба коргоҳи Усто Ҳамид даромада аз пайи интихобу хариди маводи қаннодӣ, аз қабили ҳалвои тару риштагиву кунҷит, парварда, набот шуданд, Фаршед беохир духтари усто – Суморо мекофт. «Куҷо шуд ин ваъдахилоф, – бо ноҳинҷорӣ аз дил гузаронд ӯ, – қарор буд маро ба усто шинос кунад, хонаҳои кориро нишон диҳад, бо равиши пухтупази қанду набот ошно созад... Наменамояд, ба ҷое рафтааст, зоҳиран... Э Худо, наход нодида равам? Наход ки рӯ боз накунад? Чӣ кор кунам, аз кӣ пурсам? Ё ҷеғ занам, фарёд занам, ки биё, Сумо, биё, ман омадам? Наход ки...»

Не, Сумо ҷамолашро нишон надод. Вақте ки Фарҳоду Баҳроми баззоз ҳама харидҳои худро бар рӯйи чаҳорпояи роҳрав бағали ҳам гузошта, ба суҳбату ҳангомаи ширини худ бо Усто Ҳамид хотима медоданд, Фаршед билкул нороҳат шуд. Мисли мурғи посӯхта то дами айвони хурд, то остонаи танӯрхона, то охири долони коргоҳҳои қаннодӣ равуокунон бо чашмони аз ҳадақа баромада духтари соҳибхонаро мекофт. Ҳамин лаҳза дар канори айвон зане намудор шуд. Ӯ ба тан пероҳани васее пӯшида, ба сару гардани худ рӯмоли калонеро баста буд. Фаршед бехаёл ба ҷониби ӯ гашт ва наздик омада бесаброна суол кард:

– Хола, Сумо канӣ?

---

[74] **Тасвия** تسویه – пардохти пул, баробар кардани ҳисоб

Зани ношинос ҳайратомез аз сар то пойи ӯро варандоз карда, бо лабханд гуфт:

– Сумо ба гулчинӣ рафт, – ва бехаёл, ба воканиши писар таваҷҷуҳ накарда, ба самти танӯрхона роҳ пеш гирифт.

Фаршед дар шигифт монд. Сар дарнаовард, ки кадбону чӣ гуфтанӣ аст. «Ба гулчинӣ рафт», яъне чӣ? Дар фасли тирамоҳ ба гулчинӣ? Сумои дастёр, ки бе он ҳам ҳазору як кор дар ин қаннодӣ дорад? Лолу мабҳут даст ба сутуни айвон бурд, ки садои бародарро шунид:

– Додар, биё аз ин бастаҳо гир, меравем!

Оғуштаи фикру хаёли мубҳам Фаршед ба тарафи чаҳорпоя омад. Аз пайи бародару Баҳроми баззоз ду бастаи хурди боқимондаро ба даст гирифт ва дилвопасу мутаҳаййир, ба пас нигоҳкунон аз дарвоза ба берун баромад. Ғулғулаи дилашро наметавонист ба касе ифшо кунад, ёрои дарди дил кардан надошт. Лабташна, чеҳраи дилрабои Суморо надида, базӯр по бардошта коргоҳи қаннодиро тарк кард...

Дар ҳоле ки домани ширгуни рӯз дар зери пардаи беохири сиёҳгуна нопадид мешуд, шафақи уфуқ мавҷҳои гулгуни худро торафт аз даст раҳо мекард. Дар кӯчаҳои Нур равуойи одамон афзуда буд, ҳар кас саъй дошт роҳу роҳравҳо торик нашуда, борубунаи худро чи пуштора, чи бо аробаю фурғон[75] ба манзил расонад. Аз дили тараддудҳои сокинон садои шавқуну ғалағувурҳои беохир ба фазои кӯчаҳо печида дар гӯшҳо ба ҳар навъ танин меандохт. Фаршед дарёфт, ки аз сад яки ин сарусадоҳо дар рӯз шунида намешуд. Рӯзона ҳатто ба хаёле рафта буд, ки ин шаҳр бо ин ҳама бузургии худ беодаму хилват аст. Вале акнун акси ҳолро медид, то расидан ба кӯчаи Чармгарон ва аз пушти сар бастани дарвозаи шоҳонаи Баҳроми баззоз наздик буд гӯшҳояш кар шавад, худро дар умқи баҳре зери шуввоси якмароми беохири об ҳис мекард.

– Вақти шом ҳам шуд, Фарҳодҷон, – гуфт Баҳроми баззоз ва як лингаи одамгузари дарвозаро кушода, меҳмонони худро ба дохил хонд, – зудтар таҳорат гирифта бароем, ба ғизои шом дер нашавад.

Ҳамин ки вориди ҳаёти боҳавои бозаргон шуданд, бӯйи диловези нони навпухта ва тафти иштиҳоовари гӯшт ба димоғ зад. Фаршед дид, ки дар танӯрхона ва гирди оташдони мизбон як бонуи калонсол ва ҷавонзане машғули зиндагианд. Ҳар ду баробар каме пештар омада, ду даст ба рӯйи сина гузошта, ба онҳо салом арз карданд. Зани калонсол Фарҳодро шинохту чашмҳояш равшан шуд, бетоқатона ба пешвоз баромад.

– Хуш омадӣ, писарҷон, дар куҷоҳо мегардӣ, наменамоӣ? – ӯ якрост қадам гузошта ба назди суфаи даромадгоҳ омад ва бо кафи даст ба китфи Фарҳод тап-тап зада монд. Дар канори ӯ Фаршедро низ бо лабханд дида афзуд: – Ин бача додарат мегӯям, меҳраш ширин аст!

– Хушбахт бошед, янга, мо субҳи зуд дар Нур будем. Оре, ин ҳам додари хурдиам. Падарам ин дафъа ӯро ба ман ҳамроҳ кард, – аз хушҳолии кадбону шод шуда гуфт Фарҳод.

---

[75] **Фурғон فرغان** – василаи боркашонӣ, ки маъмулан як чарх дорад ва ду дастгираи ҳидоят

– Тану ҷонаш ба сахтиҳои сафар одат кунад, гуфтаанд-дия! Додӣ, дугонаам Маҳтоб сари ҳоланд, саломатанд? Хешони Бору ба чӣ аҳволанд?

– Ҳама нағз, янгаҷон, салом расонданд...

– Чиҳо кардӣ, аз меҳмонӣ омадӣ, худат? – риштаи суханро ба даст гирифт Баҳроми баззоз. – Зуд бош, дасторхон паҳн кун, гуфтугузор намегурезад!

– Ҳама чиз омодааст! Ман колаҳои додаронама дидан замон ба зиндагӣ часпидам. Марҳамат, дароед, ба болохона гузаред Фарҳодҷон.

– Аввал намоз мехонем, ба калин гӯй чой дам карда монад!

– Хуб шудааст, – як даст ба рӯйи сина бо таъзим ҷавоб гардонд кадбону ва бо ангушт ба сӯйи таҳхонаи самти рост ишора карда афзуд: – Обдастҳо пури оби гарм аст...

– Шуд, шуд, ту рав пайи корат! – каме баланд гап зад Баҳроми баззоз ва бо эҳтиром ба Фарҳод рӯ овард: – Додарам, чишнав дар он сӯ.

– Медонам, амак, – бо табассум гуфт Фарҳод ва Фаршедро ба ҷониби обрез фаро хонда илова кард: – биё таҳорат мегирем...

Дар мусофирӣ, дар шаҳри дигар дӯсту ошно доштан чӣ қадар хуб! Ғарибиро пай намебарӣ, аз танҳоӣ наметарсӣ, на парвои гармо дорию на боке аз сармо. Бо дили пур сар ба роҳию дил ба ёр. Ғам намехӯрӣ, на аз тангдастию ҳоли нобоб, на аз фуқдони[76] ҷойи зисту бистари хоб. Дар канорат ҳамрозат ҳаст, ҳамболат ҳаст, ёвару мададкорат ҳаст. Барои Фаршед ин як рӯзи сафар, ки нахустин бор ба шаҳри Нур, ба шаҳре, ки ҳамеша муштоқи дидану бӯсидани зебоиҳояш буд, омада дами хуш мезад, лаҳзаҳои гуворoро илқо намуд, то ҳадде ормонҳояшро бароварда сохт. Ӯ бо эътимод ҷилави ихтиёрашро ба дасти бародари хушном дода, аз таровату лаззату ширинкориҳои руҳбахш бархурдор шуд ва то поёни рӯз ҳис мекард, ки тану ҷонаш гӯё ҳамболи мурғони озодбол аст. Бо ин хаёлангезиҳо, дар сурате ки пас аз намозу хӯроки шомгоҳӣ гӯшу ҳуш ба суҳбату ҳангомаи Фарҳоду Баҳроми Баззоз сар ба лабаи тиреза такя дода менишаст, як он ба зеҳнаш ваъдаи бародар омад, ки қавл дода буд дар бораи саховатҳои Судурбобо нақл кунад. Ӯ ба маҳзи ин ки лаҳзае ҳамнишастон лаб ба хомӯшӣ заданд, фурсатро ғанимат шумурда ба Фарҳод рӯ овард:

– Додӣ, аз Судурбобо мехостӣ таъриф кунӣ. Гуфтӣ, ки эшон бозаргонанд, аммо дар назари ман ба мисли алломае намоён шуданд. Рафтору амалҳои имрӯзаашон ғайриодӣ буд, бо бузургвории худ маро лол карданд.

– Ман ба додари кунҷкобам як ваъда надиҳам, амак! То таҳу мағзи гапро нафаҳмад, домани касро раҳо намекунад, – бо завқ ба соҳиби хона гуфт Фарҳод ва каме ба фикр фурӯ рафта, чида-чида суханашро давом дод: – Яке аз донишмандони маъруфи қарни ҳафтум[77] Ёқути Ҳамавӣ, ки бо лақаби «Шайх-ул-имом» шинохта шудааст, чунин фармуда: «Нур ба замми нун шаҳракест

---

[76] **Фукдон** فقدان – набудан, дастнорас будан

[77] Қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ-қамарӣ мутобиқ бо асри 12-13 милодӣ аст, ки замони зиндагии таърихшинос ва ҷуғрофидони маъруф Ёқути Ҳамавӣ (1179-1229) бошад.

байни Бухоро ва Самарқанд, дар наздикии кӯҳе воқеъ аст, ки дар он ҷо мақобир ва машоҳиди[78] сулаҳо[79] аст ва мардум барои зиёрат ба он ҷо раванд».

Бо арзи ин калом Фарҳод боз як дам хомӯш монд. Баҳроми баззоз ва Фаршед бо тамоми вуҷуд ба ӯ хира шуда нигоҳ мекарданд. Барои онҳо ҳар як сухани домуллои ҷавон чун гавҳаре бозтоб дошт, билхосса, Фаршеди ташна ба донистаниҳо намехост ҳатто таваққуфи ӯро дар байни каломаш нодидаву ҳис накарда гузарад. Фарҳод риштаи суханро пайгирӣ кард:

– Бубин, додар, бо забони худ қоил омадани Шайх-ул-имом аз шаҳре, ки макони «мақобир ва машоҳиди сулаҳо» аст, бесабаб нест. Нури мо ин гуна собиқаи пурнуру зиёро дорад ва инсонҳои некрӯзу солеҳу бофарҳангро дар оғӯши худ парваридааст. Ва он гуна бузургон имрӯз ҳам одобу аъмоли ҳамидаи гузаштагонро идома медиҳанд, ки яке аз онҳо Судурбобои мост, – Фарҳод бе ирода ба соҳибхона рӯ гардонд, – вале аз ҳиммати волое, ки чанд сол пеш анҷом додааст, Баҳромамак бештар хабар доранд. Фаршедҷон масҷидсозии эшонро донистан мехоҳад.

Баҳроми баззоз мулоим лабханд зада, бо тааммул суҳбатро идома дод:

– Чӣ гӯям, Эшони Судур марди олиҳиммат аст, мурувватпешаест, ки аз чашмаи меҳрабониҳояш хурду калони Нур баҳраманд шудаанд. Вале, масҷидро навсозӣ кард гӯем, дурусттар мешавад, чунки масҷиди Чилсутун пештар ҳам буд.

Фарҳод бо овози кам «оре, оре» гуфта, сар такон дод. Дар канори ӯ Фаршед низ ба ҳикояти соҳибхона гӯш фаро ниҳод.

– Он айём писарам Шаҳром дувоздаҳ сол дошт, чунки амини маҳаллаи Арабгузар як тӯб сатини аз Бухоро овардаамро гирифта ба ҷояш як сар гӯсфанд дода буд ва гӯё ҳаққи ӯ дар ман мемонд, бо миннат арз кард, ки «ҳеч гап не, савоб мегирем, гӯсфандро, ки ба мучали писарат ҳалол мекунӣ, аз ҷониби ман ҳам барояш ҳадяе бошад». Бубинед, рӯзҳо чӣ қадар тез мегузарад, аз он дам аллакай сенздаҳ сол сипарӣ шудааст!

– Соли бисту панҷум[80], – дар миёни калом ба таъйиди сухани Баҳроми баззоз гуфт Фарҳод.

– Бале, ҳамон сол, вақти кӯкалам[81], моҳи сафар буд, – ба гапи худ идома бахшид соҳибхона, – шогирди Судурбобо ба ман пайғом расонд, ки зуд ба хонаи эшон гузарам. Ман ҳам се-чор нафар меҳмони хонаро ба ихтиёри худ гузошта, бе таъхир ба дидори устод шитофтам, зеро медонистам, ки ӯ аз даргоҳи амир бармегашт ва ҳатман кори заруре дорад. Оҳ, оҳ, агар он замон намои Эшонбоборо медидед! Бар замми аммомаю абои фохира камарбанди муҷаллале низ ба тан баста буд, ки сагаки нуқрагини он чун Хуршеди саҳарӣ ба дидаҳо нур мепошид. Ӯ аз сӯйи амир мақоми судурӣ дарёфта, бо як ҷаҳон орзу ба зодгоҳ баргашта буд. Нахустин кори ободсозиро мехост аз масҷиди харобгаштаи Чилсутун оғоз кунад. Бо ин ҳадаф худро оростаю пероста сохта

[78] **Машоҳид مشاهد** – шаҳодатгоҳҳо, мақбараҳои шаҳидон

[79] **Сулаҳо صلحا** – ҷамъи «салеҳ» ба маънии солеҳ: 1)некрӯз, шоиста; лоиқ; 2)дорои эътиқод ва амали дурусти динӣ

[80] Манзур соли 1325 ҳиҷрии қамарӣ аст, ки мутобиқ бо соли 1907 милодӣ бошад.

[81] **Кӯкалам كوكِلَم** – айёми сабзахезӣ, аввалҳои фасли баҳор

омодагӣ дошт ба ҳузури беки Нур – Раҳматуллоҳ биравад. Баробари расидани ман ба роҳ баромадем.

Фаршед беихтиёр дар миён ба сухан даромад:

– Пас, Судурбобо ки мегӯем, ишора ба он мақоми бахшидаи амир аст?

– Комилан дуруст! Эшон гумоштаи амир нест, аммо дар бахши бозаргонӣ то ҷое таъсиргузор аст, ки ӯро дар ҳама гӯшаю канори иморат мешиносанд, – бо мароқ ба ҳарфаш идома дод соҳибхона. – Ба хусус, дар тиҷорати пӯсту пашми қарокӯлӣ беҳамтост. Ин гуна масолеҳи муҳимми рӯзгорро на фақат ба бозорҳои Бухорою Самарқанду Хӯқанд, ҳамчунин аз як сӯ то ба Уренбурху Петербурх, аз ҷониби дигар то бозорҳои Афғонистон расондааст. Эшон даромади бисёр мегирад, вале аз он ба андозаи мояҳтоҷи рӯз ба худ мегузораду бақия ҳама пулу молу манолро барои таъмиру навсозии масҷиду мадрасаҳо, пештоқу гунбазҳо, ҳаммому осиёбу корвонсаройҳо харҷ мекунад. Яке аз ҳимматҳои бемонанди эшон ин аст, ки дар боғдорию кишоварзии Нуру атрофи он саҳм гузошта, навъҳои серҳосили гуҷифарангӣ[82], себзаминӣ[83], карам, гелоси русӣ, ниҳоли ақоқиё, тути балхӣ, чиннигул, гултоҷи хурӯс, марза[84] ва тухмиҳои дигар гиёҳу гулҳои зеборо овардааст. Ин корҳоро на ҳама мекунад, ба гуфтан осон.

Фарҳод дар омади гап илова кард:

– Ба деҳаи мо нахустин патефонро Судурбобо тақдим кардааст, ба падари ман. Бо устодам Мулло Дурандеш аз сафҳаҳои он дастгоҳи сабти садо сураҳои Қуръонро гӯш мекардем. Он замон патефон дар назари ман мисли аъҷубае менамуд, ки ба гуфтаи момоям, аз сохтаҳои шайтон буд. Лекин каме дертар дар Бухоро бо он бисёр сарукор доштем, бо садои ровиёну ҳофизон ғазалҳо ҳам гӯш мекардем.

– Корҳои неки устодам кам нест, дар ҳақиқат. Ҳамон гуруснагии оми ду сол пешро намегӯйӣ?! Зимистони қаҳратуни соли сию панҷ барои халқи Нур бениҳоят вазнин омад. Ғизою хошоки мол як тараф, худи одамон ҳам ҳар чӣ доштанд тамом карданд. Даҳҳо хонавода бе қути лоямут монд. Берун бароӣ – туфкун яхкун, барф аз зону боло. Дӯконҳо ҳама баста шуданд, аксари амлокдору аминҳо худхурамӣ карданд, дар кошонаҳои худ аз дарун зулфин зада менишастанд. Кор то ҷое расид, ки зану кӯдакон аз дасти гуруснагии ногаҳонӣ варам карда ҷон ба Ҷаббор таслим мекарданд. Ту гӯйӣ, ба Нур офат омад, офати сахти бебизоатию гуруснагӣ! Ана дар ҳамин гуна вазъияти мушкил инсонҳое пайдо шуданд, ки ба оммаи фақирмонда ёрии хешро дареғ надоштанд. Аз ҷумла, Судурбобои олиҳиммат, ки сарнавишти мардумро бо қисмати худ як медонист. Ӯ дар он айём шаш моҳи расо, яъне аз моҳи сафар то моҳи рамазони сию панҷум[85], то аввалҳои тобистон канда накарда ба

---

[82] **Гуҷифарангӣ گوجه فرنگی** – помидор

[83] **Себзаминӣ سیب زمینی** – картошка

[84] **Марза مرزه** – навъи гиёҳи яксола аз тираи наъноиён аст, соқаи бисёр дорад ва рангаш ба қирмиз моил аст; ҳамчун кабудӣ (сабза)-и хӯрокӣ истифода мешавад

[85] Аз моҳи сафар то моҳи рамазони соли 1335 ҳиҷрӣ-қамарӣ мутобиқ бо давраест аз декабри соли 1916 то июли соли 1917 милодӣ.

гуруснамондаҳо ғизои гарм расонда истод. Ҳар рӯз аз чаҳор то даҳ дегро холӣ мекунонд. Оре, ин қабил саховатҳо аз дасти ҳама намеояд!

– Магар мешавад он рӯзҳоро фаромӯш кард, амак? Нӯки он нодорию гуруснагиҳо то деҳаҳои мо ҳам расида буд. Лекин деҳа дунёи дигар аст, ҳама аз як гиребон сар бароварда, дастгири якдигар шудем. Баробари кушода шудани роҳ ба нуриён низ даҳ шутур бор фиристодем.

– Ин муҳаббатҳост, ки мо ҳамдигарро мешиносем! Аҳли Нур ҳанӯз аз саховати бародарони Бору ёд мекунад, – Баҳроми баззоз каме ба риққат омад. Як лаҳза хомӯш истод, нафаси амиқ кашид. Чун наклаш перомуни некиҳои Эшони Судур поён наёфта буд, аз нав ба сухан даромад: – Хуллас, он шаби баҳории соли бисту панҷ ману устод ба хонаи Раҳматуллобек рафтем. Ҳанӯз ҳам барои ман мубҳам аст, ки барои чӣ бек он рӯз ҳама амину оқсақолони маҳаллӣ ва гумоштаҳои наздикашро гирди хон даъват карда буд. Дасторхони густурдаи пурнозу неъмат ва махмурии гирдиҳамомадагон аз нишасти маъмулӣ доштани бек гувоҳӣ медод, вале даври ҳам ҷамъ омадани мансабдорон ба як мулоқоти расмӣ ишора мекард. Бо ин ҳама, навкари назди дар аз ташрифи устод хабар дод. Ҳамин ки ба он нишаст даромадем, аз пойгаҳ то пешгаҳ ҳозирин баробар сари по хестанд. Танҳо бек ҷисми чун кунда ғафси худро каме ҷунбонда, бо нӯфи нигоҳ моро аз дида гузаронд. Устод ба ҷамъ салому дуруд гуфта, хост дар назди дар нишинад. Вале ҳама бо як овоз ӯро ба пешгаҳ гузаронданд. Бек, мисли ин ки салом додан барояш мушкил буд, базӯр дасти росташро аз остини васеи узорадор берун кашид ва ба сӯйи устод дароз карда бо овози хиррӣ гуфт: «Хуш омадӣ, судури аъзам. Мегӯянд, ба корҳое дасту остин барзадаӣ?» Он лаҳза ман нафаҳмидам, ки ин ҳарфи ӯ пурсиши одӣ буд ё киноя. Дар ҳар сурат, Эшони Судур рӯ ба рӯйи ӯ, бе он ки чорқат шавад, рост истода, бо тааммул ҷавоб дод: «Мо аз коре намеҳаросем, агар ба нафъи мардум бошад, лутфан дуое фармоед ба номи Ҳақ, то дигарон маътал нашаванд». «Судури аъзам, дуо аз муқаррабони амир хуш аст, худат арз кун». Он лаҳза пай мебурдам, ки суханҳои бек таҳдор аст, гӯё на аз зин мефуромад, на ба лигом тан медод. Устод сари дузону нишаста, дуои Фотиҳа хонд ва савоби оёту аъмолро ба руҳи гузаштагону Худованд бахшид. Сипас, суҳбатро дароз накарда аз болои қасд зад: «Ҳузур доштани масъулини шаҳрамон айни муддаост! Ҳар яки шумо хабар доред, ки калонтарин намозгоҳи мо – Чилсутун ба ҳоли абгор афтидааст. Пас аз таъмироти Абдуллохон, ки дусад солу анде мегузарад, касе ба он ангушт назадааст. Бому пештоқу деворҳояш рехтаю фарсуда гардида, ягон сутуни кирмнахӯрда, намаду шоли сиҳат, васоили дурусти таҳорат надорад. Айб аст, ин қадар амволдор дорему ба ҳоли масҷиди ҷомеъ диламон намесӯзад. Ҳаминро бо раият машварат карданӣ будам...»

Фурсате дар хонаи бек хомӯшӣ ҳукмрон шуд. Касе ҷуръат намекард изҳори назар кунад, ба назар мерасид, ки донистанӣ буданд, худи бек чӣ аксуламале нишон медиҳад. Ҳамин хел ҳам шуд, бек канда-канда ба сухан шуруъ кард: «Мо ки..., судури аъзам..., пули... зиёдатӣ надорем. Медонед... чӣ қадар пулу чиз... лозим аст ба ин кор?...» «Шумо, ҷаноби бек, ба ман изн диҳед, ҳама корро ба уҳда мегирам, агар дар хазинаатон ҳам сиккаи зиёдатӣ набошад

боке нест», бо ирода ва қотеият гуфт устод. Бек ризоят дод: «Малол наояд, ки ҳазинаи мо чӯкидааст, лекин ҳар қадар мардикору усто ниёз доред, аз чаҳор сӯ ҷамъ мекунем. Мо низ аз Худо мехоҳем, ки масҷиди ҷомеамон бозсозӣ шавад!»

– Аҷаб, ба ростӣ Раҳматуллобек чизе надода буд? – тоқат накарда пурсид Фаршед. – Амалдоронаш чӣ?

– Эҳ писарам, Судурбобои мо дар байни хосу ом беҳуда сози шуҳрат назадааст. Ӯ медонист, ки пасандозаш ба ин кори бузург кофӣ нест, аммо ба он бойҳои мумсик ҳам сар хам накард, танҳо ба мардуми заҳматкашу ориятдори Нур эътимод дошт. Он замон ҳар чӣ маблағ ҷамъ карда буд, ба кор бурд, қариб панҷ ҳазор пӯсти хушсифатро аз анбор гирифта, аз тариқи Бухоро ба Питирбурх ва аз он ҷо то Порис фиристод. Аз байн се моҳ гузашту пули нақд ба даст омад. Аз Бухоро меъмори маъруф Абдушукурро ба навсозиҳои масҷид фаро хонд ва ин устодмард дар як муддати кӯтоҳ чандин сангтарошу дуредгару банноро аз Ғазғон, Кармана, деҳаҳои кӯҳпоя ва устоҳои зиёдеро аз худи Нур дар атрофаш ҷамъ кард. Тарҳи асосӣ, тавре ки мегӯянд, чор девори масҷид боқӣ монд, дигар ҳама чиз – аз кафу сутуну дару даричаҳо гирифта то босму пештоқу гунбадҳои соза нав шуд. Аз субҳ то шом думи ҳашарчиён – одамони одӣ, ки ба ёрӣ меомаданд, канда намешуд.

– Дар воқеъ, иморати васею боҳашаматест, падарам мегуфт, арбоби Бору ҳам як гурӯҳ устою мардикорро ба ин ҷо фиристодааст, гӯё се сол мондаанд. Сохтусозаш магар дер давом кард?

– Оре, бо он ҳама давутоз ва саъю талош панҷ сол заҳмат кашид, устодамон! Лекин кам наовард, ба нияти неки худ расид.

Фарҳод афзуд:

– Бешак, ҳиммати волоест, акнун ҳама дар ҳаққашон дуо мекунанд.

Фаршед дузону нишаста, бо таҳлили нақлҳои соҳибхона дергоҳ ба андеша ғӯтавар шуд. Ҳамоно дар мадди хаёлаш чеҳраи бовиқору нуронии Судурбобо ҷилва мекард. Ҳарчанд риши кулӯта ва рухсори паҳн дошт, чашмони фурӯрафтааш дар зери абрувони дурушт ва ду гунаи устухонӣ ӯро лоғар нишон медоданд. Аммо чорпаҳлу буд, ду китфи васеаш бо қомати баланди ӯ ҳамхонӣ мекард, ба пирии худ нигоҳ накарда, бардам роҳ мерафт, асои дасташро барои зеби пиронсолӣ гирифта мегашт. Дар канори ӯ дигар муллою эшонҳои Нур низ нуронӣ метофтанд, дар чеҳраи ҳар яки онҳо дурахши меҳру ҷавонмардӣ ҷило медод, ба ҳамдигар бениҳоят ҳалиму хушмуомила буданд...

Посе аз шаб гузашт. Баҳроми баззоз ё дер шудани шабро ҳис кард, ё ки аз саъю талошҳои рӯзона хастагиро, аз қиссагӯйӣ бозистод ва «ё Аллоҳ» гуфта аз ҷо хест. Ӯ ба самти дар қадам ниҳод, то ба ҳамсараш фармояд, ки барои меҳмонон ҷойи хоб андозад. Ҳамин дам, ҳанӯз аз дар хориҷ нашуда, садои ҳамсараш аз зинапоя баланд шуд:

– Баҳромака! Ба дар нигаред, меҳмон омад!

Ҳама дар тааҷҷуб монданд. «Дар ин ними шаб кӣ бошад?», аз зеҳн гузаронд соҳибхона ва бо шитоб ба берун баромад.

Вақте ки Баҳроми баззоз бо меҳмони нохондаи худ ба болохона баргашт, шигифти бародарон боз ҳам бештар шуд. Баногоҳ пайдо шудани Собири ҳофиз – дӯсти Фарҳод аз деҳаи Мазор барояшон дидори ғайримунтазира буд. Дар равшании як дона чароғи нафтӣ ва ду адад шамъи то нисф расида пай бурдан мушкил набуд, ки ҳофиз ҳоли хаста ва парешон дорад. Дар ин бевақтӣ қадам ранҷа фармудани ӯ бе ҳикмат наменамуд. Чун гарму самимӣ вохӯрда ҳолпурсӣ карданд, Фарҳод бетоқатона пурсид:

– Куҷост Собири башшоши мо?! Чаро дар худ гирифтаӣ, дилозурда менамоӣ?

– Хабари нохуш расид, дӯстам, аз Бухоро, – каме ором шуда бо ғамгинӣ гуфт Собир ва ба Фарҳод коғази чорқатеро дароз карда афзуд: – Дар пешин амакбачаам ин хатро овард, худат хон.

Фарҳод дарҳол коғазро рост кард ва ба шамъ наздиктар бурда бо овоз хонд: «Бо арзи салом, дӯсти ҳамсабақам, хуб шуд, ки писари амакат Насимҷон ба хонаам омад. Ин рӯзҳо Бухороро чодари балою маҳшар печонидааст, ҷангу ҷидол, хунрезӣ, бедодӣ. Толибилмони мадрасаҳоро ҳам ҷамъ карда ба ғазо бурданд. Аз кулангу[86] ӯсуғда гирифта то туфанг – ҳар чи барои ҷанг кор ояд, ба дасташон доданд. Дар ҷанги дирӯз Домулло Асвад ва ду шарикдарсамон – Илҳоми ғиҷҷакиву Навшоди калла шаҳид шуданд, имрӯз ташйиъи ҷанозаашон буд. Ман ба ҷаноза нарафтам, зеро ҳоли худам ҳам аз мурда бадтар аст. Аз пойи ростам захмӣ шудам, тири дайду корамро кард, табиб мегӯяд хуни бисёр талаф додаӣ... Намехостам ин ҳама бадбахтиро навишта туро ҳам дилозурда кунам, лекин сабрам аз даст рафт. Агар рафту дида ба қиёмат монад, маро ёд кун, ба ҳама дӯстонамон салом расон. Ба хусус, тую Мулло Фарҳодро сахт пазмон шудам... Бо эҳтиром, Барзу». Фарҳод ба ҳолати яъс уфтод, бо овози ҳазин садо баланд кард:

– «Қолу инна лиллоҳи ва инна илайҳи роҷиун» – мо аз они Худо ҳастем ва ба сӯйи Ӯ бозмегардем, – ҳама даст ба рӯ кашиданд, Фарҳод оҳ аз сина баровард: – Сад афсӯс... устод Асвад-домулло, Илҳом, Навшод... чи инсонҳои хубе буданд...

Соҳибхона дилдорӣ кард:

– Ин мусибат аст, додарони азизам, ба шумо таслият мегӯям. Худо раҳмат кунад, ҷойи даргузаштагон фирдавси барин бод.

Чанд муддат хомӯшии мутлақ ба миён омад – сукути маҳкуми бегуноҳ[87], сукуте, ки дар худ гиряву алам дошт. Ин лаҳзаи оромӣ барои Фарҳод фурсате буд, ки як дам ба тазйиқи нобаҳангоми зиндагӣ таҳаммул кунад, дар паҳнои хотирот фосилаҳоеро бо гавҳари хаёл пайванд диҳад. Вале пардаи хаёлангезиҳо бо садои соҳибхона харош хӯрд:

– Нобасомониҳои Бухоро сари чандин касро хоҳад хӯрд. Миллати мусалмонро пароканда кард ин амири лоқайд! – Баҳроми баззоз бо ғазаб ҳарф зада, садои помониро аз зинапояи берун шунид магар, аз ҷо хесту дарро боз кард. Дасторхону косаи хӯрокро аз дасти ҳамсараш гирифт ва баргашту дар

---

[86] **Куланг کلنگ** – зоғнӯл, таш

[87] *Сукути маҳкуми бегуноҳ*: буғз, оҳ, гиряи дарун

назди Собир гузошт. – Аз роҳ омадӣ, додар, ду-се луқма гир, чой ҳам медиҳад...

– Заҳмат накашед, дар ин бевақтӣ бачаҳоро ҳам нороҳат накунед, – бо хиҷолат гуфт Собир, – чун медонистам Мулло Фарҳод дар манзили шумост, рост ба ҳамин ҷо омадам. Эҳ, кош ин хабарҳои наҳсро намешунидам!

– Ҳеч ҷойи заҳмат нест, марҳамат, ба дасторхон меҳрабон шав. Меҳмон атои Худо гуфтаанд, чи шаб ояду чи рӯз. Ин рӯзҳо ба сари ҳама меафтад, хеле кори хуб кардӣ, ҳар неку баде рух диҳад бояд дӯстонро хабардор кунем, ин қарзи инсонии мост.

Фарҳод низ муҳри сукути худро шикаст:

– Аз ту сипосгузорам, дӯстам! Агар имрӯз намегуфтӣ, фардо дер мешуд. Ба Саидҷон ҳам бояд хабар кард, розӣ шавад, секаса ба Бухоро меравем.

Баҳроми баззоз нооором шуд, сухани охири Фарҳод теғеро мемонд, ки ба танаш мехалид. Ӯ бо изтироб гуфт:

– Не! Ин хаёли хомро аз саратон дур кунед! Эшон Саидҷон ҳам дар хонааш нест, қарор буд ба Ғазғон равад.

– Барои чӣ, амак? – Фарҳод аз ошуфтагии Баҳроми баззоз ҳайрон шуд.

– Дидаю дониста ба ҷаҳаннам по мениҳед? Бухоро ба коми оташ рафтааст, ягон кӯчаи орому осуда надорад. Ҳар киро аз тақдираш, зиндаю саломат ки монд, як рӯз ба дидор мерасед.

– Не, бояд равем, амак, беҳуда нагуфтаанд:

*Дунё хуш асту мол азиз асту тан шариф,*
*Лекин рафиқ бар ҳама чизе муқаддам аст.*[88]

Шумо ба мо ёрӣ диҳед, саҳарӣ ба ягон корвон ё ошнои савдогаратон расонед. Ба наздикони Домулло Асваду ҳамсабақонамон бояд изҳори ҳамдардӣ кунем, ҳадди ақал ба аёдати дӯстони беморамон расем. Агар тавонистем, бо худ меорем, аз он кулфат раҳоӣ мебахшем. Фикр мекунед бо дарёфти ин нома хоб мебарад моро?

Собири ҳофиз илова кард:

– Ман ҳам бо ҳамин ният омадам. Магар мешавад мо ин ҷо дами фароғат занему дӯстонамон дар азобу уқубат бимонанд? Бояд ба имдодашон расем.

– Эҳ ҷавонҳо, ҷавонҳо! Ман намегӯям ба аёдату ҳамдардӣ наравед, аммо фурсати муносиб лозим. Рӯзҳои охир он сарбозони тазорӣ, э не, ҳамон булшивикҳое, ки гуфтӣ, дар ҳама ҷо хунрезӣ мекунанд. Барои онҳо хурду калон, зану мард фарқе надорад, ҳар кӣ ба гапашон гӯш накунад сар мезананд. Дар Бухоро ин ҷаҳолат даҳчанд аст, ба хотири муқобилати амиру пайравонаш ҳамаро туъмаи тири туфанг мекунанд.

– Бо ин ҳол, чароғи умед ҳаст. Маълум, ки зиндагии шаҳр пурра фалаҷ нашудааст, чун мардум даробаро дораду нафас мекашад, пас ҳаёт идома дорад. Мо ҳам кори таваккул намекунем, амак, наход ки дидаю дониста худро ба оташ занем?

---

[88] Байт аз Шайх Саъдӣ

– Инро мефаҳмам, аммо ба дӯстам чӣ мегӯям? Агар Фаршедро танҳо фиристам, усто намегӯяд чаро пеши роҳи Фарҳодро нагирифтӣ? Ин ҷо ман ҷавобгӯйи шумо ҳастам, додарам...

Баҳсу мунозира то дергоҳ тӯл кашид. Чароғи нафтӣ торафт хира мешуд, ба фатилаи он шира кам мерасид, рӯйи шишаашро беш аз пеш дуда зер мекард. Аз ду шамъ яке об шуда рафт, дигарӣ ҳам дар ҳоли тамомшавӣ буд...

Субҳи зуд Фаршеду Шаҳром савори ду хар, бо мақсади Бору ба роҳ тараддуд диданд. Баҳроми баззоз нахост Фаршед танҳо биравад, писарашро ҳамроҳ фиристода таъйин кард, ки то чанд муддат ба рӯзгори Шокирино ёрӣ расонда дар деҳа бимонад. Азбаски худаш ният дошт чанд рӯзи дигар бо ёварони Эшони Судур ба деҳоти кӯҳпоя барояд, ба писар ёдрас намуд, ки дар бозгашт ӯро низ меоварад. Фарҳод билофосила номае барои падар навишт ва бо узру пӯзиш мавзуи ба Бухоро рафтани худро кӯтоҳу мухтасар баён кард ва аз ӯву модараш хоҳиш кард, ки хавотиру нигарон нашаванд. Бародарону дӯстон бо хайрухуши гарм аз ҳам ҷудо шуданд.

Сипас Баҳроми баззоз барои гуселонидани Фарҳоду Собири ҳофиз ба корвонсаройи калони Нур омад. Хушбахтона, қофилаи урганҷиёни бозаргон, ки наздики як моҳ пӯсту пашм, меваҳои қоқу хушкбор ва дигар маводи рӯзгорбоб ғундошта буданд, ҳамон рӯз бо шаҳри дӯстдоштаи худ худоҳофизӣ мекарданд.

– Дар пеш зимистон, маҷбурем Нури нурониро бо ҳама зебоиҳояш гузошта равем, бояд ба дер намонда то Урганҷу Хева рафта расем, – мегуфт қофиласолор ба Баҳроми баззоз, ки бо ҳам ошнаю ҳамкори қарин буданд.

– Иншоаллоҳ, соли дигар боз меоед, мо ҳамеша чашм ба роҳи шумоем, – бо камоли майл ба ӯ ҷавоб гардонд Баҳроми баззоз ва ноаён чанд танга дар кафи бозаргон гузошта бо оҳанги хоҳиш афзуд: – Ин ду ҷавон додарони дилбанди ман ҳастанд, ҳар ду мулло, инсонҳои мукаррам. Агар безиён то Бухоро мерасондед сарам ба осмон мерасид.

– Ҳатман, сухани дӯст рӯйи чашм! Лекин маро шарманда мекунӣ, ин барои чӣ? – гуфт қофиласолор дасти ошнои худро ба пас тела дода. Вале бо истодагарии Баҳроми баззоз сиккаҳоро дар ҷайби хилъати сафариаш андохта монд.

Баҳроми баззоз дилвопас буд. Агарчи ҳар дафъа додарони муллои худро бо хушҳолӣ ва ғурур ба Бухорои Шариф гусел мекард, ин бор лоилоҷ ба ин иқдом даст мезад. Ба хубӣ мефаҳмид, ки дар айни ҳол ба чашми Фарҳоду Собир ғайр аз ёру шарикдарсони бухороӣ дигар ҳеч чизу ҳеч кас наменамояд. Бо вуҷуди ин, аз онҳо талаб кард, ки ҳадди аксар то ду ҳафтаи дигар ба Нур баргарданд. Ин дам бошад, ба ҷуз дуои хайру сафари хуш хостан чораи дигаре надошт. Бо умеди дидори баъдӣ ҳамдигарро ба оғӯш кашида хайрухуш карданд. Корвон ба роҳ уфтод...

## 3. ОДАМОНИ БОРУ

### Дӯкондор

Анбӯҳи торикӣ наметавонист дили шабро хира кунад. Дар ин поси дасткӯтаҳӣ ёвари ҳамешагии шаб ва роҳнамои одамони бедорхоб моҳи на он қадар пурраи мунир буд. Ин парирӯ аз домани осмони пурситора анвори аз Хуршед амонат гирифтаи хешро беохир ба заминиён эҳдо мекард. Чеҳраи доғдори вай оинаи гирди барҷастаеро мемонд, ки гӯё андаруни танӯри фалак ҷо гирифта, ба мисли оташпорае шуъла меафканд.

Маҳтоб дар бағали оташдони танӯрхона ба сукунати шаб гӯш дода, дида ба моҳи ёздаҳ-дувоздаҳрӯза дӯхта меистод. Гарчи бозтобии «дугона»-и ҳамешагиашро дар умқи зеҳн ҳис мекард, хаёлаш побанди бачаҳо буд. Роҳи Фарҳоди ҷаҳонгаштаашро борҳо поида, то ҷое ба фироқи ӯ одат кардааст, аммо дилбанди хурдакаш Фаршед нахустин бор ӯро пазмон мекард. Ҳарчанд намехост ӯро ба ин гуна сафарҳои дур фиристонад, лекин «обутоб ёбад» гуфтани шавҳар ба ӯ қувват медод. Аз Фарҳод дилаш пур буд, бо ин ки ӯ танҳо шаҳрҳои гирду атрофро то Бухорою Самарқанд дидааст, дар назари модар марди дунёдидаеро мемонд. Ӯро ҳама вақт «писари ҷаҳонгаштаам»-гӯён бо меҳру эҳтиром навозиш мекард. Ба гуфтаи шавҳар, мебоист писаронаш имшаб то субҳ расида оянд. Бо вуҷуди дурии роҳу пойи хар, рӯзи сеюм мегузашт, дигар бояд гӯшу ҳуш ба дарвоза шуд...

– Очаҷон! – бо овози маҳини Наима торҳои хаёли Маҳтоб аз ҳам гусаст. – Дасторхонро омода кардам, ба додом барам?

– Не, не, камтар сабр кун, духтарам, – ба худ омада гуфт Маҳтоб, – биё, аввал косаю табақҳоро ба хона дарор. Ман чой мондам, ҷӯшад, якбора бо як чойник чой мебарӣ.

– Хуб шудаст, очаҷон, – Наима тез қадам зада ба танӯрхона омад ва зарфҳои шустаи модарро гирифта ба хона баргашт.

– Додаронат хоб рафтанд?

– Ҳамааш хоб, фақат Сокина рӯйи ҷояш шеъргӯйӣ мекунад. Медонед-ку, то сурудҳои ёдгирифтааша як-як такрор накунад, хобаш намебарад.

– Вай духтари додош-дия, ҳеч гап не...

Бинои хонаи Шокирусто аз пеш ду дари даромад дошт. Аз дари аввал ба даҳлез ва аз он ҷо ба ду боб хона дохил мешуданд. Хонаи дасти чапро, ба истилоҳи худашон, «ҷойишист» ва хонаи рӯ ба рӯро «хониоча» меномиданд, зеро ин кулба ҷойи писандидаи модари Шокирусто барои шинухез буд. Ҳамин тавр, хониоча барои Маҳтобу духтаронаш ва хонаи ҷойишист барои Шокирустою писаронаш ҳамчун ҷойи хоб ба кор мерафт. Дари дуюм бошад, аз берун ба меҳмонхона роҳ боз мекард. Ин хона фазои бештар дошт, сенздаҳболора буд. Шокирусто меҳмонхонаашро дертар, ба хотири омадурафти бисёри меҳмонон ва ошноёни дуру дурдаст, ба шафати хонаи қаблӣ часпонида сохта буд. Дар ин ҷо ҷуфтвассаю болорҳои сақф бо нақшҳои

кандакоришуда дилу дидаро мефиребанд, мегӯянд, дастранҷи дуредгару ҳунарманди деҳа Усто Шодмон аст.

Наима зарфҳоро дар ҷевони даҳлез гузошта, аз сабади овезон дасторхони нону фатирашро гирифт ва ба назди модар омад. Маҳтоб чойи дам кардаи худро бо ду пиёла дар дасторхон печонида гуфт:

– Эҳтиёт шав, наафтонӣ. Дидӣ ки корашон тӯл кашид, эркагӣ куну аз дасташон гирифта биё, то саҳар намонанд.

– Эҳ, очаҷон, магар намедонед додома? Он кас бо сад баҳона мана ба хона мефиристанд. То пилтаи фонусашон сӯхта тамом нашавад аз ҷо намеҷунбанд.

– Аз додиёнат дарак нашуд, дилам ҳавл меорад. Мабодо ба дӯкон оянд, тез хабар кун.

– Бисёр ба роҳашон нанигаред, додом гуфтанд нисфҳои шаб меоянд, роҳи дур бошад...

Маҳтоб аз таҳи дил оҳ кашид. Хаёломез ба моҳи осмон назар андохт. «Бубин, ҳар гоҳ ман ба фарози боғат гузаштам, писаронат меоянд», гӯё чеҳраи моҳ ба ханда моил шуду садое ба гӯши Маҳтоб расид. Лабонаш ғунча шуд, ба худ омада, дасташро ба дӯши духтар гузошта гуфт:

– Зудтар рав, дили додоят ҳам рехтагист[89].

– Ту даромада дароз каш, очаҷон, хаста шудӣ, дам гир.

Дӯкони порчабофии Шокирусто аз хонааш он қадар дур набуд. Бо пайроҳаи рост фақат боғи назди ҳавлиашро миёнбур карда мегузаштанд. Усто намехост нигоҳи ҳар кас ба дӯконаш биафтад. Ҳарчанд аз роҳи асосии одамгузар дур буд, дар атрофаш ҳам ба фосилаи се-чор қадамӣ дарахтҳои себу зардолую тут нишонда буд, ки ҳама аллакай сершоху навда шуда устохонаро аз чашми «номаҳрам» пинҳон мекарданд. Усто дӯконашро беҳтар аз хонааш нигаҳ медошт, ҳар сол деворҳои онро аз даруну берун бо гиландоваи нав оҳор медод ва пушти бомро низ каҳгили тоза мегирифт. Дари дулингаи дӯкон мулоим бозу баста мешуд, зулфину қуфли он ғафсу мустаҳкам буд. Ин дар бо паҳлудариаш чунон тарҳи дилрабое дошт, ки гӯё бар рӯйи коғаз ё матоъ нақшу нигор кашида бошанд. Дар атрофи он кандакории барҷастаи муқарнасӣ ва бар рӯйи тахтаҳои дохилӣ кандакории нисбатан ҳамвор бо шаклҳои ислимию гиреҳдор иҷро шуда буд, ки бо тамошои он аз даҳони ҳар як бинанда об мерафт. Аз даҳлези дӯкон ба ду дар хона медаромаданд. Яке бо арзи бештар коргоҳи Шокирусто буд, ки ҳама амалиёти порчабофӣ дар он ҷо сурат мегирифт ва хонаи нисбатан камбари дигар асосан вазифаи анборро адо мекард. Усто дар он асбобу анҷоми порчаю гилембофӣ ва масолеҳи омодаи худро дарчида мемонд. Ҳарчанд ин анборхона танҳо як токча дошт, коргоҳи усто бо ду панҷара равшан мешуд ва хеле барҳаво буд.

Наима ба пушти дари дӯкон омада хост тақ-тақ зада овоз барорад, аммо садои дилангези падар ӯро боздошт. Духтар оҳиста аз остонаи дари дулинга по ба дохил ниҳод. Дари коргоҳи Шокирусто кушода буд, ӯ пушт ба дар рӯйи шинаки дастгоҳ нишаста, беист ба ду самт аз миёни торҳои зеру рӯ ночаи

---

[89] **Дил рехтан دل ریختن** – *маҷ.* гурусна шудан

пудро мегузаронд ва пушти ҳам моку мезад. Каме сару гардан такон дода, ҳамроҳ бо порчабофӣ суруд мехонд:

*Саҳар хестам ба ин чаҳча,*
*Гирифтам мокую ноча.*
*Ду поям зергаҳи чаҳча,*
*Ҳаргиз накун бофандагӣ!*

*Биё, додар, печим ноча,*
*Напечим ҷанг кунад оча,*
*Ризқи хуто шуд да токча,*
*Ҳаргиз накун бофандагӣ!*

Шокирусто як дам таваққуф кард. Дар ҷойи нишаст қоматашро рост карда, бо навбат бозувони худро то китфу гардан молида монд. Сарашро аз гардан ба чапу рост чарх занонда дубора ба кор часпид ва садои оҳангдораш дар фазои хона танин андохт:

*Бофандагӣ дарёи нах,*
*Паридanaш мисли малах,*
*Ҳамчун расид бар сина сах(т),*
*Ҳаргиз накун бофандагӣ!*

*Бофандае дилгир шуд,*
*Дар бисту панҷаш пир шуд,*
*Болош коғазгир шуд,*
*Ҳаргиз накун бофандагӣ!*

Шокирусто ногоҳ хомӯш шуд. Мисли ин ки дар гулуяш чизе дармонда бошад, пайи ҳам сурфидан гирифт. Наима дигар тамошокунон наистода, ба дохили коргоҳ даромад. Дасторхони нону чояшро ба рӯйи чаҳорпояи дами дар гузошту худро ба падар расонд. Бо ду даст китфони ӯро масҳкунон замзама кард:

*– Челба раву деҳқонӣ кун,*
*Куҳба раву чупонӣ кун,*
*Тоёқ гиру мол бонӣ кун,*
*Ҳаргиз накун бофандагӣ!*

– Э-э, духтарам, аз куҷо пайдо шудӣ? – каме ором шуда гуфт Шокирусто.

– Шамол хӯрдед, додоҷон, чаро месулфед?

– Намедонам. Ашулахонон ранҷу азобҳои одамӣ аз мадди хаёлам гузашт, хӯриам омаду дар гулуям чизе дармонд...

– Хуб, дам гиред, бари чӣ то нимаҳои шаб ранҷ мекашед? Худатон мегӯед-ку, кор тамом намешавад...

– Рост, духтарам. Лекин дина Бобо Сафара дидаму раҳмам омад, эзори танаш пора-пора шудааст. Гуфтам, аз карбос ҳам бошад, барояш як порча бофта диҳам, эзор медӯзонад.

– Кори савоб гӯед... – Наима аз сару гардан падарро ба оғӯш гирифту бо меҳрабонӣ афзуд: – Додоҷон, овозатон хеле форам аст, ҳар гаҳ ин сурудатона мешунавам, дилам таҳ мекашад, сад бор дар худам меандешам, ки аз чӣ сабаб бофандагира маҳкум мекунеду намехоҳед аз вай дил канед.

– Оре, азизам, ба ҳар коре дилат хоҳад даст зан, лекин ба чоҳи дӯкон наздик нашав. Ин шуғлест, ки мисли арра оҳиста-оҳиста миёната мебурад, бо гузашти вақт тавони дасту поята мегирад, нури чашмҳота мехурад.

– Пас, шумо... ин ҳамара мефаҳмеду...

– Ман одат кардаам, муътоди ин корам, дигар ёрои тарки ин одата надорам, – сухани духтарро аз даҳонаш гирифта афзуд Шокирусто.

Наима бо ҳамон ҳол даме ба сукут рафт. Сару буни ҳарфҳои печидаи падарро то поён дарк накарда, гунаи гарми худро ба чаккаи ӯ гузошт ва бо дилнавозӣ гуфт:

– Хезед, додоҷон, очам чою фатир дода фиристод, тановул кунед, мадор мешавад.

– Хуб, хуб, духтарам, сари вақт омадӣ, худам ҳам мехостам як дасту по ёзонам, ҳавои тоза гирам, – Шокирусто аз ҷо хест, аз китфони духтараш дошта дар канор пахш карда монд ва роҳравон ба сӯйи даҳлез, пурсид: – Аз додиёнат ҳеч хабаре нест?

– Не, ҳанӯз наомадаанд, очам ҳам хавотир мешавад, – Наима давида пештар гузашту ба даҳлез баромад ва дар сари чишнав обдастаи обро ба даст гирифт, то аз дасти падар об резад.

Шокирусто дасту рӯ шуста баргашта ба коргоҳ даромад. Ҳар ду бағали ҳам бар рӯйи кӯрпача дар канори чаҳорпоя нишастанд. Наима ҳамеша муштоқи чунин лаҳзаҳо буд. Пайваста орзу мекард дар паҳлуи падар нишинаду аз нақлу суҳбатҳои гарми ӯ файзёб гардад. Дар симои ӯ марди рӯзгордида, ҳунарманд ва донишмандеро медид. Ҳар як сухани падар чун ширу шакар дар вуҷудаш менишаст, лаззат мебурд, ба хусус, оҳанги гуфтори ӯ бениҳоят дилнишин буд. Ин дам намехост, ки ӯ дубора ба сари дори порчабофиаш баргардад, худро азият диҳад. Бо ин ҳадаф дар пиёлааш чой рехта истода, бо ноз ба ӯ чашм дӯхта ба сухан омад:

– Додо, барои ин ҳама матоҳоятон калоба аз куҷо меоред?

– Агар донӣ, духтарам, мо худамон ҳам пила дорем, ҳам пахта. Бо ин ҳол, ресмони порчабофира аз берун мегирам. Бештар амаки Баҳромат мефиристад, аз Нур.

– Намешавад худамон ресида ришта кунем? Ҳама занон дар деҳа урчуқ[90] доранд.

---

[90] **Урчуқ اورچوق** – дуки дастӣ

– Рост мегӯйӣ. Лекин риштаҳои ресидаи мо ба дарди порчабофӣ намехурад, аз ҳад зиёд дурушту дағал аст. Аз онҳо фақат ҷилофу нимчаю либоси гарм мешавад бофт, ҳа, барои пойандозу ҷулу рӯмолҳои ғафс ҳам метавон ба кор бурд. Агар дида бошӣ, риштаҳои коргоҳӣ хеле нозуку нафис аст, оҳордор, ана онҳо боби матоъ. Ғайр аз ин бо ҳар ранге, ки хоҳӣ бароят таҳия мекунанд. Охир, намешавад читу алочара ҳам ба мисли карбос якранг бофта гирӣ!

– Мо ин қадар пашми барраю буз мегирем, мегузинем, соба мекунем, мепазем, аз онҳо чӣ?

– Мӯйинаи барра боби намадпазӣ аст, пашми гӯсфанду буз бошад сози гилем. Ҳар чӣ қадар аз инҳо дароядр, аз намаду гилем изофа намемонад.

– Аз ин матоҳоятон кадомаш харидоргир аст? Ба кадом матоъ худатон бештар меҳр додаед? – бо табассуми малеҳ кунҷкобӣ кард Наима даст аз зери оринҷи падар гузаронда.

Чеҳраи Шокирусто низ боз шуд. Дар ҳоле, ки фатири гармро бо иштиҳо мехӯрд, дар ҷавоби суоли духтар афзуд:

– Ман карбоса фақат ба одамони деҳаамон мебофам. Ҳарчанд матои якранги сафед ё хокистарӣ ва каме дурушт ҳам ҳаст, ниёзҳои одамона мебарорад. Аз карбос либоси занона, куртаю шалвори мардона медӯзанд. Инчунин, барои миёнбанд, дастор, пойтобадӯзӣ истифода мебаранд. Дар асл карбоса аз нахи пахта, ки ба тарзи махсус дар об ҷӯшонида, оҳар дода шудааст, мебофем. Ғафсии тору пуди карбос яксон аст. Чита кам омода мекунам, вая ҳам ба ниёзи одамони худамон нигоҳ карда. Алоча бошад, муҳаббати ман аст, саъй мекунам ҳама нозукиҳои ҳунарама дар ҳамин матоъ нишон диҳам. Чунки ин порчаи ман дар қатори алочаҳои Нурамон бозорҳои Карминаю Миёнколу Бухоро ва ҳатто Самарқанда забт кардааст. Вақте ки харидорон ин матои хат-хатии рангорангама бо нақшҳои мураккабу реза мебинанду бо даст нармии матоҳа ҳис мекунанд, ҳамон лаҳза ба он дил мебанданд. Бо ранги асос ҳамхонӣ кардани хатҳои тулонии сабзу кабуд, сиёҳу сурх ё бунафшу зард хеле диққатангез аст.

– Чаро алочаҳои шумо камбар аст? Баъд риштаю нахаш аз пахта аст ё абрешим?

– Ҳа, арзи алочаҳои ман кам аст – чор ангушту чоряк[91]. Дарозиаша дувоздаҳу ним оршинӣ[92] андоза гирифта мебурам, ки ҳамин як лӯла, ба гуфти шумоён – як тӯп мешавад. Мегӯянд, ҳоло матоъҳои сербар ҳам баромадааст, олчинбар[93] шудааст. Ман аз бобоят як навъ алочаи хушнамоера ёд гирифтаам. Агар алоча аз ресмонҳои дуруштнах бофта шавад, пуди он дар дили заминаи матоъ намоён мешавад ва ба он тобишу ҷилои махсус медиҳад. Ана ҳамин ҳолата моҳирона ба вуҷуд меоварем, ки матои ҷилодору хушнамуд ба даст меояд. Чунки бо рангкунӣ чунин тобиш рӯйи кор намеояд. Масалан, агар асоси

[91] **Чор ангушту чоряк چهار انگشت و چهاریک** – *воҳиди дарозӣ:* 26-27 см
[92] **Оршин آرشین** – *воҳиди дарозӣ:* 72,12 см
[93] **Олчинбар آلچین بر** – *воҳиди дарозӣ:* оршинбар *(ҳамбари як оршин)*

матоъ бунафшранг бошад, ба он пуди кабуди осмонира мегузорам, дар натиҷа, алоча кабуднамо мешавад. Ман ин матоҳа фақат аз нахи абрешим мебофам. Аз алоча ҷомаҳои мардонаю занона ва барои занон курта ҳам медӯзанд. Лекин, дониста мон, ки ду навъи ин матоъ бештар ном баровардааст. Яке сиёҳалоча аст, ки пуди он аз нахҳои сиёҳ монда мешавад ва дигаре сурхалоча бо нахҳои сурх. Сиёҳалоча матои нисбатан оммабоб ва торикранг аст ва аксаран барои ҷомаҳои мардона истифода мешавад. Сурхалоча як андоза равшан аст, ки аз он либосҳои занона медӯзанд...

Шокирусто бо мароқ, бо забони сода ҳарф мезад, мехост ҳар як нақлаш ба духтар қобили дарк бошад. Вале суханаш ба поён нарасида, садои «пих-пих» ба гӯш расид. Нигоҳ кард, Наима хоб мондааст. Ӯро оҳиста лағжонда сарашро ба рӯйи лӯлаболишт гузошт. Худаш дуои кӯтоҳе ба дасторхон хонда аз ҷой хест ва ба сари дастгоҳи карбос нишаст...

## Сирқат

Шаб аз нисф мегузашт. Дар гузари поёноби деҳаи Бору хомӯшии шабро садоҳои беохири чир-чир ва виз-визу хиш-хиши ошно, ки аз лойи боғоту канораҳои сердарахти ҷӯйи равон баланд мешуд, халалдор мекард. Аҳёнан чириқ-чириқ овоз додани гунҷишкҳо ва чаҳ-чаҳи сору булбулони марғзор низ шунида мешуд. Аммо аз ин ҳама бештар тиқ-тиқ помонии ду хари мондаву шалпар, ки роҳи дурро тай карда, по чида-по чида ба охури худ наздик мешуданд ва гоҳе ҳам аз ниҳояти хастагӣ «ъъиҳ-ҳ... ъъиҳ-ҳҳ...» гӯён оҳ аз дил мебароварданд, шунавотар ба гӯши Фаршед мерасид. Ҳарчанд дар тану ҷони худаш низ маҷоли ҳаракат намонда буд ва ҳар дам чашмонаш аз камхобӣ пӯшида мешуданд, зуд-зуд бо халачӯб ба соқи поҳояш нихта мекард, бо ангушт аз рони худ пучида мемонд ва ба ду гунааш шаппотӣ мезад. Ҳоли ҳамсафараш Шаҳром аз ӯ монданӣ надошт, ҳамин ки худро ҳушёр медид, номи ӯро гирифта ҳавосашро ҷамъ мекард.

Вақте ки ду харакӣ гузари Бозоргоҳро паси сар гузошта ба гузари Миёна расиданд ва бо роҳи аробарав аз бағали деворҳои хоргирифтаи боғу ҳавлии тулонии Дороамин сарболо шуданд, ногаҳон хари Фаршед гӯшҳояшро сих карда сари ҷо истод. Аз паси он хари Шаҳром низ як он хӯсида, ду пойи пешро ба замин тиргак карда беҳаракат монд.

– Чӣ буд, дӯстам?! Чаро харҳо шах шуданд? – дар пушти тӯқум як андар ҷаста ба гап даромад Шаҳром.

– Намедонам, хари ман ду чашм ба самти айвони арбоб аст. Бубинем чӣ хабар, – Фаршед ҳамоно худро ба поин андохт ва ба Шаҳром рӯ оварда афзуд: – Фаро, дӯстам, ту харҳоро ба канор гиру мунтазири ман бош, тез бармегардам.

Айвони боҳавои тобистоннишини Дороамин дар як гӯшаи боғаш дар миёни дарахтони баландқомати сапедор ва маҷнунбедҳои сершоху барг ҷо хуш карда буд. Аз он пас як сохтмони ҷудогона, ки аз ду хонаи даҳлез дар миён иборат буд, қарор дошт. Дар он Бобо Хиром бо оилааш зиндагӣ мекард. Ӯ ҳанӯз дар синни ҷавонӣ ба хидмати Дороамин гаравида буд. Ба гуфтаи худаш,

падару бобокалону гузаштагонаш ҳама дар Хӯқанд ғуломи дари бою молдорон будаанд ва бо маҳрумӣ аз ҳама чиз ба ивази нони қоқу оби явғон рӯзу шаб кор мекардаанд. Вақте ки худозада соҳибаш як рӯз чапғалат карда ба номуси маҳбубаи ӯ мерасад, дунёи ҳастӣ дар назараш тору хафа менамояд. Бо ҷаҳлу бехудӣ, як шаб корди қассобии падарашро луздида ба шикори соҳиб мебарояд ва ба нияти худ мерасад. Ӯ марди ғарро дар ҷойи хобаш ҳалол карда, шабошаб фирор мекунад. То субҳ ба бозори деҳқонии Фарғона меояд ва дар он ҷо Дороаминро вомехӯрад. Бо ҳазор илтимос ба хидмати ӯ даромада, то омадан ба Дизаку Пойгач ва аз он ҷо то Бору садоқати худро нишон медиҳад. Ҳамин, пас аз муқими деҳа шудан боғдории ӯро дида, Дороамин ба хидмат мегирад, чоряккор мешавад. Дороамин ҳатто духтари яке аз хоҳаронашро ба ақди ӯ медарорад...

Хонаи худи Дороамин каме болотар аз хонаи Бобо Хиром воқеъ буд, ки як таҳхонаи дарозу сербар ва дар болои он ҳашт дар хонаро бо ду дари даромад фаро мегирифт. Дороамин арбоби деҳа, яке аз сарварони ҳушманду вафодори боругиҳо буд. Ҳеч коре бе маслиҳати ӯ сомон намеёфт, ба хурду калон насиҳат медод, аз ҳама пуштибонию ғамхорӣ мекард.

Фаршед каме бо ҳарос, нӯк-нӯки по қадамзанон то гӯшаи девори боғ омад ва ба қафои айвон гузашт. Ҳамон ҷо чашмаш ба ду асп ва сиёҳии чанд нафар афтид, ки дар назди дарвозаи Бобо Хиром талотӯп мекарданд. «Зокир, зуд бош, дасту пояшро ҳам банд, ба асп бор мекунем, – амромез гуфт яке аз мардон, ки касеро муҳкам дар бағал нигаҳ медошт. – Доруға, ту аспи маро наздиктар биёр!» Фаршед ҳама чизро намедид, равшании моҳ камӣ мекард. Боз ҳам наздиктар рафт. Дар дасти мардҳои бегона зан буд ё духтар, ба мисли бузи ба каманди қассоб афтида беист дасту по мезад, ингасзанон овоз бароварданӣ мешуд, вале даҳонаш латтапеч буд. Дар канори онҳо доруғаи амир – Шермати гӯлро шинохт. «Эҳ, номард, худатро ба гӯлию карахтӣ зада мегардию аз дарун пухта будаӣ-дия! – аз хаёл гузаронд Фаршед, – ба роҳзанҳои бекат ёрӣ мерасонӣ?» Фаршед дарҳол нияти бади яғмогаронро пай бурд, бо тамоми неру ба самти онҳо дартоз шуд. Ҳамон лаҳзае, ки ду марди бегона ба аспҳои худ савор шуда буданд, ӯ давида омаду аз пою узангуи марди аввалӣ, ки духтари беқарорро ба пеши зин гузошта, мисли ин ки бузкашӣ мекунад, бо пойи рост поҳои ба ҳам бастаи асираро зер карда меистод, сахт дошт ва дод зад:

– Раҳо кун, номард, чӣ кор мекунӣ?!

Асп хӯсида сари ҷойи худ давр зад. Фаршед дастони худро сар надода нимамуаллақ, бо по заминро харошида аз пайи асп давр гашт. Савора билофосила қамчини дасташро баланд карду ба сару дӯши ӯ фуровард ва амр кард:

– Доруға, лаънатӣ, ин аз куҷо пайдо шуд, гир аз зери дасту по!

Ҳанӯз доруғаи лол ба худ наомада, роҳзани дуюм ба сӯйи онҳо асп давонд. Ӯ кашидаю кушода лагади обдор ба буни гардани Фаршед зад. Зарбаи ғайримунтазира Фаршедро аз худ равонд. Дунёи ниматорик дар назараш сип-

сиёҳ шуд. Дасту пояш сусту беҳол гардид, ба сони хӯсаи беҷон бо зарб ба замин афтида монд.

Аз сарусадоҳои муғлақу нофаҳмо Шаҳром нороҳат шуд. Ҳанӯз ба қароре наомада буд, ки ба сӯйи ғалоғула равад ё не, ду аспакӣ дартоз аз наздаш гузашта рафтанд. Дигар тоқат накард, бо овози баланд садо кард:

– Фаршед! Дӯстам, куҷоӣ?!

Ҷавобе нашунид. Дилашро ваҳм зер кард. Харонро ба ҳоли худ гузошту давида ба самти айвон рафт. Бо нороҳатӣ дубора дод зад:

– Фаршед! Фаршед!!

– Сағира, даҳоната пӯш! – шунида шуд овози доруға. – Биё ин ҷо, рафиқата бо худат бар!

Шаҳром бо шитоб ба ҷониби дарвоза давид. Фаршедро ба замин яксон дида тарсид ва ҳавломез пурсид:

– Чӣ шуд ба Фаршед? Чӣ кардӣ ба вай?

– Гапа бисёр накун, бардор, ба ман ёрӣ расон! – пӯписа кард Шермати гӯл ва аз дасту китфони Фаршед дошта ба боло кашид. Ҳамин ки ҷуссаи беҳоли ҷавонро бо ёрии Шаҳром пушта кард, ба суханаш идома дод: – Оби бинӣ пок карда наметавонеду нахӯди пеши ҳар қошуқ мешавед, сағираҳо. Ту аз пайи корат рав, ман ина ба хонаам мебарам.

– Мо аз Нур меомадем, харҳоямон ин ҷост.

– Боз ҳам беҳтар, гард, ба хар нишонда ба хонааш мебарем.

– Чаро намеҷунбад, чӣ шуд ба дӯстам? – бо нигаронӣ дубора пурсид Шаҳром.

– Рафиқат пешпо хӯрда бо пешонӣ ба замин афтод. Беҳуш аст, ҳамин замон ба худ меояд...

***

Маҳтоб мижа таҳ накард. Моҳтоби тобон ҷойи худро иваз карда, аллакай бар фарози боғаш гузашта буд. Як дам ба рӯйи кӯрпачаи суфа дароз кашиду дубора сари по хест. Ҳавлиро давр зада ба назди дарвоза баромад, ба сӯйи кӯча гӯшу ҳуш шуд. Аз дер кардани писарон хавотир кашид, бо нороҳатӣ ба рӯйи хараки даромадгоҳ нишаст, сарашро миёни панҷаҳояш гирифта ба хаёл фурӯ рафт. Ҳеч наметавонист мароми якнавохти тану ҷонашро нигаҳ дорад, безобита аз ҷо хеста ба ҳавлӣ баргашт, ба дӯкони шавҳар рафтанӣ шуда ба сӯйи боғ қадам гузошт. Аммо нахост ӯро низ нороҳат кунад, аз лаби ҷӯй ба қафо гашт. Дар ҳоле ки дилаш мисли сиру сирка меҷӯшид, ногаҳон аз пушти сар садои канда-кандаи сурфаи мардона баланд шуд. Маҳтоб сар гардонда ба сухан даромад:

– Фарҳод, ин шумоед?

– Ҳа, ҳа, натарс, манам, – ҷавоб дод Шокирусто.

– Наима ку?

– Бо худам меорам, дар пуштам.

– Эҳ-ха, гов барин, бари чӣ пуштора кардед, хоб рафт?

– Хоб, хоби маст. Доду бедод накун, бедор мешавад.

– Ин бачаҳо наомаданд, дилам ваҳм меорад...

– Фарҳодҷон пухта кор мекунад, аҷаб нест, ки Мулло Ҳалим дар Авлиё нигаҳ дошта бошад. Агар ҳамин тавр, субҳ даромада меоянд, – Шокирусто духтари хобро оҳиста ба рӯйи суфа хобонд ва ба ҳамсараш рӯ оварда афзуд: – Бону, дав, ягон болопӯш биёр, ҳавои шаб ба ҳар ҳол сард аст, сармо нахӯрад.

– Хуб шудаст, меорам, – Маҳтоб ба самти хониоча шитофт...

Ҳамин ки зану шавҳар канори ҳам ба лаби суфа нишастанд, садоҳои берабти тақ-туқ ва аз пайи он «фирқ-фирқ» биникашии хар шунида шуд. Овози писаронае ҳар дуро аз ҷо парронд:

– Амак! Шокирамак! – садо медод Шаҳром, ки барои ҳар ду ноошно буд.

Пеш-пеш Шокирусто, аз дунболаш Маҳтоб давида ба берун баромаданд. Ду хар ва ҷавонро дида дарҳол дарвозаро боз карданд. Ҳама ба дохил даромаданд. Хари сапед Шокирусторо дида ҷон гирифт магар, пӯза ёзонда гарданашро ду-се ба дастони дарозкардаи соҳиб молид ва рост ба самти хархона, ки он ҷо барояш обу алаф медоданд, равон шуд. Ресмони хари сиёҳ бошад дар дасти Шаҳром буд, аз ҷо такон нахӯрда, бо истодани лигомдораш дар дами дарвоза таваққуф кард.

– Шаҳромҷон, нашинохтамат! Хуш омадӣ, азизам, биё! – хушҳол шуда гуфт Шокирусто ба Шаҳром ва бағал кушодаю ҳолпурсикунон афзуд: – Додиёнат наменамоянд, аз қафо меоянд?

– Амакҷон, Фаршедакама тезтар фуроред, ҳолашон хуб нест, – ба зини хар ишора карда бо ҳавли ҷон ба гап даромад Шаҳром, – ба деҳа расидему чӣ шуд-чӣ монд нафаҳмидам, он мард ба ман ёрӣ расонд, – ӯ ба кӯча ишора кард, аммо дар берун касе наменамуд.

Дар нимторикии шаб Шокирусто ҳанӯз ҳаракате накарда, Маҳтоб «писарҷонам» гӯён ба пеш давид.  Модар худро ба Фаршеди аз ҳуш рафта, ки рӯ ба поин бо дастони кашолу кӯндаланг ба рӯйи хар мехобид, расонду ӯро ба навозиш даромад. Беихтиёр аз сари дили Шокирусто низ боди сарде гузашт, вале худро набохта садо баланд кард:

– Очаш, гузар ҷой дуруст кун! – ва бо шиддат худро ба хар расонда, ҷуссаи беҳоли писарро озод ба китф гирифт. Ҳамсараш ҳам пеш-пеш ба самти ҳавлӣ дартоз шуд, то бар рӯйи суфа кӯрпачаю болин партояд.

Шаҳром бо таҳайюҷи беш аз пеш, каме бедасту по шуда ба худ омад ва бо шитоб аз дарвоза ба сари кӯча баромаду овоз дод:

– Бародар, ҳой бародар, куҷоӣ?! – аммо акси садое нашунид, марди ношинос ба чок зада буд[94]. Ба пас гашта, дар дил «во аҷаб, инс буд, ҷинс буд, чӣ буд ин ...» гӯён дарвозаро аз дарун баст.

Хари сиёҳ ӯро дур дида, бо шаст ба тарафи хархона рафт. Бо ин ки ҳодисаҳо пайи ҳам ва тез ба вуқуъ мепайвастанд, Шаҳром худро аз даст надод, аз беҳушии Фаршед нигарон шуда, ӯ низ аз пайи соҳибони хона шитофт. Ҳамин ки ба назди суфа расид, садои «чарс» шикастани коса фазои ҳавлиро фаро гирифт. Шокирусто чанд пораи дар дасташ боқимондаи косаро, ки

---

[94] **Ба чок задан به چاک زدن** – фирор кардан

болотар аз сари Фаршед ба санги ҷувоз зада буд, ба як гӯша ҳаво дод. Ҳамон замон Маҳтоб ҳам аз обхӯрии дасташ ба сару рӯйи писар об пошид. Дар давоми дуохониҳои падар садои хираи Фаршед шунида шуд:

– Оча, очаҷон... об...

– Худора шукр! Об те ба писарам, очаш! – бо хушҳолӣ ба сухан омад падар.

– Ман садқаи забонат шавам, ана об хӯр, ҷигарам, – обхӯриро ба лабони Фаршед часпонд Маҳтоб, – раҳмат, Фарҳод, ниҳоят ба худ омад писарҷонам...

Шаҳром аз саъю талоши падару модар ба шигифт омад, ба маҳзи шунидани овози дӯсташ оҳи сабук кашид. Ҳанӯз лаб накушода, Шокирусто бо мулоимат гуфт:

– Ба суфа баро, писарам, ҳама хатар дар қафо монд, натарс.

## Ҳамдастӣ

Субҳи козиб намехост, ки сапедии рӯз пароканда шаваду дар машриқ ба уфуқ бипайвандад. Бо ин ҳол, фаҷри дурӯғин ба сони гӯши гург аз поёни шаб дарак медод. Баробари дамидани рӯз Қозибобо таҳоратро ба поён расонда, дасту рӯ поккунон аз хоначаи обрез ба ҳавлӣ баромад. Дари дулингаи даҳлезро боз карда вориди хонаи пазирой шуд. Ҳанӯз ба сари ҷойнамоз қад наафрохта буд, ки аз берун садои тақ-таќи дарвоза омад. «Худоё, мушкили коруфтодагонро осон кун, дар остонаи субҳи содиқ лутфи худро аз онҳо дареғ мадор!», бо худ ҳарф зад ӯ ва аз гузоштани намоз худдорӣ карда баргашту ба берун баромад.

– Меоям, бародар, ман фидои қадамҳоят шавам, ҳар кӣ бошӣ, – Қозибобо овоз дод ба сӯйи дарвоза роҳравон ва ботамкин афзуд: – шаби дароз аз дилтангӣ хобат набурд, мегӯям?!

– Худат аҳли фаҳмӣ, дӯстам, ту нагӯю ман насӯзам, – аз пушти дарвоза ҷавоб дод Шокирусто, – кори воҷибе пеш омад, худат ба имдод нарасӣ, бандае инкора нест.

Қозибобо занҷирро аз зулфин ҷудо кард. Дар паси дар Шокирусто бо Фаршед рост меистоданд. Бар замми хастагӣ, чеҳраи ҳар ду аз нигароние коҳида ба назар мерасид. Бо ҳам гарм вохӯрӣ карданд.

– Бе шак, агар кори воҷибе намебуд, дар каллаи саҳар нороҳат намешудӣ. Чӣ хабар?

– Дӯстам, агар тахминамон рост бошад, духтари Бобо Хирома дуздидаанд.

– Аҷаб, нашунидаам, кӣ ин кора мекунад?

– Кӣ мешуд, гумоштаҳои нобакори бек барин, Фаршед фақат доруға Шермати гӯла шинохтааст, – Шокирусто аз оринҷи Қозибобои ба шигифтомада дошта илова кард: – вале, биё, намози бомдод қазо нашавад, мехонему баъд аз пайи кор мешавем.

Ҳарду ба дохил даромаданд. Фаршед бошад, аз нигоҳи маънидори Шокирусто, ки зоҳиран «ту каме интизор биист, мо намоз хонда бароем», гуфтанӣ буд, рамуз гирифта, по чида-по чида ба самти айвон қадам зад.

Ҳавлии Қозибобо аз дами дарвоза ба арзи даҳ-дувоздаҳ ва тули ҳудудан сӣ қадам паҳно дошт. Дар самти чап ба хонаи пазироӣ, утоқҳои ҷойи нишасту хобухез ва ошпазхона, ки ҳар яке дарҳои ҷудогона доштанд, медаромаданд. Девори охири сохтмон ба таври амудӣ ба самти рост тоб мехӯрд ва ҳамшафат бо як таҳхонаю айвони баҳории ҳафтсутунаи барҳавое, ки болои ҳам ҳавлиро аз ҷиҳати офтобшинам мебастанд, пайваст мешуд. Дар бағали айвон тути балхии қоматбаланде, ки шохаҳояш аз тарози пушти айвон ҳам чанд қулоч болотар мерафт, ҷой хуш карда буд. Аз самти рост низ се дарахти беҳӣ бо танаҳои ғафсу сершоху барг ба ҳавлӣ соя меандохтанд. Дар ин фасли сол ҳар се дарахтро зим-зич меваҳои тиллоиранг оро медоданд. Ҳавлӣ дар поён, аз канори тути балхӣ бо пилапояи паҳни сангӣ ба боғи бузурги пур аз дарахти Қозибобо васл мешуд.

Фаршед бо диққат ба манзараи атроф дида дӯхта, то назди айвон омад ва бар рӯйи санги паҳни зинаи аввал, пушт ба сутуни нақшдори мобайнӣ такя дода нишасту чошу пареш нақлҳои замоне таърифкардаи Шокирусторо ба хотир овард. «Гарчи хонаю дари қозӣ дар деҳаи Бору миёнаҳол менамояд, боғаш ангуштшумор аст, – як шаб дар ҳузури аҳли оила қисса карда буд падар. – Хурду калони деҳа ба қитъа-қитъа заминҳои ҳосилхез, ки дар онҳо ҳар гуна маҳсули кишоварзӣ ба бор меояд ва рад-рад дарахтони себи сурхаку ордак, гелос, зардолуҳои бодомию фалғарӣ, чормағзҳои пӯстикоғазӣ, гулобию нокҳои обдор, олуча, олуболу, шоҳтут, анҷирҳои сапеду сиёҳ, анори ширини сиёҳдона, санҷиду алич ва қад-қади сойи сероб ба буттаҳои мармиҷону тамашку қот бо ҳавас менигаранд. Боғи биҳиштосои ӯ фаротар аз деҳа дар саросари кӯҳпоя шухрат дорад, макону тафриҳгоҳи аҳли адаб ва аҳёнан ҷойи осоиши амалдорони дилписанди қозӣ аст. Ҳарчанд нашъунамои боғро бародари деҳқонпешааш – Носирҷон фароҳам меоварад, худи Қозибобо ва ҳамсараш Бибисоро низ лаҳзаҳои холии худро дар миёни олами сабзу замини хуррами боғ мегузаронанд. Гӯё ҳар як рустаю гиёҳи ҷавоназада торҳои ҳиссиёти онҳоро ба сони фарзанд навозиш медиҳад. Ҳангоми бардоштани ҳосил аз гӯшааш ба ҳамсоягону ҳамдеҳагон ширинкомӣ медиҳанд, бастабандӣ карда ба ёрони дурдаст мефиристанд. Дар пешу паси кӯҳсори Нур таъбирҳое чун «Себи қозӣ», «Беҳии қозӣ», «Анори қозӣ» дар зеҳни мардум ҷо шуда, даҳан ба даҳан мегардад. Худи Қозибобо ҳар гоҳ ба деҳаҳои ҳамсоя меравад, одамони коруфтода, ошнোю ноошно пинҳонӣ ба дасти ӯ менигаранд. Ҳар кӣ умед мекунад, ки кош қозӣ дастоварде аз боғаш дошта бошад...

«Қозибобо» ном гирифтани вай аз пайи касбу пешааш аст, ки дар ин кӯҳпоя чандин сол ба унвони қозии иморат қонунҳои шариатро назорат мекунад. Номи аслии ӯро танҳо модари раҳматиаш, ки ба навад даромада дунёи равшанро падруд гуфт, ба забон мегирифт. Ӯ то дами вопасин Ҳушангакам гӯён аз забон монд. Қозибобо мисли рӯди сероб дар ду канори худ ҳам дили вакилони беку амирро меёбад, ҳам ба қалби мардуми таҳҷойӣ

роҳ пайдо мекунад. Меҳрабону дилёб аст, ҳамзамон сахтгиру тундмиҷоз. То замоне, ки кори зери дасташро ба охир нарасонад, хоб барояш ҳаром аст. Ҳар як иқдоми ӯ натиҷа дар пай дорад, хурду калон, фақиру бой, навкару амалдорро бо як чашм мебинад. На танҳо дар Бору, ҳамчунин дар тамоми кӯҳпоя барои ҳалли мушкилоту баҳсҳои беохир ӯро садо мезананд, омада мебаранд. Ба ҳар ҷо меравад, пеш аз худаш шамоли обрӯяш мерасад. Ҳамоно дар байни мардум шоеъ мешавад: «Қозӣ меояд», «Қозибобо омадаст», «Қозӣ худаш яктарафа мекунад»...

Имрӯз ҳам ҳанӯз субҳи козиб надамида ба сӯйи хонаи Қозибобо роҳ пеш гирифтани Шокирусто Фаршедро ба ҳайрат овард. Ӯ раҳораҳ аз падар пурсид:

– Шумо гумон мекунед коре аз дасти Қозибобо меояд? Агар худаш ҳам шарик бошад-чӣ?

– Ҳеч гоҳ ин хел нест! – бо қаҳр гуфт Шокирусто. – Ба бахти мо қозию арбоб ҳастанд, ки барои мардум вафодору ҷонсӯзанд. Духтарака аз дасти нобакорони бек фақат қозӣ наҷот медиҳад.

– Аз чӣ ин хел мегӯед? Қозибобо чӣ дорад, ки маҳз ба ӯ бовар мекунед?

– Ҳар ки бо Нӯҳ нишинад, чӣ ғам аз тӯфонаш! – барои он ки ҳадафи худро дар дили писар нишонад, ба ҳикмат рӯ оварда суханашро давом дод Шокирусто. – Медонӣ, ин таъбира барои чӣ мегӯянд?

– На он қадар, – бо умедворӣ ба шунидани мазмуни ҳикмат Фаршед гӯшу ҳуш ба падар шуд.

– Бишнав, писарам, Ҳазрати Нӯҳ паёмбари Худо буд. Дар давоми умри дарози худ ҳамеша мардума ба худопарастӣ даъват мекард. Аммо чун мебинад аксари одамони ҳамзамонаш ба даъвати ӯ аз паси панҷа нигоҳ мекунанду имон намеоваранд, бениҳоят ғамгин мешавад. Бо ин дилозурдагӣ Ҳазрати Нӯҳ аз Худо мехоҳад, ки аҳли нофармона ба азоб гирифтор кунад. Худованд ба ӯ сохтани киштии бузурге ва дар он ҷамъ овардани ҳайвонота, чи нару чи мода, мефармояд. Чунки тӯфони сахте дар роҳ буд ва боридани борони шадид ҳам аз он дарак медод. Ҳазрати Нӯҳ ба мардум ҳушдор медиҳад, лекин касе эътибор намедиҳад. Дар сарзамини ӯ баҳру дарё набуд, бо ин ҳол, паёмбар дар хушкӣ ба сохтани киштӣ машғул мешавад. Мардум масхара мекунанд... Хулласи калом, рӯзи азоб фаро мерасад ва Ҳазрати Нӯҳ ёронаша савори киштӣ карда, ҳайвонота ҳам ба он мебарорад. Борони шадид омада, тӯфон сар мешавад ва ҳама ҷора об мегирад. Мардуми зиёд дар зери об мемонанд, баъзеҳо ба болои теппаҳо паноҳ мебаранд, аммо бефоида. Фақат Нӯҳ бо ёронаш ва ҳайвонҳои дар киштӣ ҷамъшуда наҷот меёбанд! Ҳамин, писарам, аз он ба баъд дар мавриди ҳар касе, ки пуштибоне дораду ба ӯ итминон мекунад ва аз ҳеч чиз наметарсад, ин зарбулмасала ба кор мебаранд. Дар ин кӯҳпояи мо низ ягона инсоне, ки дар миёни амалдорон обрӯ дораду ёвари одамони одӣ аст ва далерона баҳсу даъвоҳои хурду калона яктарафа мекунад, ҳамин Қозибобоят мебошад...

Ногаҳон аз овози маҳину равшани занона Фаршед сар боло кард.

– Ба хаёл рафтаӣ, гузар бо ҳам чой мехӯрем, – аз ошпазхона баромада бо табассум гуфт ҳамсари қозӣ Бибисоро ва баргашта ба тарафи хонаи пазироӣ

рафт. Аз дари нимковок ба дохил нигоҳ карда дид, ки Шокирусто ва ба иқтидои ӯ Қозибобо ба росту чап салом дода, аз пайи дуои хатми салот даст ба рӯй кашиданд. Ҳамон дам Бибисоро гуфт: – Ассалому алайкум, хуш омадед! Бобо, субҳона омода аст, ба хона гузаред.

Фаршед дарҳол донист, ки кадбонуи хона шавҳарашро «бобо» ва хонаи ҷойи нишастро «хона» ном мебарад ва ба хотири ин ки соҳибашу меҳмонон барномаи дигар наандешанд, бидуни таваққуф бо адои намоз онҳоро ба гирди суфра хонд. Ҳар ду ба ҳавлӣ баромаданд. Қозибобо роҳравон ба сухан омад:

– Ин кори мирохур ё мушрифи ӯст, усто. Лаънатиҳо дар пеши назарамон пир шуданду ақлашон надаромад. Сад бор барояшон мефаҳмонӣ, рафтори хунукашона ба рӯяшон мезанӣ, боз ҳам як-ҳу аз таги тӯқум нағма мебароранд.

– Охир, ҳанӯз даҳ рӯз нашудааст, мурдаҳои беку амир омада ушру амалу дудонаю танобпулӣ[95], ҳатто алафпулию осиёбпулӣ ситонда рафта буданд. Ин дуздҳо аз куҷо пайдо шуданд?

– Имрӯз бо арбобу сарони авлодҳо нишасте гузаронданӣ будем, мехостем хабарҳои нава расонем, мардума ҳушёр кунем, аммо мебинам, ки ин кор ба пас меафтад. Дар айни ҳол нангу номуси деҳара пос дорем, духтара аз панҷаи душман раҳонем, баъд як гап мешавад.

Шокирусто сухани ӯро пурра дарк накарда суол дод:

– Чӣ гапҳои нав ҳаст, ки мо хабар надорем?

Бе он ки қозӣ шарҳи ҳол кунад, яке Фаршед ба роҳи сухан давид:

– Дар Бухоро қиёмат-қоим шудааст, амири азимушшаъношон гурехтааст, беку амину дигар сифлагонаш бо дӯғу дабара ва фиреб ҷони худа ҳифз карданианд, аз ҳар роҳ ба гиребони мардуми фақир дарафтидаанд. Ина додиям Фарҳоду дӯстонашон таъйин карданд, Қозибобо ҳам ҳамин овозаҳора дар назар доранд, ба гумонам.

Қозӣ Ҳушанг ба завқ омад. Ба китфи Фаршед панҷаи паҳну дурушти худро гузошта каме силтав дод ва дар тақвияти суханҳои ӯ афзуд:

– Дуртарин сафар аз нахустин қадамҳо оғоз мешавад![96] Писарамон ба шаҳрҳо рафту аз ҳама чиз бохабар аст. Ин овозаҳо буд, ки дирӯз нагузоштем девонбегии беки нав бо навкаронаш ба деҳа роҳ ёбад. Аз Синдоб меомаданд, дар таҳи Сунбула наҳор додему рост ба Нур равона кардем. Медидам, мирохури лаъин сахт пойбӯсӣ мекард...

Ҳар се дар атрофи хонтахта нишастанд. Қозибобо нон пора кард, лаъличаи мавизу чормағзу бодомро наздиктар ба меҳмонон тела дода монд. Ва ҳамин ки «бифармоед, ба дастархон меҳрабон шавед» гуфта буд, дар дами остона духтари наврасе лаълӣ ба даст пайдо шуд. Ба тан пероҳани адраси баландеро пӯшида буд, ки доманҳои он то соқи по ва остинҳояш низ то пушти панҷа меомаданд, аз рӯйи он нимчаи[97] қаҳваранге бо узораҳои зарбофт хеле шинам менамуд. Ду дона кокули ғафси бофтааш аз зери тоқияи чаҳоргӯшаи гулдӯзишуда ба ҳеррааш[98] фуромада ба чашм хеле зебо метофт. Бар замми

---

[95] Навъҳои андоз, боҷу хироҷ

[96] Ин сухан аз пандҳои файласуфи чинӣ Конфусиюс аст.

[97] **Нимча** نیمچه – камзӯли сабуки беостин

[98] **Ҳерра** – пушти шона

табассуми малеҳе, ки аз лабони ақиқгуни вай ҳувайдо мешуд, чашмонаш низ гӯё механдиданд. Духтар бо садои ҷарангдор арзи дуруд кард:

– Ассалому алайкум, хуш омадед, субҳатон ба хайр!

Ба маҳзи аз остона гузаштани ӯ Фаршед бе тааммул аз ҷо хест ва маътал накарда лаълии дасташро гирифт, ки се коса шир ва як косачаи равғани зард рӯйи он буд. Як лаҳза ду ҷавони наврас чашм ба чашм монданд, духтар аз лабханди худ накоста нигоҳашро гурезонд ва лаълиро дода пас гашт. Ҳамин як он гӯё шарорае аз барқи ҳусни дӯшиза парид ва аз сар то пойи ҷавонро сӯзонда гузашт. Бо вуҷуди ин сӯзиш худро ба даст гирифт, косаҳои ширро ба рӯйи дасторхон гузошт.

Пас аз он ки Шокирусто «Салом, салом! Духтари калон шав, азизам!» гуфта бо мамнуният изҳори миннатдорӣ кард, Қозибобо ба суфраи паҳн мурооткунон суханашро идома дод:

– Усто, ин тарафи кор ба уҳдаи мо, ту нигарон набош, аз пайи кору зиндагиат шав. Фақат, хоҳишан, Фаршед бо ман бимонад, ба давутозҳои ин сӯву он сӯ ёрдамаш мерасад. Ҳа, Шермати гӯла нағзакак гӯшмол медиҳам, бубинем, бо киҳо ҳамдастӣ кардааст.

– Албатта, писарам дар ихтиёри туст. Ба фикрат, дар роҳ аз дунболашон мерасед? Дер нашуд?

– Эҳ, чиҳо мегӯйӣ?! Ин тоифа аз хӯрдану маишат сер намешавад. Агар сахт ҳаракат кунанд, то Қизилработ мерасанд. Аз он ҷо набаромада ҷавонҳои мо аз хекиртакашон мегиранд. Танҳо дилвопасие, ки дорам, аз духтари Бобо Хиром аст.

Қозию усто ба ҳамдигар маънидор бо абрӯ ишора карданд. Пас аз тановули ширу чой Шокирусто дуо хонд, ҳар се паси ҳам аз хона баромаданд...

Вақте ки Шокирусто аз хонаи Қозибобо баргашт, ҳамсару бачаҳояш даври ҳам нишаста субҳона мехӯрданд. Маҳтоб ба пешвозаш аз ҷо хеста, ба сари дасторхон таоруф кард. Усто аз чашмони ӯ нигарониашро пай бурда гуфт:

– Худо хоҳад, қозӣ духтари Бобо Хирома бармегардонад, Фаршедҷон ҳам бо ӯст. Ҳар кӣ омад, ман дар дӯкон мешавам, каме аз кори дишабам монда буд. Медонӣ-а, имрӯз писаронат чӣ кор бояд кунанд?

– Оре, Фарзом борубунаша[99] омода кардааст, худи амаки Содир омада мегирифтаанд. Фардода гуфтед, Дороамин мунтазиранд, барои обмонии заминҳояшон ба ёрии Бобо Хиром мерафтааст. Фарнур ҳам миён бастааст ба ҳашари рафиқатон равад. Намедонам, ҳамонҳо чӣ рӯзе доранд дар бачаҳои ман, ягон кору лоюгилашон бе инҳо намегузарад.

– Чиҳо мегӯйӣ? Баъзан туро намешиносам.

– Охир, нигоҳ кунед, ҳамон рафиқи даллолатон се бӯзбала дорад, ҳадди ақал як бор ба ҳашарҳои мо омаданд? Кай садо занем, яке дасташ маъюб, дигаре ҳолаш хуб нест, севумӣ ҳам ба ҷое рафтааст. Фарнурам ҳанӯз наврас бошад, худаша аз тоб набарорад, мегӯям...

Шокирусто пешонӣ чин карда бо таъкид гуфт:

---

[99] **Борубуна** بارو بونه – чизучора, лавозими мавриди ниёз

– Ҳеч гап не, ҳар чӣ гуфтам, анҷом деҳ! Бача кор кунад, ҷисму ҷонаш мепазад, сахт мешавад, ман ки ваъда додаам, ту пеши роҳ назан!

Маҳтоб сар хам кард. Аз эътирози худ пушаймон шуда, бо овози кам хоҳиш кард:

– Фарҳод[100], агар рухсат диҳед, бо Наимаю Шаҳром ба намадпазии дағечам равам. Яке не, дуто мемондааст, хеле тӯл мекашад.

– Аҳа, ҷони бача ҷону ҷони худат аз санг аст, бале?! То кай дар ҳашарҳои дигарон ҷон меканӣ? Дағечат кадом кори тура аз дастат гирифта буд, ки ту ғами вая мехӯрӣ? – Шокирусто қасдан ҳамсарашро суолборон кард. Хуб медонист, ки худи занаш аз ӯ бештар ғами мардумро мехӯрд. – Шаҳрома барои чӣ мебарӣ?

Маҳтоб шумханд зад. Ба кинояи шавҳар бо мулоимат ҷавоб гардонд:

– Ҷисму ҷони ман аллакай пухтааст, аз ҳашарҳо ҳам қувват мегирам. Дағечам омад ё не, ба ман чӣ? Агар коре кунам, барои Зоҳирдодӣ мекунам, худатон медонед, агар ба як ҳашарашон наравам, хонаю дарро канда мехӯранд... Ҳа, Шаҳрома барои тамошо мебарам, медонед, намадмолӣ чӣ қадар завқ дорад?!

Шокирусто дигар маътал нашуд, аз токчаи айвон ду даст калобаи сиёҳу сапедро ба китф андохта гуфт:

– Маҳмаддоно шудаӣ, ба ҳама гап ҷавобат ҳаст. Дар воқеъ, ширакат чӣ шуд, то вақти аср мепазад?

– Шаб андохтаам, ҳозир ҳам хоҳед, бибаред ба масҷид. Сокина дар сари дег аст.

– Нағз, ту ҳам ба ҳашарат рафтан гир, фақат аввал бачаҳора ба корҳояшон гусел кун, – Шокирусто дигар наистода ба самти боғ ба мақсади дӯкон роҳ пеш гирифт.

Маҳтоб аз қафо нигоҳашро наканда бо хушҳолӣ гуфт:

– Хуб шудаст!

Қозӣ Ҳушанг бо Фаршед ба сӯйи Бозоргоҳ, ки коргоҳу ҷойи иқомати мирохуру тобеонаш дар он ҷо буд, аспсавор мерафтанд. Фаршед дар пушти қозӣ нишаста аз ду ҷониб домани ҷомаашро медошт, ба назараш ҳайкали ӯ дар пеш ба мисли кӯҳе менамуд. Ҷуссаи азим ва китфони васеъ дошт.

– Аспатон бақувват будааст, натарсида бо ирода қадам мезанад, – гуфт Фаршед аз роҳгардии асп ба завқ омада, – зоташ тоҷикӣ аст?

– Бубин, аспи ман он қадар қоматбаланд нест, миёнаҳол, пешонии паҳн ва гардани нисбатан дароз дорад, пойҳояш бақувват, сумҳояш сахт ва чашмонаш калони ҷозибанок аст, ки аз ҳамин ҷиҳат маро мафтуни худ месозад. Зоти ин гуна аспҳо арабӣ аст, онҳоро бештар бодиянишинҳо савор мешаванд, барои майдонҳои корзор ҳам хеле тобоваранд.

– Чипорӣ будааст, рангаш ба худаш мезебад.

– Ин рангу пӯстро абрашҷиран мегӯянд. Ҳамин холҳои сапед зевари асп аст.

---

[100] Дар бисёр маҳалҳо зану шавҳар ҳамдигарро на бо номи худ, балки бо исми писар ё духтари бузургӣ садо мезананд.

– Гапшунав будааст, вақте ки аз сутун кушодам, нахӯсид, бо камоли майл ба сӯятон лӯккас зада омад.

– Нуҳ сол мешавад, ки ин ҷонавар маро мебараду меорад. Бо ин чӣ ҷойҳоеро нагаштаам! – Қозибобо даст баланд карда бо нӯки қамчин оҳиста ба сурини асп зад. Абрашҷиран як он қадаммониашро тезтар кард ва ба йӯрға даромад.

Ҳамин ки ба гузари Бозоргоҳ расиданд, Қозӣ Ҳушанг сари аспро рост ба қароргоҳи мирохур гардонд. Ин ҷо дар асл қароргоҳи тамоми маъмурони иморат буд. Даҳ кулбаи самти рости ҳавлӣ, ки дар шафати ҳам қарор доштанд, махсуси доруғаю андозчину хидматгорон ва ду хонаи бузурги айвондори пешгаҳ бо ҳуҷраҳои дарун ба дарун дар ихтиёри маъмурони асосӣ буд. Дар самти чапи ҳавлӣ саисхонаи калоне ба назар мерасид, ба эҳтимоли зиёд онро бо назардошти сарбозону гумоштаҳои ҳамешагӣ, ки тез-тез омада меистоданд, сохта буданд. Баробари ба назди дарвоза расидани қозӣ ва Фаршед аз самти рост ду нафар давида баромаданд. Яке лигоми аспро ба даст гирифту ба самти саисхона роҳ пеш гирифт ва дигаре бо таъзим «Қозибобо хуш омадед, марҳамат, бифармоед» гӯён рост ба самти хонаи рӯ ба рӯ бурд. Қозӣ амромез суол кард:

– Оқсақол Ансорбӣ ҳаст? Чаро ҳеч кас наменамояд?

– Ҳама дар ҳамин ҷо, Қозибобо, ҳанӯз зуд, тоза як хурӯс бонг андохт, – бо тамаллуқ сухан гуфт хидматгор, – шумо ба айвон гузаред, ман зуд пайғом медиҳам, марҳамат.

Қозӣ Ҳушанг пеш-пеш, Фаршед аз қафояш ҳамин ки ба зинапояи айвон қадам гузоштанӣ шуданд, аз як кулба чашмонашро молида ва бо дасти дигар банди эзорашро банд-бандон Шермати гӯл берун омад. Ӯро дида қозӣ ҳамоно ба қафо баргашт ва бо овози баланд гуфт:

– Биё ин ҷо, нобакор!

Шермат аз садои қозӣ дар худ печид, бо тарсу ларз, шалвори ҳанӯз бандкашолашро бо як даст дошта истода, давида пеш омад. Дар ҳоле ки ранги рӯяш сап-сафед канда буд, базӯр лаб ҷунбонд:

– Са... лом...

– Дишаб киро тортуқ кардӣ, бадҷинс!

– Гуноҳи ман нест, Қозибобо... гуноҳи ман... – Шермати гӯл бо ҳарос охири гапашро дар гулу хӯрд.

– Мегӯям, духтар кӣ буд, кӣ фармуд ба ту!

– Духтари Бобо Хиром – Фаришта... Ба ман ҷанобашон фармуданд, – Шермат бо ангушт ба сӯйи хонаи мирохур ишора кард ва ҳамоно даст ба даҳон бурд.

Қозӣ Ҳушанг ёзида аз гиребони доруға дошта бо силтав ба пушт тела дод ва бо ғазаб гуфт:

– Агар як тор мӯйи духтар кам шавад, танат дар сиёҳчол мепусад, касофат! Гум шав аз назарам! – қозӣ ба Фаршед, ки аз доду бедоди ӯ ангуманг шуда буд, рӯ оварда бо мулоимат афзуд: – Писарам, мирохур дар ҳамин ҷо

будааст, ту зуд ба хонаи Дороамин рав, ҳамин ҳозир ба назди мо ояд. Медонӣ манзилашро?

– Оре, Қозибобо, наход хонаи деҳхудоямонро надонам.

– Пас, бидав!

Ансорбӣ яке аз маъруфтарин мирохурҳои амир буд, ки наздики понздаҳ сол дар кӯҳпояи Нур гурӯҳҳои пешдасти иморатро роҳбаладӣ мекард ва дар ҷамъоварии ҳар гуна андозу авориз ва ҳадоё барои хазина беустухон буд. Ӯ нишемангоҳи худро тез-тез тағйир медод, гоҳ дар Бору, гоҳе дар Синдоб ва баъзан ҳам дар Моҳигарму Хумгузар манзил мегирифт. Аммо бештар дар Бору мемонд, ба халқи дарёдилу хушқавли инҷо одат карда буд, заҳмати ҳамешагӣ ва ҳарсола ҳосили фаровон бардоштани боруиён ӯро хушҳол мекард. Ба хусус, ҳангоми ҷамъоварии молиёту[101] боҷу хироҷ ба доди ӯ расидани амалдорони деҳа ва соҳибкорони сарватманд боиси сарбаландӣ ва сурхрӯйии ӯ дар назди мурсалони бекҳову амир мегардид. Марди иҷрой буд, вале то андозае якраву қайсар, то ҳадде, ки баъзан худсарона бе маслиҳати сарварони деҳаҳо амалҳои хуфиёна анҷом медод. Ин бор ҳам саҳарии барвақт омадани Қозибоборо шунида, бо ӯ ҳисоб кардани дигаронро ҳис карда, дар худ болид. То ба айвон баромадан тамаллуққории дирӯзаашро чанд бор аз madди хаёл гузаронида, бо чӣ сухане мубарро нишон додани хешро мулоҳиза кард.

– Салом арз кардем, қозӣ, мебинам, ки боди наҳс ба гӯшпонаат вазидааст, чӣ хабар? – худро моҳи беайб нишон дода бо истеҳзо арз кард мирохур, дар ҳоле ки фаши саллаашро аз миёни гиреҳ гузаронида дуруст мекард.

Қозибобо бо симои ҷиддӣ ба қадаммонӣ ва ҳаракатҳои нописандонаи ӯ дида дӯхта, то лаҳзае, ки ба ҳам даст дода вохӯрӣ карданд, хомӯш истод. Сипас бо садои гиро пурсид:

– Ансорбӣ, барои чӣ дирӯз девонбегию сарбозонаш ба деҳа надаромада рафтанд?

– Ман ҳам тааҷҷуб мекунам, онҳо як рӯз меҳмони мо шуданӣ буданд, аммо тую Дороамин пайдо шудеду ҳама барномаҳо барҳам хӯрд.

– Барномаҳо барҳам хӯрд? Фикр мекунӣ аз мондани онҳо суде мерасид?

– Ба ҳар ҳол, одамони амири аъзам, табаррукан...

– Табаррук? Касе, ки шираи мардуми фақирро меҷаббаду аҳли корро хонасалот мекунад, табаррук аст?!

– Инҳо одамони иморатанд, қозӣ, беҳурматӣ накун.

– Мо магар аз иморат берун ҳастем? Қазовати хайру шар беҳурматист?

– Чаро хашм мекунӣ, – мирохур намехост аз Қозибобо паст ояд, бо вуҷуди ин, дар дил тарсу изтироберо ҳис мекард, – мо чӣ хато кардем?

– Бо ҳар роҳе буд, чи тангаву чи илтиҷо, гумоштаи бекро ба роҳи омадааш гуселондем. Дороамин бо як қулоч риши сафедаш аз он лӯлии баднафсу беномус хоҳиш кард, ки мардуми дирӯз аз бори молиёт раҳоёфтаи Боруро ба ҳоли худаш гузорад. Дар Сунбула барои девонбегию навкаронаш ду сар гӯсфанди тановарро сар задем, шиками аспонашро ҳам сер кардем. Ин

[101] **Молиёт** ماليات – ба маънии андоз аст, ки ҳоло дар забони форсӣ ба кор меравад

магар кам буд, ки ту боз ба хиёнат даст задӣ? – дигар таҳаммули қозӣ аз даст мерафт, овозаш торафт баландтар мебаромад.

Мирохур худро ба нодонӣ зада арз кард:

– Ман чӣ хиёнат кардаам?

– Тортуқ[102] кардани духтари деҳа ба як марди бегона магар хиёнат нест?

– Ҳо-ҳо-ҳо... – мирохур хандаи ҷонгир зад, – худаш як ғуломдухтар будааст, ба ин ин қадар дӯғу дабара?

– Чи ғулому чи доро – ҳама фарзанди деҳа ҳастанд, ҳадди ақал ба мо мегуфтӣ, ки чӣ кор мекунӣ, даюс!

Мирохур бори аввал ба чунин ғазаби Қозибобо дучор меомад. Як дам дудила шуд, ки ӯ низ бо хашм доду бедод занад ё паст ояд? Вале дар пеши дигарон, ки аз гӯшаю канор ба баҳсашон гӯшу ҳуш шуда буданд, иззати нафси худро коҳида дида, бо шӯр гап гардонд:

– Агар ту маъмури иморат бошӣ, мо ҳам камтар нестем, қозӣ, сухан дониста зан! Ман барои ҳар як корам ба ту ҳисоб пас намедиҳам. Худоё, ин чи зӯрие...

– Вақте ки сухан дар хусуси нангу номус меравад, маҷбурӣ ҳисоб пас диҳӣ, саг! Фақат пеши беку гумоштаҳояш дум ликкондана медонию бас. Ба ту то аср фурсат медиҳам, хатоята ислоҳ мекунӣ. Агар не, худат дону Худоят, ё аз ин деҳа як умр берунат мекунам, ё аз сарат ҷудо мешавӣ!

Мирохур гапи охирро набардошт, бо оташинӣ беихиёр аз гиребони қозӣ гирифт. Аз ҳар сӯ садоҳои шигифту ваҳмолуди хидматгузорону навкарон баланд шуд. Мушрифи калони мирохур дартоз худро ба мардони даргир расонд, раиси худ Ансорбӣ-мирохурро аз қафо муҳкам нигаҳ дошт ва бо овози ларзон гуфт:

– Хӯҷаин айб аст, ба қозӣ даст набардоред.

– Обрӯяша худаш нигаҳ дорад, дағалӣ ҳам ҳад дорад! – чашмони мирохур гӯё аз косахонааш мебаромад, тамоми вуҷудаш ворача гирифта буд, ранги рӯяш пӯсти анорро мемонд.

– Даст бардору бин, падарсаг! Гумон кардӣ, саис ҳастию ҳама кор дар ихтиёри туст? – бо шӯри пештара суханашро идома дод Қозибобо ва дасти мирохурро бо зарб ба пушт зад. Ҳамин дам чашмаш ба зинаҳо уфтод, ки Дороамин ва дар канори ӯ Суҳроби паҳлавон бо савлат меоянд. Онҳоро дида бештар шердил шуд: – Савораҳоята омода кун, Суҳроб ҳам бо шумо меравад, ҳамин ҳозир ба роҳ бароед. Агар то аср духтари Бобо Хирома наовардӣ, бурда-бурда мекунам, ҳайвони лаин!

Дороамин ва аз дунболи ӯ Суҳроб ба саломи атрофиён, ки ҳама таъзимкунон худро ба кунчу канор мекашиданд, алейк гуфта, ба айвон баромаданд. Ҳар ду бо Қозӣ Ҳушанг китф ба китф расонда вохӯрӣ карданд. Мирохур аз ғояти ғазаб ҳанӯз фишшасзанон нафас мегирифт, бо дидани арбоби деҳа базӯр лаб кушода салом доду ҳамоно чашмонашро гурезонд.

– Э, боракаллоҳ, шайтон, ёваронат ин қадар ҳунар доштаанд, мо надонистем. Ҳамаро лол кардӣ, аз дами дарам одам дуздидаанд, мо бехабар!

---

[102] **Тортук تارتوق** – пешкаш, инъом, ҳадя

Ба ин мегӯянд, нон хӯрдану дар намакдон туф кардан, аз мардуми Бору шармат наомад?

– Бобо, бек худаш хост, – мирохур боз ҳам саъй кард бегуноҳии худро арз кунад, – худатон медонед, дар ин гуна ҳолат ҷуз итоат чорае нест...

Барошуфтагии Қозибобо ҳанӯз накоста буд, дубора садояш баланд шуд:

– Ин гапа ба писари холаат гӯй, чоплуси даюс! Хостӣ пойбӯсиата ба исбот расонӣ, аммо намедонӣ, ки дигар на амире монду на беке дар он иморат!

– Ҳоҷати туюман рафтан нест, он чӣ қозӣ гуфт, зуд анҷом деҳ! – Дороамин ба мирохур гапзанон аз оринҷи Қозибобо дошт ва бо ишораи чашм ӯро ба рафтан хонд. Онҳо аз зинапоя ба поин роҳ пеш гирифтанд. Дар ин лаҳза аз пушт садои мирохур, ки ба мушрифонаш мегуфт, шунида шуд:

– Ғаюр! Самандару Шермата гӯй либос пӯшанд! Ду-се нафари дигара ҳам ҳамроҳ гиред, зуд бош, аспҳоро зин занед! Сухроб, хоҳишан ба мо ҳамроҳӣ кун, ба фикрам бе занозанӣ корамон ҳал намешавад...

Бо мағалу ғиреви барпошуда ҳама қароргоҳиён сари по хеста, аз кулбаҳои худ ба ҳавлӣ беназму тартиб даробаро мекарданд. Ба маҳзи ин ки диданд, Дороамину Қозибобо ташриф мебаранд, ҳама даст рӯйи доман гузошта, ниматаъзим аз ду ҷониби роҳрав саф кашиданд. Фаршед аз сарварон қафо намонда то назди дарвоза омад ва ҳамин ки ду нафар хидматкор аспҳои онҳоро наздик оварданд, ба қозӣ гуфт:

– Бобо, мехостам бо Суҳробдодӣ равам, шояд ёриам расад.

– Не, ин тарафаш ҳарбу зарб мехоҳад, ту ҳар чи аз дастат омад, анҷом додӣ. Акнун ба хонаатон рав, истироҳат кун.

Дороамин илова кард:

– Фаршедҷон, то ин ҷо хеле талош кардӣ. Дигар нигарон набош, духтари Хиромамаката наҷот медиҳанд, парво накун!

Қозибобо гуфт:

– Бо зану бачаҳояш чӣ ҳоле доранд, тасаввур мекунам. Мо ба наздаш меравем?

– Оре, Мулло Дурандеш ҳам омадагист, гуфтам, хабар кунанд. Аз ҳамон ҷо ба деҳаи Тоза мегузарем, таъзия будааст. Дар воқеъ, Фаршедҷон, усторо ҳам гӯй ба хонаи мо биёяд.

Фаршед ба маънии «қабул» саре такон доду даст ба рӯйи сина гузошт. Қозӣ суол кард:

– Таъзияи кӣ?

– Гулрубибӣ даргузаштааст. Аз Фаршедҷон пештар қосид омада буд, ҳатман ба манзили ту ҳам рафтагист.

– «Инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун»[103], – Қозибобо дуо хонда даст ба рӯ кашид ва илова кард: – Шояд пас аз баромадани мо омада бошад. То пешин бармегардем?

– Сойи Тоза як қадам. Бо хондани намози ҷаноза бармегардем, ба пушта намеравем. Мулло Дурандеш худаш ба хатми Қуръон мемонад.

---

[103] ***Ба тоҷикӣ:*** мо аз Худоем ва ба сӯйи Ӯ бозмегардем.

Дороамину Қозибобо савори асп ба самти гузари Миёна сарболо шуданд. Фаршед онҳоро бо нигоҳҳои жарф гусел карду худаш ба тарафи гузари Пайк роҳ дар пеш гирифт. Пас аз ӯ саворкорони дастаи омодакардаи мирохур Ансорбӣ гарду хоки роҳро ба осмон бардошта, бо талотум ба самти Авлиё асп тозонданд.

Фаршед роҳравон акнун дар вуҷуди худ хастагии бемонандеро ҳис кард. Гӯё то ин дам неруи ниҳоне аз ғайб барояш мадад мерасонд, тавонист дидаю шунидаҳои худро ба наздикон гӯяд ва то ин ҷо, ки ҳатто барои наҷот додани духтари Бобо Хиром имконияте пайдо шуд, сари по истод. Акнун дар пайроҳаи канори ҷода ба сони лаклаки маҷрухе, ки як замон поҳои маъюби худро кашолакунон аз боғи Йӯлдоши Лӯнда даррафта буд, бо сахтӣ қадам мезад. Оре, дар ёд дорад, лаклаки бечора ба хотири поймол кардани қитъаи пиёзу сабзии ҳамсоя аз соҳиби боғ санг хӯрда, афтону хезон худро бо азоб то лонаи болои дарахт расонида буд. Дар ин лаҳза Фаршед хастагии тану ҷони худро пай бурд, поҳояш дигар маҷоли ҳаракат надоштанд, гӯё ки сангҳое ба ангуштонаш овезон бошанд, мисли лаклаки пошикаста базӯр то хона омад. Ҳамин ки ба ҳавлӣ расид, хоҳари хурдӣ Сокина ба пешвозаш баромад. Беҳолона ба ӯ гуфт:

– Хоҳарҷон, ба додо гӯй, Қозибобо дар хонаи Дороамин мунтазир истодаанд, ба деҳаи Тоза мерафтаанд.

– Ба шумо чӣ шуд, додӣ, ранги рӯятон кандааст?

– Ман хубам, шояд асорати сафар аст, ки хаста шудаам. Як-ду соат хоб меравам, ҳеч кас безобита накунад, хуб?

– Майли, додиҷон, дам гиред, – гуфт Сокина ва бо меҳрабонӣ аз дасти Фаршед дошта, бо ҳам ба хониоча даромаданд. Давида кӯрпачаеро ба замин партофт ва Фаршед ба рӯйи он дароз кашид. Ба хотири он ки касе музоҳими бародар нашавад, Сокина аз берун дарро баст...

## Намадпазӣ

Дар гузари Гӯрисӯфӣ манзили Зоҳирино орухонаро мемонд. Ҳарчанд устои намадпаз панҷ-шаш нафар зани ҳунарманд буданд, дар канори онҳо писару духтаракони бисёр ба ҳашар омада, то оғози намадмолӣ ба дасту пойи ҳам дармеафтиданд ва бо ҳаёҳуйи беохир давутозкунон ҳавлиро ба сар мебардоштанд. Занону духтарон ба ду гурӯҳ ҷудо шуда, ду карбоси васеъро дар пешгаҳу пойгаҳи ҳавлӣ густурда буданд. Пашмҳои гузиндаю собашудаи намадӣ ҳам ғарам-ғарам дар ду гӯша омодаи кор мехобид. Маҳтобу Бибисоро бо садои баланд ба духтарон дастур медоданд, се-чорнафарӣ ба кашондани об, гарм кардани дегҳои об, кашидани ресмонҳои андозагирӣ, ҷудо кардани пашмҳои сиёҳу сапеду ранга ва корҳои дигари саридастӣ масъул мегузоштанд. Маҳтоб сараввал пашмҳои намадиро дар кафи даст совида-совида санҷида дид ва бо хотирҷамъӣ изҳор намуд:

– Пашмҳои барра тоза аст, Худо хоҳад, намадҳои нарму муҳкам мепазем.

Дағечаш Гуландом хушҳол шуда гуфт:

– Медонед, шоён[104] устои ин коранд, ҳама пашма худашон ҷамъ карда буданд. Бо як дид ба фарқи пашми гӯсфанду барра мераванд. Борҳо шудааст, ки ба сарам дод зада аз миёни пашмҳо дурушту сахту ношудаша ҷудо карда партофтаанд.

– Пашмҳои ранга ҳам хуб баромадаст, ин тарафаш ба ҳунари мо вобаста. Намада бояд нағзакак пухта гирем, – гуфт Маҳтоб ва ба Бибисоро рӯ оварда афзуд: – Дугонаҷон, дар як вақт ҳар ду намада меандозем, ту ба сари намади пойгаҳ рав, ман ҳам сарубарги пешгаҳира дуруст мекунам.

Бибисоро бо лабханди мулоим гуфт:

– Мехоҳӣ, сабқат кунем?

– Не-е, саросема нашав! Ба гулмонӣ диққат деҳ, вақти оринҷ задан эҳтиёт шавед, саъй кун, то охир якзайл барояд. Ба хусус, оби ҷӯша канда накунед, намад бояд то мағз-мағзаш бипазад! Дигар, лагадзанӣ кори ҷавонҳо, ин қадар духтару писар ҷамъ шудаанд, ба даҳ намад ҳам мерасанд!

Занҳо ба ду гурӯҳ тақсим шуданд, як идда ба сӯйи Маҳтоб ва бештарашон ба дастёрии Бибисоро шитофтанд. Маҳтоб миёнашро бо рӯмоле аз болои ҷомаи гулдор баста, сарбандашро аз болои кулӯта ба даври сар печонида, остинҳояшро то банди даст бар зада буд. Ӯ ба намадпазӣ иштиёқи беандоза дошт, дар ин шуғл касе ба чусту чолокии вай намерасид. Дар деҳа ҳар кӣ намад мегузошт, ба устоӣ аввал ӯро даъват мекард.

– Хуб, бандҳои андозара нигаҳ доред, ба бар якуним қулоч, ба дарозӣ дуқулочӣ мегирем, – ба духтарҳои ресмондор рӯ оварда гуфт Маҳтоб ва худаш ба рӯйи карбоси паҳн баромада дар як гӯшааш қарор гирифту ба ду нафар духтаре, ки дар назди ғарами пашмҳо меистоданд, амр кард: – Аввал пашмҳои сиёҳранга теед, қабати поини намада монда мебароем.

Даст ба даст кор шуруъ шуд. Духтарон бо тартиб пашмҳои маҳини фах-фахиро даста-даста оварда ба Маҳтобу ҳамраҳи ӯ Гуландом, ки бо хушҳолии беҳад дар канораш тор метанид, дароз кардан гирифтанд. Шаҳром дар канор, то имкон буд, ба Маҳтоб наздиктар истода, бо иштиёқи зиёд амалҳои ӯро зери чашм мушоҳида мекард. Чусту чолок кор кардани занҳо ва дилгармии онҳо ба шуғлашон ӯро ба завқ овард, бо кунҷковӣ аз Маҳтоб пурсид:

– Хола, ҳамин намадмонӣ, намадмолӣ – ҳар чӣ мегӯед, аз кай боз ҳунари дастӣ аст? Бубинед, ҳеч асбобе надоред, лекин зерандози олиҷаноб месозед.

Маҳтоб бо иштиёқ пашмҳоро паси ҳам часпонда, паҳнкунон ба сухан омад:

– Дар худамон ин ҳунара намадпазӣ мегӯянд, лекин дар ҷойҳои дигар намадмолӣ. Гап дар он ки аз сари кор то охири лагадзанӣ паси ҳам намакоби ҷӯш рехта намада мепазанд ва аз сӯйи дигар, барои ба худ омадани намад вая бо оринҷ мемоланду бо по мезананд. Дар ҳар сурат, ҳосилаш ҳамон намад аст, ягона зерандозе, ки бофта намешавад, – Маҳтоб ҳис кард, ки дар атрофаш ҳама хомӯш шуда, бо диққат ба суханҳои ӯ гӯш медиҳанд. Бо алоқаи бештар ба нақлаш идома дод: – Он чӣ мепурсӣ, ин ҳунар кай дар байни одамон расм шудааст, ба касе маълум нест. Лекин достони омиёнае дар миёни намадмолон

---

[104] **Шоён** – он кас; дар гӯйиш зан шавҳарашро ба ин тарз мавриди мухотаб қарор медиҳад

машҳур аст. Ривоят мекунанд, писари Ҳазрати Сулаймон(а) чӯпоне буд, ки мехост аз пашми гӯсфандаш барои бофтани порчае истифода кунад. Пас аз он ки чандин бор саъй мекунаду вале дар орзуи худ ноком мешавад, бо ноумедӣ даст аз кӯшиш мебардорад. Ӯ бо хашм ҳар чӣ пашм буд ба замин зада бо мушт мекӯбад ва ашки ҳасрату андуҳ мерезад. Иттифоқан, оби дидагонаш рехта ба даруни наххҳои пашм роҳ меёбад ва онҳо ба ҳам мечаспанд. Он гоҳ писари Ҳазрати Сулаймон(а) мебинад, ки пашм намноку фишурда шуда, дар ҳам танида шакли порчаро ба худ гирифтааст...

– Ваҳ-ҳ! Намедонистам ба ин содагӣ намад ҳосил шуда бошад, – аз нақли Маҳтоб ба шигифт омада гуфт Гуландом.

Маҳтоб илова кард:

– Аммо, он чӣ гуфтам ривоят аст, хоҳарҷон, худат медонӣ бо ин «содагӣ» чӣ қадар дарди сар мекашем, то намад шавад!

– Эҳ-ҳа, агар намадпазӣ аз замони Ҳазрати Сулаймон(а) монда бошад, таърихи қадим доштааст! – дар миёни сухан тохт Шаҳром, – лекин шумо ин намада гулкорӣ намекунед? Ман бисёр дидаам, ки намадҳо бо ҳар гуна ранг наққошиҳо доранд.

Маҳтоб лабханди маънидор зада гуфт:

– Ба кучо мешитобӣ, писарҷон! Ҳоло мо қолаби гирифтаамона бар рӯйи карбос бо як қабат пашм пӯшонидем, – Маҳтоб охирин лахти пашмро дар поён хобонида қомат рост кард ва афзуд: – Акнун навбат ба қабати дуюм аст, ки дар он «гулкорӣ» мекунем.

Дар ҳамин асно ногаҳон аз ҷониби дарвоза садои думбур-думбури даф ва сурудхонию ҳамовозӣ баланд шуд. Духтару писаракони хурдсоле, ки дар гӯшаю канори ҳавлӣ саргарми бозӣ буданд, бо шавқ ҳаёҳукунон ба самти созу наво давиданд. Фазилатхолаи гӯянда[105] бо садои ширадор ҳамаро ба сӯйи худ ҷалб кард:

*Кас кӯча бурод, сарҳатакаш дурудароз,*
*Ҳар се хуҳарон шинем ба мӯҳои дароз.*

Аз гирду бараш бардорандаҳо ҳамовоз шуданд:

*Мо омадем намадпазӣ, ёр-ёр, ёроне!*

Фазилатхола яккахониро идома дод:

*Ҳар се хуҳарон бозӣ кунем, меарзад,*
*Кокул ба миёни борикам меларзад.*

Бардорандаҳо овоз доданд:

*Мо омадем намадпазӣ, ёр-ёр, ёроне!*

Садои Фазилатхола каме бо оҳанги ҳазин шунида шуд:

*Эй оча, назан, накеб, ман беморам,*
*Ман кабки рамида дар таги деворам.*

---

[105] **Гӯянда گوینده** – *ин ҷо:* гӯяндаи мардумӣ, овозхони оҳангҳои халқӣ

Дубора бардорандаҳо нидо дардоданд:

*Мо омадем намадпазӣ, ёр-ёр, ёроне!*

Баробари ба ҳавлӣ даромадани овозхонҳо Маҳтобу Гуландом ба пешвозашон баромаданд. Бо ҳамдигар гарму ҷӯшон вохӯрӣ карданд, Гуландом табақи Фазилатхоларо аз сараш гирифта пеш уфтод ва меҳмононро ба айвон бурд. Фазилатхола дар як гӯшаи айвон ба рӯйи кӯрпача сари дузону нишасту дуо хонд:

– Ба номи Худои меҳрубону бахшоянда, дасти бандаҳояш дардро набинад, намадҳои манзили Зоҳирдодӣ ба ниятҳои нек густурда ва барои рӯзҳои хуш ба кор равад! Ҳар кӣ ба ин кори савоб ҳамроҳ мешавад, Худовандо, ба умеду орзуҳои некаш бирасад! Омин!

Хурду калон бо ҳам даст ба рӯй кашиданд. Сунҳори хона Рухсора дасторхон паҳн кард ва аз пайи дам кардани чой шитофт. Пас аз пурсупоси кӯтоҳ бо ишораи Маҳтоб ҳама ба сари кор баргаштанд. Дар ҳоле ки Фазилатхола дафзанон бо овози маҳини худ сурудхонӣ мекард, Маҳтобу Гуландом ба чидани қабати дуюми намад пардохтанд. Давоми кор нозуктар буд, Маҳтоб бо ёрии пашмҳои қирмизрангу зарду сабзгун пушти ҳам нақшҳои намадро меофарид ва аз паси ӯ Гуландом ҷойҳои холиро бо пашмҳои сиёҳу сапед пур мекард. Шаҳром об дар даҳон ҳунари занҳоро тамошокунон хомӯш меистод. Чанд муддат коргоҳи намадмонӣ аз ҳою ҳангома ва мағал холӣ шуд, танҳо садои дилнишини Фазилатхола ҳамроҳ бо оҳанги даф мулоиму муассир ба гӯш мерасид.

Ниҳоят, Маҳтоб аз гулмонӣ даст бардошта сар боло кард ва ба дастёрони худ рӯ оварда амр дод:

– Акнун наистода оби ҷӯш кашонед! Зуд бошед, Салима, Хуршеда, даст ба даст диҳед!

Дарҳол духтарону занони сари дег ба ҷунбуҷӯл даромаданд. Момои Руҳафзо «ё бисмиллоҳ» гӯён, аз деги болои оташдон сатилҳоро бо об пур карда истода, ба тақвияти суханҳои Маҳтоб гуфт:

– Наистед, духтаронам, думаша канда накарда оба ба устоҳо расонед! Э боракаллоҳ, қанд занед!

Гуландом овоз дод:

– Намакаша барасам задед, момо?

– Андохтам, духтарам, шӯриаш айни муддао шуд, боби намад.

– Худатон яктоед, момоҷон! – хурсанд шуда ба суханаш идома дод Гуландом. – Бо ин синну сол ба ҳашар омаданатон як қаҳрамонист, умри дароз бинед!

– Ҳашар кори пур[106], духтарам, заҳмати якҷоя барака дорад. Баъд, ин намадпазӣ ҷону дили мост, дар канори шумоҳо ман ҳам қувват мегирам.

– Пир шавед, момоҷон!

---

[106] **Кори пур کار پر** – коре, ки одамони бисёр анҷом диҳанд; кори дастаҷамъӣ

Вақте ки Маҳтобу Гуландом ба намади худ об пошида онро бахубӣ нам карданд, дар гӯшаи дигари ҳавлӣ Бибисоро низ гулмонии намади зери дасташро ба поён расонид ва ба дастёронаш фармуд, ки об кашонанд. Маҳтоб баробари об зада шудан ба Гуландом ва духтарони атроф рӯ оварда гуфт:

– Акнун зӯри бозуҳоятона месанҷем, аввал биёед, ҳама нишаста бо ҳам аз як лабаи карбос мепечонему лӯла мекунем.

– Мо ҳам ёрӣ диҳем, хола? – ба сухан ҳамроҳ шуд Шаҳром.

– Албатта, ҳарчи одам бисёр бошад, намад хубтар молида мешавад, фақат ба дасти ману Гуландом нигоҳ карда, ҳама яксон, фишурдаю обаша равонда лӯла кунед.

Дарҳол зану духтарони дастёр ва Шаҳрому писари Гуландом – Шодон бағали ҳам нишаста аз лаби карбоси пашмдори тар гирифтанд ва айнан ба мисли Маҳтобу Гуландом, ки дар ду гӯша нишаста буданд, ба лӯла кардан пардохтанд. Карбос ба дарозо пашми часпидаро дар худ фурӯ бурда, оҳиста-оҳиста лӯлагирд мешуд, ангуштони нозуку дурушт аз рӯйи он ғӯтида то ҳадди имкон фишор меоварданд, оби ғиҷимшуда аз зери зонуҳо роҳ ёфта ба пушту канор ҷорӣ мешуд. Духтарони обкашон обнамаки ҷӯшро канда накарда, пеш-пеш аз рӯйи пашм об мерехтанд. Устоҳо ҳамин ки то мобайн омаданд, Маҳтоб каҷукилеб шудани лӯланамадро дида садо баланд кард:

– Ин чӣ гап, мор шуда рафт-у?! Биёед, бо ҳам дошта, якбора ба пушт мекашем. Як-ду-се!

Ҳамоно нишастагон лӯланамадро дудаста гирифта, бо як зарб ба пушт кашиданд. Лӯла ҳам фишурда шуду ҳам рост. Гуландом дар пайравии амри Маҳтоб бо қаноатмандӣ гуфт:

– Қанд занед, бачаҳо! Шуд, рост шуд, аз нав лӯла мекунем, – ӯ ба духтарони обкашон рӯ оварда суханашро идома дод: – думи оби ҷӯша канда накунед, оварда рехтан гиред!

Вақте ки намади карбоспеч лӯлашавон то охир омад, ду сари онро гиреҳ заданд. Маҳтоб арғамчини дарози овардаи Гуландомро миёни ангуштон гирифта гуфт:

– Акнун лӯлара сахтакак мебандем, – ӯ нӯки аввали арғамчинро ба сари лӯланамад баст, идомаашро ба дасти Гуландом дода афзуд: – бо эҳтиёт, вақти гузарондани ресмон лӯлара оҳиста бардоред, боз нашавад!

– Лагад мезанем? – бо бесабрӣ пурсид Шаҳром.

Ба ҷойи Маҳтоб Гуландом хандида гуфт:

– Не, ҳозир оринҷмолӣ мекунем. Дубора, қатор бағали ҳам менишинему лӯланамада мемолем.

– Оринҷмолӣ барои чӣ?

– Пашми намад бештар мечаспад, ин ҳам як давраи пухтанаш аст.

Маҳтоб илова кард:

– Бо оринҷмолӣ пашмҳои намад мисли ширеш ба ҳам мечаспанд ва намад рӯяи тахту лағҷон[107] ҳосил мекунад, ки баъд дар лагадмолӣ нозуку сӯрох намешавад.

---

[107] **Лағҷон لغجان** – лағзон

Ҳамин ки лӯланамад бандпеч шуд, Маҳтоб дастур дод:

– Ку, бачаҳо, ҳама баробар мебардорему ба замин мезанем, як-ду-се!

Лӯланамадро се бор бардошта ба замин заданд. Ҳар бори кӯфтан «талап-талап» садо баланд мешуд, ки аз шулумбаи[108] об будани лӯла дарак медод. Сипас, дастаи корӣ ба Маҳтобу Гуландом пайравӣ карда аз нав дар пушти лӯланамад сари дузону нишастанд. Ҳама банди даст ба рӯйи лӯла гузошта, бо ҳам ба молидан даромаданд. Лӯланамад аз таҳи мушт то оринҷҳо ғарч-ғурч пасу пеш ғелидан гирифт. Ҳар гоҳ намадмолон лӯларо бо фишори банди даст ба самти худ кашида, ҷуссаҳояшонро ба рӯйи зонуҳо рост мекарданд, духтарони обрез аз пешорӯяшон ба ҷойҳои муносиби лӯла бо эҳтиёт об мерехтанд. Гурӯҳи Бибисоро низ дақиқан ҳамин ҳолатро дошт. Дар ҳоле ки намадмолон хаму ростшавон беист оринҷ мекашиданд, овози нарму ҷонбахши Фазилатхола омехта бо садои даф барояшон қувват мебахшид. Гӯшу ҳуш ба суруду оҳанг шуда, ҳеч кадоме хастагии тану арақшор шудани сару гарданашро ҳис намекард...

Ниҳоят, Маҳтоб дар обу арақ ғӯтида, даст аз оринҷмолӣ бардошт ва аз хастагӣ «уфф» гӯён ба дастёрон гуфт:

– Бас, азизонам, акнун ресмони лӯлара як бор мекашему ба лагадзанӣ мегузарем. Шаҳром, Шодон, сари бандҳора кушода аз нав зич карда гиреҳ занед.

Шаҳром бедасту по ҷавоб дод:

– Ба чашм! – ва давида ба як сари намад гузашту сари ресмонро боз кард.

Дигарон аз ҷо хеста, бо доман ва дастпоккунҳои додаи Гуландом арақи сару гардану чакакҳояшонро тозакунон қафотар рафтанд. Шодон оҳиста-оҳиста лӯланамадро мебардошт, Шаҳром ресмонро аз зери дастони ӯ гузаронда боз мекард. Ҳамин ки ба интиҳои намад расиданд, бо ишораҳои Маҳтоб дубора ресмонро сахт-сахт кашида ба гирди лӯланамад печонида баромаданд. Охири ресмонро худи Маҳтоб гиреҳ зад ва ба атрофиён рӯ оварда бо хушнудӣ гуфт:

– Инак, намадамон ба лагадзанӣ ҳам омода шуд. Ҳамаатон нафас рост кунед, як-ду пиёлагӣ чой нӯшед, – ӯ ба духтарони обкашон нигоҳ карда афзуд: – Шумоён, азизонам, кам-кам об рехта истед, намад сарду хушк нашавад.

Ҳамин дам дар назди айвон шӯру қиёми бачаҳо аз нав баланд шуд. Фазилатхола доираи дасташро алвонҷдеҳон ба навохтани оҳанги шӯх гузашт, хурду калон ба рақс даромаданд. Аз ҳама бештар кадбону Гуландом хушҳол менамуд. Ӯ остинҳои баланди худро сар дода, рақси остин мекард. Гӯё шабпараки бузурге буд, ки аз насими худодод хаму ростшавон бол меафшонд. Дар ҳавои рақси ҷаззоби ӯ духтарони дигар хандону шукуфон ба ҷастухез пардохтанд. Фазилатхола аз онҳо илҳом гирифта, бо садои баландтар, дастҳои худро боло бардошта, даҳ ангушташро ба кор андохта даф мезад. Фориғболию хурсандӣ то ҷое буд, ки ҳавлии Зоҳирино ҷашнгоҳеро мемонд...

Ҳамин вақт аз дарвоза ҳамсояи поиндасти Гуландом Зуҳрабибӣ намудор шуд. Ӯ ба сар як дастархони баландеро бардошта меовард. Чун дид Маҳтобу

---

[108] **Шулумба(к) (ک) شُلُمْه** – шип-шилта, тарии бисёр

Бибисоро алоҳида дар як гӯша нишаста чойхӯрӣ мекунанд, рост ба сӯйи онҳо қадам ниҳод. Бо ҳам вохӯрӣ карданд.

– Аз кори бисёр ба ҳашари хоҳарам нарасидам, гуфтам, сари бачам кал наояд, ҳадди ақал ду-се чалпак пухта барам, – дастархони худро бозкунон гуфт Зуҳрабибӣ ва лаганро ба пеш кашида ба занон муроот кард: – Гиред, марҳамат! Сӯзонак, ҳозир аз дег кашидам, агар ба ҳашарчиён тақсим мекардем, айни муддао мешуд.

– Дастат дарда набинад, Зуҳраҷон, ҳамин корат аз ҳазор ёрӣ беҳтар, бале! – хушҳол шуда гуфт Маҳтоб ва сунҳори хонаро садо зад: – Рухсора! Биё, духтарам, дар гармогармиаш чалпакҳои холата ба ҳашарчиён тақсим карда баро. Ҳамин, саридастӣ ба ҳама расон!

Рухсора давида омаду лаганро ба рӯйи даст бардошт ва аз як сар, ба ҳар кас як донаӣ чалпак додан гирифт. Зуҳрабибӣ бо хушҳолӣ суҳбатро идома дод:

– Дар деҳа овоза, мегӯянд духтари Хуррамбобо ба дасти дуздҳо афтидаст, рост?

– Э, нагӯ, бечорая бо зӯрӣ бурдаанд. Дишаб Фаршедам ба болояш меояд. Духтара кашида мегирам гӯён ба дасту пойи дуздон дармеафтад, лекин зери шаллоқ мемонаду аз уҳдаи кор намебарояд. Номардӣ кардаанд, бесоҳибон!

Бибисоро ба гап ҳамроҳ шуд:

– Ҷазояшона мегиранд, лаънатиҳо! Мардҳоямона нодида гирифтаанд, намедонанд, ки ҳар як ҷавонмарди ин деҳа ба хотири номуси духтаронаш хунаша равшан мекунад.

– Ҳаргиз ба муродашон намерасанд. Додияту Фаршед то саҳар нахобиданд, мехостанд шабошаб аз пайи дуздҳо раванд.

– Шунидем, ки Қозибобо мирохури чоплуса шарманда кардааст, – гуфт Зуҳрабибӣ, – як даста мардонамон бо Суҳроб аз пайи дуздон рафтаанд.

Маҳтоб чойи дасташро бо чалпак хӯрда илова кард:

– Дуздҳое, ки мегӯйӣ, одамони бек будаанд. Об аз боло лой аст, ин сарнишинон аввал худашон ба ҳаромкорӣ даст мезананд...

Ногаҳон бо нидои баланд доду фарёдзанон даромада омадани духтараке ҳамаро карахт кард:

– Ҳой, кӣ ҳаст, апаи Бибисоро, Маҳтобапа! Давед, ба кӯча бароед, Майсахола меояд, аз роҳ гардонед!

Дар ҳавлибудагон ҳама баробар аз ҷо хестанд, воҳимаи духтар аз буни гӯшҳо садо дода, дилҳоро ба ваҳм овард. Маҳтоб бо шаст ба духтар расида аз дасташ дошт ва суол кард:

– Чӣ хабар, Ҳусния?! Чӣ гап шуд?

– Холаам ба ҳаҷ мераванд! Дар гузарҳои Сафедкӯҳу Кӯзагарону Пайк пешашона гирифтанд, лекин қабул накарданд. Сарболо шудаанд, ҳозир ба ин ҷо мерасанд! Илтимос, гардонед он каса...

Бо шунидани ин суханҳои духтар занони калонсол ба якдигар нигоҳ карда ба завқ омаданд. Маҳтоб дасти Ҳуснияро дошта, бо кафи даст сару китфашро молида гуфт:

– Парво накун, духтарам, ҳозир бармегардонем. Бечора ҳафтқабат[109] баровардагист.

Бибисоро илова кард:

– Тарсондӣ, духтарам, Майсахолаат дониста ба ҳаҷ баромадааст, – ӯ маънидор ба кадбонуи хона рӯ овард.

– Медонист, ба ҳашари намадпазӣ гуфта будам, – бо шумханд арз кард Гуландом.

Пеш-пеш занон ва аз дунболашон духтару писаракон бо шӯру қиём ба кӯча баромаданд. Онсӯтар, аз нишебии канори ҷар, ки ҷойи селгузар буду рафта-рафта ба рӯди деҳа пайваст мешуд, сару гардани зани болобаланде намоён шуд. Ӯ бо либоспӯшии аҷибу ғарибе ба назар мерасид: аз болои рӯмоли калон сарбанди ҷиғда-ҷиғдаеро баста, ҷомаи дарозеро чаппа ба тан пӯшида буд; остинҳои васею дарози куртааш аз зери остинҳои ҷома баромада меистод ва поинтар аз домани ҷома низ лабаҳои ришташудаи пероҳанаш беист алвонҷ мехӯрданд; бо як даст кӯлбори саросар дарбеҳдореро ба дӯш гирифта, бо дасти дигар чӯби дарози каҷу килеберо ба ҷойи таёқ тиқ-тиқзанон меомад. Ҳамин ки зани қаландарпӯш бо қадамҳои калон роҳравон ба сари кӯча наздик шуд, хурду калон бо ҳаёҳу ӯро гирд карданд. Фазилатхола дар дами дарвоза истода беист даф мезад, мехост ба ҳамраҳони худ, ки мебоист зани мусибатдидаро аз роҳи ҳаҷ баргардонанд, қувват диҳад. Аз ҳама пеш Маҳтобу Бибисоро ба пеш баромада, аз ду бари Майсахола  дошта гирифтанд. Агарчи зан муқобилат карда, дасту позанон бо зӯр раҳоӣ ёфтанӣ мешуд ва намехост аз раъяш гардад, онҳо ӯро муҳкам дастгир намуда, дар зери ҳаёҳуи ҷамъшудагон ба тарафи ҳавлӣ кашола карданд. Маҳтоб беист мегуфт:

– Худоям дарди шуморо ба гову хар диҳад! Ҳар хастае, ки бошад, намедонам, ҳафтқабат аст ё дунбал, пучак аст ё чипқон, тез бадар равад, Худо хоҳад, сиҳат мешавед! Гардед бо мо, якравӣ накунед!

Аз канори дигар Бибисоро низ меафзуд:

– Биёед, дугонаҷон, назру ниёзатонро ба бачаҳо диҳед, дуои бисёрӣ қабул мегардад, аз ҳама мушкилот раҳо меёбед! Не нагӯед, ба ҷамъи мо баргардед...

Занҳо ба хотири роҳ ёфтан ба дили озурдаи дугонаи худ бо эҳтиром ҳарф мезаданд, шумо-шумо мегуфтанд, дар ҳоле ки муколамаашон ба якдигар ҳамеша бо «ту» буду аз гуфтани суханҳои пасту баланд низ худдорӣ намекарданд. Майсахолаи дарвешмаоб лоилоҷ аз роҳи ҳаҷ баргашт, дар миёни талотум ба ҳавлӣ даромад. Дарҳол аз самти танӯрхона Гуландом бо як лаган лахча, ки рӯйи он ҳазориспанд дуд мекард, ба пешвоз шитофт. Ӯ бо ишораи занҳо дар гирди Майсахола даврзанон дуди ҳазориспандро аз зери доману остину каш ба димоғ расондан гирифт. Дар ин асно Фазилатхола дафзанон бо овози баланд оҳанг мехонд:

---

[109] **Ҳафтқабат هفت قبت** – як навъ обилаи иримдор ва фасодовар, ки маъмулан дар ҳафт ҷойи бадан мебарояд; ҳафтпӯст, дунбал (аз боварҳои мардумӣ аст, ки ҳангоми баровардани ҳафтқабат бемор либоси ҷанда пӯшида ба «ҳаҷ» меравад ва ӯро дар роҳ дошта пас мегардонанд, ҳазориспанд дуд мекунанд, дуо мехонанд, назру ниёзашро тақсим мекунанд, то ки захмаш пухта кафаду сиҳат шавад)

*Ҳазориспанда дуд кардем,*
*Ҳазор балора дур кардем,*
*Руҳу арвоҳа шод кардем,*
*Ҳазориспанд – ҳазор дона...*

*Дудаш ба гирди хона*
*Душман шавад девона,*
*Аз мо шеъру тарона,*
*Ҳазориспанд – ҳазор дона....*

Маҳтоб аз китфи Майсахола кӯлборашро, ки шабеҳи хӯрҷин буд, ба даст гирифт. Аз дохили чашмакҳои он ду дастархонро даровард. Яке пур аз буғурсоқ буду дигаре пур аз нону қанду парварда. Маҳтоб Рухсороро садо зад ва дастовардҳои холаро ба ӯ дода гуфт:

– Ин хайру эҳсони Майсахола аст, ба бачаҳо тақсим карда баро! – ва ба Фазилатхола, ки дафзаниро қатъ карда буд, рӯ овард: – Акнун шумо як дуо кунед! «Ҳоҷӣ» ҳам аз дард фориғ шаванду мо ҳам ба корамон расем.

Садои гирою дилнишини Фазилатхола дар фазои ҳавлӣ печид, ҳама гӯшу ҳуш ба ӯ шуданд:

– Худоё, дар зиндагӣ моро ёрӣ бифармо, розу ниёзро дар дили мо қарор бидеҳ, аз шарри ҳавоҳои нафсонӣ ва шайтонӣ ҳифз намо, аз сари тақсироти мо бигзар ва бар ҳасаноти мо бияфзо, бароямон саломативу тандурустӣ бибахш, омин!

Ҳама даст ба рӯ кашиданд. Гуландом аз банди дасти Майсахола дошта, ӯро ба самти хонаи дарунӣ ҳидоят кард, то либос иваз кунад. Ба онҳо роҳ кушоданд...

Маҳтоб «ё пирам» гӯён як он аз ҷой хест ва бо садои баланд амр дод:

– Духтарон, бачаҳо, ҳама ба кор! Зуд бошед, аз пайи ҳаҷ давидему намадамон «ланҷ» шуд! Ба ду гурӯҳ тақсим шавед, ниматон ба пеши Бибисоро гузаред. Як майдон намадҳора лагад мезанем, ку, хурду калон қатор шавед!

Дар як радиф саф кашида, баробар ба рӯйи лӯланамад пой задан ва ғелондани он завқи бисёр дошт. Ҳатто духтару бачаҳои хурдсол дар миёни калонсолон ҷошавон, нӯки поҳояшон хоҳ мерасид, хоҳ на, бо хушҳолӣ ба лагадмолӣ даромаданд. Бо амру дастурҳои Маҳтоб, ки «ҳа, ҳа, бо ҳам, баробар!» гӯён беист садо дармедод, лӯланамад то даҳ қадам ба пеш ва дубора ба қафо ғелида мерафт. Дар миёни лагадзанон аз ҳама бештар Шаҳром шоду хуррам буд. Ӯ ба ин гуна ҳашари кӯҳистониён бори аввал ҳамдастӣ мекард. Дарун-дарун иштиёқи дидани намади омода дар вуҷудаш ҷӯш мезад, мехост ҳарчи зуд ҳашар ба итмом расаду намади пухтаро паҳн кунанд, ҳосили ин ҳама заҳматро бо чашми худ бубинад. Ҳангоми лагадзанӣ ҳушдорҳои Маҳтоб, ки мегуфт, «бо нӯки по не, бо пошнаи по занед!», «эҳтиёт шавед, намад сӯрох нашавад!», «ҳама бо ҳам, бо як зарб, ҳа!»., ӯро пайваста ба худ меовард ва бо мароми дигарон по мекӯфт...

Билохира, намадпазӣ ба поён расид. Ҳашарчиён аз позанӣ даст кашиданд. Ҳар ду намадро боз карда, дар рӯйи ҳавлӣ густурданд. Маҳтоб дастур дод:

– Бубинед, намад дар ҳолати ғичим аст. Акнун аз чор канор дошта, баробар бардошта, ба замин мезанем, – ҳамин ки ҳама аз лабаҳои намад дошта боло карданд, ба каломаш идома дод: – Сахт накашед, лаби намада қат карда дар мушт гиред, бо ангушту нохун сӯрох нашавад. Хуб, ҳама бо ҳам, як-ду-се!..

Занону духтарон бо маҳорат намадпазиро ба сомон расонданд. Ин кор ба ҳар яки онҳо ошно буд, Маҳтобу Бибисоро барояшон танҳо роҳнамоӣ мекарданду бас. Дар поён ду намади омодаро, ки рӯяи ҳар яке намои мунаққаши диданӣ дошт, ба сари девори канори ҳавлӣ ба ду ҷониб фуроварда густурданд. Бо нури офтоб ҳар як зерандоз ба мисли матои рангин ҷило медод, тозагӣ ва назокати онҳо чашмҳоро хира месохт. Шаҳром аз ҳар сӯ, гоҳе пеш омада, гоҳе ба қафо рафта ин муъҷизаи дастии ҳунармандонро бо ҳаяҷон тамошо мекард, намедонист шӯру шавқи дилашро аз ниҳояти хурсандӣ чӣ хел пинҳон кунад. Маҳтоб ҳоли ӯро дида дар худ болид, бо дилгармии хос аз дасту китфи Шаҳром дошта гуфт:

– Биё, писарам, дер шуд, ба хона меравем. Акнун ба амаку додиёнат бояд ягон дами гарм пазем...

## Иқдоми нек

– Хоҷа, корвон аз даст меравад.

Қӯрғон дубора ба ҳушдории худ ҷавобе нашунид. Хоҷааш лӯнгиеро мушт карда, беохир ба даричаи нимабоз чашм дӯхта менишаст. Ҳатто мижа намезад, мисли ҳайкал шах шуда, нафас ҳам намекашид гӯё. Тааҷҷуб кард, ҳеч гоҳ ӯро бо ин ҳол намедид. Ба хусус, агар имкони дастбурде барояшон фароҳам меомад, кулоҳашро ба осмон мепартофт, бедасту по ба давутоз меуфтод. Вале, ҳол ангезае надорад, мисли ин ки кару гунг аст. Қӯрғон бесаброна аз ҷо хест, тарсомез ба назди хоҷааш омад, ғайриихтиёр бо ду даст аз китфони ӯ дошта ҷунбонд ва бо ҳайрат гуфт:

– Хоҷа, чаро гап намезанӣ? Чиро фикр мекунӣ?

Марди қавиҳайкал каме такон хӯрд, мушти дурушти устухониаш лӯнгиро раҳо кард, сар бардошту оҳи амиқ кашид. Ҳамин ки навкари музтарибро дар канори худ, бо чашмони аз ҳадақа баромада дид, чеҳраи ҷиддиашро кушод ва ба сухан омад:

– Ман қасам хӯрдам дигар чаповул назанам, чаро маҷбурам мекунӣ?

Қӯрғон ба шигифт омад, забонаш ба сухан напечида лолу ҳайрон нигарон монд. Ӯ дар ин лаҳза хоҷаашро нашинохт, бовараш наомад. «Наход ки аз даҳони касе мисли Тошбой – сардори роҳзанҳо чунин ҳарфе мешунавад? Офтоб аз куҷо баромад?»

– Бубахш, хоҷам, ман надонистам...

Тошбой сари ҷо рост шуд, ба назди тиреза омад. Тоза субҳ медамид, то понздаҳ-бист қадам берун дида мешуд. Ҳамин гуна ҳаво, ки сангро партоӣ нопадид мешавад, боби дуздӣ аст. Бо рабудани ҳар чиз ба осонӣ фирор мекунӣ, бар ҳар ҷо дилат хоҳад чапғалат мезанӣ. Тошбой ногаҳон сар гардонда аз навкари худ, ки тараддуди рафтан дошт, пурсид:

– Гуфтӣ, киҳо омаданд? Чӣ мебаранд?

Қӯрғон билофосила ба пас гашт ва ҷавоб дод:

– Ясавулбошии Нур, хоҷам! Бо гумоштаҳояш аз қишлоқҳои кӯҳпоя бармегардад. Шаб дар манзили амин нишеман гирифтанд. Аробаҳои борашон дар работи калон аст. Зоҳиран, деҳотиёни бечораро луччак кардаанд, дастбурдашон хеле зиёд аст. Дар канори панҷ-шаш ароба боз се шутур бор доранд.

– Вақте ки мефаҳмам моли мардуми одиро ба яғмо мебаранд, дилу ҷигарам месӯзад. Чӣ кор кунам, охир? Пас аз рабудани ашёи Мулло Фарҳод шармандаи олам шудам, қасам хӯрдам, дигар чаповул назанам...

– Хоҷам, ин галаи муфтхӯр аст, ҳаққи ҳалоли хокпошонро мекашонанд. Агар мо аз онҳо бирабоем кори савоб мекунем. Фурсати муносиб дар даст дорем, ҳама масти хобанд. Ду-се қаровулаш ҳам базӯр сари по истодаанд.

Тошбой дубора ба андеша фурӯ рафт. Даме даст ба пешонӣ истода, як он дар хаёлаш нияти хайре, ки аслан инчунин намешуд, зуҳур кард, чеҳраи дурушташро лабханд оро дод. Ӯ амромез гуфт:

– Қӯрғон! Ин охирин роҳзании мо шавад, дигар маро ба ин кор нашӯрон!

– Бошад, хоҷам, шумо ҳар чӣ мефармоед.

– Бачаҳоро ҷамъ кун! – дар идомаи амри худ афзуд Тошбой. – Ҳама камар бибандед, аспҳоро савор шавед, то дари работ беовоз равед. Ҳатман ниқоб ба рӯй кашед, саъй кунед қаровулҳоро дасту по баста, даҳантиқӣ занед. Ҳар чӣ ҳаст, ба Дарахона баред, ман қафо-қафо меоям. Зуд бошед, то вақти пода амалиёт ба поён расад!

– Итоат!

Қӯрғон бо шаст баромада рафт. Пас аз интизории тӯлонӣ иҷозат додани хоҷааш ӯро бениҳоят хурсанд кард. Ҳанӯз як рӯз пеш, баробари шунидани корвони беки нав, ҳамсилоҳони худро ба қароргоҳи Дарахона ҷамъ оварда буд, фикр мекард хоҷааш дастури талаю торочро медиҳад. Инак, тоза фаҳмид, ки хоҷа билкул аз роҳзанӣ даст кашиданист. Аммо, пеш-пеши зиимистон ба ин қарор омадани сардор оё дуруст аст?..

Даҳ аспакӣ бо пайроҳаи каҷу килеб, лаб-лаби ҷӯйбори беоб сарнишеб шуда, босуръат то хамгашти даромадгоҳи Қизилработ омаданд ва аз он ҷо ба самти рост печида, дар пушти работи калон таваққуф карданд. Савораи болобаланди дар пеш буда, ки шонаҳои васеъ, гардани ғафс, бозуҳои барҷаста дошту панҷаҳои дурушташ аз танумандии ӯ дарак медод, ҷаҳида аз асп пиёда шуд. Дарҳол ҳамраҳонаш, бе он ки аз аспҳои худ фуроянд, ӯро ҳалқавор печонида гирифтанд.

– Қӯрғонака, бори душман бо аробаҳояшон дар ҳавлии работ аст, – баробари сарҷамъ шудани ҳама ба гузориш пардохт яке аз ҷавонҳои аспакӣ, –

дар назди ду дари даромадгоҳ ва дарвоза қаровулон равуо доштанд. Чароғи утоқи дидбонии работ равшан буд, дар он ҷо чанд нафар аст намедонам.

– Ҳама гап дар сари ҳамон дидбонӣ аст. Аз он ҷо ҳар як нафари дар тараддуд будаpo мебинанд. Мо аз ду самт ҳамла мекунем. Ӯсару Ӯктам аз тарафи чап гузашта то назди дарвозаи калон мераванд, ҳарчанд саросар девор аст, эҳтимол дорад дар он сӯй низ нигаҳбон гузошта бошанд. Мо ҳама аз рост шабехун мезанем, – Қӯрғон ниқоби чармии худро ба рӯ кашид, ханҷари дамкӯтоҳи худро аз ниём баровард ва афзуд: – Туробу Ӯрал, шумоён омодаи ишора дар ҳамин ҷо мемонед, ҳамин ки қаровулонро яктарафа кардем, ғанимати ба даст омадаро ба аспҳо бор мекунед. Хуб, ё пирам, Худо ёр бод!

– Худо ёр бод! – ҳамзамон баланд шуд овози гирои ҳамлаварон.

Дар назди дари аввал ду нигаҳбони хоболуд, ки бехабар аз кирудори олам пинак мерафтанд, ба осонӣ дастгир шуданд. Барои даҳану дасту по бастани онҳо Қӯрғон ду нафарро гузошту бо се ҳамроҳи дигар хамшавон то дари дуюм омад. Дар ин ҷо низ ду нигаҳбон меистоданд. Яке сари ҳол буд магар, дар гургу меши саҳарӣ сару сурати бегонаҳоро пай бурд ва ҳамоно садо дардод:

– Исто! Куҷо меойӣ?!

– Маро нашинохтӣ? – наздикшавон овоз дод Қӯрғон.

– Не, ин ҷо чӣ коре дорӣ?

– Нурбек ҳастам, нозири бозор. Маро саркорамон амини Қизилработ фиристоданд, ки аз шумо хабар гирам.

– Саркоратон куҷост?

– Дар назди девонбегиатон.

– Ба ҷаноби ясавулбошӣ беҳурматӣ накун, ӯ девонбегии ҳамаи мост!

Нигаҳбон ғарқи тааддӣ ногоҳ мушти муҳкаме ба буни гардан хӯрд. Ҳамон замон ҳамраҳи ӯ низ бо зарбаи дастаи ханҷар ба замин яксон шуд. Қӯрғон ҷасадҳои беҳушро дар ихтиёри ҳамразмони худ гузошта, давида ба самти дарвозаи калон омад. Дар назди даромадгоҳ бошад, билкул манзараи дигареро диду дар шигифт монд. Марди қадбаланди девбашарае аз гиребони ҳамгурӯҳонаш Ӯсару Ӯктам гирифта, ба доду войи онҳо эътино накарда, ҳар дуро беист рӯ ба рӯ мекӯбид, бо овози хирросӣ ғуррас мезаду ҳар гоҳи кӯфтан бо хашм овоз медод: «Ана, ба ту! Ана, ба ту!» Қӯрғон пас аз як лаҳзаи хондани вазъият ҳолати размро гирифт ва бо тамоми неру давида ба ҳаво хез заду бо кафи ду по ба буни гардани марди ғӯл фуровард. Танаи мард аз зарбаи ногаҳонӣ такони сахт хӯрда, калавида рафт ва мувозанатро гум карда, хамшавон чанд қадам ба пеш гузошт. Ӯсару Ӯктам аз дастонаш раҳо ёфта, ба ду самт ба замин уфтоданд. Ҷасади мард гӯё харсанге буд, ки Қӯрғон баробари бархӯрдан мисли фанари[110] аз фишор раҳошуда пуштнокӣ парида рафт ва аз по даромад. Посбони девсурат худро нигаҳ дошта ба қафо гашт, сарашро афшонд, дастонашро албонҷ дода ба самти Қӯрғон, ки бо ҳавли ҷон рӯ ба осмон шуда чордаступо ба пушт мехазид, қадам бардошт. Ҳанӯз марди посбон нарасида, Қӯрғон коре карда худро ба даст гирифт ва баргашта ҷуссаашро ба

---

[110] **Фанар** فَنَر – пружина

пеш гардонд. Ӯ камтарин фурсатро ғанимат шумурда, муштҳояшро ба замин тиргак кард ва танаашро давр занонда, бо ҳар ду по ба пушти зонуҳои посбони ҳамлавар зад. Ин зарба низ чунон сахт буд, ки ҳайкали марди ғӯл ба мисли дарахте, ки аз бех бурида бошанд, устувориро аз даст дода, гурсасзанон ба паҳлу уфтод. Айнан дар ҳамин лаҳза Ӯсару Ӯктам ба худ омада ба имдоди сарвари худ расиданд. Онҳо бо шаст ба бастани дасту пойи нигаҳбон даромаданд...

Агарчи ба гирду атроф пардаи сапедӣ фурӯ менишаст, ҳанӯз дар як гӯшаи фалак лаълии як лаб фурӯхамидаи мунаввар ҷо хуш карда, каме дуртар аз он ситораи субҳ низ хира-хира чашмак мезад. Қӯрғон худ шаллоқ нахӯрда буд, аммо бо зарбаҳои фавқулода сахт беҳолу пакар шуда, чанд лаҳза рӯ ба осмон дароз кашида хобид. Дар ҳамин асно «инг-инг» садои имдодҷӯёнаи касе аз дохили хонаи нигаҳбонӣ ба гӯшаш расид. Як он ҳушёр шуд, ҷаста ба по хесту ба пушти дар омад. Аммо дари нигаҳбонӣ занҷиру зулфин шуда, аз он қуфле мисли каллаи гов овезон меистод. Чун дид имкони боз кардани қуфл нест, ба Ӯктаму Ӯсар рӯ оварда амр дод:

– Зуд бошед, сарулибоси ин девро бикобед, калиди дар бояд дар вай бошад!

Дар ҳақиқат, тахмини ӯ рост баромад. Ӯсар аз камарбанди тасмагини зери яктаҳи марди ғӯл як даста калидро пайдо карда, ҳамоно бо шитоб ба дасти сардори худ дод. Калонтарин калиди баста ба қуфли дар хӯрд. Қӯрғон хонаи нигаҳбониро боз кард, дар рӯ ба рӯ духтари даҳону дастбастаеро дид, ки ба рӯйи пахол зону зада, рамидаю тарсолуд ва умедвор чона ёзонда ба даромадгоҳ дида меандӯхт. Пештар омад, духтар наҳаросид. Аввал поралаттаи даҳони ӯ ва сипас дастонашро боз кард. Духтар сарашро хам кард, банди дастонашро молида, ба рӯйи сари дил гузошт. Қӯрғон пурсид:

– Кӣ ҳастӣ, ту? Дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ?

Лаҳзае хомӯшӣ ба миён омад. Духтар аз дард буд ё аз тарс сарашро бештар ба поин андохт.

– Чаро ба ин ҳол гирифтор шудӣ? – дубора суол кард Қӯрғон.

Духтар дар лаҳни гуфтори ӯ мулоимат ҳис кард магар, ба забон омад:

– Дишаб як гурӯҳ авбош бо зӯрӣ асир гирифтанду бо корвонашон то ин ҷо оварданд. Духтари Бобо Хиромам.

– Кадом Бобои Хиром?

– Чоряккори Дороамин.

– Эҳ, аз Бору ҳастӣ?! – ба шигифт омада гуфт Қӯрғон. – Биё, хоҳарҷон, зуд бош, бо мо биё, ман туро ба хонаатон мерасонам!..

Дар як дам талаю тороҷи сар-сарӣ ба вуқуъ пайваст. Ҳамраҳони Қӯрғон то ҳадде метавонистанд аз ашёву лавозими девонбегӣ, ки дар работ монда буд, ҷамъ оварда ба аспҳои худ бор карданд ва нигаҳбонҳои захмхӯрдаю маҷруҳро ба ҳоли худ гузошта, ҳанӯз то хестани сокинони Қизилработ аз роҳи омадаи худ пас гаштанд ва ба самти Дарахона паноҳ бурданд...

Тошбой дар овони ҷавонӣ бисёр роҳзанӣ мекард. Бо ин ки писари яке аз сарватмандони Дарахона буд ва падараш рамаи бузу гӯсфанд дошт,

наметавонист дар худ ҳирси рабудани молу дунёро barҳам диҳад. Ҳар гоҳ мешунид, корвоне ё хару хингиле аз сару буни Қизилработ мегузарад, дарҳол ҳамсафони худро фаро мехонд ва шабу саҳар карда чаповул мезад. Танҳо пас аз даргузашти падараш, кори рӯзгор ба дӯши ӯ уфтоду аз ин ғоратгариҳо даст кашид. На, куллан аз баҳри дуздию роҳзанӣ набаромада буд, дар асл наметавонист одати то мағзи ҷон нишастаро тарк кунад. Вале рӯзҳои охир матоъҳои Шокирусторо ба яғмо бурда шарманда шуд. На пеши касе, балки дар қиболи виҷдони худ шармсор гардид. Зеро ки роҳзане мисли Тошбой ҳамонанди падару бузургворони Қизилработ ба мардуми содаю меҳнатии деҳаҳои кӯҳпоя, ба вижа, ба боругиён эҳтироми хосса дошт. Аз дасти васвасаи шайтони ботинӣ ӯ чанд бор аҳд карда буд ба ин деҳаҳо пойи дуздӣ гузорад, аммо ҳар гоҳ бо нону намак пешвоз гирифтани онҳоро дида аз раъяш мегашт. Ниҳоят, бархӯрди ахири Фарҳод ӯро билкул ба дунёи дигар раҳнамун сохт. Медид, ки ҷойи ӯ Фарҳод хиҷил мешуд, намехост молҳои худро пас бигирад, бо дарёдилӣ мегуфт: бигузор аз сӯйи ман ҳадяе бошад! Ин аст хӯйи инсонӣ, рисолати ҷавонмардӣ!

Инак, барои худ қасам хӯрда, охирин бор шогирдонашро ба талаи моли ғайр раҳнамун сохт. Ин амалаш ҳам ношӣ аз ғорати гумоштаҳои бек буд, ки деҳотиёнро азият медоданд ва дар миёни он ситамдидагон боругиён ҳам ҳастанд. Ният дошт, дар сурати рабуда шудани борубунаи муҳим онҳоро ба соҳибонаш баргардонад. Ӯ дар канори ҷӯйбори беоб, ду дида ба сӯйи манзили амини Қизилработ дӯхта, камин гирифта буд. Ба маҳзи ин ки навкаронаш аз работи калон ба ҷониби нишемангоҳ сарболо шуданд, оҳиста худаш низ берун омад ва аспашро аз қафои онҳо маҳмез занонд. Аз кӯҳи кӯндаланги болооби Қизилработ гузашта ба самти чап, ба дараи морпече, ки аз чор сӯ бо доманаҳои кӯҳӣ иҳота шуда буд, печид. Дигар аз теппа ба поён мерафт, ки дар ин ҳол тамоми хонаю боғоти деҳкадаи Дарахона ба чашм дида мешуд. Бо ин ки пайроҳаҳо санглоху печ дар печ буданд, аспи одаткардаи Тошбой бепарво бо суръат қадам монда, ё йӯрға мерафт ё чорхез мезад. Ӯро дар назди ҳавлиаш Қӯрғону навкарони дигар бо хушҳолӣ пешвоз гирифтанд. Зоҳиран, ҳама аз юриши бобарор ва дастбурдҳои саҳарӣ мамнуну розӣ буданд. Вақте ки ба назди дарвоза расид, Қӯрғон давида омаду аз лигоми аспаш дошт, ӯ пиёда шуд.

– Хоҷаам, дар миёни ғаниматҳо туҳфаи бебаҳое ҳаст, ки метавонед бо он аз хиҷолати боругиён бадар равед, – бо хуррамӣ ба сухан даромад Қӯрғон.

Тошбой аз оринҷи ӯ дошта, роҳравон ба самти пешайвон пурсид:

– Чӣ хабар?

– Нокасон духтари чоряккори Дороаминро ба ясавулбошӣ тортуқ кардаанд. Бечора аз шиканҷаю гиряи бисёр варам кардааст.

– Не-е, овардед ӯро?!

– Оре, хоҷаам, ҳамин ҷост.

– Агар ин тавр бошад, як лаҳзаро ҳам бой надеҳ, зуд ба роҳ баро! Бо як дастовези хуб духтарро ба Бору расон, боз як касро ба худат ҳамроҳ гир.

– Ба чашм! Бо Туроб меравам, ҳам худаш, ҳам аспаш чолоктар аст.

– Хеле хуб, фақат аз Қизилработ нагузар, – бо нигаронӣ ба суханаш идома дод Тошбой, – бо ҷодаи пушти доманакӯҳҳо раву аз Сангзор ба роҳи асосӣ баро, ба ҳар эҳтимол...

Як гӯсфанди фарбеҳро ба пушти аспи Туроб бор зада, Қӯрғон Фариштаро дар қафои худ гирифт ва бо сарвару ҳамразмон хайрухуш карда ба роҳ баромад. Тошбой аз насибаи саҳарӣ ҳаққи навкаронашро дод ва мобақиро дар анбораш ҷойгир кард. «Шутурро дидӣ, надидӣ», ҳавлиро тахлия карда, ҳама хона ба хона рафтанд. Дигар, субҳи содиқ дар тамоми талу теппаҳои Дарахона ҷамоли худро ба намоиш мегузошт.

***

Дастаи мирохур аз Авлиё берун омада ба самти офтобшинам печид ва бо суръат ба мақсади Қизилработ ба роҳ уфтод. Ансорбӣ бетоқат буд, ба назараш корвони девонбегӣ ҳар қадар дуртар мерафт, мушкили ӯ афзун мегардид. Ҳарчанд пӯсташ ғафс буду сарзанишу сахтгӯйиҳо ба осонӣ асар намекард, аммо ин бор ҳавлу изтиробе ӯро ором намегузошт, тарси аз мардум сарзаниш дидан ва ба хусус, аз Бору ронда шудан дили ӯро ба таҳлука меандохт, суханҳои итобомези Қозибобо батакрор дар пушти гӯшҳояш садо медод. Намехост дар зери маломату тааддии сарони Бору бимонад, аз ҳама молу маноле, ки дар ин ҷо гирд оварда буд, ҷудо шавад. Он рӯз чӣ ҷине зад ӯро намедонад, дар пеши ясавулбошӣ худро гум карда, хӯйи хушомадгӯйиаш боло зада буд. Дар ёд дорад, бо ин гуна кӯтоҳандешиҳо чандин бор пардаи ҷаҳл аз пеши ақл кашида, худро шарманда кардааст. Ин дафъа аз ҳад гузашт, ору шарафи боругиёнро нодида гирифт. Агар сари вақт иштибоҳи худро ислоҳ накунад, ин нобакорӣ барояш хеле гарон тамом хоҳад шуд...

Ҳарчанд андешаҳои пушаймонӣ дар сар дошт, зуд-зуд раги якрӯягии мирохур рӯ мегирифт. Табъаш савораи сарнагунеро мемонд, ки бо вуҷуди аз зин афтидан намехост аз узангу биафтад. Аз Авлиё ба ҷониби Сангзору Қизилработ роҳ пеш гирифта, ба Суҳроб, ки дар канори ӯ шонаҳои паҳну сару гардани рагу пайҷаҳидаашро дар ихтиёри боди серуни пешорӯ рост карда асп медавонд, рӯ оварда гуфт:

– Худаш духтари чоряккор будааст, чӣ мешавад агар зани бек гардад? Магар бад аст аз фақирӣ раҳо шуда ба зиндагии шоҳона даст ёбад? Шумоҳо кӯтоҳандешӣ мекунед, номус гуфта ҳумои бахтро аз даст медиҳед!

– Ҳеч намехоҳӣ аз хӯйи якравиат сар бипечӣ, мирохур! – овоз баланд кард Суҳроб. – Хуни нофат, ки дар ин ҷо нарехтааст, бароят на хамиру на фатир – аз поймол шудани номусу ғурури деҳотиён мижа хам намекунӣ.

– Ин кори маро иштибоҳ мехонед, ба хотири зиндагиам дар Бору бояд онро ислоҳ кунам. Агар замонҳои пеш мебуд, сухани ҳар як ришсафедро ба кунҷи ҳалқаш мезадам.

– Манманӣ накун, беҳтар ин ки сари пас гирифтани духтар андеша ронӣ. Ба гумонат, девонбегӣ осон бармегардонад вайро?

– Намедонам. Ҳанӯз бо онҳо рӯ ба рӯ нашуда ҷисму ҷонам гӯё меларзад, ҳамин ки дарёфтем, худат як кор кун Суҳроб... – ҳамин дам Ансорбӣ ҳишмати

беку гумоштаҳои ӯро дар зеҳни худ тасаввур кард, аз тарси ҳамешагие, ки аз онҳо дошт, тамоми баданаш виҷиррос зада рафт.

Суҳроб лабханди мулоиме карда гуфт:

– Ту маро мешиносӣ, ба маҳзи ин ки расидем, духтарро бармедораму меоям. Ҳар кӣ пеши роҳамро гирад, раҳм намекунам, агар худи девонбегӣ ҳам бошад! Аз ин рӯ, онҳоро ба гап гирифтан кори ту, мирохур, хоҳ илтиҷо кунӣ, хоҳ тамаллуқ занӣ.

– Ҳамин корат бас аст, Суҳроб! Ман саъй мекунам бо ясавулбошӣ канор оям. Агар даргирӣ ҳам шуд, бачаҳо дар барат ҳастанд...

Вақте ки дастаи мирохур аз рӯди Сангзор мегузашт, ногоҳ аспи Суҳроб сар ба боло карда шиҳаи баланде кашид ва таваҷҷуҳи ҳама ба самти чап, ба ҷониби доманаҳои кӯҳӣ нигарон шуд. Шояд ду-се чақрим мебаромад, дар яке аз хамгаштиҳои теппагии начандон баланде, ки охираш тез шуда ба рӯди борики кӯҳӣ бармехӯрд, ду савора падид омаданд. Онҳо аз нишебӣ босуръат сарозер мешуданд. Суҳроб даст боло кард, савораҳои қафомонда ҳам аз об гузашта дар гирду бари ӯ таваққуф карданд.

– Инҳо киҳо шуданд? Чаро аз роҳи дуздӣ меоянд? – гуфт Суҳроб, хирашавон ба самти аспакиҳо дида дӯхта.

Мирохур дар посух пурсид:

– Фикр мекунӣ, дастчапӣ мекунанд?

– Бубин, чӯпон гӯям – чӯпон не, маълум ки раҳгузари одӣ ҳам нестанд... – Суҳроб як он ба кафали аспаш қамчин зада, сухангӯён ба дав уфтод: – Шумо ин ҷо бошед, ман зуд бармегардам!

Аз кӯҳ Қӯрғону Туроб мефуромаданд. Ҳамзамон бо дидани аспи Суҳроб, ки чун бод ба сӯяшон меомад, ҳар ду лигомҳои худро кашиданд. Туроб бо ҳавлу ҳарос гуфт:

– Фирор мекунем, оқо?!

– Не, не, аз ҷоят наҷунб. Намебинӣ чӣ суръате дорад, дигар аз дасти он чапандоз роҳи наҷот надорем.

– Аз навкарони бек бошад-чӣ?

– Ба гумонам, аз куҳистониён аст, бек ин гуна чопар надорад.

Баробари наздик шудан Қӯрғон Суҳробро шинохт. Билофосила лаҷоми аспро ба дасти Фаришта дода худро ба замин андохт ва ба пешвози ӯ шитофт. Азбаски Суҳроб дар паҳлавонию ҷавонмардӣ ангуштнамои деҳоти кӯҳпоя буд, ҳама ҷавонон, алалхусус, дастаҳои роҳзану торочгар ӯро хуб мешинохтанд ва ҳамеша дар ҳама ҷо барояш эҳтиром мегузоштанд. Худи Суҳроб ба ҳеч як гурӯҳе намепайваст, худсарона ба касе зулм намекард, вале бо дарёдилӣ дили ҳамаро меёфт. Дар ҳар як маъракаи кӯҳистониён, чи дар куштӣ, чи дар пойгаҳу бузкашӣ ҳозиру нозир мешуд ва неруву бозуи худро намоиш медод. Пас аз баргузории бозиҳои мардумӣ дергоҳ усулу ҳунарҳои паҳлавонии ӯ аз забону ёди одамон намеуфтод. Ҳоло низ Қӯрғон пиёда шуда чорпо ба сӯяш давид ва хушнудона ба ӯ бағал кушод:

– Бародари азизам, моро хеле тарсондӣ!

– Туро дидааму ҳеч ба ёдам намеой. Роҳи калонро монда пушт-пушти дунгиҳо...

– Эҳ-а, ҳанӯз ҳам пай набурдӣ? Магар савораи аспро намебинӣ?

Ҳамин дам аз пушти асп Фаришта як гӯшаи рӯсариашро канор зада, ба онҳо нигоҳ мекард. Суҳроб ӯро диду чашмҳояш равшан шуд. Беихтиёр Қӯрғонро муҳкам аз камараш дошта ба осмон бардошту як бор гирд давр занонда сари ҷо гузошт ва хушҳолу шӯхиомез гуфт:

– Нобакор, аз чокарони Тошбойи роҳзанӣ мегӯям! Гоҳе корҳое мекунед, ки тамоми туздиҳоятонро мепӯшонад, аз куҷо шунидед мо дунболи Фаришта меравем?

– Бо амри тасодуф. Агар росташро гӯям, хоҷаамон дигар чаповул намезанад, Суҳробака, пас аз рабудани молҳои Мулло Фарҳод савганд ёд кардааст.

– Пас, ин чӣ аст, ё...

– Э, нагӯ, аз дирӯз боз болои сараш будам, базӯр розӣ кунондам. Хуб шуд, ки ниҳоят шир фуроварда, ризоят дод, вагарна духтар аз дастамон мерафт, – ҳамоно суханро аз даҳони Суҳроб гирифта афзуд Қӯрғон.

Суҳроб бо шигифти бештар пурсид:

– Бешармона ба молҳои Шокирусто низ даст дароз кардед? Кай буд ин воқеа?

– Дарғазаб нашав, ака, ҳамаашро пас додем. Ба рӯйи коло наменависанд-ку ин моли фалонӣ асту он моли беҳмадонӣ, барои роҳзан роҳбурд бошад бас!

Суҳроб ки даст ба китфи Қӯрғон гузошта роҳ мерафт, аз пушти гиребони ӯ дошта сахт албонҷ дод ва бо мамнуният гуфт:

– Хуб, акнун ба Бору меравем, ҳамаро ба ман қисса мекунӣ, – чун ба пеши асп расид, Фаришта мӯйҳои парешонашро аз зери рӯсарӣ ба канор зада, мулоим табассум кард, нигоҳашро ба ӯ дӯхта афзуд: – Нағзӣ, хоҳар, ба сарат ин қадар кулфат омадаасту мо бехабар, азият ки надодаанд?

Фаришта бо овози кам, дар ҳоле ки хастагиаш аз чеҳрааш ҳувайдо буд, изҳор кард:

– Дуздида, худи мол дар пушти асп бурданд. Ду-се бор ки аз дасту поҳошон газидам, қамчинкорӣ карданд, бесоҳибон. Агар ин додиён ёрӣ намедоданд, намедонам, ин пешонии шӯрам чиҳора медид.

– Шукри Худо, ҳамааш дар пас монд, биё, ба аспи ман гузар, – Қӯрғон давида пеш гузашту лаҷоми аспашро нигаҳ дошт, Суҳроб такя шуда ба Фаришта имкон дод, ки ҷаҳида ба замин фурояд ва бо ишора ба аспи дувум, ки Туроб гӯсфандеро дар пеш дошта муроқиби сухану ҳаракатҳои онҳо буд, афзуд: – Инро аз куҷо задед, бародар, ё он ҳам аз дастбурдҳои Тошбой аст?

– На дастбурд, балки туҳфаи хоҷаамон, ака, – гуфт Қӯрғон, аз лаҳни шӯхиомези Суҳроб ба завқ омада, – гуфтанд ин нишонаи садоқати ман ба боругиён аст, худашон ба арӯсии Мулло Фарҳод ташриф меоваранд.

Суҳроб хушҳол шуд, бори аввал медид, ки дар ниҳоди ин ҷавонони дузду роҳзан ҳисси инсонӣ ҷӯш мезанад. Ба қафо гашта, дасти рости худро ба гардани аспаш, ки дум-думаш меомад, гузошту бо як ҷаҳиш ба рӯйи зин

нишаст ва ҳамоно ба сӯйи Фариштаи ҳозиршуда даст дароз кард. Духтар ба ӯ даст дод, як пояшро ба узангуи озод гузошта, хез зада ба пушташ нишаст. Ҳар се асп ба самти ҳамраҳони Суҳроб, ки лаб-лаби рӯд қадамзанон мунтазир меистоданд, роҳ пеш гирифтанд.

Мирохур дар канори Сухроб ду ҷавону духтарро дида ҷон гирифт. Бо бетоқатӣ ба сурини аспаш тозиёна зада ба ҷониби онҳо тохт. Гирд-гирди Суҳроб даврзанон, дар ҳоле ки чашмонаш гӯё аз ҳадақа баромада буданд, забон хоида намедонист чӣ гӯяд. Мушкили ӯро Суҳроб осон кард:

– Ба Тошбойи роҳзан як зиёфат қарздор шудӣ, Ансорбӣ! Фариштаро озод карда ба мо пас гардонд, ҷавонмард!

Мирохур бо ҳаяҷон ба сухан омад:

– Як зиёфат чи, даҳ нишаст садқаи сараш!

– Инҳо шогирдони ӯянд, бо ҳам ба деҳа меравем, шисти аввалро ба ҳаминҳо медиҳӣ.

– Ба чашм, рафтем!

Аммо Қӯрғон якравӣ кард. Ӯ илтиҷоомез ба сухан даромад:

– Акаи Суҳроб, имрӯз дар манзили хоҷаамон ҳашар дорем, хуб шуд, ки шумоёнро вохӯрдем. Худо умратонро дароз кунад, ин гӯсфандро ҳам бо худ баред, ба мо иҷозат диҳед, пас гардем. Нон намегурезад, як рӯз бо хоҷаамон ҳатман ба хидмататон мерасем.

– Не, ин гап намегузарад! Имрӯз тую шарикат меҳмони ман ҳастед, баргард, биё бо мо! – як он дар миёни сухан давид мирохур, – Ист, ки номат чист, бародар?

Ин дам беихтиёр Туроб ба гап даромад:

– Исмаш Қӯрғон аст, ака. Ростӣ, ба мо рухсат диҳед, ҳарчи барвақт равем хоҷаамон хурсанд мешавад. Ҳама корро як сӯ монда тавилаи бузурге месозад, имрӯз бояд девори гирдашро бардорем.

Мирохур ба Суҳроб нигоҳе андохт, ризояти ӯро низ пай бурд магар, аз шасташ гашта гуфт:

– Ман ин нағзии шуморо ҳеч гоҳ фаромӯш намекунам, ҳар гуна сориқу роҳзан ҳам бошед, дар наздатон мадюнам.

– Ин хел нагӯ, ака, ҳеч кадоми шумо қарздор нестед, ин як амри ҷавонмардӣ буд, ки мо анҷом додем, – Қӯрғон як-як ба ҳама атрофиён назар афканду афзуд: – бо дастури хоҷаамон мо дигар на дуздӣ мекунему на роҳзанӣ, хотиратон ҷамъ бошад!

Суҳроб бо завқу хушҳолӣ садо баланд кард:

– Офарин! Акнун раву ба Тошбойи ҷавонмард саломи моро расон! Дафъаи дигар дар Бору вомехӯрем, ба умеди дидор!

– Хайр!...

## Дар гирди суфраи ширак

Фаршед як дегча шираки бодоми пухтаи модарашро, ки дар бӯғча баста ба дасташ дод, гирифта ба мақсади Масҷиди Боло сарболо шуд. Ҳарчанд ҳаво

равшан буду Хуршед аз сӯйи осмони мусаффо анвори заррини худро бемуҳобо ба рӯйи доманакӯҳҳову деҳаи сарсабз мепароканд, гармои он ба кас корае надошт. Бо вазидани боди сарди мулоим хандаи Офтоби тобон беш аз пеш руҳбахшу гуворо буд. Фаршед бо роҳаки пиёдарави самти чапи доманаҳои кӯҳӣ роҳравон деҳаро яклухт дар ҷониби рост, поинтар аз худ дид ва гӯё бори аввал дарёфт, ки Бору бо рӯди мобайнӣ ба ду қисм ҷудо мешавад ва аз ду ҷониб торафт ба фароз расида, бо арзу бари мутафовит ба боло, то дараҳои пойгаҳи Довон тӯл мекашад. Аз ду самт то болооби деҳа роҳҳои морпечи одаму аробарав хонаҳои пасту баланд ва аз сар то бун гузарҳоро ба ҳам мепайванданд. Ба назар мерасид, ки дар гирду бари ҳар як манзил боғи сабзу хуррам ҷилва мекунад ва ҳар яке бар изофаи гиёҳони алафӣ ва зироатӣ бо ниҳолҳои ранг ба ранги меваӣ ва манзаравӣ ҳусни дучандон дорад. Ин табиати деҳа дар ду бари рӯди сероб бо дарахтони қоматбаланди сапедор ва гуҷуму бедҳои сершоху барг боз ҳам зеботар рӯ боз мекард. Бо ин ҳол, ҷо-ҷо коҳиш ёфтани сарсабзии боғҳо аз чеҳра кушодани фасли поиз дарак медод ва низ девору чиғҳои гирди ҳотаҳо, палакҳои кишоварзӣ, буттазору найистони таҳу канори майдонзор ва соҳилҳои рӯду ҷӯйборҳо бо ҷузъиёт ба назар мерасид. Фаршед пай бурд, ки аз ин пас деҳа мехоҳад намои сабзгуну кабудизори худро ба оҳори зарду қаҳваию қирмизранг иваз кунад. Аҳёнан дар баъзе хамгаштиҳои васати деҳа, дар ҷойҳое, ки анбӯҳи дарахтон тунук буд, оби рӯд ҳам ба чашм мехӯрд, камубеш давуғечи одамон дар сару бари боғҳо дида мешуд. Ҳарчанд ин ҳусни деҳаашро борҳо мушоҳида кардааст, ҳол бо чашми дил ҳис кард, дасту остин барзадани ҳамдеҳагон барои гирдуғун кардани ҳосили деҳқонӣ ӯро ба ваҷд овард. Аз ҳавои форами дилосо то умқи ҷон нафас кашид, бо табъи хуш дасторхони дасташро муҳкамтар дошта, қадаммониашро тезтар кард.

Рӯз аз нисф гузашта вақти аср фаро мерасид. Фаршед роҳравон дубора сар боло карду бо дилгармии бештар ба падидаҳои атроф дида дӯхт. Офтоб дар осмони деҳа ба самти рост моил шуда, чун даҳонаи оташзойи танӯр беохир шуъла мезад ва сар то по фазои сабзу доманаю теғаҳои кӯҳии деҳа гӯё дар таҳи пардаи зардгуна фурӯ мемонд. Ҷо-ҷо дар синаҳои кӯҳӣ сангу харсангҳои таскою хоро дами анвори Хуршедро гардонда, бозтоби дурахшон ҳосил мекарданд ва ба сони оина бо дурахшиши чашмгир ялт-ялт ҷило медоданд. Насими мулоиме, ки доману бари теппаҳои кӯҳонмонанди канораҳои деҳаро пармосида[111] мегузашт, то ба иртифои боғҳо мерасид ва пеш аз ҳама шохаю баргҳои дарахтони болобаландро ба рақс медаровард. Алвонҷу ларзиши беохири сарву сапедорҳои бовиқор гӯё ки ба ҳар як раҳгузари зебоипараст «марҳабо» мегуфт ва ба ин истиқбол чириқ-чириқу шуғур-шуғури мурғони ранг ба ранг, ки дар миёни хайлҳои худ аз дарахт ба дарахт ҷо иваз мекарданд, изофа мешуд. Фаршед аҳёнан ба ҳусни хаёлбари табиати деҳа фирефта шуда, аз пайроҳаи каҷукула по ба берун мениҳод ё ба сангу ҷорӯбаке пешпо хӯрда, кебида худро ба даст мегирифт. Ҳамин дам ба зеҳнаш суханҳои модар

[111] **Пармосидан** پرماسیدن – ламс кардан, молидан

метаровид, ки вақти роҳ уфтодан таъкид карда буд: «Эҳтиёт шав, писарам, боз дар роҳ пешпо хӯрда заҳмати якшабаамонро ба бод надиҳӣ!»

Не, Фаршед ширакро нарехт. То расидан ба масҷид ҳар қадар хаёлаш парешону гирифтори шибҳу пиндорҳои бесарунӯг буд, тавонист дасторхонро бо қоблама ба ходими мӯйсафед Бобо Шуҷоъ расонад. Бобо ӯро дар даромадгоҳи масҷид бо дастовез дида хурсанд шуд, хушҳолона гуфт:

– Ин Маҳтоби хоҳарам ҳамеша ҳиммат мекунад, ин дафъа чӣ фиристод ба мо?

– Шираки бодом.

– Дасташ дард накунад, хеле меҳрабон аст, модарат!

– Гӯед, дасти ту дард накунад! Осон нест як санг раҳ ин бори вазнинро бардошта омадан, боз ҳам ба бароз, – аз суханҳои ходими мӯйсафед фараҳ гирифта гуфт Фаршед ва ба кафши бисёри даҳлез ишора карда афзуд: – Ҳанӯз вақти намози дигар нашуда ин қадар одам, чӣ хабар, бобо?

– Арбобамон маҷлиси муҳим дорад барин, аз чоруқдӯз гирифта то осиёбону дӯкондор ҳамаро даъват кардааст.

– Иморат аз ҳам пошида шуд, шояд аз он ба ваҳм омада бошад.

– Боз худат беҳтар медонӣ, ман дар ин ҷо фақат чой мекашонаму кафш пеши по мегузорам, ба кори олам мана чӣ кор?

– Бас одами беғам ҳастед, бобо, дунёро сел барад парво надоред!

– Ман ҳамин хел, – мӯйсафед лабханди ширин зад, ҳар ду пасу пеш ба назди суфачаи пешгаҳи даҳлези тавил, ки ба дарозои масҷид имтидод дошт, гузаштанд.

Фаршед дасторхонро ба рӯйи суфача гузошта гуфт:

– Бобо, ширак сард нашуда кашем, косаҳоятон дар куҷост?

– Ҳама дар ҳамин ҷевон, – парда аз рӯйи девор кашида ҷавоб дод мӯйсафед, – нимпиёлаҳора[112] бигир, писарам.

Ҷевони дохилидеворӣ аз чаҳор раф иборат буд. Дар он рӯйи ҳам косаю пиёлаю чойник ва кафлезу чумчаву обкаш барин зарфу ҷогаҳҳои гуногуни рӯзгорро дарчида буданд. Фаршед ду рад нимпиёларо ба рӯйи суфача гузошт. То ӯ ходими мӯйсафед ҳам калбези чӯбинро гирифта суфраро боз кард. Ҳар ду бо шитоб ба кашидани ширак пардохтанд. Дар ин асно дари масҷид боз шуд, гӯё омадани Фаршедро ҳис карда бошад, Шокирусто ба даҳлез баромад.

– Э, дар ҳамин ҷойӣ, писарам? – гуфт ӯ ва ба саломи Фаршед сар ҷунбонда, дарҳол ба дохил сар халонд ва ду нафарро ба ёрӣ садо зад.

Даст ба даст косаҳои ширакро ба меҳмонони ҷамъшуда гузаронданд. Намозгоҳ аз одам пур буд. Арбоби деҳа Дороамин, Қозӣ Ҳушанг, Мулло Абдусалом, чанд оқсақолу заминдор, ки сарони авлодҳои деҳа буданд, мироб, осиёбон, савдогарони номӣ Орзукӯсаву Раҳмонғулом, чанд нафар косибу пешавар ва чӯпон аз пешгаҳ сар карда, канори ҳам гирд шуда, дар атрофи суфра менишастанд. Шокирусто гарчи аз ҷумлаи солмандон ва сарҳои деҳа буд, имрӯз ба унвони соҳибхона даробаро мекард. Бо таоруфҳои ӯ пас аз нону чой ҳама бо «бисмиллоҳ» саргарми хӯрдани ширак шуданд.

---

[112] **Нимпиёла** نیم پیاله – *гуфтугӯйӣ:* нимкоса

– Баъди ин ҳама давутозу хастагӣ ширак то мағзи ҷон нишаст! – нимкосаашро канор гузошта ба сухан даромад Дороамин. – Дастат дард накунад, Шокирҷон, ба хоҳар салому сипосамона расон, умраш дароз бод, ризқу рӯзиатон зиёд гардад.

Мулло Абдусалом илова кард:

– Аз зимистони пор инҷониб ман ҳам ширак нахӯрда будам, хеле хушмаза шудааст! – ва ду даст ба пеш кушода дуо хонд: – «Рабба иннаи лимо анзалта илаййа мин хайрин фақир», Парвардигоро, ҳар хайру некӣ бар ман фиристӣ, ба он ниёзмандам! Файзу барака аз дасторхон канда нагардад, омин!

Ҳама ба ӯ пайравӣ карда даст ба рӯй кашиданд. Дар идома Қозибобо низ «баҳ-баҳ» гӯён ба суханҳои ҳамраҳон афзуд:

– Маълум ки хеле ҷӯшонидаанд, мисли асал ширин шудааст!

Шокирусто аз таърифу таҳнияти ҳамнишастон ба шавқ омад, дар худ болид, бо эҳсос ҷавоб гардонд:

– Нӯши ҷон, азизонам, ин фақат як ғизои саридастӣ буд, ки мо бароятон пешкаш кардем, аммо муҳаббату қадрдонии шумо беқиёс аст, Худоям насибаамона зиёд гардонад, шоду хуррам бошед!

Дар ҳоле, ки дасторхонро гирдуғун мекарданд, Дороамин мисли одати ҳамешагиаш бо як даст қабзаи риши сапеду тунукашро хилол карда, гӯё ки вассаҳои сақфро мешуморад, чанд гоҳ ба боло нигоҳ карда истоду ба сухан оғоз намуд:

– Дина ҳарчи саъй кардам аз ясавулбошии бек дар хусуси амиру иморат хабари наве шунавам, чизе нагуфт он ҳавобаланд. Аммо пештар ки фаҳмидем, амири «олампаноҳ», – ин сухани эҳтиромро бо таъкид гуфт арбоб, – оре, ҳамон амире, ки бо вуҷуди фисқу фасоди рӯзафзунаш ҳама вая азимушшаъну амиралмуъминину ҳар чӣ мехондем, имрӯз раияти кишвари худа дар ҳолати ночору танг гузошта, ба кадом як гӯре фирор кардааст. Дигар давлатамон бесоҳиб аст, пайравони он амири худхоҳ – аз ясавулу арбобаш гирифта то беку амину қозиюлқузот, маълум нест ба ҷони кӣ дармеафтанд, хонаи киҳора месӯзанд, киҳора хароб мекунанд ё...

Ин ҷо чанд нафар «пиқ-пиқ» хандиданд. Боборауфи осиёбон бо лабханд гуфт:

– Магар яке аз он арбобҳо худат нестӣ, Доро?

– Ман арбоби шумоям, танҳо арбоби Бору. Ҳар кӣ меомад қусураша рост карда гусел мекардам, намегузоштам аз як сар сокинони деҳаама азият диҳанд, то охирин сиккаю молу манол ба яғмо баранд. Ҳатто касе аз шумо пай намебурд, ки омилу андозгирҳо кай меомаданду кай мерафтанд.

Бобroom ба маънии таъйиди гапҳои ӯ сар ҷунбонда афзуд:

– Хуб, аз чӣ нигарон ҳастӣ, ба ҳамон тарз идома медиҳем. Беҳтар нест, ки он ҳама молимардумхӯр аз байн рафта бошанд?

– Онҳо ба осонӣ нобуд намешаванд, – ба суҳбат пайваст Қозибобо, – барои нигаҳ доштани тахту мансаби худ акнун саъй мекунанд ба домани мардум дароянд, одамона бар зидди булшевойҳо мешӯронанд. Маҳшар шуданаш аниқ.

Мулло Абдусалом ба сухбат ҳамроҳ шуд:

– Худо накунад, ки ба доми булшевойҳо гирифтор шавем! Мегӯянд, хурду бузургаш кофир ҳастанд, дина поймол мекунанд...

– Онҳора набояд ба чашми кам гирифт. Се сол пеш ҳукумати қудратманди тазорира сарнагун карданд, акнун сарзаминашон аз Питирбурх сар шуда то ҷангалҳои Сибир тӯл мекашад. Пас аз таъсиси Туркистони Шӯравӣ, инак, ба иморати мо ҳам дасташон расид. Аввалҳо агар вассали Русия будем, аз ин пас билкул ба булшевойҳои Линин тобеъ мешавем, – тоқат накарда ба сухан пардохт Орзукӯса.

– Ба болои кофирӣ, харобкориашон аз муғулҳо низ бадтар будааст. Нақл мекунанд, арки Бухорора ба доми дуду оташ кашидаанд, манораҳою масҷидҳо валангор шудаанд. Бо ин ғаддорӣ ба сари мардум чӣ бадбахтиҳо меоранд ин лаънатиҳо, фақат ба Худо аён аст.

– Аз онҳо ҷойи гурез нест, домулло, – ба суханаш идома дод Орзукӯсаи тоҷир, – амиру лашкараш дар вақти зарурӣ пешашона нагирифт, муқобилат накард. Ҳама сарбозонаш ба кунҷу каҳак гурехта, тамоми роҳҳои Бухорои шарифа ба дасти як сарлашкари хунхӯри сурхҳо вогузоштаанд. Чӣ буд исмаш? – Орзукӯса ба сӯйи Қозибобою Шокирусто рӯ овард.

Онҳо ҳарфе назада, аз дами остона садои Фаршед баланд шуд:

– Михоил Фурунзе, – ӯ бо алоқаи зиёд гуфтугӯйи калонҳоро гӯш карда меистод, – сарвари аскарони сурхе, ки мегӯед, ҳамон аст, фармондеҳи артиши Туркистон будааст.

Шокирусто аз суҳбатҳои канда-кандаи қаблӣ ва ҳол низ донист, ки Фаршед тайи як сафари худ хеле чизро фаҳмидааст, мамнунона бо нӯки ду ангушт абрувонашро ба ду самт масҳ карда, бо нигоҳи хирадмандона риштаи суҳбатро ба даст гирифт:

– Бо ин аҳвол ба сари мо рехтани гирдбоди ду пешомад муқаррар аст: яке ин, ки эҳтимол дорад одамони фироркардаи амир дар куҳистонамон паноҳ ҷуста, ҳамаамона бар зидди сурхҳо бархезонанд; дигар, мумкин аст булшевойҳо вайҳора торуморкунон як рӯз не як рӯз то манзили мо ҳам даромада оянд.

Боборауф суол кард:

– Дар ин миён кӣ пирӯз мешавад?

Дороамин гуфт:

– Аз он амири фирорӣ дигар чӣ нафъ? Маълум ки давлат ба дасти булшевойҳо мегузарад. Ман аз ҳамин чиз гаранг шудаам, онҳо чӣ гуна ҳукумат меронанд...

Орзукӯса гуфт:

– Як шиорашон ҳамин будааст, ки ба халқ баробарӣ медодаанд, бою камбағал намешудааст.

«Ув-в-в» як он садои омехтаи ҳозирин баланд шуд дар масҷид. Як дам нишастагон байни ҳам ба ғуҷур-ғуҷур даромаданд. Мулло Абдусалом бо ранги парида изҳор кард:

– Агар ин лаънатиҳои кофир ба сари қудрат оянд, донед, ки қиёмат-қоим шуд! Муллохатиби Боғдон гуфта буд, ки булшевойҳо тамоми масҷидҳои Тотористона саисхона кардаанд, ба гуфтан забонам намепечад, ин худозадаҳо ҳар коғазу китобера, ки ба хатти арабӣ навишта шудааст, ба коми оташ андохтаанд, ҳатто Каломуллоҳа!

«Ё тавба! Ё алҳазар!», «Э вой, эҳ, Худоҷон!»... аз ҳар сӯ шунида шуд овози нишастагон. Қозибобо афсӯсу надоматро намеписандид, ӯ аз ҳолати маҷлис каме нороҳат шуда, мисли ин ки лаби поёнашро мехоид, гуфт:

– Оба надида мӯза кашидан маънӣ надорад! Мо бояд ба ҳар гуна пешомад омода бошем. Ман бовар намекунам, ки ба ин осонӣ одамона аз ҳар чӣ доранд – чи молу манол, чи фарҳанг, ҷудо кунанд. Ҳар гуна ҳукумат зӯрӣ дорад, вале ҳукумати доно раъйи мардумаша нодида намегирад. Мо одамони одии як деҳа ҳастем, дар пеши ҳар гуна силоҳу зӯрӣ ночор мемонем. Лекин, ҳадафи ману Дороамин, Мулло Дурандешу Шокирусто ва ҳар як ришсафеди дигар ин аст, ки дар пеши ҳодисаҳои рӯзгор саҳлангорӣ накунем, бефарқ намонем. Мебояд ба якдигар бовар кунем, аз як гиребон сар бароварда илоҷи воқеаро ёбем. То имрӯз деҳаи мо бо ҳамин бовару эътимоде, ки одамонамон доранд, шуҳрат ёфтааст. Ягон бор нагуфтаем, ки ман қозиям ё арбобам, ё фалон мансабдори дигар, лекин як пора нону як луқма хӯрока бо ҳам дидаем. Дуруст, ман боғ дорам, замин дорам, моли бисёр дорам, лекин Савронбобо бо оилааш ҳеч чиз надорад. Агарчи манзилаша ҳам ман сохта додаам, ин ба он маъние нест, ки ӯ мискину бечора бошад. Не, вая ман чун як узви хонаводаам хондаам ва дар ҳар гуна нишасту маъракаҳоям низ ҷойи ӯ дар пешгаҳ аст. Дирӯз гумоштаҳои бек ба рустӣ духтари Бобо Хирома бурданд, ҳамаамон нороҳат шудем, ба ғазаб омадем, вале асли кор ин, ки барои баргардонданаш ҳама ба по хестем. Мо бояд ҳамеша ин гуна рафтор кунем!

Дороамин маҳз ба хотири иродаи сангину қатъияти қозӣ ба ҳар ҷое мерафт, аз вай хоҳиш мекард, ки ӯро ҳамроҳӣ кунад. Аз як сӯ, далерию шуҷоат ва аз ҷониби дигар, босаводии ин дӯсташ, ки ҳам ба аҳкоми шариат ва ҳам ба умури идорӣ ба наҳви аҳсан ворид буд, барояш итминон мебахшид ва натарсидаву наҳаросида аз пайи иқдоме мешуд. Солҳои охир гумоштаҳои амир ҳам ӯро, ҳам қозиро, билкул тамоми кӯҳистониёнро ба дод оварда буданд. Ҳатто, кор ба ҷое мерасид, ки дигар омодагӣ доштанд бар зидди сиёсату зӯровариҳои иморатиён исён кунанд, аз ин пас ҷонро ба дами теғ гузошта, ҳар гуна дари доду ситадро ба рӯйи беку амлокдору қозиву дигар обчӯҷаҳои амир бибананд. Дар ҳамин асно пайдо шудани булшевойҳо, илоҳӣ, ҳар балое, ки бошанд, дар назараш ба мисли фариштаи наҷот ҷилва мекарданд. Арбоб аз суханҳои Қозибобо илҳом гирифта гуфт:

– Ҳақ асту рост! Ҳар як нафари мо бояд бифаҳмад, ки кораш, саъю талошаш нахуст ба хотири сокинони ҳамин деҳа аст. Осиёбон ордаша, оҳангар абзори сохтааша, дӯкондор гилему порчаҳоша, ҳатто мироб обаша, пеш аз ҳама, барои ҳамдеҳагони худ медиҳад, на ба кадом як муфтхӯру «ошга бакавул». Боиси фаро хондани шумо, ҳамдеҳагони қадрдон, ҳамин аст, ки аз ин пас ҳушёр шавем, бо маслиҳат кор кунем, якдигара фиреб надиҳему дар

ҳолати ногувор наандозем. Аз ҳафтсола то ҳафтодсола бояд дарк кунем, ки зиндаю мурдаи мо яке аст, мо аз як коса об мехӯрем, дар як хона хобухез мекунем, шодию ғам, шириниву талхиҳои ҳаёта бо ҳам мечашем...

Ҳамин дам хомӯшии масҷидро, ки ҳамнишастон ба суханҳои сарварони худ маҳлиё шуда, об дар даҳон менишастанд, садои шиҳакашии асп ва аз пайи он помонию тақ-туқ кушода шудани дарвозаи ҳаёт халалдор кард. Пасу пеш дар назди дари даромад сару сурати Суҳроб ва ду ҳамроҳи ӯ намоён гашт. Дар пойгаҳбудаҳо баробар аз ҷо хестанд. Бо дидани ҷавонмардҳо аз ҳама пеш Шокирусто ба сухан омад:

– Хуб, Суҳробҷон, кора пухта кардӣ?

– Маро хафа мекунед, додӣ, мо кай корамона хом гузошта будем?

Ба лаби ҳар як аҳли нишаст табассум дамид, бетоқатона гӯшу ҳуш ба идомаи сухани Суҳроб шуданд. Қозибобо ҳам суоломез гуфт:

– Пас, Фаришта инҷост, бале?

– Оре, устод, духтарака овардем, ба дасти падару модараш супурдем... – дар ин дам аҳли маҷлис бо ҳаяҷон кафкӯбии баланд карданд, садои ҳаёҳуи шодӣ дар саҷдагоҳи Худо танин андохт ва ҳамин ки каме ором шуданд, Суҳроб афзуд: – Аммо, аз он чӣ меандешидем, корамон осонтар сурат гирифт. Агар мегуфтед, киҳо мушкиламона осон карданд?!

Нишастагон бештар ба шигифт омаданд, аммо касе салоҳ надид, пешгӯйӣ кунад. Чашмони шарарбору чеҳраҳои масрури ҳамдеҳагон Суҳробро водор сохт, ки худаш суханашро пайгирӣ намояд.

– Хоҳ бовар кунед, хоҳ не, як идда роҳзан! – гуфт ӯ ва ҳайрату интизории аҳли масҷидро зиёд накарда афзуд: – Одамҳои ҳамон Тошбое, ки сарсупурдаи боруиён аст. Онҳо духтарамона наҷот дода ба дастамон супурданд, вале боз ҳам худа мадюни мо мехонанд. Дар асл, бидеҳкори Мулло Фарҳод, ки барояшон ҳамчун пиру валӣ азиз аст. Оре, мо чунин ҷавонҳое дорем, ки мардум омодаанд барояшон ҷони худа қурбон кунанд.

Дороамин бетоқатона лаб кушод:

– Офарин, писаронам! Ҳар яки шумо ниҳоди ҷавонмардию футувват доред, ин боиси сарбаландии так-таки мост!

– Ҳамроҳи духтар як гӯсфанди бонира ҳам ҳадя доданд, фикр намекардам Тошбой ин қадар олиҳиммат шудааст, – дар идомаи суханаш гуфт Суҳроб. – Гӯсфанда дар манзили Шокирдодӣ фуровардем, охир, Фаршедҷон ҳамаи моро ба по хезонд! Баъд, Мулло Фарҳод ки омад, худаш каромоташа нақл мекунад, ки чӣ тавр ҳатто роҳзанҳо ба бузургиаш тан додаанд.

Дар ин миён Фаршед хост сухане гӯяд, аммо даъвати Мулло Абдусалом ба намози дигар ҳамаро водор кард, ки бедасту по аз ҷо бархезанд ва аз пайи таҳорат шаванд...

## Дар остонаи манзили охират

Пас аз он ки Шокирусто косаи ширашро канор гузошт, Маҳтоб ҳамоно як пиёла чой дароз кард ва суҳбати кандаи сари суфраи субҳонаро давом дод:

– Фаршедҷон каме пештар дар ҷойи хобаш дароз кашид, тамоми шаб бедор буд. Ду-се бор аз дараш нигоҳ кардам, дар таҳи чароғ зӯр зада ким-чиҳое менавишт.

– Иншо. Қарор буд дидаю шунидаҳояша аз Нур барои ман китобат кунад.

– Қисса мекард, намешуд? Аз навиштан чӣ фоида?

– Э, кампир, агар бо гап ҳама кор сару сомон меёфт, одамон аз як дунё бор роҳат мешуданд! – бо каме лабханд, дар ҳоле ки ғамхории ҳамсарашро ба писар ҳис кард, ба суханаш идома дод Шокирусто. – Ин ҳама коғазу китоб барои чист, ба назарат? Омӯхтану омӯзондан танҳо аз роҳи навиштан самарбахш аст, чунки ҳар чӣ мешунавӣ, аз гӯши дигар баромада меравад ё имрӯзиён медонанду то фардоиён намерасад.

– Шумо ин хел мегӯед, ҳамин сурудҳои моёна касе навишта додааст магар? Ҳамааш аз бобою момоён, даҳон ба даҳон мегузарад.

Аз ин мисоли ҳамсар Шокирусто ба завқ омад, бо хушнудӣ гуфт:

– Қанд зан, занак, ту ҳам бисёр чиза медонӣ! Лекин, илм дигару суруд дунёи дигар. Ягон риштаи зиндагӣ бе китоб пеш намеравад, барои ҳар кор дастуруламале ҳаст. Агар ин ҷангу даргириҳо намешуд, Фаршедҷона ҳам ба Бухоро мефиристодам, домулло мешуд.

– Э, ростӣ, Фарҳод кай меояд? – яке бо нигаронӣ писари калониро ба ёд овард Маҳтоб. – Ба тӯяш ҳам рӯзҳои башумор монд.

Шокирусто бо нӯки ангуштон абрувони худро ба ду самт молида, хаёлангез гуфт:

– Ин кораш дуруст нашуд писара. Наход, дидаю дониста худаша ба миёни дуду оташ занад? Охир, медонист, имрӯзҳо дар Бухоро талотум аст, саг соҳибаша намешиносад. Э, аттанг...

Дили Маҳтобро воҳима зер кард. Беихтиёр лағжиду аз банди дасти шавҳар гирифт, бо изтироб ба сухан даромад:

– Чӣ, талотум? Ҷангу ҷидол аст дар он ҷо? Агар ин тавр бошад, аз дунболаш равед намешавад? Аз «аттанг» гуфта нишастан чӣ суд? – ва илтиҷоомез афзуд: – Як кор кунед, додош, ба қафо напартоед, ҳар як рӯз ғанимат, оваронед писарама.

– Дилата васеъ гир, ба вай ҳеч чиз намешавад, Бухорора панҷ ангушташ барин медонад. Дина бо Суҳробҷон ҳамсуҳбат шудем, агар Фарҳод то як ҳафтаи дигар наояд, бо Фарзом ба роҳ мебароянд.

– То як ҳафта чӣ хел тоқат мекунем? Дер намешавад?

– Писарамон дар номааш навиштааст, ки даҳ рӯз нашуда бармегардам. Ҷойи хавотир нест, занак, ин кора ба ман гузор.

– Амаки Содиру Фарзом имрӯз то аср меоянд, гуфта буданд, то як моҳи дигар ба савдо намераванд, – Маҳтоб бо додани ин хабар яке фикри ба майнааш задаро гуфт: – Намешавад худи амаки Содира ҳам фиристонед? Бисёр гаштаанд, пасту баландии сафара бисёр дидаанд...

– Намедонам, лекин худи Суҳробҷон кифоя, ба назарам. Роҳа медонад, ду-се бор ба Бухоро ҳам рафтааст...

Дар ҳамин асно, ҳанӯз Шокирусто суханашро тамом накарда буд, ки духтари миёнгини ҳамсояи як девор он рӯ давида омаду бо шитоб зулфини дарвозаро ҳам нагузаронда монд.

– Амакҷон, илтимос, момома халос кунед! – бо ҳавлу ҳаяҷон то назди айвон давида омада гуфт ӯ. – А дина ису то ҳозир да каҳдонамо, очам чӯб катӣ кӯфта-кӯфта қаба карду дара маҳкам а болояшон баста партофт.

Зану шавҳар – ҳар ду лол монданд. Чун худи Қосими чӯпон ба яйлоқ мебаромаду ҳафтаҳо аз пайи мол мегашт, хӯйи ноҳинҷори занашро дониста, аз Шокирусто хоҳиш мекард, ки рӯзҳои набуданаш аз хонаю бачаҳояш хабар гирифта истанд. Бо давида омадани ин духтарак, ки хеле дӯстдоштанӣ буд ва ба хотири гесузор кардани ҳеррааш ҳар бори дидан «Чилкокул» гуфта ном мебурд, ноором шуд.  Ӯ аз пайи ҳамсараш, ки «биё, духтарам, воҳима накун» гӯён аз дасти ӯ гирифта дар канораш нишонд, бо навозиш гуфт:

– Чилкокулам, ку як нафаси чуқур каш. Э бале! Натарс, момоят занаки ҷонсахтанд, ман ҳамин ҳозир мераваму аз каҳдон мебарорам. Барои чӣ ҳамон дина омада нагуфтӣ?

–  Хостам биём, амакҷон, очам гуфт, ки а ҷоят ҷумбӣ, дасту пота зада мешиканам.

– Илоҳӣ, ҳамон дастои занандааш шиканад, одам ҳам ҳамин қадар бераҳм мешавад? – тоқат накарда лаб кушод Маҳтоб.

Шокирусто ба ду ҷониб сар ҷунбонда илова кард:

– Ин кампири бечора оқибат аз дасти келинаш яксӯ мешавад барин. Ёдат ҳаст, дафъаи пеш як ҳафта дар каҳдон хобиду ҳама бехабар мондем. Аз гуруснагӣ хоку гили девора канда хӯрда буд бечора. То чил рӯз бистарӣ шуду хун қайкунон базӯр ба худ омад, – дигар маътал нашуда «ё пирам» гӯён аз ҷо хест ва ба духтарак рӯ овард: – Хуб, чилкокул, пеш даро!

Домани ҷомаашро бод дода, тез-тез қадамзанон омадани Шокирусторо дида Соҷида аз дари молхона берун наомад. Зери лаб нафрини дарозе ба духтараш дода, аз тарс худро ба даруни тар, ба бурҷи молхона кашид. Шокирусто ӯро надид, бо шитоб дарвозаи чӯбини нимдошти яклабаро, ки бе он ҳам нимабоз буд, канортар тела дода, ба дохили ҳавлӣ даромад. Ӯ вақтро талаф накарда, мустақим ба самти каҳдон, ки мебоист ба он аз дари оғилхона дароянд, роҳ пеш гирифт. Ҳамин ки вориди оғилхона шуд, гӯё ба чоҳи бетаҳе меуфтод, ҳеч чиз ба назараш нанамуд. Каме дар канори сутуни рӯ ба рӯ истод, оҳиста-оҳиста охуракҳои оғил, радифи сутунҳои васатӣ, дар бурҷаке дастаҳои рӯйи ҳам чидаи алаф ва ниҳоят, дар пешгаҳ як даричаи хурдак, ки аз он ба каҳдон медаромаданд, ба чашм намудор шуд. То назди дарича омад, ба рӯйи занҷиру зулфини он қуфле овезон меистод. Бо як даст даричаро сахт тела дод, кушода нашуд. Садо баланд кард:

– Хола, холаи Сангимоҳ!

Касе ҷавоб надод, як бари рӯяшро ба ковокии дару девор часпонда гӯш дод. Хомӯшии мутлақ, ҳатто хирроси нафасгирӣ намеомад. Дубора дарро кӯфт. Ба ҷойи акси садо тапар-тупур овози роҳравии муш баланд шуд, мисли ин ки ҷонваракони дар камин нишаста хасухошоки каҳдонро поймолкунон аз

як сӯ ба сӯйи дигар давида мегузаштанд. Шокирусто ба ваҳм уфтод, бо эҳсоси оқибати нохуше кашидаю кушода лагади муҳкам ба дарича фуровард. Зулфин аз бех канд, дарча ба дарун боз шуда рафт. Ҳамоно ба дохил по ниҳод ва дуруст дар васати каҳдон, ки ба он ҷо аз даричаи хурдаки самти рост равшании рӯз зада меистод, ҷуссаи дар худ ҷамъшудаи пиразанро дид. Дар ниҳояти изтироб ба берун рӯ гардонда дод зад:

– Чилкокул, дав, як коса об биёр! Кори момоят тамом шудаст барин, – худаш беист ба пеш қадам ниҳоду бо ҳарос ба банди дасту гардани пиразан ангушт гузошт. «Эҳ бечора, Худо мағфират кунад», зери лаб пичиррос зад Шокирусто ва бо эҳтиёт аз ду дасташ дошта пуштора кард ва бо шитоб ба сӯйи дари даромади оғилхона гом бардошт.

Аз роҳ чилкокул бо як коса об ва дунболи ӯ модараш бо андоми ваҳшатзада давида омаданд. Соҷида ҷон дар каф, чашмонашро калон кушода тарсомезу ҳайратзо забон хоид:

– Чӣ... шудас... амак?

– Гӯри падарат шудаст, нобакор! Тез ҷо дуруст кун, ҷоҳили қаттол! – Шокирусто хост ҳар дашноме, ки медонад, ба сари сунҳори бадкор бирезад, вале бо зӯр худро нигаҳ дошта, аз пайи зани дасту погумкарда калон-калон қадам бардошт.

Ҳоли абгори пиразан, гунаҳои бетаровати хокиранг, дидагони камнури нимабоз, панҷаҳои хоколуди ӯ, ки яқинан ҳангоми ҷонканӣ ба замини каҳдон дарафтида будааст, дили Шокирусторо ба сӯзиш овард. «Бисмиллоҳи ва ало миллати расулуллоҳ» гӯён, ҷасади аллакай беруҳу афсурдаро пой ба самти қибла дар васати хона ба рӯйи кӯрпача дароз хобонид. Дасту поҳояшро мустақим рост карду оҳиста бо пушти панҷа пилкҳои чашмони нимабозашро ба поён кашид. Ба Соҷида, ки дар пушти дар мисли буз дир-дир ларзида меистод ва ёрои лабкушоӣ надошт, нигоҳи хашмноке афканду аз ҷо хест ва аз таҳмони кӯрпаю болинҳо як малофаро ёфту то китфонаш болои пиразанро пӯшонд. Ба қафо гашт, духтараки лолу ҳайронро ба канор кашида бо кафи даст сарашро сила кард ва мулоим гуфт:

– Биё, чилкокул, ба хонаи мо меравем, Маҳтобхолата ба ин ҷо мефиристонам, худаш тартиби корҳои майитро медиҳад. Мо бояд ба ҳамдеҳагон хабар диҳем, аз пайи маъракаи ҷанозаю гӯручӯб кардани момоят шавем.

Духтарак бо лафзи нози бачагона суол кард:

– Амакҷон, момом намехезан?

– Не, бачаҷон, дигар намехезад.

– Касал шудан?

– Ҳа, сахт касал шудааст.

– Ба додом хабар намекунем?

– Ман одам мефиристам, меояд. Ту имрӯз дар пеши Сокинаапаат ист, аз хона набароед.

– Майли, амакҷон...

Рӯз аз нисф мегузашт. Ҳарчанд нурҳои заррини Офтоб аз поин то бун деҳаи Боруро фаро мегирифт ва ҳарорати ширгарм ба сару тани бошандагонаш менишонд, аз пушти теғакӯҳҳои қибла тӯда-тӯда абрҳои парешон ҷоивазкунон гирди ҳам омада, осмони деҳаро мепӯшонданд. Ҳамзамон бо ҷамъ шудани одамон дар манзили Қосимино нам-нам борони майда ба бориш сар кард. Чеҳраи доманаҳои кӯҳӣ ва боғу киштзори боруиён бо намои аҷоибе ба ҷилва даромад. Дар як сӯ Хуршед шаъшаъа мепошид, аз гӯшае нимдоираи рангинкамон торафт равшантар қомат меафрохт ва дар васат ҳам резаборон чун пардаи тунуку нозуке дасти фалакро ба заминиён мерасонид. Табиат ҳар навъ истиғно мекард, хешу ақрабои Қосим ва модараш онро нодида гирифта, бо доду шеван дарду ситами ба сар омадаро ба меҳмонони расида маълум месохтанд. Сафи одамони ба аёдат омада торафт ғализтар мешуд. Онҳо пас аз изҳори ҳамдардӣ ба мардони азодори дар қаторбуда, бо нидои Мулло Дурандеш, ки бо садои шунаво «инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун» мегуфт, дасти омин бардошта, ба фавҷи пештар омадаҳо мепайвастанд. Дар дили ин маъракаи таслияту ҳамдардиҳо ногоҳ садои баланде, мисли ин ки раъде аз қалби фалак сарусадо меафканад, ҳушу ҳавоси ҳамаро ба сӯйи худ нигаронд. Ҳанӯз ба хамгашти кӯчаи пушти хона нарасида, фиғону нолаи ҷонсӯзи Қосимчӯпон ба гӯшҳо расид:

– Модарам, модарам! Азизи ҷонам, модарам! Меҳрубонам, модарам! – аз таҳи дил гиря мекард ӯ.

Бо расидани марди хона чанд муддат шӯру қиёми наздикон ба фалак печид. Ҳар кӣ ӯро медиду навҳагӯйии ӯро мешунид, беихтиёр ба дард меомад, гиряи худро дошта наметавонист. Дар ин лаҳза манзили Қосимино, дар воқеъ, ранги асили мотамхонаро гирифт. Пас аз он ки марди хона реш-реш гирякунон ба дидани модари марҳумаш ба дохил даромад, дар берун Мулло Дурандеш, Мулло Абдусалом ва муриду мулозимони онҳо ба корҳои муқаддамотии ҷанозаи майит пардохтанд. Мулло Дурандеш барои ба об гирифтану кафан кардани марҳума ба хона даромад. Бо дастурҳои пешакии ӯ якчанд зан аллакай оби гарму ҷойи шустушӯро омода карда буданд. Маҳтобу Гуландом низ дар хусуси омода шудани ду чодари кафанӣ, курта ва рӯймолу хирқа гузориш доданд...

Бори аввал буд, ки Фаршед дар канори бародараш Фарнур, ҳамроҳи ҳамдеҳагон дар сафи намозгузорони салоти ҷаноза меистод. Бародар, ки як курта бештар дарронда буд, равиши адои намози ҷаноза, тарзи ният карданро ёдрас намуд. Ҳамин ки ҷасади кафанпечи холаи Сангимоҳро ба тобут гузошта, ба намозгоҳ баровароданд, аз пешу паси фавҷи одамон садоҳои «саф рост, саф рост!» баланд шуд. Тобутро дар ҷилави сафоростаҳо, тавре ки пойҳои майит ба самти чапу сараш ба рост ва паҳлуи росташ ба ҷониби қибла буд, ба замин гузоштанд. Шавқуну ғалоғулаи ҷамъомадагон лаҳзае чанд идома ёфт, вале баробари пайдо шудани симои Мулло Дурандеш, ки пас аз тобут дар миёнҷо ҷойнамози худро паҳн карда қомат рост кард, фазои намозгузорӣ ба сар пардаи хомӯшӣ кашид. Ӯ бо овози нарму ширадори худ ваъз гуфт:

– Аҳли ҷамоа! Дар дунё чизе ҳатмию қатъитар аз марг вуҷуд надорад, дер ё зуд, бегумон, фаро мерасад. Лозим аст ҳаётро қадр кунем, зеро дурӯза умр ба сони оби ҷӯй бебозгашт мегузарад, меравад. Ҳар кас бояд бидонад, ки агар одами хубу некрӯз аст, бо тӯлонитар шудани умр бар корҳои неки ӯ афзуда хоҳад шуд ва агар одами бадкоре бошад, бо таъхир уфтодани марг чӣ бас дучори итоб шавад! Зиндагӣ ранҷ дорад, сахтӣ дорад, хушиву зебоӣ ҳам зиёд дорад. Сахтиҳо ба зудӣ ҷояшонро ба осоишу роҳат медиҳанд ва танҳо чизе, ки моро ба онҳо наздик мекунад, сабр аст! Худованд дар Қуръон фармуда: «Ҳамоно баъд аз сахтӣ осонӣ аст». Пас, ба ваъдаи Худо дил бисупорем ва хуш бошем, орзуҳои беҳударо канор бигузорем, ҳар он чи бар сарамон меборад ва моро бо худ ба сарои боқӣ мебарад, хостаи Парвардигор аст ва дастамон барои ҳамеша аз дунё кӯтоҳ мемонад. Ин дам хоҳарамон Сангимоҳро, ки амонаташро ба Офаридгор пас додааст, ба манзили охират гуселонда, истидъо мекунем ҷояш ҷаннат, руҳаш ғариқи раҳмати Илоҳӣ бод, ба аҳли хонаводаи эшон таслият мегӯем, Худо сабр диҳад! – Мулло Дурандеш як лаҳза хомӯш шуд, Қосими чӯпонро дар канори сафоростаҳо дида садо зад: – Бародарам, биё наздики ман. Пӯшида нест, ки ҳар як марҳум ё марҳума дар замони зиндагии худ додугирифтҳое дорад. Вақте ки ӯ дармегузарад, барои сару сомон додани қарзу талабҳои ӯ касе уҳдадор мегардад. Қосимҷон, ту ягона писари момои Сангимоҳ ҳастӣ, оё ин масъулиятро ба уҳда мегирӣ?

– Ба уҳда мегирам! – бо овози баланд ҷавоб дод Қосим.

Мулло Дурандеш афзуд:

– Аҳли ҷамоа, Қосимҷон омода аст ҳар гуна доду ситади вобаста бо марҳумаро ба охир расонад. Бешак, дархости ҳар гуна қарз ё пас додани талаб бо гувоҳии ҳадди ақал ду шоҳид сурат хоҳад гирифт, ки салоҳи кор низ ҳамин аст. Ё Аллоҳ, ҳама ният кунед, меравем аз пайи салоти ҷаноза!

...Бо «Аллоҳу акбар»-гӯйиҳои мулло чаҳор ракаат такбир ба ҷо оварда шуд. Ниҳоят, ҳамин ки пас аз салом «муттақиян!» гуфта амр дод, дар пешбудагон ҳамоно ба самти ҷаноза шитофтанд ва чанд нафар аз пешу пас дастаҳои тобутро дошта онро баробар бардоштанд. Фаршед аз Фарнур қафо намонда, дар миёни фавҷи одамон саъйкунон бори нахуст аз пояи тобут гирифт ва дар дил «Илоҳӣ, руҳи момои Сангимоҳ шоду охираташ obод бошад, ҷояшон дар фирдавси барин бод!» гӯён, бо сози мардони аз пешу пас омадаистода ҷойи дастгираи тобутро ивазкунон даҳ қадами комил роҳ гашт. Одам бисёр буд, хурду калон саъй мекарданд аз пойи тобут гиранду дайни инсонии худро дар роҳи савоб адо кунанд. Фаршед дав-давон дубора ба ақиби мушояаткунандагон гузашт ва чун ҳарфҳои охири бародараш, ки гуфта буд, «ҳар кӣ ҷанозаро ташйиъ кунад ҳазор-ҳазор гуноҳаш мерезад», аз нав худро ба дохили тӯдаи одамон заду даст ба пойи тобут бурд...

Резаборон қатъ намешуд, баръакс то ба хокҷой омадани ҷанозабарон шиддати он бештар гардид. Ба гӯристон дохил шуда, каме рӯ ба фароз ниҳоданд, ҳама бо эҳтиёт по мегузоштанд, ки мабодо лағжида наравванд. Хокҷойи авлоди момои Сангимоҳ дар самти чап қарор дошт. Фаршед медид, дар миёни қабрҳои мустатилӣ ду нафар каланду зоғнӯл дар даст мунтазири

одамон меистоданд. Сару рӯй ва либоси ҳарду ҷо-ҷо хоколуд буд, ӯ пай бурд онҳо гӯркованд. Ҳамин ки наздик шуданд, Мулло Абдусалом аз ҳама пеш гузашта, дар канори чуқурии хокбардоришудае, ки дарозиаш баробари қадди миёнгини кас ва арзаш ҳам аз се ваҷаб зиёдтар менамуд, сари ду по нишаст ва дастҳояшро рӯйи ҳам гузошта зери лаб ба дуохонӣ даромад. Фаршед дарёфт, ки ин чуқурӣ гӯр аст. Бо таваҷҷуҳ ба амали одамон зеҳн монда истод. Тобутро то лаби гӯр оварда ором шуданд. Мулло ҳамоно амр дод:

– Тобут беҳаракат намонад, ҷунбонида истед! – сар боло карда, дар идома пурсид: – Аз ҷамоаи тағои марҳума усто Йӯлдош куҷост, гӯед ба пеш гузарад!

Усто Йӯлдош дарҳол ба назди мулло омад ва бо ишораи ӯ аз самти поин ба қабр фуромад. Умқи гӯр ба андозаи як қадди одамӣ буд. Чор тарафи он соф тарошида ба назар мерасид, гӯё бо теғ бурида бошанд. Чанд нафар оҳиста, ба оромӣ ҷасади кафанпечи майитро аз тобут кашида, бо пояш ба дохили гӯр ёзониданд. Аз поин истода усто ҷанозаро нигаҳ дошт ва бо тамоми неру онро дастгирон бар рӯйи кафи хокии гӯр хобонид. Бо дастурҳои мулло дар зери сар ва аз паҳлуи чап чанд кулӯх гузошт, ҷасади майит истоно, дар ҳоле ки паҳлуи росту сараш яклаба ба самти қибла буд, қарор гирифт. Чун Йӯлдош корашро хомӯш анҷом медод, Мулло Абдусалом пайваста зери лаб дуо мехонд: «Бисмиллоҳ ва ало миллати расулиллоҳ». Пас аз боз кардани гиреҳҳои пою сар тағо бо ёрии чанд кас хез зада аз қабр берун омад. Нахуст бо тахтасангҳои дарозрӯя болои қабрро пӯшонида, хоки хондашударо[113] аз сӯрохиҳои пешгаҳу пойгаҳ ба даруни гӯр рехтанд. Сипас гирди қабрро ба шакли мустатилӣ бо санг девор чида, даруни онро бо хок пур карданду ба шакли кӯҳони шутур даровsecurityарданд. Тайи ин муддат Мулло Абдусалом бе таваққуф қироати Қуръон мекард, мулозимони ӯ аз матоъҳои рӯйи майит ба гӯркован, нигаҳбони гӯристон ва мулло бахш дода баромаданд. Пас аз бахшидани савоби амалҳои хайр ва оятҳои қуръонӣ ба арвоҳи тамоми гузаштагон ҳама даст ба рӯ кашида омин карданд ва Қозӣ Ҳушанг бо овози баланд ба ҳозирин рӯ овард:

– Момои Сангимоҳ чӣ гуна инсоне буданд?

Аз ҳар сӯ пайи ҳам нидоҳо шунида шуд:

– Инсони беозору ҳалиме буданд!

– Мусалмону муъмини росткоре буданд!

– Одами хубу хайрхоҳе буданд!..

Пас аз гӯручӯб табиату фалак низ гӯё ором гирифт. Резаборон аз боридан монд, одамон, ки ба чор сӯ пароканда шуда мерафтанд, аз чеҳраи офтобрӯяи олами атроф ба сурур омаданд. Фаршед аз маросими хоксупорӣ таассуроти дилосое бардошта, бо дидани меҳру отифаи ҳамдеҳагон ва ҳамхонии табиату фалак бо руҳияи онҳо ба инсони писандидаю дӯстдоштанӣ будани Сангимоҳхола имон овард ва раҳораҳ дар дил гуфт: «Худо раҳматаш кунад, бечора мазлумона даргузашт»...

[113] Андак хоки қабр аст, ки одамон ҳангоми дафни майит онро ба каф гирифта, ба руҳи майит дуо мехонанд.

## Деҳаи «зинда»

Бо шунидани садои бачагона Шокирусто сар аз мутолиа бардошт. Аз тирезаи дӯкон ба берун нигоҳ карда Фаршед ва Шаҳромро дид. Писараш бо ишораҳое даст ҷунбонда, сухангӯён меомад ва дӯсташ ҳам маҳлиёи ӯ буд. Як лаҳза онҳоро зери чашм наззора карда, то нопадид шудан ба хаёли ширин рафт. «Шояд дар хусуси дӯкону дастовардҳои ман таъриф мекунад, – аз дил гузаронд усто, – писарам калон шудааст, дигар ба бисёр чиз ақлаш мерасад». Ӯ бо меҳр коғазҳои парешони рӯйи чаҳорпояи қадкӯтоҳро ҷамъ кард. Ҳамин дам садои ғиҷирроси нарми дари даҳлез баланд шуд, Фаршед пас аз ду-се атсаи сохтаи кӯтоҳ овоз дод:

– Додо!

– Ҷони додо, биёед, ман дар ҳамин ҷоям.

– Хара тӯқум задам, ба орд рафтанӣ будам, ки очаам гуфт аввал шумора бинам.

– Нағз кардӣ, писарам, – мӯқаламу сиёҳидонро низ ҳамроҳи дастакоғаз канортар гузошта аз ҷо хест усто ва аз гӯшаи самти чапи пешгаҳ, ки он ҷо чанд болину кӯрпаро болои ҳам рахт зада буданд, як кӯрпачаро бардошт ва дар канори чорпоя ба замин густурд. Сипас, гӯё ба одами солманде рӯ меовард, бо хушҳолӣ ба сӯйи бачаҳо таоруф кард: – Ку биёянд, биёянд, Шаҳромхоҷа аз боло гузаред-чи. Ана, ин корат айни муддао шуд, писарам, хуб кардӣ, меҳмонатро бо худат овардӣ.

Шокирусто бо ҳамсару духтаронаш ҳамеша бо лаҳни сода ва гӯйиши маъмулӣ суҳбат мекард, аммо ҳар гоҳ бо писаронаш дар муколама мешуд, забони гуфторашро тағйир медод. Доиман дар зеҳнаш андешае зинда буд, ки писарон ҳатман инсонҳои таҳсилкарда мешаванд, дар байни хурду калон, дар миёни ҷамоат мегарданд ва пеш аз ҳама, бояд забони хубу пухтаи муошират дошта бошанд. Дар ҳоли ҳозир аз меҳрубонии ӯ Шаҳром дар хиҷил шуд. Дунболи Фаршед кафшҳояшро дар назди остона кашида, лабхандзанон ба пеш гузашт ва дар ҳоле, ки ду гунааш то буногӯш лолагун шуда, сарашро саъй мекард дар қабати гиребон пинҳон кунад, ба Шокирусто даст ёзонд. Аввал усто, баъдан бачаҳо дар гирди чорпоя нишастанд.

– Ман иншоята мехондам, – пас аз дуо хонда даст ба рӯ кашидан ба сухан омад Шокирусто, – хостам каме бофандагӣ кунаму баъд ба мутолиа нишинам, тоқат накардам. Муфассал навиштаӣ, як қиссаи аҷибу ғариб баромадаст.

Фаршед чашмонашро калонтар боз карда пурсид:

– Аҷибу ғариб ба кадом маънӣ?

– Яъне, шигифтовар аст нақлҳоят, хеле ҷолиб, – Шокирусто ҳарисона ба суханаш гӯш додани писарро ҳис кард, бо мароқ афзуд: – ҳошияҳора ба наҳви дигар оро додаӣ...

Ба рӯйи Фаршед сурхӣ дамид, чашм аз падар гурезонд. Шокирусто баргҳои ёддоштро ба даст гирифта, бо майл ба ҳошияҳо чашм давонд ва шунаво ба қироат шуруъ кард:

– «...лабони софу хушранг ба сони баргакҳои садбарг, ҷилояш оби даҳонро меоварад, гӯйӣ ба рӯяи нозуки он равғани зайтун, не, равғани бодоми модарамро молидаанд... Чӣ бас тароват, чӣ бас шодобӣ...», – усто коғазро канор гузошта дигариро рӯйи каф гирифт: – «...дилам мехост дубора ба чашмони ғизоливу ғабғаби оҳориаш рӯ ба рӯ шавам, аммо чеҳра нанамуд он париваш, ноз кард, бо худ болиду маро ба гӯшаи фаромӯшӣ афканд...»

– Инҳо... андешаҳои яклаҳзай, диққат надиҳед, додо...

Падар бештар ба завқ омад:

– Дуруст, ба мавзуи нақлат ҳеч дахле надорад, аммо зебою латиф аст, аз шефтагии дилосое дарак медиҳад...

– Аз ин хотир дар ҳошия овардам...

– Барои бори аввал қиссаат бад нест, лекин суханро дар бисёр ҷо нотамом мондаӣ, маълум, ки огоҳиат камтар аст. Баъзан сару буни ҷумлаҳоят бо ҳам даромехтааст, нақлатро бо гуфтаҳои додият пур кардаӣ, – Усто писарро аз бори хиҷолат озод карда ба суханаш идома дод: – Қисса ҳамон вақт ҷолиб мебарояд, ки ҳиссиёти худро аз дидаю шунидаҳоят нависӣ, вагарна нақли хушку холӣ мемонад. Масалан, таассуротат аз ҳаммом сухани худат аст...

Шокирусто бо майли тамом гӯш карда нишастани бачаҳоро дида, кафи дурушту сангини худро ба рӯйи китфи писар гузошта, бо хушҳолӣ суханро кӯтоҳ кард:

– Ба ҳар ҳол, қанд зан, писарам, дар ин хусус боз суҳбат мекунем. Мехостам бо ҷӯраат ду кора анҷом диҳед, – чун ҳар ду бо ризомандӣ сар ҷунбонданд, ба суханаш идома дод: – Парерӯз аҳволи Бобо Сафара дидаму дилам таҳ кашид, эзори бечора аз даҳ ҷо дарбеҳ дошт, мегӯяд, дигар чизе нест, ки пӯшам. Ду газ карбос барояш омода кардаам, аввал ҳамона бурда диҳед, дар бозгашт аз осиёби миёна ордамона гирифта биёред.

– Хуб шудааст, – гуфт Фаршед ва пурсид: – до Ҳамроҳ чӣ қадар орд медиҳанд?

– Худаш медонад, ғаллаи додаам як халта мешавад, аз ду пуд бештар.

Дар ин асно Шаҳром аранг ба гуфтугузор гӯш медоду хаёлашро дӯкони усто рабуда буд. Ба назараш ҳар як чиз дар ин коргоҳи порчабофӣ – аз чолаю дор гирифта то мокую ноча ва торкашиҳои рӯйи дастгоҳ ҳайратовар менамуд. Ӯ бо сӯзанию кашидадӯзӣ, чарху дуки дастӣ ва майдабофиҳои занон шиносоӣ дошт, аммо ҳеч гоҳ ба ин бузургӣ дастгоҳи бофандагиро надида буд. Нимаматои зич кашидаи рӯйи дастгоҳ, ки дар идома торҳои бешуморе аз он берун рафта ба канори дигар мепечиданд ва ҷо-ҷо чӯбҳои нигаҳдорандаи софу суфшудае дар пеши назараш чун аъҷуба намудор мешуданд. Бо шавқи бачагона беихтиёр аз ҷо хеста ба самти дӯкон омад ва бо майли тамом ба тамошо пардохт. Бе он ки дӯсташу падари ӯ ҳарфе гӯянд, дар зеҳни худ камокон тӯбҳои матои Шокирусторо, ки ба хонаашон мерасонд ва падараш онҳоро бо иштиёқ ба савдо мебурд, муҷассам дид. Аранг суханҳои падарашро ба хотир овард: «Алочаҳои дӯстам хеле бозоргир аст, – мегуфт ӯ, – ба ҳар бозоре, ки наравам, муштариёнам аввал матоъҳои ӯро тала мекунанд. Бадоштию рангҳои ҷозибадори онҳо дили ҳамаро мерабояд. Порчаҳои дӯкони

дастиро ҳама мешиносанд, гоҳ-гоҳ сари онҳо талош карда то ҷангу даъво мераванд, ки мани бечора миёнҷигарӣ мекунам, харидоронро базӯр ба ифоқа меоварам...» Шаҳром дастгоҳи дӯконро даст-дасткунон давр зада баромад ва бо лафзи бачагона ба Шокирусто рӯ оварда гуфт:

– Ун ҳама тӯби матоҳоятон аз ҳамин ускуна мебурод, амак?

Ба ҷойи падар ҳамоно Фаршед посух дод:

– Мо ҳамин як ускуна дорем, майда намуд ба назарат?

– Не, майда нест, лекин ба чашмам ба мисли хӯсаҳои беҷон намуд.

– Ин дастгоҳҳо ҳама хӯсаанд, додар, лекин ба пушташон, ки одам нишаст, ҷон медароранд, – бо лабханд афзуд Фаршед, – бегоҳ бо ҳам меоем, кори додояма тамошо мекунӣ.

– Ҳамин, мехостам бинам, ки матоҳа чӣ хел мебофад ин «хӯса»...

Барои Шокирусто гуфтугӯйи писарон хеле дилкаш буд, аммо тангии вақтро андеша карда гуфт:

– Хуб, бачаҳом, аз пайи кор шавед! Шаҳромҷон, шаб биё, нахкашию бофандагира ҳам тамошо мекунӣ, ҳам ёд мегирӣ!..

Фаршед дастовези падарро барои Бобо Сафар дар бағал гирифта, худаш пешопеш пиёда ва Шаҳром ҳам аз паси ӯ харакӣ аз роҳи каҷукилеби самти чап сарболо шуданд. Дар рӯзи равшан аз пайи доманаҳои пасту баланди кӯҳии ду ҷониб манзараҳои деҳа ба чашми Шаҳром бо ҳусну намои фиребанда ҷилва мекарданд. Агар аз як сӯ дарахтони кӯтоҳу баланди бештар нималухту урёншуда алвонҷи ҳамешагии худро аз даст дода буданд, бар хилофи он, сатҳи боғоту мазрааҳо бо фурӯғи норанҷии худ ноз доштанд ва рӯди серобу мобайнӣ бо печопечу ягон-ягон шаршарҳои назаррабо ба дил фараҳ мебахшид. Ҳар ду ғарқи тамошои деҳаи ором, ки ин оромӣ аз мағзи худ шуввосу ғуввоси беохиреро ба гӯш мерасонид, роҳравон то пушти девори ҳавлии Шаҳбози кӯзагар расиданд, ки пас аз он боғу хонаи ихчами Бобо Сафар қарор дошт. Ҳамин дам аз ҷониби ҳотаи кӯзагар садои хандаю гуфтугӯйи шӯхиомези духтарона шунида шуд. Фаршед беистиҳола тез-тез по бардошта ба канори девори ҳавлӣ, ки ба андозаи қадди одами наврас то лаби сохтмони хона идома меёфт, омад ва Шаҳром низ аз пушти ӯ харашро халакунон ба девор наздик шуд. Дар саҳни ҳавлии Шаҳбоз, бар рӯйи суфаи зери дарахти сершоху навдаи чормағз як гурӯҳ духтар «маърака» ороста буданд. Ду-се нафар порчаҳои камбари мураббаиро ба рӯйи зону ниҳода кашида медӯхтанд, ду духтари нисбатан калонтар дар байн нишаста зеҳ мебофтанд ва боз чанд духтари хурдсол бо мағалу ҳаёҳу сангчабозӣ мекарданд. Онҳоро дида, Фаршед ҳамоно дӯсти ноороми худро ба тамкин фаро хонд:

– Шаҳром, овоз набарор, – гуфт ӯ ангушти ишоратро кӯндаланг ба рӯйи даҳон гузошта, – духтараконӣ гузари моянд инҳо, ба мисли тӯдаи гунҷишк ҳар замон гирди ҳам меоянду чуғур-чуғур мекунанд.

Агарчи Фаршед ба рӯйи ангуштони по қоматашро ёзонда, манаҳи худро базӯр рӯйи девор мегузошту ба дохил дида медӯхт, Шаҳром аз болои хар манзараро роҳат тамошо мекард. Ӯ шунаво ба дӯсти худ, дар идомаи суханаш савол дод:

– Гулдӯзию зеҳакбофии духтаронро дидаам, лекин ун майдаҳо бо ҳаёҳу чӣ кор мекунанд?

– Сангбозӣ.

– Яъне, бо санг бозӣ мекунанд?

– Оре, ин яке аз шуғлҳои дӯстдоштаи писару духтарони мост, – Фаршед яке ба сӯйи як духтараки дукокулаи гандумгун, ки ба сар тоқияи ироқии гулдор ва ба тан аз рӯйи пероҳани атлас нимчаи сиёҳранге бо ҳошияҳои гулдӯзишуда пӯшида буд, ангушти ишора тик карда ба ҳарфаш идома дод: – Нигоҳ кун, он духтараки сари дузону нишастаро мебинӣ, ду кокулашро ба сари дил партофтааст?

– Ҳа, чизҳоеро ба монанди сангдона ба кафаш меғундорад.

– Бале, ҳамон донакҳо сангҳои бозӣ аст, панҷто. Вай бозиро сар мекунад. Як даври бозӣ аз ҳашт амал иборат аст ва шарти асосӣ ин аст, ки бозикун тавонад сангдонаҳоро бо маҳорат ва чусту чолок аз каф ба замин гузошта, ҳамон замон бо ҳаво додани як ё чанд дона ба осмон, сангдонаҳои рӯйи заминро чида гирад. Амалҳои дохили бозӣ аз «пушти даст» сар шуда, бо «дутоӣ», «сетоӣ», «чортоӣ», «гулак», «зояк», «абдак», «ханҷар» идома меёбад ва бо «кечар» як давр ба поён мерасад.

Дар ин асно Шаҳром гӯшу хуш ба дӯсташ, бо даҳони нимабоз ҳаракатҳои духтари дукокуларо бодиққат тамошо мекард. Китфонашро албонҷ дода, чобукона сангдонаҳоро партофта, дубора ғун кардани ӯ барояш хеле ҷолиб намуд. Дар миёни сухани Фаршед давид:

– Балоча офат будааст, дасташро бин, чи андоза тезҳаракат аст.

– Оре, дар ин амал на фақат ангуштону пушту пеши даст, ҳатто тамоми рагу пайи панҷа то банди даст ба ҳаракат меояд. Дар ин бозӣ ҳавосат ҷамъ, аз ҳад зиёд ҳушёр буданат лозим. Фурсат ки шуд, дар хона ба ту ҳам ёд медиҳам.

– Гап нест! Намешавад мо ҳам ба наздашон равем?

– Не, не, духтарҳо меҳаросанд, ҳама мегурезанд, – бо ин ки дар хусуси сангбозӣ ҳарф мезад, хаёли Фаршедро бештар духтараки чилкокули канорӣ, ки бо дугонааш зеҳак мебофт, рабуда буд. Ӯ тоқат накарда нигоҳҳои дуздакии худро ифшо кард: – Он духтари куртаи гули норро мебинӣ, бо кокулони шаршарaӣ? Ҳамоне, ки ӯрмаки зеҳак гузоштааст.

Шаҳром дилу бедил, аз нозанини сангчабоз чашм наканда, гӯё ки духтари гуфтаи Фаршедро мебинад, гуфт:

– Ҳа...

– Зебо, духтари Қозибобо аст, – Фаршед беихтиёр зери лаб замзама кард:

*– Ҷамоли моҳпайкар дар баландӣ,*
*Бад-он монад, ки моҳи осмон аст.*
*Чу нилуфар дар обу меҳр дар меғ,*
*Парирух дар ниқоби парниён аст...*[114]

[114] Мисраъҳо аз як ғазали Саъдӣ аст, ки бо матлаи «Чи рӯй аст он ки пеши корвон аст» шуруъ мешавад.

Шаҳром аз шеърхонии дӯсташ ба завқ омад. Тамошоро канор гузошта, шӯхиомез пурсид:

– Зеборо мешиносӣ?

– Дар деҳа ҳама якдигарро мешиносем, аммо Зебо дунёи дигар. Ҳар гоҳ ӯро мебинам, тану ҷонама аз сар то по вараҷа мегирад, худ аз худ баданам метафсад, лабҳоям мепарад, пойҳоям суст мешавад...

Шаҳром нафаҳмид дӯсташ чӣ мегӯяд, беихтиёр ба тӯдаи духтарон дида дӯхта истод. Дарозгӯши зери пойи ӯ фукашро ба бехи девор молида, лабҳои кашоли худро ба чорсӯ ёзонду сар ба боло бардошт ва дандонҳои калон-калони зардгунаашро нишон дода, бо ғурумбаи шунаво нафасашро ба дарун кашида нашъа бурд. Фаршед яке ба худ омад, бо нигаронӣ амр кард:

– Э, рафтем, дер шуд!

Ҳамин ки Фаршеду Шаҳром ба паси дари Бобо Сафар омаданд, аз дохил бо садои баланд суханронии ду нафар онҳоро ба шигифт овард.

– Ман деги садкилоии арбоба меораму ба ҳама ош медиҳам, аз деҳаҳои атроф ҳам ба меҳмонӣ даъват мекунам. Чунон зиёфате диҳам, ки Хайруллобой дар пешам қуллуқ гӯяд! – бо муҳобо мегуфт Бобо Сафар, ки овози каме дурушти ӯ ба Фаршед ошно буд, – мефаҳмӣ, чӣ мегӯям, Башир? Ту дар хоби шабат ин гуна меҳмонира надидаӣ!

Ҳамоно садои ҳамроҳаш баланд шуд:

– Ҳай-ҳай, уштурат гӯё аз қалъа омадааст! Мана кам нагир, ҷӯра, ду-се рӯзи дигар бо ҳамин гӯшҳои дарозат мешунавӣ, ки хурду калони деҳа аз ҳиммати беҳисоби камина гапзанон факҳояшон дард мегирад. Ин қадар молу манол ҷамъ кардаам, ки ба як умри ҳамдеҳагони дасткӯтаҳамон мерасад!

– Ту ҳанӯз мана нашинохтаӣ, агар аз сарватам лаб кушоям, чашмонат аз косахонааш мебарояд. Ният дорам ба ивази тиллоҳои пинҳонкардаам ҳама коргоҳу устохонаи деҳара харида гирам. Он вақт мебинӣ, аз Дороамин гирифта то қозию савдогарони дохилу берун ба пеши поям таъзим хоҳанд кард!

– Ҳар коре кунӣ, ба ман намерасӣ, ҷӯра! Ҳамон рӯзе, ки деҳа ба ту таъзим кунад, бо ду чашми сарат хоҳӣ дид, ки худат мутеи ман шудаӣ. Аллакай чокарони ман дар тамоми куҳпоя муқим шудаанд, аз неъматҳои зиндагӣ даҳҳо анборама пур кардаам. Ҳар як арбоби деҳаҳои атроф омодаанд ҳамроҳ бо бисоташон одамону маҳалли зисти худа дар ихтиёри ман гузоранд...

Шаҳром бо тааҷҷуб ба Фаршед гуфт:

– Мо ба куҷо омадем? Бобо Сафари бечора, ки ба изораш мато надорад, ҳамин аст?

Фаршед бо шакарханд гуфт:

– Ту, албатта, қиссаи ҳар дурӯғе, ки чил дурӯғ дорадро нашунидаӣ. Амакҳои мо аз неши захр худашона таскин медиҳанд, – ӯ ду-се бор сурфаи дурӯғин зада, дари каҷшудаи боборо ғиҷиррос занонда кушоду ба дохил қадам гузошт.

Садои гуфтугузор қатъ шуд. Шаҳром аз пайи дӯсташ ба дохил даромаду ба манзараи аҷибе рӯ ба рӯ шуд. Ду марде, ки аз лак-лак сарвату зару зевар

ҳарф мезаданд, ба рӯйи палоси чиғдашудае болиштҳои даридаи пахтаю пахолзаҳидаро зери каш гузошта, дар гирди дасторхоне, ки ҷуз ду се тикка нони қоқу як чойники дарзхӯрда ва ду пиёлаи сафолии лабпарида чизи дигаре надошт, паҳлу мезаданд. Бобо Сафар ба тан ҷомаи сиёҳранги ҳарҷо-ҳарҷо даридаро пӯшида буд, ки аз остину лабаҳои домани он риштаҳои нозук кӯтоҳу дароз кашол меистоданд. Риши ғулуи сафедча ва абрувони ғафси ӯ рухсорашро сермӯй нишон медод ва дар миён ду чашму гунаҳояш базӯр дида мешуд. Ҳамроҳи ӯ низ сарутани фарсудае дошт, фақат бо дасту по ва чеҳраи қоқинаи худ нисбат ба бобо лоғартар менамуд. Гавҳараки як чашми ӯ сари ҷо набуд, нигоҳҳои каҷ аз олусчашмиаш дарак медод. Наврасонро дида, Бобо Сафар каме дасту по хӯрд, мисли ин ки ҳис мекард бачаҳо гапҳои ваю ҳамсуҳбаташро шунидаанд, доманҳои риштакашоли ҷомаашро бо як даст ғун карда, беихтиёр сари по хест ва берабт ба сухан омад:

– Фаршедҷон... ин туӣ... садо бароред намешавад?... – мӯйсафед гӯё мардони калонро пешвоз мегирифт, як даст аз сари дил нафуроварда бо дасти рост ба бачаҳо салом дод ва гӯё ба гирди дасторхони пурнозу неъмату рӯйи кӯрпача ишора мекард, ҳар дуро ба пешгаҳ хонд: – аз боло гузаред-чи... бачаҳом, меҳмони мо шавед...

– Бубахшед, бобо, ба миёни ҳангомаатон лагад задем, – ба аломати қабул накардани даъвати мизбон кафи даст ба сӯйи ӯ нишон дода гуфт Фаршед ва аз Шаҳром порчаи шалвориро гирифта ба Бобо Сафар дароз карда гуфт: – Ин аз додоям, салом расонданд.

– Эҳ, Шокирусто, аз буданат гардам! Мана қарздор кард, додоят. Худо умр диҳад, чархи дӯконаш давр зада истад, барака ёб, писарам! – беихтиёр бо дуои ӯ ҳама даст ба рӯй кашиданд.

Шаҳром ҳанӯз бо хаёли суҳбати гарми ду мӯйсафед кунҷковона ба забон омад:

– Бобо, овози ҳар дуятон баланд шунида мешуд, дар хусуси чӣ гап мезадед?

Бобо Сафар айёрона риштаи суханро ба дигар сӯ кашид:

– Ин амаки чашмолусат сахт шӯх аст, гапҳое мезанад, ки аз ханда нафастанг мешавӣ.

– Чашмолус?

– Ана, бин, сиёҳии як чашмаш нест, – бо мазоҳ хандида гуфт бобо, – ба ин мегӯянд олусчашм, ё ба лаҳҷаи худамон «қирӣ».

Фаршед медонист, ки ин дӯсти бобо ба исми «Башири чимкаҷ» ном баровардааст ва худи ӯ аз мазоҳи одамон ҳеч гоҳ нороҳат намешуд. Ба хотири нарм кардани суҳбат гуфт:

– Чӣ ҳазлҳое мекарданд, мо ҳам шунавем...

– Хуб, аҳвал[115], бачаҳоя хурсанд кун!

Ин ҳазли боборо низ бо хушҳолӣ қабул карда Башири чимкаҷ ба гап даромад:

---

[115] **Аҳвал** احول – олус, чашмкаҷ, олусчашм, каҷбин, дубин

– Ҳамин, мегуфтем, ки боре Нусрати ланга дидам. Пойи кӯтоҳаша рӯйи санге гузошта ба ман бодиққат нигоҳ мекард. Ман пурсидам: «Чӣ хабар, ду чашм мондӣ?» Ӯ бо мазоҳ гуфт: «Ҳай нигоҳ мекунаму намефаҳмам, чашмат ба кадом сӯй менигарад?» Ман ҳам бо ханда дарҳол посух додам: «Ба куҷо менигаристам, ба пойи ту, албатта!»

Шаҳром аз пайи Фаршед қиқиррос зада хандид. Аз хушҳолии бачаҳо ба завқ омада, Башири чимкаҷ афзуд:

– Як рӯз аз назди кафшдӯз баромада мерафтам, ки боз бо ҳамон рафиқи лангам рӯ ба рӯ шудам. Вай бо писханд гуфт: «Медидам чашмат ба осмон менигаристу ба кафшдӯз гапҳоера маъқул мекардӣ. Чӣ фармудӣ ба ӯ?» Ман ҳам бо ханда ҷавоб додам: «Ба кафшдӯз каме пул дода хоҳиш кардам, ки як пошнаи нимваҷабӣ барои кафши пойи чапи як ошноям дуруст кунад».

Дубора ҳама хандиданд. Фаршед бо ин ки аз ҳангомаи ду мӯйсафед дил кандан намехост, бо оҳанги узр гуфт:

– Додиён, ба мо дер нашавад, бояд осиёб ҳам равем. Агар хидмате нест, бароямон иҷозат диҳед.

– Шумоёна дар заҳмат гузоштам, – бо дилгармӣ гуфт Бобо Сафар, – ба додоят саломи гармамона расон, бо карбосаш ҳамин имрӯз шалвор медӯзонам, дасташ дард накунад, Илоҳӣ...

***

Вақте ки дар назди осиёби миёна Шаҳром аз хар пиёда шуду Фаршед гарданбанди онро ба шохи дарахт мебаст, аз роҳрави айвони ордгирӣ садои доду бедоди ду нафар марди дар навбатбуда баланд шуда рафт. Шаҳром ба ҳайрат омада пурсид:

– Чӣ хабар, додӣ, унҳо ҷанг мекунанд бо якдигар?

Фаршед ба он самт чашм дӯхта дид, ки мардҳо як халта ордро муҳкам дар миёни даст дошта гирифтаанд. Яке бо тамоми неру зӯр зада ба тарафи худ мекашид, дигаре ҳам намехост даҳани гиреҳхӯрдаи халтаро аз лойи панҷааш раҳо кунад. Ба сӯйи айвон қадам бардошта гуфт:

– Маълум, ки орди дӯл намондааст, муросо карданӣ нестанд, намехоҳанд мунтазир шаванд.

Шаҳром тааҷҷуб кард. Аз пайи мулоқотҳои қаблӣ ба ин манзара бештар алоқаманд шуд. Медид, ки деҳа дар ҳар қадам нафаси тозае дорад, ҳар як воқеаи он аз зинда буданаш гувоҳӣ медиҳад. Дар пешорӯйи онҳо хархашаи мардҳо ҷӯш гирифт. Яке беибо дод зад:

– Дастата каш мегӯям, номард! Кар будӣ, осиёбон «ин моли ту» гуфта даромада рафт?

– Агар даюс набошӣ, дар рӯзи равшан дурӯғ мегӯйӣ?! – кам наомад дувумӣ. – Магар кӯр будӣ, осиёбон ба дафтараш аломат гузошта, бо ишора ба ман гуфт, ки акнун навбати ту омад, метавонӣ ордата бардошта барӣ...

– Оре, оре, гуфт! Лекин гуфтанӣ набуд, ки орди мана барӣ! Камтар сабр кун, аз дӯл мефурояд, аз ҳама пеш ба ту медиҳад.

– Ба ман нася даркор нест! – гуфт марди дувумӣ бо арбада ва ногоҳ рақибашро сахт ба қафо тела дод. Аввалӣ ин зарбро интизор набуд магар, калавида ду-се қадам ба ақиб рафту базӯр худро сари по нигаҳ дошт. Дигар аз ғояти ғазаб рагу пояш барҷаста, хун ба рӯяш зад. Бо ҷаҳл ба пеш ҳамла кард ва кашидаю кушода мушти сахте ба сари дили ҳариф фуровард. Халтаи орди васат ба замин уфтод, ду мард даст ба гиребон шуданд.

Фаршед чун дид мардҳои даргиршуда ба сухану миёнҷигарии атрофиён таваҷҷуҳ намекунанд, давида ба дохил, ба коргоҳи осиёбон даромад. Ба маҳзи ин ки дари коргоҳро боз кард, сарусадои гӯшгири санги осиёб баланд шунида шуд. Ӯ дар назди дӯл марди қоқинаи миёнақадро, ки тамоми баданаш то пилкҳои чашму абрувонаш сап-сафед ба назар мерасид, дида дод зад:

– До Ҳамроҳ, зуд ба берун бароед, мардҳо гӯшти якдигара мехӯранд!

Осиёбон ӯро дида саъй кард аз садои сангҳо баландтар овоз барорад:

– Чи-й?

– Биёед, барои орд ҷанг мекунанд! – дубора бо овози баланд гуфт Фаршед ва як дастро алвонҷ дода осиёбонро ба сӯйи худ хонд.

«Бобои барфӣ» ба пеши Фаршед омад ва ба нигаронии ӯ эътино накарда якрост аз роҳрав ба самти дари рӯ ба рӯ гузашт, ки дар он ҷо гандумҳои расида ва орди омодакардаашро анбор мекард. Ӯ роҳравон гуфт:

– Орди шумоён дирӯз баромад, гирифта бар, писар, ба усто ҳам салом гӯй.

– До Ҳамроҳ, дар берун ду кас бар сари халтаи орде талош мекунанд, набароед, намешавад! – суханҳои ӯро ношунида гирифта гуфт Фаршед ва ҳамин ки дид осиёбон аз роҳ истод, пеш-пеш аз дари баромадгоҳ хориҷ шуд.

Ду марди даъвогар аз латукӯб бозистода буданд, росташ, онҳоро чанд кас сахт дошта меистоданд, вале ҳар ду ҳамоно сухани фаҳшу ҳақорат мегуфтанд. Осиёбон шигифтомез ба сухан омад:

– Чӣ гап шуд, Назар? Боз чӣ қилиқ кардӣ?

– Худат гуфтӣ, навбати туст, чаро ин махлуқ гунии[116] маро мегирад?

– Эй бародар, охир ман дӯла дар назар доштам! Камтар сабр кун, орди тура ҳам дар халта мегирам.

– Фақат кори ту ҳамин, моёна писанд намекунӣ, гандуми овардаамона аз ҳама охир орд мекунӣ, – бо овози кам, каме мулоим шуда гуфт марди даъвогар, ки ҳанӯз аз ғояти ғазаб дастонаш меларзиданд.

– Ношукрӣ накун, осиёб ба навбат аст! Ин бечора ғаллааша ду рӯз пештар аз ту супурда буд.

Назар қаҳр кард. Кулоҳи гирдаки намадии худро бо ҷаҳл ба зону зада ба самти дарвоза роҳ пеш гирифт ва чеҳраи маъюс ба худ гирифта гуфт:

– Ду рӯз боз бачаҳоям нон надоранд, аз ҷуворихурӣ шикамҳошон бод кард.

Як он ҷамъомадагон ғамгин шуданд. Осиёбон низ ба риққат омада гуфт:

– Ҳамин гап будаст, ба худам намегӯйӣ, додар? Исто, ман орд мебурорам!

---

[116] **Гунӣ** گونی – халта

– Даркор нест!

Бо дидани дилозурдагии ӯ Фаршед таҳаммулро аз даст дод. Давида пешашро гирифту илтиҷоомез гуфт:

– Додӣ, як лаҳза сабр кунед, орди моён дар халта аст, ман бароварда медиҳам.

– Не, намехоҳам, – марди якрав бештар аз ҳамдеҳагон хиҷолат кашида, дар назди осиёб монданӣ набуд, мехост чанд муддат аз назарҳо дур равад. Аммо Фаршед нагузошт, дубора хоҳиш кард:

– Камтар сабр кунед, ман аз анбор мебарорам, – ӯ ба осиёбон рӯ овард: – до Ҳамроҳ, орди мо кам нест?

– Не, дучоряк[117] бештар аст.

– Ҳеч гап не, ба ман изн диҳед, Назардодӣ беорд нараванд! – ӯ дартоз ба дохил рафт, аз пайи ӯ Шаҳром низ давида ба анбор даромад. Онҳо бо ишораи осиёбон халтаи орди худро аз ду гӯша гирифта ба берун бароварданд ва якрост ба самти дарвоза рафтанд, ки дар он ҷо марди «ҷанҷолӣ»-и ноумед банди харашро аз шохи тут мекушод...

***

Аз назаре, умри инсон хеле оҳиста мегузарад. Ҳар қадар мехоҳӣ зудтар нисфирӯз шаваду сарфи ноҳор кунӣ ва шом ояду ба хоби шаб тараддуд бубинӣ, аммо мисли ин ки ба пойи вақт вазнаҳоеро баста бошанд, рӯз аз ҷо намеҷунбад. Бо ин ҳол, табиати инсон на ҳар чиро пазиро аст. Аз сӯе бо тамоми вуҷуд мехоҳад гузашти айём дар дасташ бошад, лекин бечора аст. Ингор ҳар рӯзу ҳар соат чун тири туфанг мегузарад. Аслан пай намебарад, ки чӣ хел субҳ дамиду рӯз гузашт, ҳатто хӯроки дирӯз хӯрда дар хотир нест.

Шокирусто худро ба нодидагӣ мезад, дар назди ҳамсару бачаҳояш хешро бепарво нишон медод, вале набудани Фарҳод, худсарона ба Бухоро рахти сафар бастани ӯ дилу ҷигарашро чун фирчаи[118] симӣ мехарошид. Ҳарчанд тамоми рӯз ва то дерваќтиҳои шаб бо корҳои рӯзгору ҳунарҳои дастӣ машғул мешуду ҳушу хаёли худро осуда карданӣ мешуд, аммо нигарониаш аз писар беш аз пеш меафзуд. Инак, ҳафт рӯзи дигар ҳам гузашт, вале аз Фарҳод дараке нест, на худаш омаду на пайке[119] фиристод. Ба дили падар ғулғула уфтод. Ӯ пас аз таҳорат гирифтан барои намози шом, дастҳояшро поккунон ба хониоча медаромад, ки Фарзом бо ду сатил об аз самти боғ пайдо шуд. Беихтиёр сари ҷо истод ва андешаманд ба писар гуфт:

– Фарзомҷон, рост ба пеши Суҳробдодият рав. Агар вақташ ҳаст, гиру ба хона биё.

– Хуб шудаст! Ба харҳо ҷав медиҳаму меравам.

– Гӯй, ки саҳарӣ ба роҳ мебуромадаем, ба Бухоро.

Фарзом хурсанд шуда, беихтиёр гуфт:

---

117 **Дучоряк دوچهاریک** – 8 кг

118 **Фирча فرچه** – чӯтка

119 **Пайк پیک** – қосид, хабаррасон

– Ман ҳам меравам?

Шокирусто сари тасдиқ ба поён хам карда, барои адои намоз ба дохил даромад. Фарзом аз ин пайғоми падар хушҳол шуд, обҳояшро дар кунҷи даҳлез гузошта, аз пайи еми гӯшдарозон шитофт. Азбаски ба сайру сафар иштиёқи зиёд дошт ва пайваста ҳамроҳи амаки Содир ба рустою шаҳракҳои атроф барои савдогарӣ мерафт, дидани Бухорои шариф орзуи деринааш буд. Худаш намедонист барои чӣ, ба ин шаҳри овозадор ғоибона алоқаи вофир дошт. Ҳар гоҳ бо амаки савдогар ба шаҳри Дизак мерафт, ӯро ба ҷону ҳолаш намонда дар хусуси Самарқанд пурсуҷӯ мекард ва дар ҳини сафарҳояшон ба шаҳри Нур низ аз бобати Бухоро мепурсид. Амаки Содир қавл дода буд, ки ҳатман ҳарду шаҳрро тамошо хоҳад дод. Фарзом ба гуфтаҳои ӯ бовар мекард, зеро аз хурдӣ барояш дастёрикунон бо ҳамдигар унс гирифта буданд, мисли бародарони ҷонӣ чизеро аз якдигар пинҳон намекарданд. Ҳарчанд пас аз таҳсили ибтидоӣ дарсе нахонда буд, дар кори тиҷорат устухон надошт. Устодаш бештар аз чаку чона заданҳои ӯ ва маҳорати хосаш дар гузарондани мол ба харидорон хушаш меомад. Ба ғайр аз дастмузди ҳамешагӣ аз даромадҳояш низ ҳар гоҳи сафар подошие медод. Фарзом одате дошт, ки ягон бародараш он корро намекард. Аз чӣ бошад, ӯ каме ҳариси пулу мол буд ва бо ниятҳое ёфтаи худро захира мекард. Дар ёд дорад, боре чанд тангаи аз савдо даровардаро дар латтапорае печонида, дар ковокии васати вассаҳои айвон руст карданӣ шуд, ки модараш дида монд. Аз ин амалаш хиҷолат кашид. Аммо, модар худро нодида нишон дода, барояш як кӯзачаро дод ва гуфт: «Писарам, чи тангаю чи пул – ҳар чӣ ёбӣ дар ҳамин кӯза андохтан гир. Кӯзаро дар сандуқи ман гузор, касе даст намезанад».

Фарзом бо шитоб халтачаи ҷavro аз гӯшаи каҳдон ба китф гузошта, ба хархона гузашт. Баробари боз кардани дари тавила, ду гӯшдарози бетоқат сари ҷо нооромшуда, ҳиқ-ҳиққунон ба ҳангос даромаданд. Ҳамин ки ӯ дар лаганҳои назди харон аз халтачаи дасташ дукосаӣ ҷав андохт, ҳайвонҳо ором шуданд ва бо иштиҳо ба ҷавхӯрӣ сар карданд. Фарзом ба қафо гашт, халтачаи дасташро ба каҳдон набурда дар як гӯшаи хархона гузошт ва бо шитоб дари баромадро занҷиру зулфин карда, бо мақсади манзили Суҳробино ба роҳ даромад...

Он рӯз бо шунидани пайғоми шавҳар Маҳтоб шабошаб орд бехту хамир рост кард. Ҳам барои роҳи Фарзому Суҳроб ва ҳам ба ҷигарбандаш Фарҳод, ки маълум набуд чӣ рӯзҳоеро аз сар мегузаронад, нон пухт. Ниҳоят, ҳавлу илтиҳоби вуҷудаш каме коҳиш ёфт, баъд аз якравиҳои чандрӯза барои овардани писар қасд кардани шавҳарро дида, дилаш ором гирифт. Ӯ ва шавҳараш Шокирусто ба Суҳроб эътимод доштанд, медонистанд, ки ин ҷавонмарди неруманд дар чунин мавридҳо хеле фаъолу чашмикордон аст. Аз ӯ фақат паёмади некро метавон интизор шуд. Бо ин ҳол, Шокирусто таъкид кард, ки дар Нур аввал ба назди дӯсти баззозаш Баҳром раванд, агар тавонад ӯ низ ҳамроҳӣ кунад...

# 4. САФАРИ БУХОРО

## Шаҳри хароб

Вақт каме аз нисфирӯз мегузашт. Се савора бо чеҳраҳои гарду ғуборнишаста, ки маълум буд роҳи дуру дарозеро тай карда омадаанд, дар муқобили дарвозаи бузурги шаҳри куҳан қарор гирифтанд. Нурҳои чашмгири офтоб дуруст аз сӯрохҳои гултоҷи болосари дарвоза ба пешонӣ мезад. Аз савораи калонсол дида бештар ҳушу хаёли ду ҷавони ҳамроҳи ӯро убуҳати даромадгоҳ бо сутунҳои мудаввари оҷурии ду ҷониб, ҷо-ҷо равзанаҳои торик, равоқу пештоқ ва дарҳои болобаланди чӯбин рабуда буданд. Гарчи ин дарвоза яке аз вурудиҳои асосии шаҳр ба шумор мерафт, он лаҳза равуойи ончунони мусофирон ё аробаҳо ба чашм намехӯрд. Касоне, ки ба ду ҷониб тараддуд доштанд, гӯё ба дӯшашон санг бор кардаанд, вазнин қадам мебардоштанд. Як лингаи дарвоза боз буд, нигаҳбон надошт. Марди солманд чун одаме, ки аз хастагии зиёд сусту беҳол мешавад, оҳи вазнин аз сина баровард. Ӯ чанд муддат ба гулдастҳо ва деворҳои ду ҷониби дарвоза, ки ҳар ҷо-ҳар ҷо сӯрохшуда, гилу хокрехта, палосидаву лаҳида ба чашм мехӯрд, нигоҳҳое хира афканда истод.

– Қалъаи Бухорои азим дуда гирифтааст, шаҳр бесаробон менамояд, – гуфт ӯ бо сарбанди сапеде арақҳои сару рӯйи худро поккунон, – одамонаш ҳам мотамзадаанд.

– Воҳима карданд ҷангу кушокушӣ аст дар ин ҷо, аммо ба ғайр аз сукути ҷонгир чизи дигареро намебинам.

– Сукут паёмади даргириҳост, Суҳроб, шояд ҳамин дам ин гузарро ором гузоштаанд.

Савораи сеюм, ки бетоқатона лигоми аспашро сахт кашида меистод, ба сухан ҳамроҳ шуд:

– Баҳромака, ба дарун дароем, бубинед роҳравҳои дохил пур аз одам аст, – бо вуҷуди ҳама нооромиҳои замона ӯ беҳавсала мехост намою чеҳраи шаҳрро, ки дар зеҳнаш ба мисли як макони афсонавӣ мутаҷассим буд, тамошо кунад.

Ҳар се пасу пеш ба дохил даромаданд. Савораи калонсол – Баҳроми баззоз баробари дидани манзараи роҳгаштҳои шаҳр ба шигифт омад. Ҳар гоҳи сар халондан ба ин шаҳр нахустин чизҳое, ки таваҷҷуҳи ӯро ҷалб менамуданд, дастсохтҳои чӯбкорон, устоҳои дару тирезасоз ва рад-рад аробаҳои нави сохташуда буданд, ки онҳоро дар қисмати рост то ҷое, ки охираш дида намешуд, дарчида мемонданд. Вале ин бор аз он коргоҳҳо ному нишон набуд, дар ҷойи онҳо танҳо тӯдаҳои оҷуру чӯбу наю тунукаҳо ба назар мерасиду бас. Аз айвону пештахтаҳои дуредгарону пахтаҷаллобон низ на пай ҳасту на ҳайдар. Бо вуҷуди ин, ба чашми худ бовар накард, ки мардум ин ҳамаро нодида гирифтаанд. Камари онҳоро тохтутозҳои ахир нашикастааст, боз ҳам бо дастаҷамъӣ паҳлуи ҳам истода, чизучора ва ҳар гуна неъмати мазрааи худро

ба фурӯш баровардаанд. Бо ин ки сарусадои одамон мисли ҳарвақта набуд, бо якдигар додугирифт мекарданд, ба одамони атроф – чи худӣ буданду чи бегона, диққат надода, ашёи худро таоруф мекарданд, ё гирди ҳам ҷамъ шуда ба суҳбату гуфтугузор андармон мешуданд. Дар миёни савдогарон аз ҳама бештар харбузаю ангурфурӯшон бозори гарм доштанд. Баҳром бо ҳамраҳони худ аз миёни одамон гузаштаравон дид, ки каме даруntар дар зери соябоне чанд нафар мӯйсафед рӯйи кати чӯбин нишаста чой мехӯрданд ва чилим мекашиданд. Маълум буд, ки дар дили ҳангома ҳар як мизбону меҳмони равуокунандаро аз мадди назар мегузаронанд. Аз гӯшаи чашм ба онҳо нигоҳкунон Баҳром гуфт:

– Фарзомҷон, суханат рост баромад, шаҳр зинда аст, – ӯ ба кафали аспаш тозиёна зад ва мустақим ба самти мӯйсафедон роҳ пеш гирифт.

Одамони гирду атроф машғули кори худ ба касе таваҷҷуҳ намекарданд. Мӯйсафедони рӯйи кат бошанд, аз лаҳзаи пайдо шудан ду чашм ба се аспакии тозаомада дӯхта буданд. Барояшон ин манзара бештар ҷолиб менамуд. Баҳроми баззоз низ ба ҷуз онҳо дигар касеро барои пурсуҷӯ мутобиқ надида, рост ба назди соябон омаду аз асп пиёда шуд. Ӯ лаҷомро ба дасти Суҳроб дода, бо ду каф лабаҳои ҷомаашро афшонд, саллаашро ба тартиб даровард ва бо маънии «як лаҳза мунтазири ман бошед» ишора карда, бо виқор ба сӯйи соябон по гузошт.

– Ассалому алайкум! – бо садои гиро як даст ба рӯйи сина гузошта арз кард ӯ.

Мӯйсафедони ба рӯйи кат нишаста бо ҷунбонидани сарҳои салладори худ пасу пеш ҷавоб гардонданд:

– Ва-алайкум ассалом! – ва яке аз онҳо, ки зоҳиран солмандтар менамуд, саволомез афзуд: – Хуш омаданд, сафарҳо бахайр?!

– Аз кӯҳистони Нур меоем, бародар.

Мӯйсафеди дар пойгаҳ нишаста худро болотар кашиду бо ишора ба гӯшаи кат гуфт:

– Бишин, сари по рост наист.

– Лутф дорӣ, мамнунам, – изҳор кард Баҳроми баззоз ва поҳои худро овезон карда ба лаби кат нишаст ва суханашро идома дод: – Кори воҷибе пеш омаду ба роҳ баромадем. Дар тарафҳои мо ҳар гуна овоза паҳн шудааст, чӣ гап, Бухорои Шариф амну амон аст?

– Шаҳрамон хароб шуд, бародар, рӯзи маҳшар фаро расид. Ҳама ба ҷони якдигар дарафтидаанд, занозанӣ, тирандозӣ, хунрезӣ – ҳар чӣ гӯйӣ, ҳаст ин ҷо!

Баҳром нигоҳе ба сӯйи мардум афканда гуфт:

– Дар сурату дидагони одамон ин мотамро ҳис кардам, аммо фаъоланд...

– Рост, доду ситад доранд, – сухани меҳмонро аз даҳонаш гирифт мӯйсафеди калонсол, – вале ҳама дилхун ҳастанд. Чораи дигар нест, бечораҳо, он сӯ зери тиру гулӯла ҷон мебозанд, ин тараф барои рӯз гузарондан талош мекунанд.

– Шаҳр ноором аст?

– Ноороми̣ чи̣, месӯзад, ба ҷаҳаннам фурӯ меравад! Амири тарсу думашро хода карда гурехт, шаҳр бесоҳиб монд, куффори ҷоҳил шаҳрамонро аз байн бурданд! – бо воҳима ғазабомез дарди дил кард мӯйсафеди дар пойгаҳ нишаста ва барои меҳмон як пиёла чой гузаронд.

– Худо худаш дар паноҳаш нигаҳ дорад! Як гӯшвор шунидем, гуфтанд, булшевойҳо иморатро ба ларза овардаанд. Ба миллат ҷавр шуд.

– Наздики як моҳ мешавад аскаронашон аз пайи амиру одамонаш мегарданд, шаҳрамонро нобуд карданд, мардум бесарусомон аст, – дубора ба сухан даромад мӯйсафеди солманд, – хуб, гуфтӣ бо кори воҷибе омадем, чӣ аст, куҷо меравед?

– Даҳ рӯз пеш ду нафар додархондам барои аёдати дӯстонашон омада буданд. Мебоист то як ҳафта баргарданд, вале бедарак шуданд.

– Чӣ кораанд онҳо?

– Ҳар ду мадрасаро хондаанд, дӯстони шарикдарсашон гирифтори ин ҷангу талотум шудаанд...

– Эй Худо! – бо заҳр овоз баланд кард мӯйсафед. – Охир, кӣ гуфт бачаҳоро ба ҷаҳаннам фиристед?! Се рӯз боз пайравони амир имому хатибонро ба исён водор кардаанд, ҳама либосҳои кабуд пӯшида, парчами сабзи исломро бардошта, ба муқобили сурхҳо меҷанганд. Шунидем, сафашонро аз муллобачаҳо пур кардаанд. Э вой, ин чӣ бадбахтиҳоест, ки ба сари одамон меояд?!

Баҳроми баззозро ваҳм гирифт. Аз сарнавишти ду ҷавонмулло хеле нигарон шуд. Пиёлаи чояшро дар канори суфа гузошта, хомӯшу музтар саре ба сӯйи мӯйсафедон такон дод ва аз ҷо хест. Мӯйсафеди пойгаҳнишин тараддуди ногаҳонии ӯро дида гуфт:

– Бародар, эҳтиёт шавед, накунад ки ба доми ҷангараҳои амир ё сарбозони сурх афтед. Аз якдигар хунхортаранд, дар ҳама гузару кӯчаҳои шаҳр пеш омаданашон мумкин. Зинҳор ба тарафи Арк по наниҳед!

Баҳром дигар чизе нагуфта ба сӯйи ҳамраҳони худ омад. Як лаҳза хаёлашро гирдоби надомату пушаймонӣ фаро гирифт: «Агар аҳмақ набошам, наход бо дасти адаб ба ин дудгоҳ равона кунам? Онҳо ҷавон буданд, ту чӣ? Ақлу ҳушат дар куҷо буд? Афсӯс...» Дар ҳоле ки карахт ба атроф чашм медӯхт, Суҳроб ӯро ба худ овард:

– Чӣ хабар, додӣ, маъюс менамоед?

Баҳром чизе нагуфт. Хомӯш омада аз дасташ лигоми аспро гирифт, бо як ҷаҳиш ба он савор шуд. Дар даҳон об гирифтани ӯ ба Фарзом низ хуш наомад, бесаброна суол кард:

– Чӣ мегӯянд мӯйсафедон?

– Аз пода пеш чанг нахезонем, – ниҳоят ба сухан омад Баҳроми баззоз, – рафтем, ба хонаи Нодирошноям меравем, ӯ бояд аз ҳама чиз бохабар бошад.

Ба маҳзи ин ки Баҳром аспашро тозиёна зада ба пеш давонд, ҳамоно Суҳробу Фарзом низ аз дунболаш афтиданд. Noроҳатӣ ва шитобзадагии ӯро Суҳроб равшану возеҳ пай бурд, аспашро то ҳадди имкон наздиктар давонида пурсид:

– Оё ягон хабари нохуш шунидед?

– Не-е, феълан ҳеч чиз маълум нест.

– Пас, чаро ноором ед?

– Мегӯянд, муллобачаҳо исён бардоштаанд... – дубора қамчини муҳкаме ба сурини асп фуровард. Ӯ пешопеш ва ҳамсафаронаш қафо намонда, бо суръати бод роҳашонро идома доданд. Аз Дарвозаи Самарқанд ба самти мағриб дартоз шуданд, Баҳром мехост ҳарчи зуд худро ба гузари Искандархон расонад. Ин гузар дар бахши шимолии шаҳр воқеъ буд ва хонаи дӯсти тоҷираш низ дар нахустин хамгашти ҳамин гузар қарор дошт.

Маъмулан, ҳар гуна хабаре, ки табъи касро хира мекунаду аз оқибати наҳсе дарак медиҳад, нороҳаткунанда аст. Расондани чунин пайғомҳо мушкил нест, аммо шунавандааш то замоне, ки онро ҳазм мекунад ва дар мизони андеша бармекашад, чӣ дардҳоеро аз сар мегузаронад – танҳо ба Худо аён! Ба вижа, барои касе, ки бо умед азияти бедорхобӣ кашида, роҳи тӯлонии пасту баландро тай карда, бо сад ранҷ то манзили мурод мерасаду ногоҳ пешомади дилхарошеро мувоҷеҳ меояд, пазируфтани чунин ҳол сахт аст. Баҳром бо шунидани хабари охири мизбонон хеле дилтанг шуд, то ҷое худро аз даст дода, нафаҳмид чӣ гуна рафтор мекунад. Баробари расидан ба сари кӯчаи Нодирино беихтиёр лаҷоми аспашро сахт ба сӯйи худ кашид. Чун ҳамраҳонаш низ гарду хоки заминро ба осмон бардошта асп меронданд, ӯ дасти чапашро боло карду онҳоро ба оҳиста рондан фаро хонд ва ишора кард, ки ба бехи девори канори кӯча зичтар шаванд.

– Одамҳои шубҳанок менамоянд, як дам истед, – гуфт ӯ чашм аз дарвозаи ҳавлии Нодир наканда, ки шояд бист-сӣ қадам байнашон фосила буд.

Суҳробу Фарзом низ ба он сӯй дида дӯхтанд. Чанд нафар марди камзӯлу абопӯш, ки ҳамаашон ба ҷойи салла кулоҳҳои аҷибу ғариберо ба сар карда буданд, аз дар берун омада, бо сарҳои хам ба тарафи шаҳр раҳсипор шуданд. Пас аз нопадид гардидани онҳо Баҳроми баззоз ихтиёри аспи нороҳатро ба поҳояш гузошт. Ҳамин ки дар назди дарвозаи дулингаи болобаланд таваққуф карданд, ба Суҳроб рӯ оварда гуфт:

– Додар, гузару шақилдоқи дарро кӯб.

– Фикр мекунед баста аст?

– Агар кушода бошад ба дохил даро, Нодири карбосӣ дар мағзи хона менишинад, омадани маро хабар деҳ.

Суҳроб ба аломати қабул сар такон доду ҷаҳида аз асп фуромад ва наздик омада як табақи дарвозаро ба дарун тела дод. Дар боз буд. Онро аз дарун баста, тез қадамзанон бо пайроҳаи канори ҳавлӣ ба самти хонаи тоҷир роҳ пеш гирифт. Каме пештар меҳмонони худро гусел карда, ҳанӯз дар даҳлез буд магар, соҳиби хона дар назди остона рӯ ба рӯйи ӯ пайдо шуд. Баробари дидани Суҳроб бо садои гиро ба сухан омад:

– Биё, ҷавон, чизе ниёз доштӣ?

– Не-е, – каме саросема шуда гуфт Суҳроб, – Баҳромдодӣ бо шумо кор доранд!

– Кадом Баҳром?

– Дӯсти нуриатон, Баҳроми баззоз.

– Чӣ?! – чашмони Нодир ало шуданд. – Бо кадом шамолҳо, чӣ хел моро ёд кард? – ӯ бетоқатона бо Суҳроб бағал кушода вохӯрӣ карду билофосила ба тарафи дарвоза шитофт.

Ба шаст давида ба сӯйи дарвоза рафтани Нодири карбосӣ Суҳробро ба ҳайрат овард. Ҳеч гумон намекард, ки онҳо бо якдигар ин қадар дӯсти қарин ҳастанд. Исмашро шунидаю нашунида ба берун худро андохтани тоҷир аз самимияти бепоёне дарак медод. Ба маҳзи боз шудани лингаи дарвоза ду нафар ошнои ба дида зор ҳамдигарро ба оғӯш кашиданд.

– Хеле ёд карда будам, дӯстам, – Баҳромро аз каш раҳо накарда гуфт Нодир, – ин рӯзҳои ахир худам ҳам мехостам ба ту қосид фиристам, хуб шуд, ки бо пойи худ омадӣ.

– Рости гап, ман ҳам пазмон шудам. Бо шунидани талотумҳои ахири шаҳратон шабу рӯз бо ёди шумоён мижа таҳ накардаам.

– Мо-ку рӯзамонро мегузаронем, ба мардуми бечора мушкил шуд, рӯзашон сиёҳ гардид. – Нодири карбосӣ ҳамраҳу аспони ошнояшро дар беруни дарвоза дида яке ба худ омад: – Эҳ, чи кор мекунам, биёед, ҳама ба дохил дароед-чи, биёед, – ӯ ба китфи дӯсташ оҳиста тап-тап зада даст аз ӯ бардошт ва лингаи дуюми дарвозаро низ калон боз кард.

Аз лигоми аспҳо дошта, пасу пеш ба ҳавлӣ даровартанд ва бо ҳидояти Нодир ба самти рост, ба тавилае, ки қисми пешаш куллан боз буд ва як тарафи сақфи шебдор ба рӯйи се сутун мехобид, бурданд. Суҳроб дарвозаро дубора баст. Ҳама бо хушҳолӣ аз муомилаи Нодири карбосӣ, ки аз хурсандӣ чеҳрааш шукуфтаву бо суханҳои хуш беист таоруф мекард, ба дохил даромаданд. Ба хонаи пазирой гузашта истода, Нодир ба ҳамсараш дастури чою ғизоро дод. Ӯ дасти Баҳроми баззозро раҳо накарда, бо шӯру ҳаяҷон гап мезад. Ба назар мерасид, ки пас аз муштоқиву вохӯрии деринтизор дилаш барои дӯсташ хеле танг шудааст.

– Дигар он оромии пештара нест, намедонӣ ба кӣ бовар кунию аз пайи кӣ равӣ, – бо хурӯш мегуфт ӯ, – пешаи мо, ки савдогарист, ҳам бой меояду ҳам камбағал, ҳам шиносу ҳам ношинос. Маҷбурем, ба доди ҳар кас расем. Аҷибаш ин ки вақтҳои охир ба инқилобиён низ хидмат мекунем, аз тариқи онҳо ба сурхҳо ҳам либосворӣ медиҳам.

Баҳроми баззоз бо ишораи дӯсташ ба пешгаҳ гузашт, аз дунболаш Суҳробу Фарзом низ ба даври хон нишастанд. Ӯ сухани Нодирро бурида гуфт:

– Пештар онҳоро гусел кардӣ?

– Дидед?

– Чанд нафар бо сарулибоси ғайримаъмулӣ баромаданд, дар дасти ҳар яке кӯлбору бӯғчае буд.

– Оре, читу карбосҳои ҷамъкардаамро яклухт бо худ бурданд. Ҷавонбухориҳоянд онҳо...

– Ҳамонҳое, ки дар Туркия хонда омадаанд?

– На худи онҳо, шогирдонашон. Ин ҷо мактабҳои махфӣ доранд, маҳфилу ҷаласаҳояшон пинҳонӣ мегузарад. Бештар барои сурхҳо ҷосусӣ мекунанд. Ба гуфтаи худашон, акнун камунист шудаанд.

– Пас, инҳо шӯри иморатро хушк карданд?!

– Ҳамин тавр, мехостанд мардумро шӯронанд, аммо нашуд. Бо вуҷуди ин, куффор зӯрӣ кард, лашкари амир муқобилат накарда пароканда шуд.

Дар миёни суҳбат Фарзом дасторхони нон ва чойники чою пиёлаҳои аз дар даруntар гузоштаи кадбонуро гирифта ба рӯйи хон гузошт. Бо ишораи Суҳроб чойи дамкардаро гардон карда, дар пиёлаҳо рехт ва ба ҳамнишастон дароз кард.

– Каму беш шунидем, фирор кардани амирро ҳам, – дар тақвияти сухани соҳибхона гуфт Баҳроми баззоз, – Худоро шукр, гузарҳои шумо осуда аст, зану бачаҳо хуб ҳастанд?

– Ташаккур, ҳама сари ҳол гаштаем, лекин ҷанги сахт шуд. Бештар Арку атрофи онро хароб карданд лаънатиҳо. Бухоро дар таърихи худ ин қадар хароб нашудааст, хеле ҷоҳоро ба хок яксон карданд. Ҳатто бо ҳавопаймо бумб андохтанд ба шаҳрамон.

Ҳар се бо аломати афсӯс сар такон доданд. Суҳроб ба суҳбат ҳамроҳ шуда, мисли рафиқони савдогар бо адаб ба сухан ҳамроҳ шуд:

– Ҳеч бовари кас намеояд, ки амир бо он ҳама азаматаш муқобилат накардааст. Инҳо, ба гумонам, фақат дар боҷу хироҷ ситондану хуни мардумро макидан усто будаанд.

– Омад-омади сурхҳоро медонист амир, лекин чорае наандешид. Албатта, бо сенздаҳ ҳазор сарбози бенизому туфангу тӯпҳои пилтаӣ ва камонҳои бобоӣ чӣ ҳам мекард?! Ҳанӯз дар нахустин рӯзи ҳамла аз ҷониби деҳоти гирду атроф Бухорои куҳан дар зери дуду оташ монд. Лашкари душман субҳи барвақт аз дарвозаи Қаршӣ вориди шаҳр шуд ва пас аз ҷангҳои кӯчагии пароканда ҳанӯз шом надаромада шаҳрро гирифт.

– Гуфтанд, ҳамон шаб амир фирор кардааст.

– Бале, бо ҳазор сарбоз аз ҳамин кӯчаҳои мо гузашта ба тарафи Ғиҷдувон рафта буд, аз он ҷо ба сӯйи Душанбе. Рӯзи дигар ба болои Регистон парчами сурхҳо афрошта шуд, – Нодир як лаҳза хомӯш монд, оҳи чуқур кашида афзуд: – Бадии кор дар ин, ки мардуми бегуноҳ ба қатл расид. Ҷасади кушташудагон ба дараҷае бисёр буд, ки ба бурда гӯр кардан вақт камӣ мекард. Бар замми ин, як сӯ забонаи дуду оташ баланд мешуд, ҷониби дигар Аркро ғорат мекарданд ва дар ҳама кӯчаю паскӯчаҳо, масҷиду мадрасаҳо, тоқу корвонсарою бозорҳо давутози беназму таваккули одамон, зӯроварию гирогирӣ идома меёфт. Толеи бад пеш омад, дӯстам, рӯзамон сиёҳ шуд...

Сукути ба миён омадаро Фарзом халалдор кард:

– Амак, ҳавопаймо гуфтед, чӣ хела будааст, дар осмон мепарид?

Содагии ӯ аҳли нишастро ба ханда водор кард.

– Албатта, дар осмон мепарид, – худро дарҳол ҷиддӣ гирифта гуфт Нодири карбосӣ, – мо бошем, ҳама аз тарс дар кунҷи хона менишастем, садои гӯшгир доштанд ун мутурҳои паррон. Баъдан фаҳмидем, ки ба ғайр аз Арку

атрофи он масҷиду Манори калон ва ҳар ҷоеро, ки бӯйи амирро доштааст, бумбборон кардаанд. Меҳмонхонаи Раҳимхонии Арк билкул ба хок яксон шуд. Ёздаҳ ҳавопаймо ҳафтоду нуҳ бор парвоз карда чандин бумб ва ҳамзамон даста-даста коғазҳои ташвиқотӣ партофтаанд. Ун ҳама гулдурросу овозҳои ваҳмангез ҳанӯз дар пушти гӯшҳоям садо медиҳад. Имрӯз ҷавонбухориён мегуфтанд, сурхҳо аз сари сию чор гузар об рехтаанд, бештар аз ҳазор хона вайрону валангор шудааст. Аскаронашон сарвати боқимондаи хазинаи амирро аз таҳхонаҳои Арк ба ғанимат бурдаанд.

– Худо гирад ин мустабидонро! – бо ҷаҳл овоз баровард Баҳроми баззоз. – Боз мегӯянд, гӯё озодию баробарӣ меовардаанд онҳо, хок бар сарашон!

Ҳама як лаҳза малул нишастанд. Ба хотири рафъи нороҳатӣ, бо алоқамандӣ ба сухани охири соҳибхона Фарзом пурсид:

– Ҷавонбухориён чӣ кораанд дар асл?

Нодири карбосӣ риши мошубиринҷи худро хилол карда, андешаманд гуфт:

– Рости гап, сиёсати замонаро хуб намефаҳмам, аммо ин ҷавонон дар ҳарҷу марҷи имрӯза хеле даст доранд, ба гумонам. Хурду калонаш чусту чолоканд, хушзеҳнанд, натарсида ба ҳар як воқеа баҳо медиҳанд. То ҷое дарк кардам, ки барои омадани аксариюн[120] инҳо роҳ кушодаанд, аз сохтори иморат[121] хеле мутанаффиранд. Вале ба сурхҳо низ он қадар вафодор наменамоянд, ба халқи маҳаллӣ сахт умед бастаанд, аз пайи чӣ гуна низоме ҳастанд, ҳеч сар дарнаовардам...

Садои кадбону риштаи суханро барканд. Ӯ бо як лаълӣ, ки рӯяш чаҳор коса ба назар мерасид, дар дами дар пайдо шуд. Фарзом ҷаста аз ҷо хест ва косаҳоро гирифта ба рӯйи дасторхон гузошт. Нодири карбосӣ ғизои овардаи ҳамсарашро таоруфкунон гуфт:

– Ками моро ба ҷойи бисёр бинед, дӯстам, ҳоло аз ин хӯроки саридастӣ тановул кунед, баъд як гап мешавад.

Баҳроми баззоз мошобаи косаашро беихтиёр бо қошуқ кофта, барои аз хиҷолат раҳо кардани дӯсташ бо мулоимат арз кард:

– Мо шармандаем, меҳмони нохонда шудем. Аз ин зиёдтар намешавад, дигар заҳмат накаш!

– Не-е, чиҳо мегӯйӣ?! Оё ту ҳар рӯз меойӣ, ки бароям заҳмат шавад? Дӯстам бошӣ, ба ман ҳам изн бидеҳ, ҳадди ақал як бор мисли ту меҳмондорӣ кунам, – соҳибхона ба ғизохӯрӣ муроот намуда бо дили соф афзуд: – Як барра дорам, ҳамонро сар мезанем.

– Вақти зиёфат нест, дӯстам, ту аз ин ҳам кори воҷибтаре дорӣ.

– Корро ҳам анҷом медиҳем, зиёфатро ҳам! – бо якравӣ афзуд соҳибхона.

Баҳроми баззоз симои ҷиддӣ гирифт, росту пӯстканда сухани дилашро гуфт:

---

120 **Аксариюн اکثریون** – болшевикҳо

121 **Иморат امارت** – манзур Иморат (аморат)-и Бухоро аст

– Аз дӯстонамон ду нафар дар Бухороянд, эҳтимол дорад асири сурхҳо шуда бошанд. Шунидем муллобачаҳо исён бардоштаанд, онҳо низ аз шогирдони босадоқати мадрасаанд.

Нодири карбосӣ нобоварона пурсид:

– Кӣ гуфт асир уфтодаанд?

– Аз гуфтаи мӯйсафедони дами Дарвозаи Самарқанд худам тахмин мекунам. Аз лаҳзае, ки дар хусуси исён шунидам, диламро гӯё гургон тала мекунанд.

– Ба пеши кӣ омада буданд?

Фарзом ба суҳбат ҳамроҳ шуд:

– Аз ҳамсабақонашон Илҳому Навшод ба ҳалокат расидаанд, Барзу зинда будааст.

– Дар кадом мадраса мехонданд?

– Хоҷа Порсо.

Яке чашмони Нодири карбосӣ дурахшиданд, ӯ бо хушҳолӣ гуфт:

– Кӯйи Деҳқон он қадар ҳам зиён надидааст, бародарон! Мадрасаи Хоҷа Порсо дар он гузар аст ва шунида будам, ки ҳуҷраҳояш пур аз муллобачаю мусофир шудааст. Нигарон набошед, дӯстонатонро ҳатман сиҳату саломат меёбем!

Бо ин сухан чеҳраи ҳар се боз шуд. Баҳроми баззоз бо нигоҳҳои умедвор гуфт:

– Худо кунад, гапат рост бароянд, дӯстам...

Пас аз ноҳори мухтасар аввал Баҳроми баззоз ва аз пайи ӯ Суҳробу Фарзом низ сар ба болин гузошта, дар ҷойҳои худ дароз кашиданд. Роҳи дуру лӯк-лӯки асп ҳар серо лакоту хаста карда буд. Ҳарчанд майли хоб рафтан надоштанд, ғайри ихтиёр пилкҳои чашмони карахтшуда ором сари ҷо беҳаракат монданд, аз фарти бедармонӣ дастҳо ба канор лағжида, нафаскашиҳо сусттар шуд ва кам-кам садои хуру пуф баланд гардид. Соҳибхона меҳмонони ба ғанаб рафтаро ба ҳоли худ гузошта, бо дарки заҳмати рӯзона ва мазияти истироҳат, оҳиста баланд шуду ба берун баромад.

Нодири карбосӣ ба аспони тавила обу дона дод ва ба писари хурдиаш Шаҳриёри дастёр фармуд, ки барраи бониро аз молхона берун оварад. Фурсатро ғанимат шумурда, фавран ба ҳалол кардани чорпо дасту остин барзад. Нағз медонист, ки дӯсти нуриаш ба маҳзи бедор шудан аз пайи кори худ меравад, дар як ҷо дасту по ҷамъ карда нишастанро бад мебинад. Ин дафъа ошнояш аз Нур дасти холӣ меомад, маълум ки ташвише ба сар дорад. Мисли ин ки худро дар бедарак шудани додархондҳояш гунаҳкор медонад. «Бачаҳои хурд-ку нестанд, албатта, пайдо мешаванд!», зери лаб худ ба худ гапзанон соҳибхона ба забҳи барра пардохт...

...Лаб-лаби наҳр ба самти ҷараёни об бо шитоб қадам мезад. Шамоли серун сару рӯяшро лесида мегузашт. Баробари ӯ дар сатҳи мавҷи об як тӯда мурғобӣ ғав-ғавкунон шино мекарданд. Дар он бари наҳр низ ҳампойи ӯву мурғҳои рӯйи об ҷавоне бо суръат қадам мебардошт. Ҳарчанд миёни ҳавои меҳолуд шабеҳи хӯсае метофт, аҳёнан сурати гарму ошнои ӯ равшан дида

мешуд. Ба зеҳни худ фишор оварда ӯро шинохт: Фарҳод аст! Эҳ, додарам, чаро танҳой? Чӣ гуна ба он сӯй гузаштӣ? Охир, он тараф яксара найзору заминҳои гандоб аст, ба куҷо шитоб дорӣ?.. Тезтар қадам зад. Дар мувозои ӯ мурғобиҳо ва ҷавон низ ба суръати худ афзуданд. Чӣ бояд кард? Ҳар қадар пеш равад, об онҳоро аз ҳам ҷудо нигаҳ медорад. Вай-ку аз пайроҳа медавад, аммо Фарҳод таваккул, аз бероҳа. Ӯро чӣ хел нигаҳ дорад, садояшро чӣ гуна ба он соҳил расонад? Фарҳод, додарҷон!! Не, овозаш аз гулу набаромада дар мушти боди серун хафа мешавад. Ба мисли мурғобиҳо, ҷавон низ ба сӯяш ҳатто нимнигоҳе намеафканад. Чӣ кунад, чӣ гуна ҷилави додарро бигирад, ки ба қаъри найзори ботлоқӣ науфтад. Худро ноилоҷ дида, бо тамоми неру ба дав гузашт. Аз ниҳояти шамоли сард чашмонаш ба сӯзиш даромаданд, ба рӯйи гунаҳояш ашк ҷорӣ шуд, ҳис кард, ки тамоми баданаш арақшор шудааст. Ногаҳон дар пешорӯй дарахти бузурги сершохубаргеро дида монд, ки кӯндаланг ба болои наҳр уфтода буд. Бо шӯру ҳаяҷоне, ки филфавр тамоми тану пайкарашро фаро гирифт, гулу дарронда овоз дод: «Фарҳод! Исто, надав! Ба чап гард, ба дарахт часп!»... Аммо, ғафлатан худаш ба кундае пешпо хӯрд, се-чор бор ғел заду бо ҳавлу ҳарос аз шоху шаббаҳои сари роҳ дошта сар бардошт. Фарҳод гӯё аз зери дарахт ба соҳили ӯ мегузашт, бо пою даст ба шохаҳо овезон шуда, пушт ба обу рӯ ба осмон саъй мекард. Дар миёнҷойи об, дуруст дар зери дарахти кӯндаланг тӯдаи мурғобӣ гирд омада, перомуни Фарҳод бо ғав-ғуви беохир сарусадо роҳ андохтанд. Аз як сӯ, эҳтимоли ба об сарозер афтидани ҷавон ва аз ҷониби дигар, ғалоғулаи гӯшгир вуҷуди ӯро ба раъша овард. Дубора аз мағзи ҷон овоз баровард: «Фарҳод!!» Бо ҳавли ҷон барои ба пеш хазидан ду даст ба замин зад. Дар ҳамин ҷо дарди шадидеро ҳис кард, ҷонкоҳона чашм кушод...

Баҳроми баззоз ба худ омад. Дар хонаи ниматорик Суҳробу Фарзом ба ду самт дароз кашида, бехабар аз талвосаҳои ӯ масти хоб буданд. Кафи дасту ангуштонаш лаввас зада месӯхтанд, аз ғояти хоббинӣ надонист дасташро ба девор зад ё ба лаби чӯбини токчаи пушти сар. Хоби дидаашро аранг аз мадди назар гузаронд, оҳиста зери лаб «астағфируллоҳа ва утубу илайҳи» (أَسْتَغْفِرُ اللّٰهَ وَ أَتُوبُ إِلَيْهِ) гуфту гиребонашро дошта каме ба пеш кашид ва туф-туф карда монд. Панҷаҳояшро ба ҳам часпонида зери манаҳ ҳачча кард, бо чашмони нимапӯш лаҳзае дам дар дарун нишаст. Вале ҳанӯз ба жарфи хаёл нарафта буд, ки ногоҳ аз сӯйи ҳавлӣ садои ҳангоси хар баланд шуд, як қад парид. Бар замми ар-ари хар қуттосзании берабти мурғон хомӯшии дар миён бударо барҳам дод. Баҳром сар аз хаёл бардошт, яке парида аз ҷо хест. «Худоё, ин беғамиро бубин! – бо заҳр худро маломат карда гуфт ӯ. – Фарҳод бо ҷонаш талвоса мекунаду мо ин ҷо паҳлу зада ба хоб рафтаем!» Давида ба берун баромад.

Нодири карбосӣ остинҳояшро ба боло бар зада, гӯшти тозаи барраро сила мекард. Шаҳриёр дар гирду бараш ба ӯ ёрӣ мерасонд. Аз деги оташдони танӯрхона ғубори ғизо баромада меистод, бӯйи каллаю поча фазои ҳавлиро фаро гирифта буд. Ҳамсари савдогар дар танӯрхона ҷунбуҷӯл дошт. Вай дар деги хурдаки дигаре низ хӯроки саридастӣ мепухт магар, ҷиз-ҷиз садои бирёншавии пиёзу гӯшт баланд мешуд. Баҳром заҳматҳои дӯсташу оилаашро дида бо лаҳни норизо арз кард:

– Эҳ, ошно, то хостаи дилатро накунӣ ором намешинӣ-а?! Чӣ лозим буд ин ҳама тақутуқ? Бо ин ҳама мушкилоти замона ту боз ҳам ҳавои моро дорӣ.

Нодири карбосӣ бо шунидани овози дӯсташ сар бардошта гуфт:

– Ман ки коре накардаам?! Мушкилоти замона бо худаш, ба мо чӣ? Худо хоҳад, кори моро ҳеч кас аз дастамон намегирад.

– Ба ту бовар дорам, гуфтаниам, ки вақти мо зиқ аст, ошно.

– Имрӯз як давр зада меоем, албатта. Келинат аз ҷигару гурдаи барра қайлача мепазад, тахтӯл мекунему ба роҳ мебароем.

– Қатори ман бачаҳо ҳам хоб мондаанд. Онҳоро бо худамон мебарем?

– Суҳробро барем шуд, Фарзом чӣ кор мекунад? Ӯ бо Шаҳриёр мемонад.

– Хеле хуб, ҳозир Суҳробро бедор мекунам, – гуфт Баҳром ва ба самти дастшӯйӣ роҳ пеш гирифт.

Нодири карбосӣ бо лабханд сар ҷунбонда ба кораш идома дод...

***

Кӯчаҳои Бухоро аз миёни хонаҳои пасту баланди гилин, ки қариб ҳама яксохт буданд, дарун ба дарун идома ёфта, тамоми гузарҳоро ба ҳам мепайвастанд. Бар замми чорроҳаҳо аз ҳар маҳал тангкӯчаҳо берун омада ба роҳи асосӣ васл мешуданд, ки дар кул ҳама пайвастагиҳо аз диди боло ба сони торҳои тортанак намо боз мекарданд. Мустақим тӯл кашидани ҷодаҳо, обравҳои ду канори роҳ, ҳадди аксар дар як рад ба назар бархӯрдани хонаҳо тафовути асосии ин шаҳри қадима аз деҳот буд. Ба ин фазо, бо вуҷуди ин ки аз ҷонибҳои номаълум сарусадоҳое шунида мешуд, овозхонии мураттаби мурғон ва шивир-шивири дарахтони деҳот намерасид. Ҳатто қуққасзании мурғону ҳангоси маркабҳо низ нисбатан хушку дурушт ба гӯшҳо менишаст.

Нодири карбосӣ ҳамраҳони худ Баҳроми баззоз ва Суҳробро ба хотири эҳтиёт дар кӯчаҳои дарун ба даруни гузарҳо роҳбаладӣ карда, маслиҳат дод, ки пеш аз ба мадрасаи Хоҷа Порсо рафтан аввал наздиктар ба майдонҳои марказии шаҳр рафта, бо вазъи гирумон ва нафасгирии шаҳриён огоҳ шаванд. Бино ба гуфтаи ҷавонбухориён, муллобачаҳо ҳанӯз ба эътисоби худ хотима надода буданд. Бо ин ки паси ҳам дӯстонашон қатлу зиндонӣ шудаанд, ғоратгарӣ ва харобиҳои ахир, поймол шудани суннатҳои исломӣ, бархӯрдҳои ноҷавонмардонаи куффори тозаомада онҳоро ором накардааст. Ҳарчанд гумоштаҳои низоми амирӣ ба навъе хуни онҳоро мемакиданд ва соҳибони мадрасаҳо то охирин сиккаи ҷайбашонро меситонданд, ба хотири ду-се калом омӯхтан ва домулло шудан ба ҳар гуна тазйиқ тоб меоварданд. Эътиқоди баланд ба мусалмонӣ ва аҳкоми шариат онҳоро ба ҳар гуна таҳаммул водор мекард. Бо вуҷуди ин, вақте ки диданд, сурхҳо беҳтарин намодини дунёи имону ниёишро харобу зери пой мекунанд, сабр аз дасташон даррафт. Бо андак ишораи уламо либоси исён ба бар намуда, бо теғу туфанг ба по хестанд...

Дар сару буни кӯчаҳои гузарҳо равуои одамон кам дида мешуд. Аксари роҳгузарон худро дар фаранҷию либосҳои дароз печонида, бо эҳсоси хатар ва тарсу бим тез гузашта мерафтанд. Танҳо касоне, ки ба мусофирҳои нав наздик

шуда изҳори «муҳаббат» мекарданд, ҳар ҷо ҳар ҷо мардони дарвешмаоби кӯлбору кашкӯлбадаст ва зану кӯдакони жандапӯши абгор буданд. Онҳо назру садақа металабиданд. Вале, ҳарчи беш ба майдонҳои маркази шаҳр дарунтар мерафтанд, тараддуди равуокунандагон зиёд мешуд. Дар ин бахши шаҳр Баҳрому Суҳробро на деворҳои афтидаву бомҳои сӯрохшуда, роҳҳои касифу муҳити бесару сомон, дӯконҳои нимавайрони дарбаста, аробакашону харсаворони ба ҳарос омада, балки чанд гурӯҳ одамони серҳаракат, ки ғиреву ғалоғула роҳ андохта ба ҳар сӯ давутоз мекарданд ва қиёфаҳои «аҷибу ғариб» доштанд, ба шигифт овард. Азбаски ҳар ду фақат ба саллаю ҷомаю шалворҳои суннатӣ одат карда буданд, дар чашм тофтани мардони куллан яксон пӯшидаи ҳарбинамо ҳайратовар менамуд. Кулоҳи лабадор бо ситораи сурх, камзӯлҳои дарози аз миёну дӯш бо тасма басташуда, шалворҳои часпида ва мӯзаҳои соқбаланди онҳо аз бегона буданашон дарак медод. Ҳар яке ба китф туфанги теғдореро овехта мерафт, роҳгардиашон ҳам ба навъи дигар буд, гӯё бо қадаммонӣ мӯзаҳояшон заминро сӯрох мекарданд. Баробари расидан ба пойгаҳи мадрасаи Улуғбек, Нодири карбосӣ ҳамраҳони худро ба истодан водор намуда, бо ишора ба як гурӯҳ сарбози мусаллаҳ, ки чанги кӯчаро ба осмон бардошта, давида ба самти Тоқи Заргарон гузашта рафтанд, гуфт:

– Аскарони сурх ана ҳаминҳоянд! Муштзӯрон шаҳрамонро таҳи даст кардаанд, касе нест, ки пишакашонро пишт гӯяд.

Суҳробро об аз даҳон омад:

– Хеле бо низом будаанд, гӯё ҳама бо як по медаванд.

– Маълум, ки дарсҳои ҳарбӣ хондаанд, бубин чи қадр савлати ҷанговарона доранд, – илова кард Баҳроми баззоз.

Нодири карбосӣ гуфт:

– Ин нуфузу тавоноӣ буда, ки лашкари бесару соҳиби амирамонро дар як нафас аз байн бурданд. Як рӯз наҷангида амиру гумоштаҳояш ҷони худро аз ҷанггоҳ раҳонда фирор карданд. Аз як сӯ туфангу тӯпандозиҳо ва аз ҷониби дигар ҳам бумбандозии инҳо захраи ҳамаро кафонд, Бухоро миёни дуду оташ монд.

Баробари нопадид шудани дастаҳои сурх Нодир пеш-пеш ба роҳ даромада, дӯстонашро аз бағали чапи Тоқи Заргарон гузаронд, мехост онҳоро бо ҳолати Масҷиди Калон ва мадрасаи Мири Араб ошно кунад. Аммо ҳанӯз ба пойи девори мудаввари як гӯшаи масҷид нарасида, садои ҳаёҳуйи бепоёне аз самти ҳавлии кушоди мадраса баланд шуд. Ғайримунтазира, дидаҳо ба як тӯдаи салладору ҷомаи кабудпӯш уфтод, ки бо ғирев ба самти рост печида ба кӯчаи васеъ ҷамъ меомаданд. Ҳар яке камарашро бо миёнбанди нилиранг баста буд, ҳама дар даст аз калтаку чӯбдаст гирифта то досу теғу туфанг – ҳар чи мехоҳӣ, дошт. Онҳоро дида Нодири карбосӣ дасту по гум кард, ҳамраҳонаш ба шигифт омаданд.

– Эҳ, Худоҷон, ин муллобчаҳо ҳанӯз аз даргирӣ даст накашидаанд, – бо таассуф гуфт ӯ, – дубора худро ба дами теғу оташи тӯп андохтаниананд.

Баҳроми баззоз низ ҳайратомез пурсид:

– Ба куҷо шитоб доранд?

– Намебинӣ, аз паси сарбозони сурх ба роҳ баромадаанд, ба Арк мераванд.

– Хеле аҷиб, либоси ҳамаашон яксон аст. Ин чӣ сирре дорад? – шигифтзада суол кард Суҳроб.

– Ин кори уламост, додарам! Эътирози худро бо ранги кабуд баён мекунанд, шогирдони вафодорашон ҳам сарсупурдаи онҳоянд.

Ногаҳон чашмони Суҳроб, гӯё аз ҳадақа мебаромаданд, калон боз шуда рафт. Ӯ ба дидаҳои худ бовар накарда, бо диққати бештар ба як тан муллобачае, ки дар каф чӯбдасти дарозе дошт ва аз паси тӯдаи номуназзам медавид, зеҳн монд. Ӯро шинохт! Бо ҳаяҷон садо баланд кард:

– Мулло Фарҳод! Додӣ, бубинед, мулло ҳам бо ин тӯда аст!

Ҳамзамон бо ӯ Баҳрому Нодир ҳам бесаранҷом шуданд. Барояшон ин хабар дур аз интизор буд, ҳар ду осемасар ба гурӯҳи исёнгар, ки бо ғирев аз мадраса торафт дуртар мешуданд, диққат доданд. Агарчи Фарҳодро дар миёни муллобачаҳо равшан дида натавонист, Баҳроми баззоз бо қатъият гуфт:

– Шумо аз ҷо наҷунбида, дур нарафта мунтазир бимонед. Ман мераваму худамро ба тӯда мезанам, ҳар чи бодо, бод! Мулло Фарҳодро дошта бо худам меоварам.

Нодири карбосӣ дар анг монд. Як лаҳза надонист чи кор кунаду чи гӯяд. Дар айни ҳол як чиз барояш маълум буд, ки раъйи муллобачаҳои ба шӯр омадаро шикастан кори осон нест. Онҳо касоне ҳастанд, ки сарашонро дар роҳи ҷанги муқаддас ба тиру теғ мезананд, лекин ба пас намегарданд. Ӯ ҳанӯз чизе нагуфта, Суҳроб аз оринҷи Баҳроми баззоз нигаҳ дошту арз кард:

– Не, додӣ, инро ба ман гузоред! Магар мешавад мо – ҷавонҳо чашм дӯхта нишинему шумо худро овора кунед?! Пас, чандин кӯҳу кӯталро паси сар карда омаданамон чӣ маънӣ дорад?

Дар ин лаҳза Нодири карбосӣ низ ба маънии «бигузор равад» ба дӯсташ абрӯ хам кард ва ҳарфҳояшро чида-чида ба Суҳроб гуфт:

– Дар айни ҳол аз миёни тӯда баровардани ҳамдеҳаат кори осон нест. Агар ӯ муқобилат кунад тамоми муллобачаҳо ба сарат мерезанд, эҳтиёт шав!

– Инак мебинед, ки ҷавонҳои куҳистонӣ ба чӣ қодиранд, – бо итминон гуфт Суҳроб, – ин давиданҳо дар пеши ҷастухези мо миёни сангу харсангҳо ва доманаҳои кӯҳӣ чизе нест. Ман чандин бор бузу гӯсфандҳоро аз даҳони тӯдаи гург канда гирифтаам, инҳо-ку одам!

– Агар одам ба ғазаб ояд, аз гург бадтар мешавад, додар! – бо лабханд афзуд Нодири карбосӣ.

Суҳроб маънидор шумханд зада гуфт:

– Оре, ман ҳам аз ҳамон одамҳоям.

Баҳроми баззоз хушҳолии дӯсташро дида ба завқ омад. Аммо, бехаёл кафи даст ба дӯши Суҳроб гузошту бо симои ҷиддӣ, дар ҳоле ки ғулғулаи дарунаш дар гунаи қирмизиаш акс меёфт, изҳор кард:

– Дар ҳар сурат, вазъиятро кам нагир, додар, поида-поида рав, дар хамгаштӣ ё тангное худро ногаҳон ба тӯда зану аз дасти мулло биқап. Тавре амал кун дигарон дар ғафлат бимонанд.

– Албатта, додӣ, нигарон набошед!

– Мо дар пойи Манораи Калон меистем, ба ҳамон ҷо биёед, – ба самти рост ишора карда гуфт Нодири карбосӣ.

Ҳама ба сӯйи созаи гирди сар ба осмон кашида, ки дар охири саҳни масҷиду мадраса, часпида ба гӯшаи ҷониби дигари масҷид қарор дошт, назар афканданд. Ба ростӣ, манораи бениҳоят баланд буд, вале қисми болоии он ба дараҷае абгор менамуд, ки бо вуҷуди фосилаи зиёд аз маҳалли муқарнасҳои чокшудаву фурӯрехта ҳатто пилапояи дохилиаш ба назар мерасид. Дар баданаи мудаввари он ба мисли ҷомаи ҷиғда-ҷиғда чандин сӯрохи каҷукулаи калону хурд дида мешуд. Як лаҳза аз намои афгору захмдори сохтмон дили ҳар се таҳ кашид. Суҳроб беихтиёр миёнбанди худро боз карда, лабаҳои ҷомаашро рӯйи ҳам дарунтар кашид ва дубора рӯмоли камарбандиро муҳкам баст. Сипас, бе гап, дасташро ба маънии «ман рафтам» боло карда, бо суръат аз қафои дастаи муллобачагон ба роҳ уфтод.

Нодири карбосӣ пеш-пеш ва аз қафои ӯ Баҳроми баззоз хаёлангез, ду чашм ба пештоқу айвонакҳои харошхӯрдаю ҷо-ҷо кошию оҷуррехтаи масҷиду мадрасаи рӯ ба рӯ қадамзанон то пойи Манораи Калон омаданд. Ҳамин ки то зери тоқи ба масҷид пайвасти манора расиданд, ногаҳон пирросзанон аз гирду атрофи он як села майна[122] ва аз сӯроху чокиҳои қисми харобшудааш хайли кабӯтарони ваҳшӣ ба парвоз даромаданд. Каме дуртар ду саги дайду бо ав-ави гӯшгир ҳамдигарро пешкунон, сохтмони на он қадар баланди кулоҳшаклро давр зада гузашта рафтанд. Нодири карбосӣ то таҳи манора омад, сар бардошта нигоҳе андуҳгин ба тори он афканд. Аз девори зарбхӯрдаю саросар рангу нуркоҳида дилаш фишурда шуд. Бо ҳоли гирифта аз миёни кулӯху хиштҳое, ки паҳну парешон дар атрофи манора мехобиданд, чаҳор дона оҷур бардошт ва ба пеши девори масҷид омаду аз оҷурҳои дасташ ду «курсича» сохт. Худаш ба рӯйи яке нишаст, аз қаъри дил оҳ кашида гуфт:

– Бубин, ошно, ин ёдгории афсонавиро ғосибони манфур ба чӣ ҳол овардаанд! Кӣ медонист, ки пас аз садҳо соли савлату ҳишмат ин муъҷиза ба қушхона бадал мешавад?!

– Ту нагӯю ман насӯзам, дӯстам! – дар канори ӯ ҷо хуш карда бо алам ба сухан даромад Баҳроми баззоз. – Тамоми умр роҳнамои ҳазорҳо корвону мусофир, мабдаъу макони нур, ҷойи адои азон, бо ҳама нақшу тазйиноту қадди баланд мояи нозишу мубоҳот[123] будааст. Мегӯянд, аз созаҳои қадими Бухорост, аз ҳама ҷойи шаҳр дида мешавад, тану пояи устувор дорад.

– Оре, аз замони Арслонхон мебошад. Бино ба ривоятҳо, манораи аввалӣ, ки бо саросемагӣ сохта шудааст, фурӯ мерезад. Сипас Усто Бақо аз нав ба сохтани он камар мебандад. Вале, ӯ пайи манораро рехта, ногоҳ беному нишон ғайб мезанад. Мақсадаш ин будааст, ки ӯро низ ба тезтар сохта тамом кардани бино маҷбур насозанд. Чаро ки похсаи иморат пас аз рехтан мебоист чанд муддат худро бигирад, то дар оянда соза муҳкаму пойдор бимонад. Дар миёни

[122] **Майна (مینا) مَیْنه** – минои маъмулӣ аз хонаводаи сорсонон

[123] **Мубоҳот مباهات** – тафохур ва нозиш; тафохур, фахр, ифтихор

нақшу нигори болоии манора исми Арслонхону Усто Бақо ва соли итмомашро ҳаккокӣ кардаанд.

– Ман шунида будам, ки соли бино ёфтанаш 520[124] аст.

– Шояд... – андешаманд сар ҷунбонда монд Нодири карбосӣ. – Таромуни[125] похсааш ба чилу як вачаб[126] мерасад ва то боло нозуктар шуда, бо гардани бисту ҳафтвачабӣ ба сар кулоҳи вазнини тоҷмонандро «мепӯшад». Дар дохил пилапояи морпеч дорад. Агар похсааш сарфи назар шавад, аз сатҳи замин то шасту чор оршин[127] қад алам мекунад.

– Пилапояаш чанд зина дорад?

– Аз хишти пухта аст, саду панҷ зина дорад ва дар боло то чароғхона, ки маъзана[128] ҳам мегӯянд, мерасад. Гирдогирди он бо шонздаҳ даричаи равоқшакл оро меёбад, – ҳамоно ҷавоб дод Нодири карбосӣ, ки дар ин хусус иттилои бештар дошт, – пас аз харобкориҳо аз он маъзанаву равоқу муқарнасҳои ҳайратовари қисми болоӣ чизе намондааст.

– Афсӯс...

– Чӣ гӯям, ҳатто ҳамон Чингизи хунхӯр ин қадар вайронгарӣ накарда буд! Дуруст, ӯ аз нисф зиёди шаҳрро ба коми оташ медиҳад, вале ҳамин ки ба ин майдон меояд, манораро дида моту мабҳут мемонад. Чун сар бардошта ба арши созаи мунаққаш менигарад, кулоҳаш ба замин меуфтад. Хам шуда сарпӯши худро мебардорад ва мунсифона эътироф мекунад: «Ман ҳеҷ гоҳ дар пеши касе сар хам накардаам, аммо ин соза ба дараҷае зебою ҳайратовар аст, ки месазад ба ҳурматаш таъзим ба ҷо овард». Куффор бошанд, на танҳо ба дарки ин маънӣ рафтаанд, балки аз гулӯлаю бумбборонкунӣ завқ бурдаанд, – Нодири карбосӣ дар худ ҷӯшид, мушташро гиреҳ карда бо зарб ба девори такякардааш зад.

– Наход ки?

– Оре, ба гуфтаи ҷонибдоронашон, бо таркондану ба коми дуду оташ кашидани масҷиду гунбазҳо ва манораҳои баланд кулоҳ аз сар дур андохта, сари ҷо барҷеҳон табли шодӣ задаанд. Ин сарвқади саршикаста низ, ба талқини онҳо, Манораи Марг будааст. Гӯё амирони Бухоро барои ҷазо додани гунаҳкорон аз ин бурҷ истифода мекардаанд, онҳоро аз чароғхонаи манора ба поин, ба зери пойи издиҳом мепартофтаанд. Инҳо бошанд, бо виқор гуфтаанд, ки «мо маргманораи замони ҷаҳолатро шикастем!» Акнун бубин, он «партгоҳ» ба сони даҳонаи ғор шудааст, на зинае дораду на чароғхонаю на равоқ...

Ҳар ду хомӯш монданд. Ҳаво каме сард буд, аммо хунукии хушк. Аз ғояти девору иморoти баланд, гарчи дар бисёр ҷо тану ҷони харобу валангоршуда доштанд, боду насими ҳамешагӣ намевазид. Гирду атроф бӯйи рӯбоҳу шағолхона медод, шаҳри овозадори Бухоро гӯё ки нафас намекашид, ба ғайр аз сарбозону муллобачаҳои шӯрангези нопадидшуда дигар касе ба чашм наменамуд.

---

[124] 520 ҳ.қ. – мутобиқ бо соли 1127 милодӣ

[125] **Таромун** ترامون – қутр, диаметр (-и доира)

[126] **Вачаб** وجب – воҳиди тул: як вачаб 22 см аст

[127] 64 оршин – тақрибан 46,5 метр

[128] **Маъзана** مأذنه – ҷойи азонгӯйӣ; айвонаки қисми болоии манора, ки махсуси азонгӯйӣ аст

– Рост мегӯйӣ, сарнавишти ин созаҳои муъҷизаосо ҳам ширин будаасту ҳам талх, кадоме бештар, танҳо ба Худо аён, – ба хотири раҳоӣ ёфтан аз вазъи диму гирифта бо овози кам ба сухан даромад Баҳроми баззоз, – лекин мардум дами сард мезанад, ин харобкорон беҷазо намемонанд... Эҳ, Суҳроб ҳам дер кард, ба тӯда расид, нарасид...

– Андуҳгин нашав, ошно, ҳамин замон сару думашон пайдо мешавад.

Дубора ҳар ду ба сукут рафтанд. Лаҳзае нагузашта, баногоҳ хомӯшии атрофро садои ғиҷҷирросии чархҳои ароба шикаст. Ҳамзамон овози доду бедоди занона баланд шуд. Нодиру Баҳром беихтиёр ба самти рост, ба тарафи ароба, ки аз пушти манора сохтмони кулоҳшаклро давр зада меомад, дида дӯхтанд. Харе иҳҳасзанон по меёзонд, ба рӯйи гардуни[129] қафои он чанд халтаи пур аз ашёву куҳнакола мехобид. Дар як канор писару духтараке менишастанд ва рӯ ба рӯйи онҳо зане сару рӯйи худро бо як рӯмоли калон печонида, химчаи дарозеро беист ба канораҳои гардун зада фарёд мекашид.

– Сад бор гуфтам, ҳама чиза гиред, а ёд наравад, намонад. Не, ба гап гӯш намекунед, ландаҳурҳо! – бо қаҳр садо баланд мекард зан. – Кӯзаи равған мондас, қурутҳо фаромӯш шудас, ҳатто телпаку ҷомаи пахтагината а гариҳи таги хамба нагирифтаӣ! Калоншавон а хар батар мешавӣ, Моҳӣ, ёду ҳушат да куҷо, намефаҳмам!

– Худат саросема кардӣ, айби ман чӣ?! – бебокона гуфт духтар.

Писарак низ ба сухани ӯ афзуд:

– Гапи хуҳарам рост, тез шавед-тез шавед гӯён безор кардӣ. Ҳатто намондӣ ба берун буром. Да куҷо бошад, аробата истон, набед да изорам...

Зан бо ҷаҳли бештар гуфт:

– Бало шудед, ҷувонимаргон, ин ҷа чита кор мекунӣ? Ё ба масҷид медароӣ? Акун қис карда ист, ба Чорсу бурoем да ягон гӯша мемезӣ.

Духтарак бо завқ хандид. Писар аз масхараи ӯ хиҷолат кашида муште ба китфаш фуровард.

– О-о! – садо дардод духтарак. – Шармат ояд, хап шин...

Дар ҳамин лаҳза чашми зан ба мардони ғарибнамои таҳи девор уфтод. Бо нӯки химчааш оҳиста ба дасти писарак зада амр кард:

– Хез, а ҷоят! Ба назди ун ду мард раву арзу доғ кун. Мо рафтан мегирем, дасти холӣ наё!

– Оча, Моҳира фиристон, намебинӣ базӯр истодаам?!

– Гуфтам, рав! – ин дафъа бо химчаи дасташ сахттар ба дӯши писарак зада дастур дод зан. – Гирди манора бе он ҳам пури партов, ҳамон ҷо мезак куну гир!

Бача бо зарбаи химча як он аз ҷо хесту аз ароба ҷаҳида ба поён фуромад. Дар ҳоли гирёолуд ғур-ғур зери лаб ким-чиҳое гуфт, модараш нашунид. Тозон ба пушти манора, ки гӯё аз чашми Баҳрому Нодири карбосӣ нопайдо буд, гузашт ва бо шитоб нифаи эзорашро ба таҳ кашид...

Баҳроми баззоз, дар сурате ки канори дӯсташ аз сар то по ҳаракату бархӯрди зани ноошно ва бачаҳояшро зери нигоҳ мехонд, риши гирду

---

[129] **Гардун(а) (ه) گردون** – номи дигари ароба, ки аз чӯб созанд ва бо он бор кашанд

дурушти то буни гӯш расидаи худро бо кафи даст молида, каме шигифтомез суол кард:

– Онҳо лӯлианд?

– Не. Доду вой ва ҳирси зан аз дасти замонаи беамон аст, – ба сухан пардохт Нодири карбосӣ, – равғану қуруту либосҳои пахтагини гиреҳ аз зиндагии рӯбароҳе дарак медиҳад. Яқинан хонаю ҷояшон ба балое гирифтор шудааст.

– Аз дасти ҷанг?

– Сад дар сад.

– Ба куҷо меравaнд?

Нодири карбосӣ китф дарҳам кашид. Чун ароба аз саҳни миёнҷойи масҷиду мадраса гузашта дар чорраҳа ба самти рост печиду нопадид шуд, чашм ба писарак дӯхт. Бачаи жӯлидамӯй кафи дасти таршудаашро дар бари пероҳани домандарида поккунон ду-се қадам онсӯтар бо чашмони ало нигоҳ карда меистод. Аз сару сурати пурдоғу чиркбастааш маълум буд, ки чандин муддат рӯйи обу собунро надидааст. Дастони устухонию тану тӯши бениҳоят лоғари ӯ аз камоварди хӯроку маош дарак медод.

– Биё, писар, чаро мех шуда мондӣ? – бо мулоимат сухан дар миён овард Нодири карбосӣ. – Гапи очаат аз ёдат рафт?

Писарак лаби болоияшро миёни ду ангушт молидаву зер карда ба мардҳо наздик шуд. Дар ҳоле ки абрувонашро ба поён кашида, бо чашмони сурхшудаи дар косахона фурӯрафта ало-ало нигоҳ мекард, аз салобати мардони ношинос хӯсидаву дар худ печида, кафи дасташро, ки беист меларзид, ба пеш ёзонд ва ба сухан даромад:

– Амак... як-ду танга садақа кунед, илтимос...

– Аз кадом маҳаллаӣ? Ба куҷо сар гирифтед?

– А гузари Пистафурӯшон, хонаю дарамона сузонданд, кофирон... – писарбача ангушти чирколуди худро аз рӯйи чашм кашид ва бо овози камтар афзуд: – Додом да таги устуми ҳавлиамон монданд, се рӯз пеш гур кардем. Ба хонаи аммаам меравем...

Дили Нодири карбосӣ таҳ кашид. Ноумедона ба сӯйи Баҳроми баззоз чашм дӯхт. Ӯ низ бо дилтангӣ ба ду ҷониб сар ҷунбонда монд. Ба писараки қоқинаи ғамгин раҳмашон омад. Беихтиёр ҳар ду даст ба ҷайб бурданд. Ду-се сиккаӣ ба кафи дасти ларзон халонданд. Нодири карбосӣ гуфт:

– Дав, ба очаю хуҳарат расида гир!

– Раҳмат! – чашмони писарак аз шодӣ барқ зад, хурсанд шуда ба самти чаҳорроҳ давида рафт.

Ҳамин вақт аз пушти бурҷи поёнии масҷид, рӯ ба рӯйи писарбача сару сурати Суҳроб ва дар канори ӯ бо сари хам қадамзанон Фарҳод падид омад. Ҳар ду шитоб доштанд, мисли ин ки аз таъқиби касе фирор мекунанд, бедасту по, суханҳоеро ба ҳамдигар маъқулкунон қадам мезаданд. Аз он ки Фарҳод намехост қоматашро рост кунад ва димоғгирифта менамуд ва Суҳроб низ беист ишораҳое мекард, мушаххас буд ҳар ду аз чизе нигарон ҳастанд.

Баробари ба ҳам расидан Баҳроми баззоз дилҳавлу бесаброна Фарҳодро ба оғӯш кашид. Бо ғамхорӣ ба сухан омад:

– Куҷоҳо мегардӣ, мулло? Ин чӣ аҳвол, ба тану тӯшат даст расонда намешавад!

– Нагӯед, амак, бадбахтӣ ба сарамон омад, – бо садои пасту гирифта сухан гуфт Фарҳод, – сухан бисёр, лекин кори воҷибтаре дар пеш дорем.

– Чӣ хабар?

– Бояд Собирро берун орем.

– Ӯ дар куҷост? – ношикебо суол аз пайи суол чид Баҳроми баззоз. – Магар воқеаи нохуше пеш омад, ки мо намедонем?

– Дар тазоҳури дирӯзаамон ба асорат уфтод. Ҳар кӣ ба саройи Арк даромад дигар пас нагашт, мо бошем аз дарвоза нагузаштем. Аз куҷое як гурӯҳ ҷавони маҳаллипӯш пайдо шуда, пеши роҳамонро гирифтанд, ночор ба ақиб баргаштем...

Фарҳод бо Нодири карбосӣ низ вохӯрӣ кард. Якдигарро намешинохтанд, аммо меҳри гарме дар вуҷуди ҳар ду ҷӯш зад, беихтиёр ба якдигар бағал кушоданд. Нодир ҷавони ношиносеро бо либоси обиву саллаи хурди фарсуда, ки чеҳраи лоғар, чашмони сиёҳи дар хонааш фурӯнишаста, дасту панҷаҳои устухонӣ дошт, дар оғӯш гирифта, як лаҳза худро хеле сабуку беғам ҳис кард. Пай бурд, ки ин тани камҷуссаи наҳиф ғайри тасаввур мулаййин[130] асту нафаси хосе дорад, ба сони оҳанрабо пайкари тануманди ӯро дар ҳавои нарму босафои худ нигаҳ медорад. Ба ростӣ, чӣ бадани нафисе аст, ки гӯё насими руҳбахшеро аз худ мепароканад ва дилро фараҳ мебахшаду вуҷуди касро дар олами руъё ба парвоз медарорад. Аҷаб, магар фариштаест раҳида аз олами ғайб? Чӣ сафое, чӣ ҳавое! Нишоту навозише, ки ҷуссаи чун пари қу сабукшударо дар моварои фарозҳои меҳолуд ба эҳтизоз водор мекунад... Овози расою гуворои ҷавон Нодири мастро ба худ овард:

– Аз дирӯз боз дилам ба бародари ҳофизам месӯзад, амак, – аз зери дастони Нодири карбосӣ худро раҳо карда, ду дида ба сӯйи Баҳроми баззоз суханашро идома дод Фарҳод, – имрӯз нияти мо ин буд, ки бо дӯстони мадрасаам озодии муллобачаҳои зиндонишударо талаб кунем.

Нодири карбосӣ аз суробҳои хаёл раҳо ёфт, нигоҳи имдодҷӯёнаи дӯсташро дар зеҳн хонда ба сухан омад:

– Ин корро ба ман вогузоред, азизонам. Баҳром, ту роҳи хонаи маро медонӣ, бо мулло ба он ҷо раведу истироҳат кунед. Ману Сухроб аз пайи Муллособир мешавем.

– Беҳтар аст, ки худи ман равам, шумоён ӯро намешиносед, – гуфт бо якравӣ Баҳроми баззоз, – ҷавонҳо ба хонаат баргарданд.

Сухроб як он ҷавоб гардонд:

– Ба ҳеч ваҷҳ! Собир даҳто набудагист, Нодирака роҳ нишон диҳанд шуд...

Дигар ҷойи баҳсу талош набуд. Бо гуфтани «ҳар лаҳза ғанимат аст» Нодири карбосӣ Баҳрому Фарҳодро ба самти манзилаш гусел карду худ бо

---

[130] **Мулаййин مُلَيِّن** – нармкунанда, оромкунанда

Суҳроб ба хонаи ошнои ҷавонбухориаш Ҳикмат роҳ пеш гирифт. Бовар дошт танҳо дӯстони ҷадидаш, ки имрӯзҳо бо сарбозони сурх ҳамдастӣ доранд, метавонанд барояш ёрӣ расонанд. Фақат онҳо медонанд, ки асируфтодаҳо дар куҷо зиндонианд, чӣ ҳоле доранд, ба чӣ уқубате гирифторанд.

Ҳамин ки пасу пеш майдони холии масҷиду мадрасаро тарк карда ба кӯчаи калон баромаданд ва аз он ҷо ба бозорҳои болопӯшидаю нимакушода гузаштанд, тараддуди одамон бештар ба назар расид. Мардуми шаҳр бо вуҷуди балою офатҳои ба сар омада аз пайи дарёфтани қути лоямут ва сарубасар кардани зиндагӣ дар таку дав буданд. Дар миёни равуокунандагон одамони сохту сумоти гуногун – дарвешу қаландарони кашкӯлбакитфу ҷомадарида, зану духтарони ба ҳаросомадаи фаранҷипӯш, марду ҷавонҳои деҳқонбашараи гардолуду анбонбапушт, муллобачаю савдогарони зарангу сергап ва, ҳамчунин, мардҳои аксаран қоматбаланди кулоҳу камзӯлу шалвори низомипӯшида, ки мушаххас буд аз меҳмонони нохондаи ғосиб ҳастанд, дида мешуданд. Пас аз даргириҳои як моҳи ахир, ки ҳанӯз маълум набуд аз пушти онҳо чи паёмадҳое ба бор хоҳад омад, мардуми боқимондаи шаҳр сари калоба гум карда, таваккул аз пайи ризқу рӯзӣ медавиданд, худро ба ҳар кӯй мезаданд. Дару девори саройҳои ба бозор табдилёфта, токҳои заргарию саррофӣ, бурҷу айвонҳо, чиғу[131] таворахои[132] дами ҳавлию кӯчаҳо – ҳар ҷое сохту созе дошт, хастаю абгор, рӯкафидаю тану тӯшдарида ба назар мерасид. Гӯшаю канори дудагирифта, аз ҳошия то кунҷаки роҳраву кӯчаҳои дастрасӣ пур аз партову зуболаҳои дурандохта, зиёдиҳои хӯрду хӯрок, пӯсту пӯчоқи касифу нопок буд. Бӯйи ғашу гулусӯз аз чаҳор сӯй ба димоғ мезад. Одамон овораи раҳо кардани ҷони худ аз тааддиҳои рӯзгор монда, ба ин ҳама касофат нимнигоҳе ҳам намеафкананд. Касе ба хаёлаш намеовард, ки бо идома ёфтани ин гуна ҳоли пилишту[133] олудагиҳо шаҳр ба гирдоби касофат фурӯ хоҳад рафт. Ин шаҳри фитнаю офатдида ҷон дошт, вале ҷоне таҳлуканок, пур аз биму ҳарос, ошуфтаю хунсард...

## Мадади дӯст

Нодири карбосӣ ва Суҳроб дунафарӣ чанд кӯчаю паскӯчаро паси сар гузошта ба гузари валангоршудаи пушти мадрасаи Кӯкалдош баромаданд. Азбаски тамоми умри Нодири карманагӣ дар Бухоро мегузашту дар байни тоифаю табақаҳои гуногуни одамон савдогарӣ мекард, ҳар як гӯшаю маҳаллаи дарун ба дарунро чун панҷ ангушт медонист. Ошноӣ пайдо кардани ӯ бо ҷавонҳои тозафикр, ки сафашон рӯз ба рӯз меафзуд ва маҳз онҳо бо дастаҳои бегонаи ба шаҳр фурӯрехта ҳамкориҳои фаровон доштанд, боиси чанд баробар ҷоннок шудани доду гирифтҳояш гардида буд. Барои ӯ на шаклу шамоил, на миллати харидор нақше дошт – чи маҳаллӣ буду чи тотор, чи туркману чи

[131] **Чиғ چیغ** – *чизи бӯрёмонанде, ки аз навдаҳои нозук мебофанд ва барои иҳота кардани ҷое истифода мекунанд;* шиғ
[132] **Тавора تواره** – девора, чапарак; девори аз шохаҳо кашидашуда
[133] **Пилишт (палишт) پلشت** – чиркин, нопок

урус. Нодири карбосӣ ҳамчунин парвое надошт, ки тарафи харидаш ба чӣ гуна сиёсат ё мазҳабе гаравидааст – одами одии бетараф аст ёислоҳотчӣ, сар ба зеру фурӯтан аст ё исёнгар. Агар рӯзе ҳадди ақал як тӯб матоъ мефурӯхт, хурсанд шуда мегашт. Рӯзҳои охир бошад, ба даргириҳои дохилӣ ва ҳамлаи сурхҳо нигоҳ накарда, бозораш гарм буд. Шиносу ношинос дарашро кӯфта меомаданд, ба вижа ҷавонбухориён...

Хушбахтона, Нодири карбосӣ Ҳикматро дар хонааш ёфт. Ин ошнои ҷавонаш, ки чун тири туфанг сухан мегуфт ва ба мисли моку аз ин дар ба он дар гашта меистод, аз ҷумлаи рӯйдодҳои олам бохабар буд. Ба хусус, ҳар як ҳаракату ҷобаҷошавии аскарони сурх ва гумоштаҳои маҳаллии онҳоро қадам ба қадам медонист. Ҳанӯз аз рӯзе, ки лашкари ғосиби бедин шаҳри мусалмонободро тасарруф карда, кӯчаю майдонҳояшро ба хун олуда сохта, бо дилхушӣ бурҷу манораю биноҳои музайянро дарҳам рехт ва ба ин ҳамлаю хунхориҳо як идда мардуми куфрзадаи таҳҷойӣ дасти ёрӣ дароз мекарданд, ба назараш дунё воруна менамуд. Ӯ дар канори дӯстонаш чандин сол боз ислоҳотталабӣ мекард, дар воқеъ, дастаи то ҷое пинҳонкоре буданд, ки одамонро бо усули ҷадид ба омӯзишу дунёфаҳмӣ бармеангехтанд. Идомаи даргириҳо бошад, ба саъю талошҳояшон пешпо зад, дар як муддати кӯтоҳ чандин ҳаводори худро аз даст доданд, ба хусус, ҳама риштаю расани бастаашон бо зиёиён ва толибилмони мадрасаҳо гусаста шуд.  Ин буд, ки зарфи муддати харобкориҳои ахир дасткӯтаҳ шуда монданд... Ҳикмат ба маҳзи ин ки Нодиру Суҳробро дар дами остонааш дид,  бо чеҳраи паҳн, лаб ба лаб нарасонда ба сухан пардохт:

– Хуш омадӣ, бародари карбосӣ, ҳеч интизорат набудам! Биё, даро, ба дарун даро, – пешопеш аз пилапояи айвон ба боло қадам зад ва чун ҳис кард меҳмононаш худро ба пас мекашанд, бо овози расотар афзуд: – Ҳа, рокид мондед? Хуб шуд, ки омадӣ, ҳамин ҳозир бо дӯстонам дар хусуси либосворӣ гап мезадем, ман порчаҳои туро таъриф мекардам. Ҳар яке зиндагӣ дорад, ташвиш дорад, ба худаш расам мегӯяд.

Суҳроб дар ҳамин лаҳза Абдуи серҷоғи ҳамдеҳаашро ба ёд овард. Абдуака низ ба ҳамсуҳбати худ аслан фурсати гап задан намедод, дар гуфтугӯ чунон тунду тез буд, ки ҳамнишастонаш аз дасти ӯ безор мешуданд. Дар айни ҳол бо марди мизбон рӯ ба рӯ шуда, вадарросзанон дар як нафас гуфтани ҷумлаҳояшро дида, ба завқ омад. Нодири карбосӣ аз даричаи нимаковоки хонаи бағали айвон сарусадоҳоеро шунид. Ӯ каме нигарон шуда дилвопас гуфт:

– Хуб, агар меҳмон дорӣ, туро ба ташвиш намеандозем.

– Не-е, ин гапҳо чӣ, биёед ба мо ҳамроҳ шавед. Ту ҳам аз дидаю шунидаҳоят маслиҳат медиҳӣ. Ҳамаашро мешиносӣ, ғариба нест.

– Лекин, мо шитоб дорем, ёрии ту лозим...

– Чӣ гап? Нахоида гуфтан гир, ба ту ёрӣ надиҳам, ба кӣ ёрӣ медиҳам? – Ҳикмат баргашту ба назди меҳмонҳо омад ва бо ҳамон суръат суханашро дунбол гирифт: – Ёдат рафт, худат маро гӯшу чашми Бухоро хонда будӣ? Акнун ки ҳунарам лозим шудааст, ман дар хидматам.

– Як бародарамон ба лашкари сурхҳо асир афтидааст.

– Чӣ хел?

– Чӣ гӯям, тасодуфан, худаш нафаҳмида дар миёни хайли муллобачаҳои исёнгар мемонад.

– Ӯҳ-ӯ! Бо дасти худ гарданашро зери теғ бурдааст-гӯй! – ба шӯру ҳаяҷон омада гуфт Ҳикмат. – Муллоҳо кори хато карданд, ба дасисаи гумоштаҳои амир фирефта шуда, марому ҳадафи булшевойҳоро нафаҳмида, бебокона ба ҳамла гузаштанд. Ҷабраш ба сари шогирдон омад, бечораҳои бовафою содиқ надониста ҷони худро дар хатар гузоштанд. Шунидем, имрӯз ҳам исён кардаанд...

– Оре, мо ҳам дидем, бо шӯру валвала ба сӯйи Арк метохтанд.

– Бо дӯстонам шабу саҳар карда ду бор ба пешашон рафтем, барояшон бо сад мисол фаҳмондем, ки ин амалкардашон ба ҷуз сар бохтан дигар чизе дар пай надорад, гӯш накарданд. Булшевойҳоро кам мегиранд, гӯё касоне бошанд, ки ба пешвозашон бо гулдаста мебароянд, – Ҳикмат даст аз пушти сар кашида яке пурсид: – Номи рафиқатон чист?

– Собир, Собири ҳофиз, – гӯё мунтазири ҳамин ҳарф буд фаврӣ ҷавоб дод Суҳроб.

– Зиндониҳояшонро дар саройи Амриддинбой нигаҳ медоранд. Бо шарикон машварат мекунам, як роҳашро меёбем.

Нодири карбосӣ хурсанд шуд.

– Э боракаллоҳ! Медонистам, ту бохабар ҳастӣ, – гуфт бо лаҳни шод, – як коре кун дӯстам, одамони мукаррам – меҳмони моянд.

– Хуб, дарун намедароӣ?

– Дафъаи дигар. Дер нашуда аз пайи кор шавем, мегӯянд ҳамин рӯзҳо роҳҳои Бухороро мебастаанд, ҳукумати низомӣ мешудааст.

– Дар уболи меҳмонҳо намонем, мегӯйӣ? – бо каме лабханд суръати суханрониашро накоста гуфт Ҳикмат. – Парво накун, ошноёни ҷавонбухориро ба кор мегирем, имрӯзҳо онон бо булшевойҳо ҳамтабақанд.

Суҳроб тоқат накарда иддаои дилашро ба забон овард:

– Агар ҳам нашуд, суроғаи зиндонро ба мо гӯед, бас, худамон ягон ҳила ба кор мебарем.

– Мефаҳмам, чӣ мегӯйӣ, бародар! Аз дасти кӯҳистониён чи ҳила меояд, нағз медонам, – бо завқ афзуд Ҳикмат ва ба хараки айвон ишора карда гуфт: – Шумо як дам ин ҷо нишаста истед, ман зуд бармегардам.

Нодири карбосӣ «бисмиллоҳ» гуфта ба рӯйи харак нишаст ва бо оҳанги ҷиддӣ ба Суҳроб гуфт:

– Ту зиндони он лаънатиҳоро ҳазл надон. Давре ҳукмрон аст, ки одамон аз сояи ҳамдигар метарсанд, ба ҳеч кас бовар надоранд, ҳар каси душманнаморо дастгир карда ба ҳабс мепартоянд. Маҳбасашон ҳам аз сар то бун посбон дорад.

– Ба ин ошноятон мешавад умед баст?

– Рости гап, Ҳикмат мор аст, ба ҳар сӯроху тешуке, ки худашро мезанад, аз он вар сиҳату саломат дармеояд. Ту бехаёл бош, мушкилро ҳал мекунад.

Суҳроб то ин ҷо ором у беғам менамуд, аммо кам-кам тағйири чеҳра кард. Дар рухсораш падид омадани чурукҳои ғазаб ва мушти каме гиреҳкардаашро дида, Нодири карбосӣ дар идомаи суханаш афзуд:

– Худатро ба даст гир, додар. Агар зиндонбонҳо сарбозони амир мебуданд худатро танҳо мефиристодам, аммо ҳол дунёи дигар аст. Ин булшевойҳо мусаллаҳанд, ба касе раҳм намекунанд. Фақат бо ҳилаю фиреб ба ҳадаф бояд расид.

Суҳроб пас аз андаке хомӯшӣ буғзи дилашро кафонд:

– Оре, ҳар гоҳ усул ба дасти нақорачӣ аст. Лекин, додӣ, дилам мехоҳад ҳамин ҳозир бо доду ғирев раваму ҳар як ғоратгари ғосибро гардан занам. Дар шаҳрамон як каф замини обод намондааст – ҳама ҷо харобу валангор, бар замми ин, бо одамон ҳар чи майлашон аст, ҳамонро мекунанд...

– Кор пухт, дӯстам! – дари хонаро кушодан замон гапи Суҳробро бурида гуфт Ҳикмат. – Бародарамон Сирус бо худи ҷаноби Ҳамдӣ суҳбат мекунад ва ризояти ӯро меоварад. Мо ҳам ба саройи Амриддинбой меравем.

Нодири карбосию Суҳроб бо марди болобаланди гандумсурат, ки чашмонаш дар зери абруҳои паҳну дурушт базӯр дида мешуданд, аз наздик вохӯрӣ карданд. Бо ишораи Ҳикмат ҳама пасу пеш ба берун баромаданд.

– Дастат дард накунад, ошно, туро заҳмат додем, – роҳравон бо лаҳни хиҷолатомез ба сухан омад Нодири карбосӣ, – лекин ин ҷо меҳмонҳоят ҳастанд, беэҳтиромӣ намешавад?

Ҳикмат бо ҳамон беғуборӣ сухан гуфт:

– Меҳмони дур азиз аст, дӯстам, инҳо одамони худӣ, хонаам низ аз они худашон, парво накун.

...Нодири карбосию Суҳроб то ба кӯчаи саройи Амриддинбой расиданд, рӯз аз аср гузашт. Азбаски дар ин гузар рафтуомади аробаҳо ва аҳён-аҳён саворон сурат мегирифт, ҳавояш каме гарду ғуборолуд буд. Мисли ин ки насими поизӣ қаҳр кардааст, димоғи кас аз касрати ҳавои диму ғализ мегирифт. Дар саросари кӯча ҳатто як бех дарахт ба назар намерасид, вале Нодиру Суҳроб айвони деворҳояш харошхӯрдаю сӯрохдореро, ки рӯ ба рӯйи саройи бузург ҷой хуш мекард, ба худ чун соябон баргузиданд. Сару таҳи боргоҳи бой бо як дидан ба чашм наменамуд, девори баланди сартосар паритдораш сохтмони дутабақаи қасрмонандеро иҳота мекард ва дар ду гӯшаи охир бурҷҳои мудаввари оҷурӣ чун манори нигаҳбонӣ қад меафрохтанд. Дар миёнҷойи девори ҳисорӣ дарвозаи болобаланди чӯбине бо қуббаю кунгураҳои нақшгуна нозе ба худ гирифта, аз боло бо як соябони ҳошиязеби такязада ба ду сутунпояи ғафс аз боду борону офтоб ҳифозат мешуд.

Дар айни ҳол дарвозаи калони саройро аз берун ду марди туфангбадасти низомипӯш пос медоштанд. Гоҳ-гоҳе сарбозоне аз дари хурди канори он даробаро мекарданд. Суҳроб бори аввал аз наздик медид, ки аскарони сурх чӣ фурму намое доштанд. Дар пешонии кулоҳи ҳар яке ситорачаи панҷгӯша ва бар сандуқи синаи аксарияташон се наворхати кӯтоҳи қирмизранг дӯхта шуда

буд. Тану тӯши худро бо тасмаҳое сахт печонида, қоматашонро рост гирифта роҳ мегаштанд...

Нодири карбосӣ пушташро ба сутун зич карда ба лабаи курсипоя менишасту хира-хира фарози саройро аз мадди назар мегузаронд. Бар хилофи Суҳроб, хаёли ӯро осмони обирангу пора-пора абрҳои сапеду хокистарӣ ва бештар аз он, хайли зоғу калхотҳое, ки боло-болои сарой парвоз мекарданд, ҷалб намуд. Ҳар гоҳ зоғҳои сиёҳ ғуҷурросзанон парида мегузаштанд, ҳамон замон аз пайи онҳо лочинҳои сиёҳранг болҳои калони худро паҳн карда, шабеҳи лаппиши мавҷҳои баҳр пайдо мешуданд. Аз дур сару нӯли худро беист ба чапу рост гардондани ин мурғони лошахӯр равшан ба чашм мехӯрд, маълум буд ҳарисона дунболи насибаи имрӯза ҳастанд. Пас аз муоинаи тулонии мурғони осмонӣ Нодири карбосӣ ба сухан омад:

– Бубин, додар, то дирӯз ин мурдорхорҳо фақат дар дашту кавирҳои атроф мегаштанд, имрӯзҳо бошад шаҳри мо барояшон ҷойи маош шудааст. Эҳ Худо, зиндагии мардум аз роҳ баромад, ҳама ҷо бо касофату тааффуну ҳаромӣ пур шуд!

– Вақте ки ба хоку бумат душман сар мезанаду худашро соҳиб мехонад ва бо қадди рост мегардад, ғайр аз ин боз чиро метавон умедвор буд? – Суҳроб аз чанд нафар сарбози тозаомада, ки бо виқор қадамзанон ба «зиндон» даромада рафтанд, чашм наканда ба сухани Нодир ҷавоб гуфт. – Инҳо то худро нагиранд ҳамаро мекушанд, ҳама ҷоро месӯзонанд, ҳар чӣ ба дасташон ояд ғорат мекунанд. Барояшон кӣ мемираду чӣ месӯзад аҳамияте надорад. Бовар кунед, инҳо мисли ҳамон ёвҳое ҳастанд, ки ба деҳаҳои мо зада медароянд, танҳо неруманду тавонотар, мусаллаҳ, дар ин корҳо пухташуда...

– Гумон дорӣ, баргашта мераванд? Мамлакат дубора ба дасти амириҳо мегузарад?

– Худо медонад, додӣ. Ба ин сиёсатҳо ақли ман намерасад. Лекин, ҳамин ҳозир ҳам ба ихтиёрам гузоред омодаам бо сурхҳо набард кунам.

– Ба танҳоӣ ҳеч кор аз дастат намеояд! Ҷони ҷавонатро қурбон мекунию бас.

– Оре, аз ин хотир дандон ба дандон монда гаштаам, ин ҷо дасткӯтаҳам. Зодгоҳам ба ман баринҳо ниёз дорад, намегузорам, ки на ёваш, на сурхаш ба деҳаам даст ёбад!

– Ин гапи дигар, ба Бухорои мо Худо худаш ёрӣ диҳад, ақлҳои солиму одамони ҳушманд ба сари кор оянд. Ту рафиқонатро зудтар бигиру аз ин ҷо бадар рав, салоҳи кор ҳамин аст. Бе он ҳам, агар лозим шавад, кишвардорон ба суроғи шумо – ҷавонон низ мераванд.

Ҳамин дам як аспароба, ки садои ғиҷирросии чархҳои калонаш аз дур ба гӯш мерасид, омада дар назди дарвозаи сарой таваққуф кард. Пасу пеш аз он се нафар пиёда шуданд. Марди қадкӯтоҳи аввалӣ Ҳикмат буд. Ӯ чолок ба пеш гузашта чанд сикка дар кафи аробакаш гузошту ким-чиҳое гуфт, ки соҳиби ароба ду банди дарози лигомиро сахт алвонҷ дода, аспро каме дуртар ба сояи девор бурду истод. Сипас қафо намонда аз дунболи ду ҳамроҳи худ ба сӯйи дар қадам ниҳод. Суҳроб дар ҷо нооором шуд, беихтиёр гуфт:

– Додӣ, омаданд! Мо ҳам равем?

– Мебинам, лекин ба мо иҷозаи даромадан намедиҳанд, – Нодири карбосӣ дар ҷойи нишаст такон нахӯрда бо мулоимат посух дод, – бубинем, Ҳикмат чи мегӯяд.

Яке аз ҳамраҳони Ҳикмат, ки ба пеш гузашта бо сари баланд роҳ мерафт, аз одамони саршиносе буд магар, ҳанӯз ба даромадгоҳ наздик нашуда, ба эҳтироми хоси нигаҳбонҳо сазовор гардид. Ҳарду посбон баробар туфангҳои миладарози худро болотар бардошта аз пеш ба канори китф часпонданд ва қомати худро чун алиф рост карданд. Гӯё аз омадани меҳмонони муътабар хабар ёфта бошанд, ҳамон лаҳза дари хурд аз дохил боз шуд. Ҳикмат низ, чун медонист Нодиру Суҳроб дар айвон мунтазираш ҳастанд, ба сӯяшон нимнигоҳе афканду наистода аз паси ҳамраҳони худ даромада рафт.

– Ана, бубинед вая... Мо барои чӣ омадем? – ноҳинҷор забон хоида гуфт Суҳроб.

Нодири карбосӣ гӯё ин ҳолатро медонист, бо ҳамон беғамӣ бепарво нишастан гирифт ва ба ҷавони бетоқат дил дод:

– Нигарон набош, Суҳроб, шояд ба ёрии мо ниёз надоранд. Ҳикмат ҳеч кореро бе барнома намекунад, ҳатман хешамонро мебароранд. Шояд ҳам ҳоли вазнин дошта бошад, мо бо худ мебарем...

Кӣ дидааст, ки зиндонӣ аз сиёҳчол бо чеҳраи кушод барояд? Оё пеш омада, ки маҳбус дар пушти панҷара гӯшт гирифта фарбеҳ шуда бошад? Магар мумкин аст як нафар асири асоратгоҳ қадди росту сари баланд нишон диҳад?... Не, ҷеғи хурӯс дар ҳама ҷо яксон аст: маҳз маҳбас маконест, ки инсонҳоро аз ҳама зебоӣ маҳрум месозад; фақат ҳамин боздоштгоҳ дасту пойи одамонро аз нишоту манзили хуррамӣ кӯтоҳ мекунад; танҳо чунин бандихона фикру андешаҳои неку хаёлҳои ширинро дар банд меафканад. Инсон гоҳе хато мекунаду ба сиҷн[134] меуфтад, гоҳе низ лоубол ба туҳмат мепечад ва дигарон ӯро гирифтор мекунанд, вале чунин ҳам мешудааст, ки бандаи шири хомхӯрда дар миёни сели исёну даргириҳо нохудогоҳ мубталои асорат мегардад. Худо нигаҳ дорад аз ноамнӣ, аз хавфи душман, аз бандубастҳое, ки шӯри мардумро хушк кунад!..

Вақте ки Ҳикмат ва бародархонди ӯ Сирус аз ду бари Собири ҳофиз дошта, аз дарвозаи сарой ба берун по гузоштанд, аввал Суҳроб ва аз пайи ӯ Нодири карбосӣ бо ҳавлу шитоб ба ҷониби онҳо давиданд. Бечора Собир базӯр сари по меистод, на ранг дошту на нур. Ҳамагӣ ду-се рӯзи зиндонӣ ӯро абгору нимҷон карда буд. Гирди чашмони сиёҳи дар косахона фурӯрафтааш зардгуна менамуд, дар чаккаю даври гӯшҳояш доғҳои кабуду сурхтоб равшан дида мешуд. Суҳроб ба маҳзи расидан бо эҳтиром салом арз карда гуфт:

– Худоро шукр, ҳама дидаю кашидаҳоятон дар пушт монда бошад, хуб ҳастед ҳофиз? – ва бетоқатона ба Ҳикмат рӯ оварда афзуд: – Сипосгузорам, бародар, хеле заҳмат кашидед!

Нодири карбосӣ ҳам расида омад ва бо изҳори сипос нигоҳе ба Ҳикмат афканда, кафи даст ба сари Собири ҳофиз молид, аз ранги парида ва беҳолию

---

[134] **Сиҷн** سجن – зиндон, боздоштгоҳ

дармондагии ӯ ба риққат омад. Ҳофиз ду марди ношиносро, ки бо меҳрабонӣ омода буданд барояш ёрӣ расонанд, бо чашми дил дида, бо заъф лаб ҷунбонд:

– Шуморо... дӯстам фиристод?... Мулло Фарҳод... ба чӣ ҳол аст ӯ?

Суҳроб гуфт:

– Дӯстатон сиҳату саломат, ду дида ба роҳи шумост.

– Додарам Мулло Фарҳод имрӯз мисли худат қаҳрамонӣ карданӣ буд, пешашро гирифтем...

– Суҳбатро дар роҳ мекунед, бародарон! – гапи Нодири карбосиро бурида овоз баланд кард Ҳикмат. – Зудтар аз ин ҷойи наҳс дур шавем, ароба мунтазири мост.

Дар ин дам Суҳроб бо ишора ҳамраҳонро каме дуртар хонда, бо як ҳаракат аз пушти шонаву поҳои Собири ҳофиз дошта рӯйи даст бардошт ва баланд-баланд қадамзанон ба самти ароба роҳ пеш гирифт. Ҳама аз қафо омаданд. Дар бағалаш ҳофиз бо дард ба сухан даромад:

– Тамоми баданам... месӯзад... додар, аз сар то по... дард дорам...

– Муҳим ин ки аз ҳабсхона раҳо шудед! Ин тараф бо моед, аз дарду ранҷ фориғ мешавед!

Ҳама дар ду тарафи ароба зич канори ҳам нишастанд. Нидои «ҳайт, чу!» гуфтани аробакаш ва аз пайи он ғиҷирроси баланди чархҳои калон ба само печид. Аспароба каме ба ду ҷониб ҷунбида, лӯккасзанон ба суръати худ афзудан гирифт.

– Дамашон гарм, ҷаноби Ҳамдиро! Бо як илтимос ба додамон расиданд, – хушҳолона ба Ҳикмат рӯ оварда гуфт дӯсти абрупаҳни ӯ Сирус, – дар назди раҳбари Кумитаи инқилобӣ обрӯ доштаанд, бо як даҳон гап муҷаввизи[135] озодиро гирифта баромаданд.

Ҳикмат илова кард:

– Умрашон дароз бод! Рости гап, ман он қадар бовар надоштам, гумон мекардам дар ин айёми бесарусомонӣ касе моро гӯш намекунад.

Нодири карбосӣ ба сухан ҳамроҳ шуд:

– Ману дӯстам Баҳромро қарздор кардед, навкаратон шавам.

– Ин тавр нагӯй, ошно, мо ихлосманди шумоем, – ба суханаш идома дод Ҳикмат, – Собир-ҳофизро зудтар ба манзил расонед, аҳволаш бисёр вазнин, бояд дам гирад, дорую даво кунад...

Ароба то хамгашти пушти Кӯкалдош омада истод. Ҳикмату Сирус даъвати дӯстонро барои зиёфат дар хонаи Нодири карбосӣ қабул накарда ба ҳавлии худ даромада рафтанд. Суҳроб тамоми роҳ аз ду шонаи Собири ҳофиз дошта меомад, саъй мекард ӯ аз лекулеки ароба камтар такон хӯрад. Ҳофиз таб дошт зоҳиран, аз тану димоғаш ҳаври гармӣ мебаромад. Баданаш камокон меларзид. Худро мисли як бача ба дарун кашида, мекӯшид ҳарчи ҷафстар дар бағали Суҳроб ҷо шавад.

Дар хонаи Нодири карбосӣ аз нисфирӯз боз деги шӯрбо меҷӯшид. Кадбону каллаю почаи ҳилим-ҳилим пухтаро бо гӯшту сабзию шалғам дар як лагани ҷудогона гирифта, лахчаи зери дегро канда намекард. Чун Баҳроми

---

[135] **Муҷаввиз** مجوز – иҷозанома, рухсатнома, парвона

баззозу Фарҳод омадани ёрони худро баҳона карда аз хӯрдани хӯрок сар тофтанд, ӯ ҳама чизро муҳайё сохта мунтазири шавҳар менишаст. Омода буд ба маҳзи омадани вай ва меҳмононаш шӯрборо кашад. Дар ин миён писарашро бо Фаршед барои нону сабзиҷот фиристод. Дар меҳмонхона тозатарин кӯрпачаҳояшро паҳн кард, барои такя ҷо-ҷо лӯлаболиштҳои гулдӯзишударо гузошт, дасторхони калони оҳариашро густурд. Аз қанду қурсу ҳалво – ҳар чӣ дар сандуқ дошт, ба рӯйи суфра баровард. Аз айвони пазирой то ҳавлию дами дарвоза ҷорӯб зада тамиз карда монд. Ҳар қадар шом наздик мерасид, дилаш бештар гум-гум мезад. Хеле мехост корҳои кардааш ба шавҳар хуш ояд, аз меҳмондории ӯ хурсанд шавад.

Пардаи шомгоҳон Бухорои дар худ гирифтаро пӯшонд. Вақте ки Суҳроб Собири аз ҳол рафтаро рӯйи даст бардошта ба хонаи Нодири карбосӣ даровард, дигар ҳама ҷо тип-торик шуда буд. Дар як лаҳзаи кӯтоҳ пас аз тақутуқ кушода баста шудани дарби хурди дарвозаи дулинга садои хирру пуфти аспони тавилаи соҳибхона ба гӯш расид, бо дард нола кашидани ҳофизи хаста дили Суҳробро сӯзонд. Ҳамин дам, мисли ин ки ба дари даромад гӯшу ҳуш менишастанд, Фарҳоду Баҳроми баззоз ва аз пайи онҳо Фарзому Шаҳриёр давида ба ҳавлӣ баромаданд. Аз ҳама охир кадбонуи хона фонус дар даст берун омад. Нодир садо баланд кард:

– Хавотир накашед, бо мадади дӯстон ҳамааш нағз шуд! Иффат, ҷойи нарм дуруст кун, аҳволи ҳофиз вазнин аст, мехобонем.

Фарҳод таҳаммулро аз даст дод, дар канори Суҳроб қадамзанон гуфт:

– Аз ҳаёташ рамақе монда бошад шуд, ба худ меояд... Дӯсти азизам, маро хеле нигарон кардӣ, тарсидам, ки туро ҳам бой медиҳам... Аз шумо сипосгузорам, азизонам, ман мадюни хидматҳои шумо ҳастам... Алҳамдулиллоҳ, ҳазор бор шукр...

## Ҳарфи шахру хоби хуш

...Оби шӯрбое, ки чанд соат мулоим ҷӯшида ширину хушмаза шуда буд, ба тану ҷони Собири ҳофиз марҳам шуд. Пас аз ғизои гарм Фарҳод дар канори ӯ нишаст, бо тамоми вуҷуд, чашмонашро нимпӯш карда, кафи дасташро ба пешонии рафиқаш гузошта, ба дуохонӣ даромад: «Паноҳ ба номи Худо ва ба Худо ва аз Худо ва ба сӯйи Худо ва он чӣ Худо бихоҳад ва ин ки ҳеч неру ва ҳаракате нест магар ба изни Худо ва ин ки Иброҳим дӯсти Худо ва Мусо наҷотёфтаи Худо ва Исо руҳи Худо ва Муҳаммад фиристодаи Худо, ки дуруди Худо бар ӯ ва оли ӯ ва бар ҳама анбиё – аз бодҳо ва дардҳо. Ба номи Худо, ба ёди Худо ва бо истимдод аз тақдироти Худо, барои Собир писари Аҳмад, иқрор ба эътиқодот надорад магар мусалмон, паноҳ мебарам ба Худо бо калимот. Томмае, ки Ҳазрати Одам алайҳиссалом Худоро бо онҳо хонд, то тавбаи ӯ пазируфта шуд, ҳамоно Ӯ тавбапазири меҳрабоне аст. Эй дардҳо, бо иҷозаи Худованд ва калимоти муқаддас шуморо фироре медиҳам, ки Худое

ҷуз Ӯ нест. Ҳамоно ҳар кор  ва офаринише барои Ӯст, офарин бар Худо – Парвардигори ҷаҳониён...»[136]

Дар ҳавои садои маҳин ва илтиҷоҳои умедворона аз Парвардигор, бемор ба ғаноб рафт. Ҳама хомӯшу дам дар дарун тановул карданд. Дар поён Баҳроми баззоз сухан дар миён овард:

– Гӯё аз як кӯҳи ҳавлнок гузаштем, имшаб меҳмони дӯстам мешавему фардо субҳи зуд ба роҳ мебароем, – ва  ба Фарҳод рӯ оварда гуфт: – додарам, худат як дуо барои суфра бихон, дасторхонро бардоранд, поҳора дароз карда, каме доди ҳангомаро диҳем.

– Омин аз бузургон, – таоруф кард Фарҳод, аммо Баҳроми баззоз қатъӣ гуфт:

– Вақте ки мулло дорем, ҳама ихтиёр дар ӯст, бигӯ, додар!

Фарҳод бо камоли майл дурри сухан бо оҳанги нарм ба лаб чид:

*– Илоҳӣ, ки ин суфра маъмур бод,*
*Ҳамеша пур аз неъмату нур бод.*
*Забони бадандешу чашми ҳасуд,*
*Аз ин суфраву соҳибаш дур бод!*

Ҳама бо руҳбаландӣ даст ба омин бардоштанд. Фарзом, ки то ҳол ноҳинҷории бародарашро дида ҳарфе намезад, ғеҷида наздиктари ӯ нишаст ва нарму оҳиста пурсид:

– Чиҳо кардед, додӣ? Барзуи шарикдарсатонро дидед?

– Эҳ, напурс... Ба дидан дидему... – Фарҳод каме ба сукут рафт, бо дилтангӣ ба Собири хоб нигоҳе афканда ба суханаш идома дод: – Вақте ки бо Собир ба манзили пошнақоқ расидем, дар гирди бечора ҳама хешовандонаш ҷамъ шуда буданд. Ӯ бо ҳоли зору низор вазъи асафоваре дошт. Аз он ҷавони лӯндаи китфу бозудор нишоне наёфтем. Мисли чӯб қоқи қоқиштак ба назар мерасид, кӯтоҳ-кӯтоҳ нафас мегирифт, ҳатто чашмонашро наметавонист калон боз кунад, ёрои ҳаракат надошт. Гуфтанд, ба болои ҷароҳату хуни бисёр талаф додан, як ҳафта-даҳ рӯз аст, ки чизе намехӯрад. Танҳо бо обу пиёбашӯрбо радди ҷуъ мекунад. Раҳмамон омад... – Фарҳод дубора хомӯш монд. Оҳи бадарде кашиду бо тақозои нигоҳҳои ҷиддию пайгиронаи ҳамнишастон нақли худро идома дод: – Бечора, моро дида ҷон даровард: чашмони нимабозаш гӯиё хандиданд; лабони парсинбастааш ба ду самт ёзиданд; ангуштони лоғари худро боло-поин ҷунбондан гирифт. Дар наздаш сари дузону нишаста, ҳар ду бо навбат ӯро оғӯш кардем. Ҳарчанд аз баданаш бӯйи туршиву ҳаври димоғгири беморӣ меомад, дар назарамон чун кӯдаки навзоди хушнакҳат метофт, чун тифле, ки ба мувозибату ғамхорӣ муҳтоҷ аст. Ӯ аз гап монда буд, як шабонарӯз дар наздаш монда бо имою ишора ӯро дилбардорӣ кардем, аз

---

[136] Тарҷумаи ин матн аз сомонаи форсии https://www.borna.news баргирифта шудааст:

( بِسْمِ اللَّهِ وَ بِاللَّهِ وَ مِنَ اللَّهِ وَ إِلَی اللَّهِ وَ مَا شَاءَ اللَّهُ وَ لَا حَوْلَ وَ لَا قُوَّةَ إِلَّا بِاللَّهِ إِبْرَاهِيمُ خَلِيلُ اللَّهِ مُوسَی نَجِیُّ اللَّهِ عِيسَی رُوحُ اللَّهِ مُحَمَّدٌ رَسُولُ اللَّهِ ص. مِنَ الْأَرْوَاحِ وَ الْأَوْجَاعِ بِسْمِ اللَّهِ وَ بِاللَّهِ وَ عَزَائِمُ مِنَ اللَّهِ لِصابر بن أحمد لَا يَقْرَبُهُ إِلَّا كُلُّ مُسْلِمٍ وَ أُعِيذُهُ بِكَلِمَاتِ اللَّهِ التَّامَّاتِ كُلِّهَا الَّتِی سَأَلَ بِهَا آدَمُ فَتابَ عَلَيْهِ إِنَّهُ هُوَ التَّوَّابُ الرَّحِيمُ إِلَّا انْزَجَرْتِ أَيَّتُهَا الْأَرْوَاحُ وَ الْأَوْجَاعُ بِإِذْنِ اللَّهِ عَزَّ وَ جَلَّ لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ أَلا لَهُ الْخَلْقُ وَ الْأَمْرُ تَبارَکَ اللَّهُ رَبُّ الْعالَمِينَ)

сараш об рехта шустушӯ додем, шалвору пероҳанҳои тозаи овардаамонро ба танаш пӯшонидем. Ҳамин ки каме ба худ омаду ба чеҳрааш нур дамид, бо Собир ба хонаи устодамон Домулло Асвад ва ду шарикдарсамон Илҳоми ғиҷҷакиву Навшоди калла рафтем, ба арвоҳи он гузаштагони азиз дуою фотиҳа хондем. Аммо... Эҳ-ҳ, бо чӣ забон гӯям... Чун дубора ба манзили дӯстамон баргаштем, дигар ӯ дар қайди ҳаёт набуд. Хоҳару бародаронаш бо нигоҳҳои пур аз самимият ба сӯямон дида дӯхта, дуо мекарданд. Онҳо мегуфтанд, ки ба шарофати мо мушкили дӯстамон осон шудааст, гӯё ин ҳама муддат мунтазири ҳамон андак ғамхорию мувозибати мо буда. Худованд барояш биҳишти баринро раво гардонад...

Дар хонабудаҳо ба суханҳои ӯ гӯш дода хомӯшу мағмум менишастанд. Ба эҳтимоли зиёд ҳар кас рӯйдодҳои ахирро аз чархи хаёл мегузаронд. Нобасомонию ин гуна маргумирҳои нобаҳангом нештари занбӯрҳои ба қиём омадаро мемонд, ки бераҳмона пардаҳои нозуку ҳассоси пиндору андешаҳоро мехарошид. Ҷон додани инсон хеле осон шудааст, гӯё барги хазони нопойдорест, ки бо вазидани насими кӯтоҳе аз бун канда шуда ба фано меравад. Баҳроми баззоз шишаи сукутро шикаст:

– Дубора ба Хоҷа Порсо меравед? – ба Фарҳод рӯ оварда пурсид ӯ. – Коре доред он ҷо?

– Намедонам. Як даст сарутанамон дар манзили Барзу монд, аммо аз он муҳимтар як халта китоб аст, ки хешонаш ба мо супурданд.

Нодири карбосӣ ба сухан ҳамроҳ шуд:

– Мулло Фарҳод, агар ин хел аст, пагоҳ як аробаро иҷора мегирам, мо – ду нафар ба хонаи шарикдарсатон меравем ва аз ҳамон ҷо рост ба Дарвозаи Самарқанд мегузарем.

– Хеле хуб, Баҳромдодӣ бо бачаҳо моро дар баромади шаҳр интизор мешаванд...

– Ман бо шумо меоям! – беихтиёр дар миёни сухан давид Суҳроб. – Палла баробар шавад – се кас ба он сӯй, се кас ба ин тараф.

Ҳама мулоим хандиданд. Нодири карбосӣ бо дилгармӣ ба ҳузури меҳмонони худ изҳор кард:

– Бошад, Суҳроб бо мо равад. Акнун биёед, азизонам, як ҳаво хӯрда дароем, Иффат чой андозад. Пас аз сафари дароз шаҳри вайронаи мо шуморо хастаю лакот кард. Хоб рафта хезем, Худо подшо, корамонро Худаш осон мекунад.

– Ё Аллоҳ! – садо баланд кард Баҳроми баззоз ва ҳама пасу пеш ба по хеста аз хона баромаданд.

...Баҳрому Суҳроб ба маҳзи сар ба болин ниҳодан бо садоҳои ками «пуф-пиф» хоб монданд. Фарҳод бошад, бори дигар ба назди Собири ҳофиз гузашт, аввал набзи ӯро ва сипас кафи даст ба пешониаш гузошта дамои баданашро санҷид. Чун мутмаин шуд ҳоли дӯсташ хуб аст, зери лаб дуо хонд: «Ло илоҳа илло анта субҳонака инни кунту миназ-золимин». Баргашта ба ҷойи худ омад ва паҳлуи Фарзом дар зери як кӯрпа ғунҷида дароз кашид. Додар оҳиста аз ӯ пурсид:

– Аҳволашон чӣ хел?

– Хеле ба худ омад, то пагоҳ нағз мешавад.

Дар миён хомӯшӣ нишаст. Фаршед саъй мекард чашмонашро пӯшида ба хоб равад, аммо не, ҳатто ғанаб намебурд. Чун ҳис кард бародар низ бедор аст, кунҷковиаш рӯ гирифт ва бо овози кам савол дод:

– Додӣ, Хоҷа Порсо кист?

Фарҳод ба паҳлуи рост гашта, бо кафи даст мӯйҳои чигилшудаи Фарзомро мулоим ба пас ҳамворкунон ба нақл даромад:

– Ту Хоҷа Баҳоваддини Нақшбанда шунидаӣ, бале?

– Баҳоваддини балогардон?

– Боракаллоҳ! – хушҳол шуда аз нӯки бинии додар пучида монд Фарҳод ва дар посухи суоли ӯ идома дод: – Шогирди пири маъруф Саид Мир Кулол, Хоҷаи Бузург, ҳамон сӯфии дарвешмаобу камбағале, ки зимистонҳо рӯйи қамишу пахол хоб мерафту тобистон бо бӯрё қонеъ мешуд, як коса оша бо шариконаш бо ҳам медид, марди заҳматпешае, ки аз меҳнат сар намебардошт, шиори худашу ҳамтариқатонаш чунин буд: «Дил ба ёру даст ба кор»... Ба ту гӯям, Хоҷа Порсо ҳам муриди бовафо ва пайрави муътамади Шайх Баҳоваддин аст. Аз сӯфиёни шинохтаи бухороист, чандин рисола дар илми тасаввуф дорад. Ҳанӯз дар замони зиндагии худ мадрасае бо номи худ дошт. Соли 822[137] аз дунё дармегузарад, дар маҳдудаи мадрасааш ба хок месупоранд. Мақбараи эшона чӯби борики дарозе бо думи ғажгов[138] зеб дода, аз чароғхонааш барои равшан кардани шамъҳо истифода мебурдаанд. Он замон гузар бо исми Хоҷа Порсо ёд мешудааст.

– Пас, чаро ҳоло Кӯйи Деҳқон мегӯянд?

– Ин ном як-ду аср дертар зикр мешавад, вақте ки китобхонаи мадрасаи Хоҷа мураттаб мегардад... Ба хотири бузургдошти эшон ҳамин мадраса ҳам кофист, – Фарҳод як дам хомӯш монд, яке баргаҳои хотирааш рӯгардон шуду афзуд: – Тибқи нақлҳо, дар давоми сол яке аз маросими занона, ки «Сайл» ном дорад, дар дохили мадраса доир мегаштааст. Занон саҷда карда, дуо хонда, ҳангоми зиёрат нонҳои бо худ овардаашона дар равған таф медодаанд. Бо ин эътиқод, ки аз бӯйи нони тафдода руҳи марҳумон меосояд...

– Эҳ додӣ, ба гумонам ҳар ваҷаби Бухорои мо як таърих дорад, лекин имрӯз ба ҳолаш маймунҳо механданд.

Фарҳод оҳи сабуке кашид, канда-канда фикрашро изҳор намуд:

– Бубин, додарҷон, мардуми мо зулми бисёр дидааст: як замоне аъроби биёбонӣ бо калтаку шаллоқ ба сарамон тохтанд, чанд муддат муғулҳои ҷоҳилу ваҳшӣ бо камону шамшер хунрезиҳо карданд, солҳое низ ёвҳои бехонаю дар фаровон ҷабру ситам доданд, ҳар чӣ доштем ба яғмо бурданд, аммо... Имрӯз шоҳиди он ҳастем, ки озору бедодгарии сурхҳои лаъин аз ҳама гузаштааст! Аз он ситамҳо, ба ҳар ҳол, одам захмӣ шуда, ҷонаш дар қолаб дук-дук зада, хонаю дараш бо вуҷуди нимавайронӣ боқӣ мондааст, вале ин гулӯлаю бумбҳои наҳс дар роҳи худ ҳама чизу ҷонвара ба хок яксон карду сӯзонд, гирдбоди гарду

---

[137] Соли 822 ҳ.қ. – мутобиқ бо соли 1419 м.

[138] **Ғажгов غژگاو** – қӯтос

дуди бепоёна ба осмон баровард. Чандин осори ҳунарию фарҳангиамон, ки дар давоми асрҳои зиёд аз боду бӯронҳои бешумори тааддигарон эмин мондааст, зарфи чанд рӯз харобу валангор шуд, одамон бо тарсу таҳлукаи беохир хонаю ҷойи худа тарк карданд, Бухорои ҳамеша серодам ба майдони тохтутози ваҳшиҳо мубаддал гардид. Ҳарчанд сарбозони амир дар камтарин муқобилат роҳи фирора пеш гирифтаанд, халқи маҳаллӣ бо ҷонсахтӣ пархош карда, дар ҷангҳои кӯчагӣ қаҳрамонӣ нишон додаанд. Онҳо дастҷамъона аз бому тирезаҳои худ низ ба сари аскарони Фурунзе оби ҷӯш рехтаву сангу кулӯх андохтаанд. Фурунзеи лӯтибози номард ба танг омадани аскаронаша дида дастур медиҳад, ки ба ҷанги ҳавоӣ гузаранд. Кам не, ғам не, ёздаҳ ҳавопаймо дар осмони шаҳр ба парвоз даромада беист бумбафканӣ мекунанд! Айропланҳои аждаҳодам зарфи чор рӯз чандин гузари ободи Бухорои куҳана ба хок яксон мекунанд. Мегӯянд, алангаи кӯҳи оташ аз бисту панҷ ҷойи шаҳр баланд шудааст. Пас аз он дар байни мардум суханҳои шодиомези халабонҳои[139] сармаст даҳон ба даҳон паҳн мешавад, ки аз таркондани масҷиду Манори калон завқ бурда гуфтаанд: «Бумб дар кафам аст, дар поин масҷидро мебинам. Ва, рост парт мекунам ба сари гунбаз... Ҳур-ра-а!» Ба доҳияшон – Линин ҳам пайғом фиристода бо худситоӣ арз кардаанд, ки «нисфи шаҳр ба коми оташ рафт!»... Эҳ, ту гумон мебарӣ, душман ина намехост? Не, бо вуҷуди ин ҳама зулму ваҳшигарӣ, аксариюн – ҳамон булшевикҳои «хайрхоҳ» аз амалу кирдори наҳси худ ифтихор доранд, бо садои баланд мегӯянд, ки ҷаҳони истибдода нобуд кардаанд, иморати ҷаҳолатпараста аз байн бурдаанд! Вале чашми ҳариси ин хабисон лак-лак ҷасадҳои лахтулаб, девору манору сохтмонҳои ба хок яксоншудара намебинад, лаънатиҳо парвое надоранд, ки рӯзи бухороиён сиёҳ гардида, зиндагиашон баҳам рехта, дару пила, кӯю кӯча ва ҷӯйбору рӯдҳояшон хунин гаштааст. Ин фоҷиаангезони ҷаллод аз чодари ғаму кулфат пӯшидани мардуми маҳаллӣ хурсанду шод ҳастанд, бо нобуд кардани осори ниёкони мо ва суҳафу каломи дини мубин меболанду мисли улоғҳои шитабӯйида ҷуфтак мезананд...

Овози маҳини пиш-пиш нафаскашии Фарзом шунида шуд. Фарҳод кӯрпаро болотар ба сари ӯ кашида, худаш низ ба хоб рафт.

## Сардоба

– Об! Об!!

– Об! Бобо ба об расидем! Бубинед, Сардоба аст он ҷо!

Ногаҳон садою нидоҳои хушнудонаи як писару духтараки аз ӯ бузургтар мусофирони дар роҳ хастаю шалпаршударо ба худ овард. Дар ин дам, ки офтоб тоза ба қадди найза болои сар омада, дашту кавири пур аз хору бедарахтро доғ мекард, ду идда роҳгузинони ба тақар-тукури аспаробаҳо ва тақ-туқ помонии аспони худ одаткарда пинакравон аз масири Бухоро ба Кармина наздик мешуданд. Ба маҳзи ин ки дар пешорӯяшон, аз миёни пардаи нозуки ба эҳтизоз

---

[139] **Халабон خلبان** – *он ки ҳавопайморо ҳидоят кунад:* ҳавонавард

омадаи ҳавои гарму дим суроби созаи пасти гунбаздоре ба дида хӯрд, ду нафар навраси бетоқат худро аз ароба ба поин андохта ба он самт дартоз шуданд. Аз ин шитобу саросемагии бачаҳо мӯйсафеди қамчинбадаст, ки аробаро ҳидоят мекард, ба изтироб омада дод зад:

– Биистед, куҷо меравед?! Ҳоло то Сардоба ду-се чақрим роҳ аст, гардед ба пас!

Аммо, ин амри бобо дар ҳаво монд. Набераҳои сархуш аз овозаи оби сард, ки дар миёни биёбон ҷой хуш карда буд, ба пушт нагашта, аз ҳамдигар сабқаткунон ба сӯйи марра давиданд, то сару рӯйи палосидаю лабҳои хушки қоқро ба чашмаи мурод расонанд. Дар ин лаҳза сақфи гирди гунбазии Сардоба ва дарвозаю деворҳои баланди корвонсаройи он ҳар дуро чун оҳанрабо ба сӯйи худ мекашиданд. Анбӯҳу арғамчини парандаҳо низ дар фарози он маҳдуда аз сафои обу нишоти ҳаёт дарак медод. Ҳар қадар наздиктар мерафтанд, шибҳу суроби одамони мутараддид[140] ва аспу улоғу шутурҳояшон аёнтар дида мешуд. Ин нози саҳрои̣ бо нигоҳе фишурда чеҳраи нозанинеро мемонд, ки аз холи шукуфта ҳусн боз мекард. Тамошои чунин як зебои̣ пас аз паймудани сафари дурудароз ба дилҳо умеди зиндагӣ илқо менамуд ва нафосату латофаташ басе руҳбахшу дилнавоз буд...

Аспаробаи дигарро аз дунболи мӯйсафед марди сиёҳҷурдаи қавиҳайкале, ки бозувони бақуввати ӯ аз зери остини ҷома ҳам лаппида меистод ва сандуқи синаи паҳне дошт, идора мекард. Муштариёни ӯ Фарҳоду Собири ҳофиз ва як ҷуфт зану шавҳар буданд, ки тамоми роҳ гапзанон меомаданд. Марду зан мулло будани Фарҳодро донистa, ба ӯ бо эҳтирому мулозимати хос бархӯрд мекарданд. Ҳар чӣ ба зеҳнашон меомад, аз ӯ мепурсиданд. Хеле хурсанду сари ҳол буданд, ки ҳамсафарашон ҷавони доною ҳамадоне аст. Аспаробаи онҳоро гоҳе аз қафо ва гоҳе низ пеш гузашта аз бағалу ҷилав се савора мушоят мекарданд. Саворaҳои ошно – Баҳроми баззозу Суҳроб ва Фарзоми мамнуну шод, ки ин сафарро барои хеш имтиҳони нахустин дар рӯзгори ба сар бурдааш медонист, то ин ҷо хастагии роҳро аз Хонработ то поёни Чӯли Малик дар тану ҷони худ пай мебурданд. Аз дасти лик-лики беохири аспон мехостанд ҳарчи зуд пуштҳои озурдаро ба сабзаи ҳаволии корвонсарой молиш диҳанд.

Ҳамон зайле ки аробадори мӯйсафед аз қафои набераҳояш овози изтиробомез баланд карда гашти аробаашро тезтар кард, гурӯҳи дувум низ ба суръати худ афзуд. Бо ҷодаҳои хокии саҳрои̣ бештар аз нуздаҳ фарсахро[141] тай карда, дар миёни дашти бекарон ба манзили обод ва ба хусус, ба чашмаи об расидан, бениҳоят руҳбахшу ҷонфизо буд. Ин мояи лаззату фараҳро то мағзи ҷон ҳис карда мусофирон шод шуданд ва дар ин лаҳза аспонашон ҳам гӯё ҷон гирифтанд. Дар ҳоле ки манзари рӯ ба рӯ ва йӯрғазании аспаш Баҳроми баззозро ба шӯру ҳаяҷон меовард, дар канори Суҳробу Фарзом лик-ликравон масрурона изҳор кард:

---

140 **Мутараддид متردد** – омаду рафткунанда; раванда

141 19 фарсах – ҳудудан 115 км

– Мегӯянд, ҳашт-нуҳ қарн инҷониб корвонсаройи Работи Малик нишемангоҳи корвонҳои аз роҳ расидаи Роҳи бузурги абришам аст. Ҳар кӣ ба сӯйи Бухоро меояд ҳатман дар ин гӯшаи обод дами фароғат мезанад, хастагӣ мебарорад, ҳатто ним шаб-як шаб хоб рафта пасон сафарашро идома медиҳад.

– Ман ба Сардоба тан додам! – ба сухан ҳамроҳ шуд Суҳроб. – Ин созаи бебаҳо манбаи ҳаёт аст. Азбаски дар зери замин дуруст кардаанд, обаш доиман сард мемонад. Ва оби сард, ба хусус, дар фаслҳои гарм роҳати ҷон аст.

– Рост мегӯйӣ, додар. Ин махзани бебаҳо, ки дар дили дашт ҷо хуш кардааст, обашро аз рӯди Зарафшон мегирад. Оё медонӣ ҷӯйбори обрасони он чӣ қадар тул дорад? Бисту ҳашт чақрим![142]. Худаш манбаи хурде ҳам нест – бо қутри панҷоҳу ҳашт ваҷаб[143] ва баландии дувоздаҳ қулоч[144]. Баҳору зимистон об дорад, оби мусаффо! Агар ин махзан намебуд, Худо медонад, корвонҳо ба чӣ ҳол меуфтоданд.

Барои Фарзом гуфтугӯйи ҳамраҳонаш хеле ҷолиб буд. Аз ду паҳлуи аспаш лингзанон саъй мекард аз онҳо қафо намонад. Ӯ дар омади гап гуфт:

– Метавонистанд як ҳавзе созанду монанд, амак. Лекин, бубинед, бо ҳавсала чӣ хел созаи диданиро бунёд кардаанд. Сақфи гунбазшакл ва девори доирашакли гирдаш бо хишти пухта як меъмории бебаҳои ёдгориро ба хотир меоварад. Дар рӯ ба рӯяш низ сохтмону сутунҳои корвонсарой аз диди нозуку зебоиписанди устоҳо дарак медиҳад.

– Оре, писарам, ин маҷмуа аз ҷумлаи ёдгориҳои беназири таърихӣ дар атрофи Кармина аст. Мардуми мо дар баробари баровардани ҳоҷату ниёзҳои худ ҳамчунин ба зебоӣ, ба фарҳанги сохтусоз бисёр таваҷҷуҳ кардааст. Сардоба аз ҷумлаи чунин офаридаҳо аст, ки ҳатто оҷурчинии он бо чанд шаклу намо сурат гирифтааст. Барои обгирӣ пилапояи махсус дорад ва аз ҳамон роҳи дастрасӣ вақт ба вақт кафи махзанро аз гилу лой ва ҳар гуна таҳнишаст тоза мекунанд.

Дар ҳамин лаҳза ногаҳон аз ҷониби Сардоба садои ҷонхароши писарона баланд шуд. Мусофирон ҳама ба он сӯ дида андӯхтанд. Ҳамон писараки пеш-пеш давидаистода пешпо хӯрда, дар миёни хору хок ғелидаю жӯлида ба назар менамуд. Духтарак аз уфтодани ҳамроҳаш тарсида, чӣ кор карданашро надониста, ду даст ба зону зан-занон бобояшро ба ёрӣ садо мезад. Аввал аробаи мӯйсафед ва аз дунболи он аробаи Фарҳодиною саворахо ба чорхез даромаданд. Фурсати зиёде нагузашта ба даври писару духтарак ҷамъ омаданд, ки ҳар ду каме дуртар аз Сардоба нишаста монда, ҳоли табоҳ доштанд. Писар бо дард нола мекард, як дасташ лат хӯрда буд магар, беҳаракат ба поин кашол меистод, то миёнаҳои ангуштони дасти дигараш шиёри хуни шорида ба чашм мехӯрд. Остинаш низ то болотари оринҷ хунолуд буд. Аз ҳама пештар Суҳроб ба сари бачаҳо расиду ҷаҳида аз асп фуромад ва писараки ҷароҳатдидаро озод рӯйи даст бардошт. Ҳамин ки мӯйсафед низ бо аробааш

[142] 28 чақрим – ҳудудан 30 км

[143] 58 ваҷаб – 12,8 м

[144] 12 қулоч – 20 м

наздик шуд, бо тезӣ писарро ба кафии пушт, ба рӯйи намадпорае, ки аробакаш густурд, хобонид.

– Ба гап гӯш намекунед, сағираҳо! – ғазабомез дод зад мӯйсафед. – Аз ин бадтар шав, дардат ба даво!

Писарак сахттар гиря кард. Аз ниҳояти зарбу харошхӯрдагӣ тамоми ҷонаш дард дошту месӯхт, ки лабонашро ғунча карда, «о-о-уу» гӯён нафаси чуқур ба дарун мекашид, ингос мезад. Ба ҷору ҷанҷоли мӯйсафед кордор нашуда, Суҳроб дарҳол миёнбанди латтагии худро кушод ва ба шамол додани писарак пардохт.  Дар ҳамин асно Фарҳод ба имдод расид.

– Бобо, аз сарзаниш фоидае нест, ягон порчаи тоза ё дока доред? – гуфт ӯ ба мӯйсафед ва баргашта аз Суҳроб хоҳиш кард: – Мешии обамон дар дасти Фарзом аст, ҳамонро биёр, бародар.

Мӯйсафед нафас ба дарун кашида, аз таҳи яктаҳаш як сарбанди сапедеро баровper дар канор гузошт. Фарҳод почаҳои писаракро то зону ва остинҳои куртаи ҷо-ҷо порашудаашро то бехи дастонаш бар зада монд. Ҳоли асафоваре дошт писар, тавре ки пӯсти дасташ дар чанд ҷо лахта-лахта канда шуда хунобча менамуд, ҳар ду пояш аз зарбу лат ва неши хору хас ранг ба ранг зада буд. Ба маҳзи ин ки Суҳроб омад, Фарҳод пораларттаро ба зери мешӣ дошта тар кард ва бо эҳтиёт ба тоза кардани хоку хуни маҳалҳои харошидаи дасту пойи ҷабрдида пардохт.

– О-о-о! Оча-ҷо-он!

– Тоқат кун, додарҷон, тоқат кун... Ҳоли ҳамаш зебо меше, амак дору мемола, – аз дард кашидани писарак абру чин карда сухан ба лаб мечид духтараки ҳамроҳаш. Мӯйсафед бошад, ҳанӯз аз ғазаб нафуромада буд. Бо вуҷуди ин ки дилаш ба набера месӯхт, рӯякӣ ӯро коҳиш медод:

– Ман гуфтам, пешхезӣ кун? Ба куҷо медавӣ ин қадар... Якрава давош ҳамин, сӯз, лаввас зан!

Фарҳод бошад, орому сархам, ба мисли табибҳои чашмикордон ба дармон кардан идома дод. Пас аз шустану зудудани олудагиҳо, дар поёни кор аз ҷайби дарунии ҷомааш рӯмолчаи гиреҳзадаеро бароварду боз кард. Дар рӯмолча хокаи хокистарие буд, ки аз ин дурандешии Фарҳод ҳама ба шигифт омаданд. Ӯ дубора «бисмиллоҳ» гуфта, гарддоруро аз пушти панҷаи даст то болотари оринҷ ва ба ҷойҳои харошхӯрдаи пойи писарак пошида баромад. Як дам хомӯшӣ ҳукмрон шуд. Аз ҳама бештар чашмони духтарак, ки бо дилсӯзӣ худро мехӯрду нороҳат буд, ҷило доданд, ба лабонаш табассум давид. Писарбача низ ором шуда, ба ӯ нигоҳи шод афканд. Фарҳод корашро ба сомон расонида, бо як фараҳи дарунӣ сар боло кард ва ба мӯйсафед гуфт:

– Хатар дар пушт монд, ҷойи нигаронӣ нест. Як дам бихобад, гарддору ҳазм шуда дасту пояш ба худ меояд.

Чашмони меҳрогини мӯйсафед ба рӯйи Фарҳод хандиданд. Аз он ки чеҳраи дудбору хашмгини ӯ дар як лаҳза ҳамчун осмони дар миёни абрҳои сиёҳу соиқа монда дубора ҷило боз кард, ҳама хушҳол шуданд. Ӯ баргашта даҳони кӯлборашро кушод ва аз он як баста ҳалвои лавзро берун кашида, бо

изҳори сипос ба Фарҳод дароз кард. Аммо Фарҳод дасти ӯро ба қафо гардонда бо лутф гуфт:

– Инро бо худ биёред, дар работ ҳама бо чою нон мехӯрем...

Ҳамин дам аз ҷониби аспаробаи Фарҳодино «тарс» садои шаллоқ шунида шуду овози доду фиғони зане, ки дар болои ароба нишаста буд, баланд шуда рафт. Ҳама якбора ба он сӯи дида дӯхтанд. Ду ҳамсафари Фарҳод – зану шавҳар ба ҷони ҳамдигар дарафтида буданд. Мард доду бедодкунон мехост ба сару тани ҳамсараш мушт занад, зани муштипар бошад, рамида-рамида саъй мекард ба ҳар навъе шуда сарашро ба дарун кашида, дастҳояшро дар муқобили муштҳои зӯрманд сипар кунад. Фарҳод ба самти онҳо дартоз шуд. Ӯ бештар аз нимҷонию озурдагии дӯсташ Собири ҳофиз нигарон буд. Ба сари қазия ки омад, мард вайро дида ором шуд, бо ғазаб арз кард:

– Ин ношуди кӯр айнакамро зери кунаш монда шикаст!

Овози баланди ӯро шунида хурду калон яке бо овоз хандиданд.

– Не, домулло, худаш мондаасту ман надидам, нохост шуд! – гуноҳашро тан нагирифта ба сухан омад зани дармонда.

Мард дубора дод зад:

– Нафасата каш, ношуди кӯр!

Фарҳод пеш аз он ки ба онҳо ҳарфе гӯяд, ба дӯсташ чашм дӯхт. Собир шонаҳояшро ба пуштаки ароба такя дода, бо лабханди мулоим талошу даъвои ҳамнишастонашро тамошо мекард. Фарҳод ӯро осуда дида, бо як нигоҳи ҷиддӣ ба мард рӯ оварда гуфт:

– Одамҳо мешикананду айнак чӣ аст, ки ин қадар пархош мекунед?! Шукр гӯед, ки чашмонатон сари ҷояш аст, ба Худо! Ин чӣ бераҳмӣ? Наход барои айнак шуда ҳамсари худро шаллоқ занед, инсоф доред?! Меҳру мурувват намондааст... Зан ҳам одам, амонат аст дар дасти шумо. Агар аз одами худ зулм бинад, аз дигарҳо чӣ гила?

Мард аз шасташ гашт. Нигоҳашро аз Фарҳод гурезонда, ором ба гӯшаи ароба хазид. Шикастапораҳои айнакашро, ки дар кафи даст нигаҳ медошт, қулоч кашида ба дур андохт. Ҳамсари ӯ бо садои паст, маҳзунона гуфт:

– Домулло, нофаҳмӣ шуд, моро бубахшед. Шон ҳам намехостанд маро шаллоқ зананд...

Фарҳод аз раҳмдилии зан тааҷҷуб кард. «Ин занҳо чӣ мардуме ҳастанд, во аҷаб? – дар дил андешид ӯ. – Дар сарашон чормағз ҳам шиканад, аз марди худ ҷонибдорӣ мекунанд...» Ӯ ҷаста ба ароба баромаду дар назди Собир нишаст ва як он ба аробакаши сиёҳҷурда амр дод:

– Рафтем, ба корвонсарой даро. Дар Работи Малик чою наҳор мехӯрему баъд ба роҳ мебароем.

Аз пайи дастури Фарҳод садои ғиҷирросии чарххои аспароба то гӯши ҳама расид магар, пасу пеш аробаю аспакиҳо ба сӯйи работ роҳӣ шуданд, то он ҷо дигар як қадам роҳ монда буд...

Ҳанӯз ба корвонсарой нарасида, ба Сардоба, ки наздик шуданд, Фарҳод як ба дӯсти хастаҷонаш Собири ҳофиз ва як ба писараки ҳамсафари латхӯрда,

ки тамоми роҳ пасу пеш омада буданд, нигоҳе афканду ба Фарзом рӯ оварда гуфт:

– Додарҷон, ту ягон мешира бо оби ях пур куну ба работ гузар.

Суҳроб бетоқатона арз кард:

– Ба Сардоба намефуроем?

– Корвонсарой дастшӯйӣ дорад, ҳамон ҷо таҳорат мегирем, – ба ҷойи Фарҳод посух дод Баҳроми баззоз. – Пеш аз ба роҳ баромадан бо ҳам махзанро зиёрат мекунему ба ҷогаҳҳо об мегирем.

Ҳама бо аломати тасдиқ сар ҷунбонданд, вале Суҳроб ба онҳо ҳамроҳ нашуда, бо лабханди мулоим ва нигоҳҳои мулозиматомез ба Баҳроми баззоз рӯ оварда лигоми аспашро ба дасти ӯ дод ва аз пайи Фарзом уфтод. Ҳар ду бо суръат қадамзанон ба тарафи созаи мудаввари Сардоба роҳ пеш гирифтанд.

Ба маҳзи ин ки гурӯҳи нав ба остонаи Работи Малик наздик шуд, ду нафар хидматкори сиёҳҷурда, ки маълум буд аз офтоб сӯхта сиёҳ шудаанд, давида омаданду аспонро соҳиб шуданд ва ҷонварҳои бетоқатро, ки бо дидани бегонаҳо пӯзаҳои худро ба осмон карда, рам хӯрда, ноором мешуданд, аз лаҷомҳояшон дошта кашолакунон ба саисхонаи самти чап бурданд. Мусофиронро дар дохили ҳаёт як чойхонадори миёнсол пешвоз гирифт. Ӯ бо тамаллуқу хушбаёнӣ ба пешвози меҳмонони нав баромада, ба як гӯшаи корвонсарой роҳнамоӣ кард. Ба рӯйи суфаи дарозрӯяе як қоличаи фарсударо густурда буданд. Фарҳод аз зери каши дӯсташ Собир дошта меомад. Пасу пеш Баҳром, зану марди ҳамаробаи Фарҳод ва мӯйсафеду бачаҳояш низ бо мушояати чойхонадор омада ба рӯйи суфа баромаданд. Ҳама гирди ҳам нишастанд, мӯйсафед нафаси амиқ кашида даст ба дуо бардошт ва дурудароз ба маънии «расидан ба хайр» дуоҳое хонду ҳама даст ба рӯ кашиданд. Ҳамон замон писарбачае дар китф лӯнгӣ ва дар даст офтоба ҳозир шуд. Бо ишораи Фарҳод ӯ нахуст ба дасти Собири ҳофиз об рехт. Паси ҳам дасту рӯ шуста, бо изҳори сипос ба обдастдор мегуфтанд: «Таҳҳаракаллоҳу мин ҷамиъа зунубика» (طهرك الله من جميعَ ذنوبك) ва обрез бо хушҳолӣ ҷавоб мегардонд: «Ва лака мислу золика» (و لك مثل ذلك).

Работи Малик серодам буд. Дар айвонҳои дарунӣ ва ҷо-ҷо дар саҳни васеи дохилаш одамон сарҷамъ нишаста, суҳбаткунон чою ғизо мехӯрданд. Як гурӯҳ марди ҷомасапед, ки ҳама ба сарҳояшон салла баста, ба даст тасбеҳ гардонда, бо карруфарри хос дар бағалдасти меҳроби корвонсарой менишастанд, бештар диққати раҳгузаронро ба худ ҷалб менамуданд. Каме дуртар аз онҳо занони фаранҷипӯше низ ғарқи ҳангома буданд, ки аз сарулибоси оҳориашон ба хонаводаи сипо, яъне ба ҳамон мардони ҷомасапеди сӯфимаоб тааллуқ доштани онҳо ҳувайдо буд. Баҳроми баззоз аз онҳо чашм наканда, ба маҳзи чой овардани чойхонадор аз оринҷи ӯ дошта пурсид:

– Бародар, онҳо аз куҷо омадаанд, чӣ кораанд?

– Гуфтанд, аз аҳли Балханд, ба зиёрати Ҳазрати Нур мерафтаанд.

– Оҳ-ҳоо! Пас, бо мо ҳамсафар мешаванд...

– Хеле борубуна доранд. Шунидам ки дар шаҳри Нур қурбонӣ медодаанд, ҳатто шутур ҳалол мекардаанд.

– Худо хайрашонро диҳад, – ба гап ҳамроҳ шуд Фарҳод, – Дуо мекунем ба «тӯфон»-ҳои рӯзгори мо гирифтор нашуда, сиҳату саломат ба мулки худ баргарданд.

Чойхонадор дарҳол афзуд:

– Саройбони мо ҳам ҳамин гапа гуфт, ба худашон таъкид кард, ки замона хатарнок шудааст. Вале парво надоранд, «Худо нигаҳбони мост» мегӯянд...

Ногаҳон аз самти чап, садои доду бедоди ду нафар марди қаландармаоб ба фазо печид. Бо ин ки касе ба онҳо кордор намешуд, аз ҳар сӯ чашмҳо ба ҳамон тараф дӯхта шуд. Бар хилофи давраи сӯфимаобон дар он гӯша чанд зану мард ва бачаҳо бо либосҳои куҳнаю дарида, бо мӯйҳои расида, ришҳои ғулуи номураттаб, аксаран поҳои урёни сиёҳу захмишуда, бо нигоҳҳои ҳарисонаи умедвор гирди ҳам ҷамъ шуда буданд. Бачаҳои онҳо беист дар гирдашон давутозкунон ба ҳам дармеафтиданд, бе ибо ба якдигар суханҳои фаҳш мегуфтанд. Аҳёнан аз мардони давра дод зада, «Ҷим, нафасата каш!», «Қис кун, шин дар ҷоят!», «Напар, думата ғундор!» гӯён бо дӯғу дабара сарзаниш мекарданд, вале бачаҳо ба ин пӯписаҳо парвое надоштанд, ситезаи мардон барояшон одию маъмулӣ менамуд. Вале... ҷанҷоли ду мард ба қиём расид. Бо ҳақоратҳои сахт ба гиребони ҳам дарафтиданд. Ду-се нафар аз ҳамраҳонашон ба по хеста миёнҷигарӣ карданд, аммо бефоида. Бо як чашмпӯшӣ, дар назари ҳама ду қаландар ҳамдигарро кӯфта, ба ҳам овехта ба замин яксон шуданд. Даргирии онҳо ду саги ваҳшии аз худ рафтаро мемонд, ки гӯё сари «модасаге» ба тавофуқ нарасида буданд. Корд ба устухон расиду саройдор бо ду нафар ёвари худ ба самти даргиршудаҳо дартоз шуд. Бо мушкилӣ мардҳои хунгирифтаро аз ҳам ҷудо карданд, лекин даҳони бефаровези онҳо ором намегирифт, ҳар чи баду бероҳ медонистанд, бо хашм ба сари ҳам фурӯ мерехтанд...

Бо авҷ гирифтани ҷангу даъво Суҳроб тоқат накарда аз ҷо хестанӣ шуд, ки Баҳроми баззоз нагузошт.

– Бигзор гӯшти якдигарро хуранд, онҳо қасдан ин корро мекунанд.

Суҳроб ба ҳайрат омад, аз бепарвоии ҳамсафарони бузургсоли худ тааҷҷуб кард.

– Онҳо ману ту баринҳоро ба ҷанги худ кашида баъд товон меситонанд, кордор нашав! – дар идомаи каломаш илова кард Баҳром.

Дар ҳамин асно як он баланд шудани садои ҷонкоҳонаю нолаи занона ва дар пай доду ғиреви гӯшхароше ҳамаро ба ваҳшат овард. Дигар, Суҳроб парида аз ҷо хест, аз паси ӯ Фарзом низ бедиранг сари по шуд. Ду зани ҳамроҳашон гиребон дошта, туф-туфкунон ба аноигӯйӣ даромаданд:

– Э вой, ин чӣ шӯру бадбахтист!

– Худоё, ба ин мардум чӣ шудааст, ҳама банги девона хӯрдаанд магар?

Ҳарчанде ки бисёриҳо дар саҳну айвонҳои корвонсарой аз ҷо наҷунбида, ба ин ҳама доду бедод бепарво чою нон мехӯрданд, Суҳробино бе тааммул ба сӯйи дарби даромад давиданд. Дар пешорӯйи работ чаҳор савора ба ҷони ҳам дарафтида асптозӣ мекарданд. Чарс-чурс садои қамчинзании онҳо ба бару дӯши ҳамдигар ҳамроҳ бо доду бедодашон ба осмон пахш мешуд. Манзараи

ваҳшатзо он буд, ки як аспакӣ дар миёни онҳо монда, тану тӯши духтареро муҳкам ба қоши зин зич карда, дошта меистод. Духтари бечора, ки бе сербанду рӯбанд монда, бо мӯйҳои ба чор сӯ титу парешон барраи ба чанголи уқоб афтидаеро мемонд, ҳам даст мезаду ҳам по, бо овози дардолуд аз Худо имдод мехост. Саворaҳои атроф ба кафалу паҳлуи аспони худ кӯфта-кӯфта саъй мекарданд ба марди васат наздик шаванд. Вале ӯ бо сари хам, бо ҳарчи неруе дошт, духтарро зери зону нигаҳ дошта, бо як даст аспашро тозиёназанон ба фирор водор карданӣ мешуд. Чӣ манзарае! Давутоз ва ар-ури саворaҳо бузкашии мардони ҳузарбро ба хотир меовард. Ҳар яке саъй мекард тану калла ба миёни тӯда занаду лошаи сари зинро ба даст дарорад...

Суҳроб ба хашм омад. Беш аз ҳама бо дидани чеҳраи ваҳшатзои духтари асира ранг бохту бо шӯри ҷавонмардӣ сабру тоқатро аз даст дод ва бо тамоми неру ба сӯйи саворaҳо тохт. Ҳамин ки нахустин асптоз аз рӯ ба рӯяш пайдо шуд, бо тамоми неру тоб хӯрду бо пушти соқи по зарбаи сахте ба сари синаи аспи ӯ фуровард. Ҳамин ки савора бар сари зин ноустувор шуд, бо чолокӣ давр зада аз нӯки қамчинаш дошт ва бо як кашиши сахт ӯро аз асп даровард. Наистода лагади обдоре ба буни гардани савораи замингазида заду тозиёнаашро ба дасти худ гирифт. Ҳамин дам аспакии дуюм ба самти рақиби ногаҳонӣ ҳамлавар шуд. Аммо, бо як чашмпӯшӣ нафаҳмида монд, ки гирифтори панҷаҳои бақуввате дар фарози сарҳо муаллақ мезанад. Ҷуссаи чун коҳ сабукшудааш аз арши зин канда шуда, ду бор бевазну бехуд даврзанон ба замин яксон шуд. Суҳроб ду кафи даст, мисли ин ки гарду хоки панҷаҳояшро меафшонд, ба ҳам заду дубора ҳолати исто ба худ гирифт. Дар ҳоле, ки тамоми мушакҳои баданаш таранг шуда, бозувони дамидааш аз рӯйи остини тунук ҷунбида меистоданд, ғазаболуд ба тарафи савораи сеюм дида дӯхт. Марди ноошно бо нигоҳҳои ҳайратзо корзорро тамошо мекард. Ӯ низ ноогоҳ аз ғафлати ҳамтоёнаш, гӯё ки ба тавони аспи хеш бовар мекард, мустақим ба болои Суҳроб асп давонд. Дар сурате ки аз ҳуҷуми ӯ одамони ба саҳнаи тамошо баромада дам дар дарун истода, оқибати наҳсеро бар сари Суҳроб мунтазир буданд, ҳодисаи шигифтангезе ҳамаро лол кард: Суҳроб баробари наздик шудани аспу савораaш барқосо чап дода тоб хӯрду бо мушти гиреҳкардаи худ чунон зарбаи муҳликоваре ба сустгаҳи асп зад, ки ҳар ду – аввал асп, аз пайи он аспакӣ сарозер ба замин афтида, бо вазни худ то хеле ҷо ғелида рафтанд. Ин ҳарбу зарб издиҳоми росту шахшударо ба по хезонд, гӯё ҳама ба зери бағал теғ хӯрда буданд, як он дасту сару гардан ба осмон бардошта, шӯру шааф роҳ андохтанд. Ҳаёҳуи шодиомез ба фалак печид.

Лаҳзае гузашту бо иқдоми навбатии Суҳроб хомӯшӣ ба миён омад. Ӯ оҳиста қадамзанон ба савораи чаҳорум, ки аз таҳдиди рақибон осуда шуда, духтари леҳшударо каме ба пеш кашида қомати худро рост мекард, наздик шуд. Савора дастҳои дарозкардаи Суҳробро дида, беихтиёр духтарро раҳо кард. Худаш низ бо беҳолӣ зину рикобу узангуҳоро пармосида, аз асп фуромад. Ҳамин ки саройдор дид Суҳроб духтарро рӯйи ду даст дошта, ба тарафи работ меояд, дарҳол одамони ҷамъшударо ба ду самт теладеҳон барои

ӯ роҳ кушод ва пешопеш аз дарби вурудӣ гузашта ба хонаи пазирой даромад. Саройдор роҳравон бо садои баланд амр медод:

– Толиб, табибро ҷеғ зан! Рӯзибой об гарм кун! Навшод, зуд биё ба ин бародар ёрӣ деҳ!

То замоне, ки Суҳроб духтари маҷақшудаи беҳушро ба хона даровaрда ба рӯйи бистар хобонида баромад, аз се марди хунхор на ном буду на нишон. Онҳо бо дидани издиҳоми ба шӯр омада бе пӯшт-пӯшт савори асп шуда, ба сӯйи Кармина фирор карда буданд. Аз Суҳроб марди чаҳоруми мазлум пешвоз гирифт. Ӯ баробари дидани наҷотгари худ дар пеши пояш зону зад ва ашкрезон аз ӯ изҳори сипосу қадрдонӣ кард. Суҳроб аз каноpаи шонаҳои ӯ дошта ба хестан водор намуд ва пурсид:

– Чӣ хабар? Чаро номардон ба ҷонат дарафтиданд?

– Хостанд маҳбубаамро аз ман кашида гиранд. Амакбачааш ду рафиқи худро ба ёрӣ хоста аз пайи мо афтиданд. Гурехта то ин ҷо расидем, дигар мадорам намонд...

– Ишқ гӯй! – ба завқ омад Суҳроб. – Даро, маҳбубаатро соҳиб шав.

Мардум аз ҳам парешон шуда ба ҷойҳои қаблии худ баргаштанд. Гурӯҳи сӯфимаоби назди меҳроб аз ҷо наҷунбида, ғарқи ҳангомаю ғизохӯрӣ ба дунёи атроф сари мӯе таваҷҷуҳ намекарданд. Дастаи қаландармаоб ба назар намерасид, онҳо чи карданду ба куҷо рафтанд, барои Суҳроб номаълум буд. Ӯ дасту рӯ шуста ба ҷамъи худ пайваст. Ҳамаро шоду хуррам дид, суханҳои меҳромези ҳар яке тасаллибахшу умедовар буд. Аммо ҳамин ки дар гирди суфра нишасту ду-се пиёла чойи дарозкардаи Фарзомро хӯрд, дар тамоми ҷисму ҷонаш дарди мулоими ҷонгиреро ҳис кард. Беихтиёр бо ранҷ дастҳояшро ба ду самт ёзонда, танашро рост кард ва нафаси амиқ кашид. Фарҳод гуфт:

– Аспро зада чаппа кардан кори саҳл нест. Худоро шукр кун, ки ягон ҷоят нашикаст, лекин чанд муддат дард мекашӣ, сабр кун.

– Эҳ, Суҳроб, Суҳроб! – илова кард Собири ҳофиз бо овози гирифта. – Барои наҷот додани мазлуме ҷонатро дареғ намедорӣ, офарин бар падарат!

Баҳроми баззоз гӯё ҳанӯз карахт буд.

– Маро лол кардӣ, Суҳробҷон! Худатро эҳтиёт кун, – мухтасар гуфт ӯ.

Ҳама аз нав ба тановул пардохтанд...

## 5. АРӮСӢ

### Ҳезумакӣ

– Апа, меоянд! Гала-гала меоянд!! – бо шӯру валвала худашро ба дару девор зада омадани Шумшук Маҳтобу Наимаро, ки дар сари оташдон деги кашкро бод мекашиданд, як қад парронд. Маҳтоб ба гиребонаш туф-туфкунон садо баланд кард:

– Э, сағир, тарсондӣ! Ҳезумакиҳо меоянд?

– Кам не, як рама! Да ин ҳавлиятон намеғунҷан, гапам рос, бовар кунед!

– Наход ки?! Фарнур гуфта буд ҳафт-ҳашт хар меорем...

– Эҳ, хоб мебинӣ хола, худам ба чимҳом дидам, як галаанд!

– Хуб, воҳима накун Шумшук, шуда бошанд, даҳ кас ё давоздаҳ кас...

– Ё тавба, ё тавба! Ё ин одамон кару гунганд ё зувони ман тутила шудаст, – Шумшук беибо то назди модару духтар омаду чанг зада аз дасти Маҳтоб калбези пури кашкашро гирифт ва ба қафо гашта фӯрт-фӯрт хӯроки доғи нимапухтро дам кашид.

Маҳтоб ба ин гуна рафторҳои марди нимчахаёл одат карда буд. Аз ӯ нороҳат нашуда, бо нимханди турш афзуд:

– Лекин ту ҳам гапа кашол додӣ, ба ҳезум рафтаҳо чанд касанд?

Шумшук таҳи кашкро фӯрт кашида, бо зарб калбезро ба дасти Маҳтоби ҳайратзада қапонд ва дар ҳоле ки лабу лунҷаш сап-сафед олудаи оби кашк шуда буд, бари яктаҳи дарози ҷо-ҷо даридаю дарбеҳдорашро дошта бодзанон ба самти кӯча шитофт ва ҳамон гапашро сари забон такрор кард:

– Як рамаанд, гала-гала меоянд...

– Ин сағир беҳуда гап намезанад, аз афташ ҳезумакиҳо бисёранд, бояд хубтар тайёрӣ бинем, – ба Наима рӯ оварда бо андеша изҳор намуд Маҳтоб. – Ту зуд раву тағои Равшаната ҷеғ зан, духтарам, сарубарги омадурафтро саришта кунад, имрӯз меҳмон зиёд дорем. Гуфта буд саҳарӣ меоям, офтоб баромаду ҳанӯз даракаш не.

Наима «хуб шудааст» гӯён пешдоманашро кушода акнун ба роҳ афтиданӣ шуд, ки аз берун садои Равшан ва ҳамроҳи ӯ Нишонбоқӣ – бародари Нурбоқӣ ба гӯш расид. Онҳо низ бо шитоб меомаданд, равшан ба назар мерасид, ки бо корҳои тадорук банд ҳастанд. Маҳтоб ҳар дуро дида ҷон гирифт:

– Куҷой, додар, ҳаял кардӣ, дар дунё чӣ гап? Шумшук ин ҷо буд, воҳима карда рафт, – бетоқатона гуфт ӯ.

Равшан ҷавоб дод:

– «Гала, гала»-аша ман ҳам шунидам, рост мегӯяд. Ин саҳарӣ ҳама ҷавонҳои деҳа ба Фарнур ҳамроҳ шудаанд. Аз рӯйи мӯлҷар, як сӣ харакӣ ҳастанд.

– Во аҷаб?!

– Оре, ба маҳзи ин ки шунидаанд, ҳезумакӣ барои Фарҳод аст, ҳама ба гузари Бору рафтанд, – ба сухан пайваст Нишонбоқӣ. – лекин ҷойи хавотир нест, мо ҳам омодагӣ дидем.

Равшан илова кард:

– Ин хабарро фаҳмидаму ба хонаи амаки Нурбоқӣ шитофтам. Молашонро ҳалол кардем.

– Кашк чӣ мешавад?

– Дигар ба он ҷо кашк намебарем, шӯрбо дар дег карданд. Фарнур медонад, нисфи ҳезумро ба ин ҷо меоваранд. Додиям дар куҷоянд?

– Аз сари дукашон омада бо Фаршед ба обумева рафтанд, ҳамин замон меоянд, – ором шуда гуфт Маҳтоб, – ба хонаи қудоён гузаштанӣ буданд.

– Ҳамааш нағз мешавад, апа, парво накун!

Нишонбоқӣ дар тақвияти сухани дӯсташ афзуд:

– Дар тарафи мо ҳама хешон ҷамъ шудаанд, омодагӣ зӯр, баромади офтоб ганда не. Худо хоҳад, се рӯзи дигар арӯсии ҷоноҷоне барпо мекунем.

Маҳтоб бо хушҳолӣ даст ба рӯ кашида гуфт:

– Илоҳӣ, гуфтаат шавад, додарҷон, имрӯз-пагоҳ додаронат ҳам аз сафар мерасидаанд...

Дар ин дам садою ҳаёҳуи гӯшгири ҳезумкашон дараҳои Феҷаку Ғориконҳоро ба сар мебардошт. Ҷавонон аз кори дастҷамъию гирди ҳам рехтани худ ба илҳом омада, ҳар яке аз қафои харони бор ба пушт ҳезумҳоро доштаравон, гоҳе «хи-и», гоҳе «иш-ш»-гӯён, ба ҳамдигар ҳазлу шӯхикунон, тамоми мурғону ҷонварону кӯҳиро ба ғирев оварда буданд.  Ду қофила гӯшдароз доманаю ҷарҳои кӯҳиро паси сар гузошта, аз зери дарахтону буттазори ду дара ба мисли ду рӯди каҷу килеб ба берун заҳида, дар саргаҳ ба ҳам омехтанд ва чун корвоне бо шӯру шавқи бештар ба самти деҳа сарозер шуданд.

Пеш-пеши корвони харҳо Фарнур мерафт. Ӯ аҳёнан аз роҳи борики пурпечутоб ба канор баромада, ба ҳамраҳони худ амру дастурҳо медод, соҳиби ҳар хареро, ки бораш каҷ буду базӯр роҳ мегашт, барои дуруст кардани ҳезумҳо фаро мехонд. Вале, бо вуҷуди ҳама саъю талош чанд хар аз дасти каҷии бор дар сари нишебҳо ба ҷорӯбу харсангҳо бархӯрда чаппа шуданд. Баъзе харон низ ба вазнинии бор ва лингу халачӯбзаниҳо тоб наоварда сари ҷо нишаста мемонданд. Ин ҳама ташвиш танҳо пас аз ба роҳи ҳамвортар баромадан коҳиш ёфт. Бо ин ҳол, охирин хари қофила, аз он ки соҳибаш наметавонист вайро саришта кунад, ҳеч ба мизон намеомад, бори ҳезум ё ба чап ё ба рост мелағжиду ҳар ду сари ҷо истода мемонданд. Фарнур ба ёрӣ шитофт ва писари сангтарош Ҳабибро, ки аз паси маркаб арақшору аз ғояти асабоният суп-сурх шуда буд, дида гуфт:

– Парво накун, ресмони бората маҳкам кашем ҳамааш дуруст мешавад.

– Кош ҳамин ҳезума ба пушти худам мебастӣ, аз ин улоғи билъат[145] дида беҳтар то хона мебурдам, – аз он ки росткуниҳои бор ӯро бениҳоят азият дода буд, бо заҳр гуфт ӯ.

Фарнур аз нороҳатии рафиқаш ба завқ омада илова кард:

– Ту, ки фақат ба тарошкории додоят ёрӣ додай, аз куҷо донӣ бори каҷ ба манзил намерасад?

– Оре, акнун фаҳмидам, ки барои чӣ домулло ин мақолро пайваста такрор мекард, – аз ҳарфи Фарнур қувват гирифта ба суханаш идома дод Ҳабиб. – Бубин, чӣ қадар ташбеҳи баҷое сохтааст халқи мо: ҳамеша бояд рост гӯему рафтори дуруст кунем, то ба мақсад бирасем, вагарна бечора мешавем.

– Ҳақ асту рост! – Фарнур ресмонҳои бори харро кушод, ҳезумҳои пасу пешшударо дубора бо тартиб дарчид ва аз нав борубанд карда дар ниҳоят гуфт:

---

[145] **Билъат** بِلْئت – *лаҳҷ.* нотавон, камҷуръат

– Ана ин гапи дигар, акнун харат то Ироқ ҳам гӯйӣ, ликкас зада меравад! – ва як халачӯби обдор ба сағрии гӯшдароз фуровард.

Дар саргаҳи гузари Даридуруд қофилаи харони боркаш бо амри Фарнур ду даста шуданд: яке аз самти чап ба сӯйи гузари Сафолако ба манзили Нурбоқӣ ва дигаре аз самти рост ба тарафи хонаи Шокирусто раҳсипор шуданд. Шумшук низ аллакай ба пешвози онҳо баромада, дар роҳи даромад ба деҳа бетоқатона мунтазир меистод. Ин марди дарвешнамо бо ақли норасои худ сахт алоқаманди чунин ҳашарҳои деҳа буд. На рӯз оромӣ дошту на шаб хоби дурустҳисобӣ мерафт. Ҳамеша мехост аз дасти дигарон ду-се сикка гирад, нон хӯрад. Одати гадоӣ надошт, аммо ҳар киро медид, чунон дастҳову тани ӯро молида эркагӣ мекард, ки кас беихтиёр ҳарчи дошт рӯйи кафаш мегузошт. Ҳеч як ҳодисаю ҷамъомади деҳа аз чашми ӯ дур намемонд. Дар айни ҳол низ баробари дидани аввалин хари ҳезумкаш шодону дастафшон ба истиқболи ҷавонон баромад. Ҳамин ки дид Фарнур бо дастаи якум ба самти рост печид, вай сару китфони худро алвонҷдеҳон, бо ишораи ин ки ӯ ба дастаи самти чап сару сарвар мешавад, пешопеши қофила ба роҳ даромад.

Манзилу ҳавлиҳои духтардор – Нурбоқиро то сари кӯча об зада тоза рӯфта буданд. Дар он ҷо даробарои одамон зиёд менамуд. Ба хусус, гуфтугузори занон, ҷунбуҷӯли духтарони хонаводаю хешони онҳо бисёр ба назар мерасид. Маълум буд, ки оилаи духтардор бо тамоми вуҷуд омодагиашонро ба арӯсии нигини хонадони худ – Холпарӣ, ки қарор аст бахшидаи Мулло Фарҳод шавад, оғоз кардаанд. Имрӯз дар манзилашон маъракаҳои оши ҳезумакӣ ва дарзбурон доир мегардид. Аз як сӯ мардон мавoди лозимаи ҷашни арӯсиро ва аз ҷониби дигар, занон кӯрпаю болину либосҳои арӯсро омода мекарданд. Ин маросим бидуни дастҷамъӣ қобили иҷро нест. Аз ин хотир, ду хонаи дарунӣ аз зан пур шуда, сару садоҳояшон то хеле ҷо доман паҳн мекард. Баробари ҳангомаю ҳазлу шӯхиҳои беохир, даст ба дасти онҳо намерасид: яке кӯрпаю болин таҳи пахта мекард[146], дигаре онҳоро қатор мерафт[147], савумӣ лаблӯлок мезад, чаҳорумӣ порчаи пероҳан мебуриду панҷумӣ онро медӯхт... Бо тамошои бонувон манзарае дили ҳар бинандаро ба ҳаз меовард: ҳам даҳонашон меҷунбиду ҳам дастонашон!

Дар дили саргармӣ ба корҳо, вақте ки ҳар кас даргири шуғли худ буд, ногоҳ садои шӯру қиёми духтараконии дами ҳавлӣ дар гӯшҳо мум рехт:

– Ана, додиён меоянд, ҳезум меоранд!

– Ҳезумакиҳо омаданд!

– Бинед, як корвони хар ҳезум меояд! – аз паси духтароне, ки ғалаён бардоштанд, тамоми писаракони ҳамсинну соли онҳо низ бо доду фиғони гӯшгир ҳамчун арғамчини турнаҳо саф кашида ба ҷониби кӯча давиданд. Онҳоро дида, аз як чақрим раҳ Шумшук низ пеш-пеши ҳезумакиҳо ба рақсу бозӣ даромад. Ӯ чунон дасту позанон хурсандӣ мекард, ки хамшавию даврзаниҳои берабташро дида ҳар кас ба хаёл мерафт девона шудааст.

---

[146] **Таҳи пахта кардан ته پخته کردن** – *аз марҳилаҳои кӯрпадӯзӣ:* ҷилди кӯрпаю болинҳоро бо пахта пур кардан

[147] **Қатор рафтан قطار رفتن** – *аз марҳилаҳои кӯрпадӯзӣ:* дӯхтани ҷилдҳои пасу пеши кӯрпа пас аз гузоштани пахта

Аз пайи шӯру шавқи бачаҳо як даста зану духтар аз хонаи миёнаи соҳибҷашн бо хурӯш ба ҳавлӣ баромаданд. Гӯянда Сабзигули доирабадаст пеш-пеш қадам гузошта, китфу бозувони худро ҷунбонда-ҷунбонда бо маҳорати хос ба дафзанӣ даромад ва бо сози худ, оҳанги доираро ҷӯр карда, мисли ин ки аз забони домодшаванда мехонад, ба сурудан пардохт:

*Аз лаби сойи дара ҳезуми хушк овардам,*
*Бо дили хунгаштаю ҳалқуми хушк овардам.*
*Апаҷон, холӣ кунед танӯру зери дегро,*
*Хоричебу мишаву*[148] *бодоми хушк овардам.*

Ҳама ба ӯ ҳамовоз шуданд:

*Ҳезум омад, ёр, ёр,*
*Ба хонаи соҳибёр,*
*Ёр, ёр, ёроне!*

Гӯянда Сабзигул боз яккахонӣ кард:

*Як ҷаҳон симу зару марҷони сандуқ бар шумо.*
*Аз забони ин ғулом изҳори қуллуқ бар шумо.*
*Кош, ман бо худ барам як пора ҷон аз ҷонатон,*
*Ҳар чӣ дорам, медиҳам, ҷонам тасаддуқ бар шумо!*

Ҳамраҳон ҳамовоз шуданд:

*Ҳезум омад, ёр, ёр,*
*Ба хонаи соҳибёр,*
*Ёр, ёр, ёроне!*

Сурудхонӣ то расида омадани ҷавонҳои ҳезумкаш идома ёфт. Пеш-пеши онҳо Шумшуки аз худ рафта шоду хурсанд, дар худ нағунҷида, бо ғуруру сарафрозӣ ва қилиққунон рақс мекард, дар ҳавлӣ як гурӯҳ духтар даст афшонда ӯро ба доираи худ гирифтанд, аз пасу пеш садои кафкӯбии ҷамъомадаҳо канда намешуд. Ба маҳзи вориди ҳавлӣ шудан чанд нафар мард тозон баромада, харҳои ҳезумро ба самти ҳезумхонаи Нурбоқӣ бурданд. Ҷавонҳои аз кӯҳ расида бошанд, паси ҳам дасту рӯ шуста, бо ҳидояти хидматгузорон ба хонаи пазироӣ даромаданд. Барои онҳо дасторхони хоссаи зиёфат густурда шуда буд. Аз нону қанду қурс гирифта то анвои мухталифи меваҳои боғӣ суфраи пазироиро оро медод. Ба ҳезумкашон аввал чойи гарму набот ва дар идома шӯрбо доданд. Дар ин миён Шумшук низ дар пойгаҳ нишаста, диққати ҳамаро ба худ ҷалб намуда, гӯё мизбон худаш бошад, бо

---

[148] **Миша** میشه – *лаҳҷ.* номи дарахти кӯҳӣ

имою ишораҳои фаровон ва суханҳои таваккулӣ бачаҳоро ба хӯрдану тановули нуқлу навои дасторхон муроот мекард.

Дар поёни зиёфат, пас аз он ки косаҳои холиро ҷамъ карда бароварданд, бародари дувуми соҳибҷашн Сафобоқӣ ба назди ҷавонони ҳезумкаш даромад. Ҳама хостанд ба эҳтиромаш аз ҷо хезанд, аммо ӯ бо ишораи даст ба ин имкон надода гуфт:

– Нороҳат набошед, азизонам! – Сафобоқӣ низ дар пойгаҳ канори Шумшуки ҳамеша хандон ҷой хуш карда афзуд: – Ҳамаатон хуш омадед, дардро набинед, бачаҳо! Кори савоби шуморо Худо арҷ кунад, садоқати дӯстиву бародарӣ ин аст, ки дар лаҳзаҳои вазнин дасти ҳамдигарро мегирем. Боракаллоҳ ба шумо!

Ҳамин дам ҷавоне дар даст бастае бардошта вориди хона шуд ва дар паҳлуи Сафобоқӣ нишаст.

– Ду-се рӯзи дигар арӯсии дӯстатон Фарҳоду духтари мо Холпарӣ баргузор мешавад, – ба суханаш идома дод Сафобоқӣ ва аз «иншоаллоҳ», «Худо хоҳад» гӯён ҳамовозӣ кардани ҳамнишастон руҳ гирифта гуфт: – Аз нӯки хамир – фатир, дастовезҳои тӯйи арӯсиро ба шумо тақдим мекунем, ба ҳамаатон чунин рӯзҳои босаодат муяссар гардад, саломат бошед!

Чун ҳар як ҷавон аз ин илтифоти соҳбиҷашнҳо изҳори сипос менамуд, ҷавони тозаомада бастаи дасташро кушоду аз он рӯмолчаҳои кашидадӯзишударо, ки нишона аз ҳунарҳои дастии арӯсшаванда буд, ба каф гирифт ва аз самти рост яктоӣ ба ҷавонҳо дода баромад. Ҳар кас бахши худ – рӯмолчаро гирифта бо эҳтиром мебӯсид, ба чашм мемолиду бо меҳр дар ҷайб мегузошт. Аз рӯмолчаҳо як дона ба Шумшук низ насиб гардид. Ӯ бо дарёфти ҳадя беихтиёр аз ҷо ҷаҳида хест ва дастҳояшро боло бардошта бо завқ дар гирди як по давр зад. Хурсандии ӯро дида ҳама бо шавқ хандиданд.

Пас аз лутфу таоруфу шодмониҳо Сафобоқӣ даст ба дуо бардошт:

– Умедворам, ки Худованд ин ду завҷи ҷавонро мазиди тавфиқ иноят фармояд, бо меҳру вафову сафову самимият онҳоро то охири умр бирасонад, дар дунёву охират ҳамсари ҳамдигар бошанд то дар биҳишти барин. Ва ниҳоятан, авлоди солиму солеҳу муслеҳу муфриду донишманду муфид барои худашон ва хонаводаву ҷамъи ҷомеаи инсониву уммати исломӣ ба дунё оваранду тарбият кунанд. Илоҳӣ, барои ҳар як ҷавони дар ин ҷо нишаста, ки заҳмат кашида хидмати дӯсти худро ба ҷо овардаанд, ба касбу кор, ба умру нон, ба молу мулкашон файзу баракат ато намуда, ба меҳру муҳаббати ҳамдигар сазовор гардонад. Омин, бираҳматика ё арҳамар-роҳимин!

Пас аз даст ба омин бардоштан ҳама бо ҳам аз ҷо хеста, хушҳолу масрур аз хона бадар рафтанд. Бо ин ки дар назди дӯсту бародари арҷманди худ – Фарҳод рӯсурх буданд, аз зиёфат ва ҳадяи хоксоронаи соҳибҷашн фараҳманд гашта, ба самти дарвоза роҳӣ шуданд. Дар ин лаҳза Шаҳзоди болобаланду бозудор, ки дар миёни ҳамтоёнаш бо исми мустаори «баҳодур» ном бароварда буд ва дар ин ҳезумкашӣ канори Фарнур ба ҷавонон сарварӣ мекард, ба Сафобоқӣ рӯ оварда изҳор кард:

– Аз шумо як ишора, аз мо ба сар давидан, амак. Тӯй акнун сар мешавад, ҳар гоҳ хизмате лозим шуд бароямон фармоед. Мо навкару мухлиси дӯсти муллоямон ҳастем!

– Саломат бошед, писаронам, агар зарурат пеш омад, ҳатман хабар мекунем. Худо ёратон бод!

– Хайр!

Дар хонаи дигар бошад, ҳою ҳангомаи занон ҳанӯз идома дошт. Аз даробаро ва шинухези онҳо аён буд, ки тоза ба авҷи кор расидаанд. Барои ёрӣ додан ба дӯхтудӯзи онҳо боз чанд нафар зани деҳа омада ҳамроҳ шуданд. Ба назар мерасид, ки ҳама бо дили гарм барои омода кардани ҷиҳези духтар камар бастаанд. Маъмулан, ин гуна ҳашарҳои занон тамоми шаб, ҳатто то дамидани субҳ идома меёфт...

## Тӯйбарон

Субҳи дигар аз рӯзҳои босаодат чеҳра боз кард. Ҳарчанд офтоб тоза аз паноҳгоҳи шабонаи худ берун омада лаб-лаби доманакӯҳҳои Сафеду Сиёҳ ба аҳли Бору чашмакӣ мезад, ҳавлии Шокирусто аллакай пур аз одам шуда буд. Равуо, додугирифт, тараддуди мизбонону меҳмонон ба дараҷае зиёд менамуд, ки агар аз фосилаи парвози мурғон нигоҳ кунӣ, гумон мебарӣ дар ин манзил мӯрчаҳо хона кардаанд. Аз бозию даводави бачаҳо гирифта то нонпазии занону таҳияи шӯрбои зиёде бо ҳиммати Ҳосилошпази маъруф ва шогирдонаш, аз баргузории маъракаи калоне гувоҳӣ медод. Ба ду хонаи андаруни Шокирусто низ даробарои хидматкорон канда намешуд. Дӯстону ошноёни соҳибхона аллакай аз роҳҳои дур – ин тараф аз Авлиёву Қизилработу Нур, он тараф аз Синдоб, Моҳигарм, Хумгузар, Пойгач ва деҳаҳои пушти кӯҳ расида омада буданд. Меҳмонон дар гирди дасторхони ҳар як хона доди ҳангомаро медоданд. Аз дер вақт сокинони Бору ин гуна нишасти бошукӯҳ надоштанд, дар давуғеҷ ва дидаҳои нурбори онҳо пазмонии шадиде ҳис мешуд. Ба мисли ҳашарҳои дастҷамъӣ аз хурд то калон – ҳар кас саъй мекард дар пазироии меҳмонон саҳм гузорад, дар канори соҳибхонаҳо ба гирумони тӯйи арӯсӣ ёрӣ диҳад.

Дар ин миён, бар хилофи хушҳолию беғамии ҷамъомадагон, кадбонуи хона Маҳтоб нороҳат менамуд, гӯё дилаш ба ҳавл меомад. Ӯ наистода худро ба ҳар кори пешомада мезад, мехост ғамгиниашро бо шуғле талофӣ кунад. Бо ҳаяҷону дилвопасӣ гоҳ ба ҳамраҳонаш, гоҳе зери лаб дардашро ба берун мерехт: «Эҳ, Худоҷон, кош зудтар расида меомад. Хеле ҳаял кард, писарам, дар куҷо дармонда бошад-а?..» Дугонааш Бибисоро аз дирӯз боз дар канори ӯ буд ва ин изтиробу нигарониашро дида, як лаҳза ҳам ӯро танҳо намегузошт. Ба ӯ дил доданӣ шуда гуфт:

– Нигоҳ кун, гуфтанд ба Нурамон омадаанд, ҳеҷ ҷойи хавотир нест. Аздусар шаб ба роҳ баромадагистанд, ҳамин замон расида меоянд.

– Дарунам месӯзад, дугонаҷон, вақти тӯйбарӣ шуду ҳанӯз ҳам сару думашон маълум нест. Бин, хонаҳои ҳамсояҳо ҳам пури миҳмон... – Маҳтоб як

ташт пур аз ҷурғоти хобондаашро аз ошхона бароварда бар рӯйи санги паҳни гӯшаи айвон гузошт ва ба духтараш Наима, ки нонҳои аз танӯр кандаи дағечаш Гуландомро дар дастархони калоне ҷамъ мекард, рӯ оварда амр дод: – Қатиқ[149] аз ёдатон набарояд, баъди шӯрбо нимкосагӣ кашида ба меҳмонон расонед!

– Оре, ҳатман тақсим мекунанд, – ба ҷойи Наима ҷавоб дод Бибисоро, – ту бисёр овора нашав, биё як дам шин, дам гир.

– Э, бибӣ, ин қадар кор пеши по асту ман дам гирам? То омадани бачаҳо ҳамаша тинҷ кунем, баъд саросема намешавем. Лекин аз онҳо дарак...

Маҳтоб гапи даҳонашро то охир нагуфта, ногоҳ садои баланди Шокирусто аз дами остонаи меҳмонхона баланд шуд:

– Аспа рост кунед! – меҳмону мизбонҳо, хурду калон як лаҳза сари ҷо хомӯш шуданд, усто ба нидои худ афзуд: – Равшанҷон, Фаршед, зуд бошед, зину абзори аспа бандед, Фарҳодиён расиданд, тӯй мебарем!

Як он ҳаёҳуйи хурсандиомези бачаҳо ба фазо печид, ҳатто як идда духтару занони дар ҷунбуҷӯлбуда аз шодӣ худро дошта натавониста ба рақс даромаданд. Бибисоро бо хушнудӣ изҳор кард:

– Нагуфтам ҷойи хавотир нест, дугонаҷон? Ана акнун тез омода шав, зебу зинати аспа барор ороиш медиҳем.

Маҳтоб ӯро ба оғӯш гирифт, беихтиёр остин аз чашм кашида гуфт:

– Бахмал ҳам ҳаст, сӯзанӣ ҳам, шилшилаҳои зардӯзӣ ҳам! Наимаҷон, корҳоята ғун кун, бо дугонаҳоят аспи арӯса оро диҳед!

– Ана, ин гапи дигар! – аз шодмонии дугонааш ба завқ омад Бибисоро. – Чеҳраи ту ҳам табассума медидааст-ку?!

Шокирусто дар дами остона як дасташро ба дӯши Султон писари Шаҳбози кӯзагар, ки ҳамсояи девордармиёнашон аст, гузошта, дар ҳоле ки аз хушнудии занҳо завқ мебурд, ба Маҳтоб гуфт:

– Ба қосидамон ягон шавгинӣ[150] намедиҳӣ? – ӯ китфи Султонро фишурда каме такон дод. – Аз миёнбандҳоят барор!

Маҳтоб бо камоли майл хушҳолона ҷавоб дод:

– Ман қурбони дасту пою чашмони қосидамон шавам, албатта медиҳам! – аммо ба ӯ ҳаял надода, Наима тозон ба хона даромад ва як миёнбанди шоҳиро бароварду ба кафи модараш халонд. Маҳтоб дуокунон миёнбандро дар камари Султон баст: – Аз буданатон гардам, писаронам, ту ҳам ба мисли додият ба як нозанин хонадор шавӣ, Илоҳӣ!

Шокирусто гуфтаҳои ӯро қувват дод:

– Шунидам, ки аз саҳар ба дидбонӣ рафтаӣ, боракаллоҳ, писарам!

Султон аз ин ҳама илтифот бениҳоят хурсанд шуд. Ҳис мекард, ки чанд посе дар теппаи Пиритурк нишаста, ба роҳи Авлиё чашм дӯхта интизорӣ кашиданҳояш чӣ мазийяте дорад. Бо хушҳолӣ даст ба миёнбанди шоҳӣ гузошта, нигоҳе мамнуниятомез ба Шокирусто афканду давида ба миёни бачаҳо рафт...

---

[149] **Қатиқ** – ҷурғот, мост

[150] **Шавгин(ӣ) (ی) شوگین** – ҳадя, шодиёна

Ба ғайр аз меҳмонони дуру дурдаст, ки бо сарону мўйсафедони деҳа дар меҳмонхонаҳо нишаста ғарқи суҳбату ҳангома буданд, ҳама – хурду калон, зану марди тўйхона ба пешвози Фарҳоду Суҳроб ва ҳамраҳони онҳо баромаданд. Ба маҳзи ин ки чаҳор аспакӣ аз дамгаҳи гузари Пайк намудор шуданд, дар сари кўча шўру қиёми ҳозирин ба фазо печид. Ҳар кӣ ба наҳви худ, беэътино ба атрофиёнаш сухан мегуфт, хушҳолиашро пинҳон намекард. Дар ин миён аз ҳама бештар Шумшуки ба вачдомада хурсанд буд. Ў бо имою ишораҳои ба одамҳои азхудрафта хос ором наистода, беист аз дарвоза ба сўйи харсангҳои болотари хона медавиду пас мегашт. Гоҳ-гоҳ ба назди Маҳтобу Бибисоро ва дигар занҳои калонсол омада, лабҳои паҳну баланди худро ёзонида, дандонҳои зардгунаашро намоишдеҳон механдид ва аз дастҳои онҳо дошта, бо ишораи «рақс кунед» ба боло мебардошту дубора частухезкунон дур мешуд. Зану духтарон ба ин гуна амалҳои Шумшук одат карда буданд, ҳеч кас аз ў норохат намешуд, баръакс, ҳама аз будану девонавор қилиқ карданҳои ў хушҳол мешуданд.

Рўзи ҳаштуми моҳи сафар. Хуршеди тирамоҳӣ ба тахти авчи худ нарасидааст, то намози чумъа ҳанўз вакт ҳаст. «Фарҳодчон омада ба корҳояш, иншоаллоҳ, мерасад, – бо маъзаратхоҳӣ аз хонаи меҳмонон ба берун баромада истода бо худ андешид Шокирусто, – бояд зудтар ҳаммому ороишашро карда ба тўйбарӣ омода шавад...» Аз самти дарвоза садои Равшан баланд шуд:

– Додӣ, Эшон Саидчону дўстатон Баҳром ҳам меоянд!

– Боракаллоҳ, боракаллоҳ, лутф кардаанд, аз ташрифи ин ҳама ошноёни нурӣ сарам ба осмон расид! – Дар миён дастури додааш ба хотир омаду аз Равшан суол кард: – Василаҳои тўйро чӣ кардед, асп омода аст?

Равшан бо хушҳолӣ посух дод:

– Аз ин тараф парво накунед, зину афзорашро бастем, акнун занҳо вайро «келинчак» мекунанд. Ҳама мунтазири Фарҳоданд, ба маҳзи ин ки ҳозир шуд, тўйро мебарем.

– Офарин! – Шокирусто ба самти кўча шитофт...

Сафари дароз кўбаеро монад, ки ҳар гуна марди сангинтанро низ кўфта леҳ кунад. Фарҳоду ҳамраҳони ў ба по истода худро бардаму сари ҳол вонамуд мекарданд, вале аз қиёфаю чашмони сурху фурўрафта ва вазнин қадам бардоштани ҳар яке хастагиашон равшан намоён буд. Ба хусус, Баҳроми баззоз аз ниҳояти мондашавӣ базўр аз асп пиёда шуд. Ҳатто барои фуромадан Шокирусто аз дасташ дошта ёрӣ расонд. Дўстони дерина чанд муддат ҳамдигарро дар оғўш гирифта истоданд. Аз хурсандӣ дили ҳар ду об мешуд, азбас гулуяшон аз хўрӣ дар банд омада буд, чанд лаҳза натавонистанд ҳарф зананд. Ин вохўрии самимӣ ва чанд лаҳза ҳамдигарро дар бағал нигаҳ доштани ду марди калонсол ҳамаро дилшод намуд. Эшон Саидчон ба Фарҳод пайравӣ карда аз асп пиёда шуд ва дар ҳоле ки ҳиссиёти гарме сартопо ўро низ фаро мегирифт, аз ин мулоқоту таҳайюри одамон ба шигифт омада изҳор кард:

– Оибуна тоибуна обидуна ли Раббино ҳомидун.[151] Дида ба дидор расидан муборак, устобобо!

– Ба қадамҳоятон ҳасанот, хуш омадед! – Шокирусто хушҳолона даст аз Баҳроми баззоз бардошт ва дӯсти писараш Саидҷони эшонро ба оғӯш кашида вохӯрӣ кард.

Дар ин миён Фарҳоду Суҳроб ва Фарзом бо ҷамъомадагони хурду бузург ба мулоқоту ҳолпурсӣ даромаданд. Шодии аҳли деҳа ҳадду канор надошт. Дар гирду бари марду зан пармосида гаштани Шумшуки бетоқат низ ҳамаро ба завқ меовард. Алалхусус, зуд-зуд дар назди Фарҳод пайдо шуда, сару китфонашро сила мекард, аз пушти панҷааш бӯса мебардошту ба чашмҳояш мемолид ва даҳонашро паҳн карда хандакунон аз ӯ дур мешуд. Аз хурсандӣ дар куртааш намеғунҷид, лекин ҳарфе намезад, даст афшонда рақсҳои аҷибу ғарибе мекарду дар идомаи хандаҳояш «ҳош-ш, ҳур-ра!!» гӯён дод мезад.

Пас аз истиқболи Фарҳоду меҳмонон ҳама аз пайи кори хеш пароканда шуданд. Шокирусто дӯсташ Баҳроми баззозу Эшон Саидҷонро бо иззату икром ба меҳмонхона бурд. Фарҳод бо Суҳробу чанд нафар ҳамсоли худ, ки аз субҳи солеҳон мунтазири ӯ буданд, ба хонаи ҷойишист даромаданд. Равшан пеш-пеш ба онҳо роҳбаладӣ карда, раҳорaҳ ёдоварӣ намуд:

– Фарҳодҷон, аз сафар омадед, чой хӯрда, каме дам гиред. Баъд шустушӯ кун, ҳаммом омода аст.

– Хуб шудааст, тағо.

Фарҳод бо эҳтиром Суҳробро ба пеш муроот кард, аммо ҷавон бо илтифот худи ӯро ба пеш гузаронд ва дӯстонаш аз қафо роҳ уфтоданд. Фаршед хушҳолу мамнун дар  канор қадамзанон гуфт:

– Ҳама чиз барои тӯй омодааст, додӣ, фақат мунтазири шумо будем. Агар бетоқатии очаро медидед, мисли мурғи парканда типиррос мезаду намедонист чӣ кор кунад.

Равшан илова кард:

– Бечора чанд бор оби дида ҳам рехт. Метарсид, ки ту намеоӣ, Худоро шукр, ҳамааш табъи дил шуд.

– Сафари сахтеро аз сар гузаронидем, тағо, – бо он ки дар чеҳраю тамоми ҷисму ҷонаш осори зарбаҳои бепоёни роҳи тулонӣ мушоҳида мешуд, аз пешвозу шодиҳои аҳли байт ва ҳамдеҳагон руҳ гирифта ба сухан омад Фарҳод. – Ҳам ғам дидему ҳам хурсандӣ, дар кул, азимати вазнине буд. Агар рости гапро гӯям, худам ҳам ҳар як шабу рӯз нигарон будам. Пайваста дуо мекардам, ки мушкиле пеш наояду аз роҳ намонем. Худо умрашонро дароз кунад, амаки Баҳрому Суҳробҷон ёрии бузург расониданд. Ба шарофати эшон инак – дақиқан рӯзи ҷумъаи  муборак дар канори падару модарам ва ҳамдеҳагон ҳастем...

– Худоро шукр!

---

[151] *Тоҷ.:* Тавбакунон, ибодаткунон баргаштем ва барои Парвардигорамон ҳамдгӯяндаем (М.Абдуллоҳзода: Нақши дуо дар зиндагии инсон. Душанбе – 2013).

Дар ҳоле ки Шокирусто бо дӯстону бародарони худ меҳмонони аз дурдаст омадаро пазирой мекарду аз ҳар ҷониб ба онҳо мерасид, аз гузари Пайк дастаҳои бепоёни тӯйбарон ба самти гузари Сафолако сарболо шуданд. Дар миён аспи ороишёфта бо савлат қадамзанон мерафт. Ба пушти он сӯзании бо рангҳои баланд гулдӯзишударо андохта буданд, аз сар то дум шилшилаҳои заррину нуқраӣ албонҷхӯрон нигоҳҳоро батамом рабуда, бо нури Хуршед бештар ҷило медоданд. Зини қошбаланди асп зебу зинати хосса дошт. Он бо як порча матои бахмали сурхранги рӯяш, ки куллан зардӯзӣ шуда буд, аз ҳар сӯ ба монанди тахти мунаққашу нурбор ҷилва мекард. Пеш-пеш чанд тан марди калонсол ва як гурӯҳ зан, ки наздикони соҳибсур буданд, қадам мезаданд. Аз ду ҷониб аспро дӯстони домод иҳота карда, бо шӯру қиём роҳ мепаймуданд. Шӯхию бозии онҳо ҳадду канор надошт, яке ба навъи худ оҳанг месароид, дигаре суруд мехонд, бақия ҳам рақс мекарданду боло-боло ҷастухезкунон табли шодӣ мезаданд. Лигоми аспро Фарҳод дошта мерафт. Дар ин лаҳза ӯро бо як нигоҳ шинохтан амри муҳол буд: ҷомаи фохираи зардӯзишуда ба тан, саллаи сап-сафед бо тоҷаки заррину пари мурғдор ба сар, мӯзаҳои чармини ялаққосӣ ба по дошт. Ба назар мерасид, ки ороишгарон ба маромаш расонида, аз ӯ домоди шаҳвор сохтаанд. Ин намои ҷаззоб вайро аз дигарон баръало ҷудо нишон медод, хурду калон, бачаякону духтаракон ва ҳама занони тӯйбар бо ҳавас ӯро тамошо карда мерафтанд.

Ба маҳзи наздик шудан ба гузари Сафолако гурӯҳи овозхони занон ба пеши тӯйбарон гузаштанд. Фазилатхолаи хушадо доираи дасташро ба сози оҳанг албонҷдеҳон ба задан даромад ва садои гирои худро аз миёни фавҷ баланд кард:

*Тӯй меорем аз поён,*
*Хони қудо намоён.*

Ҳамоно аз давру бараш бардорандаҳо ҳамовоз шуданд:

*Ҳой арӯс, ҳой арӯс,*
*Келин мебарем имрӯз!*

Дубора садои таки Фазилатхола ба фазо печид:

*Тӯйи додарам бозӣ,*
*Мекунем шавқу шодӣ.*

Бардорандаҳо нақаротро такрор карданд:

*Ҳой арӯс, ҳой арӯс,*
*Келин мебарем имрӯз!*

Гузари Сафолако ранг ба ранг пур аз одам буд. Ба хусус, аз дами дари Нурбоқӣ гирифта то сари кӯчаи калон тамошогарон тӯда шуда, ҳамдигарро теладеҳон ғалоғула мекарданд. Мисли ин ки хурду калони деҳа дар як ҷо ҷамъ омада буданд, дӯш ба дӯш гузошта ба ҳамдигар имкони роҳ рафтан

намедоданд. Аз ҳама пеш, дар сари кӯча гӯяндаи хушовоз Сабзигул ва чанд нафар зану духтаракони бардорандаи ӯ доира ба даст чашм ба роҳи тӯйоварон меистоданд. Ва албатта, Шумшуки қаландармаоб, ки имрӯз ба истисно худро каме оро дода буд, кулоҳу ҷомаю пероҳани танаш шустаю тоза ба назар мерасид, беист гирд-гирди одамони ҷамъшуда роҳравӣ мекард ва баъзан бо дав ба кӯча мебаромаду дубора ба ҳавлӣ бармегашт. Якчанд бачаяку духтаракони кокулпарешон низ аз думи ӯ канда намешуданд, аз хурсандиаш ба завқ омада, хандакунон қиючув роҳ меандохтанд.

Ба маҳзи наздик шудани тӯйоварон аз пайи Фазилатхола Сабзигул низ ба овозхонӣ даромад:

*Мо шистаем раҳпоён,*
*Домод оян гулчошон.*

Билофосила бардорандаҳои атрофаш ва «даста»-и Фазилатхола ҳамсадо шуданд:

*Ҳой арӯс, ҳой арӯс,*
*Келин мебарем имрӯз!*

Сабзигул:

*Духтар мерад молаш қатӣ,*
*Амлоку рузгораш қатӣ.*

Бардорандаҳо:

*Ҳой арӯс, ҳой арӯс,*
*Келин мебарем имрӯз!*

Сабзигул:

*Хони додош ҳаюло*[152]*,*
*Хони бахташ бисмил(л)о.*

Бардорандаҳо:

*Ҳой арӯс, ҳой арӯс,*
*Келин мебарем имрӯз!*

Дар ин миён аз ду ҷониб садои доиразаниҳо баландтар ба осмон печид. Ба навои дилнишин ва пайдарҳами бум-бака-бак, бако-бака-бак садои гӯшнавози чиқ-чиқии ҳалқачаҳои доираҳо ҷӯр мешуд. Чун фурсате овози гӯяндаҳо садо надод, аз гирду бари Сабзигул Момозираи шӯх ба ҷони тӯйоварон расонида шунаво байт гуфт:

[152] **Ҳаюло** **هیولی** – ҳар чиз, моддаи аслӣ

*– Оштулмочас[153] тӯятон,*
*Марги обурӯятон!*

Яке «ҳу-у-у» гӯён садои шигифтангези ҷамъомадагон баланд шуд. Ҳамон замон аз Момозира паст наомада, Фазилатхола низ бо овози баланд шӯхиомез гуфт:

*– Овардаем қанду лабот,*
*Духтар барем шавед кабоб!*

Ин дафъа шодию шаафи одамон баландтар садо дод ва беихтиёр ҳама зану бачаҳои самти тӯйоварон дурударoз кафкӯбӣ карданд. Фазилатхола аз ин пуштибонӣ хурсанд шуда мавзуи сурудро иваз кард ва доираи дасташро низ сабуктар зада афзуд:

*Гули гулҳоӣ, ман аз ту нагардам,*
*Агар бурӣ сарам, аз ту нагардам.*
*Агар бурӣ сарам бо ханҷари тез,*
*Ба хун ҷавлонзанон гирди ту гардам.*

Аз тарафи қудо Сабзигул ба ӯ ҷавоб гуфт:

*Истора ба боми мо қатор омада буд.*
*Шаҳзода ба кӯйи мо савор омада буд.*
*Аз вай пурсед, бари чӣ кор омада буд?*
*Дилгир шудаю дидани ёр омада буд?*

Фазилатхола:

*Шаҳ омадаву кори вая рост кунед,*
*Аз моҳи хубон рафтана дархост кунед.*
*Маҳр аз тани мою ба маҳи ноз шумо*
*Сарпо бикунед бе камукост кунед!*

Аз ҳар ду ҷониб дубора садои дафзанӣ баланд шуд. Дар саҳнаи байни ду гурӯҳ духтаракону писарбачаҳо беист арғушт мерафтанд. Ҳар ҷо-ҳар ҷо занони калонсол низ остинҳои баланду доманҳои васеи худро пар занонда, ба рақс медаромаданд. Ҳамин лаҳза пешопеш амаки арӯс Сафобоқӣ ва аз қафои ӯ чанд нафар мард бо муштҳои пури орд босуръат ба самти тӯйоварон гузаштанд ва ба ҳар марду ҷавоне, ки пеш меомаданд, ба гардану гунаҳояшон орд молидан гирифтанд. Меҳмонон доду фарёдкунон аз онҳо фирор карданд, онҳо бошанд бо хандаю садоҳои шод дунболгирӣ карда, аз ордпошӣ даст намебардоштанд. Ниҳоят, Сафобоқӣ ба дӯсти худ Зоҳир, ки тӯйоваронро

[153] **Оштулмоч** آشتلماچ – навъи хӯроки миллӣ, ки бо дӯғоби ҷӯшонида ва хамири бурида омода мешавад

сарварӣ мекарду канор-канор меомад, расида гирифт ва муҳкам аз ду гӯшаш дошта кашиду хушҳолона гуфт:

– Хостӣ аз ман фирор кунӣ, ҷӯра, ҳеч гоҳ! – дар сурате ки аз кафҳои ордолуди ӯ то буни гӯшҳои Зоҳир ало-ало сапед шуда буд, гӯшкаширо ҳам бас намекард. – Фикр кардӣ, духтарбарӣ осон аст?!

– Бимол, бикаш, ҳар коре мехоҳӣ бикун! Имрӯз давра аз они туст... – зиёд муқобилат нишон надода ҷавоб дод Зоҳир. – Дар гузари мо ҳам тӯй мешудагист...

Ҳамин гуна ордмолию гӯшканию гуфтугузор дар байни чанд каси дигар, ки аз пайи рафиқӣ ба ҳамдигар «ҳариф» шуда буданд, ба амал омад. Ҳазлу шӯхӣ, хандаю бозӣ, ҳаёҳу ба авҷ расид. Пас аз ордмолиҳо чанд нафар зани солманд дар лаълию лаъличаҳо қанди сапеду парварда бароварданд ва ба ҳар касе дасташон мерасид, тақсим карданд. Ба хусус, ба қанду қурс талош кардани писарбачаю духтаракони хурдсол завқи дигар дошт.

Дар ин миён бародарзодаи Нурбоқӣ – Алиҷон, ки ҳамсолу ошнои дерини Фарҳод буд, ба назди «сипоҳ»-и домод омад ва ба рафиқи худ суханҳоеро гӯшакӣ кард. Ҳамон дам ҳама аз маърака ҷудо шуда, бо роҳи аробагузар ба ҷониби болодаст, ба хонаи ҳамсояи соҳибтӯй роҳ пеш гирифтанд. Дар он ҷо дасторхони хос барои домод ва дӯстонаш густурда шуда буд...

Лигоми аспи ороста дар дасти Равшан монд. Ӯ баробари рафтани Фарҳоду ҳамраҳонаш бо чанд нафар марди тӯйовар, ки сару рӯйи ҳамаашон аз сапедии орд хандаовар ба назар мерасид, аспро кашола карда ба самти ҳавлии Нурбоқӣ қадам бардоштанд. Ин тараддуди онҳо аз поёни лаҳзаи дилхушӣ дарак медод. Фазилатхолаю Сабзигул доиразаниро бас карданд. Бо фарохонии бонувони мизбон меҳмонони калонсол ба ҳавлӣ ва аз он ҷо ба меҳмонхона даромаданд.

Одамони аз тарафи қудо ва аз деҳаҳои ҳамсоя омадаро дар хонаҳо ҷо карданд. Дигар ҳозиршудагон гурӯҳ-гурӯҳ дар зери воиши току суфачаҳои канори ҳавлӣ ба рӯйи шолчаю намадҳо нишастанд. Ҷавонҳои хидматкор даст ба даст бо косаҳои сафолӣ ба шӯрбокашонӣ машғул шуданд. Сарусадои тӯйдорону меҳмонон аз ҳар гӯша баланд шуда, дар фарози манзили Нурбоқӣ бо овози ғуввосии бештар ба атроф паҳн мешуд.

**Акди никоҳ**

Зоҳиру Равшан бо чанд нафар аз мардони соҳибтӯй дар назди дарвоза мунтазири мулло меистоданд. Қарор буд хутбаи никоҳ хонда шавад ва пас аз «пӯшонидани либос» ба домод арӯсро гирифта баранд. Интизорӣ зиёд тул накашид. Дар дили суҳбат Равшан аз дур омадани чанд нафарро дида пайғом расонд:

– Мулло Дурандеш меоянд!

Ҳама ба он сӯ чашм давонданд. Сафобоқӣ дарҳол ба ду ҷавоне, ки дар гирду барашон омодаи хидмат меистоданд, рӯ оварда гуфт:

– Хонаи миёна омода шуд, Алиҷон?

– Оре, тозаю озода аст, кӯрпача партофтем.

– Сачоқ гиред, обдастара бо оби ширгарм пур кунед, зуд бошед, мулло меоянд!

– Хуб шудаст!

Аз ҳама пеш Мулло Дурандеш қадам мезад. Ба сар аммомаи тозаи оҳорӣ баста буд, фаши кӯтоҳи он аз самти чап овезон меистод. Чеҳраи пиронааш бо риши сап-сафед нуронӣ ба назар мерасид. Аз зери абрувони ширгуни на он қадар паҳн нигоҳҳои гарми дилнишин дошт. Имрӯз ҷомаи кимхоб ба танаш бениҳоят мезебид. Миёни ду даст китоби бузургеро гирифта, бар сари сина дошта меомад. Дар канор ӯро Содирамак, муридаш Каримҳоҷӣ ва се нафари дигар, ки ҳама тозаю озода пӯшида буданд, ҳамроҳӣ мекарданд. Ба маҳзи расидану салому алайк Сафобоқӣ ба мулло гузориш дод:

– Меҳмонон омаданд, домулло, хонаи миёнаро барои шумо рост кардем. Ҳар дастуре ҳаст, бифармоед.

Мулло пурсид:

– Вакили духтар кӣ аст?

– Тағояш Абдураҳмон.

– Хеле хуб, аз тарафи домод як каси дигар ба Содир ҳамроҳ шавад, – мулло бо муроoти Алиҷон сари по нишаста, даст шуста афзуд: – Як коса оби тоза ҳам ба хонаи никоҳ дароред...

Дар манзили ҳамсоя мурғи хушнудиву бениёзӣ бол мезад, чашмаи илҳоми ҷавонон ба ҷӯш омада, фазои хона беш аз пеш мамлу аз суҳбату шеъру таронаи ноб мегардид. Аз остона гирифта то дару панҷараҳо ва болору вассаҳои кошона гӯё дар баҳри шодиву шодмонӣ ғарқ мешуд. Ба назар мерасид, пас аз фаро расидани чунин лаҳзаҳои деринтизор касе намехоҳад сурурy нишот ва ҳаяҷонҳои ботинии худро ошкор нанамояд.

Фарҳод дар пешгаҳ менишаст. Ӯ ҳеч каломе намегуфт, вале бо дилгармӣ ва таҳайюҷи хос хушҳолии дӯстони худро мепазируфт. Пайваста лабханди мулоиме дошт, ки талолои[154] чеҳраи шоди ӯро меафзуд. Агарчи заҳматҳои роҳи дур аз нӯки по то мӯйи сар вуҷудашро ба «ғанаб» мебурд, истод мекард, намехост ҳатто як лаҳзаи чашмпӯширо аз муҳтавои ҷашни арӯсиаш нодида гирад. Дар дили ин ҳангомаҳо аз берун садои Равшан баланд шуд:

– Фарҳодро гӯед барояд, Мулло Дурандеш хутбаи никоҳро сар карданд.

Бо шунидани ин овоз яке аз ҳамнишастон Сорбони «шоир» бо чеҳраи хандон ба Фарҳод рӯ оварда гуфт:

*– Имрӯз ҷамоли ту бар дида муборак бод,*
*Бар мо ҳаваси тоза печида, муборак бод!*

Бирав дӯстам, қабул кун, бахшидаат мунтазири туст. Бахту саодат ёратон бод!

– Бахт ёратон бод! – ҳамовоз шуданд ҳамнишастони дигар.

---

[154] **Талоло تلالا** – равшанӣ, дурахш, дурахшиш

Фарҳод бо ду рафиқи худ ба ҳавлӣ баромад. Ба тағояш Равшан, ки дар дами дарвоза мунтазири онҳо меистод, аз рӯйи одат дубора даст дод ва дар ҳоле ки бе сухан якдигарро мефаҳмиданд, аз роҳаки миёни ду девор ба пушти манзили Нурбоқӣ гузаштанд. Ҳеч гуна боде намевазид, аммо шохаҳои дарахтони гирди ҳавлиҳо гӯё албонҷхӯрон рақс мекарданд, баргҳо ба ҳам каф мезаданд. Селаи миною гунҷишкакон паси ҳам аз фарози танӯрхона парида ба самти боғ рафтанд ва аз он сӯ як тӯда кабӯтар бо овозҳои омехта болзанон ба тарафи кӯча париданд. Ин ҳама ҳусни атроф бо дили ба сурур омадаи Фарҳод ҳамоҳангӣ дошт. Хастагии пештара ҳар қадар ба тану ҷуссааш фишор меовард, ӯ дар худ неруи тозатарро ҳис мекард ва барои расидан ба висол берун аз ихтиёри худ пой меёзонд...

Ниҳоят, дар пушти даричаи хонаи миёна қарор гирифтанд. Равшан кӯтоҳ сурфида монд. Аз дохил Мулло Дурандеш бо қироати дуои кӯтоҳе ба сухан омад:

– Ба фармони Худованди ҷаҳон ва Холиқи кавну макон ва Мураббии оламиён... ба номи Ҳазрати Муҳаммади Мустафо салаллоҳу алайҳи ва асҳобиҳи васаллам... Шумо, ки ба гувоҳии ин ҷамоаи муслимин дар ҳолати оқил ва болиғ будан дар ин маҷлиси хайр ҳозир мебошед, нафси нафисаи муаккалаашонро ба занӣ ва ба никоҳи мусалмонӣ ва ба маҳрайни мазкурин ва ба ду амри шаръӣ, ки байнаннос машҳур ва маъруф аст: яке он ки шаш моҳи комили қамарӣ бе нафақа монда ғайбат нанамоед ва дигар он ки бе ваҷҳи шаръӣ зарбу лат нанамоед; агар яке аз ин ду амр ба вуқуъ ояд, мусаммоти мазкура ба нафси худ мухайяра бошад; аз барои тан ва нафси худ хостедаш ва қабул кардедаш ба занӣ?

Як лаҳза сукут ҳукмфармо шуд. Яке аз ҳамраҳон оҳиста аз остини ҷомаи Фарҳод кашид. Ӯ бошад, ба посух додан шитоб накард, бо чашмони нимапӯш ба хаёл рафта, гуфтаҳои муллоро аз зеҳни худ гузаронид. Дар поён сар бардошта бо садои шунаво ва бурро ҷавоб дод:

– Хостамаш ва қабул кардам!

Мулло дубора ба хондани салавотҳо даромад ва дар идома изҳор намуд:

– Ба гувоҳии ин ҷамоаи муслимин, ки ҳозиринанд дар ин маҷлиси хайр, шумо, ки вакили собитулваколатед, аз қиболи мусаммоти муъмина Холпарӣ бинти Нурбоқӣ нафси нафисаи муваккалаатонро ба занӣ ва ба никоҳи мусалмонӣ... ба ҳамин ҷавони ҳозиромада ваколата бахшидедаш ба занӣ?

Дубора хомӯшӣ ба миён омад. Вакили духтар – тағояш Абдураҳмон мисли ин ки ба даҳон об гирифта ё дар ду гӯш пунбадона гузошта буд, лаб во накард. Мулло пурсиши худро аз нав такрор кард. Боз ҳам Абдураҳмон сухане нагуфт. Хомӯширо халалдор карда, мулло дафъаи сеюм дархости худро баён кард. Ҳамин дам Содирамак бо чобукӣ аз ҷайби дохили қабояш ду-се танга бароварда дар рӯйи пӯстаки зерипойии вакили духтар гузошт. Билохира, Абдураҳмон ҷавоб дод:

– Ваколата бахшидемаш ба занӣ!

Мулло Дурандеш ҳамоно ба хондани дуои азим барои шукру ситоиши Худованди мутаъоли сариъуласар пардохт ва дар ниҳоят, бо арзи таҳният гуфт:

– Боракаллоҳу лакумо ва борака алайкумо ва ҷамаъа байнакумо фи хайрин, аз сидқи дил никоҳи мусалмониро ба ҷавону духтар табрик мегӯем! Акнун аз косаи оби никоҳ аввал домод, сипас арӯс бихӯранд ва боқимондаашро ба даруни танӯр ё оташдон бирезед. Ё Худо, дар ҳама хонавода осоишу роҳат, бахту шукуфоӣ ҳукмрон ва ҳама аҳли умедвору ниёзманд дар паноҳи Офаридгор бошанд...

## Арӯсфуророн

Офтоб аз раъси деҳаи Бору ба канор мерафт, вале дастанурҳои зарринфомаш моил набуданд аз рухи ҳазор-ҳазор барги хазони дарахтони даври ҳавлиҳо ва боғоти рӯ ба зардӣ супурда даст шӯянд. Аз шуоъҳои меҳрогини хуршед ҳамчунин тахтасангҳои хоро, ки фарози доманакӯҳҳои Пашнигорро дар самти рости кӯчаи пиёдагард мепӯшонданд, дил кандан намехостанд. Гармии мулоим ва форами фаррухчеҳраи осмонӣ ба ҳар як сокини деҳа низ фараҳу осоиш ато мекард. Одамон пасу пеш бо ҳилҳилаю ҳаёҳуйи шодиомез даври аспи арӯсӣ ҷамъ шуда, аз гузари Сафолако ба самти маҳаллаи Пайк сарнишеб шуданд.

Аспи орою озинёфтаи арӯс оҳиста роҳ мерафт. Бар рӯйи зини мисли тахти шоҳ муҷаллояш тағои шоҳгули имрӯз Абдураҳмон бо савлат менишаст. Ӯ бо як даст лигоми аспро, ки гӯё расане тобида аз нахҳои заррину лоҷвардӣ буд, дошта, гоҳ-гоҳе бо кибор ба дастафшониҳои атрофиён сар ҷунбонда қуллуқ мегуфт. Қабои тозаи кимхоб бо шиёрҳои зардӯзишуда ба танаш мезебид ва аз ду самт мӯзаҳои ялаққосии чармиаш, ки андармон ба узангуҳои нақшдор буданд, ба такаббури ӯ меафзуд.

Арӯс дар пушти тағо, бо ду даст аз камари ӯ дошта менишаст. Тамоми роҳ сархам мерафт, чеҳраашро тӯри фаранҷимонанди сапед пинҳон мекард ва аз болои он рӯмоли гулдори шаршарадореро партофта, ба пешониаш як даста ҳазориспандро ба шакли гулдаста халонда буданд. Дар тан аз болои куртаи дарози адрас ҷомаи пурнақшунигор ва зардӯзишуда пӯшида буд. Ҳарчи асп хиромида роҳ мерафт, вай дар пушти чаҳорпойи танноз ба мисли парие ҷо хуш карда, дар зери нурҳои шикастаи Хуршед шабеҳи як пора лаъли дурахшон ҷило медод.

Ба маҳзи ин ки аспи арӯс ба кӯчаи Шокирусто расид, аз ҳама пеш Шумшуки дарвешмаоб бо як даста бачагони хурдсол мағал карда, ҷастухезкунон аз омадани меҳмони нав пайғом расонданд. Одамони парешоншуда дубора ба ҳам омада, дар назди дарвозаи ҳавлии тӯйдор ҷамъ шуданд. Дар ҳамин асно диққати ҳамаро садои баланду муассири Фазилатхола ба худ ҷалб кард. Дар сурате ки давру барашро аллакай занону духтарони бардоранда печонида буданд, дафзанон ба сурудгӯйӣ даромад:

*Келин омад молаш қатӣ,*
*Дегу дегбардораш қатӣ.*

Бардорандаҳо:
*Омад-омадош гардем,*
*Қадду қоматош гардем.*

Фазилатхола:
*Келин омад аз роҳи дур,*
*Худо кунад умраша пур.*

Бардорандаҳо:
*Омад-омадош гардем,*
*Қадду қоматош гардем.*

Фазилатхола:
*Келин келини моён,*
*Ҳақ надоред шумоён.*

Бардорандаҳо:
*Омад-омадош гардем,*
*Қадду қоматош гардем.*

Дар ин миён Абдураҳмон дар сари кӯча мулоим «тор-р» гӯён аспро нигаҳ дошт. Онҳое, ки дар самти ҳавлӣ буданд, соҳибхона Шокирусторо дида аз ҳар сӯ садо баланд карданд:

– Роҳ диҳед, усто меоянд!

– Як тараф истед, Шокирбобо гузаранд, арӯсашонро қабул кунанд!

Тамоми меҳмонони Шокирусто ба назди дарвоза омаданд. Наима бо ёрии Фариштa дар як тағора ҳазориспанд дуд карда, берунтар аз даромадгоҳ дар сари роҳи арӯс гузошт. Маҳтоб ҳамроҳи модаршӯяш Ёқутмомо, модараш Бибизаррина, дӯстони ҳамрози худ Бибисоро, Гуландом, Майсамомо ва чанд нафар бонуи дигар пасу пеш ҳам меҳмононро хайра мақдам мегуфтанд, ҳам ба хурсандии ҷамъомадагон ҳамроҳ шуда хушҳолӣ мекарданд. Онҳо баробари ҳозир шудани Шокирусто дар назди асп ба он самт гузаштанд. Як лаҳза таваҷҷуҳи одамон ба тарафи аспи ороста, ки дар болои он арӯсу тағои арӯс менишастанду дар гирдаш соҳибони ҷашн бетоқатона мунтазири пиёда шудани онҳо буданд, ҷалб гардид. Шокирусто бо эҳтиром як даст ба сари дил гузошта, дасти дигарро ба самти арӯс ёзонд. Холпарӣ бо ишораи тағояш дасти худро дар зери остини баланд ба тарафи Шокирусто дароз кард ва лағжида ба поён фуромад. Сипас, аз як сар, аввал Ёқутмомо ва аз пайи ӯ занҳои боқимонда ӯро ба оғӯш гирифта, аз пешониаш бӯсида, ба сари дӯшаш тап-тапзанон ба самти ҳавлӣ роҳнамоӣ карданд. Арӯс тағораи ҳазориспандро, ки аз он дуди ғализе печида ба осмон мебаромад, ҳафт бор давр зад, чанд нафар духтараки

хурдсол ба ҳам даст дода аз паси ӯ канда намешуданд. Сипас дар миёни духтарону занони шоду хуррам аз остонаи дарвоза бо пойи рост қадам гузошта, зери лаб «Бисмиллоҳ» гӯён ба дохил ворид шуд. Канор-канори меҳмонон овози дафзанӣ ва сурудгӯйии Фазилатхолаю ҳамраҳонаш низ ба фазо печида, шодию нишоти ҳозиринро бештар месохт:

Фазилатхола:

*Хона меҳмон омадаст,*
*Шарбати ҷон омадаст.*

Бардорандаҳо:

*Омад-омадош гардем,*
*Қадду қоматош гардем.*

Фазилатхола:

*Хез, оча, келин омад,*
*Нури хона даромад.*

Бардорандаҳо:

*Омад-омадош гардем,*
*Қадду қоматош гардем.*

Дуртар аз дари даромад, дар назди айвони пешкушоди Шокирусто чанд нафар меҳмони аз дур омада даст рӯйи даст гузошта, бо завқ хурсандии тӯйоварон ва ҷастухези духтаракону бачаҳои аз худ рафтаро тамошо мекарданд. Дар миёни меҳмонон Бобо Судур аз ҳама калонсолтар менамуд. Ӯ низ ба эродгириҳои соҳибони ҷашн таваҷҷуҳ накарда, аз меҳмонхона ба берун баромада буд, дар канори дигарон аз ҷашну шодмонии боруиҳо лаззат мебурд. Ҳамон лаҳзае, ки арӯс дар иҳотаи זану духтарон ба хонаи бахт медаромад, бо овози баланду руҳафзо гӯяндагӣ кардани Фазилатхола Бобо Судурро хеле ба ваҷд овард. Бо хушҳолӣ ба Баҳроми баззозу Эшон Саидҷон рӯ оварда гуфт:

– Ба Худо, аҳли Бору мардуми биҳиштианд! Ин ҳама ҳунар, ин ҳама овоз... ҳаз мебарад кас!

– Рост мефармоед, Бобо, барояшон дуои пир рафтааст, – илова кард Баҳром ҳиссу ҳаяҷони шодиомези худро пинҳон накарда, – аз он чи ороянд, шукуҳи фирдавс ҳувайдост.

– Бубин, чӣ қадар муҷазу зебо месароянд: «Хез, оча, келин омад, нури хона даромад»...

Дӯсти Фарҳод Саидҷон бо таъйид сар ҷунбонда сурурмез гуфт:

– Дар ин биҳиште, ки мегӯед, арӯсашон фаришта аст! Чӣ либосҳое, чӣ нозу ибоҳое!

Дар зери оҳангу суруд ва ҳаёҳуйи шодмонӣ ҳамаи бонувону духтаракон пасу пеш ба хонаи арӯс, ки соҳибхонаҳо барои меҳмони нав оростаю омода карда буданд, дохил шуданд. Ин хонаи Шокирусто аз утоқҳои дигар калонтар

ва ду тиреза дошт, дар пешгаҳу пойгаҳаш тоқчаҳои меҳробшакли дорои нақшу нигор қарор дошт. Ёздаҳ болори яксони мунаббаткоришуда ва ҷуфтвассаҳои шиёрдору мунаққаши сақфи хона гиреҳи дилҳоро мекушод. Арӯсро ба гӯшаи рости пешгаҳ, ба хоначаи маҳрамонае, ки бо овехтани сӯзании баланде аз болор то фарш ҳосил мешуд, гузаронданд. Ҳамроҳи ӯ дугонааш Шодигул низ ба пушти сӯзанӣ гузашт. Бе он ки касе нишон бидиҳад, дар самти рост ҳама янгаю наздикони арӯс ва дар самти чап хешовандони домод нишаста гирифтанд. Бо тафовут аз пазироиҳои маъмулӣ, ин лаҳза рӯйи хонаро аз болои гилему намад бо кӯрпаҳои паҳну калони нави дӯхташуда барои арӯс пӯшонида буданд. Албатта, ин на барои намоиш, балки аз корҳои омодасозии «майдон» барои куштии занон ҳисоб мешуд.

Як дафъа садои даф хомӯш ва Фазилатхола дар пойгаҳ ба гӯши даруну беруниҳо расонда эълон кард:

– Падару модари арҷманд, хешони азизи домод, биёед, меҳмони нав мунтазири шумост! Биёед, ҳадяҳои худро ба арӯсатон тақдим кунед, тоҷгули боғи базми мо мунтазири истиқболи шумост, ки дар хонаи наваш ҷо хуш кунад.

Аз паҳлуяш Сабзигул низ илова кард:

– Оре, биёед, зуд бошед, ба гувоҳии ҷамоа ҳадяҳои худро эълон кунед!

Аз миёни бонувони самти чап Парисои баландқомат, ки ҷуссаи тануманди мардонаи ӯ аз зери куртаҳои дарозу остинҳои баланд ҳам мушаххас ба назар мерасид, ҳазломез гуфт:

– Хешон биҷунбед, ба талоши мо дер нашавад! Ҳай дастҳоям мехоранд, чанд бечораро чалпаки замин накунам, ба худ намеоям.

– Ҳай-ҳай, суханатро دониста гӯй, – ҷавоб гардонд Мадина – бонуи тануманди дигар аз самти рост, – нашавад, ки тахтапушти худат заминро бибӯсад?!

Ҳар ҷо-ҳар ҷо занҳо хандиданд. Бисёриҳо, дар воқеъ, мунтазири куштии бонувон менишастанд. Ҳамин дам «бисмиллоҳ» гӯён Шокирусто ва аз пайи ӯ ҳамсараш Маҳтоб аз остонаи дар ба дарун қадам ниҳоданд. Фазилатбону бо садои баланд шеър хонд:

*– Ҳар чӣ дорам аз ту дорам, эй падар,*
*Эй, ки ҳастӣ нури чашму тоҷи сар.*
*Раҳмати борони равшантабор,*
*Меҳрубонӣ аз ту монда ёдгор!*

Шокирусто рӯ ба ҷониби сӯзанӣ, изҳори ният кард:

– Аз Худо орзу дорам пою қадами духтарам нек ояд, бо писарам Фарҳод умри босаодат ба сар баранд! Маро як пора замин дар гузари Порсоён ҳаст, ҳамон боғамро бахшидам, насибашон гардад!

Як он садои кафкӯбии ҳозирин баланд шуд. Дубора Фазилатхола бо овози форами худ ба модаршӯйи оянда Маҳтоб рӯ гардонда шеър хонду сари ҳаёҳуи бонувонро шикаст:

*– Оғӯши ту, эй модари ман, бистари ноз аст,*
*В-он аллаи шабҳот маро гулшани соз аст.*
*Рухсору вуҷуди ту маро пайкари меҳр аст,*
*Ҳам қиблаву ҳам Каъбаву ҳам ишқу ниёз аст.*

Маҳтоб аз баргаштани нигоҳҳои ҳама ба сӯяш каме сурху сапед шуда, бо овози кам гуфт:

– Хуш омадед, меҳмононам, нури дида, тоҷи сар. Чӣ ҳам мегуфтам, ба духтарам ҳама дову дастгаҳи ошхонаамро бахшидам! Илоҳӣ, зиндагиро ёд гирад, рӯзғорашро обод созад!

Аз нав садои шодиомези ҷамъшудагон фазои хонаро фаро гирифт. Холпарӣ бо дугонаи худ дар пушти сӯзанӣ рост истода ҳама гапугузорро гӯш мекард. Барояш чизе ба унвони ҳадя бахшидани соҳибони хона хеле шигифтангез менамуд. Аз он ки дар пайи Шокирустою ҳамсараш Маҳтоб амаку тағоҳои Фарҳод низ, яке кафгиру калбез, дигаре дегу қоблама ва ду-се нафар ҳам дастпонаю гӯшвораю либосворӣ барин тухфаҳо ваъда карданд, дилаш бештар ба фараҳ омад.

Ҳанӯз хурсандию ғулғулаи аҳли ҷашн аз расми бахшоишҳо кам нашуда, садои чирросии Парисо баланд шуд. Вай пас аз берун рафтани мардҳо остинҳои баланди худро то банди даст бар зада, дастҳояшро ба боло афшонда-афшонда дар гирди хона ба қадамзанӣ даромад ва бо ишора ба занҳои омада аз тарафи арӯс бо кибор гуфт:

– Хуб, бас будагист худро ба кунҷаку бурҷак кашидан, кӣ мебарояд ба «ҷанг»-и ман?!

Ин фарохонӣ ба иззати нафси як нафар бонуи ҷавон, ки аз самти рост дар пойгаҳ менишаст, расид магар, ҷаста аз ҷо хест ва рӯ ба рӯйи Парисо қарор гирифта ҷавоб гардонд:

– Паҳлавон ҳам бошӣ, моро кам нагир, ана, худам бо ту даст ба гиребон мешавам! – Бонуи ҷавон тани худро ба пеш хам карда, бо ҷуръат ба миёни хона баромад ва бо нӯки ангуштон ишораи «биё, биё» карда Парисоро ба талош хонд: – Бубинам, чӣ қадр қувват дорӣ, гумон кардӣ мо аз саҳро омадаем?

Ду зан ба ҳам дарафтиданд. Ҳамҳамаву сару садоҳои зиёд хонаро ба сар бардошт. Парисо бо як даст аз банди дасти ҳариф ва бо дасти дигар аз пушти гардани ӯ гирифта, як он ба сӯйи худ кашид. Бонуи ҷавон ҳам чусту чолок камари Парисоро муҳкам дошта муқобилат кард. Якдигарро чанд бор ба чапу рост кашиданд, вале дар ниҳоят, бонуи ҷавон аз мадор рафт, ки Парисо пойи росташро аз пеш ёзонида ҳалук андохт. Бонуи ҷавон худро дошта натавонист ва сарболо ба замин уфтод. Ҳамоно садои кафкӯбӣ ва ғалоғулаи ҳозирин баланд шуд. Холпарию дугонааш Шодигул низ манзарaро тамошо карда, аз таҳи дил завқ бурданд.

Дар воқеъ, барои Холпарӣ куштии бонувон ҳодисаи нав буд, ӯ бори аввал шоҳиди ин гуна «набард» мешуд. Агарчи занҳо бо ҳам дарафтида, ба ҳар сӯ дасту по зада, тану ҷуссаи якдигарро теладеҳон талош мекарданд, вале ҳеч

кадом аз усули аслии куштӣ ба кор намебурд. Танҳо ҳамин кашокашиҳои беназму таваккулӣ ба духтарону занони нишаста шодию нишоти беохир ато мекард. Пас аз талоши боз ду-се ҷуфти дигар дар поёни мусобиқа Мадина ба Парисо талабгор шуд. Онҳо як пайт гирифтанду ҳеч кадоме пирӯз наомад ва як лаҳза даст боз карданд. Вақте ки хостанд дубора ба талош дароянд, Фазилатхола гуфт:

– Хоҳарам, Парисо, ту сахт мегирӣ, ҳамаамон медонем! Дар ин ҷо бошад, маъракаро ба Мадина бидеҳ.

– И-е, барои чӣ? – ба шигифт омад бонуи куштигир.

– Барои чӣ мешуд, ту хеши ҳамин хонадонӣ, Мадина аз тарафи қудоҳо.

Ба тасдиқи сухани ҳамтои худ Сабзигул хандида афзуд:

– Соҳиби духтар ҳамеша нозҳои худро дорад, ҳа, шумо бояд нозбардор бошед!

– Ба ман муруввати ҳеч кас лозим нест! – овоз баланд кард Мадина ва беист ёзиду аз гиребони Парисо гирифт.

Дубора шавқу шӯри бонувон бо ном бурдани исми Парисову Мадина баландтар садо дод. Аз ин ҷонибдориҳо Парисо бештар руҳ гирифт ва бо тамоми неру аз камари рақибаш дошта ӯро рост ба боло бардошт. Аммо, ҳамин лаҳза як гӯшаи чашм ба Фазилатхола дакка хӯрд, ки лаби поёнашро газида сарашро ба ду самт меҷунбонд. Дастҳояш суст шуданд, аз раъйи худ гашту Мадинаро напартофта, дубора ба поён гузошт. Мадина низ мунтазири чунин як лаҳзае буд магар, бо расидани поҳояш ба замин, яке тоб хӯрду рақибро пушти по зад. Парисо чун танаи дарахт калавида гумсасзанон ба зер, ба рӯйи кӯрпаҳо уфтод. Аз ин «пирӯзӣ» ҳама хушҳол шуданд, аз ҷумла, Холпарӣ ва дугонааш Шодигул ба завқ омада, дар ҳоле ки аз чашмони ҳар ду нури хурсандӣ ҷило медод, чапак зада монданд...

## 6. ФОТИҲАИ МУЛЛОӢ

Рӯзи муборaки ҷумъа ҳанӯз домани сапеди худро ҷамъ накарда буд. Агарчи бонувону духтаракон дар меҳмонхонаи Шокирусто, дар канори арӯси тозаомада шодию хушҳолии худро идома медоданд, бисёр ҳамдеҳагон ба хонаҳои худ пароканда шуданд, баъзе меҳмонҳои аз деҳоти ҳамсоя ташрифоварда низ ба манзилҳояшон баргаштанд. Шокирусто бошад, бо ҳамдастии Мулло Дурандеш мӯйсафедони деҳа ва меҳмонони муътабари аз атрофу акноф омадаро дубора ба меҳмонхонаи калон фаро хонд. Лаҳзае, ки ҳама барои тамошо баромада буданд, кадбоную ҷавонони хидматгузор суфраю кӯрпачаҳои пазироиро афшонда аз нав паҳн карданд. Дасторхонро бо нону фатиру қатламаҳои тоза, қанди коғазпечу парварда, анвои мева оро доданд.

Кам андар кам мешуд, ки деҳаи Бору дар нишасту маъракаҳои худ то ин ҳад меҳмонони олиқадрро пазиро бошад. Дар ин рӯзи фархунда мӯйсафедон бениҳоят мамнун буданд, онҳо ҳарчи сухани неку дасткушодӣ доштанд, ба дӯстони аз дур омада рӯ мекарданд. Дар пешгаҳи хона паҳлуи Мулло

Дурандеши пирамард ва Дороамини солхӯрда Бобои Судур менишаст. Ӯ чеҳраи нуронӣ дошт, нигоҳҳояш, табасссуми гарму сурхии гунаҳояш касро ба худ ҷалб мекарданд. Риши ғулуи сап-сафед ва аммомаи на он қадар бузургаш ҳамроҳ бо қабои якранг, ки аз сатини тоза буд, ӯро бештар дилкаш нишон медод. Аз самти чапи ӯ Эшон Саидҷону Мулло Дуйсан менишастанд. Дар самти рости Мулло Дурандеш низ Ҳоҷӣ Салими пуштикӯҳӣ, Мулло Ҳаким ва Қозибобо ҷо хуш карда буданд. Бо шавқу иштиёқ, ба наврасии худ нигоҳ накарда, дар ин маҷлис Фаршед низ бо дӯстонаш ҳузур дошт. Ҳамин ки хонаро то пойгаҳ пур аз одам дид, Мулло Дурандеш ҷилави суҳбатро ба даст гирифта изҳор намуд:

– Дарахту буттаҳо пир мешаванд, навдаю шохаҳои онҳо суст ва решаҳояшон хушк мегардад, вале боғ ҳамеша сарсабз мемонад. Зеро ки дар ин боғ ниҳолҳои тару тоза нуму мекунанд, ин рустаҳои нав фазои сабзи боғро фароҳам меоваранд. Зиндагии мо низ шабеҳи ҳамин боғ аст. Имрӯз ният карда будем дар ҳузури ҷамоа ба шогирди худ фотиҳа диҳем, дасти муллоиро комилан ба ӯ супорем, – як лаҳза муллои деҳа хомӯш шуд, дар хона низ сукунат ба миён омад, ҳама гӯшу ҳуш ба ӯ, мунтазири идомаи суханаш менишастанд. Мулло афзуд: – Аз он ки Фарҳодҷон як-ду калом аз мо ёд гирифта буд, мегӯем шогирд, вале бояд иқрор шавам, ки ӯ таҳсилкарда аст, дар илми шариату муллоӣ як сару гардан болотар аз мост. Дар Бухорои Шариф хонда омад, илми диниро то ҷое, ки лозим бошад, фаро гирифт. Бо ин ҳол, расму одати мо ин аст, ки барои дасти муллоиро гирифтан бояд фотиҳа бигирад, то кораш пешрав бошаду шоиста. Фикр мекунам, имрӯз беҳтарин фурсат аст. Агар Эшон Саидҷон, ки муллои Нури моянд ё Эшони Судур, ки аз бузургворон ҳастанд, ин фотиҳаро диҳанд, иншоаллоҳ, об аз осиёб меафтад.

Эшон Саидҷон бо лабханд ба сухан омад:

– Бисёр хоксорӣ мекунед, домулло! Магар мешавад, ин ҳама бузургон нишастаанду мо фотиҳа диҳем? Боз ба кӣ – ба Мулло Фарҳод! Ман бо дӯстам бисёр гаштаам, ҳамроҳи вай сабақ омӯхтаам, ӯро аз наздик мешиносам. Дар воқеъ, пешаи муллоӣ ба ӯ муносиб аст, чи аз назари дониши динӣ, чи аз лиҳози қироат ва чи аз бобати донистани маросими мардумӣ. Аммо фотиҳаро бояд бузургон диҳанд. Ба қавли Мавлоно:

*Пирро бигзин, ки бе пир ин сафар*
*Ҳаст бас пурофату хавфу хатар!*

Бо хатми ин сухани кӯтоҳ беихтиёр нигоҳи нишастагон ба сӯйи Бобои Судур дӯхта шуд. Ғайричашмдошт, эшон низ ба ду самт сари инкор ҷунбонда гуфт:

– Ин фотиҳаро аз ман ҳам умедвор нашавед. Вақте ки муллое бо таҷрибаи як умри инсонӣ, муллое, ки аз саршиносони тамоми деҳоти риштакӯҳи Нур асту дар канорамон нишаста бошад, магар мешавад мо пеш гузарем? Арзандаю зебанда аст худи устодамон Мулло Дурандеш фотиҳа диҳанд. Албатта, рост фармуданд, Фарҳодҷон дар мадраса хонда омад,

дониши пухта дорад, аммо тибқи одатҳоямон, ки аз қадим ин тавр омадааст, бояд дуои устоду бузургонро бигирад, то кораш бобарор ояд, мақбули дигарон гардад...

Дар ин миён дар канори меҳмонон Фаршеду Шаҳром ва Султони ҳамсояашон, ки ҳар се аз якдигар бештар бачаҳои кунҷков буданд, дар пойгаҳ нишаста, бетоқатона расми фотиҳадиҳиро пайгирӣ мекарданд. Ба хусус, барои Фаршед ин оини миллӣ хеле ҷолиб менамуд, саъй мекард ҳатто як лаҳзаи онро нодида нагирад. Вақте ки пас аз Бобои Судур навбати сухан дубора ба Мулло Дурандеш расид ва ӯ бо лаҳни гуворою муассири худ ба қироати дуоҳо пардохт, ҳар се ба ҳаяҷон омаданд, бо тамоми вуҷуд гӯшу ҳуш ба ӯ шуданд. Дар поёни қироат мулло ба Фарҳод рӯ оварда гуфт:

– Писарам, биё ба назди ман!

Аз пайи бародар Фаршед низ беихтиёр нимхез шуд. Шаҳром аз домани ӯ нигаҳ дошт. Се наврас ба ҳам дида дӯхта шумханд карда монданд. Фарҳод аз пушти меҳмонон гузашта, даст ба рӯйи сина дар назди Мулло Дурандеш рост истод.

– Дар байни халқи мо таъбирҳое роиҷ аст, аз қабили «устоду шогирд» ё «устою шогирд». Ҳар як устод барои оғози кор ба шогирди худ фотиҳа медиҳад, то арвоҳи пирони гузашта мададкор ва шогирд бо бовару эътимод ба шуғли худ мустақилона иқдом намояд, – мулло ҳарфзанон аз зери ҷома миёнбанди беқасамашро кушод ва дар ҳоле ки ҳама нишастагон об дар даҳан ду чашм ба ӯву Фарҳод менишастанд, илова кард: – Рамзи фотиҳадиҳӣ бошад, бастани миёнбанд ва тақдим кардани ашё ё воситаи асосии пешаи онҳост!

Ҳамин ки Мулло Дурандеш миёнбандашро бар камари Фарҳод баст, ҳамон лаҳза садои кафкӯбии аҳли нишаст баланд шуд ва аз чанд ҷо нидоҳои «Мошоаллоҳ!», «Боракаллоҳ!», «Даст марезод!» дар фазои хона нишаст. Дар ин миён хурсандии Фаршеду дӯстонаш поён надошт. Мулло Дурандеш бошад, хушҳолии одамонро барҳам назада, ба пас гашту аз токчаи таҳмони хона як дастбӯғчаи бо бандак гиреҳзадаро бардошт ва ба суханаш идома дод:

– Аз он чӣ ёдрас кардам, асбоби кор барои мо – муллою сӯфиён ҳамин «Қуръон»-у «Чаҳор китоб»-у «Фарзи айн» аст! – ӯ ҳар се китобро, ки хеле фарсуда ва заҳиргашта ба назар мерасиданд, рӯйи даст гирифт ва бо эҳтиром ба Фарҳод дароз карда гуфт: – Дасти ман не, дасти пирони хирад, ба номи Худованди кариму меҳрабон ва ёди Паёмбари акрам(с) ва саҳҳобаҳояш, агарчи дарвеше дар роҳи дину шариат ҳастам, ҳама донишу маҳорат, саъю ҳаракат, файзу баракати муллоиямро ба ту бахшидам, писари азизам! Ту шогирди муносиб ва беҳтарин ҳастӣ! Офаридгор ҳофизу пуштибонат бошад, дар ин кори савобу муқаддас, ки иҷрои неки он барои мо ҳам қарзу ҳам фарз аст, муваффақу муайяд бош!

Мулло Дурандешу Фарҳод ҳамдигарро ба оғӯш кашиданд. Садои пайи ҳам даст задани ҳозирин баландтар аз пештар фазои хонаро фаро гирифт. Пас аз як дами хушҳолӣ Бобои Судур ба сухан омад:

– Мубораку хуҷаста бод! Фарҳодҷон, мо ҳама ба дуоҳои Мулло Дурандеш ҳамроҳ мешавем. Орзу дорем дар ин коре, ки бениҳоят муҳим асту

масъулияти калонро дар назди мардум ба дӯш мегирӣ, тобу таҳаммул ёрат гардад. Аз ин пас ту барои ҳамаи мо Мулло Фарҳод ҳастӣ, саъй кун ба ин номи баланд сазовор бошӣ. Худо ёвару мададкорат бошад, омин!

Ҳама бо ҳам дасти дуо ба рӯй кашиданд. Бо тартиб, меҳмонони дар пешгаҳ нишаста Фарҳодро ба оғӯш кашида табрик гуфтанд. Ва дар ҳамин асно «Ё Аллоҳ!» гӯён аз дар Равшан даромад. Ӯ бӯғчаи калонеро ба Шокирусто дароз кард. Соҳиби хона онро аз даст нагузошта ба пешгаҳ гузашт. Фаршед тоқат накарда аз пайи ӯ хест ва ҳамин ки падар бӯғчаро ба замин гузошт, ӯ чусту чолок гиреҳашро боз кард. Ҳама медиданд, ки ин дафъа навбати инъомдиҳӣ ба шогирд расидааст. Шокирусто қабои тозаи кимхобиро, ки бо шиёрҳои зичи дӯхтудӯз ва нахҳои зараш чашмҳоро мерабуд, гирифта ба дасти Фарҳод дод, миёнбанди ҳамчунон зардӯзишударо ба кафи Эшон Саидҷон ниҳод ва бо хушҳолӣ сар ҷунбонда гуфт:

– Марҳамат, бачаҳоям, ба мулло пӯшонед, дуояшро гиред!

Вақте ки қаборо ба китфи Мулло Дурандеш гузошта ба камараш миёнбандро мебастанд, дубора садои хурсандиомез баланд шуд, ҳама пасупеш калимоти шодбошро рӯйиҳам изҳор менамуданд: «Муборак бошад!», «Кам наёред!», «Офарин!»... Фаршед дар канори бародари муллои худ истода, бо фахр гоҳе ба ӯ, гоҳе ба Мулло Дурандеш нигоҳ мекард, аз бародар дида бештар дар умқи чашмони вай нури шодиву сурур ҷӯш мезад, аз хурсандии аҳли хона ба ваҷд меомад...

Дарҳол пас аз инъому табрикот бо ишораи Шокирусто хидматкорон шӯрбо ва сари пухтаи гӯсфандро пешкаш карданд. Ин меҳмондорӣ зиёфати хосе буд, ки аз гӯшти гӯсфанди забҳшуда ба шарафи расми «фотиҳадиҳӣ» дода мешуд...

Пас аз нишаст Мулло Ҳалим меҳмонони қизилработиро бо сарварии Мулло Дуйсан ҳамроҳи худ ба Авлиё бурд. Дӯстону ошноёни аз Нуру пушти кӯҳ омада бошанд, мондагор шуданд, ҳама дастҷамъона ба Масҷиди Баландӣ рафтанд, то намози шомро гузоранд. Қарор ба ин буд, ки шабро дар хонаи Дороамину Қозибобо ва Мулло Дурандеш гузаронда фардо ба роҳ бароянд. Дигар, мебоист бо Мулло Фарҳод худоҳофизӣ кунанд, ӯ аз гусели дӯстон дида кори муҳимтар дар пеш дошт. Дар дами дарвоза дӯсташ Эшон Саидҷон бо вай ва Фаршед, ки аз думашон канда намешуд, хайрухуш карда, дар ҳоле ки дасташро мефишурд, шӯхиомез гуфт:

– Медонӣ-а? Нашавад, ки чилларо вайрон кунӣ?!

Ҳар ду маънидор хандиданд. Фаршед ба ин порасухан сар дарнаёвард, вале ӯ низ аз пайи ду мулло хандида монд.

# ФАСЛИ ДУЮМ

*Ту медонӣ, ба ҳар ҷою ба ҳар ҳол*
*Шаби торикро субҳе сапед аст.*
*(Симини Беҳбаҳонӣ)*

## 1. ВАСИЯТИ ВОПАСИН

### Пирию тааммул

Рӯз аз нисф мегузашт. Хуршед тӯда-тӯда абрҳои тираро нодида гирифта, нурҳои теғшикастаи худро перомуни дашту доманаҳои кӯҳӣ паҳн мекард. Аз вазиши боди сабук шохаю баргҳои рангкоҳидаи боғу равзаҳо бо мароми хос алвонҷ мехӯрданд. Замин бӯйи сардӣ медод, ҳарчанд аз гармии Хуршед камокон роҳат мебурд, пӯсту пӯшиши худро ба боришоти ҳаво омода месохт. Дар самои деҳаи Бору лашкари абрҳои сиёҳ торафт зиёд мешуд, эҳтимоли борон омадан зиёд менамуд.

Сокина сухани модарашро, ки «борон наборида рӯфтурӯбатро шав» гуфта буд, аз хаёл гузаронда, суръати ҷорӯбзаниашро тезтар кард. Дар ҳамин асно ногаҳон аз ҷониби дарвоза садои сурфаи мардона баромад. Ӯ як он сари ҷо рост шуд, дар дами дар сару саллаи Қозибобо намудор шуд. Бо эҳтиром даст ба рӯйи сина гузошта салом арз кард.

– Хостам аз усто хабар гирифта гузарам, аҳволашон хуб аст? – бо ишораи сар ба саломи духтар ҷавоб гардонда гуфт Қозибобо.

Сокина бо ноз кокулонашро ба пушт партофта, бо табассуми ширин ҷавоб дод:

– Мисли пештара, бобоҷон, биёед, дароед. Бовар кунед, чанд бор шуморо пурсиданд, тамоми рӯз бо дидаи чор ба роҳатон интизор буданд.

– Наход? Ман, ки нагуфтаам меоям?

– Намедонам, ягон гап доштагӣ барин.

Қозӣ Ҳушанг «ё Аллоҳ» гӯён дари ҷойи нишасти Шокирусторо боз кард. Пирамард дар муқобили ягона тирезаи хона сар ба самти пешгаҳ дароз мекашид. Хеле лоғар, пӯсту устухон менамуд. Ранги рӯяш бар замми чурукидагӣ заҳиру парида ба назар мерасид. Болотар аз ӯ духтараки хурдсоле нишаста, бо меҳр пешонӣ ва сарашро масҳ мекард. Вай баробари дидани қозӣ яке садо дардод:

– Э, ана, бобо умадан!

Шокирусто ба самти дар нигарист. Аз ғояти хурсандӣ буд ё лоғарӣ, чашмонаш дар ҳадақа калонтар боз шуданд. Сари ҷо хеста нишаст, талвосаи ба по хестан кард, ки Қозибобо монеъ шуда гуфт:

– Азият накаш, усто, – ва бо тезӣ ба пеши ӯ гузашт.

Духтараки тоқипӯш, ки аз мӯйҳои кӯтоҳаш шояд даҳ-понздаҳ гесу бофта буданд ва аз болои пероҳани атлас нимчаи гулдори пахтагин ба бар дошт, ба пешвози меҳмон аз ҷо хест. Қозӣ сару дӯши духтаракро молида, бо меҳрабонӣ пурсид:

– Нисоҷон, ин худатӣ?

– Ҳа, – бо ноз зери лаб гуфт духтарак.

– Духтари калон шудай!

Шокирусто ба сухан ҳамроҳ шуд:

– Вай дастёри ман... Ҳама аз пайи корҳои худ баромада мераванд, фақат ҳамин нозанинам ҳамроҳи ман мемонад.

– Боракаллоҳ! – хушҳол шудани духтарак илҳоми қозиро овард. – Нисоҷон – ҷони бобо! Чандсола шудӣ?

– Панҷ! – гуфт духтарак бо ноз, як панҷаашро пурра кушода нишон дод.

– Эҳ-ҳа, бубин рӯзҳо чӣ қадар тез мегузаранд, тӯйи Мулло Фарҳод гӯё дирӯз шуда буд.

– Ту нагӯ... Ин зиндагӣ ба чени як лаҳза мондани оби дида дар мижгон аст. Очааму янгаам[155] гӯё дирӯз дар наздамон буданд, пасу пеш рафтанду инак аз реҳлати онҳо ҳам панҷ сол мегузарад, – аз садои гирифтаи пирамард хастагиаш эҳсос мешуд. – Худат дар куҷоҳо мегардӣ, додар, як ҳафта боз соятро кандай аз дарам?

Қозӣ шумханд кард. Медид, ки ду рӯзи кампайдоӣ дар назари дӯсташ як ҳафта менамояд. Пештар нишасту бо меҳр каф ба рӯйи банди дасти Шокирусто гузошт. Як лаҳза дилаш таҳ хӯрд. Лоғарӣ ва беҳаракатии усто нигаронкунанда буд.

– Худат медонӣ, вақтҳои охир рӯйдодҳои бисёр шуд, ҳеч кас намедонад, ки дунё ба куҷо меравад. Қозикалони Нур як номаи пурсӯзу гудоз навишта фиристодааст, бо даъвати вай ба Нур рафта будам, ҳамин ҳозир аз он ҷо меоям, – қозӣ саъй мекард хастагии худро вонамуд накунад, зеро рӯйиҷойӣ шудани дӯсташ аз ҳоли худаш бештар риққатовар менамуд. Аз ин рӯ, бо дилсӯзӣ гуфт: – Худатро сахт гирондай, Худо шифо диҳад. Бачаҳо дар куҷоянд?

– Ба ҳоли ман ғам махӯр, додар, кам буд ё зиёд, ба нахве зиндагиам гузашт, вале аз ҳаёти додаронат сахт дар хавотирам.

– Худоро шукр, бачаҳоят ҳама одамҳои бафаҳм, медонанд чӣ кор кунанд...

– Рост мегӯйӣ, – дар миёни сухани қозӣ давид пирамард, – ба сеяш дилам пур, аз ташвишҳо бепарвоянд. Зиндагии духтари калонам ҳам бад нест, ин хурдиаш ҳам бахташро меёбад. Лекин Фарҳоду Фаршед шабу рӯз аз хаёлам дур намешаванд, ҳар ду сода, аз ҳад зиёд хушбоваранд. Хуб кардӣ, ки омадӣ, дар ҳузури ту ду-се насиҳат карданӣ будам.

Дар ҳамин дам «ассалом» гӯён Маҳтоб дар даст дасторхони нон ба хона даромад. Ба саломи ӯ алейк гуфта, Қозӣ Ҳушанг худро каме қафо кашид. Маҳтоб дар назди ҳар ду суфра паҳн кард ва бо лутф изҳор намуд:

---

[155] **Янга** – *ин ҷо:* модарарӯс

– Хуш омадед, Қозибобо, сафо овардед. Додиятон ду рӯз аст, ки чашм ба роҳи шумоянд.

– Саломат бош, хоҳарам. Писарон, пас, куҷоянд?

– Ҳамин замон меоянд, дар ҳашари Фарҳодҷон буданд.

– Чӣ, ҳашар?

Шокирусто тараддуди ҳамсарашро барои овардани чой дида, риштаи суханро ба даст гирифт:

– Охур месозанд. Албатта, сохта шудаанд, даруну берунаша панҷакаш мекунанд. Зимистон дар пеш, ҳарчи омодагӣ дидан лозим буд.

– Нағз.

– Хуб, гап зан, дар олам чӣ гапҳо?

– Э, нагӯ, усто, ҳама ҷо пур аз кашмакаш, ҷанҷол, хунрезӣ. Оқибаташ ба хайр ояд, давлати шуроҳо хурду калона бесаранҷом кард.

– Аз Ансорбӣ дигар хабаре нашуд? – яке ба хотир овард мирохурро усто.

– Дар ин деҳаҳои атроф фақат ҳамон лаганбардори амир монда буд. Ёдат ҳаст, ду сол пеш гумоштаҳои беки Нур бо дӯғу дабара омада ба сафи худ одам ҷамъ карда буданд? Ҳамон дам Ансорбӣ бо навкаронаш ба онҳо пайваст. Чанд ҷавони гумроҳамона ҳам бо худ бурд, Орзукӯсаву Раҳмонғуломи савдогар бо авлодашон ба дастаи бек ҳамроҳ шуданд. Ба куҷо рафтанд, бо киҳо ҷангиданд, маълум нест.

– Содир мегуфт дар Хумгузару Моҳигарм ҳам даргириҳо шудааст. Ина дидаю дониста боз ба савдояш рафт, Фарзома ҳам бо худаш бурд.

– Аз як ҷиҳат, дар миёни дараҳо, дур аз марказ буданамон бисёр кор дод! Он тараф дар ҳама хоки уезди Дизах, дар ин самти офтобнишин бошад – аз Нур гирифта то Карминаю Бухоро ба набардҳо оғушта шуда рафт. Магар бекҳо мегузоранд салтанаташон ба осонӣ аз даст равад?

Шокирусто дар миёни сухан тохт:

– Лекин дасти аскарони сурх дарозтар омад...

– Оре, ҳама гап дар ҳамин! Амиру гумоштаҳояш бояд даҳ сол пеш бо ин талошҳо машғул мешуданд. Булшевойҳо ҳама ҷора гирифтанд. Ба онҳо аксариюни худамон ёрӣ мерасонанд. Дигар, ҳукумат доранд, ҳизби коммунистиашон фаъол, дар ҳама ҷо ҷамоаҳои нави корӣ таъсис медиҳанд. Ин муқобилати бою арбобҳои Хумгузару Моҳигарму рустоҳои дигар бефоида аст. Мебинӣ, фардо ҳамааш шикаст мехӯранд.

– Ман ҳам ҳамина гуфтаниам, додар, аз ин пас фақат бояд муросо кард.

– Даври мо гузашт, – Қозӣ Ҳушанг нигоҳе ба шифт андохта, хаёломез пушти гардан хорид, – Ман дина аз пайи илтимосномаи қозии Нур ба он ҷо рафтам. Хуб шуд, ки дар роҳ аввал ба хонаи ошнои мулло[156] Собирҳофиз даромадам. Вазъи Нура фаҳмидаму бе пӯшт-пӯшт ба пас гурехтам.

Аз нишастан хастагиро эҳсос кард магар, Шокирусто поҳояшро ба поён ёзонида, бо оринҷи дасти рост ба болишт такя дода якпаҳлу дароз кашид. Ӯ бо шунидани сухани охир, бештар ба ҳамсуҳбати худ гӯш дод. Дар ин лаҳза

[156] Қозибобо ва хурду калони деҳаи Бору пас аз фотиҳаи муллоӣ гирифтан Фарҳодро «мулло» ё «Мулло Фарҳод» мегуфтанд (ба ҷуз падару модараш).

Маҳтоб чой ва дар як лаълӣ тутмавизу мавиз оварда наздиктар ба қозӣ ба рӯйи дасторхон гузошт.

– Додӣ, гиред, таҳидил кунед, – ба Қозӣ Ҳушанг нигоҳ накарда, вале шунаво гуфт кадбону, – аз роҳ омадед, ҳалок шудаед[157]. Ҳамин замон бачаҳо ҳам меоянд, хурок дар дег кардам.

Қозӣ бо лабханд изҳор намуд:

– Кӯлборама дар хона мондаму ба ин сӯ шитофтам, тамоми роҳ ба ҳоли усто дилвопас будам.

– Ин ҷа ҳам хонаи худатон, ман хабар мекунам, дугонаам меояд. Бовар кунед, ду рӯз аст, ки додиятон мижа таҳ накардаанд, намедонам аз чӣ, хеле бесаранҷоманд.

Вақте ки Маҳтоб бо таъзим каме пуштнокӣ рафту аз пайи зиндагӣ аз дар баромад, Шокирусто дар тақвияти суханҳои ӯ гуфт:

– Рости гап, ҳолам хуб нест. Чанд бор дилам сих зад, сарам гашт, ҳатто метарсам, ки аз дар бароям. Бо ин ҳама ташвишу гирудори замона аз тақдири бачаҳо хавотир мекашам. Бародарон бо кори худ овора, ҳама умедам ба туст. Аз ин минбаъд худат бояд сару сарвар шавӣ. Одамони деҳа аз арбоб дида ба ту бештар эътиқод доранд. Мефаҳмӣ чӣ мегӯям? – усто пиёлаи чойи дарозкардаи қозиро гирифта, «ҳуф-ф» карда, як-ду қулт хӯрд ва суоломез гуфт: – Хуб, аз Нур гап зан, баъд чӣ шуд?

– Худро эҳтиёт кун, усто, – ба гап даромад Қозӣ Ҳушанг, – дар ҳақиқат, замона сахт омад, баъзан мебинӣ, ки хушку тар бо ҳам месӯзад. Бо ин ки аз иморату маъмурони амир билкул даст шустаем, ба худ қасд кардам охирин бор илтимоси қозии Нура ба ҷо биёрам. Дар паёмаш бо таъкид навишта буд, ки ҳатман биё, кори муҳим аст. Ҳамроҳи Суҳроб ба роҳ баромадам. То Мазор расидем, ҳама ҷо шаби торик шуд. Дар манзили Собирҳофиз фуромадем. Хеле хурсанд шуд, бо дидани мо ҷойи нишаст намеёфт. Ба ҳама салом гуфт, аз муллою Фаршед бисёр ёд кард.

– Оре, аз дӯстони қарини Фарҳодҷон, лекин чор-панҷ сол калонтар аст. Хеле пештар аз Фарҳод издивоҷ карда буд, ҳамсари меҳрубон дорад. Ду духтар дошт, шавҳар накардаанд ҳанӯз?

– Ҳар дура гусел кардааст, бо Заррина танҳост. Усто, рост мегӯйӣ, занаш дар ҳақиқат як бонуи фаришта аст, дасташ – гул! Ин қадар пазироӣ кард, ғизоҳои бомаза пухт, ки ҳеч мон, ба гуфтан адо намешавад.

– Медонам, ман ҳам чанд бор ҳамнону намак шудаам...

– Хуллас, дукаса – бо арбоби деҳаашон Сангинбобо ду пояшона дар як мӯза карда, мана аз роҳ гардонданд. Гуфтанд, ки шаҳри Нур пурра ба дасти шуроҳо гузашт, то ҳанӯз гирудор идома дорад, оромӣ нест. Аз гумоштаҳои амир – беку қозию аскаронаш, ки хеле давутоз карда муқобилат нишон дода будаанд, касе намондааст. Як моҳ пеш, дар рӯзи бисту якуми рабиулаввал[158] ноҳиядории Нура созмон додаанд. Медонӣ ин чӣ маънӣ дорад, усто?

---

[157] **Ҳалок шудан هلاک شدن** – *лаҳҷ.* монда шудан, хаста шудан

[158] 21-уми рабиулаввали соли 1345 ҳ.қ. – мутобиқ бо 29-уми сентябри соли 1926

– Хуб, бе он ҳам бекигариаш буд, – каме абрӯ кашида гуфт Шокирусто, – ё ин ба шакли дигар аст?

Қозӣ ба суханаш идома дод:

– Дуруст мегӯйӣ, ҷуғрофиёяш ҳамон аст, вале ҳама сохтори пешина аз байн рафт ҳисоб. Дигар на иморат монду на бекигарӣ. Аз омилу удайчӣ гирифта то танхоҳдору молику соҳибони вақф ҳама аз байн рафтаанд. Масҷиду мадрасаҳо дарҳои худа бастаанд, мегӯянд, ушкул мешавад, яъне, мактабҳои нави шуравӣ ташкил мекунанд. Аз ин пас заминдорию мулкдорӣ ҳам барҳам мехӯрад, ҳама ба давлат мегузарад. Ҷамоаҳои давлатӣ, коммунаю кулхузҳо таъсис медодаанд. Оре, мегӯянд, пойлучони дирӯз соҳиби замин мешаванд, дигар хидматкору бой намемонад, навкару хоҷа гуфтагӣ гапҳо гум мешавад. Ҳеч кас ҳақ надорад мулки хусусӣ, коргоҳу дӯкону осиёбу қитъазамини шахсӣ дошта бошад.

– Ин гапҳота пештар шунида будам. Маълум мешавад, ки сурхҳо ба остонаи мо расидаанд, бале?

– Рост, дигар ҷойи гурезу нофармонӣ нест. Ба ҳар гуна рӯйдод бояд омода шавем. Он сӯ то Хумгузар дар ҳайати Дизах монд. Аз рӯйи шунидам, коммунистҳо аввал ба ҷони муллою муфтию қозӣ ва оқсаққолу арбобон дармеуфтодаанд, ҳар нишонае аз замони кухна бошад, рӯфта мепартофтаанд.

– Ба гумонат, зиндагии мо чӣ мешавад, қозӣ? – оҳи амиқ аз сина бароварда Шокирусто. – Фардо-пасфардо аз гиребони мо ҳам мегиранд...

– Бо сиёсати коммунистҳо бозӣ карда намешавад. То ҷое, ки фаҳмидем, инҳо аз ҳама таҷовузкорон хунхортаранд. Агар касе муқобилат нишон диҳад, ҳамон замон сар мезананд, туъмаи тиру гулӯла мекунанд ё бадарға. Мо на пуштибоне дорему на зӯру имконе, ки муқобилат карда тавонем. Агар хоҳем ҷонамон дар амон монад, бояд бо сиёсатҳои нав бисозем.

Шокирусто бо нигоҳҳои хаста рост ба Қозӣ Ҳушанг дида дӯхта гуфт:

– Барои ҳамин мегӯям аз ин пас худат сару сарвар шав. Ба ҳама вазъията фаҳмонда деҳ. Ин бачаҳо бояд сиёсатҳои нава ёд гиранд, аз пеши худ коре накунанд, ки ба сарашон балое ояд.

– Ман-ку омодаам ҳавои ҳамара дошта бошам, то лаҳзае, ки неру дар тавон дорам барои халқамон ҷон меканам, аммо... – Қозӣ Ҳушанг хаёломез пушти сар хорид ва бо каме дилтангӣ афзуд: – Метарсам ки Ҳукумати Шуро аз ҳама пеш худама мегирад.

– Аз даҳонат шамол барад! Агар тавба кунему ба қаторашон дароем-чӣ, боз ҳам зулм мекунанд?

Қозӣ ҳузномез оҳи амиқ кашид. Бо кафи даст аввал абрувони пурпушт ва дар пай риши ғафси кулӯлаи худро молида, бо андешамандии пештара ба як гӯшаи дасторхон нигоҳ карда монд. Чун ҳис кард Шокирусто аз ӯ кори бисёреро тавaққуъ дорад, як он фикре ба сараш зад, ки ҳақиқати ҳолро гӯяд ва ӯро зиёд умедвор накунад. Азбаски ҷойи дарди худаш низ усто буд, лучу пӯстканда ба сухан омад:

– Коммунистҳо шаҳри Нура гирифта аз ҳама пеш қозихонара зери даст кардаанд. Аз муншию доруға сар карда то худи Зоҳидшайхи қозӣ – ҳамара

асир карда ба зиндони Кармина фиристодаанд. Ба қозӣ ҳукми қатл бароварда дар кушторгоҳи миёнколиашон паррондаанд. Шакке нест, ба маҳзи ин ки пояшон ба ин ҷо расид, аввал аз гиребони ман хоҳанд гирифт. Ба гумонат онҳо раҳм мекунанд? Ҳеч гоҳ! Мо муқобилат накунем ҳам, тамғаи қозигӣ дорем. Лекин, усто, ман аз қину азоб наметарсам, танҳо аз он нигаронам, ки оилаю хешу таборама азият мекунанд. Осоиши деҳа барҳам мехӯрад.

– Эҳ, додарам, албатта осоиш аз байн меравад, бадбахт мешавем. Худо худаш раҳм кунад, – Шокирусто дардомез овоз бароварду ду даст ба боло бардошт. – Бачаҳора зудтар ҷамъ кунем, шабу рӯз аз якдигар бохабар шаванд.

Қозӣ гуфт:

– Оре, ман ҳам мунтазири Некрӯз ҳастам. Як моҳ шуд, ҳанӯз даракаш нест.

– Писарат ба куҷо рафта буд?

– Ҳамон савдои пештара, як гала моли ҷамъкардааша ба пушти кӯҳ бурд, ба бозорҳои Доғу Устувор. Ният дорад як дар хонаи алоҳида созад.

– Роҳҳо вазнин, дар ҳама ҷо гӯшу думи бекзодаҳо менамояд, гӯ бохабар шавад, – Шокирусто дубора сари ҷо нишасту бо баҳонаи хоридани гардан номаълум сари дилашро молида монд. Барои ин ки аз чеҳрааш дарди дарунашро қозӣ пай набарад, сар хам кард.

Дар ин лаҳза Нисо ба ӯ ҷафс шуд, бо дастҳои хурдаки худ зеру рӯ панҷаи боборо дошт ва сарашро ба бозуяш часпонида бо лафзи ширини кӯдакона сухан бар лаб чид:

– Бобоҷон, дилатон дард кард? Камтарак хоб равед, сара мешавад...

Қозӣ аз меҳрабонии ӯ хушҳол шуд. Бо меҳр каф аз рӯйи китфаш кашида гуфт:

– Ҷони бобо рост мегӯяд, усто, дам гир, истироҳат кун. Ман фардо меоям, кор надорӣ?

Шокирусто ёрои хестан надошт. Бо меҳр набераро ба бағал пахш карда, чашмони аз ниҳояти дард нимабозашро ба қозӣ дӯхта ҷавоб дод:

– Гап аз худат намемонад, ба бачаҳо саробон шав...

– Ту нигарон набош, ин тарафи кора ба ман мон, – Қозӣ Ҳушанг «ё пирам!» гӯён аз ҷо хеста афзуд: – Худо нигаҳбонат, нағз мон, усто!

– Хайр...

Вақте ки қозӣ ба ҳавлӣ баромад, ӯро Маҳтоб то дами дарвоза гусел карда аз шунидаҳояш ёдовар шуд:

– Як ҳафта инҷониб аз додии Содиру Фарзомам ҳам дарак нест. Ин саҳар Муҳиба омада буд, оҳиста ба ман гуфт, ки дар тарафҳои Фориш талотум шудааст. Ба шоён нагуфтем, бе он ҳам рӯзҳои охир сахт хавотир мекашанд, аҳволашон вазнин.

– Ман пурсуҷӯ мекунам, нигарон набош. Ту аз ҳоли усто хабар гирифта ист, агар ёрдаме лозим шуд, одам фиристон.

– Ҳатман.

– Хайр, ба умеди дидор!

– Худо нигаҳбон.

## Тасодуфи сарироҳӣ

Вақт аз шом мегузашт. Панҷаи торикӣ ба сари наворҳои сурхфоми самти қибла нохун мезад. Ҳарчи ба оғӯши Моҳигарм фурӯтар медаромаданд, нози рӯшании рӯз намонда, беш аз пеш дидаҳоро тарк мекард. Аз миёни кӯҳонтеппаҳое, ки деҳаро аз ҷониби мағриб печонида, пушт ба нигори офтоб гардонида буданд, милт-милт чашмак задани нурҳои парешон мушоҳида мешуд. Дар ин ҳангом фазои ниматорики деҳа коргарие надошт, вале сарусадои гӯшгир аз таҳу буни хонаю боғҳо ва рӯди серобӣ дастпоча дар бехи гӯшҳо нақора менавохт. Боди хунуки поизӣ бо силаҳои мулоими худ рухсору пешонии аз роҳ расидагонро масҳ мекард, хаёли ҳар яке побанди оромиши шабона бо тарки хастагию ранҷҳои роҳ дар талош буд.

Содирамаки савдогар ва чаҳор нафар ҳамсафари ӯ ба Работи мусофирон расиданд. Ҳамин ки хостанд бору бунаи худро фуроварда дар корвонсарой бимонанд, яке аз шогирдони Содирамак Сироҷиддин, ки писари ошнои сарватманди моҳигармиаш Тоҷиддин буд, мамониат карда гуфт:

– Ба Худо, агар падарам бифаҳмад, ки шумо ин ҷо мондаед, дар тори сарам чормағз мешиканад. Хоҳиш мекунам, биёед, имшаб дар манзили мо меҳмон шавед.

– Бо ин ҳама гарду хоки сафар хонагиҳоята дар заҳмат мегузорем. Ҳамин ҷо Бобомурод оби гарм мекунад, аз сарҳо об мегирему ягон чиз пухта мехӯрем.

– Эҳ амак, он ҳама хидматкору имконот дар хонаи мо ҳасту шумо дар ин корвонсаройи пӯсида мемонед?! Худатон нагуфтед ҳама ҷо пур аз бекзодаҳои роҳзан шудааст? Биёед, ҷони худа дар хатар нагузоред.

Фарзом ба сухан ҳамроҳ шуд:

– Амак, дар Работ ҳам касе наменамояд, аз тарси аскарони сурху роҳзанҳо ҳама ба кунҷу каҳак руст шудаанд барин. Имшаб дар хонаи рафиқам мемондем беҳтар буд.

Пешниҳоди ҳамсафарони ҷавон Содирамакро ба андеша водор кард. Нигоҳе ба бору василаҳояшон дӯхта, ноамнии замонро аз мадди хаёл гузаронда, беихтиёр гуфт:

– Рафтем! – ва аз ҳама пеш худаш ба роҳ даромада илова кард: – Хеле шуд ошноямро надидаам, бо ин баҳона аз бачаҳояш ҳам хабар мегирем.

Пасу пеш харони пурбор ба роҳ уфтоданд.

Хонаи Тоҷиддинбой болотар аз чашмаи Миёнбоғи Моҳигарм, дар бағали теппаи начандон баланде, дар миёни дарахтони болобаланди сапедору гуҷум ва маҷнунбедҳо ҷо хуш карда буд. Он на чун хонаҳои якдараю мӯридору пастакбом, балки хеле боҳишмат ба назар мерасид. Пешайвони тавилу боҳавое бо ду рад сутунҳои мунаббаткоришуда ва зерсутунҳои ҳаштгӯшаи сангимармарӣ дошт.

Ҳамин ки меҳмонон бо ҳидояти Сироҷиддин бору лавозими худро бо харонашон дар саисхона ҷо карда, аз дарвозаи чӯбини дулингаи пурнақшу нигор ба дохил даромаданд, ду нафар хидматгузори хона бо авзои музтариб

онҳоро пешвоз гирифтанд. Писари соҳибхона инро пай бурда беистиҳола суол кард:

– Ҳа, Бозорака, чаро хаёлпарешон менамоед? Ку обдаста, ку дастпоккуну дастшӯяк?

– Ҳозир, ҳозир... – марди хидматкор дудила шуда ба самти айвон давиданӣ шуд, вале бо амри ҷавон дубора сари ҷо мех шуд.

– Як гап ҳаст барин, гӯед росташа, чӣ хабар?

– Дар болохона меҳмон дорем... – хидматкор дасташро рӯйи сар давр занонда ба шакли салла ишора кард, – худатон медонед...

Сироҷиддин дарҳол рамуз фаҳмид, ангушташро кӯндаланг рӯйи даҳон бурда гуфт:

– Омадани моро нагӯед, хонаи поёниро ҷо кунед, – ва ба хидматкори дувумӣ, ки ӯ низ аз паси ҳамтои худ гаранг меистод, амр дод: – Кӯлбори меҳмононро бигир!

Вақте ки ҳама дасту рӯ шуста дар пазироии табақаи аввал, ки ба он аз гӯшаи самти рости пешайвон медаромаданд, ҷойгир шуданд, Содирамак дуо хонда ба шарҳи ҳол гузашт:

– Он ҳама аспони зину абзордори тавила беҳуда набудаанд. Гурезаҳо бошанд? – ӯ ангушташро ба тарафи сақф ишора кард.

– Оре, додоям боз ба рӯйи оташ даст гузоштаанд барин. Шумоён нигарон набошед, чӣ гапе бошад фаҳмида меоям.

Аммо Содирамак меҳмонони салладори ошнояшро хуб мешинохт. Дар деҳаи Моҳигарм ба ҷуз Тоҷиддинбой касе ҷуръат намекард, ки душманони шуравиро дар манзили худ нигаҳ дорад. Зеро ӯ ҳеч намехост молу амлокаш ба дасти камбағалон гузарад, аз бесармояву муфлис шудан хеле метарсид. Дар айни ҳол дарун-дарун таҳлукаеро ҳис кард, аммо ба рӯ наовард, нахост ҳамсафаронаш низ ноором шаванд...

Хӯроки шомро хӯрда ҳама ба рӯйи як қабат кӯрпачаҳои партофтаи марди хидматкор дароз кашиданд ва андак вақт нагузашта садои хур-пуф хонаро фаро гирифт. Бо вуҷуди бардорузанҳои рӯзона, ки тамоми тану ҷон хастаю лакот шуда буд, танҳо Содирамакро хобаш намебурд. Ӯ сари ҷо ёзида, аз майнаи худ таҳлукаи шадидеро мегузаронд. Интизор буд, ки ана-ана бонги изтироб баланд мешавад. Посе аз шаб гузашт. Ҳеч воқеа рух надод, танҳо сукути беохире, ки гӯё мағз андар мағзи худ шуввоси тӯлониеро ба бор меовард, дар ҳушу зеҳнаш чира гардид. Ниҳоят, аз дасти камтавонӣ ва леҳшудагии[159] вуҷудаш пеш-пеши саҳар ба ғанаб рафт, дар умқи дидагонаш торикии хона ба зулмати беҳиси тахалхулӣ иваз шуд...

Ҳамин чашм пӯшондан буду ногаҳон садои гӯшгири тири туфанг ҳамаро ба по хезонд. Ҳамзамон бо сарусадои тирандозӣ шақарросзанон кушода шудани дарвоза, ки гӯё лингаҳояш шикаста ба замин мерехт, ва доду ғиреви одамон манзили бойро ба ларза овард. Аз паси Содирамак Фарзому ду нафар савдогари дигар давида ба назди тирезаи калон, ки бо оинаи тирафом масдуд мешуду аз он ҳавлии хона то дарвоза ба чашм мерасид, омаданд. Дар назди

[159] **Леҳшуда لہ شده** – хастагӣ, кӯфтагӣ *(-и роҳ)*

дарвоза як гурӯҳ сарбози сурх туфангҳои якмилаи худро нӯк ба боло дошта, саф кашида меистоданд. Аз васати онҳо марди болобаланде бо шиму камзӯли маъмулии тӯсиранг, ки бо камарбанди паҳне миёнашро муҳкам баста буд ва таппонча дар даст дошт, як қадам пештар баромад. Ду марди хидматгузор дар пеши ӯ зону заданд. Ҳамин дам аз зинаҳои болохона Тоҷиддинбой бо виқор ба поён қадам гузошта бо кибор гуфт:

– Чӣ хабар, саркор, бе пӯшт-пӯшт ба хонаи мардум фурӯ мерезед?

– Бо ту ҳанӯз ҳисобамон тамом нашудааст, вале аввал босмачиҳоро ба мо супор! – амр дод сарвари дастаи сарбозони сурх. – Бигӯ, ҳар кадомаш даст боло карда ба поён фурояд!

– Ман мисли шумо ёвсуратон ба меҳмони худ носипосӣ намекунам, баргарду ба роҳат рав!

– Ба ту ба нағзӣ мегӯям, агар ҳамдеҳаам намебудӣ, ҳамин ҳозир аз сарат дарча мекушодам. Бигӯ, ба хубӣ бароянд!

Тоҷиддинбой паст наомад:

– Дар умрам аз ғуломбачае ин қадар ҳақорат нашунида будам, аз кай инҷониб ба мардум амру дастур медиҳӣ, бадбахти шум?!

Сарвари даста ба хашм омад, дигар суханро кашол надода ба сарбозони худ амр дод:

– Бойро бигиред! Дасту пояшро баста ба ароба бор кунед!

Ҳамон дам ду нафар аскар давида ба пеш гузаштанд. Ба дӯғу пӯписаи бой, ки дасту по афшонда ба наздик омадани аскарон мамониат карданӣ шуд, нигоҳ накарда, бо зӯрӣ аз оринҷу бозувонаш гирифтанд ва дастҳояшро ба қафо тоб дода, теладеҳон ба берун бурданд. Маҳз дар ҳамин лаҳза садои кушодашавии дари болохона ва дар пай марди ҷомаю салладоре намоён шуду мили туфангашро ба самти сарбозон рост кард. Сарбозе ҷаҳида худро ба болои сарвар афканд. Тири андохтаи марди салладор ба ӯ бархӯрд. Ҳамзамон аз тарафи силоҳдорони ҳавлӣ ба самти болохона шалик шуд. Ҷуссаи тирхӯрдаи марди салладор ба рӯйи зинаҳо уфтода ба поён ғелид. Дар назди дар дувумӣ пайдо шуд, вале ӯ низ туъмаи тирҳои сарбозони камингирифта гардид ва аз пушти ҳамраҳи ғелидааш ба болои зинаҳо яксон шуд. Дар ин миён сарвари даста бархесту дар пушти дарахти тути ҳавлӣ паноҳ бурд ва ба аскаронаш, ки чанд нафар аз самти чап дар танӯрхона ва боқимонда қафотар дар дарвозахона пинҳон шуда буданд, дастур дод:

– Якҷоя бо ҳам, наистода ҳамла мекунед! Ман дари болохонаро нишон гирифта меистам. Омода бошед, ба пеш!

Дар як чашмпӯшӣ аскарон саф кашида ба ҷониби болохона ҳамла оварданд. Тир андохта чунон давиданд, ки аз он сӯ дигар на саре берун омаду на садои туфанге. Аз миён фурсати чашм ба ҳам задан нагузашта, аввал ду сарбоз, аз паси онҳо чор нафар марди ришдори саллабасар даст ба боло бардошта, таҳти нишонгирии сарбозони боқимонда ба поён фуромаданд. Дубора садои гирои сарвари даста баланд шуд, ки ин бор оҳанги суханаш хушнудомез мебаромад:

– Инҳоро низ дасту по бибанеду ба ароба бор кунед! Давидани гӯсола то каҳдон, то хунрезӣ нашавад, сар намефуроранд, лаънатиҳо. Агир, Бухарай, Нуъмон! Шумо хонаҳои дигарро бигардед, ҳар кӣ ҳаст ба берун кашед!

Ин гуна манзара барои Содирамак бегона набуд. Ӯ дар тӯли умри худ, ба хусус, ҳангоми савдогариҳояш ба кашмакашҳои тарафҳои муқобил зиёд рӯ ба рӯ мешуд. Ҳатто Фарзом низ ду-се бор шоҳиди даргириҳои сурхону бекзодаҳо гардида буд. Вале ду нафар ҳамроҳи ҷавонашон, ки бори аввал ин гуна тирандозию кушторро медиданд, аз тарс базӯр сари по меистоданд. Гӯё онҳоро ҳам сарбозони туфангбардӯш мепарронда бошанд, дар ҷо дарақ-дарақ ларзида, дудаста аз куртаю ҷомаи Фарзому Содирамак дошта, ба ҳавлӣ баромаданд. Аз хонаҳои дигар низ ҳамсари бой, арӯсу духтаронаш ва аз ҳама пеш Сироҷиддин дар назди сарвари мағрур ҳозир шуданд. Дар ҳоле ки ҳеч кас ёрои сухан гуфтан надошту аз тарси ҷони худ ба якдигар даст дода бурмашавон наздик мешуданд, Содирамак бо ирода ду ангушти бузурги худро дар миёни миёнбанд халонда, номи марди болобаландро гирифта изҳор кард:

– Субҳон, мо низ мисли ту ба ҳукумати нав итоат кардаем, на мулки хусусӣ дорему на сарвату шаҳомат. Бубин, ба ин бачаҳо, ба ин занони муштипар раҳмат намеояд? Инҳо чӣ бадӣ карданд?

– Ту чӣ гуфтанӣ ҳастӣ?

– Чӣ мегуфтам, падарашонро раҳо кун, бигузор ба ҳоли худ зиндагӣ кунанд!

Сарвари дастаи сарбозон, ки маълум шуд исмаш Субҳон аст, таппончаи ҳанӯз дар ғилоф нагузоштаи худро миёни ангуштон давр занонда, бо тамасхуру ришханд гуфт:

– Аҷабо! Магар худат надидӣ чӣ коре кард ин бой? Ман ба ҷони ӯ зомин намешавам, мебарам ба дасти ҳукумат месупорам.

– Чӣ гуноҳ дорад падарам?! – яке бо шӯр садо баланд кард писари соҳибхона.

Субҳон абрӯ дарҳам кашид, норизо аз лаҳни гуфтори ҷавон, аз Содирамак чашм наканда афзуд:

– Мебинӣ инҳо чӣ қадар забони дароз доранд, ба чоҳ ҳам биафтанд, фукашон дар осмон аст! Ҳеч тан намегиранд, ки дигар замонашон гузаштааст.

Содирамак бо ишораи хомӯш шудан ба Сироҷиддин нигоҳ карда, дасташро каме боло бардошт ва гуфт:

– Ту аз ҷавонҳо нороҳат нашав, охир, падарашро мебарӣ, об дар даҳан гирифта истад?

– Агар дамашро набандад, худи ӯро низ асир мегирам, он вақт додашонро ба кайвон гӯянд! Содир, бигӯ, шукр гузоранд, ки ту ҳастӣ, вагарна ҳамин корро мекардам! Беҳтар ин, ки аз пайи хоксупории мурдаҳоятон шавед, – мазоҳомез сухани охирашро гуфт Субҳон ва дигар дар ҳавлӣ истоданро раво надида, ба аскарони боқимондааш, ки аз бағали ду нафар сарбози тирхӯрда гирифта мебароварданд, рӯ гардонда амр дод: – Рафтем!

Аз сари кӯча омехта бо тақ-туқ овози суму шиҳаи аспони тозиёнахӯрда тарақо-турук садои чархҳои ду ароба, ки паси ҳам хоки ҷодаро ба осмон

бардошта дур мешуданд, ба гӯшҳо расид. Аҳли оилаи Тоҷиддинбой нолону гирён дар ҳавлӣ монданд. Ҳамсараш даст ба зону зада дуои бад мегуфт. Ин гирудори сарбозони ҳукумати нав ба ҳукми одат даромада буд ки, касе муқобилат намекард, ҳар чӣ ба сари ҳар касе меомад, аз пешонӣ дониста, сабр карда, умед ба ояндаи нек мебаст. Содирамак партофта рафтани мурдаҳоро ба худ раво надид, ҳарчанд як рӯзи дигар дар Моҳигарм мондагор мешуд, бо шарикони худ аз пайи гӯручӯб шуд.

## Меҳр дар чашм

Дар манзили Мулло Фарҳод ҳашарро ба поён расониданд. Ҷолиб он буд, ки ин дам ба ҳашарчиён Мулло Дурандеш роҳнамоӣ мекард. Ӯ тамоми рӯз аз хонаи шогирдаш як қадам ҳам дур нарафт. Ҳарчанд ҷавонон намегузоштанд, чанд бор бо шӯхию тааб «сари бачаам кал наояд» гӯён, аз ҷо хеста об дод, ба сари лойхона коҳ бурд, камчаю андоваҳои устоёнро шуста дод. Дар миён коруфтодагон ба суроғаш омаданд, аммо ӯ дар назди ҳашарчиён монду шогирдаш Мулло Фарҳодро фиристод.

Чун вақти шом медаромад, мулло дасту панҷа шуста ба саркор Усто Мардони лойзан шунавонда гуфт:

– Усто, кора бас кунед, ба намозамон дер нашавад! – ва ҳамин лаҳза бо дастовез омадани Фариштаю Зебо ва пеш-пеш Рухсораро дида бо хушҳолӣ афзуд: – Э боракаллоҳ, қанд занед, духтаронам, барои ҳашарчиён дасторхон овардед?

Ҳар се салом арз карданд. Рухсора бо табассум гуфт:

– Домулло, гӯед акнун ҳашарашона ғундоранд. Ман тунук[160], хоҳарон ҳам ғилбиндию пичак пухтаанд. Гӯед, тезтар бароянд, дар гармогармиаш бихӯранд!

Дар миён садои Усто Мардон баланд шуд, ки ба ҳамраҳонаш мегуфт:

– Бачаҳо, то ҳамин ҷо кофист, нозуккориҳора фардо давом медиҳем. Фаршедҷон, худат пеш афт, асбобу анҷома дар тағораи об монеду дастурӯ шӯед!

Овози духтаронро шунида Холпарӣ давида ба назди дарвоза баромад. Шоду хуррам аз онҳо истиқбол кард ва лаълиҳои овардаашонро гирифта гуфт:

– Биёед, бачаҳом, бо ҳам дасторхон мероем, ба ман ёрӣ мерасонед.

– Не-е, дер шуд, – аз фаро хондани кадбону сар печида аз тарафи духтарон ҷавоб дод Рухсора ва бо лабханд афзуд: – Худатон медонед, бегаҳиҳо ҳар қадами инҳо таҳти назорати додою додиёнашон аст, рӯзона меоем.

Ҳарчанд духтарон аз назди ҳашарчиёни мулло дил канданӣ набуданд, аз пайи суханҳои Рухсора ноилоҷ ба қафо гаштанд. Вақти рафтан Зебо ба самти ҷавонон, ки сарутан афшонда ба ҷониби ҳавлӣ меомаданд, овоз баланд кард:

– Ҳашарчиён, монда набошед!

---

[160] **Тунук** تُنُک – як навъи чалпак, вале хушки беравған аст

Аз ҳама пеш, ки Фаршед миёнбандашро ба китф ҳамоил карда, тоқии чустиашро ба каф тап-тап зада ба ҷониби обдаст қадам мениҳод, якбора ба худ омада ҷавоб дод:

– Ташаккур! Ба куҷо бетоқатед, духтарҳо, бо ҳам шом мехӯрем!?

Зебо дубора изҳор кард:

– Дӯстон ба ҷойи мо, ош шавад!

Фаришта ба Фаршед расонда, дар идома гуфт:

– Зебо бо дасти худаш ғилбиндӣ пухта овард, нӯши ҷонатон!

Аз ҳиммату суханҳои худ ба завқ омада, духтарҳо бо нозу ишва ба ҳам даст дода, аз ҳавлӣ дур шуданд. Холпарӣ аз паси онҳо «ҳа, шайтонҳо» гуфту сар ҷунбонд ва баргашта ба назди айвон омад. Дар пойгаҳ суфра паҳн карда лаълиҳоро ба рӯйи он гузошт ва ба ҳашарчиёни худ рӯ оварда садо зад:

– Додаронам, ҳамаатон даст шуста оед, аз ин тунуку ғилбиндиҳо гиред!

– Баъд шома ба куҷоямон мехӯрем? – ба тарафи Фаршед, ки обдастаи об дар даст мунтазири ҳамраҳони худ меистод, қадам зада бо завқ гуфт Ҳабиб.

Холпарӣ низ бо лаҳни шӯхӣ афзуд:

– Хӯроки шоматона ба масҷид мебарем, то он як рӯзи дигар вақт ҳаст!

– Ӯҳ-ҳӯ... – аз муболиғаи кадбону ба завқ омада хандид Ҳабиб.

Пас аз ҳашар дастпухтҳои духтарон хеле часпид. Ҷавонҳо на яктоӣ, балки бо иштиҳо ду-сетоӣ паққос заданд. Сипас аз пайи Мулло Дурандешу Усто Мардон ба ҷониби масҷиди Баландӣ, ки бист-бисту панҷ қадам онсӯтар аз хонаи Мулло Фарҳод қарор дошт, раҳсипор шуданд. Масҷид пур аз одам буд. Намозгузорон дар се рад нишаста, ба азонгӯйии муаззин гӯш меандохтанд. Онҳое, ки синну солашон болотар буд, бо мӯйсафедон дар қатори пеш ва ҷавонтарҳо сафҳои қафоиро пур карда буданд. Мулло Фарҳод устоди худ Мулло Дурандешро барои имомат ишора кард, аммо ӯ бо таъкид гуфт:

– Аз ин пас худат пеш гузар, ҷойи хиҷолат нест, мо ҳама муқтадии ту ҳастем. Ҳар гоҳ то намоз каме зудтар омада ваъз гӯй, ҳар рӯз як мавзуи муҳима дар миён гузор.

Ҳамин дам аз паси сар садои қомат гуфтани Каримҳоҷӣ баланд шуд. Ҳама ба қиём хестанд. Бо пайравӣ ба Мулло Фарҳод се ракъат фарзи намози шом адо гардид...

Шомгоҳон табиат ранги дигар гирифт. Дар ниҳояти ҷунбуҷӯл пораабрҳои сиёҳ тамоми осмонро пӯшониданд. Маҳтоби чордаҳрӯза, ки бо пуррагӣ мехост ба дилдодаҳои худ чеҳра боз кунад, билохира ба номардии абрҳои ба хурӯш омада тан дод, худро дар паси сатри бепоёни сиёҳ танҳо дид. Ҳамноми вай низ дар манзили Шокирусто ба таку дав уфтод. Чун дид аз пайи гулдурроси раъду оташакзаниҳои фалак борон сар мешавад, ҳама лавозими рӯзгорро аз берун ба зери айвон гузаронд. Ҳарчанд духтари калону ду сунҳор низ расида омада, дар канораш ба корҳои зиндагӣ ёрӣ мерасонданд, дилаш андуҳгин буд. Аз рӯйиҷойӣ шудани шавҳар дастпоча буд, намедонист хаёлҳои парешони худро чӣ хел ҷамъ кунад. Дарун-дарун ӯро ваҳме зер мекард,

пешомади аламангезеро дар зеҳн хонда, сустшавиашро пай мебурд. Ба ҳар касе, ки ба манзилашон меомад, бо умед нигоҳ мекард, аз онҳо мехост неру бигирад, барои сиҳат ёфтани хоҷаи худ илоҷе меҷуст. Ба ҳавлӣ, ба ошпазхона, ба назди танӯру оташдон, ба соботу молхона, ба хусус, ба роҳи сарнишеби дӯкони порчабофӣ баромада беохир симои шавҳари серкорро меҷуст, бовараш намеомад, ки дигар наметавонад ӯро перомуни худ бубинад. Бо ин ҳол, ҳар гоҳ ба хонаи ҷойишист медаромад, бо нигоҳҳои гарми хоҷааш рӯ ба рӯ шуда Худоро шукр мегуфт, дар дил дуо мекард, ки ақаллан аз хӯрдан намонад...

Маҳтоб ғарқ дар хаёлҳои бесарунӯг, рафидаю остинчаҳояшро дар тоқчаҳои танӯрхона ҷо кард, ду се халтаи кухнаро ба рӯйи танӯр ва ҳезуму тарошаҳои назди оташдон партофт, як ташти[161] пур аз таппакро бардошта даруntар дар бурҷаки айвон гузошт. Сипас аз дасти борон рӯмолашро ба даври сар, тавре ки танҳо нӯки бинӣ ва чашмонаш менамуданд, печонида ба тарафи хона қадам ниҳод. Ҳамин дам аз тарафи дарвоза «оча» гӯён овози Мулло Фарҳоду Фарнур ба гӯш расид. Аз қафои онҳо Холпарӣ ва сипас Фардоду Фаршед низ дарвозаро баста пайдо шуданд.

– Эҳ, бачаҳоям, омадед! – бо дили шод гуфт Маҳтоб. – Оед, дароед ба дохил. Ин борон, сабилмонда, одама бе дасту панҷа мекунад.

Аз ҳама пеш Мулло Фарҳод бо меҳр модарро ба оғӯш кашид ва шоду хуррам гуфт:

– Очаҷони худам, ях кардӣ?

– Не-е, борон якбора ба боридан сар карду ҳамаро ба ташвиш андохт. Ҳашарат чӣ шуд, писарҷон, панҷакаша тамом кардед?

– Рости гап, худам намедонам. Ҳама кор ба дӯши Фаршедҷон афтидааст. Ҳатто намегузоранд ба оби ях даст занам.

– Ҳеч гап не, номату касбат табаррук аст. Одамон дар сари корҳои ту талош мекунанд, мехоҳанд ёрӣ расонанду савоб гиранд.

– Ҳашарчиёна гусел кардем, ки Шодон омад. Хабар кардай, тинҷӣ?

– Додоят пазмон шудаанд, аз чӣ бошад, ҳамин шаб хостанд ҳамаатона якҷо бинанд.

Пасу пеш аз дар ба дохил қадам монданд. Бар замми чароғи овезони пешгаҳи хона, Сокина бо дав боз як чароғи нафтиро бар рӯйи сандалии пойгаҳ гузошт. Аз равшании хона шод шуда, дар ҳоле ки ҳама бо арзи салом як-як бағал кушода бо Шокирусто мулоқот мекарданд, Фарнур гуфт:

– Эҳ-ҳа, гӯё ки рӯз барин равшан аст, боракаллоҳ, хуҳарҷон!

– Дидаҳои шумо равшан мебинад, додӣ, ман коре накардаам, апаам дод, гузоштам, – бо лабханд изҳор кард Сокина ва пас аз бародарон аз пайи модару хоҳари калониаш Наима ба даври дасторхон нишаст.

Аз ҳама охир се нафар сунҳори хона низ дар пойгаҳ сари дузону ба замин гузоштанд. Шокирусто бо овози хаста ва каме ларзон дуо хонд:

– Илоҳӣ, тани сиҳат, хотири ҷамъро насиб, меҳру муҳаббатро дар байни азизон зиёда, нури имонро дар қалбҳоямон афзун намо. Фарзандонро ба хидмати падару модар қоим ва дастони онҳоро ба дуои фарзандон кушода

[161] **Ташт** تشت – тағора, лаган

гардон. Дастҳое, ки ба сӯйи Парвардигор мекушоем, Илоҳӣ, холӣ барнагардон. Ғоибу ҳозири моро дар паноҳи исматат нигаҳ дор. Оқибати кори аҳли дилро ба хайр гардон. Омин, бираҳматика ё арҳама-р-роҳимин!

Ҳама баробар даст ба дуо бардоштанд. Маҳтоб ба арӯсони худ рӯ оварда гуфт:

– Чою нонатона бинед, духтаронам. Моҳира, худат дар таҳи дег алов мон, хӯрока гарм кун.

Ҳар се сунҳор бо аломати қабул даст ба сина гузошта аз ҷо хестанд. Мулло Фарҳод ба сухан омад:

– Бо пайғоми Шодон ҳама ба сар давидем. Ҳолатон хуб аст? Дар ин бевақтӣ моёна ёд кардаед?

– Ҳеч гап нест, писарам, – даст аз рӯйи ришҳои сапеду ғулуи худ кашида гуфт Шокирусто, – имрӯз субҳи барвақт Нисоҷонам хонаамона ҷорӯб зад, аз ин дастёрии вай бо очаат маза кардем. Хостам хонаи «тилло» барин рӯфтаи гулакама шумоён ҳам бубинед.

Ҳама ба завқ омаданд, Нисо аз ҳама бештар. Ӯ бо ноз даrichтар дар бағали бобо ҷо шуд. Вайро дида писараки Фарзом ҳам давида ба пеши онҳо гузашт.

– Инҳо асалҳои мананд, – набераи дигарро низ дар канори худ нишонда сарашро навозиш кард Шокирусто, – агар намебуданд, кӣ медонад, шояд аз ғамгинӣ торс мекафидам.

Маҳтоб ба суҳбат ҳамроҳ шуд:

– Дутои дигар дар роҳанд, Худо хоҳад, то баҳор аз Фарҳоду Фарзомам боз набера мебинем.

– Иншоаллоҳ! – гуфт падар ва бо шунидани номи Фарзом яке ҳушёр шуда, суоломез ба ҷамъ нигарист. Ҳамоно Фаршед гуфт:

– Қарор буд додии Фарзомам имрӯз биёяд, аз рӯйи шунидамон дар Моҳигарм мондаанд бо ҳамраҳонашон.

– Амакат ҳам наомадааст?

– Не. Содирамак дар он ҷо сад ошно доранд, ҳамеша агар рӯз бегоҳ мешуд, шаббош мемонданд.

Ҳамин дам Рахшона чойнику пиёла дар даст ба хона даромад.

– Дар пеши Фаршед гузор, – гуфт Маҳтоб ба ӯ ва афзуд: – Фарҳодҷон, ту нона майда кун. Гиред, аз ин хушкмеваҳо гирифта истед.

Мулло Фарҳод нонро пора карда, тиккаҳои хурд-хурдро ба рӯйи дасторхон, наздик ба ҳар касе, ки менишаст, чида баромад ва бо нидои «ё бисмиллоҳ!» аз тиккаи охир як лахти кӯчакро шикаста ба даҳон бурд. Ба ҳаракатҳои ӯ диққат дода, Шокирусто бо таъаммул ба гап даромад:

– Офарин! Кӯдак, ки будем, пеш аз хӯрок калонсолон мегуфтанд: «Бисмиллоҳ гуфтӣ?» Ва пас аз хӯрдани ғизо ҳам ёдрас менамуданд: «Илоҳӣ, шукр гуфтӣ?» Инҳо суханони арзишманде ҳастанд, ки ҳеч кас набояд фаромӯш кунад, – усто аз пиёлаи дарозкардаи Фаршед бо эҳтиёт чой хӯрда ба каломаш идома дод: – Писаронам, ҳамеша шукргузор ва дар айни замон дасткушод бошед. Ба иттифоқи ҳам дидани неъматҳо беҳтарин фазилат аст. Ба

хусус, вақте ки меҳмон меояд, ҳеч чиза аз ӯ пинҳон накунед. Хоҳ оши палав доред, хоҳ нони қоқ, дар пешаш гузоред.

Вақте ки падар аз сухан бозистод, Мулло Фарҳод ҳис кард, ки ӯ мехоҳад бисёр сухан гӯяд, вале аз ғояти камдармонӣ дубора китфу сари набераҳои нозро навозиш дода хомӯш монд. Ба хотири такмили насиҳатҳои ӯ риштаи суханро ба даст гирифт:

– Оре, додо. Гузаштаҳои мо беҳуда нагуфтаанд: «Меҳмон аз дар дарояд, ризқаш аз дарича меояд». Як ҷиҳати нозук ин аст, ки бисёриҳо аз меҳмони омада мепурсанд: «Шом хӯрдед?», ё «Шом биёрам бароятон?» Фикр мекунед, меҳмон мегӯяд, ман гуруснаам? Аслан! Ин иштибоҳест, ки ба таоруфи баъзеҳо роҳ ёфтааст. Мизбон бояд ҳар чӣ дар дами даст дорад, напурсида барои меҳмони худ пешкаш кунад.

Бо ош овардани сунҳорони хона Мулло Фарҳод аз сухан бозистод. Як дам навбат ба Маҳтоб гузашт, ба духтари калон фармуд:

– Наима, лаълиҳора гиред, даст ба даст гузаронед, – ва ҳамзамон ба набераҳо, ки хандидаю завқкунон перомуни бобо шӯхӣ мекарданд, гуфт: – Нисогул, Қудратҷон, боботона монда кардед, биёед ба пеши ман!

– Намешавад бо ман бихӯранд? – ҳар дуро навозиш дода гуфт Шокирусто. – Ман хаста нашудаам, балки лаззат мебарам.

– Не, не, монед биёянд. Шумо ҳам бачаҳо гӯён рӯзи дароз ҳеч чиз нахӯрдед.

Ҳар як лаълии палавро дукаса шуда дар пеш гирифтанд. Пас аз муроату ишораи бузурги хона аз даҳони ҳама пасту баланд садои «бисмиллоҳ» шунида шуд. Шокирусто худро сабук ҳис кард. Ба назараш чунин менамуд, ки гӯё дар тӯли умр аз дастҷамъии оила ин қадар хушҳол нашудааст. Аз ин ба ваҷд омада, ба гӯши ҳама расонида дубора хомӯширо халалдор кард:

– Палав хӯроки паҳлавонон аст. Одамро ба муддати зиёд сер нигаҳ медорад. Ҳар кӣ равғани оша то оринҷ шоронида тановул кунад, палавхӯрда ҳисоб мешавад.

Фаршед ба гапи ӯ эрод гирифт:

– Аммо, мегӯянд равғани бисёр зарар дорад, – ӯ лаълии худро ба самти Фарнур моил карда буд, то равғани зери ош ба он сӯ равад, – масалан, дили ман беҷо мешавад, агар ош равғанӣ бошад.

Ин ҷо модар ба сухан ҳамроҳ шуда изҳор кард:

– Писарам, ҳама хӯрокҳои мо аз равғани зарди тоза аст. Одат кун, натарсида хӯр, дилат беҷо намешавад.

– Барои ҳамин мо луқмаамона бо нон мехӯрем, – афзуд Шокирусто, – нон «заҳр»-и равғана мегирад.

Бо ин сухани падар беихтиёр ҳама ба тиккаҳои нон даст бурданд. Фарнур низ як пораи хурдаки нонро шикаста ба дасти Фаршед дод. Ба якдигар табассум карда монданд...

Пас аз сарфи таому дуои падар дасторхонро ғун карда гирифтанд. Ҳама худро ба қафотар кашида, пуштро ба девор часпонида ҷо хуш карданд. Шокирусто низ аз нишастани бисёр хаста шуд магар, поҳояшро ёзонида,

оринҷи ростро ба болин такя дода, ба бағали рост дароз кашид. Чун пай бурд фарзандон мунтазири каломи насиҳатомез гӯшу хуш ба ӯянд, бо оҳанги пештара ба сухан даромад:

– Гуфтаанд, меҳр дар чашм аст. Агар ҳамдигара хабар гирифта истед, аз наздик бо камукостӣ, муаммою мушкилоти якдигар ошно мешавед, меҳру алоқа, бародарӣ аз байн намеравад, – Шокирусто аз рӯйи одат риши худро бо ангуштон хилол карда назаре ба аҳли хона давонд ва бо дили пур ба суханаш идома дод: – Дар зиндагӣ ба қадри меҳнат расидан ва аз пушти кору заҳмати худ нон хӯрдан беҳтарин хостаи дил аст. Ҳеч гоҳ ба моли мардум чашм ало накунед, ба ёфтаву сарвати дигарон ҳасад набаред. Ба хусус, ҳаққи дигарона хӯрдан бадтарину разилтарин кор аст. Як бор Қозибобоятон ҳикояте аз замони Ҳорунаррашид нақл карда буд – «Муҳтасиб дар бозор аст», – Шокирусто аз ниҳояти камқувватӣ оҳи амиқ аз сина баровард. Чун ҳис кард нақли ҳикоят барояш мушкил мешавад, ба Мулло Фарҳод рӯ оварду хоҳиш кард: – Писарам, ту ҳам медонӣ, ҳамон ҳикоята гуфта деҳ.

Барои аҳли хона гӯш додан ба суханҳои падар хеле диловез буд. Ҳамин ки ҳарф сари ҳикоят рафт, ҳама рӯ ба Мулло Фарҳод гардонда, гӯшу хуш ба ӯ шуданд.

– Ба чашм! – бо камоли майл суҳбати падарро идома дод Мулло Фарҳод: – Нақл аст, рӯзе Ҳорунаррашид Баҳлулро  хост. Ӯро ба унвони нозири аҳкоми шариат ва намояндаи худ ба бозори Бағдод фиристод. Бо таъкид ба вай гуфт: «Агар дидӣ касе ба дигаре ситам ва таҷовуз мекунад ё пешаваре дар амри харидуфурӯш зулму дароздастӣ менамояд, ҳамон ҷо адолатро иҷро кун ва хатокорро ба ҷазо бирасон!» Баҳлул ночор амри халифаро пазируфт ва либоси муҳтасибро пӯшида, ба тарафи бозори шаҳр ба роҳ уфтод. Чун ба бозор расид, пирамарди ҳезумфурӯшеро дид, ки чанд тикка чӯбро барои фурӯш дар наздаш гузошта нишаста буд. Ногоҳ ҷавоне даррасид ва як тикка чӯбро бардошту босуръат гурехт. Баҳлул нороҳат шуд. Ҳамин ки хост фарёд занад, ғайримунтазира ҷавон бо сар ба замин уфтод ва парахае аз чӯб дар баданаш фурӯ рафту аз ҷойи захм хун баромад. Баҳлул дигар ҳарфе назада, ба гашти худ дар бозор идома дод. Дар ин ҳангом ҷурғотфурӯшеро дар ҳоли вазн кардани ҷурғот дид. Марди ҷурғотфурӯш бо нӯки ангушти по каффаи тарозуро фишор медод, то ҷурғоти камтаре ба муштарӣ диҳад. Баҳлул хост ҳилаи ҷурғотфурӯшро ба рӯяш гӯяд, ки баногоҳ харе ба дӯкони фурӯшанда даромад ва сарашро даруни зарфи пур аз ҷурғот кард. Мард фарёд кашид. Аз тарс сари хар ба зарфи ҷурғот бархӯрд, зарф ба замин уфтоду шикаст ва ҳамаи ҷурғот ба замин рехт. Баҳлул ба мард чизе нагуфт, пештар рафт ва ба дӯкони порчафурӯшӣ расид. Баззоз, ки машғули андоза гирифтани порча буд, дар ҳини андозагирӣ бо ангушт, ним гази худро фишор медод ва бо ин кор миқдоре аз порчаро ба нафъи худ кам мекард. Баҳлул ба он тараф рафт, то ки дасти баззозро бигирад ва ҷазояшро бидиҳад. Вале, аз он дар тааҷҷуб монд, ки муше ба дохили қуттичаи сиккаҳои порчафурӯш шуд. Аз он сиккае ба даҳон гирифт ва бе он ки порчафурӯш бифаҳмад, фирор кард. Баҳлул дигар назоратро идома

надод. Ба назди Ҳорунаррашид бозгашту гуфт: «Муҳтасиб дар бозор аст ва ба вуҷуди ману каси дигар ҳеч ниёзе нест!»

Мулло Фарҳод қиссаро ба поён расонд. Дар ҳоле ки ҳама андешаманду хомӯш менишастанд, аз ҳама пеш Маҳтоб бо тааммуқ изҳори назар кард:

– Ана ба ин мегӯянд, моли мардум хӯрдан! Бубинед, фурсати чашм кушода бастан нашуда, ҳар як судхӯра, ки аз ҳаққи дигарон заданӣ шуд, Худо ҷазо дод.

Дар ин лаҳза ба гӯши нишастагон мулоим садои хур-пуф шунида шуд. Азбаски Мулло Фарҳод нақли худро бо лаҳни нарму гуворо баён мекард, Шокирусто сари худро ба болин часпонида, ба хоби амиқ рафта буд. Ҳама бо лабханд ба завқ омаданд, модар дар идомаи суханаш гуфт:

– Монед, бачаҳоям, истироҳат кунанд. Ягон шаб ин қадар зуд ба хоб нарафта буданд, ҳикояти Фарҳодҷон ба мисли доруи таскинбахш асар кард.

Ба оҳистагӣ ҳама сари по шуда, пасу пеш аз хона баромаданд ва бо модар хайрухуш карда ба манзилҳои худ рафтанд.

## 2. МЕҲМОНҲОИ НОХОНДА

### Қадами аввал

Пас аз борон намои поизии Бору бо таровати хос чашмҳоро хира мекард. Агарчи поёнтар аз деҳа дашти бекаронро боди серун лесида мегузашт, дар миёни дараҳо оромӣ ҳукмфармо буд. Боди саҳроӣ гашту гузоре дар раъси доманакӯҳҳо дошт, ки одамони поиндаст онро ҳис намекарданд. Офтоб бо қурси комил ба ҳама ҷо беохир нур мепошид ва билхосса, шонаҳои пӯшишёфта бо варақасангҳои таско аз анвори хуршед роҳат мебурданд. Ба ҳар ҷо нигоҳ меуфтод, инъикоси шуои офтобӣ равшан мушоҳида мешуд, гӯё ки оинаҳоеро бар сари доманакӯҳҳо чида бошанд.

Дар ин фазои ором ҳар як гузар бо садою оҳангҳои вижа аз худ дарак медод. Бар замми чириқ-чириқ овоз хондани чаковаку гунҷишкҳои зеру бари боғҳову буттазор, аз як сӯ садои форами шилдирроси оби рӯдҳо, аз ҷониби дигар бо якдигар ҳамовоз шудани молҳои хурду калон ва аккоси сагҳои ноором ба гӯш мерасид. Дар коргоҳҳои оҳангарӣ, кӯзагарию хумсозӣ, рангрезӣ ва осиёбҳои деҳа мағалу сарусадо бештар буд. Ҳар се осиёби деҳа аз ғаллаи Қозибобо, ки нисфи ҳосили имсолаашро дар ихтиёрашон гузошта буд, гардон мешуданд. Бобо Савури дуредгар бар замми устохонаи дари ҳавлии худ дар гузари Бодия, дар манзили писари бузургаш Хандон низ як коргоҳи дуредгарӣ боз кард. Аз чи бошад, маҳз дар фасли тирамоҳ ба фаровардаҳои ӯ талабгор зиёд мешуд. Даст ба даст намерасид, ҳарчанд теъдоди шогирдонашро ду маротиба зиёд карда буд, боз ҳам кам меоварод. Ба дару тиреза, гаҳвораю гуппӣ, сандуқу сандалӣ, ҳатто ба сутуну болор ва вассаҳои шиёрдори ӯ харидор бисёр буд. Гузашта аз деҳаю деҳкадаҳои атроф, аз тарафи Синдобу Моҳигарм,

Хумгузару Пойгач низ ба суроғи дастсохтҳои ӯ меомаданд. Дар ин миён фақат дӯкони порчабофии Шокирусто бесадо, мунтазири соҳиби дардманди худ қуфли лӯлаи сиёҳе ба ҳалқаи зулфин дошт. Фаршед метавонист дӯкондорӣ кунад, ҳатто аз падар ба пешаи порчабофӣ фотиҳа ҳам гирифта буд, аммо Шокирусто ба ӯ рухсат надод. «Ту бояд хонӣ, писарам, – гуфта буд падар дар ростои якравии Фаршед, – агар ба тақ-туқи дӯкондорӣ одат кунӣ, дигар ҳама кор аз ёдат меравад. Ман беҳтар шавам, бо ҳам матоъ мебофем»...

Имрӯз Фаршед аз пайи дастури модар як сатл равғани зардро ба Момои Маҳина, ки бо шавҳари пираш дар гузари Бозоргоҳ таку танҳо зиндагӣ мекарданд, оварда дод ва ба ҳусни оромбахши табиат фирефта шуда, беихтиёр ба сари Қалъатеппаи самти рост баромад. Ба рӯйи тахтасанге нишаста, беохир ба тамошо пардохт. Деҳа пас аз борони шабона чеҳраи ноз ба сар дошт, намешуд ҳатто як гӯшаи онро, ки бо чанд ранг худнамоӣ мекард, нодида гирад. Ногаҳон ин лаҳза сарусадоҳои табиӣ ва оромии нисбии деҳаро ғиреву фарёди бачаҳои сари Пайғомтеппа аз байн бурд. Як идда писараконии бекоре, ки дар болои теппаи хабаррасони гузари Бозоргоҳ ба даври дӯсти аҷибу ғариби худ Шумшук ҳалқа зада шӯхию бозӣ мекарданд, аз самти Авлиё омадани як даста савораи мусаллаҳро дида ба шӯр омаданд. Аз ҳама пеш Шумшук бо овози баланд «душман, душман!» гӯён дартоз аз Пайғомтеппа ба поён давид. Писараконии дигар низ, ки ҳама ба даст таёқчаҳое доштанд ва ингор то ин дам бо Шумшук туфангбозӣ мекарданд, аз пайи «сарвар»-и худ бедасту по шуданд. Мехостанд ҳарчи тез худро ба гузари Даридуруд расонанду Қозибоборо хабардор кунанд.

Дар воқеъ, «душман» гарду хоки роҳро ба осмон бардошта, ба мисли корвоне, ки барои даст ёфтан ба чашмаи об бетоқат аст, бо шитоб ба деҳа наздик мешуд. Пешопеш чанд нафар аспакии туфангдор ва дар қафо низ ду-сето аспароба ба назар мерасид. Онҳо беист ба саргаҳи гузари Бодия даромада, мустақим ба тарафи қароргоҳи мирохури амир, ки дар гузари Бозоргоҳ холию беодам буд, роҳ пеш гирифтанд. Ҳарчанд меҳмонони нохонда ба даруntари деҳа по мегузоштанд, аз чор сӯ сару каллаи одамон барои муроқибат бештар намоён мешуд. Касе ба пешвози онҳо набаромад, барои ҷилавгирӣ аз онҳо ручуъ накард. Гӯё аҳли деҳа ин гуна рӯзро мунтазир буданд, медонистанд, ки рӯзе ба ин шаклу шамоил ва бо ин гуна ғирев меҳмонони ҳукумати нав хоҳанд омад.

Фаршед аз ҷо наҷунбида, аз роҳ расидагонро зери чашм мушоҳида мекард. Чун худаш ғайри ихтиёр бар сари Қалъатеппа баромада буд, қароргоҳи мирохури собиқ возеҳу равшан дар зери бинӣ намоён буд. Ӯ медид, ки тарҳу намои тозаомадаҳо билкул ба тарзи дигар аст, аз нисф бештарашон либоси низомӣ ба тан доштанд. Онҳо камзӯлҳои[162] куртамонанди остиндарозеро, ки доманҳояш аз миён ду-се ваҷаб ба поён мефуромад, пӯшида, бо тасмаҳои паҳни чармӣ камарҳои худро баста буданд. Аз зери домани камзӯл шалвори ба он ҳамранг аввал васеъ ва торафт ба по часпида, борик шуда, дар зери соқҳои баланди мӯзаҳои мишкиранг нопадид мешуд. Он чиз ҳам ба назар ғайриодӣ

[162] *Ин ҷо* камзӯл ба маънии «гимнастерка»-и русӣ бошад.

менамуд, ки ба рӯйи гиребонҳои ин ҳарбиён аз пеш нишонҳои латтагие дӯхта шуда буд. Ин латтапораҳои мураббаӣ дар баъзеҳо бо ранги сиёҳ ва дар чанд нафари дигар бо ранги сабзи тира менамуд. Ҳамаи онҳо кулоҳҳои лабадори[163] сабуки латтагин ба сар доштанд, ки болотар аз лабаи ба рӯйи пешонӣ баромада, дар васати гардиши мобайнӣ ситораи сурхе бо досу болғаи барҷаста часпида меистод.

Як гурӯҳ савора аз ҳамраҳони худ пештар омада дар назди дарвозаи калон пиёда шуданд. Фурсате аз байн гузашту аспаробаҳои ақиб ва дигар аспакиҳои роҳбалад низ расида омаданд. Онҳоро як-як аз мадди назар гузаронида, Фаршед ногоҳ гиребони ҳайрату шигифт қапид. Ӯ чашмонашро молида аз нав зеҳн монд: оре, хато намекард, дар миёни савораҳо Ансорбӣ, Шермати гӯл ва Орзукӯсаву Раҳмонғулом низ буданд! «Аҷабо! – зери лаб ғудуррос зад ӯ. – Дунё чаппа шудааст барин, чӣ хел инҳо ба аскарони сурх пайвастаанд?! Охир, мегуфтанд босмачӣ шудаанд...» Наистода, дарҳол аз самти муқобили Қалъатеппа сарозер фуромад ва ба тарафи хона дартоз шуд.

Фаршед боғҳои васатиро миёнбур карда, аз оби пурхурӯши ҷӯйи калон ҷаҳида гузашт ва дар самти муқобил худро ба гузари Пайк расонид. Раҳорах ҳолати бемору ногувори падар ба хотираш расид, нахост ӯро нороҳат кунад. Бе дудилагӣ, мустақим ба тарафи хонаи Мулло Фарҳод роҳ пеш гирифт. Бо ҳаяҷону изтироб роҳ мерафту дар мағзи худ мураттаб чеҳраҳои нав, ба вижа, мирохур ва ҳамтабақони ӯро ба пеши назар меовард. Беихтиёр ибораҳоеро аз қабили «сурхҳо», «ҳукумати шуроҳо», «коммунистон» ба такрор зери лаб мегуфт. Ҳамон як гапи Қозибобо, ки рӯзҳои охир чандин бор гӯшзад мекард, гӯё дар ҳафт мағзи хотираш мӯя мезад: «Дигар замони мо гузашт, бояд ба ҳар гуна пешомад тайёр бошем. Ҳукумати Шуроҳо ба мо раҳм намекунад...»

Вақте ки Фаршед ба хонаи бародар расид, Усто Мардон ва чор нафар ҳамроҳи ӯ лойкорӣ ва андоваи оғилхонаи муллоро ба поён расонида дар назди айвон дасту рӯ мешустанд. Бо ҳавлу ҳарос омадани Фаршед ҳамаро ба шигифт овард. Усто беихтиёр ба тарафи ӯ қадам монда, бо нигаронӣ ва оҳанги пурсиш гуфт:

– Чӣ гап, додар, ранги рӯят кандааст? Шокирусто хубанд?

Фаршед нафаси амиқ кашида, дар ҳоле ки бо чашмони чор дунболи бародар мегашт, бетоқатона суол кард:

– Додиям дар куҷост? Чаро наменамоянд?!

Бо дидани ӯ зани бародар Холпарӣ бесаранҷом аз даҳлези хона ба берун по гузошт. Каме ваҳмолуд аз ҳоли музтариби ӯ изҳор кард:

– Додият ба дам андохтани Шукриямомо рафтанд, хасмол баровардаанд. Чаро безобитаӣ, додарҷон?

– Ниҳоят, коммунистҳо омаданд! – бо шӯр овоз дод Фаршед гоҳ ба зани бародар ва гоҳ ба Усто Мардон чашм давонда. – Дунё чаппаю роста мешавад. Усто, биёед бо ман, ба хонаи Қозибобо меравем! – ва ба ҷониби зани бародар рӯ оварда афзуд: – Янгаҷон, ба додиям гӯед, дар ҳар ҷо нагарданд, пинҳон шаванд.

---

[163] Кулоҳи лабадор гуфта «фуражка» дар мадди назар аст.

Ҷавонҳои ҳашаркор низ, бо ин ки аз мағзи гапҳои Фаршед чизеро дарк намекарданд, сарутан афшонда, миёнбандҳои худро аз рӯйи ҷома баста, аз пайи Усто Мардон ба роҳ уфтоданд. Холпарӣ аз наҳор нахӯрдани онҳо дар хиҷил шуд, бо дили хира аз пасашон нигарон монд.

Дарупилаи[164] Қозибобо аллакай пур аз одам шуда буд. Фаршед наметавонист бовар кунад, ки ба шарофати Шумшуку дӯстони хурдаки ӯ дар як фурсати кӯтоҳ ин қадар ҳамдеҳа гирди ҳам ҷамъ меоянд. Вале аз ҳолати Қозибобо, ки сари худро миёни дастонаш гирифта беҳаракат дар лаби айвон менишаст, дилаш таҳ хӯрд. Сахт андуҳгин менамуд, аз ҳолату димоғи гирифтааш пайдо буд, ки гӯё кӯҳи боре бар дӯшаш нишастааст. Ӯ дар хусуси чӣ фикр мекард, чиҳоро аз дил мегузаронд, ба касе маълум набуд.

Дар ин асно аз дари қозӣ бо шӯру ғирев даромада омадани Суҳроб ва дӯстони паҳлавони ӯ ба ҷони ҳама неру бахшид. Гӯё ҳама бол баровარданд, дар худ неруи нав, қуввату дармони тозаро ҳис карданд. Гарчи аз хомӯшӣ ва музтарии Қозибобо мутаҳайиру ночор меистоданд, бо расидани ҷавонони шердил ба ҷунбиш даромаданд, дар нигоҳи ҳар яке нури умеду риҷо дурахшид. Маълум буд, ки гузашта аз «дастаи ҷосус»-и Шумшук одамони деҳа даҳон ба даҳон хабари навро зуд ба ҳамдигар расондаанд. Дар ин лаҳза поёнтар аз зинаҳо ва дар канори девори болохонаю роҳраве, ки ба самти боғ мерафт, сару каллаи духтарону занони кунҷков низ торафт зиёд мешуд. Баробари ба ҳавлӣ қадам ниҳодан, Суҳроб рост ба назди қозӣ омаду бо таъзим салом арз кард ва каме ҳаяҷономез изҳор намуд:

– Билахира шуравиҳо омаданд, Қозибобо, бо дову дастгаҳ омадаанд. Чӣ мефармоед, аз ин пас чӣ кор мекунем?

Қозӣ Ҳушанг каме дар ҷо ҷунбид, аммо мисли ин ки суханҳои Суҳробро намешунавад, як дасташро зери манаҳ тиргак карда, хаёломез нишастан гирифт. Аз хомӯшии ӯ тааҷҷуби ҳозирин бештар шуд. Имрӯз дар пеши ҳама пуштибони адлу дод, мушкилкушои дарду даъвоҳои печида, нигаҳбони ҷону моли раият, роҳандози ахлоқу аҳкоми шариат ноилоҷу дармонда менамуд. Оре, ин дам қозӣ ёрои рост истода амру дастур доданро надошт, хеле руҳуфтодаю парешонҳол ба назар мерасид.

Ниҳоят, дар ҳоле ки сабри ҳама аз даст мерафт, худро афшонда аз ҷо хест ва ба Суҳробу аҳли ҷамъ бо нигоҳҳои хаста рӯ оварда гуфт:

– Ҳеч кор намекунем! Дар дашту кӯҳ, дар мағрибу машриқ – дар ҳама ҷо ҳукумат ба дасти коммунистҳо гузаштааст. Аз самти Боғдон меоянд ё аз Нур, ё ки аз пушти кӯҳ, барои мо аҳамият надорад, бояд сар фурорем, табааи давлаташон шавем.

– Мулло Дурандеш бо мардони деҳа ба назди арбоб рафтанд, – ба сухан омад яке аз ҳамраҳони Суҳроб, – агар ин табаиятро мепазирем мо ҳам ба он ҷо равем, бо ҳам ба пешвози меҳмонон бароем?

Қозӣ Ҳушанг яке ҳушёр шуд, бо ҳавлу нигаронӣ садо баланд кард:

– Суҳроб, Мурод, Ҳасан! Зуд бошед, фурсатро бой надиҳед, дартоз ба хонаи Дороамин равед! – рангу рӯйи қозӣ парид, қадду қомати баландаш гӯё

---

[164] **Дарупила درو پله** – саҳни ҳавлӣ аз дарвозаи берун то дами остонаҳо

ба сони бед меларзид. – Шитоб кунед, писаронам, арбобу муллоро наҷот диҳед! Ҳар дуро гиреду ба Қалъа фирор кунед. Фаршед! Мулло Фарҳод дар куҷост?!

– Ба дуои Шукриямомо рафтааст.

– Наист, дав ба онҷо! Нагузор ки ба Пайк баргардад, ӯро ҳам ба Қалъа бар! – қозӣ дар рӯйи ҳавлӣ ба қадамзанӣ даромад, бо ин ошуфтагӣ ба одамони ҷамъшуда изҳор кард: – Ҳама ба хонаҳоятон баргардед, аз пайи зиндагии худ шавед. Ҳукумати нав худаш ба суроғи шумо меояд...

Мардум пасу пеш пароканда шуданд.

## Усул дар дасти нақорачӣ

Дастаи аспсавори меҳмонони нохонда, ки комилан мусаллаҳ бо туфангу теғҳои ҷангӣ буданд, ба қароргоҳ ворид нашуда, дар гирду бари он бесаброна тараддуд доштанд. Ҳамраҳони ғайринизомии онҳо бо роҳбаладии Ансорбӣ ба дохил даромаданд. Пеш-пеш Шермати гӯл бедасту по ба се-чор нафар хидматгузор, ки асбобу анҷоми меҳмонинро аз аробаҳо мекашонданд, роҳ нишон медод. Орзукӯса бо забони русии шикаста суҳбаткунон ду нафар марди малламӯро мустақим ба болохона гирифта бурд. Ду-се нафар марди тотору туркбашара низ аз қафои онҳо рафтанд. Ҳамсафарони боқимондаро Раҳмонғулом ба кулбаҳои ба ҳам часпидаи канори ҳавлӣ роҳнамоӣ кард. То ин дам марди болобаланде, ки ӯ низ камзӯлу шалвори ҳарбӣ ба бар дошт, вале силоҳаш танҳо як таппонча буд, дар назди остона истода ба ҳама дастур медод. Нигоҳҳои тез ва хӯрои ӯ ба сони чашмони гург ба ҳар сӯ бозӣ мекарданд. Чун дид тобеонаш дар қароргоҳ ҷойгир шуданд, ба қафо, ба тарафи Ансорбӣ қадамзанон, қамчини дасташро ба соқи мӯзааш тап-тап зада, омирона ёдрас намуд:

– Ансор! Акнун фурсат расид ҳунаратро нишон деҳӣ. Ду нафар аз огепу[165] бо мо ҳастанд, дастури асир гирифтани арбоб дар дасташон. Зуд бош, бо аскарон ба «шикор» бароед. То арбобро дастгир накунӣ, ба назди ман наё! – Дар гуфтори ӯ аз мирохури қадим «би» ҳазф шуд. Бо таҳдид ҳарф мезаду мӯйлабҳои дарозаш ба ду самт меёзиданд. Чун дид Ансор бехаёл бо кушода бастани камарбанду ба тартиб даровардани камзӯлу пероҳанаш машғул аст, бо садои баландтар дастур дод: – Бичунб, биргадир, нашавад, ки моро шунида гурехта пинҳон шаванд?!

– Командир, ғам нахӯр! Дар ин ҷо ҳар як сӯроху рахна ва ҳатто хӯю одати боруиён бароям ошно аст. Ҳеч кас аз дасти ман фирор намекунад!

– Агар медонистам ин қадар роҳи дурро тай мекунем, аз додситон ду рӯз не, чаҳор рӯз муҳлат мегирифтам. Бо ҳар қимате шуда, имрӯз бояд асирро ба марказ фиристем, вагарна дер мешавад, Ансор!

– Бо иҷозаи шумо, мо рафтем!

---

[165] **ОГПУ** – *Объединённое Государственное Политическое Управление:* Идораи муттаҳидшудаи давлатию сиёсии назди ШКХ ИҶШС органи махсуси амнияти давлатӣ буд, ки аз соли 1924 то соли 1934 амал кардааст; Минбаъд бо тарзи талаффузи маҳаллиаш – ба шакли «огепу» меояд.

Марди болобаланд амр кард:

– Зуд бош! – сипас ӯ ба нигаҳбонҳои дами дар рӯ оварда афзуд: – Хуб посбонӣ кунед, ҳар кӣ ояду ҳар чӣ хоҳад, ба ман хабар диҳед!

Ду ҷавони низомипӯши силоҳбадаст, ки аз чеҳраҳои зардгунаю чашмони обӣ тотор буданашон маълум буд, бо як овоз ҷавоб доданд:

– Хуб шудаст!

Фармондеҳ ба самти болохона по бардошт.

Ба маҳзи аз дарвоза баромадан, яке аз сарбозони аспсавор аспи ҷигарранги Ансорро, ки аз лигомдорӣ ба танг омада беист сар меҷунбонду по мезад, ба наздаш овард. Ансор туфангашро бештар ба пушт лағҷонда, бо як ҷаҳиш савори асп шуд ва ба ҳамраҳони дар гирду бар парешон рӯ оварда, тозиёнаи худро ба боло бардошта, амр дод:

– Рафтем!

Дастаи аспсавор бо ҳаёҳуи зиёд аз роҳи на он қадар соф, ки дар он ароба роҳат меғунҷид, сарболо шуд. Аз қафои саворкорон гарду ғубори тунуке печида ба осмон баромад. Дар ин лаҳза на талу теппа, на манзараи боғҳо, на хонаҳои одамон – ҳеч чиз ба назари Ансор наменамуд. Ҷойи ин ки пас аз муддати тулонии ҷудоӣ ба ин даргоҳи нону намакхӯрдааш нигоҳе нек афканад, сархушу хашмгин бар сари он ғирев бардошт. Гӯё ки кинаи дерин ӯро беш аз пеш ба шӯр меовард, дар ҷодаҳои ошно бо зарда асп давонида, дар як зум ба гузари Миёна расид. Ӯ дар назди дарвозаи калони арбоби деҳа таваққуф кард ва ҳамоно ба сарбозони расида амр дод:

– Хонаро муҳосира кунед! Аҳадунносе на ба дохил дарояду на ба берун равад! Харин, Лесбек Кунар, биёед бо ман!

Ансор милаи туфангашро ба осмон бардошта тир холӣ кард. Аз пайи ӯ ҳамраҳонаш низ як-як тир андохтанд. Садои гӯшгири тирпарронӣ тамоми гузарро фаро гирифт ва аз кӯҳҳои пуштсангии деҳа шунавотар акси садо дод. Дарвозаи Дороамин ба рӯяшон боз шуд, аз дохил симои тарсолуди Бобо Хиром дида шуд.

– Ҳо-ҳо-ҳо!! Пирамард, зиндаӣ ҳанӯз?! – Ансор ҷаҳида аз асп фуромад. Сарбозонаш ҳам ба ӯ пайравӣ карданд. – Гӯ, хӯҷаинат барояд, зуд бош!

Ансор бо тааддӣ милаи туфангро ба дӯши хидматкор халонда ӯро бо зарб ба қафо тела дод. Марди лоғари калонсол калавида ду-се қадам ба ақиб рафту дубора рӯ ба рӯйи меҳмонони нохонда қарор гирифт, бо ғазаб гуфт:

– Кӯрнамак! Пеш аз он ки хӯҷаина бибарӣ, аввал сари мана гир!

– Ту арзише надорӣ, ғулом! Канор ист!

Ансор Бобо Хиромро бо зӯр тела дода ба пеш қадам гузошт. Ин зӯроварӣ хашми хидматкорро овард, кам наомада бо як ҳаракати тез аз милаи туфанги рақиб гирифт. Дар ҳамин асно, ҳанӯз талоше миёни онҳо нашуда, Харин бо дав худро расонид ва бо қундоқи туфанг зарбаи сахт ба буногӯши бобо фуровард. Ин танбеҳ кори худро кард, пирамард яке тоб хӯрда якпаҳлу ба замин уфтод. Ҳамин дам, ғайриинтизор, дар дами остонаи болохона сару сурати Дороамин пайдо шуд. Ҷомаи фохира ба тан дошт, саллаи оҳории

калонашро ба сар баста буд, орому бовиқор дар миёни ангуштон тасбеҳ мегардонд. Ӯ бо салобат овоз дод:

– Шумо, ки барои сохтани ҳукумати камбағалон иддао доред, ин зулм барои чист?

– Оҳ-ҳо! Фикр кардам думата хода кардаӣ! – announce нописандона бо заҳрханд ба сухан даромад Ансор. – Ин «камбағал» ҳам гумоштаи туст – душмани Советҳо! Вале, қоил ба ин матонат, натарсида рӯ ба рӯ мебароӣ.

– Ман дар зодбуми худам ҳастам, кори хато накардаам, ки ба ҷое гурехта равам. Медонистам, ки рӯзе ба суроғам меоед. Бифармо, мана бигиред, вале аҳли деҳаама ба ҳоли худашон гузоред. Намехоҳам касе озор бинад.

– Ана ба ин мегӯянд, халқпарвар, боракаллоҳ! – Ансор назаре ба ҳамроҳони худ дӯхта, масхараомез кафкӯбӣ кард ва баргашту афзуд: – Гумон накарда будӣ ман меоям?

Дороамин бо як зарра шумханд гуфт:

– Дунё пур аз бӯқаламун аст, чоплусии касоне мисли ту ҳеч аҷобате надорад. Дирӯз навкари амир будӣ, имрӯз чокари советиҳоят...

Ансор ба навкаронаш дод зад:

– Бигиред!

Бе он ҳам Дороамин омирона по гузошта аз зинапоя ба поён мефуромад. Чун дид ду сарбоз аз ду ҷонибаш гирифтанд, муқобилат накард, ҳатто ҳарфе ба хотири ҳимояти худ нагуфт. Маълум буд, ки ӯ куллан аз зиндагӣ даст шустааст, инак мехост бо сари баланд, аз чизе натарсидаю наҳаросида ба хостаи сарнавишт тан диҳад.

Дар ҳоле ки арбоби деҳаро ба берун мебурданд, Ансор ба гирду бари хонаи муҳташами ӯ дида дӯхта ба шигифт омад. Аз он дар ҳайрат монд, ки ғайр аз худи арбобу ходими пираш дигар касе нест – на ҳамсари ӯ, на хидматгузорон, дар сурате ки ин дару пила ҳамеша пур аз одам буд, аз арзу доду додугирифт холӣ намешуд. «Аз омадани мо бохабар шудаанд лаънатиҳо, – аз хаёл гузаронд Ансор, – ин арбоб аз таҳи замин мор гузарад мефаҳмад. Ҳамаро гурезондааст, тарсидаанд нокасон».

Ӯ назаре ба Бобо Хиром, ки ба ҳуш омада, кам-кам дасту по мезад, афканду бо киноя зери лаб «хидматкори содиқ» гуфта монд ва тез аз паси ҳамраҳон ба берун баромад. Дар сари кӯча ба чор атроф чашм давонда савори асп шуд ва аз набудани касе дар гирду гӯша бештар тааҷҷуб карда, бо овози баланд гуфт:

– Мо имрӯз вазифаи худро анҷом додем! Ба қароргоҳ бармегардем, бубинем командир боз чӣ дастуре медиҳад, – ва ба сарбозони нигаҳбон рӯ оварда садо баланд кард: – Шумо ҳам биёед, рафтем!

Дороамини дастбастаро ба пушти Харин савор карда, аз камари ҳар ду бо ресмоне ду-се бор печонида буданд. Харини қадболо як сару гардан аз арбоб баландтар менамуд, вале китфҳои Дороамин васеътар. Ҳамин ки асп давонда, дар миёни гарду хок аз хамгашти гузари Миёна гузашта нопадид шуданд, аз самти боло гурӯҳи Суҳроб ба дари Дороамин расида омад.

Дарвозаи арбоб боз монда буд. Вақте ки Суҳробу Мурoду Ҳасан дар назди он нафас рост карданд, ногаҳон садои нолаомези Бобо Хиром аз дохил шунида шуд. Ҳар се зада ба ҳавлӣ даромаданд. Азбас бобо гаваккашон қариб то дарвоза наздик омада буд, тамоми сарутан ва панҷаҳояш хоколуду касиф менамуданд. Ҳоли низори ӯ Суҳробро ба риққат овард, давида аз зери бағалаш дошт, то ёрӣ диҳаду ӯ сари по рост истад. Бобо ба самти кати чӯбин ишора кард. Суҳроб чун пай бурд мӯйсафед ҳоли роҳ гаштан ҳам надорад, ӯро озод бардошта ба тарафи кат бурд. Мурод дарҳол ҷо дуруст кард.

– Ҳасан зуд бош, як коса об биёр! – гуфт Суҳроб пирамардро озод ба рӯйи ҷойгаҳи андохтаи Мурод хобонида. – Бечораро лат дода рафтаанд, номардон.

Бобо Хиром об хӯрд, каме ба худ омад. Дар ҳоле ки бо вуҷуди солмандии худ наметавонист оби дидаҳояшро нигаҳ дорад, ғуссаомез ба сухан даромад:

– Хоҷара бурданд, Суҳробҷон, ӯ дигар барнамегардад. Аз дасти мирохури кинагир зинда намемонад. Ин кӯрнамак коммунист шудааст.

Гарчи аз бурдани арбоб як гӯшаи дилаш сиёҳ шуда буд, Суҳробро бештар хонаю манзили холии ӯ ба ҳайрат овард, касе ба назар наменамуд. Ӯ бо нигаронӣ суол кард:

– Чӣ хабар, бобо? Қарор буд калонҳо бо Мулло Дурандеш ба назди арбоб биёянд, чаро ҳеч кас наменамояд?

Мӯйсафед бо пушти даст аз рӯйи оби дидаҳояш кашида гуфт:

– Омаданд, ҳамаашон дар ҳамин ҷа буданд! Мулло илтимосу илтиҷо кард, ки хоҷа бо онҳо баромада равад, аммо қабул накард. Янга ба пеши пояш афтод, ашкрезон зориҳо намуд, аммо не... На сухани хуш, на тавалло ба ӯ асар кард. Бо ихтиёри худ ба дасти аҷал рафт. Ӯ бо зӯрию тааддӣ ҳамаро ба берун ронд, ба Мулло Дурандеш фаҳмонид, ки то омада рафтани коммунистон касе ба даргоҳаш қадам нагузорад. Ҳама дилвопас баромада рафтанд, танҳо... ба ман чизе нагуфт, ба монданам монеъ нашуд.

Бо вуҷуди пиронсолӣ ашк рехтани пирамард дили Суҳробро об кард. Банди дасти ӯро дар миёни ду кафи худ каме молиш дод, дилозурда изҳор намуд:

– Медонед, бобо, ҳама ришсафедони мо забонро як кардаанд. Қозибобо низ аслан ба сар бардоштани мо раводор нест. Танҳо як гап, «муросо кунед, ба ҳукумати нав тан диҳед», мегӯяд. Онҳоро мебинаму як фикри наҳс ба хаёлам меояд, гӯё аз ҷонашон сер шудаанд, аз ҳаёт даст шустаанд, мисли ин ки зинда мондану намонданашон аҳамияте надорад.

– Не, хоҷа орзуҳои зиёд дошт, ҳанӯз зиндагӣ кардан мехост, – озурдаҳол бо овози паст ба сухан пардохт Бобо Хиром, – ин ҳол пеш омаду ногаҳон дунё ба назараш сарфаргон намуд. Пеш аз он ки ба худ оро диҳаду либосҳои фохираша пӯшад, ба ман гуфт: «Хиром, ту беҳтарин дӯсту ҳамрози ман ҳастӣ. Намехоҳам ба хотири ман хунрезӣ шавад. Ҳукумати Шуроҳо, агар суханашон рост бошад, тарафдори камбағалон будааст. Мо – арбобу амалдорон душмани онҳоем, имрӯз ё фардо ҳамаамона омада асир мегиранд, қулоқ мекунанд,

мепарронанд. Пас аз сари ман ҳама сарватам ба дасти хукумати нав мегузарад, ин рост аст. Кош ба ту барин меҳнаткашон тақсим карда медоданд...»

Ҳасан каме нооромdу бари ҷомаашро ҷамъ карда дар канори Суҳробу Бобо Хиром нишаст ва гуфт:

– Суҳроб, аз пайи арбоб намеравем? Ақаллан донем, ба куҷо бурданд, чӣ кор карданд бо ӯ...

– Мо дер мондем, дӯстам. Бо коммунистҳо шӯхӣ карда намешавад, ба гумонам, дубора баргардем ба пеши Қозибобо.

– Бо ҳамсари хоҷаам чӣ мешавад, Суҳробҷон? – пурсид Бобо Хиром. – Агар мебуд, вая ҳам мебурданд?

– Намедонам, бобо.

– Аз рӯйи овозаҳо, дар бисёр ҷо одамони боя бо оилаҳошон қулоқ кардаанд ё ба қатл расондаанд, – ба гап ҳамроҳ шуд Мурод, – дар деҳаи мо ин иқдоми аввалинашон аст.

Ҳасан илова кард:

– Оре, аз ин пас амалдорона як-як мегиранд, ҳама сарвату молу манолашона ба давлат мегузаронанд.

Бобо Хиром оҳ кашид. Як лаҳза хӯҷаини худ Дороамин ва заминҳову рамаҳои ӯро ба пеши назар оварду ҳасратомез гуфт:

– Мана бо оилаам мехӯронду мепӯшонд, деги даҳҳо оила аз неъмати хоҷа мечӯшид, шабу рӯз бо ғами мардум овора буд. Мо – ҳама бечора мешавем...

Ҳамин дам ғалоғулаи одамон аз сари кӯча шунида шуд. Суҳробу рафиқонаш бо шитоб ба берун бароmаданд. Аз самти боло як гурӯҳ ҳамдеҳагон – пешопеш осиёбон Боборауф, оҳангар Бобо Савор, Усто Шодмон, Усто Мардон, дуредгар Бобо Савур, Нусрати ланг, Равшан меомаданд. Суҳроб ҷон гирифт. Шоду мамнун ба пешвозашон баромад ва ҳамин ки ба ҳам расиданд, баён кард:

– Миёни ду роҳ дар анг монда будем, хуб шуд ки омадед. Намедонистем ба боло равем ё ба поён.

Боборауф ба сози гӯшҳои караш бо садои баланд ҷавоб дод:

– Ҳар чи заминдору қозию мулло доштем, ба қалъа фиристодем, дигар дар боло коре нест, бачаҷон! Биё, ба назди меҳмонони нохонда равем, мо, ки ҷуз як даст кулбаю сарулибос чизи дигаре надорем, аз чӣ тарсем? Фикр намекунам, ба мо ҳам зулм кунанд!

– Биравем! – хушнуд ҳарф зад Суҳроб, дар ҳоле ки ҳис мекард гӯё як кӯҳ бор аз дӯшаш барканор шудааст.

***

Ин дафъа боди серуни поизӣ аз самти дашт мевазид. Чун ба даҳанаи деҳа ҳамла меовард, суръаташ ду баробар меафзуд ва яксара дарахтону буттаҳои камбарги урёншударо албонҷ медод. Дар ҳавлии қароргоҳ низ садҳо шохчаи баланду кӯтоҳи дарахти маҷнунбед ин оҳанги табиатро ҳис карда беист мерақсиданд. Ансор як чашм ба шохакҳои рақсон, бар рӯйи арзаки канори

ҳавлӣ бо командири худ суҳбат меорост. Ӯ хушҳол менамуд. Барояш дастгиру бадарға шудани арбоби деҳа, ки чандин сол бо назари таҳқиромез ба ӯ нигоҳ мекард, роҳату лаззат мебахшид. Пас аз хушомаду меҳрабониҳои зиёд дар худ меболид, пай мебурд, ки бо амали имрӯзааш дар масири расидан ба бовари бародарони коммунист як қадам ба пеш гузошт. Фармондеҳ чойи пиёлаашро нӯшида, мӯйлабҳои баланди худро ба ду самт сила кард ва хомӯшии чанд лаҳза ба миён омадаро барҳам дод:

– Хонаи арбоб идораи мо мешавад. Ҳар чӣ замину мол дорад, бо қарори райком мусодира мекунем, ба давлат мегузаронем. Ту кам наёр, Ансор! Вақтамон кам аст, Бору бояд куллан ба ҳукумати мо сар фурорад.

– Аз ин ғам махӯр, командир! – чоплусона, дар ҳоле ки тез-тез мижа мезаду ситорачаи кулоҳи дасташро миёни ангуштон бозӣ доронда менишаст, ҷавоб дод Ансор. – Ман медонам, ҷони Бору дар куҷост! Боз як Худои дигар доранд инҳо...

– Ордери дуюм? – хомӯш шудани ҳамроҳи худро дида маънидор ба сухан омад фармондеҳ. – Мушкилӣ пеш меояд, ба назарат?

Ансор яке рӯ гардонда гуфт:

– Командир, намешавад ҳамин шаб ӯро низ дастгир кунем?

– Ин қадар саросемаӣ, кинаи дерин дорӣ, мегӯям?

– Оре!

– Каме сабр кун. Ордер ҳаст, аммо масъули огепуӣ нест. То омадани онҳо фурсат дорем, ки бубинем ба арбоб чи вокуниш нишон медиҳанд. Агар гуфтаат рост бароядү мардум ба мисли латтаи дар об зада бошанд, осон ба тарафи мо мегузаранд. Ба ҳама ваъдаҳои калон медиҳем, аъзои коммуна мекунем. Чор-панҷ рӯзи дигар, лаҳзаи муносиб ёфта вая ҳам мегирем.

Дар миёни ин гуфтугӯ ду марди бовиқори малламӯ аз болохона ба поён фуромаданд. Фармондеҳ ва ҳамзамон бо ӯ Ансор ҷаста сари по хестанд.

– Салом, раис! – даст ба чакка бурда гуфт фармондеҳ.

– Салом! – ҷавоб дод марди аввалӣ, ки чорангуштӣ ҳар ду дасташро ба кисаҳои камзӯлаш халонида меистод. Ӯ қадди баланд, чашмҳои обӣ дошт, ришу мӯйлабҳояш низ ба мисли мӯйсараш зарду малла ба назар менамуданд. Сари по ба сухан омад: – Аз деҳа чӣ хабар, Бӯрӣ?

– Феълан хомӯшист. Мунтазири амру фармоиши шумо нишастаем, Аркадий Сергеевич!

Раис орому бо ҳавсала ба ҳамроҳи ҳамтои худ, ки ӯ низ камзӯлу шими галифеи ғайринизомӣ пӯшида, тугмаҳои камзӯлашро то бехи гулу гузаронда, бо тасмаи паҳни мишкиранге миёнашро баста буд ва бо виқор аз зинаҳо поин омада дар канораш меистод, нигариста гуфт:

– Ба одамони деҳа хабар кунед, ҷамъомад мегузаронем, ҳоҷати имрӯзу фардо кардан нест! – ӯ ба Ансор рӯ оварда афзуд: – Озуқа чӣ шуд? Ему алафи аспон...

– Дамаш гарм навкари моро! – Аз Ансор пештар изҳор кард Бӯрӣ, ки фармондеҳии дастаҳои зудамалро дар ихтиёр дошт. – Ҳамон лаҳзае, ки ба «шикор»-и арбоб баромадем, Ансор ба суроғи молҳои ӯ низ уфтода буд. Вай

панҷ нафар сарбозро ба дастёраш Шермат ҳамроҳ карда ба чарогоҳ фиристод. Ду ароба бедаю як тӯда гӯсфанд оварданд.

– Арбоб моли бисёр доштааст?

– Беҳисоб! – бо шӯр илова кард Бӯрӣ. – Ансор ҳамаро медонад.

– Панҷ-шаш сол пеш гӯсфанду бузаш ба нуҳсадто мерасид, наздики панҷоҳ сар гову гӯсола ва қариб шастто аспу той дошт. Ҳар сол ошноёни қазоқаш тайлоқ[166] ҳадя мекарданд, ба гумонам ягон даҳ-понздаҳ нафар шутур ҳам дорад, – ҳамоно дар посух ба нигоҳи маънидори раис ба сухан ҳамроҳ шуд Ансор.

Бӯрӣ афзуд:

– Молу амволи арбоб куллан ба ихтиёри мо гузашт, фақат монд қарори ҳукумат, ки бишморему дар дафтар сабт кунем. Агар иҷозат диҳед, хонаю дарашро ба унвони идора истифода барем.

Дар лабони раис табассум давид.

– Ҳатман ин корро мекунем...

Ғалоғулаи ногаҳоние суханони раисро бурид. Яке аз сарбозони нигаҳбон дари хурди дарвозаи қароргоҳро кушода бо шаст ба дохил даромад. Чун дид ҳама сарвару раҳбарон дар назди айвонанд, дарҳол рост истода, бо як даст аз тасмаи туфанг дошта, дасти рост ба чаккаи пешонӣ бурд ва гузориш дод:

– Ҷаноби командир! Як гурӯҳ марди деҳа дар берун ҷамъ шудаанд, мегӯянд бо раисатон кор дорем.

Бӯрӣ саволомез «Аркадий Сергеевич...» гуфта, чизе пурсиданӣ буд, ки раис бо хушҳолӣ сухани ӯро аз даҳон гирифт:

– Айни муддао, ҳоҷати хабар кардан намонд! Гӯ, солдат, ҳамааш дароянд ба ҳавлӣ!

Баробари боз шудани табақи калони дарвоза Суҳробу ҳамраҳонаш, ки то ба гузари Бозоргоҳ расидан теъдодашон хеле бештар шуда буд, доманҳои ҷомаҳояшонро бод дода вориди ҳавлӣ шуданд. Баробари ба дохил даромадан аз пушти онҳо тамоми сарбозони қароргоҳ саф кашиданд. Раис Аркадий бо лабханди ҳамешагӣ мардону мӯйсафедони расидаро аз назар гузаронда пай бурд, ки онҳо ба шӯр наомадаанд, аммо қиёфаҳои пурсишомез доранд. Бештар виқору нотарсии онҳо ӯро ба ваҷд овард. Ба хотири ин ки наҳаросанду худро озод ҳис кунанд, дар оғоз ба туфангдорон рӯ оварда амр кард:

– Ҳама бароед, бароед ба берун! – ва илтифотомез дасташро сари сина гузошта, ба Боборауф, ки аз ҳама калонсолтар менамуд, чашм дӯхта суханашро пай гирифт: – Хуш омадед, марҳабо! Хоҳ бовар кунед, хоҳ не, худи шумо мушкили моро осон кардед. Ҳамин ҳозир ба ҳамкорон мегуфтам, ки ба аҳли деҳа пайғом фиристанд, ҷамъомад мегузаронем. Ба хубӣ бошад, бо пойи худ омадед.

– Мо ки дар зодбуми худамон ҳастем, шумоҳо хуш омадед! – бо лаҳни сода ба сухан пардохт Боборауф. – Чанд сол аст, ки мегӯянд шӯроиҳо салтанат доранд, аммо ба деҳаи мо меоеду меравед, саре мезанеду соя гум мекунед, чӣ хабар?

---

[166] **Тайлоқ طیلاق** – бачаи шутур

Лабханди раис Аркадий бештар шуд, назаре ба ҳама мардони деҳа андохта гуфт:

– Оре, ҳукумати мо ҳама ҷоро гирифт – ин тараф тамоми уезди Дизах, онсӯтар Самарқанду Бухоро ва ҳатто Бухорои Шарқиро куллан зери даст даровард. Нуратою Кармина ҳам ба давлати паҳновари шуравиён ҳамроҳ шуд. Фикр мекунед, мухолифонро, ки онҳоро босмачӣ меномем, нобуд кардан кори осон аст? Мо аз уҳдаи ин кор баромадем! Ҳизби коммунистон дар ҳама ҷо пирӯз шуд. Акнун мондааст барпо кардани артелу коммунаю идораҳои шуравӣ, – раис як дам хомӯш шуд, то бубинад чӣ аксуламале дар байни ҷамъ ҳосил мешавад.

Ҷуғур-ҷуғур деҳотиён бо ҳам ба суҳбат даромаданд. Бо ин шаклу шамоили бегона ба забони маҳаллӣ ҳарф задани Аркадий ва он ҳам хеле бурроյу муассир, ҳамаро ба шигифт овард. Суҳроб диққати ҷамъшудагонро ба сӯйи худ кашида гуфт:

– Мардуми мо то кай дар зери таҳлука зиндагӣ мекунад. Ришсафедон хеле вақт аст, ки ҳукумати нава эътироф кардаанд, вале то ҳол фақат аз ҷангу талош, аз таъқибу табъидҳо мешунавем. Он тараф то Синдоб ягон арбобу қозӣ ё деҳдору мулло намондааст, ҳамара асир гирифта бурдаанд, ҳама беному нишон. Мехоҳед ин рӯзҳора ба сари мо низ биёред?

Бӯрӣ даст фушурд, дар паси ӯ Ансор саъй мекард худро бехавотир нишон диҳад, вале баданаш аз бех меларзид. Бо ҳамтабақони дерини худ, ки як муддат аз онҳо рӯ гардонда ба тӯдаҳои бек пайваста буд ва дубора ба рангҳои замона ҳамсон шуда ба наздашон бармегашт, дар ин лаҳза намедонист чӣ хел рӯ ба рӯ шавад. Бӯрию Ансор чизе нагуфта, раис Аркадий бо ҳамон оромию сарбаландӣ ба суханаш идома дод:

– Рафиқон, ин бародари мо гапи ҳақро мегӯяд! – ҳамин дам Ансор ба назди ӯ омада, гардан ёзонида, зерилабӣ ба гӯшаш номи Суҳробро гуфт ва ӯ афзуд: – Ҷавоби мо ба Суҳроб ин аст, ки ҳеч як ҳукумат бе ҷангу хунрезӣ барпо намешавад, давлати шуравии мо ҳам маҷбур шуд чандин душмани худро аз сари роҳ бардорад. Мо бояд гуфтаҳои Ленини муаззамро ба гӯшҳоямон ҳалқа кунем! Ин давлат аз меҳнаткашон аст, аз коргару деҳқон аст, ин давлати ману шумост! Дигар на бой ҳасту на арбобу на қозӣ, ҳар кӣ бар зидди давлати мо сар бардорад, ҳар кӣ замини моро, сарвати моро моли ман гӯяд, муҷозот мешавад.

– Барои ҳамин арбоби моро қулоқ кардед? – тоқат накарда дар миёни сухани раис давид Усто Шодмон.

– Арбоби шуморо давлат гирифт, пурсуҷӯ мекунад. Агар бегуноҳ бошад, дубора ба пеши шумо бармегардад.

– Нигоҳ кун, раис, мо тамоми умр бо Дороамин ҳамроҳ будем, аз як дасторхон нон хӯрдем, шодию ғамро бо ҳам дидем, якҷоя бузург шудем, – ба суҳбат пайваст Бобо Сафар, – Агар гуноҳи ӯ мансабаш бошад, аз баҳри мансабаш мебарояд, агар сарвату бизоаташ бошад, ҳамаро мебахшад. Хоҳишан, ӯро пас гардонед, ба наздамон биёред. Бубин, мо ҳама кафши дарида ба по, ҷомаҳои дарбеҳдор ба тан дорем, бо сахтӣ қути рӯзгор меёбем, коре

накунед, ки бо ин бебизоатӣ сарварамонро ҳам аз мо бигиред. Ин аз рӯйи инсофу адолате, ки шиори шумо будааст, намебошад.

Раис Аркадий як қадам ба пеш гузошт, кулоҳи лабадори худро ғиҷим карда миёни мушт гирифту ба кафи дасти дигар зада, мисли ин ки аз гапи Бобо Сафар мутаассир шудааст, бо тааммул изҳор намуд:

– Рафиқон! Гурӯҳи амниятии давлат кори худро анҷом дод, на ман, на шумо, на каси дигаре метавонад пеши ин сиёсати огепуро бигирад. Боз мегӯям, агар бегуноҳ бошад, ҳатман раҳо мекунанд. Лекин, мусаллам аст, ки ӯ дигар на арбоб асту на деҳхудо! Ҳама чизу чорааш ба давлат мегузарад, яъне, ба дасти шумоҳо! Ҳа, ҳайрон нашавед, аз ин пас молики заминҳояш, соҳиби хонаю ҷою ҷойгаҳ ва тамоми молу амволаш давлат – коммунаҳо аст. Коммуна ҳам шумоед – одамони одӣ, камбағалоне, ки то дирӯз муҳтоҷи бойҳо будед. Аз ин пас дар ҷамъияти мо бою камбағал намешавад, ҳама баробар кор мекунанд ва ҳар кас ба ивази меҳнаташ ҳақ мегирад. Аз пагоҳ мо идораи коммунаи Боруро роҳ меандозем, ҳар як хонаводаро – аз ҳафтсола то ҳафтодсола ба рӯйхат мегирем. Нозирону ҳисобдорони мо ҳар як қитъазамин, саршумори чорво, коргоҳҳои одамонро дар дафтари умумии коммуна сабт мекунанд. Аз ҳама чиз ҳосил ба анбору хазонаи давлат меравад.

Раис як дам хомӯш шуд. Ҷамъомадагонро як-як аз madди назар гузаронда, саъй кард бардошти онҳоро аз суханҳояш ҳис кунад. Аз миёни мардон Суҳроб бетоқат шуда пурсид:

– Бо ин вазъ ба худи одамон чӣ мемонад, аз чӣ рӯз мегузаронанд?

– Ҳукумати Шуроҳо аллакай таҷрубаи корро дорад. Халқ ҳар чӣ дорад ба давлат месупорад ва давлат низ халқро бо маош, бо сарулибосу моятоҷи зиндагӣ таъмин мекунад. Масалан, шумоён фикр мекунед, ки агар осиёб баста шавад, мардум бе нон мемонад. Не, агарчи осиёбҳо муваққатан амал мекунанд, рафта-рафта онҳоро мебандем. Зеро ки ордро худи давлат ба мову шумо мерасонад, аз корхонаҳои калони ордбарорӣ, чи дар ҷумҳурии худамон бошаду чи дар ҷумҳуриҳои дигари бародар, ба ҳама ҷо пахш мекунанд. Тақдири тамоми коргоҳҳо ҳамин аст, бо мурур ҳар чӣ шахсию хусусӣ аст, барҳам мехӯрад. Шумо саъй кунед ба кори мо ёрӣ расонед, ба коммуна аъзо шуда дар навсозиҳои ҷамъияту давлат ширкат варзед. Ҳукумат ҳар қадар тезтар ҷон гирад, ба фоидаи ҳар яки мост!

Ба маҳзи хомӯш мондани раис фармондеҳ Бӯрӣ ба сухан даромад:

– Бо давлат шӯхӣ кардан ба мисли он аст, ки бо думи шер бозӣ кунӣ. Худсарона ба корҳои қабеҳ даст назанед, ҷинояти касе бе ҷазо намемонад. Суҳроб, ман ҳамагӣ ду-се бор ба Бору омадам, лекин ҳар яки шуморо мешиносам. Ҷавонмардӣ нишон диҳеду ба мо ҳамдастӣ кунед, ҳама чиз азони шумо мешавад. Мо бояд пеши роҳзанҳоро бигирем, аз ин тараф, аз он тараф боқимондаи дастаҳои амир сар мебардоранд, онҳо душманони аскарони шуравию коммунистҳо ҳастанд.

– Дасти ростат мирохур Ансорбӣ аст? – яке бехаёл арз кард Ҳасан. – Нашавад, ки аз зери бӯрёи ту ҳам нештар халонад?!

Ҳама хандиданд. Ансор бештар дар худ печид, болотар аз риши паҳни сиёҳ ду гунааш мисли себи сурх шукуфта рафт. Бӯрӣ гуфт:

– Мефаҳмам чӣ гуфтан мехоҳӣ, аммо бидонед, ки Ансори мо чанд бор аз имтиҳон гузашт. Ӯ садоқати худро ба давлату ҳизбамон нишон дод. Маҳз ба шарофати ҷосусии вай мо ду дастаи мусаллаҳи бекро дар роҳи Кармина торумор кардем. Оре, Ансори мо коммунист аст, ҷони худро барои ҳукумати камбағалон бахшидааст!

Дар миёни одамон як дам сарусадо баланд шуд, бисёриҳо бо шумханду пичинг гапҳоеро ба якдигар маъқул мекарданд. Таърифи фармондеҳ ба онҳо аҷибу ғариб менамуд. Ансор бошад, бо зӯр худро ба даст гирифта, сар бардошт ва ғайри иродаю баръакси ниятҳои қаъри дилаш ба ҷамъ рӯ оварда арз кард:

– Одам чӣ рӯзҳоро аз сар намегузаронад! Ин зиндагӣ аст, ки инсонҳоро тарбият мекунад, ба роҳи дуруст сафарбар менамояд. Мо низ ба ин хулоса омадем, ки дар ниҳоят барпо кардани давлати шуравӣ амри зарурист. Бору ватани дуюми ман аст, ба ҳар як одами ин ҷо эҳтиром мегузорам. Аз ин рӯ, омодаам узви сарсупурдаи фирқа ва хидматкори содиқи сарварони шуҷоамон раис Аркадий Сергеевичу Бӯрии фармондеҳ бошам...

Дубора ғулғулае омехта бо заҳрхандҳо аз ҷамъ баланд шуд. Ин эҳсосоти мардони Боруро пай набурда, раис Аркадий сухани охирро гуфт:

– Мо коммунаи Боруро бо қарори райком таъсис додаем. Он ғайр аз Бору деҳаҳои хурд-хурди атрофашро то доманакӯҳҳои Зиҳвор фаро мегирад. Котибият ҳаст, шуъбаи ташкилӣ ба кор сар кард, бахши таблиғу ташвиқро низ фаъол мекунем, ҳама кор дар пеш аст! Акнун шумо ба хонаҳои худ баргардед, мунтазири даъвати мо бошед...

Вақт ба шом наздик мерасид, охирин сурхиҳои хунолуди шафақ дар паси кӯҳҳои пасту баланди пушти қабристон нопадид мешуданд. Аз миёни мардони деҳа Бобroom ба ҳамраҳони худ ишораи рафтан кард ва худ низ ба роҳ даромада, дуруст ба чашмони раис Аркадий нигариста гуфт:

– Ту аз рафоқат сухан кардӣ, бидон, ки мо – аҳли Бору ба лафзу қавли мард бовар мекунем. Агар ҳавоямонро дошта бошед, мо низ аз як гиребон сар мебарорем ва ҳар як хоҳиши шуморо анҷом медиҳем. Коре накунед, ки халқ дилмонда шавад. Ба амони Худо!

## 3. ПЕШОМАДҲОИ САХТ

### Талоши беҳуда

Дар доманаю қуллаҳои кӯҳӣ сукунати ҳавломезе ҳукмрон аст. Бо ин ҳол боди сарди поизӣ оромӣ надорад, шуввоси он мураттаб аз пушти гӯш зада меистад. Офтоб аз самти чап гунбади обиранги фалакро шикофта ба мисли лаълии заррин ба дида метобад. Беист шуъла мезанад, нуру шарораи он ҳарчанд он қадар корой нест, ба вароқасангҳои сурбгунаи сар-сари кӯҳҳо ва

харсангҳои хорою таскои атроф бархӯрда ҷило медиҳад, то ҳадде ки чашмҳоро мебарад.

Шуҳрат тамоми роҳ ҳамсафарони худ – устодаш Некрӯз ва Дороби тунукачиро, ки як моҳ боз онҳоро ҳамроҳӣ мекард, дар пушт гузошта, аз манзараҳои кӯҳӣ беохир нашъа бурда, то хеле ҷо давида мерафт. Роҳи харгузари кӯҳӣ онҳоро гоҳе ба боло, гоҳе сар-сари қирраҳои доманакӯҳ ва гоҳе низ ба нишеб мебурд. Шуҳрат хурсанд буд – аз як сӯ осмони бекарони ҷо-ҷо дарбеҳшуда бо пораҳои абрӣ, ки дар канораш чашми Хуршед чашмаи рӯшноӣ мезойид, ва аз ҷониби дигар, дар рӯ ба рӯяш ҷилои Офтоб бар сари сангу харсангу буттаю дарахтони урён афтида дилашро ба фараҳ меовард. Пас аз як моҳи мусофирати пурдавутоз ва камхобиҳо рӯ овардан ба зодгоҳ хеле масарратбахш буд, гӯиё ба мисли мурғи озод дар фазои бозу озод бол мезад. Аҳёнан ба пушт нигоҳ меафканд, ҳамраҳонашро, ки ҳар яке ба сози гӯшдарози худ шитоб накарда қадам мениҳод, бо майли хотир дида, ҳавои осуда ба саҳни дил меафзуд.

Бо ин роҳгардӣ то сари Ағба расиданду Шуҳрати пешгом ногаҳон дар канори мӯлаи дидбонӣ шах шуд. Беихтиёр даст ба рӯйи мӯла, ки баландиаш ҳамқадди ӯ буд, гузошт ва беохир дида ба поёни доманаи Ағба дӯхт. Дар канори чашмаи Сафо як идда марди силоҳдор гаштугузор мекарданд, дуртар аз онҳо чандто асп низ дар назди дарахтҳои бодом ба назар мерасиданд. Бо ин ки то сари чашма ду-се чақрим роҳ буд, ӯ одамони ношиносро шинохт. Оре, онҳо одамҳои худӣ набуданд, ҷомаҳои дароз, саллаҳои лӯлаи калон, туфангҳои милабаланд аслу табаияташонро ошкор месохт. Шуҳрат пас аз наззораи дурудароз яке ба худ омад, ба қафо нигоҳ кард. Дороб аз пеш, устодаш аз пушт харҳоро дар миёна гирифта, по чида ба сари қулла мебаромаданд. Филфавр ба сӯйи онҳо давид. Бо ҳавлу ҳарос аз дидаҳояш хабар дод:

– Устод, беҳуда хавотир нагирифта будаед, як даста одамони бек дар сари чашма чодар задаанд.

– Об-бо... Як ҳамин намерасид...

Лаҳзае хомӯшӣ ба миён омад. Дороб малулу парешон ба рӯйи санге нишастани сарварро дида бетоқатона суол кард:

– Акнун чӣ кор мекунем? Роҳи дигар нест чапғалат занем?

Некрӯз аз ҷо хест. Аз бағали харҳои бор ба пеш гузашта ба назди мӯла омад. Ҳар ду шогирд низ аз қафояш афтиданд. Ӯ одамҳои ношиносро бо чашми худ дида ба дурустии хабари Шуҳрат бовар кард, аз таҳи дил аввал амиқ уҳ кашиду зери лаб дандон хоида гуфт: «Лаънатиҳо!» Сипас ба пас гашт, ба Шуҳрат наздик шуда бо оҳанги ҷиддӣ ба сухан даромад:

– Барои хару хингиламон роҳи дигар нест, вале барои одами куҳгард ҳаст! – ӯ миёнбанди худро, ки ҳама пулу сиккаҳои савдояшонро дар он печонида нигаҳ медошт, аз миён кушоду қулоч кашида бо эҳтиёт аз зери яктаҳ ба камари шогирдаш баст ва даст ба дӯшаш гузошта гуфт: – Ҳар чӣ кор кардем дар ин миёнбанд аст, додаронам, шумо ҳар ду аз самти рост қуллаи харсангира давр зада ба дараи Дуруди деҳаамон мефуроед. Роҳа, гарчи бероҳа аст, миёнбур мекунед, он тараф то Бору як қадам.

– Мо меравем, шумо чӣ устод? Охир, то кай дар ин ҷо мемонед?

– Дигар илоҷе надорем, харҳоямона бо ин борубуна ба куҷо ҳам мебурдем? – Некрӯз аз дасти ҳар ду дошта бо таъкид афзуд: – Ҳар лаҳза ғанимат, зуд бошед! Ба маҳзи ин ки ба деҳа расидед, Суҳроба хабар кунед, ягон даҳ нафар шуда ба суроғи ман оянд.

– Ман намеравам! – якравӣ кард Дороб. – Шумора танҳо намегузорем, вале Шуҳратҷон бояд шитоб кунад.

– Писар, ту ин бекзодаҳора намедонӣ, аз роҳзан камтар нестанд! Чандин бор савдогарона хонасалот кардаанд, азиятҳо додаанд, ҳатто аз дами теғу туфанг гузарондаанд. Як муддат аз пушти ман ҳам афтида буданд, поида мегаштанд, лекин ба муродашон нарасиданд. Аз тақдир ҷойи гурез нест барин...

– Устод, Дороб рост мегӯяд, бо шумо бимонад, – ба сухан ҳамроҳ шуд Шуҳрат, – ҳам бароятон қувват мешавад, ҳам дар саришта кардани харҳо ёрӣ медиҳад, – ва ду даст ба рӯйи миёнбанди камараш гузошту бо итминон гуфт: – Аз ман нигарон набошед, амоната ба Қозибобо месупораму бо бародарон зуд бармегардам!

Дигар ҳоҷати кашокаш набуд, Некрӯз ин бор натавонист ба азми қатъии шогирдонаш зид барояд. Бағал кушода бо Шуҳрат худоҳофизӣ карданд ва то даме, ки бари доману тоқии нақшдори вай дар пушти дарахту харсангҳо нопадид шуд, аз пасаш нигарон монданд. Шуҳрат ба сари қуллаи кӯҳ расида назаре кӯтоҳ ба манзараҳои пешорӯяш афканд: аз як сӯ пайроҳаи асосии рафтуомад дар бари доманакӯҳи Ағба каҷу килеб то чашмаи Сафо рафта мерасид ва аз зери Ағба то кунҷи дараи Дуруд низ ҳамон қадар роҳ ба назар менамуд; дар самти рост бошад, ҳеч роҳе дида намешуд, вале фосилаи байни Ағба ва Дуруд як қадам буд. Ҳама бастагӣ дошт ба ҳамин як қадам – мебоист сангу шахзори васат ва олами дарахту буттазорро миёнбур карда гузарад. Шуҳрат гоми устувор ба бероҳа бардошт.

Некрӯз дубора ба рӯйи санге нишаст. Андешаманд диққати Доробро, ки лингаҳои хари дар пеш бударо ба тартиб меовард, ҷалб намуда гуфт:

– Ин бехонумонҳо новақт пеши роҳамона гирифтанд, агар аз дараи Ағба мегузаштем, он тараф гузари худамон буд, медонанд дар куҷо биистанд, нокасон!

Дороб ба ӯ нигоҳ кард, аз ноҳинҷории устодаш дилғаш шуда пурсид:

– То омадани одамонамон дар ҳамин ҷо мемонем?

– Ин бекзодаҳо ду чашм ба роҳи ману ту барин савдогаронанд. Ризқашон, ки аз дасти сурхҳо дар деҳот канда шуд, ба роҳзанӣ гузаштаанд. Шабу рӯз дар кӯҳу кӯнок мегарданд, – ин дам як гӯшаи чашми Некрӯз ба харҳо уфтод, тез-тез по иваз кардани ҳарду гӯшдарозро дида афзуд: – писар, мо дар ҳамин ҷо мемонем! Дар зери бор намонанд, харҳоро сабук мекунем. Бубинем, дунё ба куҷо меравад.

Дороб хурсанд шуд, ба маҳзи шунидани дастури устод ҷомаашро аз тан кашида ба рӯйи санге дар канор гузошт ва ба назди бор баргашт. Ҳанӯз ресмони сарбориро боз накарда буд, ки ногаҳон аз қафо садои баланди «тор-р,

торр-р»-гӯйӣ шунида шуд ва ҳар ду як он ба тарафи мӯла рӯ гардонданд. Аввал як аспакӣ ва аз паси ӯ савораи дигари туфангдор сару дӯш нишон доданд. Чун аз поён ба фароз баромада буданд, аспҳои ҳар ду ҳиққасзанон сари по меистоданд, аз даҳону биниашон об мерафт. Савораи пеш як сари мӯ ба хастагии аспаш таваҷҷуҳ накарда, тозиёнаи муҳкам ба кафали ҷонвар фуровард. Асп шиҳаи дардомезе кашида, лӯккасзанон ба тарафи Некрӯзино давид. Дороб маркабҳоро ба ҳоли худ гузошта, бо ҳарос ба пушти устодаш гузашт. Савора тамасхуромез садо баланд кард:

– Оҳо-о, дар ҳамин ҷо будаию ним рӯз боз мо маътали ту нишастаем!

Сарулибоси аспакӣ дар чанд ҷо порагӣ дошт, остинҳояшро бар зада буд, саллаи сапеди сараш аз ғояти чирку гард ало-ало хокистарӣ ба назар мерасид, аз миёни риши ғулу ва абрувони дурушт фақат сари ду рухаш дида мешуд, чашмони ӯ аз ғояти ҳаяҷону шигифт гӯё ялтос мезаданд. Некрӯз аз ин иддаои ӯ тааҷҷуб накарда бо заҳрханд гуфт:

– Ман додараки додот будам ки ба роҳам маътал мешавӣ? Чаро гарду хоки кӯҳро ба сар мебардорӣ?!

– Гапро бисёр накун, Нек туӣ?

– Чӣ, маро хоб дидед? Аз мо чӣ мехоҳед?

– Бо ту амирамон кор дорад! – пӯписа кард аспакӣ ва ба ҳамроҳи худ рӯ оварда бо овози баланд гуфт: – Тӯлқин, худашон ҳастанд, ду хар бор доранд!

Некрӯз дубора хандаи талх кард, шунаво ба Дороб гуфт:

– Амирашон кор доштааст... Худо медонад, чӣ нокасеро барои худ амир сохта бошанд...

Аспакӣ дод зад:

– Ғур-ғур накун, роҳ гард, ба пеш даро!

Дар як он рафиқи ӯ расида омад. Ба харҳо наздик шуда пушти ҳам ҳар дуро зери тозиёна гирифт. Гӯшдарозҳои муғамбир ҳамин зарбаҳоро мунтазир буданд магар, бо ҳавли ҷон лӯккас зада ба роҳ даромаданд. Аз қафои Некрӯзу Дороб аспакии аввал ба роҳ уфтод.

«Кор расво шуд, ҳама орзуҳо барбод рафт, – роҳравон дар худ меандешид Некрӯз, – аз дасти ин лаънатиҳо ҳар кор меояд... Кош, ҳар чӣ ҳаст мегирифтанду худамро раҳо мекарданд». Некрӯз сар бардошт, аз паси савораи аввал харҳояш бедасту по шитоб доштанд. Гӯиё ба ҷони ҳар ду ҷон афзуда буд, пайроҳаро танг нагуфта, сангу хор ва буттаҳои канори роҳро нодида гирифта бо шаст қадам мезаданд. Аз қафои онҳо Дороб сарафканда по мeёзонд, аҳёнан сар гардонда ба ӯ нигоҳ мекард, маълулию маъюсиаш аз чеҳрааш равшан ҳувайдо буд. «Омад ба сарам, аз он чи метарсидам, – дубора ба хаёл рафт, – агар сафарамон тул намекашид, шояд ба ин рӯз гирифтор намешудем. Кошки, ба бозори Устувор намонда бармегаштем...» Ҳар қадар масофа то чашмаи Сафо камтар мешуд, ҳавлу изтироби Некрӯз бештар, гӯё ҳама сангу шахи кӯҳсор ба дӯшаш фурӯ мерехтанд, нафасаш мегирифт...

Як моҳ пеш доманакӯҳу дараи Ағба ором осуда буд. Як рама гӯсфанду бузро бе талафот, бо шавқу шӯр пеш андохта аз ин ҷо гузаронида буданд. Акнун бошад, атрофи чашма ба нишемангоҳ ва гирду бараш ба маскани

роҳзанҳо табдил ёфтааст, мисли одамҳои як умр муқим хайма дуруст карда, роҳат пой дароз кардаанд. Некрӯз ба шигифт омад, аз он ки то ҳанӯз дасти сарбозони шуравӣ то ин ҷо нарасидааст, сахт ҳайрон шуд. Ҳанӯз ба назди чашмаи Сафо наомада марди фарбеҳи серрише, ки поҳояшро дароз карда, доманҳои қабои ғафси мишкирангашро кушода, бо савлат ба рӯйи кӯрпачаи махмалине устухони сергӯштеро хойида менишаст, бо истеҳзо ба ҳама шунавонда гуфт:

– Мо мунтазири як шутур бор будем, ин ки фақат бо ду хари иллатӣ меояд? Чӣ хабар, Мӯсо?

«Амирашон ҳамин аст, – аз дил гузаронд Некрӯз, дар ҳоле ки аз гӯштхӯрии ӯ дилаш беҳузур шуд, – иштиҳо карнай барин».

– Бораш кам намояд ҳам, пулаш бисёр аст ина, амирам! – дар посух изҳор кард марди болобаланди бинипучуқ, ки сарвараш ӯро Мӯсо ном бурд. – Иҷозат диҳед бигардем, ҳатман халтаи танга дорад!

«Амир» устухони дасташро ду-се бор макида, қулоч кашида ба канор партофт ва ангушти ишоратро ба аломати рад ҷунбониду ба Некрӯз рӯ овард:

– Сиккаҳота бо дасти худ мебарорӣ ё бигарданд? – бо мазоҳ сухан кард, чашмонашро мисли гург ало намуда.

– Ту чӣ ҳақ дорӣ кофтуков кунӣ? – раги якравиаш бедор шуд Некрӯзро. – Агар аз ин корат пушаймон шудан нахоҳӣ, ба хубӣ раҳо кун, пеши роҳама нагир.

«Амир» оташ гирифт, ангуштони чарбаш дар зери остин нопадид шуданд. Бо хашм гуфт:

– Нек, нафасата каш! Ин ҷо хонаи қозӣ нест, ки ту шарт гузорӣ.

– Ман писари қозӣ ҳастам...

– Медонам, медонам, Нек! – афзуд «амир» сари ғазабашро нашикаста. – Шумо – қозию қозизодаҳо ба амиралмуъминин хиёнат кардед, ба булшевойҳо ҳамроҳ шудед, ҳамаатон кӯрнамак баромадед!

Некрӯз паст наомад:

– Амиралмуъмининат аз таҳ пусида буд, ба дарди касе дармон намешуд. Мо ҳам ба касе мутеъ нашудаем, танҳо зиндагӣ месозем. На тую амират ва на булшевойҳо ғами мора мехуред. Ҳама яксар ушру андозгир ҳастед, ризқи одамони заҳматкаша аз даҳонашон канда мегиред...

«Амир» мушти гиреҳашро ба санг зада фиғон бардошт:

– Ман гуфтам, нафасата каш! Ҳар чӣ дорӣ ба ман супору ба роҳат рав! – Ӯ ба гумоштаҳояш ишораи талаи бор намуд ва бо таҳдид суханашро идома дод: – Дар ин ҷо ман амир ҳастам ва танҳо ман ҳукм мебарорам!

Некрӯз як лаҳза хомӯш истод. Ҳамин дам як насиҳати падараш дар авҷи хаёл ҷӯш зад: «Ҳеч гоҳ ба гург пушт накунед, – гуфта буд ӯ, – ба пас гардед гург ба шӯр меояд ва дар вай иштиёқи ҳамла ҷӯш мезанад. Аслан ба замин ҳам зону назанед, ин тарсуӣ гурга ба юриш ташвиқ мекунад». Бо истиҳола, аз чашмони рақиб дида наканда, ором ба сухан омад:

– Ҳукми ту ба ин кафторҳоят мегузарад, – бо ангушт ба салладорҳои ҳарис, ки аллакай маҳмулаи харҳоро боз карда ба тороҷ мебурданд, ишора

кард, – ман ҳам такрор мекунам, ин роҳзаниат гарон тамом мешавад, лекин пушаймонии дер суде надорад!

«Амир» ҷаҳида аз ҷо хест. Беихтиёр қамчинашро ба каф гирифта ба Некрӯз наздик шуд ва амр дод:

– Ҳамёнат дар куҷост, барор!

– Ман як сикка ҳам надорам.

– Барор!

– Гуфтам, ҳеч чиз надорам!

«Амир» кашидаю кушода ба гардани Некрӯз тозиёна фуровард. Бори дуюм, сеюм зарбаҳояш такрор шуд. Дар ин асно Дороб фиғон бардошту худро ба пеши пойи «амир» андохт. Аз хушкии поҳои ӯ оғӯш кашида бо лоба ба сухан омад:

– Устодамро назанед, илтимос...

«Амир» бо асабоният пойи росташро каме ба қафо кашида бо нӯки мӯза лагади муҳкам ба паҳлуи ҷавон зад. Дороб бо зарб ғелида ба канор уфтоду ногоҳ сараш ба санге бархӯрд. Чун аз зери гӯшпонааш ба рӯйи санги чахмоқ хун шорида фуромад, хун ба сари Некрӯз зад. Худро дошта натавониста барошуфт ва дар ниҳояти ғазаб аз гиребони таҷовузкор гирифт. Дар як мижа задан панҷааш ба монанди чанголи уқоб гулуи ҳарифро фишурд. Вале ҳариф аз по науфтода, садои тир баланд шуд ва Некрӯз оҳи сӯзон аз сина бароварду susту беҷон лағжида, дар пеши пойи душман аз по уфтод.

Овози тир гӯё ки дар тамоми кӯҳсор акси садо дод, дар доманакӯҳҳои дара хайли кабку гунҷишкҳо бо нороҳатӣ пирросзанон ба парвоз даромаданд. Аз садои нобаҳангом гӯшдарозҳои беғам низ гӯшҳои худро сих карданд, аммо «кафтор»-ҳои дупо бо як овоз қаҳ-қаҳзанон дами хушҳолӣ заданд. «Амир» бари доман ва дастҳояшро афшонда ба навкарони шодмонаш амр дод:

– Бигардед, ҳар чӣ ҳаст, бардоред! Ин махлуқа аз назарам дур кун, Мусо!

***

Субҳи содиқ перомуни чашмаи Сафо шир меполид. Баробари гузаштан аз теппаи баланди пешгаҳи Дуруд пайроҳаи одаму харгузар то наздикиҳои чашма чун ресмони ало морпеч тӯл мекашид. Дар ҳама ҷо дарахту буттаҳо ҳанӯз бо сояи баланд ва аз самти чап ҷари тӯлонӣ номаънусу тирафом ба чашм мехӯрд. Дар кул, дара хомӯшу сокит буд, вале ҳар замон уллосу зузаи кӯтоҳи гургу шағол ва рӯбоҳҳои дайду ба гӯш мерасид ва аҳёнан ба он садои мурғони кӯҳӣ ҳамовоз мешуд.

Дар ин гургу меши саҳарӣ дастаи Суҳроб қуллаи Дурудро паси сар карда, бо суръат аз пайроҳаи доманакӯҳ ба самти Аґба сарнишеб шуд. Онҳоро панҷ нафар сарбози тозаомадаи шуравӣ ҳамроҳӣ мекарданд, ки дар байни онҳо савдогари собиқ Орзукӯса низ ба унвони роҳбалад буд. Маҳз ҳамин сарбозони туфангдор ба Суҳроб бештар неру мебахшиданд. Ӯ баробари шунидани хабар аз Шуҳрат, бо дӯсташ Ҳасан таваккул ба назди раҳбари коммунистҳо Аркадий Сергеевич рафт, зеро медонист бо бекзодаҳои мусаллаҳ муҷодила кардан кори

осон нест. Баробари шунидани хоҳиши Суҳроб раис ризоят дод, ҳатто бо таъкид арз намуда буд: «Мо дунболи ҳамон гурӯҳи босмачиҳо мегардем! Исмат-амир ба ҷон зад, се сол боз роҳзанӣ мекунад, ҳеч не, ки ӯро асир бигирем!»

– Ваҳ, ин чӣ бало буд! – ногаҳон садои ваҳмолуди Ҳасан хаёлангезиҳои Суҳробро пароканд. Як гӯшаи чашм думи пурпушти рӯбоҳи зардгунаеро дид, ки давида, роҳашонро бурида ба буттазори самти рост даромада рафт.

– Рӯбоҳ.

– Фуки тезашро бубин, бар замми лоғарӣ поҳои баланди борик доштааст.

Суҳроб таҳайюҷи баданашро базӯр дар худ хӯрд, бо нороҳатӣ гуфт:

– Наҳсиаш ба худаш занад... Кош амаки Некрӯзро саломат меёфтем.

Ҳасан ҳайрон шуд, бо нигоҳи суоломез пурсид:

– Яъне чӣ, ба амак чӣ рабте дорад?

– Нашунидаӣ, «гурги пагоҳ – рӯбоҳи бегоҳ» гуфтаанд гузаштаҳо? Дар саҳарӣ дидани рӯбоҳ хосият надорад.

Беихтиёр Ҳасан даҳонашро паҳн карда хандид. Даст афшонда, шодбаҳр гуфт:

– Ба ақлам намеғунҷад, ки Суҳроб ба ин боварҳо мегаравад!

– Гаравидан, ки нест, аммо як навъ эътиқод дар ҳушу ёд мондааст...

Ҳарчанд саворахо лаҷомҳои дасти худро албонҷ дода, по дар узангу ба паҳлуи аспҳо мезаданд, ҷонварон наметавонистанд бо тезӣ роҳ гарданд. Пайроҳаи каҷу килеб ва яксара нишебии ҷода мамониат эҷод мекард. Гоҳ-гоҳ пойи ҷонварон мелағжид, барои дубора гирифтани мувозанат ҷон канда иҳҳас мезаданд. Аҳёнан шохаҳои нӯктезу хордори дарахтҳои ду бари роҳ ба сару гардан ва то кафали онҳо мехалид, мехарошид, вале дар зери тааддии соҳибони худ ба пеш по мeёзониданд, дигар чорае ҳам надоштанд.

– Ба фароз баромадан осонтар буд, то ин нишеб, – азобкашии аспонро равшан мушоҳида карда ба сухан омад Ҳасан, – баробари инҳо гӯё ҷонат ба ҳалқ меояд. Ин роҳ ҳам кӯтоҳ нашуд, ки аз бардорузан роҳат шавем!

Суҳроб гуфт:

– То поёни дара ҳамин аҳвол аст, тоқат кун! Ҷуссаатро ба пушт кашида ист, нигоҳ кун тоторҳои қафоро, бехаёланд, саворкориашон аз ману ту беҳтар.

– Рост мегӯйӣ... Шунида будам, инҳо аз хурдсолӣ бо асп калон мешаванд. Мо бошем, дар ин кӯҳу кӯтал аслан бо асп нагаштаем, бо хар, ҳатто пиёда рафтанро афзал медонем.

– Маҷбурем дигар, бояд ҳарчи зуд ба мақсад расем, – Суҳроб баргашту ангушт ба сӯйи дӯсташ дароз карда афзуд: – Моро ҳам кам нагир! Омодаам бо ҳар кадомаш сабқат кунам, гарчи аз очааш «асптоз» зода шудааст!

– Кош, мисли ту ҷавонҳои бисёр медоштем, – ба эроди Суҳроб ҳамовоз шуда гуфт Ҳасан, – он вақт ба аҳадунносе тан намедодем! Чӣ чора, зиндагӣ дастурҳои худро мефармояд, бояд иҷро кунем.

Дастаи Суҳроб ниҳоят ба поёни дара расид. Баробари ба паҳно фуромадан, ҳама бо ҳам аспҳои худро ба ҷониби чашмаи Сафо маҳмез занонданд. Ҳамин ки ба назди хамгашти Сирако, ки дар пушти он чашма воқеъ

буд, расиданд, Суҳроб истод. Бо ишораи ӯ саворкорон пасу пеш гирди ҳам омаданд.

– Ба ҳар пешомад бояд омода бошем, – омирона ба сухан даромад Суҳроб, – ҳар кас ба ҳамла омода шавад! Ҳасан, Лесбек, ба ҷосусӣ меравед. Ҳар чӣ дидед, зуд ба мо хабар диҳед. Агар ин ҷо бошанд, ба эҳтимоли зиёд нигаҳбон мегузоранд. Бесадо, пайгирона амал кунед.

– Ба чашм! – ҷавоб дод Ҳасан ва ҷаҳида аз асп пиёда шуд. Аз паси ӯ Лесбек низ аз аспаш ба замин фуромада, бо шитоб ба назди Ҳасан омад. Ҳар ду туфангҳои худро аз дӯш ба даст гирифта, аз миёни ниҳолҳои каҷҷаку дарахтҳои шибдору бодом ба сӯйи теппаи хамгаштӣ сарболо шуданд.

Суҳроб бо умед аз дил мегузаронд: «Эҳ, кошки амаки Некрӯз наомада бошад. Ба гуфтаи Шуҳрат, роҳзанҳо дар назди чашма хайма задаанд. Пас, онҳо ҳанӯз инҷоянд, ба ин зудӣ қароргоҳи худа тарк намекунанд...» Дар паҳнои миёни ду дара боди фораме вазида меистод. Шояд ин шамоли сарди рӯди сероби Ағба буд, ки каме дуртар ба тарафи офтобшинам ҷорӣ мешуд. Саргаҳи он аз чашмаи Сафо ибтидо ёфта, хамгашти Сиракоро давр зада, дар роҳи худ ба сангу харсангҳои обшустаи қайроқӣ бархӯрда, давр зада мегузашт. «Ин гуна рӯди сероб дар Бору нест, – як лаҳза аз садои фараҳбахши шар-шари об рӯ ба руъёҳои хуш дода дар дил гуфт Суҳроб, – яйлоқҳои болоикӯҳӣ аз он обшоранд. Кош неруе медоштаму кӯҳи кӯндаланги Дурудро сӯрох карда ин рӯдро ба тарафи зодгоҳам мекашидам, аҷаб коре мешуд!»

Дар сурате ки Суҳробу ҳамраҳонаш аз боди диловези саҳарӣ то мағзи ҷон нафас кашида, вале каме ноором аз лигоми аспҳои худ дошта, гӯшу ҳуш ба самти хамгашти Сирако пасу пеш қадам зада меистоданд, ногаҳон аз қафои варақсангҳои қирратез сару сурати Ҳасан намоён шуд. Ӯ баробари наздик омадан бо изтироб садо баланд кард:

– Суҳроб, касе нест дар назди чашма! Зуд биёед, танҳо харҳои амакро дидем!

Филфавр ҳама савори асп шуданд ва аз бероҳаҳо ба тарафи теппаи Сирако қулоч заданд. Суҳроб ва Харин раҳорах аспҳои дӯстони худро аз лигомашон кашида ба роҳ даромаданд. Дар воқеъ, дар гирду бари чашмаи Сафо касе наменамуд, дар доманакӯҳҳои атрофаш низ аз зоти инсон хабаре набуд. Танҳо поёнтар аз домгаҳҳои мудаввари сангӣ ду гӯшдарози хокиранги Некрӯз холию лухт, бепарво алаф хӯрда мечариданд.

Саворахо то таҳи тути сершоху навда, ки танаи ғафси он аз чандин қарн умр доштанаш гувоҳӣ медод, омада, аз аспҳо фуромаданд. Ду-сето учоқи нимдоираи пур аз хокистар, чӯбу кундаҳои нимсӯхта, пӯсту пӯчоқҳои чормағзу бодом, тиккапораҳои латтаю шикастаҳои сафол ва хеле поҳӯрдаю хокбодӣ шудани арзакҳои атрофи дарахт аз чанд муддат будубош доштани одамон гувоҳӣ медод. Даста ҳанӯз ба хулосае наомада, ногаҳон аз тарафи чашма садои Кунар баланд шуд, ки пешопеш аз роҳ расида ба он самт рафта буд.

– Бачаҳо, биёед ба ин ҷо, зуд бошед! Ҳой!! – овози чирросиаш дар тамоми дара танин андохт, ҳатто як села миною сор чуғурросзанон аз миёни

буттазор парида рафтанд. Ба онҳо ҳамроҳ шуда аз миёни сангу харсангҳои дара садои қакра-қақари кабкҳо низ баланд шуд. Ду хари холабеғам гӯшҳои худро сих карда ба он сӯй гардан тофтанд, вале боз бепарво ба кавшакунии решаи гиёҳон давом доданд.

Ҷавонон бе истиҳола ба сӯйи чашма раҳсипор шуданд. Бо ин воҳимаи ногаҳонӣ аз ҳама бештар Суҳроб хавотир кашида, бо тамоми неру то назди Кунар давида омад. Поёнтар аз чашмаи Сафо, дар канори ҷӯйи об, ки охири нишеб буд, Дороб сархам пушташро гардонида менишаст. Дар назди ӯ ҷуссаи беҳаракати Некрӯз мехобид. Як гӯшаи миёнбанди гулобранги рӯйи ӯ аз боди мавҷҳои об боло-поён шуда меистод. Дороб худаш ҳам сарашро бо як латтаи сапед баста буд, дар маҳалли гӯшпонааш доғи калони хун ба чашм мехӯрд. Суҳроб баробари дидани ин манзара беихтиёр кафи даст ба пешонӣ зад. Ба ду ҷониб сар ҷунбонда, бо овози гирифта изҳор намуд:

– Дер кардем, талошамон беҳуда рафт. Афсӯс... хеле дер мондаем...

Аз бағали Дороб дошта аз ҷо хезониданд ва ба канор бурданд. Сараш чарх мезад, хаёлаш дар худаш набуд. Ҳасан ёрӣ дода ӯро то лаби чашма овард. Дасту рӯяшро шуст, бо кафи даст ба ӯ об дод. Дороб бемадор ба рӯйи санге нишаст, ноумед ба тарафи Некрӯз чашм дӯхт. Дубора буғз гулуяшро гирифт, дар умқи чашмонаш ашк ҳалқа зад. Суҳроб дар канори ҷасади Некрӯз сари дузону нишаст ва ду даст ба пеш кушода дуо хонд. Ҳамраҳони тотораш кулоҳҳои худро аз сар гирифтанд. Пас аз қироати дуо ҳама даст ба рӯ кашиданд, Суҳроб аз ҷо хеста ба Лесбек рӯ овард ва бо садои хира базӯр лаб ба сухан кушод:

– Мо амакро ба қишлоқ мебарем, шумо чӣ кор мекунед?

– Рафиқон таҳқиқ карданд, босмачиҳо ба кӯҳ рафтаанд, – ангушт ба пайроҳаи барозе, ки ҳамхатти рӯд ба самти яйлоқи пушти дара мерафт, нишон дода гуфт Лесбек, – мо ба он сӯ меравем, Орзукӯса роҳ нишон медиҳад. Ин дафъа ба амирии Исмат бояд хотима диҳем. Ё аз сари худ ҷудо мешавем, ё сари амири босмачиҳоро ҷудо мекунем, роҳи севум нест!

Суҳроб сар ба поён ҷунбонда гуфтаҳои ҳамсафарро тасдиқ кард ва як он ба ҳама рӯ оварда дастур дод:

– Зуд бошед, харҳоро тӯқуму полон занед! Харин, Кунар, биёед ба ман ёрӣ расонед, амакро ба зери тут мебарем! Ҳасан, бо Дороб омода шавед, аскарон аз пайи роҳзанҳо, мо ба деҳа бармегардем. Биҷунбед, ҳадди аксар то вақти аср бояд ба Бору расем, ба ташйиъи ҷаноза дер нашавад!

## Хатми Каломуллоҳ

Одам чӣ қадр метавонад яъсу ғамро таҳаммул кунад? Ба андозае, ки дар чоҳе биуфтаду дар зулмати он бимонад? То ҷое, ки вусъати тирагии шаб ба ӯ имкони роҳ гаштан надиҳад? Ё дар ҳадде, ки пеши хуршедро домани сиёҳи абрҳои сиёҳдил бигиранду нуру рӯшноӣ аз миён биравад? Ин чӣ кулфатест, ки ба сари бандаи фақир бор мешавад? Ин чӣ ранҷу азобест, ки бандаҳои нотавони худро Офаридгор меозмояд?

Дард, озор, дуриву ҷудоӣ, баркандани дидору гусастани риштаҳои ишқу армон! Ин чӣ амрест бар сари одам, чӣ зарбаест аз санги сарнавишт?! Нолаҳои ҷонгудоз... Оби дидаҳои равон чун рӯди саркашу пуртуғёни кӯҳӣ... Ба сари дил мушт задану кандани мӯю харошидани чеҳраҳои берангу нур...

Офтоб нест, осмони Бору саросар бо чодари сиёҳу пуштидегии абрҳои нажанд[167] пӯшида шудааст. Бору он манзили борондӯсте нест, ки мунтазири ёри неъматзои худ бошад, балки тамоми гӯшаю канораш зарду хокиранг менамояд, гӯё бечора, таку танҳо дар зери гунбади фалак мондааст. Дасташ кӯтоҳ, тану ҷонаш фасурда, дили одамонаш сиёҳу гирифта...

Ин намои дилозори зодбум Суҳроби сангиндилу бовиқорро пакару малул кард. Ӯ Ҳасанро пештар фиристода буд, ки бачаҳои Қозибоборо огоҳ созад, аҳли деҳаро ба ҷаноза фаро хонад, тадоруки дафни Некрӯзро бубинанд, аммо... Он чӣ диду шунид дар ақл намегунҷид, фарогиртар аз ҳадди таҳаммул, густурдатар аз домани тоқат буд! Вақте ки Ансор дар сари роҳ ба ӯ расиду хабарҳои наҳсро расонид, ҷаҳон дар назараш воруна намуд. Бехудона аз гиребони Ансор гирифт, ӯро сари даст бардошту хост ба ҷарии партовгоҳ парт кунад, аммо бо ҳой-ҳуйи дигарон аз раъяш гашт. Дасти ошуфтагию ситезаш суст, мадори тану тӯшаш пас аз хастагиҳои роҳи пурнишебу бароз бештар коста гардид. «Ин саҳар қозиро бурданд, Шокирусторо ба хок супурдем...» гуфтани Ансор ба мисли дашнае буд, ки сандуқи синаашро сӯрох мекард. Вуҷудаш сӯхт, дилу ҷигараш об шуд, мисли шери дармондае дар тала сарашро ба осмон карду наъраи дардолуд кашид. Дар ин асно ҳеч касе наметавонист ӯро ором кунад, дарди ҷудоияшро аз наздиктарин инсонҳояш осон намояд. Мулло Дурандеш, Мулло Фарҳод, мӯйсафедони деҳа ҳанӯз аз пушта барнагашта буданд. Манзили Қозибобо ба мотамхона табдил ёфта, дуди оҳу фиғони хонагиҳо беохир ба само мепечид. Гиряву шеванҳои ҷонкоҳи занону духтарон дилҳоро реш мекард. Дар миёни баламгӯйии онҳо Ҳасан ба назди Суҳроб омад, дар канораш дузону зад, даст ба дӯшаш гузошта, шунаво ба ӯ бо овози хаста лаб ба сухан кушод:

– Болои мурда сад чӯб, нокомии Некрӯз кам будааст магар, имрӯз субҳи барвақт як гурӯҳ низомиёни огепу омадаанду Қозибоборо ба мисли арбоб асир гирифта бурдаанд. Аз бахти бад, ин хабари наҳс ба гӯши Шокирусто мерасад. Ӯ сахт ба ҳаяҷон омада аз ҳуш меравад ва дигар ба худ намеояд. Одамон ҳама дилгиранд, дӯстам, ҳамин замон аз гӯручӯби усто бармегарданд, худатро ба даст гир...

Аз як сӯ бечорагии аҳли байти Қозибобо, аз ҷониби дигар, азои фарзандони Шокирусто, ки ҳама барояш чун бародарону хоҳарони танӣ азиз буданду арҷманд, Сухробро бениҳоят ба риққат овард, дилаш барояшон сӯхт. Медид, ки имрӯз дар деҳа ҳама чиз ҳамхони ин ғаму ғуссаи одамон аст: табиати коҳиранги урёну бенур, ҳавои тираю гирифта ва осмони кару кӯри нопадид дар мовароӣ ғулғулаҳои даҳшатзои абрҳои сиёҳ, қар-қари гӯшхароши зоғҳои бадмур ва... сари ҳар қадам пеш омадани мирохури бӯқаламун, ки ҳарчанд дар ин ҷо худро хайрхоҳу меҳрабон нишон медод, тинати ӯ барои

[167] **Нажанд نژند** – бераҳм, даҳшатовар

Суҳроб чун дар оина намудор буд. «Ба асорат афтидани Дороамину Қозибобо кори ҳамин даюс аст, – хаёле аз сар гузаронд ӯ, – думи шуравиён шуда қасос мегирад, рӯбоҳи маккор!»

Дар канори Суҳробу Ҳасан Мулло Абдусалом менишаст. Ӯ бениҳоят ором буд, агарчи мағзи чашмҳояш лиқ-лиқи об менамуданд, ба рӯ намеовард. Ғами худро дар дарун хӯрда, наздиктар ба Суҳроб рӯйи харак лағжид. Бо нияти дил додан ба ҳар ду ҷавон ва раҳо кардани онҳо аз хаёлҳои мағшуш, оҳиста-оҳиста ба сухан даромад:

– Дар паҳлуи Носирҷону Савронбобо имрӯз ҳар дуи шумо низ ҳамчун писарони Қозибобо ҳастед. Оре, имрӯз шумо ҳам ҳамдардии меҳмонона қабул мекунед. Қозӣ танҳо як писар дошт ва пешу пас аз ӯ ду духтар. Ба ҷуз қозигӣ ҳар ҳунари худа ба писараш Некрӯз омӯзонд. Вая дар ниҳояти шинохти одаму инсон ба камол расонид, нозукиҳои деҳқонӣ, молдорӣ ва ба хусус, тиҷората ёд дод. Аз кори писар, аз оиладории ӯ дилаш пур буд, аз он ки Некрӯз ҳамчун тоҷири олиҳиммат шуҳрат ёфт, сараш ба осмон расид, дар ҳама ҷо бо ӯ фахр мекард. Аз ин рӯ, ба такрор мегуфт: «Корат бо исмат муносиб бошад, писарам!» Сад афсӯс, ҳар ду ба сарнавишти талх рӯ ба рӯ шуданд. Якера шуравиҳо бурданд, дигараша роҳзанҳои бек ба қатл расонданд, охирин бор ба дидори ҳам мушарраф шудан барояшон насиб нагардид. Рафтагонро Худованди карим биёмурзад, дар миён мо талафоти калон додем, аз меҳину беҳтарин ҳамдеҳагон ҷудо шудем. Шумо бардам истед, додарон, ҷуз таҳаммул чораи дигар надорем...

Дар ҳамин ҷо сухани Мулло Абдусалом бо гиряву фиғони баланди Носирҷону Савронбобо, ки дар дами дарвоза меистоданд, қатъ шуд. Тӯдаи одамон – пиру барнои деҳа аз поёни барози назди ҳавлӣ намудор шуданд. Онҳо аз пушта меомаданд, дар пеши қофила Мулло Дурандеш, Мулло Фарҳод ва мӯйсафедони деҳа буданд. Аз миёни доду фиғони ҳозирин садои аламомези Носирҷон аз ҳама баландтар шунида мешуд. Ғуссаомез дард гуфтани ӯ дилҳоро хун мекард, касро ба гиря кардан водор менамуд: «Некрӯзи ман, ту ҳанӯз ҷавон будӣ, ту неруманд будию тавоно, чаро моро новақт тарк кардӣ?! – ҳасрат мекард ӯ. – Магар ба мусибат гирифтор шудани бародарам кам буд, ки туро низ куштанд, номардон ба ҷонат раҳм накарданд, ҷони ҷавонатро ба хун кашиданд. Э вой, ин чӣ рӯзе буд ба сарамон омад, э вой! Некрӯзи ҷавонмаргам, нагуфтӣ модари муштипар дорам, нагуфтӣ бачаҳои норасида дорам, чаро ҳамаи моро дар ғафлат гузоштӣ?! Чӣ гуноҳе доштӣ, ки ба дилат тир заданд? Худоё, рӯз набинанд он роҳзанҳои палид, дар оташи дӯзах бисӯзанд!..»

Меҳмонони расида бо тартиб саф кашида, паси якдигар ба бандагӣ кардани наздикони майит, ки дар як қатор меистоданд, сар карданд. Онҳо пайи ҳам изҳори ҳамдардӣ намуда дар тарафи муқобил ҷамъ шуданд. Ҳамин ки бо бандагӣ кардан думи одамон канда шуд, Мулло Дурандеш бо садои баланд дуо хонд:

– Ал-лазина изо асобатҳум-мусибатун, қолу инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун!

Ҳама дасти дуо ба рӯ кашиданд. Мулло Абдусалом давида ба назди Мулло Дурандеш омад, бо арзи таъзим изҳор намуд:

– Ҳама чиз омода аст, домулло!

– Вақтамон кам, тез ғусл диҳед! – дар ҳоле ки аз чашмонаш хастагии ӯ равшан мушоҳида мешуд, назорати майитшӯйиро ба худи Мулло Абдусалом вогузошта гуфт Мулло Дурандеш.

Азбаски то оғози салоти ҷаноза ҳанӯз вақт буд, Савронбобо аз қатор берун омада калонсолонро ба тарафи айвон роҳнамоӣ кард. Барои Мулло Дурандешу ришсафедони дигар, ки аз гӯристон то ин ҷо хеле роҳро тай карда буданд, айни муддао шуд, метавонистанд каме ба худ биёянд.

Дар ин васат Суҳроб тоқат накарда ба назди дӯсташ Мулло Фарҳод гузашт. Ҳамдигарро дубора ба оғӯш кашида, бо хӯрию ҳасрат домани гиряро раҳо карданд. Бо овоз дод гуфтани ду марди қоматдору босалобат аҳли ҷамоаро ба риққат овард. Гӯё чашми ҳама ба онҳо буд, ҳамон лаҳза аз сӯйи хонаи занон низ садои доду бедод ба осмон печид. Мулло Абдусалом давида аз хонаи шустушӯ ба берун баромад ва аз остонаи дар ду даст ба осмон бардошта бо ишораи «хомӯш шавед» гуфт:

– Бародарон, азизонам, илтимос нолаву шеванро як дам бас кунед, майитро ба об гирифтаем!

Шабеҳи сарпӯши деге, ки ҳама ҷиз-бизро фурӯ нишонад, яку якбора дар манзили Қозӣ Ҳушанг хомӯшӣ ҳукмрон шуд. Ҳар кӣ фарёд мезад, шӯру аламашро ба дарун хӯрд. Бино ба дастурҳои Мулло Абдусалом майитро ғусл доданд, сипас дар кафан карданд ва ба маҳзи ин ки вайро ба тобут гирифта бароварданд, баногаҳ аз доду фарёди бонувон хонаю дари Қозибобо ба ларза омад. Ба хусус, аз пайи тобут бо сару рӯйи баста, рӯмолчаҳоеро дар даст алвонҷ дода худоҳофизӣ кардани хоҳару наздикони Некрӯз хеле ҷонхарошу дилозоранда буд.

Майитро аз ҳавлӣ ба сари кӯча бароварданд. Фавҷи мардони ҷамъомада пасу пеш дар чанд рад саф кашиданд. Барои хондани салоти ҷаноза Мулло Дурандеш шогирди худ Мулло Фарҳодро ба пеш гузаронд. Ин имомат дар ростои руҳияи харошхӯрдаву дилмондагии шадиди Фарҳод имтиҳони ҷиддие буд. Ӯ дарк намуд, ки устодаш амдан чунин рафтор мекунад, мехоҳад сабру бардошти ӯ, тоқату истоди ӯро дар баробари сахтиҳои зиндагӣ бисанҷад. Агар муллои воқеӣ аст, бояд дар ҳар гуна ҳолат аз чолаи ғам берун ояд, бояд дар мушкилтарину гулугиртарин лаҳза худро бой надода, тааҳҳуду тафаққудашро[168] дар назди ҷамоат анҷом диҳад:

*Фироқам сахт меояд, валекин сабр мебояд,*
*Ки гар бигрезам аз сахтӣ, рафиқи сустпаймонам.*[169]

***

[168] **Тафаққуд** – илтифот, дилҷӯйӣ
[169] Байт аз Шайх Саъдӣ аст.

Се рӯзи тамом аз хонаю дари Шокирусто ва Қозӣ Ҳушанг омадурафти одамон канда нашуд. Мулло Дурандешу Мулло Абдусалом дар хонаи қозӣ монданд, то ба руҳи Некрӯз хатми Қуръон фуроваранд. Мулло Фарҳод бошад, дар пешгаҳи меҳмонхонаи падар китоби Каломуллоҳро ба рӯйи чор қат болишт гузошта, ҳушу ёди хешро ба исму руҳи қиблагоҳ бахшида, машғули қироат монд. Дар ин се рӯз чӣ қадр меҳмонон омада рафтанд, ҳисобаш фақат ба Парвардигор аён буд. Мизбонон гумон намекарданд, ки дӯсту ошноёни Шокирусто то ин ҳад бешуморанд. Даҳон ба даҳон ба чаҳор сӯ хабар расида, одамон ташриф меоварданд – гузашта аз деҳоти кӯҳпоя, аз Боғдону Дизаху Ургут, деҳоти пуштикӯҳию юртҳои даштӣ, Авлиёву Қизилработу Нур ва ҳатто аз Деҳибаланду Ғазғон...

Ду рӯз Мулло Ҳалиму Мулло Дуйсан дар канори Мулло Фарҳод буданд, рӯзи сеюм дӯсти пуштикӯҳии Шокирусто Ҳоҷӣ Салим ҳамроҳӣ намуд. Дар ҳавои қуръонхониҳо тамоми фарзандони усто ҷиму сокит аз меҳмонон пазирой ва ҳамдардию тасаллии онҳоро қабул мекарданд. Дар давоми ин се рӯзи худоӣ бо ҷо ба ҷо кардани хару аспҳои меҳмонон, роҳнамой ва дубора гусел намудани онҳо падарарӯси Фарҳод, Равшан ва дигар наздикону хешовандон машғул буданд. Ба хусус, Равшан ҷойи нишаст надошт, аз марги шавҳархоҳараш сахт андӯҳгин шуда, кӯшиш мекард маросими пазирой бекамукост анҷом ёбад, коре карда бошад, ки руҳу равони «Додӣ Шокир» шод гардад. Аз ҷониби дигар, ҳар гоҳ ба гӯши ӯ садои ҳазини хоҳари калониаш мерасид, дилаш реш-реш мешуд, дар байни занон бо овози гирифтаю хаста дарду алам гуфтани Маҳтоб ҷигарҳоро об мекард: «Сутуни хонаам буд, ҳама ба ӯ такя мекардем, Худовандо, моро бесутун кардӣ! Қиблагоҳи фарзандонам, дардошнoю меҳрубонам буд, Парвардигоро, моро аз силаю меҳраш маҳрум сохтӣ! Ин чи қисмате, ин чи рӯзи сангинест, ки ба сари мо омад, вой балам!»...

Дар ҳавои доду фиғон ва сӯгвориҳо шаби сеюм гузашт, субҳи козиб чашм мекушод. Ҳама ҷо хомӯш, гӯё паша пар намезад. Дар ду хонаи ҷойишист писарону духтарони Шокирусто, сунҳорони хона, наберахо канори ҳам ғел зада масти хоб буданд. Танҳо дар меҳмонхона ошнои Шокирусто Баҳроми баззоз, ки ҳамраҳони худро ба Нур гусел карда худаш ба хотири дилбардорӣ ва гузарондани рӯзҳои худоӣ монда буд, Ҳоҷӣ Салим ва дар пойгаҳ Маҳтобу Холпарӣ сари дузону, дар ҳавои қуръонхониҳои Мулло Фарҳод сар ҷунбонда менишастанд. Баробари пароканда шудани лашкари торикӣ аз атроф, оҳанги хониши мулло тағйир ёфт. Ниҳоят, Мулло Фарҳод Каломуллоҳро ба поён расонда, ба хондани дуои хатми он эҳтимом варзид ва ҳамоно нишастагон «ё Аллоҳ» гӯён гӯшу ҳуш ба овози ширадори ӯ шуданд:

– Парвардигоро! – ҳарфи нахустини ниёиш дилҳоро ба ваҷд овард. – Ҳидоят кун моро бо ҳидояти Қуръон; икром кун моро ба кароматн Қуръон; бошараф кун моро ба шарофати Қуръон; осон гардон корҳои диниву дунёии моро ба баракати Қуръон; равшан гардон дилҳои хастаи моро бо нури Қуръон; бикушо синаҳои моро ба тиловати Қуръон; зинат деҳ ахлоқи моро бо зинати Қуръон; бипӯшон ҷисмҳои нотавони моро бо хилъати Қуръон; биёмурз гуноҳҳои моро ба инояти Қуръон; осон гардон азоби ҷон кандани моро ба

фазилати Қуръон; вазнин гардон паллаи тарозуи аъмоли неки моро бо бузургии Қуръон; эмин дор моро аз ҷамеи балоҳои дунёву охират ба ҳурмати Қуръон; раҳмат кун ба ҷамеи уммати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба раҳматат, эй беҳтарини бахшояндагон. Омин!

– Илоҳӣ, омин!

Мулло Фарҳод китоби Каломуллоҳро пӯшонд. Назаре ба сӯйи дӯстон ва модару ҳамсараш афканду дубора дуо хонд:

– Илоҳӣ, омин, ҳадя кардем савобу самараи ин оятҳои каломи Раббониро ба ризои Ҳақ субҳонаҳу ва таоло, ба руҳонияти ҷамеи анбиёи мутақаддим ва анбиёи мурсалин, хусусан, ба руҳи пурфутуҳи мутаххари мунаввари Ҳазрати рисолатпаноҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам; ва ба руҳонияти хулафои рошидин ва ҷамеи саҳоба ва тобеин ва табааи тобеин; ва ба руҳонияти ҷамеи муҷтаҳидин, хусусан, Имоми Аъзами куфиву суфӣ раҳматуллоҳи алайҳ; ва ба руҳонияти падарону модарон ва ҷамеи муъминину муъминот ва муслимину муслимот, хусусан, ба гузаштагони ин манзилу макон ва ба руҳи пурфутуҳи Бобои Шокир. Аллоҳумма аҳфазно ё Файёз мин ҷамиъи-л-балоёи ва-л-амроз ва саллаллоҳу таоло ало хайри халқиҳи Муҳаммадин ва ало Олиҳи ва асҳобиҳи аҷмаин. Омин, бираҳматика ё арҳама-р-роҳимин!

Ҳамнишастон баробари мулло дасти дуо бардоштанд:

– Омин, Аллоҳу акбар!

Мулло Фарҳод аз ҷо хест, китобу тасбеҳашро дар токчаи меҳробшакли кунҷи хона, ки пур аз китоб буд, гузошт. Ба ҳурмати ӯ Ҳоҷӣ Салим, Баҳроми баззоз ва модару ҳамсараш низ сари по хестанд, даст ба рӯйи сина гузошта салом гуфтанд ва худро ба канор гирифтанд, ки ӯ ба берун барояд. Мулло ба назди модар омаду истод, дидаҳо ба ҳам қуфл уфтоданд. Чеҳраи коҳида, чашмони хастаю ғамгини модар басе тараҳҳумовар буд. Беихтиёр ҳамдигарро ба оғӯш кашиданд, Маҳтоб сарашро ба сандуқи синаи писар часпонда фиқ-фиқ ба гиря даромад. Ҳамин дам, дар ҳоле ки Мулло Фарҳод сари модарро навозиш медод, аз бари рӯмол як даста мӯйи ӯ намудор шуд. Яке дилаш таҳ хӯрд, ҳеч гумон намекард, ки дар ин чанд рӯзи азодорӣ мӯйҳои қатронии модар тағйири ранг мекунад. Ҳамон маҳалли ба чашм намоёни сапедгунро нарм-нарм молида, бо ғамхорӣ ба сухан омад:

– Очаҷон, бисёр ғамгин нашав, худатро ба даст гир. Аз хостаю фармудаи Худованд ҷойи гурез нест, рӯзу моҳашон пур шуда будааст, ки ҷони азизашонро таслим намуданд. Бисёр ғам хӯрдану худро аз ҳад беш азият додан ба Худо хуш наояд, ту, ки ин маъниро хуб мефаҳмӣ?!

– Мана танҳо гузошту рафт, – озурдаву дилтанг гуфт модар, – ҳанӯз кораш бисёр буд... Додарата чӣ мекунам? Вая ҳам ба сари ман монду рафт...

Мулло Фарҳод модарро раҳо накарда ба ҳарфаш идома дод:

– Худоро шукр, падари бузургворе буд, ҳама нури дидагонаш бо ҳам меҳрабону анисанд, такягоҳу пуштибони ҳамдигар хоҳем шуд. Дар воқеъ, ҳама инҷоянд?

– Аз ҳамааш розиам, Худо биёмурзад, ҷойи қиблагоҳамон биҳишти барин гардад, писарам. Бачаҳою наберахо ҳама дар хонаанд, ба ҷуз Фаршедҷонам. Вай ҳамон рӯзи аввал ба манзили Қозибобо рафт.

– Ҳа, ман худам фиристодам. Апаи Бибисорою сунҳорашон дастёр надоранд, аз духтарони худораҳматӣ Некрӯз танҳо Зебо аст. Гуфтанд, духтари калониашон Раъно бедому дарак, аз бозе, ки шавҳари роҳзанаш зӯран бо худ бурд, дигар барнагаштааст.

– Нағз кардаӣ, Қозибобо Фаршедҷона мисли писарашон медонистанд, ёрдамаш мерасад.

Мулло Фарҳод бо меҳр аз китфони модар пахш карда ҷудо шуд ва гуфт:

– Очаҷон, вақти азон шуд, ҳамаро бедор кун, ба намозамон дер нашавад.

– Хуб шудааст, нури дидаам, бирав, азон гӯй, – ва ба пас гашта, ба Холпарӣ ишораи баромадан карду илова намуд: – Баланд гӯй, ҳама деҳа шунавад!

Мулло Фарҳод дар дил хандид ва ногаҳон нигоҳаш ба нигоҳҳои Холпарии дуҷонаш уфтод, ки вазнин роҳ мерафту дар дидагони ғуссабори ӯ низ нури ризояту хушҳолӣ ламъа мезад.

## 4. САРУБАРГИ ЗИНДАГӢ

### Мазаи чалпаку азми таҳсил

Табиат чеҳраи тираву ашкбори худро аз пешорӯйи Бору ҷамъ карда, бо нуру рӯшноии тоза ва ҳавои махмалин ба сару дӯши пастиву баландиҳо бӯса мезад. Гӯё бо ин навозиш мехост ҳузну андуҳи соя афкандаро аз миён бардорад, ба дили сокинони озурдаҳол дубора накҳати шодиву хушнудӣ ато кунад. Мулло Фарҳод бо тағйири намою чеҳраи табиат бештар хурсанд шуд, пас аз дуохониҳои фаровон ва ҳамрозиҳои руҳӣ бо наздикони хеш, худро сабуктар ҳис кард. Бо изҳори сипосмандӣ пас аз тановули шӯрбои наҳор бо ошнои пуштикӯҳии падараш Ҳоҷӣ Салим хайрухуш карданд. Ин дам Баҳроми баззоз низ тараддуди рафтан дошт, вале ҳама садди роҳи ӯ шуданд.

– Амак, шумо, ки медонед, омадан бо иродату рафтан бо иҷозат, – бо лаҳни нек гуфт Мулло Фарҳод, – дигар дер шуд, имрӯз дар хонаи ман меҳмон мешавед, фардо субҳи зуд гусел мекунем. Фақат бо доду вой гирифтор шуда суҳбате ҳам накардем, ба маслиҳати шумо ниёз дорем.

Баҳром дар поёни сухан симои ҷиддӣ гирифтани Мулло Фарҳодро дида, дудила нашуда ҷавоб дод:

– Аз ҳар чӣ бигзарӣ, сухани дӯст хуштар аст! Бошад, мемонам, додарам!

Ба онҳо Фарнуру Равшан ҳамроҳ шуданд. Маҳтоб барои худоҳофизӣ то дами остона баромад. Сурати ғамгину афсурдаҳолии ӯро дида, Баҳроми баззоз бо мулоимат ва меҳрабонӣ гуфт:

– Хости Офаридгор буда, ки дӯсти азизам дори фониро видоъ гуфт, мо аз ин пас дуо мекунем, то руҳаш шоду оқибаташ ба хайр бошад. Ба туву бозмондагон Худо сабр диҳад, янга, худатро эҳтиёт кун.

Модар ашкрезон дар дами дар ғамнок монд. Мулло Фарҳод дили ӯро мефаҳмид, пай мебурд, ки ҳар як падидаи алоқаманд бо падараш вайро норохат мекунад. «Вақт лозим, замон худаш марҳами дардҳост», аз дил гузаронд ӯ ва ҳамин дам дар назди дарвоза амакбачааш Шодонро диду фармуд:

– Рост ба хонаи Суҳробдодият рав, гӯй, ки бо Меҳрон ба хонаи ман гузаранд. Ҳа, аз он ҷо ба хонаи Қозибобо рав, ҷӯраат Фаршеда ҳам хабар кун, бегоҳӣ ба назди мо биёяд.

– Э, ростӣ, Фаршедҷон ҳанӯз дар манзили қозӣ аст? – пурсид Баҳроми баззоз.

– Оре. Парво накунед, бегоҳ меояд, – гуфт Мулло Фарҳод ва ба Шодон рӯ оварда афзуд: – фаҳмидӣ, додар, зуд бош!

Шодон бо ишораи тасдиқ сар ҷунбонда, бо дав сарболо шуд. Мардҳо ба кӯча баромаданд, Фарнур лаҷоми аспи Баҳроми баззоз дар даст омода ба онҳо меистод. Мулло Фарҳод бо табассум ба ӯ гуфт:

– Худат савор шуда бар, мо бо амак пиёда меравем. Ба қавли худашон, «ҳавои мусаффо – роҳати ҷон», бигзор то қаъри дил нафас кашанд!

Бар рӯйи ҳама лабханд шукуфт...

Ҳамсари мулло хамири чалпак боз мекард. Ба ӯ Рахшона ёрӣ мерасонд. Духтари калони хона Нисои чилкокула бошад, дар меҳмонхона ба наҳви худ дасторхон меорост. Ӯ баробари дидани падару меҳмон ду даст ба сари дил гузошта, бо овози маҳини духтарона дуруд гуфт:

– Ассалому алекум, хуш омадед, бобоҷун!

– Хушбахт бош, духтаракам, – аз нозу таъзимҳои ӯ хушҳол шуда ҷавоб дод Баҳроми баззоз ва ӯро дар бағал зер карда аз гунаҳояш бӯсид, – ман туро шинохтам, Нисоҷонӣ-а?

– Ёфтед, бобоҷун, лекин ман шумора намедонам.

Меҳмон бештар ба завқ омад. Дасти духтаракро раҳо накарда, аз дасти Фарнур кӯлапушташро гирифт ва аз он як тоқияи духтаронаи гулдӯзишударо бароварда ба сари Нисо пӯшонду бо хушҳолӣ гуфт:

– Ана ин ба кокулакот зебид! Меойӣ бо ҳам ошно шавем?

Бо дидани тоқияи тозаи нақшин чашмони Нисо равшан шуд, аз ду ҷониб онро ламс карда, бо лабханди малеҳ изҳор кард:

– Ба сад дароед, бобоҷун, раҳмат! Шумоён гузаред, ман нон орам... – Нисо давида ба самти модараш рафт. Аз ин муомилаи ӯ ҳама шод шуданд, Баҳроми Баззоз ба пешгаҳ гузашта истода гуфт:

– Худо умраша диҳад, духтари баақл будааст.

Мулло Фарҳод хоксорона даст ба сари дил гузошт. Баробари нишастан Баҳроми баззоз дуою сано ба даргоҳи Ҳақ фиристод ва бо ишораи ӯ мулло ба ёди гузаштагон фотиҳа хонд. Сукунат ба миён омад. Чанд лаҳза симои суоломез ва умедвори падар дар зеҳнаш падидор шуд. Бо чашмони дар ҷо

нишаста дида дӯхта, чизеро аз ӯ таваққуъ дошт гӯё. Оҳи сабук кашид, андешаманд ба сухан даромад:

– Падарам косиб буд, деҳқонӣ мекард, хеле мол ҳам дошт. Метавонист дар зиндагӣ аслан дасткӯтаҳӣ накашад, аммо ранҷу азиятҳои одамони мустаманд ӯро ором намегузошт. Ду танга ёбад, ҳатман як тангааша ба дигарон харҷ мекард. Карбосу комвоҳои бофтаи худа ҳамеша ба одамони ниёзманд медод. Доиман ба ҳамсолон, ба хусус, ба мӯйсафедони деҳа такя мекард, садри маъракаҳо буд. Ҳарчанд аз мушкилоти зиндагӣ андеша намекард, аммо сахтиҳо то ҷое рӯйи ҳам чида шуданд, ки дар ниҳоят аз дасти онҳо ҳамлаи қалб гирифт. Арбоби деҳа – Дороамина бурдани шуравиҳо падарама билкул аз по афтонд. Шабу рӯз аз пешаш дур намешудам, дил дода дуо мехондам, дасту поҳоша мемолидам. Бо модарам, бо ҳамин Нисоҷон парастораш будем, аммо...

Мулло Фарҳод хомӯш шуд. Ғамбодаи гулуяшро фурӯ бурда, як лаҳза чашм ба чойники чойи овардаи Рахшона, ки онро Фарнур чойгардон мекард, дӯхта истод. Баҳроми баззоз ҳам дам дар дарун менишаст, аз нақли мулло мутаассир гашта, ёрои гап задан надошт. Фарнур дар пиёлаҳо чой рехта, аввалиро дар назди худаш гузошт, дувумиро ба меҳмон ва пиёлаи дигарро ҳам ба бародар дароз кард. Мулло пиёларо дар каф дошта, аз нақлаш пай гирифт:

– Охирсар, Қозибобора дастбанд андохта бурдани низомиёни ҳукумати нав падарама тамом кард. Медонед, амак, ҳама умеду бовараш ба қозӣ буд, он каса барои тамоми деҳа ҳамчун пушту паноҳ медонист. Бо ин ҳама калон шудан ҳамаи мо дар назараш мисли кӯдак метофтем. Аз ин рӯ, як рӯз Қозибобора махсус даъват карда, ҳамаамона, ҳамдеҳагона ба ӯ супурда буд. Чун аз хурдӣ бо ҳам калон шуда, сахтию нармиҳои зиндагира якҷоя дида, талху шириниҳои ҳаёта бо ҳам чашидаанд, дар симои ӯ дӯсти бовафо, инсони тавоно ва ҳамеша ба ҳама кор қодира медид. Вақте ки Шумшуки ноогоҳи дар ҳама ҷо ҳозиру нозир хабари шуми ба асорати савораҳои мусаллаҳ мондани қозира мерасонад, падарам сахт ба ҳаяҷон меояд, фишори хунаш боло зада аз ҳуш меравад. То ман расида омадаму табиби деҳа, об аз сар гузашта буд. Ҳамоно аз ҳуш рафту дигар ба худ наомад, падарам...

Баҳроми баззоз оҳи амиқ кашид, ҳарфе назад. Нисо хумори бобо кард магар, оҳиста омаду дар назди ӯ нишаст. Баҳром дастони хурдаки ӯро миёни каф зер карда, бо дасти дигар аз китфаш дошта ба бағал кашид. Дар ҳамин асно «ё Аллоҳ» гӯён, пасу пеш Суҳробу Меҳрон ва Фаршед даромада омаданд. Бо ҳамдигар самимӣ воҳӯрӣ карданд.

Бо дидани дӯсти падар, хумори қиблагоҳу ёди рӯзҳои гузашта Фаршедро мутааллим сохт, остини гиря раҳо кард. Баҳроми баззоз даст бар оғӯш, бо овози хира гуфт:

– Худо мағфират кунад, ба ҳар яки шумо сабри ҷамилу аҷри ҷазил хоҳонам, гиря накун, писарам. Биёед, мо дуою ниёиш кунем, то руҳи дӯстам шод гардад, дар гӯраш осуда бихобад...

Ҳарчанд хонаю дари Мулло Фарҳод фазои гарму дилосое дошт, дар дили суҳбати гарм ба димоғ задани бӯйи лазизи чалпак меҳмононро бештар ба

фараҳ овард. Фаршед ду лаълӣ чалпаки доғро аз дасти зани бародар гирифта ба рӯйи дасторхон гузошт. Як лаҳзаи гуворо, фурсати иштиҳоовари наҷибе нишастагонро ноором карду беихтиёр ҳама бо ҳам даст ба лаълиҳо бурданд. Чалпаки нарму хушхӯр бӯйи дилкаши равғани зард медод, дар ҳоле ки ҳаври доғии он бо луоби даҳон дармеомехт, мисли ҳалво об шуда, дар гулу менишаст. Баҳроми баззоз бо ҳаз ангушт лесида, дар ҳоле ки хушхӯрии чалпак кому гулуяшро ҳанӯз мусаллат буд, изҳор намуд:

– Баҳ-баҳ, ба ин латифию лазизӣ дергоҳ чизе нахӯрдаам, дасти хоҳарамон дард накунад, бениҳоят хушмаза пухтааст!

– Ош шавад, амак! – ҳамоно посух дод Мулло Фарҳод. – Ин ғизои саридастии хонумҳост, хӯроки асосӣ каме дертар омода мешавад.

Нимханди Баҳром аз таҳу бари риши паҳнаш ҳувайдо шуд.

– Ман шунидаам, чалпак таоми паҳлавонҳост, – гуфт ӯ, – дигар заҳмат накашанд. То Нур ҳамин таъми гуворо дар даҳонам монад.

– Фардо ҳам бо чалпак ноништа мекунеду ба роҳ мебароед, аз ин тараф парво накунед! – ба сухан ҳамроҳ шуд Фарнур.

Дар идомаи сухан Равшан низ илова кард:

– Апаи Холпарӣ худои ин таомҳоянд! Ба мисли ин тунук ғилбиндиҳояшон ҳам ҳамто надорад, агар хоҳед, супориш медиҳем.

Аз таърифҳо Мулло Фарҳод дар худ болида, бо хаёли ба дигар самт кашидани риштаи суҳбат ба Суҳробу Меҳрон, ки онҳо низ мисли меҳмон аз чалпакҳои доғу хушхӯр роҳат бурда даст пок мекарданд, рӯ овард:

– Дар дунё чӣ хабар, шуроиҳо чӣ кор мекунанд?

– Янга барака ёбанд, бомаза пухтаанд! – бо изҳори сипос ба сухан пардохт Суҳроб. – Шуроиҳо ҳама ҷора соҳиб шуданд, дӯстам! Мегӯянд, шуъбае дар таркиби коммуна таъсис додаанд. Дову дастгаҳи Дороамина азхуд карданд, идораашон дар ҳамон ҷо.

– Аз инҳо хабар дорам, дигар навигарӣ нест? Бачаҳои арбоба дидӣ?

– Аз шуроиҳо ягон хабари нав намегирӣ, ҳамааш дам дар дарун, ҳеч чиз намегӯянд. Лекин рӯз то рӯз сафашон аз одамҳои деҳа пур мешавад, аз ин пас ягон сирри пӯшида намемонад. Худора шукр, Кониоб ором аст, Бобо Хиром худаш аз оилаи арбоб саробонӣ мекунад. Аз Хоҷа Саид низ хоҳиш кардам, ки бохабар шуда истад, ҳозир бо бачаҳояш дар ҳамон ҷост.

– Хонагиҳои арбоба аз пасаш мебаранд гуфта ҳама тарсида будем...

– Оре, ба наҳве дар зери бори миннати Ансори лаъин ҳам мондем. Гуфтааст, бачаҳою хидматкорони арбоб бояд пойи мана бибӯсанд, ман пеши бадарғаашона гирифтам, – Суҳроб нигоҳе маънидор ба сӯйи Баҳроми баззоз афканд, – шунидем, ки ба ҷуз мулку чизучораи бойҳо зану бачаҳояшона ҳам зиндонӣ мекардаанд...

– Рост, ин сиёсати Ҳукумати Шуроӣ аст, мақсадашон ҳамин – ночору фақир кардани мансабдору сарватмандони пешина, – бехаёл дар тақвияти сухан гуфт Баҳром.

Суҳроб суҳбатро идома дод:

– Орзукӯсара дидам, аз паси фармондеҳаш дум ликконда мерафт. «Босмачиҳора гирифтем, – дар ҳоле ки даҳонаш ба пушти гӯшҳояш мерасид, бо ғурур мегуфт вай, – то дараи Зиҳвор дунболгирӣ кардем. Ниҳоят, дар сари Домгаҳхона ба онҳо расидем. Корзоре ба вуқуъ пайваст! Паррондем душманонро, яке намонд! Худи Исмат ба мисли шағоли ланг дума хода карда то сари зови Зиҳвор гурехт. Чун дид маърака барояш танг омад, хост худкушӣ кунад. Аммо Лесбеки мо чолоктар баромад, ҳамон лаҳзае, ки ғел зада худаша аз зов ба поин афканданӣ шуд, доманаш дар дасти Лесбек дармонд...» Ҳамин тавр, «амир»-а асир гирифта, дигар ба пас нагаштаанд, аз Зиҳвор рост ба Авлиё фуромадаанд.

Чун Суҳроб аз сухан истод, Меҳрон гуфт:

– Чи тазодҳое рӯ мекунад ин ҳукумат! Ин ҷо одамонаш қозира дастгир карда мебаранд, он ҷо сарбозонаш интиқоми писари қозира меситонанд... Вақте ки наъши амаки Некрӯза меовардам, сад бор ба худам аҳд кардам, ки ҳатман он роҳзани қотила ёфта ҷигараша меканам! Ба сурхҳо офарин, мушкиламона осон карданд.

Дар ин ҷо Баҳроми баззоз лабханде заду риштаи суханро ба даст гирифт:

– Барои шуроиҳо сад Некрӯз аз байн равад ҳам, мижаашон таҳ намехӯрад. Бо ин сабаб онҳо душмани ашаддии худа аз роҳ бардоштаанд. Ман коммунистҳора аз наздик мешиносам, барояшон босмачиҳо душманони молу сохторашон бошанд, ҳар як қозию арбобу шайх ба онҳо душманони маънавианд. Ҳоло, ки он хасми сарироҳӣ аз миён рафт, ҳатман ба домани душмани дуюм мечаспанд. Ин хатари зиёд дорад.

Мулло Фарҳод бо тафаккур пурсид:

– Яъне, аз пайи арбобу қозӣ боз ҳам ба домани дигарон мечаспанд? Ба гумонатон, ин «душмангириҳо» давом меёбад?

– Сад дарсад! Аз ин хотир мегӯям, ҳама ҳушёр бошед, таваккул ба шуравиҳо исён набардоред, ғашашона наоваред. Агар бо онҳо созиш кунеду ҳамкорӣ, ба додатон мерасанд, – Баҳроми баззоз бо итминон ҳарф мезад, ҳама гӯшу ҳуш ба ӯ шуданд: – Ман дар райкуми Нур ошно дорам, аз ҳама навгониҳо хабар дода меистад. Шумо ҳам ҳарчи зуд бояд ба ин сохтор роҳ ёбед! Барои мо чӣ фарқ дорад амиру бекзодаҳо сарвар бошанд ё шуроиҳо? Онҳо ҳам худбин буданду халқа азият мекарданд, инҳо низ сиёсатҳое дар давлати худ доранд. «Замон бо ту насозад, ту бо замона соз» гуфтаанд, корамон пеш равад, зиндагиамон гузарад, бачаҳоямон тинҷу осуда бошанд бахти мост.

Равшан дар омади сухан гуфт:

– Худи раиси шуроиҳо ҳам изҳор медошт, ки ҳамара ба рӯйхат мегирем, ба коммуна аъзо мекунем.

– Коргару деҳқону чӯпони одӣ шудан кори одамҳои бесавод аст, – ба каломаш давом дод Баҳроми баззоз, – шумо ҳама аҳли фаҳмед, бояд саркору раҳбар шавед! Агар ба ҳарфам гӯш кунед, биёед, бо ман ба Нур меравем. Ошно зиёд дорам, ёрӣ мерасонанд, ё дар ҳамон ҷо, ё дар Кармина дарс мехонед, роҳу равиши сохтори шуравира меомӯзед. Дубора ба ин ҷо баргашта коммунаатона ба даст мегиред, ба халқ хизмат мекунед.

Мулло Фарҳод беихтиёр гуфт:

– Ин беҳтарин амал аст! Бо ин роҳ пеши ҳар гуна тазйиқа ҳам метавон гирифт, амак рост мегӯянд.

Суҳроб ба сухан ҳамроҳ шуд.

– Мо ҳама омодаем ин корро кунем, ту ҳам меравӣ бо мо? – гуфта суоломез ба Мулло Фарҳод чашм дӯхт ӯ.

Мулло мулоим хандида изҳор кард:

– Агар ин ваколатамро намедоштам ҳатман мерафтам! Ба гуфтаи додоям, «уболу савоби одамон, сариштаи мурдаю зиндаи деҳа» ба гардани ман аст. Шумоён ба давлат соҳиб шавед ман дилпур мегардам, хотирам ҷамъ мешавад, чунки он вақт дар баробари баду балоҳо сипари мустаҳкам, ҳимоятгари боэътимод хоҳам дошт. Айни авҷу камоли Фаршед ҳам ҳаст, дар канори ман мактабдору мурид шуда гаштанаш бефоида, вая ҳам бо худ баред, ҳаёти нава ёд гирад. Фақат имонатона гум накунед шуд.

– Ҷустуҷӯйи Қозибобо чӣ мешавад? – беқарор ба Суҳроб нигариста гуфт Фаршед. – Агар суроғи он каса наёбем, момои Бибисорою Зебо тамом мешаванд.

Дар ин ҷо Баҳроми баззоз домани маслиҳат кушод:

– Ёфтани қозӣ ба уҳдаи ман! Ба куҷо бурдани эшонро маълум карда бо ҳам меравем, агар дар амон бошад, то тавонамон расад, бармегардонем. Фақат аз ёд набаоред, ки огепу созмони яккаҳукмрон аст, ба гапи касе гӯш намедиҳад. Онҳо ҳукми болоия ба файсал намонда зуд ба сомон мерасонанд.

Суҳроб гуфт:

– Ба ҳар ҳол, аз карнайчӣ як пуф, ҳаракате карда бинем, агар шуд – олам гулистон!

– Албатта! – афзуд дар ҷавоб Баҳроми баззоз ва андешаманд ба Мулло Фарҳод чашм дӯхта илова кард: – Дар ин ҷо аз бачаҳои қозӣ бохабар шавед. Донед, ки фардо-пасфардо шуроиҳо хонаю дари эшона ҳам мусодира мекунанд, молу ҳол, ҳама боғу сарваташ ба давлат мегузарад. Фақат як хубии ҳукумати нав ин аст, ки ин ҳама чиза мисли омилони амири куҳна бо худ намебаранд, балки дар ҳамин ҷо ба одамон мебахшанд. Мардума кор фармуда, маош медиҳанд ва одамон бо ҳамон маош рӯз мегузаронанд. Марду зан баробар кор мекунанд, барои давлат ҷон мекананд, ба мизони корашон ҳақ мегиранд...

Шаби пурфайзе буд. Мулло Фарҳод гумон намекард, ки таноби сухану кор ғайриихтиёр ба сӯйи дигар бармегардад. Дар шароите, ки бо шуроиҳо муросо карданро ҳама солмандони деҳа, ва ҳар лаҳза арбобу қозӣ ва падараш низ пайваста таъкид мекарданд, ба имдод расидани Баҳроми баззоз ба мисдоқи фоли нек буд. Ба назар мерасид, ки дар чунин як замони ҳассос беҳтарин роҳи наҷот аз бунбастҳо ҳамдасту ҳамкор шудан бо масъулини давлати нав аст. Агарчи коммунистҳо бо Худою расул, бо исломи мусалмонӣ рӯиросту ошкоро душманӣ доранд, мебояд онҳоро пайравӣ кард, ба сиёсаташон сар фуровард, то ки миллат зинда монад, то ки авлоде ҳадди ақал тавонад вуҷуду танаффуси гузаштагонро идома диҳад. Мулло возеҳан дарк мекард, ки ин дархосташ, пеш

аз ҳама, мухолифи раъю эътиқод ва андешаҳои худи ӯст, аммо побарҷо мондани миллат аз ҳама чиз воло ва шоистатар аст. Бо ин мулоҳиза нигоҳи амиқу маънидоре ба ҳар як ҳамнишасти худ дӯхта, дар поён бо дилпурӣ ва таъкид изҳор намуд:

– Додаронам! Беҳтарин пешниҳода амаки Баҳром кард. Барои мо на ҳар рӯз, балки ҳар як поси шабу рӯз ғанимат аст. Агар ба пешомадҳое мубҳам мунтазир бимонем, ҳама чиза бой медиҳему на аз худамон, на аз деҳаамон нишоне боқӣ мемонад. Сари вақт ба таҳсил равед, ба шуроиҳо пайваст шавед, зудтар равиши кору сиёсаташона омӯзед. Аз ин пас ҳар чӣ бо худ дорем бояд дар қолаби шуроҳои нав нигаҳ дорему ба ояндаҳо супорем. Ба деҳа дилвопас набошед, то ҷое ки дастам мерасаду гапам мегузарад, мардума ҳидоят ва роҳнамоӣ мекунам. Ҳамин фардо пеш аз ҳама Бибисорою хонагиҳоша ба Кониоб, ба назди ҳамсари арбобу Фаришта мефиристам. Он ҷо то хеле вақт амн хоҳад буд, то Борура пурра ба даст гиранд замони зиёд мебарад.

Суҳроб исми Фариштаро шуниду беихтиёр такон хӯрд. Дар миёни сухани мулло гуфт:

– Хонаю дари бачаҳои Дороамин калон аст, хеле хуб мешавад оилаи Қозибобо низ ба он ҷо равад. Ба якдигар бол мешаванд, Фаришта ба ҳамаашон дастёрӣ мекунад, Бобо Хиром бохабар шуда мегардад.  Мо ҳам ба Нур ки расидем, аз пайи ҷустуҷӯйи қозӣ меафтем, сипас ҳар чӣ амаки Баҳром фармоянд – дар хидматем.

Мулло Фарҳод афзуд:

– Рост мегӯйӣ, Суҳроб, ба ҳар яки шумо бовар дорам! Бубинед, агар думи ин кора бигиред, баъдан дигар бачаҳо низ рағбат пайдо мекунанд. Сарубарги деҳара бояд худамон саришта кунем, ҳар як бегонаи омада аввал ба фикри нафсу ҷайби худаш аст, ба одамони мо дилаш намесӯзад. Дар Кониобу Зиҳворамон ҳам хонавода зиёд дорем, аз Бору намемонад. Фардо ё пасфардо низоми нав ба он ҷо ҳам меравад. Беҳуда нагуфтаанд, «то танӯр гарм аст, нонро бичаспон», агарчи то имрӯз хеле дер кардаем.

*Илоҷи воқеа пеш аз вуқуъ бояд кард,*
*Дареғ суд надорад, чу рафт кор аз даст.*
*Ба рӯзгори саломат силоҳи ҷанг бисоз,*
*Вагарна сел чу бигрифт, сад(д) нашояд баст...*[170]

Дар ин ҷойи суҳбат хонаро бӯйи иштиҳоовари палав пур кард. Холпарию Рахшона дар дами остона пайдо шуданд, сари даст бо табақҳои чӯбини хӯроки «асосӣ» меистоданд. Мулло Фарҳоду Баҳроми баззоз маънидор ба ҳамдигар чашм дӯхта монданд. Фаршед барои гирифтани табақҳо сари по хест...

---

[170] Ин қитъаи шеърӣ аз Шайх Саъдӣ аст.

## Меваи ҳаёт

«Маҳаш даромадас, то даҳ-понздаҳ рӯз сабук мешавад. Бехабар намонед, муллоҷон, аз ин пас дард гирад, мана хабар кунед» – ин гапҳои Фазилатхола рӯзу шаб Мулло Фарҳодро ором намегузошт. Ҳар гоҳ аз хона по ба берун мениҳод, ҳушу хаёлаш ба Холпарӣ банд мешуд, корашро ё дарсу намозҳояшро анҷом дода, тез бармегашт. Баъди намоз фақат орзуи растагорӣ, осон озод шудани ҳамсарашро аз дарди ҳамл ниёиш мекард.

Аз тахмини Фазилатхола даҳ рӯзи расо гузашт. Мулло Фарҳод субҳи зуд бедор шуда, тибқи маъмул ҳамоно чашм ба ҷойгаҳи ҳамсар дӯхт. Ӯ дар ҷояш набуд, мисли ин ки ба танаш сӯзан зада бошанд, беихтиёр парида сари по хест. Ҷомаашро раҳораҳ ба китф кашида ба ҳавлӣ баромад. Худоро шукр, Холпарӣ ором, ҷуссаи вазнинашро ба сози худ ҷунбонда аз ҷониби оташдон меомад. Обдастаи оби гармро, ки ба мулло оби таҳорат дуруст карда буд, дар дами дар гузошта гуфт:

– Акнун мехостам бедор кунам, ҳавоҳо хунук шудааст, аз ин минбаъд ба оби ях вузу нагиред.

– Худат бо ин ҳол, беҳуда ташвиш кашидаӣ.

– Аз ҳолатон маълум, мана надида тарсидед?

– Албатта, даро ба хона, дам гир!

– Коре накардаам, ки дам гирам. Ду-се тарошаи тут овардам, дар сандалӣ алов мемонам.

– Ин қадар якравӣ, – ноҳинҷор шуд мулло, – ман ба дару девор гап мезанам?

– Хуб, хуб, оташӣ нашавед.

Мулло обдастаро гирифта ба тарафи айвон, ба самти чишнав рафт. Ҳаво дар ҳақиқат сард буд. «Бӯйи барф меояд, чӣ гап, имсол зимистон барвақт дар мекӯбад барин, – аз дил гузаронд ӯ доманҳои ҷомаашро рӯйи ҳам кашида. – То шаби ялдо ҳанӯз бист рӯз ҳаст, накунад ки барф қадам ранҷа фармояд. Аз ҳама бад, рафтуомад ба Кониобу Зиҳвор мушкил мешавад. Ҳанӯз на орд бурдаанд, на ғалла...» Мулло Фарҳод таҳорат гирифта, аввал аз рӯйи қабо миёнбанд ва сипас саллаашро ба даври сар басту ба гӯшаи азонгӯйӣ гузашт. Ин бор фарохониаш ба намоз аз ҳар дафъа дида баландтар баромад, ба ҳар ҳол, ба назари худаш чунин намуд. Ба нӯки ду по такя дода нишасту дуои азонро хонд ва ба хона баргашт.

Бо ин ки ҳама ҷо торик буд, дар фарози хонаю дарахтони атроф осмон рӯшноӣ мепароканд. Ин тобу фурӯғ аз дамидани субҳи дурӯғин дарак медод. Дар айни ҳол аз сӯйи боғ шамоли сарду серун мевазид, беист ба сару димоғ мезад. Шуввоси он ҳамроҳ бо садоҳои хиш-хиши номаълум дар гӯшҳо менишаст. Мулло Фарҳод тезтар қадам монд, ҳанӯз ба дар нарасида садоҳои баландтаре ҳавосашро парешон кард. Баробари шунидани нолаҳои ҷонкоҳи зан худро бедаступо ба дохил зад. Вале, аз остонаи даҳлез надаромада, «Фазилатхола...» гӯён илтиҷоомез овоз баровардани ҳамсараш ӯро дубора ба берун андохт...

Мулло Фарҳод давида ба хонаи ҳамсоя омад, момодоя Фазилатхоларо хабар дод. Аз он ҷо бо шитоб баромада, ҳатто дарвозаро набаста, ба самти гузари Пайк дартоз шуд. Мисли ҳамеша модари шабзиндадор дар дами дар аз ӯ истиқбол кард.

– Ҳа, писарам, Холҷона дард гирифт? – гӯё аз ҳама чиз огоҳ буд, бехаёл пурсид Маҳтоб. – Ту даро, Фарнур ҳам хестагист, бо ҳам намоз хонед, чой хӯрда шинед. Ман бо Фазилат мегузарам.

– Ба момодоя хабар додам, аллакай рафтагист.

– Майлаш, нағз кардаӣ, набошад рост меравам, – бо даст барҳои ҷомаашро танг кашида, бо ишораи «ман рафтам» сар ҷунбонду тез-тез қадам ниҳода ба роҳ уфтод.

Чи имтиҳонҳое дорад ин зиндагӣ!

Маҳтоб баробари расидан обдастаро ёфта, аз чойҷӯши оташдон об гармухунук кард ва аз айвон тағораро низ бардошта, бо шаст худро ба дохил зад. Фазилатхола Холпариро ба хонаи хурди мобайнӣ гузаронида буд. Ҳарду аллакай бо маҷрою хурӯши зоймон дасту панҷа нарм мекарданд. Момодоя пас аз Маҳтоб дари хонаро ба дарун кашида баст. Ба дастаи дар таноберо гиреҳ зад. Холпариро рӯ ба дар хобонида, ду нӯки танобро ба дасти ӯ дод ва ба доду фиғонаш таваҷҷуҳе накарда фармуд:

– Сахт нигаҳ дору зӯр зан, нафасата ба дарун каш!

Холпарӣ аз шиддати дард мисли ин ки маргро ба чашм медид, зӯр мезаду ҳис мекард, ки гӯё ҷонаш аз қолаб берун меравад. Бо ҳарчи неруе дошт, даҳ ангушташро ба таноб печонида ба тану бозувони худ фишор овард, садои ҷонхароше сар дод. Дар ҳамин асно момодоя бо кафи даст сахт-сахт ба суринаш фуроварда ғазабнок амр дод:

– Ман гуфтам нафасата набарор, беақл! Зӯрата ба мушакҳоят деҳ! – бо ин сухан ба поёнтар лағжид ва ба Маҳтоб, ки аз пушти арӯси худ истода китфону тахтапушташро мемолид, гуфт: – Хоҳарам, парпечу латтаҳора тайёр кун, омад.

Холпарӣ дам дар дарун охирин зӯрашро зад, аз чашмонаш бо ҳаври доғ ашк мешорид, чеҳрааш гули сурхро мемонд. «Ҳа-а-а!» гуфтани момодоя буду садои чирроси кӯдак муҳити хонаро зер кард, тифли гирён бо талошҳои зиёд аз дарзи шахи сахтгир раҳо ёфта ба рӯйи кафи Фазилатхола фуруд омад. Аз хурсандӣ дар чашмони Маҳтоб ашки шодӣ ҳалқа зад:

– Сабук шудӣ, духтарам, растагорӣ муборак! – бо хушҳолӣ садо баланд кард ӯ.

Фазилатхола ба тасдиқи сухани вай афзуд:

– Илоҳӣ шукр, аз дард раҳо ёфт, набераи нав муборак, хоҳарҷон!

Бо ин шодмонӣ момодоя навзодро рӯйи даст нигаҳ дошта, бо сари ду ангушт мулоим нофи ӯро гирифт. Чанд лаҳза зери лаб дуо хонда истод. Сипас, «Бисмиллоҳ» гуфту бо қайчии дарозкардаи Маҳтоб нойи нофро бурид. Ҷони тифл дард кард магар, яке гиряаш баланд шуд. Маҳтоб латтаҳои танзифро ба момодоя дода, ёзида навзодро ба бағал гирифт. Тифлак як лахт гӯшти хунолуде буд гӯё, вале беист дасту по зада гиря мекард. Маҳтоб вайро

эҳтиёткорона, каме бо оби гарми тағора шуст ва бо парпечи нарму гарм печонид. Момодоя бошад, боқимондаи нофро гиреҳ зада ба гирди пойи Холпарӣ андармон кард ва бо як даст аз набзи зан дошта, бо дасти дигар ҷойҳои олударо поккунон мунтазири фуромадани ҳамроҳак монд...

Мулло Фарҳод шояд дар ҳаёташ ин қадар беқарор нашуда буд. Аз бозе, ки арӯси хона Моҳираро барои хабаргирӣ ба хонааш фиристод, шояд сад бор аз дами остона то сари кӯча баромада даромад. Мисли ин ки дар баданаш кайк роҳ мерафт, ҳар гоҳ менишаст, гӯё каждуме ба поҳояш неш мезад, як зарра осоиш надошт. Аз ҳавлӣ баромада чорчашм ба самти гузари Даридуруд дида медӯхт, аммо касеро надида нороҳат ба пас мегашт. Дар пеши назараш муттасил чеҳраи Холпарӣ ҳувайдо мешуд, гоҳе бо табассум, гоҳе андешаманду ҷиддӣ ва гоҳе низ хеле андуҳгин. Бо тамоми вуҷуд орзу мекард ҳамсараш аз ранҷи зойимон осон наҷот ёбад ва аз сӯйи дигар, намои баднамои тифлаки маъсумро бо чашмони баста дидан мехост.

Мулло Фарҳод моил буд бо касе нишаста каме андармон шавад, аммо ҳамсуҳбат ҳам наёфт. Фарнур молҳои хонаро ба пушти теппакӯҳ бурду бо ҳамон бедарак шуд. Гӯё як рӯз, не як сол мегузашту на гӯшаш пайдост, на думаш! «Мол ҳай кардан ҳам ба эбаш-дия, ин чӣ гап?! – таҳаммулро аз даст дода, дар худ мешӯрид ӯ. – О, ба кӯҳ рост кун, худашон мераванд, ҳамон чорпоёни бесар!»

Даробаро ба ҷонаш зад ё поҳояш хаста шуданд ки, дар ниҳоят, Мулло Фарҳод қарор гирифта, босанашро амонат ба гӯшаи санги калони ҷувозӣ гузошта нишаст. Ҳарчанд ду даст рӯйи ҳам ниҳода, зери лаб дуо хонда худро ором вонамуд кардан хост, бо вуҷуди ин ларзиши мавзуни зонуҳояшро пай бурд. «Ё тавба, ба ман чӣ шуд? Одам аз таваллуди фарзанд ҳам то ин ҳад ба ҳаяҷон меояд? Ин чӣ эҳсосест, ки ман дорам?» – аз зеҳн гузаронд мулло ва ногоҳ овози маҳину ҷонбахше аз ҷониби дарвоза ӯро ба худ овард:

– Паҳлавон муборак, додиҷон! Писардор шудед, шодиёна ба ман!

Ин овози хоҳари хурдиаш Сокина буд, ки даст афшонда, остинҳои баландашро бод дода, шоду хурсанд аз дарвоза ба ҳавлӣ қадам зада меомад. Мулло Фарҳод парида аз ҷо хест, ба хоҳар бағал кушода бахтиёру сари ҳол гуфт:

– Комат пури асал бод, аз беҳтарин ҳадяи дунё бароям пайғом додӣ, азизам! Шодиёна аз ман – пеши гӯсафандонам моли туст!

Мулло худро хеле сабук ҳис кард, ба андозае, ки агар бол медошт, ба парвоз меомад. Сокина дасти ӯро раҳо накарда, ба самти хона қадамзанон пурсид:

– Фикр намекардед писар мешавад? Кадомеро интизор будед?

– Эҳ, хоҳарҷон, ҳар ду неъмати Худованд аст, аммо ман, дақиқтараш, ману оча медонистем, ки писар мешавад.

Хоҳар ба шигифт омад, баргашту суоломез нигоҳе ба бародар андохт. Мулло бо шумханд гуфт:

– Модарон ин қадар зираку доноянд, ки бисёр чиза пештар мефаҳманду ҳис мекунанд. Боре оча дар ин хусус сухан ронда, мушоҳидаҳояша бароям

ошкор карда буд. Мегуфт, келин бештар ба самти чап мехобад, дилаш он қадар беҷо намешавад, пӯсти дастонаш хушк шудааст, ба мева зиёд майл надорад, чеҳрааш ҳам тоза аст...

– Оҳ-ҳо, ин ҳама нишонаи писардор шудан будаст-дия, ман намедонистаам...

– Ёд гир, хоҳарҷон, таҷрибаи зиндагӣ бисёр ба кор ояд.

Ҳар ду ба хона даромаданӣ буданд, ки аз берун ҷомаи Фарнур намудор шуд, дар даст кӯлборе дошт. Бозистоданд ва Сокина пешхезӣ карда бо хушҳолӣ гуфт:

– Додарзодаи нав муборак, додӣ писардор шуданд!

– Эҳ-ҳе, ана ба ин мегӯянд хабари хуш! Мубораки ҳамаамон, Илоҳӣ, бо умраш дода бошад, – Фарнур шодмон бо бародар китф ба китф монда ба ӯ табрик гуфту амонати дасташро дароз карда афзуд: – Бубахш, додӣ, молҳоро бароварда ногоҳ ба ёдам омад, ки Раҳмонғулом хоста буд ба назди фармондеҳашон равам.

Мулло Фарҳод кӯлбори дасти ӯро гирифта ҳайратомез пурсид:

– Ин чӣ аст, онҳо доданд?

– Не, не, Бӯрӣ маро ба кор даъват кардааст, анбор кушодаанд.

– Аҳ-ҳа, пас, анборашонро сохта шудаанд?

– Оре, устои калон – худи Саъдуллоамак анбора гирифтааст, дар паҳлуяшон кор мекардаам, – Фарнур хотирҷамъ истодани бародарро дида бетоқат ба суханаш афзуд: – Намехоҳӣ бубинӣ кӯлбор чӣ дорад? Додии Суҳроб фиристодааст, дар Бозоргоҳ Бобо Савур доданд, бечора худашон бардошта меоварданд.

Бо шунидани исми Суҳроб чашмҳои мулло равшан шуд, бедаступо даҳанаи кӯлборро бозкунон бо ҳаяҷон гуфт:

– Наход ки?! Ниҳоят пайғом фиристоданд, эҳ Худоҷон, худат бузургиву меҳрабон!

– Оре, Раҳдор-коммунисти синдобӣ ба бобо дода гузаштааст, таъйин карда, ки ҳатман ба дасти ту диҳанд.

Мулло Фарҳод дарҳол кӯлапуштиро боз кард. Дар он як бӯғча буд, ки аз маҳалли гиреҳаш остину домани либосҳое ба чашм мехӯрд ва дар канори бӯғча низ як лӯлапечи коғазӣ. Бехаёл лӯлапечро гирифту кушод, коғази коҳирангеро, ки навиштаҳо дошт, дар се қабат печонида буданд. Бехаёл ба нома чашм давонд. Ҳусни хати Фаршедро шинохт, аммо Суҳроб қисса мекард: «Салому дуруд, муллоҷон! Моро бубахш, ки хеле дер қалам ба даст гирифтем, ҳатман ду чашмат ба роҳамон чор шудагист, – Мулло Фарҳод бештар ба ҳаяҷон омад, онсӯтар рафта ба рӯйи кундаи зери воиши ток нишаст ва ба қироати нома часпид: – Ману Фаршеду Меҳрон – ҳар се сиҳату саломат ҳастем, ҳоло дар Карминаем. Сад афсӯс, дар бораи арбобу Қозибобо хабари хуш намегӯям. Мо хеле дер кардаем, вале агар дер ҳам намекардем, суде надоштааст. Амаки Баҳром, дамашон гарм, дар райкум обрӯ доштаанд. Ҳамин ки расидем, дардамонро шунида, писари рафиқашон Сабурҷон дасту остин барзад. Аз бойгонӣ маълум шуд, ки Дороаминро бо як даста арбобу шайхони асир ба

Русия бадарға кардаанд. Дар парвандаашон танҳо як ҷумла навишта шудааст: «Ба наҳви инзивои қатъӣ аз озодӣ маҳрум ва ба Русия табъид гардид». Касе намедонад, ки ба кадом минтақа фиристода бошанд. Муллоҷон, намедонам бо чӣ забоне гӯям, Қозибобои моро ба куштан ҳукм кардаанд. Саҳарии рӯзи дигар ҳамроҳи Баҳромамаку Сабурҷон ҳамагӣ аз Нур баромада ба Миёнкол рафтем. Сад афсӯс, дигар дидори қозӣ бароямон насиб нагардид. Мо ҳамон рӯз, пас аз пешин ба идораи ҳарбӣ расидем, вале дастаи ҷазодиҳанда, ки қозӣ ва нуҳ нафари дигарро дар канори наҳри Миёнкол тирборон кардаанд, аллакай аз он сӯй бармегаштанд. Чӣ гӯям... Ҳатто бовар накарда то қатлгоҳашон рафтем. Дар канори наҳр гудоли тӯлоние будааст, ки маҳкумшудагонро бар лаби он саф кашонда, фосила гирифта, бо туфанг мепаррондаанд. Ба сари ҷанозаҳо, ба хотири тезтар об шуда нобуд гардидан, аввал оҳак пошида, сипас бо хок гӯр мекардаанд. Дар он ҷо зиёд намондем, нишаста ба номи ҳамааш фотиҳа хондему ба назди низомиён баргаштем. Танҳо чизе, ки аз Қозибобо монда буд, ҳамин бӯғча аст, ба бачаҳояшон расонед. Аз он ҷо ба Кармина омадем, амаки Баҳрому дӯсташон моро дар мактаби шашмоҳа ҷойгир карданд, ҳоло худашон ба Нур бармегарданд. Ин чизучора ва номаро ба он кас медиҳам, гуфтанд, бо аввалин мусофир дода мефиристам... Аз сарнавишти қозӣ ҳамаамон сахт ғамгин шудем, лекин чӣ чора – замин сахту осмон баланд, бояд таҳаммул кунем. Муллоҷон, мувозиби худат бош, ба хешон салом расон, ба умеди дидор!»

Мулло Фарҳод малулу дилозурда бӯғчаро кушод. Куртаю шалвор ва яктаҳи ба чашм ошноро, ки Қозибобо пӯшида мегашт, дар миёни панҷаҳояш ғиҷим карда, сархаму андуҳгин нишаст. Мисли ин ки оташфишоне дар сина дошт, донаҳои ашки доғ аз умқи чашмонаш заҳида ба рухсораш фурӯ рехтанд. Ин ҳолати ӯ Фарнурро ба риққат овард, ба нияти тасаллӣ дар паҳлуи ӯ нишаст, даст ба рӯйи китфаш гузошта хомӯш монд.

Сокина низ ба канори бародар омад. Дар як лаҳзаи кӯтоҳ бо пардаи ғам пӯшида шудани чеҳраи башшоши ӯро дида дилаш танг шуд. Ӯ низ зону ба замин зада, бо мулоимат ва нигоҳҳои меҳрогин лаб ба сухан кушод:

– Чӣ шудааст, додиҷон, хабари нохуш навиштаанд? – хоҳар кафи нарм аз рӯйи обидидаҳои бародар кашид. – Гиря мекунед?

Мулло Фарҳод ҳар дуро дар бағал гирифт, бо азоб оби даҳон фурӯ бурда, бо овози кам гуфт:

– Аз Қозибобо ҷудо шудем, тақдири шум эшонро низ ба коми худ кашид, – ӯ бо овози кам ба хондани сураи «Фотиҳа» даромад ва дар поён дуо кард: – Аз Худованди таборак ва таоло истидъо дорем, руҳи баланди азизи аз даст рафтаамон дар боргоҳи амни Илоҳӣ ва дар ҷавори раҳматаш ҷовидон биёсояд, ёдаш гиромӣ бод, омин!

Ҳар се дам дар дарун даст ба рӯ кашиданд. Дар ҳоле ки Фарнур ҳам пайки наҳс будани кӯлбори овардаашро дарк намуд, дилаш ғамгин шуд, бо ранҷишу норохатӣ дандон хоида арз кард:

– Шуравиҳои разил! Намефаҳмӣ дӯстанд ё душман... Аз як сӯ сари азизонро мехӯранд, аз ҷониби дигар бароят кор медиҳанд, то рӯз гузаронӣ. Ин чӣ замона аст, додӣ?

– Об аз сар гузашт, додарам, аз ин пас таблро соҳибаш мезанад...

– Яъне, ба ҳар оҳанге, ки мезанад, бояд бирақсем?

– Ҳамин тавр, дигар ба ҳар сӯ равӣ, бунбаст аст, – гуфт Мулло Фарҳод ва афсурдаҳол аз ҷо хеста ба каломаш афзуд: – Аз инқилоби инҳо шаш сол мегузарад, ба ҳама ҷо реша давонданд. Мо дигар на мубориз дорему на ёрои мубориза. Агар ба созашон нарақсем, моро аз маърака парт мекунанд, ному нишонамон дар миён намемонад... Эҳ, ин суханҳора бигзорем канор, ба ту кори муҳимме дорам, додар.

– Ман дар хидмат, ҳар чӣ мефармоӣ! – бе мулоҳиза ҷавоб дод Фарнур.

Мулло Фарҳод гуфт:

– Имрӯз қарор буд оилаи Қозибобора ба Кониоб барам, аммо дар миён янгаат сабук шуд, бояд ба корҳои хонаам расам. Бо вуҷуди ин, бурдани бачаҳои қозира ҳатто ба нисфи рӯз намешавад ба таъхир андохт. Аз дасти шуравиҳо ҳар кор меояд, ба хусус агар хабари қатлро фаҳмида бошанд.

– Чаро ту бояд азият кашӣ, ман худам ҳамроҳӣ мекунам! Ҳамин ҳозир хару хингил баста ба роҳ мебароем.

– Онҳо мунтазири мананд, ҷӯраат, писари бобои сангтарош ҳам меравад.

– Ҳабиб? – чашмонаш равшан шуд Фарнурро.

– Оре, – мулло даст ба дӯши додар гузошта гуфт: – Агар омодаӣ, пас биҷунб! Ман саъй мекунам фардо ё пасфардо бо ду-се мӯйсафед гузарам. Дар ҳамон ҷо ба ҳамсари Қозибобо ҳар чӣ гузашта мефаҳмонем, хатми Қуръон мекунем.

– Хеле хуб, рафтани мана ба оча гӯй, хавотир накашад, – Фарнур давида ба хона даромад, то сарутани сафар бипӯшаду ба роҳ бароянд.

Дар ҳоле ки дамҳои ширини ба дастомада бо ҳавои талх олуда мешуд, Мулло Фарҳод дилозурдаву ҳазин ҳамроҳи Сокина ба тарафи хонаи худ роҳ пеш гирифт.

## Миёнҷигарӣ

«Нарм-нармак мевазад боди баҳор, хуш ба ҳоли рӯзгор. Хуш ба ҳоли кӯҳҳову чашмаҳо, хуш ба ҳоли донаҳову сабзаҳо. Хуш ба ҳоли шохаҳои сархаму...» – ғайри интизор дасти мулоиме ба зери бозуи Мулло Фарҳод халид:

– Оҳ-ҳо, падару писар ба табиат роз мегӯед? Бе ман? – сар ба дӯши шавҳар гузошта бо ноз ба миёни завқ расид Холпарӣ.

Мулло Фарҳод, ки писараки худро рӯйи даст бардошта, аз дарича ба манзараи баҳоронаи атроф чашм медӯхту зери лаб суханҳои шоирона замзама мекард, аз боғи сарсабзу озинёфта бо дарахтони гулбасар дида наканда, бо табъи равон гуфт:

– Мо ки ошиқи ин нозанин ҳастем, танҳо ба ҳамин маҳбубаи худ дарди дил холӣ мекунем...

– Мо чӣ? Ба дарди шумо намерасем?

– Эҳ, азизам... Кош бори диламро сабук мекардӣ, кошки ба ҷароҳатҳои вуҷудам марҳам мешудӣ...

– ...

– Дар пеши назар поку нопок бо ҳам меомезад, миёни муъмину кофар фарқе намемонад. Оби сой олуда шуда, ба чашмаҳо оби даҳан меафтад. Аз сар то буни деҳа, ҳатто давру бари хонақоҳу масҷидҳо зери по мемонад, оре, зери пою сумҳои касиф. Мегӯянд, мардҳои калон рост истода... ба гуфтан забонам намегардад! Бо коғаз ба халоҷо мераванд...

Холпарӣ ин дардҳои шавҳарро хуб дарк мекард, аммо... Ӯ ҳақ буд, барои сабук кардани дарду дилтангиҳояш ҳеч коре наметавонист бикунад, дар рӯбарӯйи оташе, ки аз ниҳоди пурармони ӯ шуъла мезад, бечора буд. Ин лаҳза ҳам, чун дасти шавҳарро дошта, ду чашм ба боғу дарахтзор дӯхта меистод, аз сафҳаи хаёл чеҳраи андешаманди ӯро мегузаронду бас. Беихтиёр, дар дили ин хаёлот сухани дирӯзи шавҳар ба ёдаш омад: «Ниҳоят, давраи таҳсилашон гузашт, бачаҳо дар роҳ будаанд, фардо мерасанд», гуфта буд ӯ.  Ба лабонаш табассум дамид, баҳри дилаш боз шуд. Бо навозиш сари дӯшу гардани шавҳарро молида хушҳолона гуфт:

– Ғоибҷона ба ман диҳед, додош! Ҳадди ақал имрӯз ба захмҳои худ марҳам доред, канӣ, зуд бошед, либосҳоятона иваз кунеду ба Бозоргоҳ равед. Омадани бачаҳо аз ёдатон рафт?

Мулло Фарҳод писарашро, ки бо панҷаҳои хурдаки худ беист машғули хишова кардани риши ғулуи кулчамонанди ӯ буд, дар бағал зер карда аз гунаҳояш бӯса бардошт ва ба зан рӯ оварда гуфт:

– Ту ҳам риштаи сухана ба дигар сӯ метобӣ... Фаромӯш накардаам, Фаршедҷон меояд, Суҳробу Меҳрон ҳам... Ҳама умедам ба онҳост, ҳаёти нав хоҳанд сохт, бо диди мо...

Ногоҳ аз самти дарвоза садои қиючуви бачаҳо баланд шуд. Аввал Шумшук, аз пайи ӯ чанд бачаи хурдсол бо шӯру валвала дар пушти дарича сарукалла нишон доданд:

– Домулло наист, дав, дав!! – базӯр нафасгирон, самти болоро нишон дода ҳарф мезад Шумшук. – Ҳабиб, Шермат... дав, дав!

Мулло Фарҳод дарҳол пай бурд, ки ин воҳимаи бачаҳо бедарак нест. Кӯдакро ба дасти модараш дода, бо шаст ба берун баромад. Шумшуку ҳамраҳонаш бо ишораи даст муллоро аз қафои худ хонда, бо дав ба самти хонаи Қозибобо ба роҳ уфтоданд. Албатта, он хонаро танҳо исмаш ба номи «Қозибобо» буд, акнун билкул ранги дигар гирифта. Шуравиҳо пас аз мусодираи молу амволи қозӣ хонаашро ба ду тақсим карданд: дар як қисм духтурхонаи нав ва дар бахши дигар мактаб, ба қавли маҳаллиҳо «ушкул» кушоданд. Заминҳояшро ба коммуна гузаронданд, вале боғбонӣ боз ҳам ба зиммаи Носирҷону Савронбобо монд. Абрашҷиран ҳам моли давлат шуд, гоҳе Ансор соҳибӣ карду баъдан, гӯё моли худаш аст, Бӯрӣ бо он мегашт...

Вақте ки ба назди хонаи қозӣ расиданд, мулло дар саҳни духтурхона манзараи шигифтангезеро рӯ ба рӯ омад: дар як сӯ Шермат, ҳамон Шермате, ки бо вуҷуди гӯлии худ ба сари боруиён чандин бор ташвиш овардааст, бо сару рӯйи хуншор дасти ҳамелак ба гарданашро беист молида менишаст ва дар ҷониби дигар, Ҳабиби сангтарош худро дошта натавониста, бо тамоми овоз доду фарёдзанон зани ҷавонашро бо як ходаи баланд калтаккорӣ мекард. Дар атроф зану марду бачаҳо ҷамъ омада ҳаёҳу мебардоштанд, вале касе барои наздик шудан талвоса намекард. Мулло Фарҳод баробари ба масофаи овоз расидан омирона садо дардод:

– Ҳабиб, исто!

Аҷабо, ин чӣ амре буд?! Чӣ дастуре буд, ки Ҳабиби шерғазаб бо дасти калтакдори худ сари ҷо шах шуда монд?! Як он садои ҳама хомӯш гардид, одамон дар даҳан об, барқосо ба тарафи овоз рӯ оварданд. Дар ин лаҳза танҳо як кас ором, бо ирода қадам монда ба назди Ҳабиб омад – Мулло Фарҳод. Ӯ калтакро аз дасти шавҳари ориятталаб гирифт, онро қулоч кашида ба самти ҷӯй ҳаво дод. Фазилатхола ҳамоно ҳамкори аз зери шаллоқ раҳоёфтаро ба дохил даровард. Ҳамин дам аз тарафи муқобил гарду хоки кӯчаро ба осмон бардошта ду аспакӣ пайдо шуданд, пешопеш Ансор буд, бо як сарбози шуравӣ. Давида то назди Шермат омаданд ва чун лигомҳоро бемаврид кашиданд, ҳар ду асп шиҳаи дардомез сар дода, сари ҷо давр зада истоданд. Шермати гӯл раиси худро дида, аламаш дубора тоза шуд магар, аз нав ба доду вой даромад. Мулло аз онҳо чашм канда ба Ҳабиб гуфт:

– Додарам, ман ин дағалиро аз ту интизор набудам. Астағфируллоҳ гӯй, наход дар пеши ҳама занатро калтак занӣ? Чӣ гап шудааст?

Ҳабиб аз дори ғазаб фуромад, баргашта бо сари хам ба назди мулло омаду гунаҳкорона ба шарҳи ҳол пардохт:

– Домулло, медонед, Фазилатхола ба келинатон кана барин часпида гирифт, ҳатто се рӯз болои ҳам ба хонаам рафту остонама охурча кард. Розӣ нашавам ҳам, ба ҷону ҳолам намонда, «ба ман фақат Ширин ёрдамчӣ мешавад» гӯён, пеш андохта овард. Дар дунё тухми зан хушк шудагӣ барин, ин ноқисулақла парастор кард.

Мулло аз қазия огоҳ буд, аз ин рӯ нахост Ҳабиб суханро кашол диҳад, бо даст ба ором шудан ишора карду гуфт:

– Инро ҳамаамон медонем, додар! Таърифҳои Маринахонум аз ёдат рафт? Магар ҳамон устодаш нагуфта буд Ширин парастор не, духтури тайёр аст?! Бигзор кор кунад, барои чӣ халал мерасонӣ?

– Валлоҳ, коре надоштам, домулло, – каме аз шӯраш фуромада гуфт Ҳабиб, – имрӯз тасодуфан аз ин тарафҳо мегузаштаму беихтиёр сарам ба духтурхона тоб хӯрд. Аввалин чизе, ки ба чашмам тофт, ҳамин Шермати гӯлу келинат буд. Рӯ ба рӯ истода дасти он нокаса захмбандӣ мекард, ҳайвон! Аз хаёлам чиҳо нагузашт, худама дошта натавонистам, ҳар дуро кӯфтам...

– Эҳ, додари содаи ман, – ба шавқ омад Мулло Фарҳод, – беҳуда нагуфтаанд, ки гумони бад имонро аз тан ҷудо мекунад. Парастор, ки ҳаст, ин корҳора карданаш табиист, албатта! Рав ба хонаат, дар ин ҷо намон!

– Не, Мулло Фарҳод, ин зӯр бо мо меравад! – ногоҳ садои Ансор дар миён баланд шуд. – Одама зада маъюб кардаасту гулуяша бо равған нарм мекунӣ? Ҳама шоҳид, аз болояш арз мекунам, ба маҳкама мекашам!

Мулло Фарҳод яке ба Ансор, яке ба гирду бари дармонгоҳ, ки хеле одам ҷамъ шуда гӯшу ҳуш ба оқибати кор меистоданд, дида андӯхту гуфт:

– Коммунист, аз ҳад нагузарон, инҳо ҳама ҳурмати синну солата мекунанд, гӯлата гиру соята кан аз ин ҷо!

– Мулло, эҳтиромат ҳаст, ба кори мо дахолат накун. Ин аз рӯйи одами шуравӣ гирифт, бояд муҷозот шавад!

– Яъне аз рӯйи Шермат, бале?

Ҳама хандиданд. Ансор дандон хойида тозиёнаи дасташро сахттар ба соқи мӯзаҳояш зад. Боз як қадам ба пеш монда даҳон кушоданӣ шуд, ки аз миёни занҳо Марина бо итоб берун омад. Мулло Фарҳод аз ин пеш дар хусуси ӯ бисёр шунида буд, ҳатто гаҳ-гоҳе дида буд ҳам, аммо ин дафъа бехост кушоду равшан дид. Агар рухсори мисли қанд сапедаш сарфи назар шавад, аз кафшҳои по то рӯмоли сараш айни мардуми кӯҳистонӣ буд, ҳатто ҷилваю роҳгардиҳояш низ. Боре шавҳари ӯ Аркадий таҳайюри худро пинҳон накарда гуфта буд: «Пас аз инқилобамон ба бисёр ҷо сафар кардам, аммо мисли бонувони ғаюру бебоки кӯҳпояи Нур дар ҷое надидам. Инҳо куртаҳои васеъ бо доману остинҳои баланд мепӯшанд, рӯмолу хаппаку кулӯта ба сару гардан мекашанд, вале аслан фаранҷӣ намекунанд. Аз бегона намераманд, рӯяшонро гардонда ё бо остин пӯшонда бурро ҷавоби саволатро медиҳанд...» Дар васати ин моҷаро барошуфта баромадани Марина беихтиёр диққати муллоро ба сӯйи худ кашид, медид, ки ин замон бонуи худи Аркадий тоҷики асл шудааст.

– Ансор! Ин ҳама хармастиата ҷамъ карда гум мешавӣ ё мо кафшата пеш гузорем? – бо пӯписаи ошкоро ба майдон баромад сардухтур. – Ту, ки на зан дорию на ба қадри зан мерасӣ, аз куҷо донӣ ишқи ин ҷавона?! Хуб, як рашке кард, хуни тоҷикиаш ҷӯш зад, чӣ, кӯҳ ба дара чаппа шуд?

Пӯсти рӯйи Ансор мисли лахча шукуфт, вуҷудаш даргирифт, шалвори хокиранги ҳарбиашро тар кард магар, поҳояш ба ҳам печиданду калавида ба қафо гашт. Дигар ба Шермат ҳам нигоҳ накарда, бо шитоб ба назди аспаш омад ва ҷаҳида рӯйи зин нишасту як по дар узангу пойи дигар кашол, ба кафали асп тозиёназанон бадар рафт. Аз пушти сари ӯ ҳаёҳуи пур аз завқи ҳозирин ба осмон печид.

Дар ин маърака танҳо Мулло Фарҳод намехандид. Ӯ Ҳабибро, ки ҳанӯз нарафта, мисли дигарон бо иштиёқ ба тамошои Ансор банд буд, ба сӯйи худ хонд:

– Додар, биё бо ман, айни муддао шуд, дунболи ҳамраҳ мегаштам. Ба Бозоргоҳ меравем, имрӯз бародаронат меоянд.

Ҳабиб бо камоли майл ба мулло пайваст. Одамҳо як-як ба мақсади хонаҳои худ пароканда шуданд.

– Ин дармонгоҳи шуравиҳо аз хонаҳои тангу тори табибони мо сад бор беҳтар аст, – аз роҳи аробагарди Даридуруд ба поён сарнишеб шуда ба гап даромад Мулло Фарҳод. – Тахти муолиҷа гузоштаанд, суфҳояша доим иваз

мекунанд, дар канори рӯшӯйиву обдасти дами дар мудом собун ҳаст, дастпоки тоза... Раисамон ҳам бефарқ нест, ҳамсараш, ки сардухтур аст, ҳавояша дорад, дорую алкулу давогулиҳора расонда меистад. Чун дармонгоҳи умумист ҳама меоянд – хурду калон, зану мард. Ин якҷоя шуданҳо танҳо дар ин ҷо нест, бубин, дар ҳамин ушкули паҳлуяш ҳам ҳаст, дар боғу заминҳои коммуна ҳам ҳаст, э мон, ки дар ҳама ҷо расм шудааст. Аз ин пас бояд одат кунем, агар эътироз ба дардамон мехӯрд, аз ҳама пеш ману Мулло Дурандеш ва мисли моҳо доду вой мегуфтем, дунёра ба сар мебардоштем. Худора шукр, одамони мо баимонанд, зану духтаронамон дар ҳама ҷо баиффат пӯшида мегарданд, шарму ҳаё, одоби муомилаю муошира пос медоранд. Ин чиз бисёр муҳим аст. Агар зан бадҷинс бошад, ҳазор гӯйиву лату кӯб кунӣ, бефоида, дар сияҳчол ҳам бошад, бадкориаша мекунад.

Дар дили ин гуфтугузор, ба чашм намудани ҳамсояи Зоҳирамак Зуҳрабибӣ ва шавҳархоҳари вай Нодира, ки дар як тағора писараки хурдеро нишонда аз дарвозаи хонае мебаромаданд, ҳар дуро ба шигифт овард. Мардҳо ҳанӯз чизе нагуфта, Зуҳрабибӣ бо даҳони паҳн арзи ҳол намуд:

– Муллоҷон, айб намекунед, мо сарсахтҳо ҳафт дара мегардем. Дуюним сол мешавад ин, хок бар сар, набераам ҳанӯз пой набаровардааст.

– Эҳ, хола, аз ҳамин хурофотҳо ҳеч даст накашидед-дия. Монед ба ҳоли худаш, вақташ, ки расид, ҳатман раҳравон мешавад. Ё ба назди Моринохонум равед, маслиҳат медиҳад чӣ кор бояд кард.

– Одати куҳна, муллоҷон, ина гузаронем, албатта, ба пеши духтурамон ҳам мебарам.

Мулло Фарҳод норизо сар ҷунбонда ба роҳаш идома дод. Ҳабиб бошад, чизеро нафаҳмид.

– Ба ин одат пеш наомадаам, – бо тааҷҷуб гуфт ӯ.

Мулло шарҳ дод:

– Вақте ки кӯдак дергоҳ пой намебарорад, вая дар лаган шинонда, ба сар гузошта, ҳафт дара давр мезананд. Мебинӣ, аз паси Зуҳрабибӣ Нодира ҳамин кора мекунад. Аз ҳар хона як пиёлаӣ орд медиҳанд. Ин занҳои хурофотпараст дар хона ҷамъ шуда, аз орди гирдомада кулча мепазанд ва кӯдака дар миён рост нигаҳ дошта, кулчаи пухтаашона аз зери поҳояш мeғелонанд. Гӯё бо ин амалҳо кӯдак пой мебаровардааст. Ана, ба ту илоҷи кор, рав, ҳисобата ёфта гир!

– Хуб, пас, нахӯдчошон чист?

– Он одати дигар! – каме хушҳол шуда овоз баланд кард мулло. – Нахӯдчошон аз расмҳои қадима аст, ки бо расидани он занҳо ҷон мегиранд. Дар ҳини бача овардан дод гуфта, аз похса то вассаю болор – хонаро меларзонанд, лекин баъд аз сабук шудан дар пеши хурсандиашон офтоб шарм медорад. Агар гуфтӣ, дуюм сабаби шодбаҳрии онҳо чист? Дандон кафондани навзод! Дандонҳои кӯдак одатан дар яксолагӣ мебароянд. Эҳ, агар медонистӣ, ин фурсата падару модар, бобою момоҳо чӣ қадр интизорӣ мекашанд! Ана ҳамон нахӯдчошоне, ки мегӯйӣ, ба шарафи дандонбарорӣ доир мегардад. Нахӯда момои модариаш пухта меоварад. Дар манзили худашон бошад,

кулчаҳои ширину бӯғурсоқ мепазанд. Наздикон гирди ҳам меоянд, аз сари кӯдак нахӯд мепошанд, духтаракону бонувон арғушт мераванд, суруд мехонанд, модарони солдида дуо мекунанд, ки дандонҳои бача ба мисли нахӯд бишкуфад, ба сони жолабороні нахӯд ризқу рӯзиаш фаровон ояд:

*Қатор-қатор, қаторак,*
*дурру марҷон муборак!*
*Ба саргаҳи умедат*
*қатраборон муборак!*
*Шукуфта дандонакош*
*резадандон муборак!*
*Ба ҳавлии кӯдакдор*
*нахӯдчошон муборак!*

## Дар суҳбати раис

Мулло Фарҳоду Ҳабиб аз пули кӯтоҳи рӯди Даридуруд гузашта ба кӯчаи калон баромаданд. Вақте ки ба гузари Миёна расиданд, дар канори роҳ нахустин хонаю боғ манзилу макони арбоби деҳа Дороамин буд, ки инак пурра мулки шуравиҳо шудааст. Худи арбоб низ «ҳафт гувоҳ» нест, касе намедонад чӣ балоҳое ба сараш омад. Бачаҳояш хоназиндон дар Кониоб, агар замоне онҳо дасти ҳамдеҳагонро мегирифтанд, акнун худашон дастнигарони дигарон.

– Он раиси шуъбаамон аст, домулло? – ба аспаробаи дами дари арбоб дида дӯхта, суоломез ба сухан омад Ҳабиб. – Аз сафар бармегардад, зоҳиран, борубунааш ҳам зиёд менамояд.

Ду-се нафар аз дохил баромаданд, ба раисашон салом дода дарҳол даст ба кашондани василаҳои ароба заданд. Мулло Фарҳод, ки мудом ба сархам роҳ рафтан одат дошт, бо ҳарфи ҷавон ба самти онҳо дида андӯхта гуфт:

– Худаш аст, ҷаноби Оркоди. Марди наҷиб, инсони дилёбу донишманд!

Ҳабиб аз ин ситоиши ногаҳонӣ ба шигифт омад. Бо тааҷҷуб пурсид:

– Домулло, ин гапро шумо мегӯед, касеро, ки ҳафт пушт кофир аст таъриф мекунед?

– Нагӯ кофир, ин ҳарфи хуб нест. Шояд ӯ номусалмон бошад, аммо аз садҳо мусалмони бетавфиқ беҳтар аст. Кораш дуруст, ғами мардума мехӯрад. Гузашта аз ин, тоҷик аст!

Ҳабиб бештар ба ҳайрат омад. Мулло инро равшан пай бурда афзуд:

– Оре, тоҷике аст, ки забони модариамона аз ману ту беҳтар медонад. Ҳамсараш Моринохонум ва ду писараш ҳам саропо тоҷик шудаанд. Медонӣ ин чӣ маънӣ дорад?

– Магар онҳо урус нестанд? – ҳанӯз ба умқи суханони мулло сар дар наоварда пурсид Ҳабиб.

Мулло Фарҳод лабханд зада ба каломаш идома дод:

– Урус аст, аз дили Русия, вале бештари умраша дар тарафҳои мо мегузаронад. Бо зоти пур аз ишқу отифаи худ ба мардуми мо, ба забону расму одоти мо эҳтиром гузошта, қадршиносӣ мекунад.

– Гуфтанӣ ҳастед, ки ғами мора мехӯрад? Дар бурдани арбобу қозӣ ҳам дасте надорад?

– Мусаллам аст, ки ҳавои мора дорад, аммо... – Мулло Фарҳод дуруст ба чашмони Ҳабиб нигоҳ карда, ангушти ишорат нишон дода афзуд: – одамҳои боя гирифтани ҳукумати нав масъалаи дигар, ба наҳве зӯрӣ аст, чунон сиёсати печидаест, ки ба он на Оркоди, на каси дигар метавонад дахолат кунад. Он угепуяшон боз сари чанд каса мехӯрад фақат ба Худо аён. Кӣ медонад, шояд фардо-пасфардо аз пушти мо – муллоҳо ҳам меуфтанд.

– Астағфируллоҳ гӯед...

Дар ин ҷойи гуфтугузор садои Аркадий бо лафзи латиф шунида шуд:

– Мулло Фарҳод, ба гузари мо ранҷа фармудаӣ? – гуфт ӯ ва соҳиби аспаробаро ба рафтан рухсат дода, ба тарафи муллою Ҳабиб по ниҳод. – Шояд бовар накунӣ, ҳоло дар роҳ омада ёди туро мекардам, корҳои маслиҳатӣ бисёр аст.

Бо ҳам гарм вохӯрӣ карданд. Мулло Фарҳод дар идомаи суханҳои раис гуфт:

– Ҳамин ҳозир забони ману Ҳабиб ҳам аз ғайбати ту чарб буд. Дилҳо ки наздик аст, ҳамдигара ёд мекунем. Аз куҷо меойӣ?

– Аз Боғдон. Лавозими шудгор овардам, ба умеди оҳангархонаи Бобо Савор нишинем, дар тӯли як моҳ ду-сетои белу каланд месозаду бас. Авҷи киштукор, ба деҳқонон асбобу анҷом даркор.

– Боракаллоҳ, кори савоб кардаӣ! Ҳозир ба бобо ҳам мушкил, оҳани хом надорад, савдогарони пештара нестанд акнун.

– Биё, ба идора даро, бафурҷа суҳбат мекунем, – дари дарвозаро кушода даъват кард раис, – куҷо мерафтӣ?

– Ҳеч, бо Ҳабиб ба Бозоргоҳ сар гирифтем, имрӯз додарон меомадаанд, гуфтам дар сари деҳа пешвоз гирам.

– Эҳ-ҳа, Суҳробино меоянд?! Ҳамаамона пазмон карданд ҷавонҳо, – хурсанд шуд Аркадий ва аз дасти Мулло Фарҳод дошта илова кард: – Хуб, ту биё пеши ман, додар меравад он ҷо, – ва ба Ҳабиб рӯ гардонда гуфт: – Ҳар вақт омаданд, гиру рост ба назди мо биёр!

– Хуб шудааст, раис, – ҷавоб дод Ҳабиб, дар сурате ки бори аввал «раис» мегуфт ва бо мулло ба ҳамдигар нигоҳҳои маънидоре карданду ӯ ба роҳ уфтод.

Ду дарахти тути балхӣ дар ҳавлии Дороамин бо шоху баргҳои саркашида ба чаҳор сӯ ба назар баландтару азимтар менамуданд, дар самти рост низ аввали боғи сабзу хуррам маълум буду охираш нопайдо. На фақат таҳхона, ҳатто айвони баҳории арбоб аз пушти албонҷи навдаю панҷаҳои дарахтони қоматбаланд базӯр ба чашм мехӯрд. Дар пайроҳаҳои назди хона афроди бисёр, ки яқинан ҳама коргару кормандони идораи шуъбаи коммуна буданд, равуо доштанд, ба хонаҳои самти чап даробаро мекарданд. Агарчи «даргоҳ»-и арбоб зинда ба назар мерасид, баробари ворид шудан ба ҳавлӣ дили Мулло Фарҳод

тах хӯрд. Беихтиёр дар мадди назараш чеҳраи нуронии Дороамин, омирона кору дастур фармуданҳои ӯ, ҷунбуҷӯли хидматгузоронаш падид омад, дар вуҷуди худ ҳавои гарми истиқбол ва нигоҳу таоруфҳои самимонаи Мусалламхоларо ҳис кард.

– Биё, мулло, мо ба айвон мебароем, – ба самти зинапояҳо ишора карда гуфт Аркадий ва тугмаҳои камзӯлашро кушода, остинҳояшро бар зада ба канори арз, ба пеши ҷавони ҷингиламӯе, ки ба даст обдаставу дастпок гирифта меистод, омад, – агар мехоҳӣ, ту ҳам даст шӯй.

Аз рӯйи одат мулло низ дасту рӯ шуста, се бор даҳонашро обгардон кард ва дастпоки ҷавони обрезро бо имои инкор қабул нанамуда, бо миёнбанди худ дасту рӯяшро поккунон аз пайи раис қадам зад. Ҳар ду ба айвон баромаданд. Аллакай дар он ҷо дасторхон густурда, барои пазирой тадорук дида буданд.

– Кор аз мӯйи сар бисёр, баъзан намедонӣ ба кадом яке бирасӣ, – пас аз нишастану дуо хондани Мулло Фарҳод раис ба гап даромад, – Саша аз нависонавис сар намебардорад, ба мардуми Кониобу Зиҳвор расидан мушкил шудааст. Одамон аз кор мегурезанд, бисёрии онҳора бояд аз гӯшашон кашида ё тозиёна зада ба кор барорӣ, Бӯрию Ансор ҳар рӯз даъво доранд.

– Аз дасти мардум замину молашона беҳад зиёд гирифтед. Маҷбур шудаанд ҳам бори рӯзгора кашанд, ҳам коммунара. Ҳанӯз ба сохти нав одат накардаанд, бовар кун, ҳанӯз ба ваъдаҳои саркорон эътимод ҳам надоранд.

– Рост мегӯйӣ, лекин мо танҳо молу мулки заминдорони калона мусодира кардем. Ҳар як хона ҳадди ақал як таноби замин дорад, моли калону хурд дорад. Дар ҳама ҷо заминҳои вақф азхуд шуд, осиёбу дӯкону оҳангархонаҳои хусусира бастанд, ҳатто ба пушти дари масҷиду мактабҳои кӯҳна танба гузоштанд, вале мо ин зулма раво надидаем. Ҳадафи ман ин аст, ки одамони деҳа худашон сиёсати давлата дарк кунанд, бо майлу ихтиёри худ ба сохти шуравӣ тан диҳанд, аз худбинию худхоҳии пешин даст кашанд.

Мулло Фарҳод ба ҳарфҳои раис гӯш дода, ҳамзамон аз мағзи хаёл андешаҳои чанд сол пеши худро мегузаронд ва ҳеч бовараш намеомад, ки як рӯз ба ин роҳатӣ бо як пешвои шуравиён нишаста, сар ба сар монда суҳбат мекунад. Ӯ суханҳои раисро рад накарда бо мулоҳиза гуфт:

– Пас аз он ки сарбозони сурх деҳаҳои мора аз дасти роҳзанҳои амир наҷот доданд, хурду калон ба Ҳукумати Шурой моил шуданд. Шумо кишварамона ғасб кардед, лекин дар пешорӯйи одамони таҳҷойӣ як ҷаҳони дигар боз шуд. Мардуми азияткашида азобҳои додаи ба ном «муҷоҳидон»-а, ки аз имону мусалмонӣ бӯе надоштанд, аз сар гузаронд, шиканҷаҳои онҳора таҳаммул кард ва худа то имрӯз расонид. Ҳеч кас намедонад аз ин пас ҳукумати нав чӣ рӯзҳора ба сарамон меоварад, аммо таваккул ба Худо, дигар чорае ҳам надорем. Падарам сари ҳар даҳан сухани худ мегуфт, «замона бо ту насозад, ту бо замона бисоз». Оре, аз замона метавон гила кард, аммо наметавон дар муқобили он истод. Ба фикри ман ҳам, боҳуштарин инсонҳо касоне ҳастанд, ки бо ҳар гуна шароити қудрат созгор мешаванд ва ин бақои зиндагиашона замонат мекунад.

Раис ба пиёлаи Мулло Фарҳод чой рехта, як лаҳза хомӯш шудани ӯро ғанимат дониста, ба сухан омад:

– Мулло, ман намехоҳам худама поку беайб нишон диҳам, вале росташа гӯям, аз ранҷу бераҳмиҳои кормандони огепу шармандаам. Дуруст мефармоӣ, фардо боз чӣ қисмате мора интизор аст, касе намедонад. Аммо, аз он чӣ гуфтӣ босмачиҳо одамони Борура низ шиканҷа додаанд, бехабар будам, аз онҳо чӣ талхиҳое ба ком монда?

– Оҳ, Оркоди, ту напурсу ман нагӯям! Ҷоҳилон бешармона худа аз лашкари амиралмуъминину ҳомиёни ислом нишон дода, хеле разилиҳо карданд. Боре ба сари ҳамин деҳхудоямон, ки бадбахтона, қулоқ шуд, рехта буданд номардон. Вақте ки аз ӯ даҳ раъс аспаша бо зӯрӣ гирифта мерафтаанд, ногоҳ писари арбоб Сиёмак пеши роҳашона мегирад. Дуздони хуношом ҷавона латукӯб карда, аз миёнаш ресмон баста, бо асп кашолакунон то осиёби боло мебаранд. Аз ҷасади хуншору тика-тикашудаи бечора сер нашуда, бо таноб ба чинори назди осиёб овехта меравaнд. Арбоб синабирён шуд, аз марги муфоҷои ягона фарзанди худ хун хӯрд, фарёдаш ба фалак расид.

– Чӣ зулме! Арбоби бечора дигар касе надорад?

– Не, танҳо ҳамсараш Мусалламхола монд, дар Кониоб аст.

– То як оромӣ ба даст ояд, чӣ қадр хунрезиҳо мешавад...

– Бале, бадии кор дар ин, ки хуни бегуноҳ бисёр мерезад. Роҳзанҳои бек оилаи устоди бузург Мулло Дурандеша ҳам дар чодари ғам печонида буданд. Лаънатиҳои кӯрнамак як ҳафта дар хонааш пинҳон шуда гаштанду охир дар нондон туф карданд.

– Не-е...

– Пеш аз рафтан устода дур дида, зану бачаҳояша зада маҷруҳ мекунанд ва духтари қадраси вай Шоҳсанама дуздида меравaнд. Ҳамсояҳои устод огоҳ шуда ба мо хабар доданд, аммо то Қозибобо одам ҷамъ карду аз пасашон рафт, дер шуда буд. Дар хамгашти дараи Ағба, аз миёни хорҷӯбҳо ҷасади духтара ёфта оварданд. Маълум шуд, ки маъсума талошкунон то ҳамон ҷо рафтааст ва ҳангоми гузаштан аз зови хамгашт худаша ба ҷар ҳаво додааст. Теппаи сараш қоқ шуда, ҳама ҷояш харошидаву лолагун менамуд.

– Босмачиҳора дастгир накарданд?

– Аз куҷо, ҳафт гувоҳ ғайб заданд, нокасон! Бо сардорашон Луқмон-бойбача, аз Хумгузару Моҳигарм фирор карда омада буданд. Ба гуфтаи амакам Содир, аскарони сурх ҳамаашона дар Пойгач ба қатл расондаанд, аз ин гап ҳам ду сол мегузарад.

– Тоза мефаҳмам, ки аҳли Бору барои чӣ ба мо хусумат надоранд...

– Аз дасти он нобакорон мо бисёр азият кашидаем, Оркоди, ман танҳо ҳодисаҳои калона нақл кардам. Як-ду сол деҳаамон зери суми аспҳои он касифон монд, ин қадар мора, дару боғу устохонаҳоямона хароб ва молҳоямона ба яғмо бурданд, ки ҳисобаш фақат ба Парвардигор аён. Рустию пинҳонӣ думҳояшон ҳанӯз ҳам ҳастанд, мисли хуруна[171] ҳатман ба неш задан фурсати мувофиқ мепоянд.

---

[171] **Хуруна** **خرونه** – ҳашарае мисли каждум, ки заҳри марговар дорад

– Онҳо дар куҷоянд, ба назарат?

– Шумо, ки ҳама сӯроху сунбаи кӯҳпояамона намегардед! Ин қаторкӯҳи мо то Пойгач пур аз ғору бешазор аст, маҳалли гурез бисёр дорад.

– Рост мегӯйӣ... – бо тасдиқ сар ҷунбонда гуфт Аркадий ва андешаманд ба суханаш идома дод: – Аз ин пас бо артелу коммунаҳо кор ба сомон намерасад, қарор шудааст, ки колхозҳо созмон диҳанд. Шояд ман ҳам ба Авлиё равам, маркази колхози мо он ҷо мешавад. Бештар ваколат мегирем, ҳукумати шуравира ҷоннок мекунем.

– Кулхуз?

– Яккакориҳо барҳам мехурад, дар ширкатҳои умумӣ муттаҳид мешавем. Шояд ҳама артелу коммунаҳое, ки дар Авлиё, Бору, Тоза ва Синдобу Моҳигарм ҳастанд, ба як колхоз дароянд. Чорводорию деҳқонира ҳар як деҳа бо таъсиси фермаи худ пеш мебарад, – раис аз сухан бозистода бо диққат ба Мулло Фарҳод дида андӯхт ва чун пай бурд гуфтаҳояшро он қадар дарк намекунад, кунҷковона, ғайричашмдошт пурсид: – Мулло, намехоҳӣ ба сафи мо дароӣ?

– Магар ман дар сафи шумоҳо нестам? – бо лабханд ҷавоби пурсишомез дод Мулло Фарҳод.

Аркадий нигоҳи ҷиддӣ гирифта афзуд:

– Мехоҳам коммунист шавӣ, мактаби деҳара худат ба роҳ андозӣ, боз...

– Мамнун, бародар, марҳамати шумо зиёд, – мазмуни пешниҳоди раисро фаҳмида, бехаёл суханро аз даҳони ӯ гирифт мулло, – Мегӯянд, оби наталабида мурод аст, аммо маро ба ҳоли худам гузоред. Ту худат нағз медонӣ, ин ҳама муросоҳои банда фақат ба хотири осоишу оромии мардум аст.

– Бубин, мактаби куҳна баста шуд, дарсҳои динӣ дар мо мамнуъ. Бовар дорам чанд моҳи дигар огепу мисли саги бӯгир аз дунболи муллоҳо ҳам меафтад. Мо нахоста, ин рӯз пеш ояд, на ман, на каси дигар метавонад тура наҷот диҳад. Аммо аслан намехоҳам инсоне закиву донишманд мисли ту ба асорат гирифтор шавад. Чӣ мешуд ба қатори бародаронат Фардоду Фарнуру Фарзом дароӣ, дар паҳлуи ҳамдеҳагонат бо мо канор биёӣ?

– Хеле муҳаббат дорӣ, Оркодий! Ҳар коре фармоӣ, анҷом медиҳам, вале хоҳишан ин гапа нагӯ. Фаршед дар роҳ аст, ба ушкул мегузорӣ. Ӯ бо санад меояд, босавод аст. Дар омӯзондани хату дарсҳои забон омодаам ёрӣ расонам, аз ин бештар ҳеч чиза аз ман умедвор набош.

– Ҳатман, худам низ ин барномаро дорам, ба мактаби нав Фаршедҷон сару сарвар мешавад. Бубин, мулло, шояд дар ягон гӯшаи Иттиҳоди Шуравӣ ҳамчунин суҳбати гармеро миёни коммунисту мусалмони мулло мувоҷеҳ наойӣ. Ин муколамаи ширина танҳо ману ту дорем! Далелаш ин аст, ки мо одамҳои зиёӣ ҳастем, фарҳанги волои инсондӯстӣ дорем, қадри одама мешиносем. Аз ин хотир, як илтимосе дорам, ки бояд қабул кунӣ.

– Ҳар чӣ мефармоӣ, Оркодий. Ту ягона инсоне ҳастӣ, ки диду назари мана ба сохти шуравӣ билкул иваз кардаӣ, ман ба ту эътимод дорам.

– Бародарам, аҳволи замона ҳамеша дар як мадор нест. Аз ин рӯ, ба ман ваъда деҳ, ки ҳар гоҳ ба таъқиби ту биафтанд, ба сухани ман гӯш меандозӣ ва ҷоната дар хатар намегузорӣ. Ҳамон вақт бароят мегӯям, ки чӣ кор бояд кард.

– Ба чашм! – гуфт Мулло Фарҳод ва бо меҳр дасти дарозкардаи раисро фишурд.

Дар ҳамин асно марди хидматкор аз зинаҳо боло омада пайғом расонд:

– Раис, меҳмонон омаданд!

– Расиданд? Ҳамин ҳозир мефуроем! – аввал Аркадий ва аз паси ӯ Мулло Фарҳод доман ҷамъ карда, бо шитоб ба мулоқот шитофтанд.

## 5. ДАСТГОҲИ НАВ

### Авлиёи шурой

Ба мисли имрӯз Авлиё дар таърихи худ тараддуди одамону аробаҳоро то ин ҳад надида буд. Аз даме, ки колхоз таъсис ёфту Аркадий раёсатро ба даст гирифт, як солу анде мегузашт ва ӯ деҳаи назарногири Авлиёро, ки ғайр аз як оромгоҳу як масҷид ва бист-сӣ ҳавлию ҷо чизи дигаре надошт, ба рустои калон, не дар муқоиса бо Боруву Синдоб, ба шаҳраке табдил дод. Чун паҳнои русто барои хонасозию ободонӣ мусоид буд, аз ҳар тараф – аз деҳаҳои Бору, Тоза, Синдоб, Моҳигарм, аз юртҳои қазоқнишини Лабишӯр, ҳатто аз қӯрғонҳои болооб то Зиҳвор, одамонро бо оилаашон кӯчонида овард. Санги поҳсаи шуравиро гузошт, ба ҳама ҷойи корӣ дод, маркази идорию коргузориро роҳандозӣ кард... Ва инак, барои гузаронидани ҷаласаи кушоди ҳизбӣ ва комиҷроияи колхоз бар замми раҳбарони маҳаллӣ аз чаҳор сӯ раисону вакилон дар ҳавлии идораи марказӣ гирдиҳам меомаданд. Дар ин таҷаммуъ, дигар, ҷомаю саллапӯш ангуштшумор, ришу фашдор ба нудрат, аммо тазоҳуре буд камзӯлию мӯзабапо, аглаб бо тоқиҳои чоргулу мӯйлабҳои баланд. Дар корвонсарой низ гӯшдарозҳои мазлум дар паси кафалу гардани баланди аспони мағрур ба назар наменамуданд.

«Идора» барои одамони маҳаллӣ вожаи нав буд. Колхоз ва ҳар як шуъбаи он идораи худро дошт ва шуъба ҳам бо номи «ферма» ёд мешуд. Аркадий дар сари кор фермаҳоро бо исми деҳаҳо номгузорӣ карданӣ шуд, аммо чун фаҳмид авулҳои қазоқнишин бар асари бодиянишинӣ ва фосиладорӣ аз фарҳангу тамаддун исми дурустҳисобӣ надоранд, ба хотири яксонӣ ҳар як фермаро бо рақаме сабти ном кард. Дар пай, фермаҳои 1, 2, 3, 4, 5 рӯйи кор омаданд, ки инак дар нишасти умумӣ ҳар яке намояндагӣ доштанд. То пешин ҳама ҷамъ шуданд, ҳавлии идораи колхоз орухонаро мемонд. Ғалоғула бо лафзҳои тоҷикӣ ва ӯзбекию қазоқӣ ҷизу бизҳое дошт, ки аз канор ҳарфе равшан ба гӯш намерасид. Дар миёни фавҷи одамон қадди болои Суҳроб ангуштшумор буд. Ба ин салобати сарвари Бору танҳо мудири фермаи панҷум аз Синдоб – Бӯрии маъруф ба лақаби «командир» каме баробарӣ мекард. Бо ин ҳол, чеҳраи ҷавон,

мӯйлабҳои дарози ба боло қатшуда, тану тӯши васеъ, бозувони таранги аз остини камзӯл ба берун дамида ва панҷаҳои бузургу паҳни устухонии Суҳроб ҳамтои худро надошт.

– Ин як соле, ки гузашт, олама дигаргун сохт, – дар паҳлуи Суҳроб як баста коғази коҳирангро ба тартиб дароварда ба суҳбат идома дод Фаршед, – ман фикр намекардам зиндагӣ то ин ҳад ранги дигар мегирад.

– Чӣ хел?

– Кӯҳ бо қуллаҳояш ба дара сар хам кард, Хуршед дар пеши ҳурлиқоҳо шармгин шуд, дуои ширмоҳиҳои Нур ба чашмаҳои Дуруду Акко расид... Боз чӣ гӯям, ҳа, дар дашту даман гулҳои санг рӯийд, харсангҳои чандинасра ҳама об шуда мум гаштанд!

– Мехоҳӣ бо гапҳои коғазпечат сарама гаранг кунӣ? Аз афсона ба ҳақиқат гузар! Медонам, дардҳоят бисёр аст, имрӯз фурсат дорем, ки як-як пеши раис изҳор кунем.

– Саравал курсиҳои мактаба ба ёдаш медиҳем!

– Ба қавли раис Оркоди, парта, бале?

– Ҳа, дунафарӣ ба ман қавл дода будед, ки барои оварданаш аз Миёнкол ду-се уштур медиҳед.

– Бо чор-панҷ парта кор буд мешавад? – аз кори сахте, ки ба уҳда мегирифт, ба шигифт омада пурсид Суҳроб.

Фаршед гуфт:

– Агар ду уштур бошад, чаҳорто, агар се уштур диҳед, шаш дона меоварам, ба сарборӣ ҳам дигар лавозими мактабию либосворӣ барои бачаҳо. Додӣ, мо ба пули бисёр ниёз дорем, имрӯз мебинем раис чӣ қадр ба ту эҳтиром қоил аст. Ҳа, партара ки овардем, якеаша дар ихтиёри дуредгарамон Усто Шодмон мегузорам. Ҳар қадар хоҳем, нусха гирифта месозад.

Суҳроб хост ҳарф занад ки, ба наздашон Бӯрӣ-командир омаду суханаш дар даҳон монд. Бо вуҷуди ин ки пештар мулоқот карда буданд, Бӯрӣ дубора салом арз намуда гуфт:

– Хуб, коммунисти ҷавон, аз Бору чӣ хабар? Ҳама сари ҳоланд, Ансор ба чӣ машғул аст?

– Амну амон, – бо хушҳолӣ ҷавоб дод Суҳроб, – коре карда ба дарди мардум мерасем, ҳама чиз рӯ ба роҳ аст. Ба Ансор ояд..., кош бо худат ба Синдоб мебурдӣ...

– Чӣ гап, нофармонӣ мекунад?

– На нофармонӣ, аблаҳӣ мекунад, нисфи мардум аз дасташ ба дод омадаанд. Аз қадим якраву пеш аз худ буд, имрӯз ҳам ҳамон!

– Ина ман медонам, чун оила надорад, каме ёбоӣ аст. Ягон зан наёфтӣ барояш, шояд овора шуда ба дигарон пӯписа намекард?

Суҳроб бо шумханд гуфт:

– Занҳои мо дар сараш чормағз мешикананд. Дигар ба ин пири фартут чашми кӣ ҳам мепарад-мегӯйӣ?

Аз суҳбати ду раис Фаршед ба завқ омад. Табассуми ӯро дида Бӯрӣ оҳиста бо мушт аз китфаш тела дода гуфт:

– Чӣ хабар, муаллим, ягон чӣ ба ёдат омад? Ту ҳам ба сухани раисат ҳамроҳӣ?

– Албатта! Ансор ҳанӯз вақти «бӣ» буданаш аз ин ҳуқуқ маҳрум шуда буд. Ӯ камзӯли фирқавӣ пӯшиду ба дили шумоҳо роҳ ёфт, вале дар назари мардум аз як бӯқаламуни гургсифат ва аҳёнан, хари лингпарто беш чизе нест.

Ҳамин дам навбатдорони клуб ҳамаро ба дохил фаро хонданд. Тӯдаи одамон ба таниш даромад, пасу пеш ба тарафи дари даромад ҳаракат карданд. Бӯрӣ ҳам аз қафои Суҳробу Фаршед роҳравон гуфта монд:

– Ансора ба назди ман фиристон, Суҳроб. Як кампири танҳо ҳамсоям аст, шояд дар Синдоб ҷуфташа меёбад, чӣ гуфтӣ?

– Пирию хартозӣ гӯй!

Ҳар се хандиданд.

Дар маҷлис тамоми харакҳои панҷкасӣ, ки дар чандин рад чида шуда буданд, пур аз одам гардид. Аркадий дар пушти мизи дастсохти минбар қомати болои худро мисли сарбозҳо рост нигаҳ дошта, бо ғуруру тафохур ҳозиршудагонро зери чашм мехонд. Дар ду бари ӯ ду нафар меҳмони нурӣ, ки маълум буд аз маркази ноҳия омадаанд, менишастанд. Ҳар ду сархаму хомӯш дар дафтарҳои пеши худ чизҳоеро менавиштанд. Ниҳоят, пас аз шикастани сари ҷӯшу ғалоғула Аркадий ба ҳама саломуу дуруд арз карду ба ҷамъомади худ ҳусни ифтитоҳ бахшид. Суханрониаш мум ба даҳони ҳозирин рехт, оҳанги гуфтор ва мавзуи суҳбату гирумони андешаҳояш ҳамаро маҷзуби худ сохт. Ин баромади ӯ ба наҳви дигар ваъзе буд, ки на аз минбари масҷид, балки аз пешгаҳи маҷлиси шуравӣ садо медод. Дар каломаш аз Худою расул хабаре набуд, аммо шинухези одамон, ранги тозаи деҳаю авулҳо, бархӯрди маҳаллиҳо, бурду бохтҳои колхозро шарҳ медод. Бо даҳони пур дар хусуси рӯйдодҳое, ки пас аз таъсиси колхоз дар тӯли як сол анҷом пазируфтаанд, таъриф мекард.

– Офтоб аз машриқ тулуъ карда дар мағриб менишинад ва тайи муддате, ки дар осмон аст, бо ҳар як ламъаи нураш аз мо суол мекунад: «Бубин, ҳой инсони ҷон ба тан, ту ин рӯзро дар ихтиёр дорӣ ва аз гармии ман бархурдорӣ, дар ин дам чӣ хидмате барои орои ҷонат кардӣ?» Оё мо омодаем ба ин пурсиш посух диҳем? – дар поёни сухани худ бо нигоҳҳои ҷиддӣ ба аҳли маҷлис рӯ оварда изҳор кард раис. – Ин қарзи инсонии мост, ки бояд дар назди мардум ва Хуршеди онҳо ҷавобгӯй бошем. Зиндагӣ силсилаи машаққатҳо аст ва мебояд ҳар яки мо онро дарк намоем. Бубинед, пашми гӯсфандро қайчӣ зада мегирем, онро мегузинем, соба мекунем, ресида ба дӯкондор медиҳем, бофанда низ дар дӯкони худ аз он порча мебофад ва порчаро медиҳем ба хайёт, ки ӯ бароямон либос медӯзад. Ин аст гардиши ҳаёт, ин аст сарнавишти мо, ки ногузир ҳама бояд ба сар барем ва танбалию коҳилӣ, бехудию худкомиро канор гузошта, бо ҳар чӣ дар замину миҳани худ дорем иктифо намуда, зиндагӣ бисозем. Ҳар яки шумо пешгомҳои сохти нав ҳастед, колхозу ҳаёти сотсиалистиро хуб мефаҳмед ва аз ҳадафҳои ҳизби коммунистиамон огоҳ ҳастед...

Қомати баланди Суҳробу Бӯрӣ дар ҷойи нишаст ҳам як сару гардан боло ба чашмҳо мехӯрд. Онҳо ба мисли ду маноре аз ду самти Фаршед сабз шуда буданд гӯё. Аммо Фаршед дар давоми ҷамъомад нимнигоҳе ба онҳо наафканда, танҳо гӯшу ҳуш ба раиси колхоз ва ду нафар меҳмони нурӣ менишаст, ки ҳар як ҳарфашон ба назараш тозагӣ дошт ва бо шунидани онҳо дар зеҳнаш суолоте пайи ҳам пайрезӣ мешуд. Ҳанӯз ҳам амалҳои хуфиёна анҷом додани гумоштаҳои амиру бекзодаҳо, сахт будани гузариши мардум ба зиндагии ҷамоавӣ, сохтани боғҳои доманфарохи колхоз, ташкили рамаҳои гӯсфанду буз, ба қавли садри маҷлис – атарҳо, гирд овардани подаҳо, галаҳои асп, даст кашидан аз коргоҳҳои хусусӣ, созмон додани ячейкаҳои фирқавӣ... аз ҷумлаи хабарҳое буданд, ки амиқан ӯро ба андеша водор мекарданд. Бо ин ҳама, вақте ки суҳбат сари мактабҳои нав қӯр гирифт, ӯ оором шуду ба ҳаяҷон омад. Раиси маҷлис Аркадий аз ҷо хеста, бо алоқамандии хос гуфт:

– Дӯстон! Ҳукумати Шуроҳо бе мактабу маориф ба мисли дарахте дар биёбони беоб аст. Агар ба он аз чашмаи илму маърифат ғизо надиҳем, маҷруҳ ва хушку беруҳ мегардад. Дар ҳама ҷо аллакай мактабҳои шуравӣ фаъоланд, аммо дар рустоҳои мо ҳанӯз ҳам ҳамон дарсҳои маҳви бесаводӣ. Дигар, бас аст дар хонаҳои тангу тор хурду калонро рӯйи ҳам чида дарс гузаштан! Мо дар ҳар як деҳа муаллимонро дорем ва бештарашон мардон ҳастанд. Занҳо бошанд, аз омӯзгорӣ кардан меҳаросанд. Барои чӣ? Аз он ҷое, ки мардуми кӯҳистониро хуб дарк мекунам, занону духтарон барои дарсхонӣ ба назди мардҳо намераванд. Агар майли рафтан ҳам дошта бошанд, падарони «ориятталаб»-и онҳо садди роҳашон мешаванд. Ин аст, ки то ба ҳол бесаводии одамон маҳв нашудааст ва онҳое, ки хатту савод надоранд, аксаран бонувонанд, – дар ин лаҳза марди самти рости раис, ки кепии қаҳваиранге ба сар дошт, коғазеро ба ӯ дароз кард. Аркадий баргаи коғазро хонда ба суханаш идома дод: – Ана, ин санади дасти ман дастури ҳукумат аст, дар бораи кушодани мактабҳои ибтидоӣ. Ҳар як мудир аз соли нави хониш бояд миёни худро баста, ба ҷойи синфҳои маҳви бесаводӣ мактаби чорсола ташкил диҳад. Ба шумо барномаҳои дарсиро мерасонем. Тарҳи бинои мактабро низ медиҳем. Сарварони фермаҳо бо сари худ ҷавоб медиҳанд, то аввали тирамоҳ ҳар як деҳаю авул бояд мактаб дошта бошад!

Як дам дар маҷлис хомӯшӣ ба миён омад. Азбас дилаш пур аз гап буд, Фаршед фурсатро ғанимат шумурда сари по хест. Беихтиёр ҳама рӯ ба ӯ гардонданд. Раис Аркадий суоломез чашм дӯхт. Фаршед бо овози баланду бурро пурсид:

– Сухани шумо, муҳтарам раис, дар хусуси бонуҳои муаллима нимкора монд. Билахира, занҳо низ ба кор ҷалб мешаванд ё не? Писару духтарон бо ҳам дарс мехонанд ё дар хонаҳои алоҳида?

– Як хубие, ки дар кӯҳпояи мо роиҷ аст – ин бе фаранҷӣ гаштани занҳо. Духтарон ҳам хеле озод ҳастанд. Фақат мемонад чӣ? Ба инсоф омадани мардон, алалхусус муллоёне, ки дар канори писарон дарс хондани духтаронро маҳкум мекунанд. Агар бонувони муаллима дар миёни мо зиёд бошанд, таълиму тарбия ҳам осонтар сурат мегирад.

Фаршед аз ин ҳарфи раис илҳом гирифта гуфт:

– Одамони мо сахт одат кардаанд, ки набояд зане ё духтари болиғе ба назди номаҳрам равад. Ҳисси номашруъӣ ва номаҳрамӣ то ҳафт мағзи ҷонашон роҳ ёфтааст. Нахустин коре, ки дар ушкули маҳви бесаводӣ анҷом дода будам, хоҳарам ва ду нафар бонуи босаводи Боруро ба кори муаллимӣ ҷалб намудам. То ба ҳол худам ба писарбачаю мардон дарс медиҳам, онҳо ба духтаракону занон. Аммо, дар дилҳо тарс ҳаст, ҳеч кас ба амну осоиши доимӣ кафолат намедиҳад. Дар ёд доред, ду «мусалмони содиқ» дар Синдоб Ширинхолаи омӯзгорро сангсор карда ба сардоб афканда буданд. Агар Мулло Дурандешу Мулло Фарҳод намебуданду фатвои саривақтӣ намедоданд, дар Бору ҳам парасторҳои духтурхона ва бонувони муаллим ба зулму асорати бойҳои Кониобӣ гирифтор мешуданд. Қазоқҳои ҳамсоя бошанд, ҳанӯз дар хоби ғафлатанд, ҳатто ба гӯшаи хаёл намеоваранд, ки занҳо ҳам бояд таҳсили илм кунанд...

То ҳадде возеҳу равшан изҳори назар кардани Фаршед ҳамаро дам ба дарун кард, агар паша пар мезад, садояш шунида мешуд. Писари Шокирустои дарёдил ва додари Мулло Фарҳоди соҳирсухан буданаш ба ҳама аён буд, вале ба илми кухна ва донишҳои нави шуравӣ тасаллут доштани ӯ ҳамаро ба шигифт меовард. Аксари ҳамнишастон бо даҳони боз монда, чандин хаёл аз сар мегузаронданд, бо ҳаяҷон, бо ҳавас, бо ваҷду иштиёқ... Алалхусус, вакилони қазоқи аз авулҳо омада кулоҳҳои пашмишутурии худро зери ангуштон ғиҷим карда, аз чашмҳои танг пиёла сохта, тану тӯши обутобёфтаро шохвор дошта, гӯш фаро медоданд. Онҳо бо Фаршед ошно буданд, саҳеҳтараш, ба туфайли Мулло Фарҳод ӯро хуб мешинохтанд. Чаро ки, Мулло Фарҳод зуд-зуд ба кулбаю юрти онҳо ташриф меовард ва дами руҳафзо, нафаси дармонбахш, футуввату заковати ӯ ҳар рӯз, тамоми фасли сол дар ҳавои хонаю манзилашон сукунат дошт, дуоҳояш рӯзи торро равшан, бори гаронро сабук, сардиву сахтиро гарму нарм месохт. Ҳангоми сафарҳо мулло додараш Фаршедро низ бо худ мебурд, гузашта аз каломи номи руҳонӣ, ҳар чӣ аз меваю сабзавот, ки дар деҳа мерӯйид, ба бародарони даштӣ мерасонд. Дар канори ин муроотҳо ҳар гоҳ Фаршед низ, худ надониста, аз хатту савод, аз дониши фарох ва меҳру отифаи воло рӯнамоӣ мекард. Дақиқан ҳамин маърифат имрӯз ҳамсафони биёбоннишинро ба маротиб дилгарм сохт. Аркадийи ҳассос ин алоқа ва муҳаббатро пай бурд, бо дилхушӣ суханро аз даҳони Фаршед гирифт:

– Ҳукумати Шуроҳо душмани қишрбандии иҷтимоӣ аст ва ин талошҳои ту – муаллим Фаршед, падидаест, ки ба ҷону тани замони нав нур мебахшад. Занҳо ҳеч камию костӣ надоранд ва мебояд онҳо низ дар канори мардон кор кунанд, дарс хонанд, озоду роҳат аз ҳама нозу неъмати дунё баҳраманд бошанд. Мардуми мо бо мурур ба кори ҷамоавӣ мегузарад, одамон аз пушти рамаю галаҳои колхоз мегарданд, дар боғу киштзорҳои колхоз деҳқонӣ мекунанд, ба давлат гӯшту пашму маҳсулоти кишоварзӣ месупоранд, хуллас, манфиати ватанро аз нафси худ боло мебинанд. Дар ин раванд ҳар касе, ки пеши заҳматкашонро мегирад, ба сараш калтак мехӯрад ва муҷозот мешавад!

Ҳар яки шумо зиёӣ ҳастед, раҳбару сарпарасти одамонед, чашми худро калонтар боз карда, ҳушёр шуда, адолатро ба миён оваред ва мизони корубори худ гардонед. Мо шаҳрвандони муборизро қадр мекунем, ба сафи ҳизби коммунистӣ мегирем, ҷомеаи халқии шуравиро муҳкаму пойдор месозем...

Аркадий кибру худхоҳӣ надошт. Агар замоне ҳам фукаш дар осмон буду касеро писанд намекард, бо гузашти айём дар миёни мардум, ки ба ҳама баду бало тоқатпазиранд, гашта, бо фаросату некандешиҳои афроди сода рӯ ба рӯ шуда, сари киборашро шикаст. Ӯ комилан симои зардгунаи бегона дошт, ахлоқаш низ дигар буд, аммо бо мурури замон одобу рафтори худро бо маҳаллиҳо мутобиқ сохт, рӯзҳо гузашту ба мисли кӯҳистониҳои ҷонсахт дил ба дарё зад, аз хӯйи сарварии ғарбӣ даст шуст. Гарчи раёсату сарварӣ мекард, ба пӯстаки дами дар, ба таппаку хорчӯби сари оташдон, ба куртаю остинҳои васеъ, ба девору хонаҳои сангӣ ва бомҳои коҳгилию мӯридор, ба баосу маоси шомгоҳии гову гӯсола ва бузғолаҳо... муҳаббат варзид, бо ҷасорат ба ҳар касе, ки аз олами маърифати милливу мусалмонӣ буд, даст дод ва бехаёл шуду ҳар чӣ бодо бод гуфт. Ӯ волию пуштибони сиёсати шуроҳо буд, аммо ба моликони пешина бо чашми нек нигарист, теғу тозиёна набардошт, балки бо забону лафзи маҳаллӣ ба дили бечораю фақирон роҳ ёфт. Ҳар гоҳ ба шеваи худи маҳаллиҳо сухан мекард, дили ҳама об мешуд, ихлосу итоат бештар мегардид.

Он рӯз вақт аз пешин гузашту Суҳроб бо Фаршед ва чанд тан ҳамқишлоқии дигар ба деҳа бармегашт ва раҳорах ҷамъомади раисро аз мадди хаёл мегузаронд. Аркадийро аз он чӣ медид, фаротару беҳтар шинохт, ба ғамхорию ҷонибдории ӯ аз аҳли Бору қоил омад. Бо ин ҳол, Суҳроб шитоб дошт, аспашро аз лӯкка ба йӯрға гузаронд, мехост зудтар ба деҳа расида мунокишаи миёни Ансор ва заминдорони Кониобро яктарафа кунад. Ансор дар худ набуд, пас аз латукӯб шудан аз паҳлавонҳои кониобӣ, мисли девонаҳо мегашт. Накунад, ки пеш аз худ бо сарбозонаш ба дара равад...

– Тӯра, Ансор ба ту чизе нагуфта буд? – ба қафо, ба яке аз ҳамраҳони худ, ки назорати замину боғҳои фермаро ба уҳда дошт, рӯ оварда пурсид Суҳроб. – Ҳаракатҳояш машкук наменамуд?

– На, ҳеч чиз. Албатта, он оташе, ки парерӯз дошт, даҳшатовар буд.

Фаршед нороҳатии сарварро пай бурда гуфт:

– Ман субҳ, ки меомадам, Раҳмонғулома дар ҳавлиаш дидам, хеле безобита менамуд. Аспаша зину полон мекарду ба сӯйи занаш дод мезад. Ба саломам базӯр алейк дода, аз пушти Ансор дуои бад фиристод. «Бийи нокаса шабу рӯзаш як шудаст, – мегуфт ӯ, – ба ҷое даррав барин, мана ҳам ба ҳамроҳӣ хостааст».

Суҳроб шӯрид:

– Ҳамин дигар, барои чӣ ба ман нагуфтӣ?

Фаршед хандид.

– Медонистам, ҳатман мегуфтам, додӣ!

– Зуд бошед, бачаҳо! Ин бешуур, бе гумон, балое ба сарамон меоварад! – Суҳроб аспашро ба чорхез гирифт. Ҳама ӯро пайравӣ карданд.

## Ачали муаллак[172]

Ҳамон рӯз, вақте ки дастаи оростаи Суҳроб ба самти Авлиё роҳ пеш гирифт, аз гузари Боғиболо гурӯҳи дигар бо шӯру валвала деҳаро тарк намуд. Ансор на ба тобеони худ раҳм мекарду на ба ҷонвари безабони зери пояш. Ҳар чӣ аз фаҳшу ҳақорат дар бисот дошт, ба сарашон рехта, бо тозиёнаю лагад тану кафали аспро леҳу хуншор мекард. Чорпо арақшору ашкрезон ба бароз метохт, аз ниҳояти зулм омода буд худро ба ҷар андозад, ба сангу шаххо занад, аммо дасти пурзӯри соҳиб лигому лақомакашро сахт мекашид. Ҳамраҳони Ансор аз пушт базӯр ба ӯ мерасиданд, аз фарти дасту позанӣ бозуҳо гӯшт канда, почаҳо почилак мешуд. Саркор шитоб дошт, беист медавиду медавонд, шитоб дошт, гӯё ба сӯйи аҷал медавид...

«Ансор – коммунист», «Ансор – вакили Шуроҳо», «Ансор – одами ҳукумат» – ин овозаҳоро пайравони Ансор мепароканданд. Мехостанд бо ин исм мардумро тарсонанд, бештар зери даст кунанд, молу неъмат ғун доранд. Бо ин овозаҳо худи Ансор меболид, аз замони мирохуриаш фаротар даст меёзонд, бо чоплусӣ ба раҳбарон, ҳар қадар метавонист молу маноли мардумро ҷамъ карда ба анбор месупурд. Бе он ҳам одамон ба ҳукумати нав сар фуроварда, аввал ба артелу коммуна, сипас ба колхоз мол медоданд, боғ мебахшиданд, коргарӣ мекарданд, вале ба ин қонеъ нашуда, Ансор бо зердастонаш мехост лоқупари мондаро низ биситонад. Ин зиёдаравӣ дар поён кори худро кард, ӯ нағзакак таъми муштро чашид.

Оре, Ансори гурусначашм аз кониобиҳо мушти обдор хӯрд. Вақте ки мехост заминҳои рӯйидаричаи одамонро ба колхоз гузаронад, дигар тоқати мардум тоқ шуд. Хуни кӯҳистониҳо ба ҷӯш омад. Ҷавонмардон ҷамъ шуда, Ансору танобчиро, ки бо дупоя замин чен мекарданд, задаю кӯфта, қариб беҳуш карда, ба сари даҳанаи ҷӯйбор ҳаво доданд. То нисфи рӯз Ансори коммунисту танобчӣ хастаю бехуд, олудаю дармонда ба гилу балчиқ дар канори даҳана монданд. Боз ҳам, ба онҳо раҳми Бобо Хиром омад. Пирамард бо ёрии Мусалламхола ҷуссаҳои леҳу нотавонро кашолакунон ба хонаашон овард. Ҳар дуро шустушӯ дода, эзору пероҳани тоза пӯшонида, чанд муддат дар кӯрпа печонида ҳушёр кард. Азбаски ёрои аспсаворӣ надоштанд, ба шуъбаи идораи ферма рафта аробаи Хоҷа Саидро пурсид ва бо писари ӯ онҳоро ба Бору фиристод.

Он латукӯб буду рӯзи дигар Ансор бо доду бедод ба дафтари Суҳроб сар халонд. Шикояти тӯлоние навишт ва дархост намуд, ки мақомот ба деҳотиёни «саркашу ёғӣ», «душманон»-и Ҳукумати Шуроҳо ҷазои муносиб диҳанд, ҳамаро бандӣ карда ба ҳабс андозанд. Он рӯз бо ҳазору як баҳонаю далел Суҳроб Ансори шаллоқхӯрдаи муғаззабро ором кард, қавл дод, ки шикояти ӯро бо дасти худаш ба мақомот мерасонад ва дар ҷамъомади колхоз ҳатман аз исёни одамон хабар медиҳад. Дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез, Суҳроб ҳар ваъдае, ки ба Ансор дод, аз нӯки забон буд. Аз ин тариқ шохи шикоятašро шикаст, то худсарона домани исёнро бод надиҳад. Ин лаҷоҷат аз

[172] **Ачали муаллак** – марги ногаҳонӣ, марги ғайриодӣ

дасти Ансор меомад ва коммунистии ӯ кифоя буд, то деҳотиён нағзакак афшонда шаванд. «То чанд рӯзи дигар Худо подшо, – аз дил гузаронд Суҳроб, – пасанда ки шуд, ягон ҳилаи дигар меёбем».

Аммо Ансор таҳаммул накард. Мисли саги сӯзанзада аз алами муштхӯрӣ ҷойи нишаст намеёфт. Оташи кина вуҷудашро сӯзонд, бо нияти қасос худаш ва чаҳор нафар навкари содиқашро мусаллаҳ карда, ба маҳзи дур дидани Суҳроб ба роҳ уфтод. Бо ин ҳамла худаш ҳанӯз намедонист ҷавонони саркаши кониобиро чӣ гуна ҷазо хоҳад дод. Гоҳе ба мағзаш хаёли тирборон кардани онҳо, гоҳе латукӯбу маъюб сохтан ва гоҳе низ ба дасту гарданашон завлона зада ба марказ оварданашон мерасид. «Мани коммунист, чашму гӯши ҳукуматро латукӯб карданд-а, нобакорон! – аҳёнан бо хашм аз хаёл мегузаронд Ансор. – То ҳанӯз гумон мебаред Суҳроб ҳаводори шумост, фармондеҳ Бӯриро дур дидед, аблаҳони гузаро?! То хунатонро аз ҳалқ наёрам, пӯстатонро канда намак напошам, номам Ансор набошад!»

Ҳарчанд рӯз офтобӣ буд, аз доманаҳои кӯҳӣ гирифта то кӯю кӯчаҳои Кониоб боди сахт мевазид. Сапедору бедзори боғҳо беист мерақсиданд. Алвонҷи баргу шохаҳои сапедорзор ба назар гӯё ҳазорон лаъличаи нуқрафомеро мемонд, ки беист ҷо иваз карда тагурӯ мешуданд. Деҳа фурӯ дар авҷи сарсабзии худ аз боди сарду серуни сарикӯҳӣ ҳаловат мебурд. Ба ҷомаи зумуррадгуни он рӯйи ҳам зардолуҳои тиллоранги пешпазак, олучаҳои хунину ҷигартоб, себҳои сурхи шакарак ва беш аз ҳама, меваҳои симтоби тутзор ҳусни тоза зам мекарданд. Бо тамошою танаффуси ин бодуҳавои диловез писари Хоҷа Саид ва ду рафиқи ӯ аз қалъачаи сари теппаи Баландӣ атрофро дидбонӣ мекарданд. Онҳоро Хоҷа худаш гузошта буд. Ҳарчанд бо тасаллути шуроиҳо радди пойи роҳзану ёвҳо канда шуда, хавфи ҳамлаҳои ногаҳонӣ намонда буд, ин дафъа аз аксуламали Ансор тарсид.

Ҳар як бошандаи Кониоб хӯю хислати Ансорро медонист. Ҷавонон баробари бо ароба фиристодани ӯ дар гирди Хоҷа Саид, ки ба унвони вакили Суҳроб корҳои ҳукуматиро сомон мебахшид, ҷамъ омаданд. Ҳама одамҳои худӣ – писари осиёббон, шогирди оҳангар, чӯпонзодаҳо, йилқибон, муаллими деҳа Афшин, ки дастпарварди Фаршед буд, ҳатто бачаҳое, ки аз кори боғдорию деҳқонӣ қадаме фаротар нагузоштаанд. Онҳо аз кори кардаи худ мамнуну хушҳол менамуданд, заррае ҳисси таассуф надоштанд. Хоҷа бо каме нигаронӣ ба сухан даромад:

– Бачаҳо, коре кардед беҷо. Ин коммунист ба сари мо бало меорад.

– Нисфи Кониоб ба кулхуз гузашт, – гуфт муаллим Афшин, – коғаз карда буданд, ҳама даст мондем. Имрӯз бошад, ин золим боз меояду замин чен мекунад. Охир, ҳар кор ҳадде дорад.

– Шояд Суҳробҷон рухсат дода...

– Ҳеч! – ҳама як он садо баланд карданд. Афшин афзуд: – Агар худи Суҳробдодӣ биёяду замин гӯяд, як ваҷаб намонда ҳар чӣ дорем, медиҳем.

– Ҳамин хел! – бо ҳам ӯро ҷонибдорӣ карданд ҷавонон.

Хоҷа Саид аз ин ҳамдастӣ хушҳол шуд. Бо ин ҳол андешамандона гуфт:

– Ин фирқавии лаъин ҳатман ба сари мо мешӯрад. Ман метарсам, ки худаш худсарона бо сарбозҳояш ҳамла мекунад. Ӯ одаме нест, ки кинаашро ба файсал монад. Писарам Асилҷон бо ду ҷӯрааш дар сари Баландӣ нигаҳбонанд, ҳар кӣ биёяд хабар медиҳанд.

Шогирди оҳангар ба сухан ҳамроҳ шуд:

– Фикр мекунед, мусаллаҳ шуда меояд?

– Ба эҳтимоли зиёд.

– Пас, мо ҳам омодагӣ бубинем? Ҳама туфанг дорем, ханҷар ҳаст...

– Ҳамин, агар ногаҳон ҳуҷум кунаду мақсадаш аз байн бурдан бошад, нигарон намеистем. Ба суханамон гӯш надиҳад, сараша аз танаш ҷудо мекунем!

Ҷавонон аз ин азми саркор ба шигифт омаданд. Муаллим Афзал аз номи дӯстони худ гуфт:

– Шумо ин дастура ба мо диҳед шуд, мо медонем чӣ кор кунем!

– Фақат саросема нашавед, шояд ӯ бо Суҳробҷон биёяд, имрӯзу фардо маълум мегардад. Ҳеч кадоматон дар хонаҳои худ намонед, чаро ки коммунист ҳар яки шумора мешиносад, агар ба қасди қасос биёяд, яке-яке нобуд мекунад.

– Чӣ мефармоед?

– Ҳамаатон бо аспҳои худ дар хонаи осиёббон ҷамъ шавед, яъне дар камин нишинед. Бовар дорам, аввал ба назди ман меояд. Барояш узру таассуфатона мерасонам ва як нафара аз байнатон хабар мекунам, ки омада бо забони худ бахшиш бипурсад. Ҳамон ҷо нияташа мефаҳмем – бо мо роҳ меояд ё не.

– Ман худам меоям! – далерона гуфт шогирди оҳангар. – Ҷавшани падарам ҳаст, ҳамона аз зер мепӯшам, ба ҳар эҳтимол.

Ҳама ба завқ омаданд. Ба хусус, Хоҷа Саид мамнунона гуфт:

– То бад нагӯйӣ, нек пеш наояд, ин нақшаи махфии мост. Феълан ҳама биравед, ҳарчи зуд силоҳ ёфта ба маҳалли камин биёед.

Рушди воқеаро Хоҷа Саид гӯё хоб дида буд. Ҳар қадар мехост худро бовар кунонад, ки Ансор ба худсарӣ роҳ намедиҳад, аммо дар дил нигаронӣ дошт, ба ҳамлаи ӯ бештар ҳадс мезад. Вақте ки Хуршед аз болои Ағба нур мерехту ҳатто ба қиёмаш хеле фосила дошт, Хоҷа дурустии нооромии қалбашро бо чашми худ дид. Нигаҳбонҳояш бо ҳавлу ҳарос аз теппаи Баландӣ давида омаданд. Писараш базӯр нафасгирон гузориш дод:

– Меоянд, додо! Як даста аспакии туфангдор меоянд! Аввалира шинохтам, ҳамон коммунисте, ки ҷасадаша бо ароба бурда будам.

– Бале, писаронам, кори худа аъло анҷом додед! Акнун шумо ба хонаҳои худ равед, – ба ду ҳамроҳи писар рӯ оварда гуфт Хоҷа, – Асилҷон, ту ба хона даро, ҳар гоҳ лозим шуд, ба назди осиёбон меравӣ.

Бачаҳо ба маънии «чашм» сар ҷунбонда, шоду масрур аз ҳам ҷудо шуданд...

Чанд дараю кӯҳро паймуда то саргаҳи Кониоб расидани Ансор ва ҳамраҳонаш осон нагузашт. Ӯ дар ҳаёти худ аз хашму ситез ин қадар оташ

нагирифта буд. Кина меварзид, ҳасодат дошт, ба ғазаб меомад, аммо ҳеч гоҳ то ин ҳад худро таҳқирёфта ҳис накардааст. Магар мешавад як нафар пешсафи шуроиҳо, коммунист, касе, ки ба хотири фирқавӣ шудан садҳо ҳамтои иморатии худро ба асорат гирифтор кардааст, аз дасти чанд тан фақиру пойлуч шаллоқ хӯрад? Агар босмачиҳо мебуданду интиқом меситонданд як гап, ба сарнавишт тан медод, мегуфт барҳақ ҷазоямро доданд, аммо ин ҷазо чаро? Оғуштаи ҷаҳли мураккаб ӯ бо гурӯҳаш то назди рӯди Кониоб, ки дар хатсайри морпечи худ гоҳе сангу харсангҳои қайроқӣ, гоҳе танаю решаҳои туту бедҳои пирро давр зада, шарросу ғалоғулаи беохир сар дода ҷорӣ мешуд, омада истод. Аз об нагузашта ба деҳаи сартопо дарахтзори сарсабз нигоҳи дурудароз афканд. Саворкорон даме осуданд, лигоми аспҳоро сар дода, пой аз узангу гирифта, бо миёнбанд обу арақи сару гардан тоза карданд. Ансор аспи худро панҷ-шаш қадам ба пасу пеш по ёзонид ва бо ду ангушт сари биниву риши тунуку борикашро молида аз хаёл гузаронд: «Ин деҳаро ба чодари ғам мекашам! Имрӯз симои ҳақиқии Ансори коммунистро хоҳед дид, бо думи шер бозӣ кардед, беақлҳо!» Чун каме нафас рост карданд, ӯ тозиёнае ба сағрии асп фуровард, аз лигом то охир ба самти чап кашида, сари ҷо даврзанон бо садои баланд гуфт:

– Хоҷа Саид ба мо ёрӣ мерасонад, ҳар касеро, ки аз ёғиҳои саркаш ба идораи худ меоварад, бераҳмона даступо баста ба таҳхона мепартоем. Ҳар кӣ наояд, ба хонааш метозем ва аз ҳар ғору гӯре бошад, ёфта занҷирбанд мекунем. Имрӯз ба касе тараҳҳум нест, ҳар кӣ гап гардонаду мухолифат нишон диҳад, бо тозиёна занед, агар бо он паст наомад, бо тир парронедаш! Канӣ, шердилҳои шуравӣ, ба хотири ҳимояти шаъну шарафи ҳизби коммунистӣ, бо ҳадафи дифои Ҳукумати Шуроҳо ба пеш!

Ин ҷо бӯқаламун ба як ранг омад. Сарашро аз гиребони ҳардамхаёлӣ бо як ҳадаф берун овард. Бо даст ба ҳамраҳонаш ишора карда аспашро ба ҷӯйи об зад. Аз он гузашта, бо чорхез роҳи манзили Хоҷа Саидро пеш гирифт. Ин замон дар деҳаи Кониоб ҳама чир-чиру хониши мурғон, хишир-хишир садоҳои берабти дарахтон ва шуввоси боди баҳориро садои суми аспони панҷ нафар саворкор дар худ фурӯ мебурд. Аз пайроҳаи хокбодшудаи деҳа гарду хоки бесобиқа ба осмон хест. Дар фазои шавқуни нобаҳангом тасмаи дудамонанди ногаҳонӣ аз назари деҳотиёне, ки перомуни зиндагӣ ҷунбуҷӯл доштанд, пинҳон намонд. Ҳавои осоиш ғубор гирифт.

– Хоҷа!! – овози мағалноки Ансор дар ҳаёти идорахонаи Кониоб ба само печид. – Биё, бубинам, барои муҷозоти исёнгарони деҳаат чӣ кор кардӣ?!

Пеш аз ҳама дар дами дар сару сурати Асил пайдо шуд. Хоҷа Саид ҳам, дар ҳоле ки ин фурсатро ангушт шумурда мунтазир меистод, аз хишоваи палаки пиёз бархест. Бо оби ҷӯй шустушӯ кард ва бо бари доман дасту рӯяшро поккунон ба ҳавлӣ баромад. Ҳамон тавре ки тахмин мекард, Ансори хашмгин чашмони ба мисли гурдаи гов алои худро бозӣ доронда, ҷуссаашро ба пушти асп монанди шамшер рост карда, ба як даст тозиёна ва ба дасти дигар туфанги миладарозашро дошта меистод. Дар канори ӯ чаҳор нафар савораи дигар бо

ҳамон шаклу сумот саф мекашиданд. Ӯ, гӯё ки тӯфони қаҳру хашмро намедид, бо мулоимат таоруф кард:

– Хуш омадӣ, саркор, бифармоед!

– Бо саркашони ёғиат ҳамкосаӣ, Хоҷа?! Мехостед ману рафиқонама ба он дунё фиристеду худ табли шодӣ занед?

– Чиҳо мегӯйӣ, аз даҳонат шамол барад, магар касе нияти бад дошт?

– Худата ба нодонӣ назан, ҳар як ноқисулақли ба шуроиҳо даст бардоштара мешиносам. Ё ҳамин ҳозир он ёғиёна ба ин ҷо меоварӣ, ё ки ман хонаю дарашона ба хок яксон карда, олами ҷабру зулма ба сарашон чаппа мекунам!

– Ба худ биё, саркор, он тавре ки ту меандешӣ, нест. Бачаҳо аз кардаашон пушаймон шудаанд.

– Дурӯғ! Ин сафсатара ба касе гӯй, ки тура нашносад. Зӯригарии бадкоронат магар бори аввал аст? Ман медонам, ҳеч кадоматон ба Ҳукумати Шуроҳо эҳтиром надоред, ҷойи ҳамаатон бояд ҷари Миёнкол[173] бошад!

– Худата ба даст гир, саркор, каф рӯйи лахча нагузор. Ҷавонҳо аз ту бахшиш пурсиданианд. Ба кору садоқати мо шак наёр!

– Бо ин ҳама хиёнат мехоҳӣ ба ман насиҳат кунӣ? Медонӣ, ба коммунист даст бардоштан чӣ оқибате дорад?

– Имрӯз худам мехостам ба назди раис равам, узри бачаҳора расонам, аммо ту пешхезӣ кардӣ. Агар бо Суҳроб меомадӣ, кор ранги дигар мегирифт. Дер нашуда аз раъят гард, сари ҳамаамона ба бало гирифтор накун.

– Суҳроба пеша мекунӣ? Мана ночизу бекора мешуморӣ? Ба ман таҳдид мекунӣ? – Ансор ба аспи ғазаб нишаст, бетоқатона дар гирди Хоҷа Саид даврзанон бо овози баланд дод зад: – Биёр ин ҷо он ёғиҳора, ба нағзӣ мегӯям!

Хоҷа Саид пай бурд, ки дигар ҳеч сухане ба ин гурги гурусна корагар нест. Аз димоғи ӯ бӯйи наҳси хун меояд. Бо умеди коҳиш додани сари алангаи хашм пешниҳод кард:

– Хуб, саркор, ҳар чӣ ту мефармоӣ! Ман як-як ҷавонҳора садо мезанам, аз ту узр мепурсанд. Сипас, ҳар ҷазое сазовор бошад, ба раисон вогузор...

– Ту биёр, он тарафаш бо ман! – сухани хоҷаро бурид Ансор. – Мебинам, ки ба коммунист шарт мегузорӣ?

Хоҷа Саид идомаи баҳсро бефоида дида, ба писараш, ки ба сутуни айвон такя зада бо тарс ба баҳсу мунозираи калонсолон гӯш медод, гуфт:

– Асилҷон, дав, шогирди амаки оҳангарата гӯ, зуд биёяд!

Писар мунтазири ин амр буд, ки ҳамоно тозон баромада рафт.

Аз набудани касе дар гирду бар дар ҳайрат монда, Ансор бо тардид пурсид:

– Дар хона кӣ ҳаст, зану бачаҳоят дар куҷоянд?

– Ҳеч кас нест, ба ёрии Мусаллам рафта буданд.

– Хидмати арбобама мекунанд, гӯй?

---

[173] **Ҷарии Миёнкол جری میانکال** – қатлгоҳе дар шаҳри Миёнкол (Каттақӯрғон) будааст, ки дар солҳои аввали салтанати Шуроҳо одамони, ба истилоҳ, «зиддидавлатӣ»-и ба ҷазои қатл маҳкумшударо дар он ҷо парронда бо хоку оҳак мепӯшондаанд.

Хоҷа ноумедона заҳрханде нишон дода гуфт:

– Ҳамонҳое, ки тура аз балчиқ бароварда, дорую дармон карданд.

– Оҳо, сарам мехоҳӣ миннаташона гузорӣ? Ту барои чӣ ин муҳаббата раво надидӣ?

– Ту ки бе маслиҳат замин тақсим мекардӣ, ман дер хабардор шудам.

– Яъне ману танобчӣ то нисфи рӯз заҳмати давлата мекашидему ту бехабар будӣ, оре?

– Рост, ман дар Зиҳвор аз пайи молҳои кулхуз мегаштам. Агар то омаданам тоқат мекардӣ, ин дилсиёҳӣ пеш намеомад.

Ансор хост ҳарфе гӯяд, аммо бо дидани шогирди оҳангар забон даркашид. Ҳамраҳонаш пасу пеш ҷаҳида аз аспҳо пиёда шуданд ва давида омада ҷавонро иҳота карданд. Мисли ин ки ҷинояткори хавфнокеро ёфта бошанд, ҳар чаҳор нафар фосила гирифта, милаи туфангҳои худро ба сӯйи шогирди оҳангар рост карда, мунтазири дастури саркор монданд.

Ғайричашмдошт, дар ин лаҳза намешуд Ансорро шинохт! Ӯ бо дидани ҷавони ошно, ки маҳз вай аз ҳама пеш ба сараш бо дастаи сешоха зада буд, худро гум кард. Ба касе нигоҳ накарда, ба гуфтаи касе гӯш надода, тозиёнаи сахте ба кафали аспаш зад ва аз назди айвон ҷонварро ба қулоч андохта, ба сари ҷавон тохт. Ҳатто ҳамраҳони мусаллаҳаш бо ҳарос базӯр худро канор гирифтанд. Ансор бо чашмони хунгирифта, ғиреви сахте бароварду аз сари асп тозиёнаи сахт ба чеҳраи ҷавон фуровард. Шогирди оҳангар аз ин зарбаи ногаҳонӣ сари ҷо калавида рафт, вале науфтод. Ансор гӯё ки дар бузкашӣ бошад, бо аспаш аз дарвозаи ҳавлӣ берунтар рафту дубора ба қафо баргашт. Боз бо ҳамон шаст ба сари ҷавон тохт ва зарбаи дуюми тозиёнаашро ба гардани ӯ зад. Чун то назди айвон омад, Хоҷа Саид, ки дар анг монда буд, ӯро ба дасткашӣ аз таҷовуз фаро хонд. Аммо, дигар ҳарфе ба гӯшҳои кари саркор намедаромад. Ӯ лигоми аспро кашида сари ҷо давр зада истод. Дар фосилаи понздаҳ-бист қадам шогирди оҳангар қоматашро мисли сапедор нигаҳ медошт. Ин матонати ҷавон ба оташи ғазаби Ансор равған пошид. Ӯ ин дафъа аспашро маҳмез назанонда, бехаёл туфанги худро рӯйи даст гирифт. Ҳарчанд «Ансор, ин корро накун, худатро нигоҳ дор!» гуфтани Хоҷа Саид шунида шуд, ӯ кулангро зер кард. Садои тир дар гӯши ҳозирину дару девори Хоҷа акси садо дод. Шогирди оҳангар ба замин уфтод. Айнан дар ҳамин лаҳза ҷавонҳои Кониоб дар атрофи ҳисори ҳавлии Хоҷа Саид сару китф нишон доданд. Муаллим Афшин Ансорро ба нишон гирифта садо баланд кард:

– Коммунист! Агар як ҳаракати дигар кунӣ, аз сарат дарича мекушоям!

Ансор дар шигифту ҳайрат монд. Аз сари асп гарангу карахт ва бо чашмони ваҳшатзада гоҳ ба Хоҷа Саид, гоҳ ба ҷавонҳое, ки ҳама дар даст силоҳ доштанду ҳаётро муҳосира мекарданд, дида дӯхт. Ин вазъи ногаҳонӣ чаҳор навкари ӯро низ бесаранҷом сохт. Онҳо аз таҳдиди ногаҳонӣ даступоча гардида, туфангҳои худро ба нишон рост карданӣ шуданд, ки садои гирои муаллим Афшин ҳамаро шах кард:

– Раҳмонғулом! Бубин, ҳар яки шумора дунафарӣ ба нишон гирифтаем. Бо як амали беҷо туъмаи тир мешавед! – ин ҳарфҳоро гуфта бо садои

баландтар амр дод: – Силоҳҳоятона ба замин гузоред! Даст ба пушт ба берун бароед!

Як лаҳза сукути ҷонгире ба миён омад. Раҳмонғулом ва се ҳамроҳаш ба даври ҳавлӣ чашм дӯханд. Милаи туфангҳои ба сӯяшон ростшударо дида дар ҷояшон ларзиданд. Дигар ба дудила шудан фурсат надоштанд, аз дасти мерганҳои кониобӣ ҳар кор омаданаш мумкин буд. Пеш аз ҳама Раҳмонғулом, ҳатто нимнигоҳе ба Ансор наафканда, туфангашро ба канор ҳаво дод. Се нафари дигар низ ба ӯ пайравӣ карданд ва сархаму даст ба пушт ба самти дарвоза по бардоштанд. Дар ин миён саркор худро ба даст гирифт, қуфли карахтиро шикаста, яке бо зарби қамчин аспашро ба дав андохт. Бо ҷаҳди ҳарчи бодо бод, тири ба мила гузарондаро таваккул ба самти Афшин шалик карду бо қулочҳои тези асп аз дарвоза бадар рафт. Филфавр се нафар ҷавон аз камин баромада, ба дунболгирии ӯ пардохтанд. Аз паси сарашон овози Хоҷа Саид баланд шуд: «Накушедаш, зинда дастгир кунед!» Ансор бехуду бехаёл аспашро ба тарафи кӯҳ чорхез занонд. Ӯ гумон мебурд ба кӯҳи Шеркан мебарояду аз он ҷо роҳат фирор мекунад, вале он ҷӣ мехост нашуд, тахминро хато гирифт. Асп давонда то нисфи кӯҳи сербар, ки як тараф партгоҳи баланде дошт, омадани худро надониста монд. Ҷавонон бо чашми сар ба бунбаст рафтани ӯро медиданд, аз ин хотир, дигар тир ҳам наандохта фақат дунболгириро идома доданд. Дақиқан дар миёнҷойи кӯҳ, ҳамин ки Ансор ба нерӯи аспи саманди худ бовар карда, аз пайроҳаи бузгард сари партгоҳро давр заданӣ шуд, ногоҳ ҷонвари хастаҷону ба тангомада муозанатро гум кард. Поҳои асп лағжиданд, саманд бо ҷуссаи бузурги худ шиҳаи сахте кашиду ба партгоҳ сарнагун шуд. Ҷавонҳо бо пешсафии Афшин лаҷом кашида сари ҷо мех шуданд. Дар назари чашмонашон, ҷуссаи чун пари мурғ сабуки Ансор аз болои асп париду дар осмон муаллақзанон ба ҷар сарозер уфтод. Садои даҳшатноке низ аз бархӯрдани ҷонвари бегуноҳ ба сангу дарахтҳои зов, дараро ба сар бардошт. Таҳи партгоҳ ба чашм наменамуд, танҳо дар поини поин хатти морпечи нуқрафоми рӯд ба дида мехӯрд. Ҷавонҳо ба ҳамдигар бо аломати таассуф сар ҷунбонда ба пушт гаштанд...

***

Суҳроб баробари ба деҳа расидан мустақим ба гузари Бозоргоҳ асп давонда, ба қароргоҳ сар зад. Бо ин ки хонаҳои пешгаҳ бо ҳуҷраю айвони ошёнаи дуюм хобгоҳи Ансор ва сарбозони навбатдор буданд, дар кул, қароргоҳ бо манзури дигар ба кор мерафт. Мусофирхонаҳои пештара, саисхона ва боз як охури дарози навсохт вазифаи анборро адо мекарданд. Ҳама уболу савоби анбордорӣ ба дӯши Саъдуллоамак буд. Нигаҳбони дами дар омадани Суҳробро аз дур дида, мисли сарбози пеши саф қоматашро рост карда истод. Дар ин асно аз дарби қароргоҳ худи Саъдуллоамак берун омад. Ӯ низ раисро дида, дар ҷо истод ва тоқиашро ба даст гирифта сари бемӯяшро молидан гирифт.

– Хуб шуд, ки худатон ҳаминҷоед, амак! – ба маҳзи расидан ҷаҳида пиёда шуда гуфт Суҳроб. – Салому дуруд!

– Ваалайкум ассалом! Омадӣ, раис, ҷамъомад хуб гузашт?

– Бад набуд.

– Олӣ гузашт! – аз пайи Суҳроб фуромада салом арз карду ба суҳбат ҳамроҳ шуд Фаршед. – Ҳукумати Шуроҳо акнун ба ғалтак меуфтад.

Саъдуллоамак бо мамнуният илова кард:

– Ҳар ҷо Оркоди бошад, зиндагӣ хуб мешавад, ҳама чиз сару сомон меёбад.

Суҳроб суҳбатро кашол надода пурсид:

– Ансор инҷост?

Саъдуллоамак абрӯ чин карда суоломез ҷавоб дод:

– Магар ту хабар надорӣ? Ӯ, ки субҳи зуд ба Кониоб рафта буд!

– Ваҳ! Пас, гапи Фаршед рост аст, бо Раҳмонғулом?

– Оре, Раҳмон ҳам буд, Харину Лесбеку Кунар ҳам.

Суҳроб баргашту ба ҳамсафарони худ гуфт:

– Шумо ҳама ба хонаҳоятон равед, истироҳат кунед! Фаршед, ту биё бо ман! – Дигар ҳарфе назада, аз қоши зин дошта бо як ҷаҳиши чолокона савори асп шуд ва ба роҳ даромада гуфт: – Фаршедҷон, як сари қадам аз янгаат хабар мегирему ба роҳ мебароем, хеле нигаронам, ҳамин имрӯз бояд ба Кониоб равем.

– Бошад! Бо ин баҳона корҳои Афшина ҳам месанҷам, аз бачаҳои Қозибобо хабар мегирам, хеле вақт мешавад, ки нарафтаам.

Аз роҳи дур ба манзили худ расидан чӣ қадар сафо дорад! Бе муҳобо, гӯё кас ба марзи фирдавс по мениҳад, ҳама нафасу роиҳаи биҳиштӣ ба димоғ мерасад. Аз дӯши кас як пуд бори раҳ уфтода, вуҷудаш мисли пахта сабук мегардад. Худро савор ба гилеми париён мебинад, ҳама чиз ба назараш рангину дилкаш метобад. Дар ин дами роҳатфизо чеҳра боз кардани бонуи хона сафоюю навои бештаре ба руҳу ҷон мебахшад. Суҳроб ин дафъа низ аз дари хона ба дохил қадам гузошту худро дар олами дигар дид. Боз ҳам Фаришта ӯро ба доми сеҳру ҷодуи худ фиканд. Як табассуми каҳрубоӣ вуҷудашро об кард, дилашро ба тапиш андохт. Ёдаш рафт, ки аз қафо Фаршед меояд, Фариштаро гарм дар оғӯш гирифт. Пас аз ҳашт моҳи хонадорӣ ҳамсараш панҷ-шашмоҳа ҳомила дошт, ки ин дуҷонӣ ҳусни ӯро дучандон сохта буд.

Фаршед дар дами дар вохӯрӣ кардани он дуро дида дарҳол чашм гурезонд, худро ба нодидагӣ зада, ба самти рост, ба тарафи дарахти тути сершохубарги лаби ҷӯй печид. Шохаҳои тут ҳанӯз мева доштанд. Тутдонаҳои сапеди асалӣ ҳар ҷо-ҳар ҷо чун хӯлачаҳои симин ҷило медоданд. Ӯ бо иштиҳо ба тутхӯрӣ даромад.

Суҳроб ба дарупила, ки мисли оина аз тозагӣ ялтирос мезад, назаре дӯхту ба тарафи пешайвон гузашт ва амонат ба рӯйи курсии зерсутун нишаста гуфт:

– Ҳусния наменамояд, куҷо рафт?

– Ба об фиристодам, гуфтам ҷогаҳҳора аз оби чишма пур кунад, – Фаришта тез қадам зада аз чойнаки зери кулоҳ, ки дар токчаи айвон буд, як

пиёла чойи сард рехта ба Суҳроб дод. Чун шавҳарро ором дид, аз лойи остинаш як коғази чорқатро берун кашида гуфт: – Ин номаро Хоҷа Саид фиристодаанд, писарашон Асилҷон овард.

– Не-е?! – чашмонашро васеъ кушод Суҳроб. – Ба чӣ ин ҳама хомӯш нишастаӣ?

«Салом, раис. Ҷаҳли Ансор סараша хӯрд. Бо мулло биё». Бо хондани хати кӯтоҳи Хоҷа Саид Суҳроб парида аз ҷо хест.

– Азизам, имшаб мо дар Кониоб мемонем, дарҳора баста хоб кунед, – даст аз рӯйи китфони Фаришта кашида гуфт ӯ ва ба самти собот, ки аспҳояшонро дар он ҷо ба сутун баста буданд, давида садо баланд кард: – Фаршед, зуд бош!

Бо шунидани нидои ногаҳонии раис Фаршед аз тутхӯрӣ даст кашид. Дарҳол бо оби ҷӯй даст шуста ба боло баромад. Дастҳояшро бо сачоқи Фаришта, ки ӯро дида ба сӯяш шитофта буд, пок карду аҳвол пурсид:

– Ҳамааш хуб аст, хоҳарҷон, мора надида зиқ намешавӣ?

– Чӣ хеле ки мебинед... Ҳавои раисатона дошта бошед, рӯзҳои охир корашон аз мӯйи сар бисёр, худашона гирондаанд.

– Эшон арбоби ҳамаамон, ҳатман ҳавояша дорем, – Фаршед ба тарафи собот баргашту раҳораҳ афзуд: – гап бисёр аст, аз Кониоб ки омадам ҳамдигара мебинем. Худата эҳтиёт кун!

– Албатта! Ба ҳама салом расонед, ба Зебоҷон алоҳида!

Ҳар ду маънидор хандиданд.

Суҳроб аллакай савори асп шуда рахти сафар мебаст. Ба Фаршед рӯ оварда гуфт:

– Додар, ту Мулло Фарҳод ё Мулло Абдусалома – ҳар кадоме озод буд, ба Кониоб гиру бар. Ман ҳамин ҳозир ба роҳ мебароям, ҳарчи тез бояд расида равам, хайр! – ба Фаришта низ, ки аз пушти Фаршед меомад, бо ишораи даст худоҳофизӣ карду аспашро ба чорхез андохт...

Вақте ки Суҳроб ба Кониоб расид, шафақ хун мегирист. Аз боди кӯҳӣ хабаре набуд, шохаю баргҳои дарахтон гӯё пинак мерафтанд. Танҳо пулакчаҳои нуқрафоми сапедорҳои қоматбаланд кам-кам пуштурӯ мешуданд ва ба ҳар ҳол, аз сайри ҳавои зинда дарак медоданд. Дарахтзори сарсабз бо қадди болои худ аз сар то бун деҳаро фаро гирифта аз ду тараф ба доманакӯҳҳо мерасид ва бо ниҳолони бодому каҷҷак ва шибдору мишаҳои пакана ҷо иваз мекард. Дар пешгаҳи деҳа кӯҳи Шеркан бо ғурури ҳамешагӣ қомат меафрохт ва дар ин лаҳзаҳои хайру маъзури Хуршед охирин нурҳои тиллоии онро дар фарқи худ нигаҳ медошт. Сари қуллааш ба назар чун рангинкамони наққош ба чашм метофт.

Суҳроб бо аспаш дар сари теппае, ки роҳи дохилшавии Кониоб аз бағали он оғоз мееёфт, нафас рост карда, як дам диданиҳои деҳкадаи дӯстдоштаашро аз мадди назар гузаронд. Ҳар гоҳ ба ин рустои болоикӯҳӣ меомад, нахуст ба манзили арбоб Дороамин мешитофт. Мусалламхола ҳамроҳи духтари Бобо Хиром – маҳбубаи худи ӯ Фаришта мезист, ба мисли модару духтари зода.

Дубора ба онҳо Бибисоро бо сунҳору наберааш пайвастанд. Бобо Хиром бо оилаи писараш Шариф якҷоя меистод. Агарчи хонаю дарашон ҷудо буд, корҳои вазнини Мусалламхоларо низ анҷом медоданд. Дар айни ҳол Суҳроб наметавонист ба он манзили дӯстдоштааш равад, кори воҷибтаре дар пеш дошт. Аспро ба нишеб давонда, бо суръат аз ҷӯйбори ҳамеша серобу пурғалаён гузашт ва гардани аспро ба самти идорааш – манзили Хоҷа Саид гардонд.

Шафақи Хуршед сурхии худро ғундошт. Чодари хираи шом доман паҳн кард. Азбаски боғҳои ба ҳам пайвасти Кониоб саросар дарахтзор буданд, рӯшании осмон ба осонӣ ба дохили деҳа намерасид. Суҳроб вақте ки ба манзили Хоҷа Саид расид, чор нафар ҳамсафи Ансор бо ҳоли гирифта, тиратар аз ҳавои берун сархаму хомӯш дар пешайвон менишастанд. Ҳамсари соҳибхона бо Асилҷон дар назди оташдони канори ҳавлӣ тараддуд дошт. Деги калоне ба рӯйи оташ буд ва қумғоне низ дар зери он меистод. Баробари ба ҳавлӣ ворид шудани Суҳроб аз ҳама пеш ӯро Асилҷон дид. Дартоз ба сӯяш омаду салом арз кард ва хост обдастаи обро бигирад, ки Суҳроб гуфт:

– Дастома шустам, Хоҷа дар куҷост?

– Ба масҷид баромаданд, – Асилҷон даст ба рӯйи сина гузошта бо эҳтиром таоруф кард: – биёед, раис, дар хона кӯрпача партофтем. Монда шудед, ман чой дам мекунам.

– Ҳеч гап не, раҳмат додарам, аввал аз ин «шермардҳо» хабар гирем...

Бо дидани Суҳроб ҷавонҳои мотамзада аз ҷо хестанд. Аз дасти яъсу пушаймонӣ буд ё аз оташи гуноҳ, гунаи ҳар яке қирмизӣ менамуд. Раҳмонғулом базӯр аз гӯшаи чашм назар дӯхта, нимғурма салом гуфт. Дар пайравии ӯ сетои дигар ҳам сар ҷунбонданд. Саҳнаи дилгир, ҳавои гулусӯз, манзараи риққатангез... Дар васати айвон ҷасади суфпече мехобид. Аз рӯйи он то камар сӯзании кухнаеро партофта буданд. Суҳроб амонатӣ ба рӯйи зинапоя нишасту дуо хонд. Бо вуҷуди ин ки дилаш пур аз гуфтаниҳо буду сарзаниш, забон хоида хомӯш истод. Дам дар дарун ба қафо гашт ва ба хонаи идорааш даромад. Асилҷон ки чароғи нафтиро равшан карда аз дар мебаромад, бо иззат изҳор намуд:

– Марҳамат, дароед, ман дасторхон паҳн кардам.

– Боракаллоҳ, додарам, саломат бош!

Аҷаб рангу намоҳое дорад зиндагӣ! Дар маҷрои он чӣ рӯзҳое ба сари инсон намеояд! Нолаю шеван, шодию нишот, ҳасрату ғафлат, саодату шуҳрат... – ҳама пасу пеш даст медиҳанд, табл мезананд, зуза мекашанд. Ба ҳар чӣ ҳаст, инсон мадоро мекунад, дил медиҳад, сар метобад, оҳ мекашад. Хонаи дилро бо муҳаббат, бо ҳасодат, бо ҷаҳлу нафрат, бо шуҷоат – бо ҳар чӣ ба андозаи ақлу шуур сар занад, пур мекунад. Одамизод шири хом хӯрдааст, пешомади хешро намедонад. Гоҳе некӣ карда ба дарё андозад, гоҳе намак хӯрда намакдонро мешиканад...

Дар дили хаёлҳои бесарунӯг, дар ҳоле ки Суҳроб чой мехӯрду рафъи хастагӣ мекард, Хоҷа Саид ва ҳама «қаҳрамон»-ҳои рӯз даромада омаданд. Ҳамон тавре ки мебоист, Хоҷа бо узру пӯзиши зиёд ҳар чӣ аз сар гузашта буд, нарезонда нақл кард ва дар поён гуноҳкорона изҳор намуд:

– Мана бубахш, раис, ин рухдодҳо чунон тез сурат гирифт, ки натавонистам пеши саркора гирам. Ҷавонҳои мо нияти бад надоштанд, аммо ин номард аз дасти кинаву тарс худаша нобуд сохт.

– Мефаҳмам. Шогирди оҳангар чӣ хел, ҳолаш хуб аст?

– Ҷавшани падараш кор дод, тир гузар накард, аммо захмҳои чеҳраю гарданаш каме ташвишовар, сари қамчин чок кардааст. Марҳам молидем, ҳоло дар хонааш.

Суҳроб бо аломати таассуф сар ҷунбонда боз пурсид:

– То таҳи зови Шеркан магар роҳ аст? Ансора чӣ хел баровардед аз он ҷо?

– Албатта, навкаронаша то ҷойи ҳодиса бурдем, то бо чашми худ бубинанд, ки сарварашон худкушӣ кардааст. Ва дар он ҷо бачаҳо боз як қаҳрамонӣ нишон доданд! Аз наздиктарин роҳ то сари зов расидему бо ду қабат таноб Суяри мерган ва Кунара ба поин кашол кардем. Онҳо ҷасади талошишудаи коммуниста, ки номаш фақат «ҷасад» буд, дар халта гирифта ба боло доданд.

Суҳроб сар ҷунбонда гуфт:

– Ман Ёсина ба гӯши хар хондаам, агар ба гапам медаромад, ба ин бало мубтало намешуд. Ҳамин замон мулло ҳам меояд, фардо саҳарӣ гӯручӯб мекунем.

– Ба Бору мебарем?

– Барои Ансор Кониобу Бору ҳар ду якест, ҳеч кадом мулки бобоияш нест. Дар ҳамин ҷо, дар хокҷойи мусофирон ба хок месупорем. Бо имзои ҳама коғаз мекунем, ба гумонам, пурсукови ин сахт мешавад.

– Хуб, ҳодисаи ногаҳомад...

– Оре, ба ин маънӣ. Фардо дами танобчира мебандам.

Дар ин ҷо муаллим Афшин ба сухан ҳамроҳ шуд:

– Раис, агар худат бошию ҳар чӣ лозим аст бихоҳӣ, бароят муҳайё месозем! Ин лаънатӣ аз ҳад гузаронд, мехост охирин луқмаи даҳонамона бигирад. Агар мехоҳӣ, барои он авбошие, ки кардем, ҳамаамона ҷазо деҳ! Мефаҳмем, ту ҳам коммунист ҳастӣ, агар кор ба носерӣ гашту касе лоиқи ҷазо бошад, ин – моем!

Суҳроб бо шумханд гуфт:

– Бе шубҳа, талофии авбошӣ бароятон гарон меуфтад, баъдан бо ин худам машғул мешавам. Лекин марги Ансора бояд тавре ҳуҷҷат кунем, ки болоиҳо шак набаранд. Ба онҳо мебояд собит созем, ки ҳеч касе дар ин қазия гунаҳкор нест.

– Дастат дард накунад, Суҳробҷон. Худӣ ҳамеша худӣ аст, кӣ медонад, агар Бӯрӣ мебуд чӣ балоҳое ба сарамон меовард! – гуфт Хоҷа Саид ва ба маънии хатми суҳбат афзуд: – Иҷозат деҳ бачаҳо шома диҳанд, ош ланҷ нашавад.

– Мо навкари мизбонем, ҳар чӣ мефармоед!

# 6. ҚИСМАТ

## Азму ҳиммат

– Духтарам, пушти боми айвона ҳам тоза кун.

– Хуб шудаст.

– Имсол ҳама ҷо пури зардолу, аз ин тараф мечинӣ, аз он тараф боз мерезаду замин заррин мешавад.

– Мехоҳед имрӯз хоҳарам ҳам биёяд? – Моҳира давида омаду аз тори сари модаршӯ тоси зардолуро гирифт ва ба замин гузошт, – Ёрӣ мерасонад, корамон сабук мешавад.

Маҳтоб «уф-ф» гуфта дар канори арзак нишаст ва гуфт:

– Бале, духтарам, худам ҳам дар ҳамин хаёл будам. Ба Сокинаю Наима ҳам хабар кун. Зардолуҳо шилшила шуда, заб-зард пухтаанд. Таҳи дарахтҳо ҳам – пур...

Ду ракаат фарзи намози бомдодро адо карда, ба болои ин гуфтугузори модару зани бародар омадани Фаршед боиси оби даҳан рехтану бозтоби нури илҳомаш гардид. Пушти боми хушнамои оғилхона аз сар то бун тиллоиранг гардида, дидаҳоро мерабуд. Дар он сафҳаи софи гилин дигар як ваҷаб ҳам ҷойи холӣ наменамуд, азбас зардолуҳои фалғарию бодомаку хурмоию симобиро ба қасди ғӯлинг рехта буданд. Боз ҳам мехоҳанд бо ин лаългунаҳои ба марраи мурод расида пушти боми айвонро низ зинат диҳанд. «Мева набояд убол шавад, ҳар донааш ризқ аст!» Модар сари ҳар даҳан гап ин таъбирро мегуфт, бачаҳоро ҳушёр мекард, ба неъматҳои худодод дилгарм месохт. «Ризқатро бичин, дар замин намонад, ҳайф нашавад! Ҳол вақти ин кор аст, айни қадршиносӣ – ҳини расидан ба қадри ризқу рӯзии худодода». Фаршед баробари расидан изҳори хушнудӣ кард:

– Худо баракаша диҳад! Аз субҳи содиқ ризқ мечинед?

– Ба умрат барака диҳад, писарам. Мебинам, ки аз дӯкон меойӣ?

– Мисли ҳамеша, намози бомдода дар ҳамон ҷо хондам. Ин сӯ, он сӯяша тоза кардам, бо қиблагоҳ низ каме «суҳбат» доштам...

– Арвоҳашон шод мешавад, – Маҳтоб оҳи амиқ кашид, – кош, чархи дӯконамон ҳам гардон мешуд.

– Агар мактаб намебуд, ҳатман дӯкондорӣ мекардам! – дар чашмони Фаршед ҳисси ифтихор барқ зад, бо ин ҳол дудила гуфт: – Бубинем, дунё ба куҷо меравад. Ба кори хусусӣ иҷозат диҳанд, дасти мо боз мешавад. Ният дорам, ҳамин ки мактаб рӯйи ғалтак биуфтад, дӯкона низ роҳандозӣ хоҳам кард. Агар дасти худам нарасад, ба ду-се шогирд ёд медиҳам.

Маҳтоб чандто зардолуи чун шимши зар муҷаллоро шуста бо табассум ба писар муроот намуд ва сухани ӯро писандида гуфт:

– Кошки, ба муродат расӣ, ман дуогӯйи туям! Ин мева аз якумин дарахи зардолуи додоят аст. Танааш танаи гов барин шудаасту пӯсти шохаҳояш аз пӯсти ман дағалтар, лекин ҳар соли Худо тӯб-тӯб меандозад.

– Зардолуи фалғарӣ! – аз чашмони Фаршед нур борид. – Ғӯлингаш аз худаш ширинтар аст. Додиёнам дар сари он талош мекарданд, шумо бошед, чимтолҳои мани эркара рустакӣ пур мекардед.

Ҳар ду хандиданд. Моҳира чойники чой дар даст аз сари оташдон баргашта истода, аз хушҳолии онҳо ба завқ омада гуфт:

– Янга, додарҷон, ба айвон гузаред, дасторхон паҳн кардам.

Ҳамин дам аз дарвозаи калон сару сурати Шодон амакбачаи Фаршед намудор шуд.

– Салом, субҳатон ба хайр! – гуфт ӯ кӯлбори дасташро ба лабаи тиреза гузошта. – Мо омодаем, додӣ!

Фаршед ба саломаш посух дода гуфт:

– Хеле хуб! Мебинам, ки худата ҳам нағзакак печондаӣ, биё, ноништа мекунему ба роҳ мебароем.

Маҳтоб бо тааҷҷуб суол кард:

– Ҳа, писарам, бо киҳо омодааст, ба куҷо рахти сафар бастед?

Фаршед лабханди мулоим зада шарҳ дод:

– Яъне, додарам бо ду раъс шутур омода аст, ҳамроҳ ба Миёнкол меравем. Ниҳоят, раисамон ба ман иҷозат дод, ба мактаб ҷиҳоз меоварам.

– Он ҷиҳоз чӣ будааст, ки уштур мебаред?

– Парта, – гуфт Фаршед ва шигифти рӯйи модарро дида афзуд: – Ҳа, шумо парта чист намедонед, оча. Ин як навъ нимкате аст, ки ҳам курсии нишаст дораду ҳам пештахта. Дар синф бачаҳо дар он менишинанду дарс мекунанд.

– Ба устоҳои худамон гӯйӣ намесозанд?

– То ҳол тарҳаша касе намедонад, барои намуна овардани ҳастам. Албатта, баъд ба ягон устоямон мефармоям...

Ширчою нони гарми Моҳира то мағзи ҷон нишаст. Фаршед дуои модарро гирифта, ҳангоми худоҳофизӣ гуфт:

– Очаҷон, сафари ману Шодон каме тӯл мекашад, шояд ду-се ҳафта давом кунад. Хавотир накашед, медонед, роҳи дур, ба пою қадами шутур рафта омадан вақт мебарад. Ҳозир рост ба назди додиям меравем, дуои он каса ҳам гирифта ба роҳ мебароем.

– Сафаратон нек гузарад, писарҷон, ду чашмам ба роҳат чор мешавад. Сиҳат раву саломат биё, нури дидаам!

– Хайр, ба умеди дидор!

«Ба сафар ки тараддуд дидӣ, аз роҳат намон!» Ин сухани қиблагоҳ чун нақше бар сафҳаи зеҳни Фаршед буд. Ҳар гоҳ ба ҷое азми рафтан мекард, як пос не, ҳатто ҳар як лаҳзаро ғанимат мешумурд. То кори ба дил уфтодаро анҷом намедод, хаёлаш дар ҷо намеистод. Ин бор мехост орзуи дерини хешро рӯйи об барорад, шогирдонашро хурсанд кунад. Аз рӯзе, ки дар шаҳри Нур намунаи партаро дида буд, бо алоқа ба он доиман паснигарон мегашт. «Устои ин курсиҳо Хӯҷамуроди миёнколӣ аст, ҳама аз ӯ мехаранд»-гуфтани муаллими мактаби гузари Чашма ҳушу ёдашро пайваста ба ғалаён меовард. Ниҳоят, ба

марзи чашмдошти дерин расид. Бо дили пур ҳамроҳи Шодону шутурҳо нахуст роҳи хонаи бародарро пеш гирифт.

Субҳи содиқ доман паҳн мекард. Ба нохост дар ин субҳидам Фаршед аз дарвозаи Мулло Фарҳод баромадани Муштипару Ниҳоларо диду гиребон қапид. Яъне, ҳамон Муштипаре, ки агар тир меёфт, Ниҳоларо намеёфт, ҳар гоҳ хӯйи гургро мегирифт, аз дандон насоидан бо гӯсфанде мисли Ниҳола уллос мекашид, шодону шукуфон ба дугонаи ҳамсояаш даст дода мерафт. Замоне оташи адоват вуҷуди ӯро месӯзонд, касе ёрои обпошӣ ба онро надошт. Аз рӯзе, ки духтараки сесолааш дар зери бори гарон монда ҷон таслим намуд, дунё ларзиду рӯзи равшан барояш торикистон гашт. Фарзанди хурдаки машғул ба бозии ӯро Ниҳола надида, ҳангоми фуровардани ҳезумҳои хар маҷақ карда кушта буд. Аз он пас зиндагӣ барояш талх гардид, модари бадбахт гирифтори алангаи алам шуд. Дигар, бехудона аз пайи қасос уфтод...

Имрӯз бошад, деги фалак дар пешорӯйи Фаршед воруна менамуд. На абри сиёҳе, на раъду барқе! Чӣ қадр зебост ин таровати осмон! Ба чашми худ бовар накард, ки Муштипари ошуфтаву оғуштаи туғён ором шудааст, дигар сари мавҷҳои бесоҳиб ба соҳил намезанад, ба куллӣ сокину фориғбол аст. Ӯ ба манзили бародар даромада, Мулло Фарҳодро фориғболтар дарёфт. Аз чеҳраи мулло гӯиё нур меборид, мисли ҳамеша дар пушти сандалӣ нишаста, ғарқи мутолиаи китоби ғафси кухнамуқова буд. Китоби рӯйи лавҳро аз ҷилдаш шинохт – «Саҳеҳ-ул-Бухорӣ». Дар ҳоле, ки шигифт чеҳраашро мепӯшонд, гуфт:

– Салом, додӣ! Мебинам, ки соҳири гузаро ҳастиву мо бехабарем.

– Ҳой, ҳой, мувозиби гуфтаҳоят бош! Бе амри Худо на зиёне расад, на фоидае, – ва ба китоби дасташ ишора карда афзуд: – бино ба фармудаи Худои таоло, «соҳир ҳар куҷо биравад, растагорӣ намешавад»[174].

– Аммо, чӣ кор кардӣ, ки растагорӣ шуд? Аз ним сол гузашт, ин ду зан ҳамара хун хӯронданд. Одаме намонд, ки Ниҳолара аз дасти Муштипар пинҳон накарда бошад.

– Медонам, бечора аз духтараш ҷудо гардид, шабу рӯзаш як, ҳаври дилаш ба оташи қасосу кина бадал шуд. Ҳамсояаша чашми дидан надошт, мехост вая ба ҷаҳаннам фиристад, зеро ки ҳушу зеҳнаша доми ниқор ва пеши чашмонаша сиёҳии ҷаҳл гирифта буд. Ман ҳам як равоншиносӣ кардам, дуо хондам, дам андохтам ва, албатта, аз боби муҳаббат, бахшиши гуноҳ, силаи раҳм дурри маънӣ чидам.

– Муштипар гӯш меандохт, эътирозе намекард?

– Гӯш додан як тараф, ӯ маҷзубу беҳис се рӯз хоб рафт. Акнун инсони наздикаш Ниҳола аст. Ҳар рӯз дукаса ба ман нону ширинӣ меоваранд, – дар ин асно аз дар Холпарӣ даромад ва салом арз карда дасторхон густурд. Мулло ба суханаш идома дод: – Ин ҳам аз қатламаю чалпаки имрӯзаашон, бигир додар, таматтуъ кун.

– Ман қоил! Чӣ сирре дорӣ, намедонам, додӣ!

---

[174] «Саҳеҳ-ул-Бухорӣ» (форсӣ). Ҷилди 6, Китоби беморон, боби 47, саҳ. 399

Мулло Фарҳод бо табассум китоби дасташро пӯшонду дар канор гузошт ва гуфт:

– Сирри мо нуҳуфта дар ҳунарамон аст. Масалан, агар тавонем, ки ду нафар қаҳрӣ ё касонера, ки ба ҳам ҳасодат меварзанду душманӣ мекунанд, бо дуоюю ниёиши худ ба ифоқа биёварем, пас ҳунари мо корагар аст. Ҳадиси Расулуллоҳ(с) омадааст: «Мусалмон бародари мусалмон аст, бар ӯ зулм накунад ва ӯро ба ҳалокат наафканад ва касе, ки ҳоҷати бародари худро раво медорад, Худованд ҳоҷати ӯро раво медорад ва касе, ки андуҳ ва машаққати мусалмонеро дур мегардонад, Худованд аз андуҳҳо ва машаққатҳои ӯ дар рӯзи қиёмат дур мегардонад ва касе, ки аз мусалмонӣ пардапӯшӣ кунад, Худованд дар рӯзи қиёмат аз вай пардапӯшӣ мекунад»[175], – мулло хомӯш нишастани Фаршедро дида, ёзиду қатламаро пора-пора карда ба рӯйи дасторхон гузошт ва гуфт: – Ана ҳамин гуна гапҳо, додарҷон, мебинам, ки рахти сафар бастаӣ, чӣ хабар?

– Як дам рӯзи қиёмата тасаввур кардам, – бо завқ ба сухан омад Фаршед, – кошки ҳар як муъмин ин пандҳора меомӯхт! Дуруст тахмин кардӣ, ба сафар мебароям, ба роҳи дур. Мехоҳам шогирдона аз заминнишинӣ раҳоӣ бахшам. Аз кулхуз барои мактабамон пули зиёд ҷудо карданд. Инак, аз Миёнкол парта меорем, сипас дар ин ҷо устоҳоямон нусха бардошта бештар месозанд. Баъд, бо ҳашар бинои мактаба ҳам мебардорем.

– Офарин! Ман ба ҳамин аъмоли Ҳукумати Шуроҳо тан додам, мехоҳанд одамон саросар босавод шаванд. Роҳи дур мерафтаӣ, аммо кори савоб мекунӣ, боракаллоҳ!

– Ҳеч гап не, бисёр равад – ду ҳафта.

– Сафарат ба хайр гузарад, Фаршедҷон! То омаданат ману оча омодагӣ мебинем...

– Омодагӣ ба чӣ?

Чашмони мулло дурахшиданд.

– Ба ҷашни арӯсиат аз шаҳр қанду ҳалвоюю парварда биёр, дигар ҳама чиз ҳаст! – бо табъи шод гуфт ӯ ва хандида афзуд: – Медонӣ, ин сухани кист? Ҳашт сол пеш додо ба ман гуфта буд, вақте ки ману тура ба шаҳри Нур гусел мекард. Акнун хонадор кардани ту қарзест бар гардани ман, ба ҷойи қиблагоҳамон, Худо биёмурзадашон.

Фаршед сурх шуд, бо лаҳни норизо даҳон кушод:

– Ин гап аз куҷо баромад?

–Мӯйи сарат сафед шудаасту то ҳол зан гӯем димоғат меуфтад! – дубора хандида гуфт Мулло Фарҳод. – Ин ҳам сухани додо аст, раҳматӣ ба ҳоли ман хандида буд. Зебогул ҳам ба қад расидааст, соҳибӣ карда гирифтанамон лозим.

Фаршед бештар хиҷолат кашид. Ҳеч гоҳ дар ин хусус бо бародари калонӣ суҳбат наоростааст. Гумон мебурд, дилдориҳояш бо набераи Қозибобо ба касе аён нест. Аз куҷо донад, ки чашми ошиқон «кӯр» аст! Агарчи суҳбати издивоҷ барояш хуш меомад, ин дам нахост таҳи ҳангомаро кобад. Лигоми суханро ба сӯйи дигар кашид:

---

[175] *Ҳамон ҷо:* Ҷилди 2, Китоби мазолим, боби 3, саҳ.116: ривоят аз Ибни Умар (разияллоҳу анҳу)

– Худо хоҳад, бо ду шутур дутой – чаҳорто парта меоварем. Усто Шодмон кайҳост, ки тешаю рандааша сӯҳон зада мондааст, ҳавлиаш пур аз болору тахтаи чортарош. Шояд як устохонаи партасозӣ мекушоем, аз чор сӯ омада мебаранд. Мегӯянд, Миёнкол макони лавозими мактаб аст, ҳар чӣ буд мехарам.

Мулло Фарҳод суҳбатро кашол надод. Чун дарёфт додар зудтар мехоҳад ба роҳ барояд, ӯро аз бори хиҷолат раҳо карда, даст ба пеш кушод ва дуои сафар хонд:

– Худоё, моро ба ҳифзи имон ҳофиз бош ва аз мо муҳофизат намо. Худоё, моро дар ҳимояти раҳмат қарор деҳ ва фазлатро аз мо магир, мо танҳо ба ҷониби Ту роғибем. Худоё, аз ранҷи сафар ва андуҳи бозгашт ва бадии дидор дар дунё ва охират ба ту паноҳ мебарем. Худоё, ба ту рӯ мекунем ва дар ин рӯ намудан хостори хушнудӣ ва тақарруб ба сӯйи Туем. Пас, моро ба он чӣ аз Туву авлиёят орзу мекунем ва умед дорем, бирасон, эй меҳрабонтарини меҳрабонҳо! Омин! – аввал мулло ва аз пайи ӯ Фаршеду Шодон даст ба рӯ кашиданду баробар аз ҷо хестанд. Вақте ки аз дар мебаромаданд, Мулло Фарҳод каф ба дӯши додар гузошта, бо лаҳни дилосо гуфт:

*– Бисёр сафар бояд, то пухта шавад хоме,*
*Сӯфӣ нашавад софӣ, то дарнакашад ҷоме!*

Фаршед роҳравон бо дилхушӣ сухани бародарро пай гирифт:

*– Гарчи шаби муштоқон торик бувад, аммо*
*Навмед набояд буд аз равшании боме!*

– Қанд зан! Ин панди шайхро[176] ҳеч гоҳ аз ёд набарор! Фардо зиндагии ту дурахшон мешавад, офтоби хушбахтиҳо дар роҳ аст...

Дар ҳоле, ки манзари Бору бо равшании субҳ худро мешуст, ду нафар шутур бо соҳибони дилпур лик-лик ба роҳ баромаданд. Ҳанӯз офтоб нахандида, онҳо теппаҳои болодасти деҳаро ба қасди Миёнкол дар қафо гузоштанд. Ҳавои кӯҳсор ва машаққати фарозу нишебҳо диловезу руҳбахш то мағзи ҷонҳо менишаст.

## Аз пайи РаъноИ гумшуда

Мулло Фарҳод додари хурдиро ба сафар гусел карду дубора сари ҷо, дар пушти сандалӣ нишеман гузид, дурудароз ғарқи андеша шуд. Ин бор тору пуди хаёли ӯ перомуни оилаи Қозибобо печида рафт. Нолону ашкрезон набераи нокоми худ Раъноро ба ёд оварда дил холӣ кардани Бибисоро ва ӯро бо ғаму ғусса пайгирӣ намудани Зебо ҳанӯз дар оинаи зеҳнаш зинда аст. «Агар то рӯзи хонадоршавии Фаршед суроғашро меёфтем, дунё ранги дигар мегирифт, – умедворона шаддаи умед дар риштаи хаёл чид мулло, – ҳатман

[176] *Манзур:* Саъдии Шерозӣ

дар кучое ҳаст, дар кадом як гӯшаеву ғоре буду бош дорад. Мегуфтанд, шавҳари якраваш бо дастаҳои бек ба Синдоб гурехт. Шояд сари калоба дар он ҷо бошад?»

Мулло бо сари ангуштон ду чаккаашро мулоим масҳ кард, шасти хотира ба ҳалқаи ёдҳои пешин дармонд. Қомати баланд, чеҳраи паҳни ҳамеша хандон, ба мисли мардҳо бо зарб қадаммониҳои Раъно аз мадди хаёлаш гузашт. Ӯ билкул духтари дигаре буд, ба кӯчаи сархамӣ ва шарму ҳаёи аз ҳад зиёди ҳамсолони худ наздик намешуд. Гӯё ҷасорати бобои қозияшро танҳо вай ба мерос бурда буд. Ҳанӯз дар синни понздаҳсолагӣ саворкорӣ мекард, дар пойга ҳеҷ ҷавоне ба ӯ намерасид. Вақте ки аз чашма об меоварду, одамҳо сари ҷо шах шуда, маҳорати оббариашро тамошо мекарданд: барои ӯ ду сатл ҳамеша кам буд, ҳатман ба фарқи сар низ сатли сеюм ё кӯзаи обро гузошта мебурд. Азбаски падараш доиман дар сафар мегашт ва бародари дастёр ҳам надошт, ҳар гуна кори мардонаро дар манзил ба уҳда мегирифт. Ҳезум мекашонду мекафонд, дарав мекарду алафу хошок меғундошт, аз замин истода бастаҳои алафро ба болои собот мепартофт, чиғу деворҳои ғалтидаро ба ифоқа меовард...

Мулло Фарҳод беихтиёр уҳ кашид. «Агар он мавқеъ Қозибобо ба сухани падарам гӯш фаро медод, тасмими ноҷо намегирифт. Ба ваъдаҳои ошнои зиҳвориаш фирефта шуда, набераи ангуштнамои худро ба доми ғафлат андохт, – ин лаҳза мисли ин ки ба ҷойи падар бошад, бо таассуф ба ду самт сар ҷунбонд мулло. – «Паҳлавон»-и ошнои зиҳворӣ ҷавони лаин баромад, лутфу марҳамат як сӯ, аз рӯзи нахуст Раънои саркашро дар хона ишкелбанд кард...» Раъно рӯинтан буд, шаддодӣ мекард, аммо сиёсати шавҳар ба ҳама хӯю хислати озодиҷӯйии ӯ пирӯз омад. Аз сӯйи дигар, панду андарзҳо ва обрӯю шаҳомати бобои қозияш низ ба муросокориҳо водор менамуд. Дӯшизаи ҳафдаҳсола рӯмоли занҳои чилсоларо баст ва дар зери рӯмол ҳама рангҳои обиву нилии чеҳраашро, ки нишона аз зулму тааддиҳои бемаврид буд, пинҳон кард. Бойбачаи зиҳворӣ ба дастаҳои роҳзани бек пайвасту зӯрию ситамҳо ба сари зани мутеъ дучанд шуд. Насиҳатҳои муллою қозӣ аз буногӯшаш гузашт, ҳатто бо тири ҳамтабақони худ синаи падари шармандаашро сӯрох кард. Зуъмиаш ба ифрот расид ва дар ниҳоят, аз дасти сарбозони сурх Зиҳворро ба мақсади Тозаву Синдоб тарк кард. Бо худ ҳеҷ чиз набурд, ба ҷуз як туфангу асп ва зани бадомуфтода.

«Агар зиндаю саломат бошад, ёфта меоварам! – садое дар мағзи дили Мулло Фарҳод танин андохт. – Қасам ба руҳи Қозибобою Некрӯзи ҷавонмарг, ҳатман аз пайи ин ҳиммату азимат мешавам!» Манзарае дилосо дар зеҳни мулло зинда шуд: Фаршед бо ҷомаю саллаи домодӣ ва Зебо аз таҳи фаранҷии зарбофти арӯсӣ лабханд мезаданд, дар пешорӯйи онҳо Раънои қоматбаланд даст меафшонду одамони шодмонро ба давраи рақс мекашид. Бибисорою сунҳораш дар канори дарвоза истода, беист бо бари рӯмол ашки шодӣ пок мекарданд...

– Раисбобо омаданд, – ногаҳон садои маҳини Холпарӣ хаёлангезиҳои Мулло Фарҳодро бурид, – дар айвон ҷой андохтам, бароед.

– Наход? То ин ҳад дили одамҳо наздик мешавад? Ҳамин ҳозир худам ба назди Суҳроби дӯстам рафтанӣ будам.

Холпарӣ табассуми малеҳашро арзонӣ дошта, аз рӯйи сандалӣ ба ғундоштани дасторхон пардохт. Паси ҳам ба берун баромаданд. Суҳроб, ки дар канори арз рост истода, бо хумори шаббодаи саҳарӣ ба алвонҷи шохаю баргҳои дарахтон дида медӯхт, ба маҳзи шунидани садои дуруди мулло ба қафо сар тофт. Ҳар ду ба ҳамдигар бағал кушоданд. Мисли ин ки чандин сол аз дидори ҳам маҳрум бошанд, хеле тӯлонӣ оғӯш раҳо накарданд.

– Марҳамат, ба чой гузаред, – овози Холпарӣ муллою раисро ба худ овард, – агар бегонае бинад, гумон мекунад як умр якдигара надидаед. Гузаред-чи?!

Мулло Фарҳод аз китфи дӯсташ даст бардошт, ӯро ба самти айвон муроот карда гуфт:

– Фаршед ба Миёнкол рафт, барои парта. Ҳазор раҳмат, дӯстам, ҷавонҳои Кониоба ҳам раҳо кардай. Дина ба назди устодам рафта будам, он кас ҳам миннатдор. Коргарҳои фиристодаат чорбоғашона нағзакак ба тартиб даровардаанд. Баширу Нусрата даҳонашон ба пушти гӯшҳояшон мерасид. «Мо на чимкаҷ ҳастему на ланг, – бо хушҳолӣ мегуфт Башир, – раис ҳар дуямона ба қатори одамон даровард». Ман ҳам гуфтам, ба раис сипос гӯед...

Суҳроб суханро аз даҳони дӯсташ гирифт:

– Бо дуоҳои туву Мулло Дурандеш корҳоямон пешрав аст. Агар мисли муллоҳои дигар ба сохти шуравӣ санг меандохтед, дунё ранги дигар мегирифт.

– Тақозои замона ҳар чӣ бошад, ҳамон мешавад. Мо мусалмону кофир гӯем ҳама чиза ба фано медиҳем. Беҳтарин кор дар қолаби ҳукумати нав зинда нигаҳ доштани ҳастии миллат аст.

– Худо ба аҳли Бору мурувват карду мора ба раҳбарӣ расонд. То ҷое, ки дастамон мерасад, халқа бо ҳама расму одобаш ҳимоят мекунем. Воқеаи Ансор чун ҳодисаи ногаҳомад сабт шуд. Шунидам, танҳо Бӯрӣ хунбаҳои навкараша ситонданӣ шудааст, аммо дамаш гарм, ҷаноби Оркоди магар роҳ медиҳад ба ин худсарӣ? Мудир бародарбузурги мост, ҷаласаи ҳизбира бо тасдиқи гузориши мо хотима додааст.

– Дар паноҳи Худо бошад, инсони шарифест!

Суҳроб бо ризоят сар ҷунбонда риштаи суханро ба дигар сӯ тофт:

– Мегуфтӣ, Фаршеда хонадор мекунем, чӣ шуд пас?

– Ман ҳам бо ҳамин нияти нек ба наздат рафтанӣ будам. Агар рухсат диҳӣ, ҳамин ки аз сафар омад, тӯяша гузаронем.

– Рухсат дар дасти худат аст, дӯстам. Ин корҳо, дар кул, ҳар гуна расму оини шаръира худат пайгирӣ кун. Тарзи зисти одамон ба маҷрои дигар даромад, аммо руҳияашон бояд солим бошад. Никоҳи шаръӣ, маҳру маросими арӯсиҳо, ташйиъи ҷаноза ва мисли инҳора ҳанӯз аз мо нагирифтаанд. Дар айни ҳол аз шиорҳои мо ҳам ғамгин нашав. Аз ин пас «Зинда бод, Линин», «Шараф ба партия», «Поянда бод, ҳукумати коргару деҳқон» барин хитобаҳора бисёр мешунавӣ. Бо вуҷуди ин ҳама, дар мағзи дил имонамон бояд устувор бимонад.

– Ҳатман! Аз пешомадҳои нав ҷойи гурез нест, ҳар чӣ дар пешонӣ бошад, ҳамона мебинем, – мулло аз чойи сабз рехта, пиёларо ба дӯсташ дод ва суханашро пай гирифт: – Ман аҳд кардам пеш аз баргузор шудани тӯйи додарам духтари калонии раҳматӣ амаки Некрӯза ёфта оварам. Дар ёдат бошад, шавҳараш ҳамроҳи чанд роҳзани бек ба таъқиби сарбозони сурх гирифтор шуда, ба ҷониби Синдоб фирор карда буд. Мехоҳам ба он тарафҳо равам, зиндаю мурдааша – ҳар чӣ бошад, маълум созам.

– Ҳатман худат бояд биравӣ? Ман метавонам одам фиристам...

– Не, не, дӯстам! Ту нағз медонӣ, ин гуна ҷустуҷӯҳо мушкилоти худа дорад. Яке гап мезанад, дигаре сир нигаҳ медорад... Ҳар каса фиристӣ, аз нисфи роҳ бармегардад.

– Агар ин тавр аст, пас, ба ту як нафара ҳамроҳ мекунам. Дастёр дошта бошӣ, ман ҳам дилпур мегардам.

– Ихтиёрат.

– Ба Ҳабиб мегӯям, пасту баландиҳои сафара зиёд дидааст.

– Бисёр хуб, фардо баъд аз намози бомдод ба роҳ мебароем.

Суҳроб дарун-дарун аз иқдоми дӯсти муллояш хушҳол шуда, бо ёдоварии як ваъдаи рӯзҳои аввали раисии худ гуфт:

– Мулло, имрӯз чӣ кор мекунӣ?

– Чӣ буд?

– Агар ҳамроҳ мешудӣ, бо ҳам ба Сумбула мерафтем. Аз ғаллазор хабар мегирем, дар он ҷо тура ба шигифт оварданиам.

– Аҷабо, он чизи ҳайратовар чӣ будааст?

– Агар дар ёдат бошад, пас аз раис шудан ба мӯйсафедони деҳа қавле дода будам.

– Оҳ-ҳо, ба фарзандони арбобу Қозибобо манзил сохтӣ?

– Дирӯз болор гузоштем, шояд то як ҳафтаи дигар ҳар ду хона омода шавад, – гуфт Суҳроб ва бо ихлос ба дӯсти худ, афзуд: – Аммо тура аслан намешавад ғофилгир кард. Ҳушу зеҳнат чун нури офтоб аст, ҳама чиз равшан дар ёдат мемонад.

– Ба хусус, Сумбулара танҳо бо ҳузури Қозибобою арбоб мешиносем. Аз Зиҳвор даҳмардаҳора оварданат айни муддао шуд, ин манзила обод мекунанд, арвоҳи бузургони мо шод мешавад. Агар фарзандонашон низ ба ин ҷо нақли макон кунанд, нуран ало нур!

– То ин ҷо ришу қайчира ба дасти соҳибаш супурдаед, умедворам ҳама орзуҳоямон рӯйи кор хоҳад омад!

Аз лутфи сухану азми қавии дӯсти худ Мулло Фарҳод ҳаз бурд. Дар ҳоле, ки чашмонаш низ механдиданд, бо дилгармии бештар изҳор кард:

– Бибисорою Мусалламхола шунаванд сарашон ба осмон мерасад. Мо худамон ҳам дилпур мегардем, чӣ гуфтӣ?

– Рост... – Суҳроб ангушт аз рӯйи мӯйлабҳои ғафси худ кашида хаёлангез илова кард: – Агарчи онҳо аз дастгоҳи зӯровари шуроҳо бадбахт шуданд, гӯё ҳамаи мо гунаҳкорем. Ду инсони бузурга бой доданамон тамоми вуҷудама месӯзонад. Ба ҳар роҳе бошад, мебояд хатоҳора ҷуброн кунем...

Дунё ба умед. Ва, барои ба умед расидан мебояд талош кард. Бо «дидан лозим», «рафтан лозим», «овардан лозим» ва чандин «лозим»-и дигарро гуфтану орзу парваридан чӣ нафъ? Аз пайи орзуҳо ба коре аҳд бастан ва онро пайгирӣ кардан беҳтарин амал аст. Пас аз муддати мадиде ин гуна иқдом Мулло Фарҳодро водор намуд, ки барои ҷустуҷӯйи набераи меҳтари Қозибобо барояд. Гузашта аз дӯстию бародарӣ, дар садад ҳастанд риштаи хешовандӣ низ бибанданд. Пас, осоиш ва хурсандии он хонавода заминаи роҳату шодмонии ҳама аст.

Мулло Фарҳод вақтро ба пушт наандохта, рӯзи дигар, субҳи зуд ҳамроҳи Ҳабиб рахти сафар баст. Ӯ бо хари болобаланди сапедаш ва Ҳабиб бо Абрашҷирани қозӣ, ки ба ихтиёри шуъба гузашта буд ва кормандони Ҳукумати Шуро аз он кор мекашиданд, ба роҳ баромаданд. Асп пеш-пеш мерафту хари болобаланд саъй мекард ақиб намонад. Дар воқеъ, то расидан ба кунҷи Синдоб боре ҳам миёни ду ҷонвар фосила науфтод. Ниҳоят, вақте ки дар болотарин дара қарор гирифтанд ва дар ин дам нурҳои Хуршед танҳо ба сари теғу қирраҳои кӯҳҳои баланди деҳа чашмак мезад, Ҳабиб аз роҳгардӣ истод ва масрурона гуфт:

– Хари шумо аз ҳеч саманде монданӣ надорад, домулло! Ин қадар роҳҳои каҷу килеб ва нишебу фарозҳора гузаштем, дидам нагуфт-е, қоил!

– Асп барои шаҳрҳои дур хуб аст, аммо дар миёни деҳаҳо ва барои кӯҳгардӣ – хар. Ба хусус, агар харе ба мисли «асп»-и ман дошта бошӣ, чи беҳтар!

Ҳабиб ба завқ омад, бо табассум изҳор намуд:

– Ман ҳоло фаҳмидам, ки барои чӣ шумо бештар аз гӯшдарози болобаланди худ кор мекашед. Бояд эътироф кунем, ки ҳамчунин харҳои бақувват низ кам андар кам дучор меоянд.

– Худо умраша диҳад, – бо лабханд гуфт Мулло Фарҳод, – синни ин ҷонвари ман аз бист мегузарад, вале ба пирӣ тан доданӣ нест. Бо ин ҳол, дар канораш як шогирдаке бояд тарбият кунем.

Мулло ба самти ду-се хонаи сангин, ки аз миёни дарахтзори боғи тӯлонӣ базӯр дида мешуданд, ишора карда ба асли қазия баргашт:

– Додарам, мо ба мақсади аввал расидем. Ҳӯ, ана ҳамон кулбаи канори тут манзили падарарӯси Фарзом аст. Дар он ҷо каме дам мегирему дубора ба кофтуков мебароем.

– Нуъмонака медонанд Оятулло дар куҷост?

– Агар аз Синдоб нарафта бошад, албатта, хабар дорад.

– Фикр намекунам, сарбозҳои сурх вая ором гузошта бошанд.

– Медонам, бойбачаи якрав буд. Бо он хислаташ ҷон медод, аммо тан не.

Ҳавои кунҷи Синдоб сард буд. Аз самти рӯди сероби он ки садои шуввосаш равшан ба гӯш меомад, боди серуне мевазид. Буттаю шохаҳои дарахтон ва ҳатто майсазоре, ки то зону мерасид, якзайл алвонҷ мехӯрданд. Мулло Фарҳод аз хар пиёда шуда лигоми онро ба як шохи душохашудаи дарахти тут баст. Ба ӯ пайравӣ карда, Ҳабиб низ аспашро ба шохи тути дигар

баста монд. Ҳар ду пасу пеш аз миёни фазои сарсабз, ки бештар дарахтони зардолую себ қомат афрохта, бо меваи пухтарасида шохаҳои овезон доштанд, ба тарафи кулбаи Нуъмон роҳ пеш гирифтанд.

– Аз таҳи дарахти мевадор гузашта мева нахӯрдан убол аст, – гуфт мулло ва хам шуда чандто зардолуро аз рӯйи сабзаҳо бардошту ду-се донаро ба дасти Ҳабиб дод. – Бичаш, ин ҳам як навъ фалғарӣ аст. Имрӯзҳо дар ҳама деҳаҳои кӯҳпоя вакти пухтупази зардолуст, ҳама мечинанду ғӯлинг мерезанд.

Ҳабиб зардолуҳои додаи муллоро бо кафи даст пок карда ба даҳон бурд.

– Баҳ-баҳ, чӣ қадар хушмаза аст, – аз даҳон об оварда гуфт ӯ, – таъми асал дорад!

– Нӯши ҷон шавад. Ҳама меваҳои мо чун шаҳду шаккаранд!

– Аз ин хотир беҳтарин сухана ба ин шириниҳо ташбеҳ медиҳанд?

Мулло Фарҳод аз ин лутфи Ҳабиб хушҳол шуда каломи ноб ба лаб овард:

*– Ҳофиз, чӣ турфа шохи наботест килки ту,*
*К-аш мева дилпазиртар аз шаҳду шаккар аст.*

– Оре, оре! – Ҳабиб аз пайи байти гуфтаи мулло шоду мамнун даст афшонд.

Нуъмон дар хона буд. Ӯ бо дидани меҳмонҳои нохонда андаке саросема шуду худро ба даст гирифт.

– Эҳ-ҳа, бо кадом шамолҳо, чӣ одамонера мебинам?! – бо ҳаяҷон ба сухан омад ӯ. – Канӣ, канӣ, биёянд-чи, сад сол шуд ҳамдигара надидаем. Мулло Фарҳод, офтоб аз куҷо баромад, чӣ хел роҳи хонаи мора ёфтӣ?

– Мо-ку дар сад сол як бор омадем, аммо дусад сол аст, ки аз шумо дараке нест! – шӯхиомез дар идомаи сухани мизбон фикрашро изҳор кард Мулло Фарҳод. – Ҳеч нест, ки моҳи рӯятон шабҳои мо фақирона равшан кунад. Қудратҷон дар ҳасрати дидоратон мӯйлаб баровард-о?!

– Рост мегӯйӣ, мулло, хеле шуд аз Синдоб берун нарафтаем. Бачаҳо хубанд, Фарзому Рахшона, набераам, ҳама хешон сиҳату саломатанд?

– Худора шукр, амну амон, ҳама машғули кору зиндагии худ. Аҳли Бору салом расонданд. Ин ҷо чӣ хабарҳои нав?

Нуъмон аз пеш гузашта, меҳмононро ба хонаи пазирой, ки ҳамсараш дарҳол кӯрпача андохта баромад, фаро хонд. Чун ҳама гирди ҳам нишаста даст ба дуо бардоштанду пурсупоси кӯтоҳе карданд, дар идомаи ҳангомаи пештара афзуд:

– Мо ҳам Ҳукумати Шурой месозем, домулло! Дар ҷонамон ҳатто оҳе намонд – ҳар чӣ буд супурдем ба кулхузашон. Аҷаб давру замонҳое шуд, гӯё ки ҳама чиз дорӣ, аммо чизе надорӣ!

– Ҷонатон дар амон бошад, додӣ, акнун ҳама як вазифа дорем: кор кардан. Кор мекунию ҳақ мегирӣ, давлат тура мехӯронад, мепӯшонад.

– Э садқаи шумоён шавам, хуш омадед, хурсанд кардедамон! – Нуъмон хушҳол нон пора карда, меҳмононро ба дасторхон мурооткунон гуфт: – Аммо ин ҳукумат душмани бойҳо будааст, домулло, дар деҳи мо на заминдор монду

на молдор. Аз як сар куштанд, қулоқ карданд, боқимондара ҳам луч карда партофтанд. Ҳозир ҳама навкари кулхуз, чоряккори дирӯз соҳиби замин, биргадиру ҳисобдор, ба ману ту фурсати суханронӣ намедиҳанд.

– Ҷонашон дар амон бошад, муҳим ин ки миллат зинда монад! Хатту забонаша аз даст надиҳад, авлодаша бузург кунад...

– Шунидам, додари хурдиат мактаби нава соҳибӣ кардааст, боракаллоҳ! Бе он ҳам мактаб аз они шумоҳо буд. Мегӯянд, илмҳои нава ёд медиҳанд, Худою расул, оёту аҳодис куҳна шудаанд.

Мулло Фарҳод хандаи мулоиме карду риштаи суҳбата ба дигар сӯ кашид:

– Ана ҳамон додари хурдиама хонадор карданием, додӣ. Ба духтари Некрӯзи раҳматӣ, ба набераи Қозӣ Ҳушанг талабгорем.

– Некрӯза мешиносам, бечора марди дасткушоде буд, қиссаи ба доми роҳзанҳо гирифтор шуданаша шунидем. Худо ҷояша ҷаннат кунад.

– Омин, – даст ба рӯ кашид мулло. – Мо ҳам дунболи духтари калониаш Раъно мегардем. Бойбача Оятуллои зиҳворӣ ҳар ҷо мерафт, бо худаш мебурд. Ба дастаи таҷовузкори бек ҳамроҳ шуда, бо сарбозони сурх ҷангҳо карданд. Хабарҳое пахн шуда буд, ки дар Синдоб паноҳ бурдаанд, аммо дигар чизе маълум нест.

– Исто, ки ман ҳам хабар дорам аз он воқеа, лекин акнун дар куҷост, намедонам. Он замон чашму гӯши Чиноргули коммунист боз буд, дар дохилашон мегашт, як лаҳза... – Нуъмон сари по хесту ба берун баромад ва фурсати алвонҷи шох нагузашта дубора ба назди меҳмонон баргашту гуфт: – Искандара фиристодам, Чиноргула ёфта меорад. Шумоён бемалол по ёзонида шинед, агар зиндаю саломат бошад, Раънохон ҳатман ёфт мешавад.

– Сипосгузорам, кош гуфтаатон ҷомаи амал пӯшад! – Мулло Фарҳод тараддуди хестан карда афзуд: – Агар иҷозат диҳед, дастшӯйӣ бароям.

– Албатта, бифармо домулло, – Нуъмон ба солмандии худ нигоҳ накарда ҷаста аз ҷо хест ва барои роҳбаладӣ ба берун шитофт...

Ҳабиб дар хона танҳо монда, аз ғояти хастагӣ буд магар, беихтиёр дароз кашиду сар ба рӯйи болин гузошт. Саъй кард перомуни хаёлҳои бесарунӯки худ чеҳраи Раъноро ба ёд оварад. Танҳо тавонист аз миёни тӯдаи одамон аспсавор рафтани ӯро муоина кунад. Ба сар шоли шаршарадори сапедеро андохта аз ду бари тағояш, ки дар пеш менишаст, дошта мерафт. Аз қафои тӯдаи тӯйбарон фарёду ғалоғулаи бачаҳои бешумор ба осмон мепечид. «Ман ҳам дар миёни онҳо будам, – аз дил гузаронд Ҳабиб, – он замон амаки Некрӯз духтари худро ба Зиҳвор, ба хонаи шавҳар гусел мекард». Эҳ, Раънои сарсахт, он рӯз бо чӣ умедҳое аспсавор мерафтӣ?! Ҳама ду чашм ба ту буданд, дар ниҳояти шодмонӣ бо ҳавас ба қадду басти зинатёфта ва дастагули ҳазориспанди пешониат дида медӯхтанд. Он лаҳза ба хаёли касе намеомад, ки рӯзе аз дасти соҳиби нават хору залил мегардӣ, бо ин ҳама шуҷоату рӯинтаниат гирифтор дар панҷаи зулму ситам мемонӣ...

Ногаҳон риштаи хаёлрониҳои Ҳабиб бо садои «ё Аллоҳ» канда шуд. Ӯ сари ҷо хеста нишасту дар идомаи андешаҳояш лаб ба сухан кушод:

– Ман пас аз арӯсиаш Раънора надидаам, домулло, шумо рангу рӯйи вая дар ёд доред? Кай охирин бор дида будед?

Мулло Фарҳод ба рӯйи кӯрпачаи худ сарболо хоб рафта, назаре ба ҷуфтвассаҳои шифт андохта, шунаво ба нақл пардохт:

– Аз он дам се сол мегузарад. Оре, дақиқан се сол, моҳи зилҳиҷҷаи соли чиҳилу сеюм[177] буд. Ҳавои гарми тобистон ҷона ба ҳалқ меовард. Аз хонаю сояи боғ ба берун барою бин! Теғи сӯзони хуршед аз мағзи дамои баланд гузашта, яксара синаҳора чок мекард. Дар дили ҳамон айём мана ба хонаи Қозибобо хонданд. Худи Бибисоро омад, аз дасти гармо сару рӯяша бо рӯмоли калоне печонида буд. «Муллоҷон, Раънoям аз дина боз аноя мегӯяд, ҳолаш бад, як дам наандозӣ намешавад». Бовар мекунӣ, он рӯз фаҳмидам, ки духтарашон аз Зиҳвор то Бору пойи пиёда омадааст. Ҳатто бе маҳсию калӯш, бо пойи лухт! Он ҳама барозу нишеб, теппаю доманаҳои кӯҳира, ки сартопо хору сангу хазанда дорад, паси сар карда омадан магар осон аст, медонӣ чӣ қадр тобу тавона мехоҳад? Гуфтанд, ӯ ба ошноёни шавҳараш, ки дуздҳои пинҳонкор буданд, эҳтиром нагузоштааст ва мардаки «боғурур» низ ин беҳурматира таҳаммул накарда, се шабу се рӯз зани «гапнодаро»-яша зери лагаду таёқ мегирад. Тамоми вуҷудаша хуншору сиёҳу кабуд карда, пинҳонӣ аз падару модар ба таҳхона мепартояд. Раънои мо бошад, илоҷе ёфта аз он ҷаҳаннам наҷот меёбад. Ӯ ба худ омада, ҷуссаи абгораша бештар харошидаю хуншор карда, бо азоб аз даричаи хурди таҳхона ба берун мехазад. Аз зиндон раҳоӣ ҷуста, ҳар гуна тарсу ваҳма нодида мегирад ва ҳамон саҳарӣ ба роҳ мебарояд. Худат тасаввур кун, бо он ҳол наздики ду фарсанг роҳи пурпечутобу ранҷовари кӯҳира гузашта омадан чӣ паёварде дорад!

– Ошуфтаақл буд гӯед? – каме хомӯш мондани муллоро дида пурсид Ҳабиб.

– Ҳанӯз ҳам он ҳолати Раъно пеши назарам ояд, пайкарам гӯё меларзад, ба изтироб меоям. Бо вуҷуди он ҷуссаи мардона ва иродаи муҳкам ба зиллату хорӣ уфтода буд, худаша гум карда ҳарза мегуфт, тез-тез сару гарданаш меларзид, наистода чашмак мезад, одамҳои атрофаша намешинохт.

Ҳабиб беихтиёр суол кард:

– Аз дастатон коре омад, бубахшед, тавонистед вая муолиҷа кунед?

Мулло Фарҳод бо табассум нақлашро идома дод:

– Бе таваққуф ба чилла кашидам. Ҳар рӯз аз ҳолаш хабар гирифта дам андохтам. Ба ҷуз модараш, ки обу хӯрокаша медод, нагузоштам, ки аҳадунносе ба наздаш дарояд. Хушбахтона, ҳар се ба муродамон расидем, Раъно пурра шифо ёфт, дастону сараш аз ларзиш монд, орворааш[178] рост шуд, сиёҳии чашмонаш сари ҷо омад, аммо...

Аз хомӯш мондани мулло Ҳабиб тааҷҷуб кард, суоломез ба ӯ чашм дӯхта нишаст.

– Афсӯс ки, Қозибобо ба сухани ман гӯш накард, даруни сӯхтаю пухтаи набераи худа надид, ору номус гуфта, бо модараш дубора ба Зиҳвор фиристод.

---

[177] Моҳи зилҳиҷҷаи соли 1343 ҳ.қ. – мутобиқ бо моҳи июли соли 1925

[178] **Орвора** آرواره – фак, манаҳ

Дигар духтара надидем, вале аҳёнан хабарҳое аз хусуси ҷабру ситами шавҳараш ва ба роҳзанҳо гаравидани оилаашон ба гӯш мерасид, – суханашро ба охир расонд Мулло Фарҳод.

Дар ин асно садои мизбон шунида шуд, ӯ аз ҳавлӣ бо касе суҳбаткунон меомад. Пасу пеш аз дар сару сурати ҳар ду намудор гардид. Бо дидани ҳайбати ҳамроҳи соҳибхона аз мулло бештар Ҳабиб дар анг монд: чӣ қадди болое! Қоматбаландию шонаҳои паҳн як тараф, аз он беш сарутани бону, ки либоспӯшии мардеро ба хотир меовард, ҳар дуро дар қолаби ҳайрат гузошт. Мулло Фарҳод нигоҳе карду дигар чашм канд, вале Ҳабиб ҳарисона тамоми сохту сумоти занро аз ҳошияи дид кашид. Шалвори почавасеъ бо камзӯли тунуки дароз ва кулоҳи гирде, ки мӯйҳои ҷамъшудаи занро пинҳон мекард, на аз урфи деҳотиён, балки аз расми тозае дарак медод. На аз поҷома, на аз пероҳани остинбаланд, на аз гарданбанду кулӯта хабаре буд. Тӯфаку ҷамолак ҳам надошт он зан.

– Домулло, Чиноргул ҳиммат кард, ҳама ташвишҳояша як сӯ монда ба дидорат омад, – хушҳолона ба хона даромада суҳбатро оғоз намуд Нуъмон. – Умедворам, ёриаш мерасад, барои ёфтани духтарамон раҳи кор нишон медиҳад.

Бо арзи салом Чиноргул дар пойгаҳ нишаст. Ду зону ба замин гузошт, вале бо ин ҳол ҳамқадди дигарон буд гӯё. Ҳарчанд Ҳабиб бо нигоҳҳои тези худ ӯро аз нӯфи сӯзан мегузаронд, ба ин таваҷҷуҳе накарда бештар маҳлиёи Мулло Фарҳод шуд. Мулло бошад, паҳлу ба ӯ, ба Нуъмон рӯ оварда гуфт:

– Лутфи шумо зиёд, ман дар хусуси Чиноргули коммунист бисёр шунидаам. Каппаи сарбозони бека сӯхта шӯрашона хушк кардааст ӯ.

Чиноргул ҳамоно ҷавоб дод:

– Барои сохтани хонаи нав аз баҳри он каппаҳо баромадан лозим, зулму тааддиҳояшон сарҳои худашона хӯрд.

– Аммо шуравиҳо низ тару хушка бо ҳам сӯзонданд, дар канори золимон одамони солим ҳам ба фано рафтанд.

– Рост мегӯйӣ, домулло, – бо эътироф сухан пай гирифт Чиноргул, – Мо ҳама мақомдорони куҳнара нобуд кардем, вале дар Бору гапи шумоҳо ҳанӯз мегузарад. Ҳеч намефаҳмам, бо ин ҳама сиёсати сахти шуроҳо шумо чӣ хел то ба ҳол мулло ҳастеду оқсақол. Бовар кунед, агар ману Бӯрӣ он ҷо мебудем, аллакай ба зери ҳамаатон об мемондем, – аз шӯхии таҳдори худ хандида монд зан.

Мулло Фарҳод кам наомад:

– Ё сеҳру ҷодуи ман аз зери шумо об мегузаронд!

Боз ҳам хандиданд. Нуъмон ҳамчун мӯйсафед риштаи суханро ба даст гирифт:

– Хоҳарам, алҳол масъала дигар аст. Бародарони мо аз пайи як ҷигарпораи худ ба назди мо омадаанд, набераи Қозибобо Раънора мекобанд. Ба ҳамон дастаи босмачӣ, ки бо пайгириҳои ту дар муҳосираи аскарони сурх монда буд, шавҳари Раъно сарварӣ мекардааст. Он воқеаҳо чӣ хел рух дод, бо чӣ хотима ёфт, агар дар ёдат бошад...

– «Дар ёдат бошад», гуфтанатон чист? Ҳамааша мисли панҷ ангушт медонам! Он зани ҷавони якрава ҳам нағз мешиносам. Ҳамон рӯзҳое, ки ман бо дастури раиси кумитаи инқилобӣ дар хонаҳои Сарварбой ва Давронбой бо симои «занаки одии деҳотӣ» рӯбандагӣ мекардам, гумоштаҳои беки Нур бо роҳбаладии Оятулло дар манзили Сарварбой фуруд омаданд. Оре, онҳо аз кӯҳи Ағба фуромаданд, сар то по мусаллаҳ буданд, мебоист ду ҳафта дар ин ҷо монда ба амалиёти пешбинишуда омодагӣ бубинанд.

– Қарор буд задухӯрде шавад? – чун аз ин гуна барномаҳо бехабар буд, пурсид Нуъмон.

– Агар ёдатон бошад, он замон учоқи даргириҳо аз деҳаҳои Хумгузару Пойгач гирифта то Боғдона фаро мегирифт, аскарони сурх аз дасти бойҳои босмачӣ рӯзи хуш надоштанд. Ҳам маҳаллиҳора ҷабру ҷафо медоданд, ҳам булшевойҳора бераҳмона мекуштанд нокасон. Вале рафта-рафта иқтидорашон коҳиш ёфт, хӯрду хӯрокашон намонд, дар миёни халқ душмани бисёр пайдо карданд ва билохира, аз дасти аскарони сурх шикаст хӯрда пароканда шуданд. Шайкаҳои беки Нур тавонистанд як муддат гирди ҳам оянд ва бо гурӯҳҳои парешоншудаи ин тараф паймон банданд.

– Яъне, дар манзили Сарварбой дастаи зиҳворӣ мебоист бо гурӯҳҳои Хумгузару Пойгач муттаҳид шавад, бале?

– Оре, ба ҳамин монанд нақша доштанд. Ман он рӯзҳо дар таги дасту пойи Оятулло гашта, ҳама суҳбатҳояша бо ҷосусони онварӣ шунидам. Раъно ҳам дар хидмати шавҳараш буд, аз латукӯбу ҳақоратҳои ӯ ҷонаш ба ҳалқ меомад. Оятулло ба ӯ чун як асираи беҳуқуқ рафтор мекард, рӯзи хуш намедод. Боре зани мазлума аз таҳхонаи бой дар ҳолати нимхуш ёфтам. Раҳмам омад, дасту рӯяша шуста ба худ овардам ва гуфтам, ки агар хоҳад вая мегурезонам. Ҳатто гуфта будам, «бо ин ҷуссаю қувват кӯҳа занӣ талқон мешавад, биё ба қишлоқат мефиристам, аз ҳама ҷабру ситам роҳат мешавӣ». Духтари якрав қабул накард, ба назарам, дигар бе зулми шавҳар зиндагӣ карда наметавонист.

– Хуб, дар поён чӣ шуд?

– Чӣ ҳам мешуд, пас аз ҷосусиҳоям ҳамон шабе, ки ду дастаи босмачӣ бо ҳам пайвастанд, утряди сурхҳо ба манзили Сарварбою Давронбой шабохун заданд. Набарди сахте ба амал омад, ду аскари сурх мурд, вале дастаҳои босмачӣ ҳама нобуд гаштанд. Рӯзи дигар ман худам яке-яке ҷасадҳои ба ҳалокат расидара дида баромадам. Дар миёнашон фақат Оятуллою Раъно набуданд.

Дар ин ҷойи сухан Ҳабиб яке овоз баровард:

– Эҳ, пас онҳо зиндаанд!

– Шояд зинда бошанд. Ман ба хотири Раъно хеле ҷустуҷӯ кардам. Танҳо аз чӯпони Сариқалъа фаҳмидем, ки пас аз он шаби задухӯрд, дар дили саҳарӣ як аспа бо ду савора дидааст. Онҳо ба самти Моҳигарм фирор кардаанд. Боз ҳам то хеле ҷо рафтем, вале дигар изҳо гум шуд, кофтуковҳо бенатиҷа монд.

Дар хона хомӯшӣ ҳукмрон шуд. Мулло Фарҳод, ки то ин дам бо тааммул нақлҳоро гӯш карда менишаст, бо қасди даридани пардаи сукут сар бардошта, ба Нуъмон рӯ овард:

– Пас, овозаҳои паҳншуда бедарак набудааст. Хоҳари коммунистамон сари калобара ба дастамон дод, акнун лозим меояд давомаша дар Моҳигарм пайгирӣ кунем.

– Ба гумон аст дар Моҳигарм бошанд, – дилпурона гуфт Чиноргул, – агар он ҷо мебуданд, то имрӯз шувурашон дармеомад, чунки он деҳа дар сари роҳ аст. Лекин, шояд дар деҳкадаи болоикӯҳии Моҳигарм пинҳон шуда бошанд. Он ҷо дар васати чор кӯҳ, миёни дарахтзор ба чашм ноаён аст, хеле links мармуз менамояд.

– Деҳаи Андона мегӯйӣ?

– Оре, ҳамоне, ки сокинонаш ҳанӯз нохешанд, ба Ҳукумати Шуро пурра гардан хам накардаанд.

Мулло Фарҳод аз сабки баёни зан бештар завқ бурд, бо шӯхии пештара гуфт:

– Хоҳари коммунистамон аз ҷон мехоҳад ҳама ҳарчи зуд ба ҳукуматашон сар фуроранд, фарзанди содиқи Линин!

– Замона дигар шуд, онҳо низ маҷбуранд ба сиёсати мо итоат кунанд, – гуфт Чиноргул ва ҳарчанд Мулло Фарҳод ба ӯ рӯ намегардонд, бо лабханд ба ҷониби ӯ чашм дӯхта афзуд: – Бовар кунед, ба деҳаи шумо ҳавасам меояд. Ба хусус, раисатон Суҳроб марди майдон аст, аз ҳама баду бало ҷонатона ҳифз мекунад. Боре дар назди раис Оркоди Бӯрии мо аз худаш таъриф карда, дар канори муллоҳо нобуд сохтани даста-даста китобҳои қадимара гуфта буд, ки Суҳроб ба даҳонаш зад. «Китоб чӣ гуноҳ дорад? – бо ҷаҳл изҳор медошт ӯ. – Агар бозгӯйи фарҳанги дигар ҳам бошад, таърих аст, бояд дар бойгонӣ бимонад. Рӯзе халқ онҳоро таҳқиқ мекунад».

– Панд гиред аз ӯ! – бо тафохур садо баланд кард мулло.

Дар ин лаҳза аз пушти дар овози кадбону шунида шуд, ки Нуъмонро барои гирифтани косаю табақҳои ғизо мехонд. Соҳибхона сари суханро баст:

– Хуб, наҳор бихӯрем, баҳсҳо баъд, чӣ гуфтед азизонам?!

Чеҳраи ҳар якеро табассуми мулоим оро дод...

«Меҳмон ҳабиби Худост», гӯён Нуъмон он рӯз бо дилу ҷон аз меҳмонони худ пазирой кард ва ҳар чӣ аз нуқлу наво дошт, ба пешашон баровард. Мулло Фарҳод ва Ҳабиб шабро дар Синдоб гузаронида, саҳарии барвақт бо изҳори сипосу миннатдорӣ ба ҷониби Андон ба роҳ баромаданд. Ҳарчанд мушкилу душворгузар буд, онҳо роҳу пайроҳаҳои кӯҳиро интихоб карданд. Ба хусус, ҳангоми гузаштан аз зеру бари буттаҳои хордору дарахтзори дараҳо ва печҳои пур аз сангу шахи қиррадор азиятҳое барояшон эҷод мешуд. Дар ин гуна пайроҳаҳои танг аз хару асп пиёда шуда, лигом ба даст мегирифтанд. Ба ҳар ҳол, ранҷҳои ошнои кӯҳгардӣ то ҷое дар қафо монд, онҳо пасту баландиҳои Синдобро паси сар карда ба фарози деҳаи Моҳигарм расиданд ва аз он ҷо ба рост печиданд. Вақте ки ба деҳкадаи миёни чор кӯҳ, ки ғарқ дар олами сабз буд – ба Андон омаданд, аллакай қурси Офтоб дар болои сар партав меафшонд. Дар пойгаҳи деҳа, бар сари теппаи махруташакли сарбурида нафас рост карданд, Мулло Фарҳод аз ҳавои дилосои кӯҳ ва манзараҳои атроф роҳат бурда зери лаб хонд:

*– Лутфи Илоҳӣ бикунад кори хеш,*
*Муждаи раҳмат бирасонад суруш.*
*Гарчи висолаш на ба кӯшиш диҳанд,*
*Ҳар қадар, эй дил, ки тавонӣ, бикӯш.*
*Лутфи Худо бештар аз ҷурми мост,*
*Нуктаи сарбаста чӣ донӣ, хамӯш...* [179]

– Ба илҳом омадед, домулло? Чӣ хабар? – бо ҳаяҷон аз овозу оҳанги Мулло Фарҳод пурсид Ҳабиб. – Мафтуни ҳусну ҷамоли Андон шудед?

– Шояд бори чорум ё панҷум аст, ки ба ин деҳа меоям ва ҳар гоҳ ҳис мекунам, ки гӯё оҳанрабое аз мағзаш мана ба сӯйи худ ҷазб мекунад. Кош, медонистӣ он маҳаки ҷаззоб чӣ аст!

Ҳабиб дар анг монд, манзури муллоро нафаҳмид.

– Руҳи Бибӣ Рӯшноии маъсума ва лутфи Худованд аст, ки имрӯз дубора ба зиёрати ин манзили пок муяссар мешавам ва дилам мехоҳад дар ин маъбади муназзаҳ бо ниёиши фаровон аз гуноҳон фориғ бишавам.

– Аз кадом маъбад мегӯед, магар шумо ҳам гуноҳ доред?

Мулло Фарҳод мисли ҳамеша чунон табассум кард, ки чашмҳояш хандиданд. Даст ба китфи Ҳабиб гузошт ва ӯро ҷунбонда, ба рафтан ишора карду гуфт:

– Додар, ин гуфтаи мана аслан фаромӯш накун. Ҳар гоҳ ба деҳае, ба ҳар маконе меравӣ, саравввал ба масҷиду хонақоҳ ё зиёратгоҳе, ки он маскан дорад, бишитоб. Ин гуна ҷоҳо ҳамеша поку мунавваранд, ту баробари қадам гузоштан худа сабук ҳис мекунӣ, беминнат сар ба саҷда мегузорӣ, худат бехабар бо Ёри лоязол ба гуфтугӯ медароӣ. Бовар кун, ки лутфу марҳамати Худованд фаротар аз ҳадди тасаввуроти мост. Яъне, ҳар чӣ қадар гунаҳ содир карда бошӣ, боз ҳам умедвор бош! Чунки, лутфи Худо бештар аз гуноҳу ҷурми мост ва ҳар гоҳ дарёи раҳмати Ӯ ба талотум дароядд, гуноҳҳо соҳиби хеша гум мекунанд. Ин нуктаи сарбаста ва розе аст, ки ба ту мегӯям ва одамҳои бисёре аз ин мавзуъ огоҳ нестанд.

– Аз марҳамати Худо гардам! – хушнуд шуд Ҳабиб. – Гуфтанӣ ҳастед, Андон ҳам чунин макони муқаддас дорад?

– Оҳо, ман беҳуда сухани оҳанрубора ба миён наовардам! Биё, зуд бош, ба зиёратгоҳи Бибӣ Рӯшноӣ бирасем, ин сиррест, ки дар ҳамон ҷо бароят ифшо мекунам.

Ба мисли деҳаҳои дигар дар Андон ҳам гирди боғу заминҳои корамро бо девори сангин гирд карда, бар сари деворҳои ҳисорӣ хорҳои пурпуште дарчида буданд, то ки ҳар гуна моли шайтонтабиат, мисли бузу қучҳо натавонанд хез зада худро ба дохил зананд. Пеш-пеш Мулло Фарҳоду Ҳабиб ва аз паси ҳар яке аспу хари маст аз ҳавои шодоби кӯҳӣ қад-қади девор ба самти боло роҳ гузида, то маҳалли чашмаи даромадгоҳ расиданд. Онҳо дар беруни ҳавлӣ лигомҳои дасти худро ба шохаҳои тути бузурге, ки танаи ғафси он бо

[179] Абёт аз Хоҷа Ҳофиз аст.

чурукиҳои зиёд синни бештар аз дусадсолаашро хабар медод, баста, мустақим ба назди чашма омаданд. Танҳо дар ин ҷо аз миёни дарахтони сербаргу азимҷуссаи туту чормағз зиёратгоҳ равшан ба дида хӯрд. Ҳавлӣ ва арзу суфаҳои даромадгоҳи он поку тоза ба назар мерасид, дар симтори аз пешайвон то тути балхӣ кашида чанд ҷилду рӯпӯши кӯрпачаю болинҳои зиёратгоҳро шуста овехта буданд. Се-чаҳор нафар ба рӯйи хараки дами дар менишастанд. Марди мӯйсафеде зери гулу буттаҳои майдончаи самти ростро хишова мекард. Мулло аз пилапояи сангин ба поён фуромада, бо обхӯрии мисин об нӯшид. Ба Ҳабиб низ як обхӯрӣ об дароз кард. Сипас ҳар ду дар канори ҷӯйчаи чашма сари по нишаста дасту рӯ шустанд.

Мулло Фарҳод саллагиашро ба дарозо қат-қат таҳ карда, дубора аз болои арақчини тунуки нилиранг бо ҳавсала печонид ва аз самти чап фаши салларо баровард. Бо миёнбанди ловдон тарии боқимондаи рӯю гардан ва дастонашро то оринҷ хушк карда дар камар баст. Доманҳои яктаҳ ва дар идома, почаҳои шалворашро афшонд ва чун ба тозагию мураттабӣ қонеъ шуд, бо ишораи даст ба Ҳабиб, ба самти зиёратгоҳ по бардошт. Мардону занони назди дари даромад, ки аз сарулибоси онҳо низ мусофир буданашон аён мешуд, аз ҷо хеста, ба онҳо салом арз карданд. Мулло Фарҳод гуфт:

– Истироҳат мекунед, барои чӣ дар берун нишастаед?

– Шайх нест, додар, – арз кард марде, ки аз дигарон солмандтар менамуд, – мегӯянд дар чиллахона аст, мунтазири ӯем, то ҳини саҷдаҳоямон дуою фотиҳа хонад.

– Биёед бо мо, зиёрати оромгоҳ бо нигоҳу ниёзи дил равост! То омадани ҷаноби шайх дуохонӣ ба гардани мост.

Ҳама хушҳол шуданд, беихтиёр сари по хеста, аз пайи мулло ҳар яке «бисмиллоҳ» гӯён аз остонаи зиёратгоҳ по ба дохил гузоштанд. Бино аз роҳрави васатӣ ба ду самт дар дошт ва аз дари рӯ ба рӯ низ ба намозгоҳ дохил мешуданд. Мулло Фарҳод нахуст ба кулбаи самти чап даромад. Ба он аз як даричаи боз низ равшанӣ мерасид. Кулба поку покиза менамуд, дар гирдаш кӯрпачаҳоро пушти ҳам андохта буданд, дар пешгаҳ панҷарае қарор дошт, ки аз қафои он қабре ба дида метофт. Мулло Фарҳод беист тасбеҳ гардонида то назди панҷара омад ва дуохонон як лаҳза ба оромгоҳи нимаравшан дида андӯхта истод. Сипас, ба ҳамраҳон рӯ оварда гуфт:

– Бифармоед, аз ҳамин ҷо тавоф кунеду ба рӯйи кӯрпачаҳо нишинед, – ва худаш ба гӯшаи рости пойгаҳ гузашт.

Марқади дарозрӯя саросар бо бахмали қирмизранг пӯшида шуда буд, дар торсари он як дона шамъ, тасбеҳ ва китоби бозеро ба рӯйи лавҳ гузошта буданд. Меҳмонон пайи ҳам ба назди панҷара омада, чанд муддат нигоҳи амиқу пурумед ба мақбара дӯхтанд, оби маъюсиву истионат фурӯ бурда баргаштанд ва канори ҳам дар ду самти кулба нишастанд. Мулло Фарҳод ба қироат пардохт. Сураи «Ҳамд» бо садои маҳину муассир дар муҳити зиёратгоҳ пахш гардид ва зоирин гӯшу ҳуш ба ӯ шуданд. Дар поён бо дуои хатм даст ба рӯ кашиданду мулло ба сухан омада сукунати ба миён омадаро шикаст:

– Зиёрату саҷдаҳоятон қабул гардад, дуо мекунем Бибӣ Рӯшноӣ поку мунаввар бимонад.

– Дастат дард накунад, домулло, овози ширадор доштаӣ, Худо имонатро зиёда гардонад, – ба сухан ҳамроҳ шуд ҳамон марди солманд. – Ман фикр мекардам ин ҷо марқади ҳазрати Ҷалолиддин аст.

Мулло Фарҳод гуфт:

– Оромгоҳи Эшони Халифа дар самти рост аст, баъдан ба тавофи он ҳам мегузарем. Шумо бояд воқиф бошед, ки ин макон саравվал бо наҷотёбии Бибӣ Рӯшноӣ аз дасти шар(р) муқаддасгоҳ шудааст. Бино ба нақли мардум, замоне бибии мо бо бачаи хурдсоли худ ба таъқиби роҳзанҳо гирифтор мешавад. Ҳар қадар фирор мекунад, аз дасти золимони нобакор раҳоӣ намеёбад. Дар ниҳоят, вақте ки дар ҷонаш рамақ намемонад, даст ба осмон бардошта аз Парвардигор илтиҷои наҷот мекунад. Ҳамон лаҳза ба инояти Худованд дар ҳамин ҷо замин метаракаду модари мустаманд бо кӯдакаш ба қаъри он фурӯ меравад. Ёвҳо аз ногаҳон гум шудани сайди худ  лол монда ба қафо бармегарданд. Аз он дам инҷониб мардум ин маҳалро поку мутаҳҳар медонанд ва номи неки Бибӣ Рӯшноӣ вирди забонҳо мегардад, – мулло як дам аз сухан бозистод, мутаассир шудани ҳамраҳони худро пай бурда каме амромез афзуд: – Ҳоло биёед зиёратамонро давом медиҳем!

Ҳама аз қафои Мулло Фарҳод ба роҳрав ва аз он ҷо ба кулбаи самти рост даромаданд. Он ҷо низ мураттабу тамиз ва аз хонаи қаблӣ боҳавотару равшантар менамуд. Мақбараи пешгаҳи ин кулбаро дигар бо панҷара масдуд накарда буданд, фақат як остонаи дарозрӯя ба арзи хона онро аз боздидгаҳ ҷудо месохт. Ҳама давр зада дар рӯ ба рӯйи марқад нишастанд. Боз ҳам садои ҷаззоби Мулло Фарҳод бо қироати оятҳо танин андохт ва дар хатм савобу самараи дуоҳои қуръониро ба арвоҳи ҷамиъи гузаштагон, хусусан ба номи поку мунаввари Ҷалолиддин ибни Абдукарим, ки бо исми мустаори Эшони Халифа маъруф шудааст, бахшид. Дар поён сукуту хомӯшии зоиринро бо нақли кӯтоҳе пур кард:

– Барои шумо маълум бод, ки маҳз Ҳазрати Ҷалолиддин, ки аз пайравони содиқи тариқати Нақшбандия аст, бо тақозои тақдир, пас аз солдида шудан ба Андон меояд ва оромгоҳи Бибӣ Рӯшноиро ободу ва мартабаашонро ба ҳадди табаррук мерасонад. Дар асл, ӯ фарде бо нияти холис ва ҳақиқатҷӯ буд. Солҳои ҷавонӣ дар мадрасаи Мири Араби Бухоро омӯзиш ёфта, улуми зоҳир ва таълимоти дини исломро меомӯзад. Тамоми умр барои инсони комил шудан руҷуъ мекунад ва рӯзгори одӣ ба сар мебарад. Ин зодаи асил дар ҳуҷраи худ ғайр аз як бӯрёи кӯҳна, рафи китоб ва болишт чизи дигар надоштааст. Бо эътиқод ба шиори «дил ба ёру даст ба кор» ва маърифати ҳасана дар кӯҳистони мо низ барои паҳн кардани роҳу равиши тариқати Нақшбандия эҳтимом меварзад. Эшони Халифа ҳамзамон бо соҳиби каромат будан, кор кардан ва бар ивази заҳмат гардондани чархи рӯзгорро дӯст медошт. Аз илми ғайб огоҳ будани ӯ эҳтиромашро афзун мекард. Ин аст, ки эшонро ба унвони як нафар валӣ азизу мукаррам мехонанд. Бо вуҷуди ин ҳама бузургӣ, чун марди хоксор ва содае боқӣ мемонад. Мегуфтааст, ки «валиҳо Худо нестанд, Худо аз онҳо

ҷудо нест». Пас аз даргузашт аҳли Андон ба Эшони Халифа арҷ ниҳода, бо икрому эътиқоди воло барояш оромгоҳ дуруст мекунанд ва ин зиёратгоҳе, ки дар атрофаш мегардему хокашро ба дидаҳо мемолем, бо номи эшон ёд мешавад.

– Худо умратро дароз кунад, додарам, пир шав, барака ёб, илму ирфонат зиёда гардад! – шигифтзада аз нақлҳои Мулло Фарҳод бо сипос изҳор намуд зани мӯсине, ки аз аввал то поён тавофҳояшро ашкрезон анҷом медод. – Мо як ҳафта бештар дар роҳем, аз Дизах омадем, қадамҷоҳои Моҳигармро гаштем. Обу ҳавои ин деҳа аз ҳама ҷо босафотар аст. Аҳли Андон зинда бошанд, одамони боимон будаанд, бо дилсӯзӣ ин ҳама зебоиро нигаҳ доштаанд. Шумо аз куҷоед, додарам?

– Хуш ба ҳолатон! – бо лаҳни ризоят ва хушнудӣ гуфт мулло. – Дар ин замонае, ки аз ҳар сӯ бӯйи даҳригӣ мезанаду аксари одамон Худою расулро фаромӯш мекунанд ва аз тавофу ободсозии муқаддасгоҳҳо даст мекашанд, чунин саъю зиёрати шумо шоистаи таҳсин аст. Бо вуҷуди ҳар гуна зулм миллат набояд улгуҳои аслии худро, ки аз чашмаи дуродури маънавӣ об мехӯрад, фаромӯш кунад. Мардуми бефарҳанг аз ваҳшиҳои биёбонгарду кӯҳӣ тафовуте надорад. Худо умратонро диҳад, мо ҳам аз деҳаи Бору ҳастем, аз самти Нур. Кори воҷибе пеш омаду то ҳузури шумо расидем.

Дар ҳоле ки ҳама ба берун мебаромаданд, марди солманд ба гап ҳамроҳ шуд:

– Хеле лутф дорӣ домулло, махсуми босаводе будаӣ, – ва аз кӯлбори дасташ як бастаи коғазпечро бароварда ба сӯйи мулло дароз карду афзуд: – Ин як тикка ҳалво аз ширинихои Дизах, бо шарикат нӯши ҷон кунед.

– Не-е, лозим нест, ба ходимони зиёратгоҳ медиҳед.

– Дастамро нагардон, ман, ки чизе намедиҳам. Ҳаққи онҳо низ ҷудост, парво накун!

Мулло Фарҳод бо меҳр дастовези марди мусофирро гирифт ва ба Ҳабиб дод. Дар ҳамин лаҳза рӯ ба рӯяшон дар саҳни ҳавлӣ шайхи зиёратгоҳ пайдо шуд. Чун Мулло Фарҳодро хуб мешинохт, баробари дидан шоду масрур ба сӯяш бол кушод:

– Чӣ шаҳди фоиқе, чӣ дурҷи шоиқе! Хуш омадӣ, сафо овардӣ, домулло!

Ҳар ду бағал кушода вохӯрӣ карданд. Мулло Фарҳод низ бо шодмонӣ бадоҳатан ҷавоб дод:

*– Ба тавофи шайху домани далқ*
*Рӯзу шаб шитобад селаи халқ!*

Бузургиат, Шайх Ризвон, моро ба ин ҷо кашид. Ин ҳама қудсияту муназзаҳот дилҳоро об мекунад, ҳиммату иродаат бемисол аст. То замоне, ки аз ҷоми ҳикмату ибодат май мерезад, мастии соликину зоирин поянда хоҳад монд.

– Мо як дарвеши муътакифем, домулло, агар халқ нахоҳад, обрӯямон ба пашизе намеарзад, – даст рӯйи даст гузошта, чеҳраи нурониашро каме ба боло кашида гуфт шайх ва нигоҳи гарм ба сӯйи ҷамоат афканд: – Хуш омадед, зиёрату саҷдаҳоятон қабули даргоҳи Ҳақ гардад! Мебинам, ки аллакай Биби Рӯшноиву Ҳазрати Эшони Халифаро тавоф кардед?

Рӯйиҳам садоҳое аз байни ҷамъ ба маънии таъйиди гуфтаи ӯ баланд шуд ва марди солманди мусофир шунаво изҳор намуд:

– Қории хушадое будааст databases бародарамон, ба ҳама илм вориду аз ҳама чиз огоҳ! Дасташ дард накунад, муллоиву роҳнамой кард. Акнун мехоҳем, ба тамошои қалъаи қадимаи Андон бароем.

– Хеле хуб, гардишгарӣ кори хуб аст, шумо беҳтар аст, ки рост ба идораи шуъба равед. Он ҷо бо сарварамон Аброркоммунист мулоқот кунед, бароятон роҳбалад медиҳад, – шайх ба тарафи пирамарде, ки бехи ниҳолҳоро нарм мекард, рӯ гардонда садо дод: – Бобо Раҳмон! – ва чун мӯйсафед бу шунидани исмаш ба тарафи ҷамоат по ниҳод, афзуд: – Биёед, ба меҳмонон роҳ нишон диҳед, ба назди коммунистамон баред!

Мӯйсафед даст ба сари дил гузошт ва ба тарафи дарвоза роҳ пеш гирифт. Беихтиёр тамоми мусофирон аз дунболи ӯ по бардоштанд. Пас аз дуртар рафтани меҳмонон Мулло Фарҳод бо ишораи Шайх Ризвон ба пешайвон гузашт ва баробари нишаста дуо хондан мулоим бо лаҳҷаи худ ба сухан даромад:

– Бардорузанҳои ахир як ҷигарбанда аз мо дур кард, ҳазратам. Қозибобо сухани дӯсти зиҳвориаш Бердибоя ду накарда, набераи худ Раънора ба ихтиёри писари ӯ супурд. Ин никоҳи носанҷида оқибати зишт ба бор овард, фикр кунед, як оҳуи маъсумаи бегуноҳ дар чанголи гурги қосие[180] хуноб гардид. Шавҳари нобакори Раъно ба роҳзанҳои бек пайваст, бо сарбозони сурх ҷангид, бехонаю дарбадар шуд. Ноҷинс, ба ҳар ҷое, ки мерафт, набераи қозира ҳам аз дунболи худ кашола карда мебурд. Духтаре, ки дар назди ҳуснаш моҳи чаҳордаҳрӯза изо мекашид, аз қадди болояш аспи Алӣ мерамид, ғуломи шавҳар гашта аз ҳама наздиконаш ҷудо шуд. Ҳатто натавонист ба таъзияи падараш биёяд. Акнун марде аз авлоди Қозибобо нест, ки вая суроғ кунад, ба назди модару хоҳар ва модаркалони муштипараш баргардонад. Азбаски ниятҳои хайр дар пеш дорем ва ба додарам Фаршед хоҳари вай Зебора мефурорем, камина аҳд кардам шодиёнае барои ин арӯсӣ муҳайё созам. Ҷустуҷӯйи душманҳои шуравӣ ману Ҳабиба то деҳи шумо овард. Ба гуфтаи Чиноргули синдобӣ, Раънои мо бо шавҳари босмачиаш аз таниши Синдоб наҷот ёфта ба ин ҷонибҳо фирор кардааст. Таъкид намуд, ки ба Моҳигарм надаромада мустақим ба Андон гузарем...

– Абрашҷирана дидаму қозии бузургвор ба ёдам омад! – дар миёни каломи Мулло Фарҳод ба сухан пардохт Шайх Ризвон. – Эҳ, чӣ инсоне буд: рӯинтан, адолатгустар, бо виқору ҳиммати баланд! Ба гумонам, шумо сайдатона дуруст ба нишон гирифтаед, вале андак дер мондед.

Мулло бо тааҷҷуб ба ӯ чашм дӯхт. Аз сухани охираш гӯё кайке ба зери бағал давид. Шайх мураттаб риши ғулуи худро хилол карда, пас аз хомӯшии кӯтоҳе пурсид:

– Домулло, набераи Қозӣ Ҳушанга кай дида будӣ? Агар либосҳоша бубинӣ, мешиносӣ?

---

[180] **Қосӣ** قاسی – бераҳм, сангдил

– Чанд сол пештар... Бечора рӯкандаю мӯйканда аз хонаи шавҳар гурехта ба Бору омада буд, ҳама хостем нигаҳ доремаш, аммо Қозибобо нагузошт. «Ман вая ба шавҳар додаам, мурдааш ҳам, зиндааш ҳам бояд дар ҳамон ҷо бошад!», гуфта буд ӯ. Чун аз либос мегӯйӣ, бояд шиносам, ҳазрат. Ба ҳар ҳол, усули дӯхтудӯзи боруиҳо маълум аст.

– Биёед бо ман! – беирода амр карду по шуд Шайх Ризвон ва ба самти чиллахона роҳ пеш гирифт.

Мулло Фарҳод дарҳол аз асли қазия воқиф шуд. «Дар ҳар сурат, либосҳоша партофта ба ҷое намеравад, – аз дил гузаронид ӯ, – бе гумон, Раънора аз даст додаем»...

Вақте ки вориди даҳлези чиллахона шуданд, Шайх Ризвон ба дари хонаи пазироӣ ишора карда гуфт:

– Ин дам панҷ нафара дар чилла нигаҳ доштаам, домулло. Яке ҷавони худамон исҳоли сахт дошт, ки ниҳоят ислоҳ шуд. Ду зани моҳигармӣ шаб дар биёбон монда тарсидаанд – якера манаҳаш каҷ буду дигаре гирдгардак шудааст. Ҳар дуяша ба ифоқа овардам. Як духтарака аз Пойгач дар ҳоли маъюсу низор расониданд, лол буд, вале имрӯз воқиф шудам, ки кам-кам забон баровардааст. Танҳо як беморам вазнин, ба сараш путк афтида майна ба ком часпидааст. Ҳарчанд қабул накардам, одамонаш гузошта рафтанд, аз баҳраш баромадаанд.

– Ӯ аз куҷост?

– Гуфтанд, аз Ургутем. То ин ҷо даҳ табиба дида омадаанд.

– Худо шифо диҳад! Дастат сабук аст, ҳазратам, даму нафасат гиро.

– Аммо ту илми фоиқ дорӣ ва нафасат гиротар! Пеш аз рафтан беморҳояма дам андоз, савоб мегирӣ.

– Ҳатман!

Онҳо ба кулбаи нимаравшани хурдаке дохил шуданд. Шайх Ризвон як гиреҳи либосвориро аз лабаи панҷара гирифту ба замин гузошт. Хона бештар равшан шуд. Ӯ гиреҳро боз карда аз дохили он боз бӯғчаи хурдеро бардошт. Бандакҳои бӯғчаро кушод ва ду-се пероҳану рӯмолро аз он гирифта дар назди дарича паҳн кард. Ҳамин дам нимчае, ки ҳанӯз дар бӯғча буд, хаёли муллоро рабуд. Беихтиёр ёзиду онро ба каф гирифт.

– Ин нимчаи гулдӯзишуда ҳунари очаи ман аст! Агар ба ҳар як духтари арӯсшавандаи деҳаамон яктоӣ дӯхта додааст гӯям, хато намекунам, – гуфт ӯ ва ҳамин ки Шайх Ризвон нимчаро аз дасташ гирифта васеъ кушод, бештар ба ҳаяҷон омад: – Ин нимчаи Раъност, ҳазратам! Хеле калон аст, ҳеч духтаре дар Бору қаддубасте ба мисли ӯ надорад.

– Эҳ, афсӯс... Ин қадар мехостам аз ӯ набошад.

– Чӣ, ӯ ҳам...

Шайх Ризвон либосҳоро дубора дар бӯғча печонида, гиреҳро ба дасти Ҳабиб дода гуфт:

– Ина дар дами дар гузор, вақти рафтан бо худ мебаред. Ҳар ду пеш дароед, ба сари хокашон меравем. Қиссаи Раъногул дароз аст, раҳораҳ нақл мекунам.

– Ба сари хокашон?

– Оре, зану марда паҳлуи ҳам гӯронидем, дар хокҷойи мусофирон. Аввал шавҳараша, сипас худаша.

Мулло Фарҳод «қола инна лиллоҳ...»-ро хонду бетоқатона суол кард:

– Ин чӣ хел рӯй дод?

– Медонӣ, деҳотиён то ҷое зираку ҳушёранд, ки агар садои таёқи асп ояд медонанд худӣ аст ё бегона. Бори аввал Раъною шавҳараша ман дида будам, дар ҳамин ҷо, дар лаби чашма. Дар воқеъ, номи ҳамсараш чӣ аст?

– Оятулло – малъуни касофат! – пештар аз мулло ҷавоб дод Ҳабиб.

– Ҳар чӣ буд, рафт, додарам, аз пушти мурдагон сухани бад намегӯянд.

Мулло Фарҳод мулоим табассум карда гуфт:

– Ҳабиби мо ба эҳсосот дода шуд, ба дил нагиред, ҳазратам.

Шайх Ризвон суханашро пай гирифт:

– Он рӯз тоза субҳ медамид. Ман намози бомдодама хонда, аз даричаи қироатхона ба берун чашм дӯхта такрори дуо мекардам. Аспашон то дами пилапояи чашма омад. Аввал мард, сипас бо кумаки ӯ зан фуромад. Ҳар ду хастаю абгор менамуданд, аз калавидану базӯр сари по истоданашон маълум буд, ки дар ҷонашон рамақ намондааст. Аввал худа ба об заданд, аз сари даст кафҳояшона пур карда об хӯрданд. Аз он пас мард аспаша ҳам ба лаби ҷӯй бурд. Зан беҳолона ба дарахти тут такя дода ба замин нишаст. Барои ман ин гуна ҳолатҳо зиёд пеш омадааст. Аз ҷо хестам. Хостам ба дохил даъват кунам. Аммо ба маҳзи ин ки дарро кушодам, мард ба мисли харгӯш яке хӯсиду ба занаш дод зад: «Савор шав, ин ҷо одам будааст!» Дигар ба ҳарфҳои ман гӯш надода, чун рӯбоҳе, ки аз дасти сагҳо мегурезад, аспашона қулоч занонда ба тарафи кӯҳи Пиракӣ фирор карданд.

– Пас, таҳлукаи набардҳои Синдоба ҳанӯз доштаанд. Он рӯз Оятулло бо амри тасодуф аз дами теғу туфанги коммунистҳо даррафтааст.

– Андон деҳаест, ки аз ин сӯ дод занӣ, он сӯяш мешунавад, байни мардум ҳеч сирре нуҳуфта намемонад, – ба нақли худ идома дод Шайх Ризвон. – Як моҳу анде аз миён гузашту шунидем, ки дар кӯҳ «марди ёбоӣ» пайдо шудааст. Вая ҳезумкашон дар атрофи ғори Пиракӣ дидаанд. Қиссаи марди қаландармаоб, ки бо мӯйҳои дароз, чеҳраи серриш, либосҳои ҷандаи лахтулаб ва таёқи дарози дасташ вирди забонҳо буд, торафт рангин мешуд. Бисёриҳо бовар мекарданд, баъзеҳо не. Аҳёнан занҳо кӯдакони худа «ба марди ёбоӣ медиҳам» гӯён метарсонданд. Ман бошам, тахмин мекардам, ки ӯ ҳамон марди ноошнои дар назди чашма фурудомада аст. Ҳатто дарк мекардам, ӯ бо зани ҳамроҳаш аз сафи душманони шуроҳост. Дарун-дарун ба ҳолашон дилам месӯхт, аз дастгир шуданашон ба дасти фирқавиён худук[181] доштам. Ниҳоят, як рӯз дар торикии саҳарӣ марди ёбоира дар назди чашма дидам. Вай ду чашм ба тарафи оромгоҳ, рамида-рамида аз зинаҳо поён рафту дасту рӯ шуст ва мешии китфаша бо об пур карда ба қафо баргашт. Ба чор сӯ дида дӯхта қафасаи ба шохи тут овезони назди оташдона дид магар, лангон ба он сӯ омад. Оре,

[181] **Худук кардан خُدوک کردن** – тарсидан

заиф менамуд, ба як сӯ сахт мечамид. Аз рӯйи қафаса кашкҳои[182] хушккардаи бачаҳора яклухт чида ба тӯрбааш андохт. Бо ҳамон ҳол аз ҳавлӣ баромада рафт, дар ӯ он чобукию чаққониера, ки ҳангоми омадан дошт, надидам.

Ҳабиб бесаброна суол кард:

– Ором гузоштед, ки баромада равад?

– Фикр кардам, маро бинад, боз тарсида мегурезад. Аз он пас омадурафти ӯ чанд бор такрор ёфт. Ман қасдан нону кулчаҳои сахтшуда, ҳатто гоҳе хӯроке бар сари арзаки чашма мегузоштам. Ӯ меомаду об мехӯрду ҳама чизи мондаама дар бағал қоим карда мерафт. Дар охир аҳд кардам садди роҳаш шавам. Ҳар кӣ бошад, нигаҳ дораму дар чиллахона пинҳон кунам ва ба дардаш дармон бахшам. Вале, сад афсӯс, марди ёбоӣ дигар наомад. Ҳайрон шудам, пинҳонӣ аз ину он пурсидам, ҳеч кас суроғаша надошт. Шояд як ҳафта-даҳ рӯз мегузашт, аз ӯ умедама канда, бо хаёлҳои худ дар қироатхона дароз мекашидам, ки садои тап-тапи помоние ба гӯшам расид. Парида аз ҷо хестам. Ин дафъа занера дидам, ки сарутани худа бо сад хел порчаюваслаю риштаҳои кашол печонида буду дар ҳавлӣ мегашт. Вай аз тор як кӯрпагӣ суфи шустара ҷамъ карда гирифт ва бо ҳамон роҳи мард баромада рафт. Беихтиёр ба берун давидам, паяк-паяк[183] аз дунболи зан роҳ пеш гирифтам. Теппаҳои канори деҳара паси сар гузошта ба доманаи кӯҳи Пиракӣ баромадем. Бечора зан бетобу касал менамуд. Шояд сад қадам ё аз он бештар роҳ мегашту як дам дар замин менишаст, нафас рост мекард ва боз роҳаша давом медод. Мо то кунҷи дара рафтем ва ӯ ба самти рост гашту аз паҳлуи дарахти шибдори сершохубарг ба сӯрохие даромад. То ба назди дарахт расидам, ӯ аз дохил ҷуссаи беҷонера ба берун кашида баровард. Ҳамон ҷо ҳавосам парт шуд, беихтиёр сурфаи дурӯғин задаму будани худа маълум сохтам. Зан алақ-палақ шуд, чорчашм ба пушт нигарист. «Натарс, хоҳар, ман одами худӣ ҳастам! – дарҳол гуфтам ман. – Ба чӣ асорате гирифтор шудӣ, биё, ман ҳам ёрӣ мерасонам». Вай пероҳани ҷиғда-ҷиғда шудааша ба танаш часпонида ба даҳанаи ғор такя кард ва порчаи суфи дасташа ба ман дароз кард. Ҳамон дам як лаҳза чашм ба чашмамон дакка хӯрд, симои андуҳбор ва чиркин дошт, бар замми он ки чашмҳояш дар косахона фурӯ рафтаанд, лабонаш ҳам аз камхунӣ сапеди шӯразада менамуд. Панҷаҳои лоғару устухонӣ ва поҳояш дар чоруқи нимадарида сип-сиёҳ ба назар метофтанд. Порчаи суфа гирифтаму дар канори мард сари дузону нишастам. Наъши берухе буд, ҷуссааша куртаи коҳиранги дароз ва эзори васеи тикашудае, ки аз ғояти чирку олудагӣ бо чанд ранг ба чашм метофт, пинҳон мекард. Мӯйсараш аз китф фуромада дар ду чакак бо риши ғулу меомехт. Ҳоли залили ӯ дили одам як тараф, сангҳора об мекард. Азбаски дар ниҳояти тангдастиву ночорӣ ба ҳалокат расида буд, алами ман дучандон шуд. Он лаҳза дарун-дарун худама хӯрдам, ки барои чӣ рӯзҳои аввали диданам ба имдодаш нарасидам...

Ҳангомаи Шайх Ризвон дар ин ҷо қатъ шуд. Чун ба назди дарвозаи хурди гӯрхона расиданд, ӯ ҳалқаи тасмаиро аз сутунпоя ҷудо карду дарвозаро кушод.

---

[182] **Кашк کشک** – қурут

[183] **Паяк-паяк рафтан پیَک-پیَک رفتن** – поидаю пинҳоншавон рафтан *(аз пайи касе, чизе)*

Дар ҳоле, ки аз нақли кардааш худаш малулу дилозурда менамуд, бо овози каме гирифта гуфт:

– Ана ин гӯристони мост, бародарон, хокҷойи мусофирон бошад, дар самти рост, атрофи ҳӯ ана ҳамон дарахти тута фаро мегирад.

Ҳабиб тоқат накарда боз ҳам аз мизбон пурсид:

– Баъд чӣ шуд, наъши беҷона чӣ кор кардед?

– Чӣ ҳам мекардем? Ҳамон ҷо зани бечора аз мешиаш об рехт, ман сару гардан ва дасту поҳои марда то даме, ки обамон расид, шустам ва майита дар суф печонида мондам. Ба деҳа омада ҳамсояҳоямона хабар додам. Ҳафт-ҳашт нафар шуда вая овардем ва ҷанозааша гузаронида дар ҳамин ҷо ба хок супурдем.

Ниҳоят, Мулло Фарҳод, ки тамоми роҳ гӯшу ҳуш ба нақли шайх хомӯш меомад, оҳи сабуке кашида гуфт:

– Худо раҳмат кунад, он ҳама зулму якравиҳояш сари худаша хӯрд. Ба назари ман, ҳар ду бемор ҳам шудаанд, азоби гуруснагӣ аз по афтондааст. Аз он пас Раъно ҳам дер напоид?

– Ҳақ бо туст, домулло. Ҳар ду ба вабои сабук гирифтор шудаанд. Пас аз овардан хоҳарамон ҳам рӯйиҷойӣ шуд, натавонистам дармон кунам. Аввалҳо исҳоли хафифи бедард дошт, таб намекард. Рафта-рафта исҳолаш зиёд шуд, шабҳо баданаш аз таби боло гӯё месӯхт. Исҳоли обакӣ ва ба мисли луоби биринҷ меомад, ки яқинан аз самми вабо доштанаш гувоҳӣ медод. Азбаски тез-тез қай мекарду беҳол мешуд, об мехӯрондам, дӯғоб медодам. Духтарамон бақувват будааст, ки ба дард хеле тоб овард, вале то чил рӯз нарасида ҷон дод, – Шайх Ризвон дар хокҷойи мусофирон ба назди ду қабри канори ҳам, ки хоки болояш аз нав буданаш дарак медод, омада истод. Ӯ сухан нагуфта Мулло Фарҳод тахмин кард:

– Аввалӣ гӯри Оятулло ва он дувумӣ аз Раъно.

Ӯ ба қабрҳо наздик шуда, аз гирду бараш хасу чӯбчаҳои ҷамъшударо чида ба канор гузошт ва дар гӯшаи рости гӯри Раъно пушт ба қибла карда нишасту ба сукут рафт. Чун тундбоде симою намои Раъно, роҳу рафтораш, лабхандҳову чеҳраи маъюсаш аз саҳни ёд гузашт. Аз дасти озори замона бемаврид тик шудани ду гӯрро дар пеши назар дида мутаассир шуд, гӯё аз мағзи ҷонаш ҳаври алам баромад. Мулло Фарҳоде, ки дар ҳеч гуна азою мотам гиря намекард, ин ҷо ашк рехт. Пас аз чанд лаҳзаи хомӯшӣ Шайх Ризвон гуфт:

– Биёед, дуо хонем, руҳашон осудаву аз ранҷҳо фориғ бошад. Домулло, худат қироат кун.

Дар як гӯшаи водии хомӯшон, дар хокҷойи кӯҳистонии аз роҳҳову шаҳрҳо дуруфтода, ҳамнавои гунҷишкҳову шап-шапи шохаҳои тути бисёрсола, ки ба чандин хокшудагон шоҳид шудааст, ба гувоҳии замини сабзу осмони нилгуни беохир, бо ёди Худо ва истионат аз Офаридгори лоязол, ба хотири орому осуда хобидани ду тан ҷавони ҷон ба Ҳақ таслимнамуда бо садои нарму маҳини Мулло Фарҳод каломи раббонӣ ба забон пайвасту ба гӯшҳо нишаст, сураи мутабаррики «Мулк» дар фазои гӯристони мутаҳҳару поки Андон то умқу иртифои ҳастӣ танин андохт...

## 7. ПАРТА ОМАД!

«Устод дар худаш нест... Пайи ҳам бо даргузашти дӯстони ҳамроз руҳияаш шикаста шуд, ба гумон аст дигар ба худ ояд. Ӯро то ин ҳад танҳою озурда надида будам, бар замми дилмондагӣ шинухезаш ҳам душвор шудааст... Янга ҳам маҳзун, «устодатон қариб даҳ рӯз мешавад, ки китоб ба даст нагирифтаанд» гуфтанашон дили касро ба таҳ мекашад. Беҳуда нагуфтаанд, «тафти одамро одам мебарорад», агар ҳамгапу ҳамрозат набошад мушкил, аз зиққию диққӣ намедонӣ худатро ба куҷо занӣ, ба ростӣ, торс мекафӣ...» Мулло Фарҳод ғарқи хаёл аз дари хурди дарвозаи дулингаи Мулло Дурандеш ба кӯча баромад. Ӯро ҳамсари устодаш Мағфиратбону дар дами остона гусел карда пас гашт. Ба самти поён сарнишеб шуда, ҳанӯз роҳи бисёр нарафта буд, ки ногаҳон аз боғи самти рост доду бедоди Нусрати ланг ҳавосашро парешон кард.

– Худата ба нодонӣ назан! Дуздӣ ҳам вақту замон доштагист, ин чӣ гап, дар рӯзи равшан даҳанара сӯрох мекунӣ! – пирамард бо шӯр ба Зафари куҳнадӯз, ки ҳамсояи девордармиёни Мулло Дурандеш буд, додзанон аз канори ҷӯй чим канда ба сӯрохи даҳана мезад. – Об гуфтӣ, додам! Гуфтӣ шаб аз хоб мемонам, рӯзона додам! Боғат ҳам шулумбаки об шудаст, боз чӣ мехоҳӣ?!

– Охир ман дастназадаам, худаш ишкоф шудаст, – мулзам ҷавоб медод Зафар.

– Мурӣ ҳам, тан нагир! Даҳана худ ба худ ишкоф мешудаст, ё тавба!

Мулло Фарҳод рух гирифт, аз ҷаҳли мироби нав ба завқ омада, бо сангчае ба санги рӯйи девор кӯфта овоз дод:

– Нусратамак, монда набошед!

Пирамард баробари шунидани садои мулло сари ҷо шах шуда ба тарафи кӯча сар гардонд.

– Эҳ домулло, кай аз сафар омадӣ? – ӯ ба пойи чап лангида-лангида ба тарафи ҳисори боғ қадам зад. – Як рӯз пеш суроғата гирифта будам, аз паси муаллим ту ҳам ба мусофират рафта будаӣ.

– Ҳа, ҳамин тавр шуд, аз пеши устод меоям. Касбҳои нав муборак!

– Раҳмат! – ниҳоят то болои фарози боғ баромада аз пушти девор, ки то миёни қад меомад, ба мулло даст дароз кард пирамард. – Сарвари заминҳоямон Тӯракалта миробира ба ман раво дид, гуфт, ки бо маслиҳати туву Суҳробҷон ин корро кардааст, бисёр миннатдорам!

– Ҳоҷати миннатдорӣ нест, амак, шумо кор кунеду ризқатона ёфта хӯред, мо хурсанд. Имсол об чӣ хел, то боғҳои Бодия ҳам меравад?

– Агар ин куҳнадӯз барин дуздӣ накунанд, ҳама ҷо шодоб мешавад, домулло, – ба поин, ба ҷониби Зафар, ки бо чимҳои кандаи ӯ сӯрохи даҳанара мебаст, нигоҳ карда гуфт Нусрати ланг, – заминаш лимлими об, аммо чашмаш сер не. То таҳи об чандто аз ин ноинсофҳо ҳастанд.

– Хуб, норохат нашавед, бубинед, худаш хатояша ислоҳ мекунад. Назорат кардан даркор, ҳамин тавр давр зада гардед, обдуздӣ намекунанд.

– Албатта, аз дилу ҷон кор мекунам, ҳатман ба боварии тую раисамон сазовор мешавам!

Ғайричашмдошт, дар ҳамин асно аз самти боло шӯру валвалаи бачаҳо баланд шуд. Ҳуш аз сари Мулло Фарҳоду Нусрати ланг парид.

– Аҷабо, ин чӣ рӯзе буд? Аз ин сарусадоҳои ногаҳонӣ охирсар талхакаф мешаваем-чӣ?! – бо шигифт ба тарафи шӯру мағал рӯ гардонда гуфт мулло.

Пешопеш Шумшуки «сарвар» ва аз пасаш чанд нафар бачаи мисли ӯ бекорхӯҷа чӯбҳоеро болои сар алвонҷ дода фарёдзанон медавиданд.

– Уштурон умадан!! Уштурон меоян! – баробар садо медоданд онҳо. – Рост, аз Қалъа меоян, лекон-лекон меоян!

Ҳамин ки ба назди Мулло Фарҳоду Нусрати ланг расиданд, Шумшук як он сари ҷо истод. Ба онҳо рӯ оварда чеҳраашро паҳн кард, дандонҳои заб-зарди зангорбастаашро нишон дода хандид ва хам шуда, ду дасти муллоро ба ҳам зич карда, ба чашму пешониаш молид. Ин тарзи зиёрати ӯ буд, ки ҳар гоҳи дидани мулло эҳтирому эътиқоди худро ба ин зайл нишон медод. Ин бор ҳам аз таъзими худ хурсанд шуда, шодубод такрор кард:

– Меоян, муллоҷон, уштур парта меорад, партаҳои калоон!! – ва наистода, бо таёқаш дар осмон хат кашида, тозон аз паси ҳамраҳони хурдсоли худ рафт.

Нусрати ланг ҳанӯз ангуманг аз ин шӯру қиём, ба сухан омад:

– Инҳо чӣ доду бедод мекунанд, домулло?

Мулло Фарҳод хушҳолу мамнун сари сина ба пеш бароварда ҷавоб дод:

– Фаршедҷон аз сафар меояд, бо шутурҳояш! Ба мактабамон курсиҳои нав меорад!

– Э, қанд занад! Шокирустои бародарам ҳам фақат ғами халқа мехӯрд, руҳаш шод бошад, ҳамаи бачаҳояш мисли худашанд.

– Бо ҳам зиндаем, амак, дар ин дурӯза ҳаёт фақат нағзии кас мемонад. Тану ҷонатон сиҳат бошад, аз коратон намонед.

– Домуллоҷон, саломат бошӣ, ман рафтам, ҳоло як дунё кор дорам!

Мулло Фарҳод шоду мамнун як дам аз паси мироб чашм дӯхта монд. Каландашро ба китф гузошта, чамида-чамида ба поён давида рафтани ӯ тамошои ҷолибе буд. Кор аҷаб қудрате дорад! Беҳуда нагуфтаанд, рӯзии худро аз роҳе ба даст оваред, ки табъи салим меписандаду ақли одамӣ ба он рағбат меварзад ва Худованд онро муҷозу мубоҳ медонад. «Иъмал ва иҳмал ъало раъсика ва истағни инанноси», кор кардану ба сари худ бор бурдан – хештанро аз мардум бениёз кардан аст! Хуш ба ҳолат, Нусратамак! Бекор будию аз дигарон тамаъ меҷустӣ, акнун аз пайи корӣ, агар донӣ, бо ин заҳматҳо як луқма нонат чӣ қадар лаззат дорад!

*Нобурда ранҷ ганҷ муяссар намешавад,*
*Музд он гирифт, ҷони бародар, ки кор кард.*[184]

---

[184] Ин байт аз Шайх Саъдӣ аст.

Мулло Фарҳод бино ба хоҳиши устодаш ба хонаи Ҳамроҳи осиёбон рафтанӣ буд. «Дар хонааш нотинҷӣ барин, писараш қаҳр карда баромада рафтааст, як хабар гиру гузар» гуфтани устод аз мадди хаёлаш гузашт. Вале бо шунидани Фаршед торҳои нозуки пазмонӣ дар ҳушу зеҳнаш таранг шуданд, дидори ҷигарпора зӯрӣ карду беихтиёр роҳи манзили Қозибоборо пеш гирифт. Гузашта аз ин, барои ӯ низ ушкули навро бо партаю лавозими хониши тоза дидан ҷолиб менамуд. Муаллим чиҳо оварда бошад? Аз роҳи дур бо чӣ ашёи марғубе ҳамдеҳагони худро хурсанд мекунад? Наздики ду ҳафта дар даҳони мардум ҳамин суханҳо – муаллим Фаршед бо уштур бор меорад!

Аз ҳамон рӯзи аввале, ки хонаю дари Қозӣ Ҳушангро ба ду тақсим карда ҳамчун духтурхона ва мактаб истифода мебурданд, дарвозаи бузурги дулингаи ҳавлиаш ҳамеша боз меистод. Баробари ба ҳавлӣ наздик шудани Мулло Фарҳод Носирҷону Савронбобо давида ба истиқболаш шитофтанд. Дар назди дари духтурхона низ Фазилатхолаю Ширин бо таъзиму табассум аз мулло пешвоз гирифтанд.

– Хола, корҳо чӣ хел? Бе Марина азоб намекашед? – пас аз салому дуруд аҳволпурсӣ кард мулло. – Дорую даво барасам аст?

Салобати Мулло Фарҳод зер кард магар, Фазилатхола каме хиҷолат кашида, беихтиёр кулоҳу хилъати сапедашро палмосида гуфт:

– Корамон бад нест, лекин ҷойи Маринахонум – холӣ. Худо умраша диҳад, ҳар ҳафта аз Авлиё омада хабар мегирад, беморҳои вазнина дида меравад.

– Нағз, нағз... Ширингул чӣ хел?

– Ҳозир духтури калонамон вай! – дар ҳоле ки худи Ширингул тоб хӯрда шармаш омад, ҷавоб дод Фазилатхола. – Дасташ сабук, устоди сӯзандору шуд.

– Боракаллоҳ, кам наёред! Тансиҳатии мардум дар дасти шумост охир...

– Раҳмат, домулло! Фаҳмидем муаллим меояд, бубинед, дар назди мактабаш як олам одам ҷамъ шудаанд. Ин бачаҳо бо ғалоғулаашон гаранг карданд. Шумшука сӯзандору мезанам гуфта тарсондам, камтар нафасаш дар дарун шуду не, боз вай аз бачаҳо бадтар, ба ҷони ҳама мерасад, аз шодӣ дар курта намеғунҷад.

– Ҳеч гап не, бигузор, хурсандӣ кунанд! Мактаб обод шавад, дунё обод аст. Рости гап, худам ҳам бетоқатам, пӯстаку лавҳи моёна чӣ иваз мекарда бошад?

Мулло Фарҳод сухангӯён ба ҳавлии мактаб гузашт. Ӯро дида як он хомӯшӣ ҳукмрон шуд, бачаҳо ҳама ба канор рафтанд, се нафар муаллим – Равшан ва Сокинаю Хадичабону пайи ҳам барояш дуруд гуфта, ӯро ба тарафи айвон ҳидоят карданд. Мулло ба рӯйи кӯрпача нишасту аз зери чашм ба атроф назар дӯхт: саросар ҳавлиро об зада рӯфта мондаанд, аз сутунҳои айвон то шохаҳои дарахтони туту беҳӣ банд кашида ба он чандин байрақчаи сурх бастаанд, ҳар ҷо-ҳар ҷо наворҳои қирмизу зард овезон шуда бо боди мулоим пир-пир парида меистоданд, дар гӯшаю канор писарону духтаракон куртаю нимчаҳои тозаи худро ба бар карда омадаанд... «Ҳукумати Шуро назму низоме

дорад, ғами мардума мехӯрад, маҷбур мекунад ҳама ба мактаб оянду савод бароранд...» – пиёлаи чойи дарозкардаи Равшанро гирифта аз дил гузаронид Мулло Фарҳод ва беихтиёр пурсид:

– Гуфтӣ, то рабиъулаввали чилу ҳафт[185] таътил аст, барои ҳама?

– Не-е, домулло, ин таътилот фақат барои бачаҳо. Дарсҳои маҳви бесаводӣ идома дорад, ҳар кӣ узви кулхуз аст, бояд хондану навиштана ёд гирад, ин ҳукми раис.

– Пас, ин ду моҳ ҳамара фаро хонед, дар набудани бачаҳо коратон осон мегузарад. Алиф-бера омӯхтан мушкил нест, тез ёд мегиранд...

Ҳамин дам ногаҳон садою ғалоғулаи бачаҳо баланд шуд. Аз авҷи овоз гӯё баргу шохаҳои дарахтон ба ларза омаданд. Мавҷи одамони дар хона буда ба берун заҳид, ҳар касе ин тараф-он тараф менишаст, парида аз ҷо хест, писару духтараконни ҳавлӣ ба самти дарвоза давиданд. Дар сари барози роҳи рафтуомад ду шутури пурбор, пешопеш муаллим Фаршеду Шодон ва аз қафою атроф як идда бачагони хурду калон, ки шутурҳоро иҳота карда меомаданд, намудор шуданд. Аз даруну моварои сарусадо бештар як сухан фаҳмою равшан шунида мешуд:

– Парта омад! Ба мактаб парта омад!!

Чанд муддат шодиву хурсандӣ ва ҳаёҳуи бачаҳо идома ёфт. Ҳатто мардони калон – то Носирҷону Савронбобо худро дошта натавониста дасти ҳалҳала бардоштанд. Ҳама бо шигифт нимкатҳои бузурги синфиро, ки ба пушти ду шутур ҳамагӣ чаҳорто буд, тамошокунон ҷастухез мезаданд. Дар ин миён Мулло Фарҳод бо тамкини ба худ хос ба пешвози Фаршед баромад.

– Хуш омадӣ, додарҷон! – бо меҳр бародарро ба оғӯш кашида гуфт ӯ. – Мебинам, ки ҳар дуятон хастаю лакот шудаед. Роҳи дур, одама монда мекунад. Сафарҳоят хуб гузашт?

Фаршед бар замми беҳолии дасту по базӯр чашм мекушод, ба назар мерасид, ки ҳамин дам аз фарти хастагӣ аз по дармеравад. Аз ҳарфҳои мулло неру гирифта гуфт:

– Ба хушӣ бошад, сафарамон бад набуд, аммо ин роҳи дур тамоми ҷонама хӯрд. Ин ҷо амну амонист?

– Ҳама хуб, шумоён гузаред, чизе таматтуъ кунеду дам гиред, суҳбат баъд ҳам мешавад.

Мулло Фарҳод Равшанро ба пазироии Фаршеду Шодон гузошта худ ба тарафи шутурҳои бор омад. Ба маҳзи расидан ба ҷавонону мардони ҳозиршуда дастур дод:

– Хуб, бачаҳо, ҳама як тараф! Савронбобо, дари анбора кушоед! Амаки Носирҷон, шумо аз лигоми уштурон гиред!

Анбори мактабу духтурхона феълан яке буд. Ҳамон тавилаи баланди Қозибоборо тозаву тармим карда барои нигаҳдории чизу чораи лозим истифода мебурданд. Дари дулингаи онро калон кушоданд. Даст ба даст, аввал хӯрҷину халтаҳои сарбории ҳар ду шутурро гирифта дар анбор гузоштанд. Сипас бо эҳтиёт ресмони партаҳоро боз карданд. Яке аз партаҳои бори шутури

[185] Рабеъулаввали 1347 ҳ.қ. – баробар бо сентябри соли 1928

дувум шикастагӣ дошт, пуштаки нишастгоҳ ва тахтаи кандашудаи як паҳлуяшро бо банди ҷудогона ба парта сахт баста буданд. Ҳамин ки партаҳоро ба замин фуровarданд, тоқат накарда тамоми ҷамъомадагон ба даври онҳо ҳалқа заданд. Ин завқу шӯри бепоёнро дида, Мулло Фарҳод се-чор бачаро садо зада ба яке аз партаҳо нишонд. Хурдсолон аз фараҳ дар курта намеғунҷиданд. Се писараки дар парта нишаста бо ғурур гоҳе пушти худро ба пуштак такя дода, гоҳе ду даст рӯйи тахтаи паҳну софи пеш, ки каме моил буд ва дар қисми болоияш барои қаламу сиёҳидон ҷӯяку сӯрохиҳои махсус дошт, гузошта, гоҳе низ худро машғули навиштан вонамуд карда завқ мебурданд. Он чиз ҷолиби диққат буд, ки ҳар як парта бар замми шаклу намои ғароиби худ бо ду ранг ҷило медод – пояҳою пуштак ба ранги қаҳваӣ ва тахтаи пеш чун ранги қир – сиёҳ.

Пас аз лаҳзаҳои масарратбори тамошо Мулло Фарҳод ба Акмалу ду-се ҳамроҳаш, ки аз дигар бачаҳо калонтар менамуданд, дастур дод:

– Се партара ба анбор дароред. Ин чорумӣ, ки қитъаҳои шикастаю кандашуда дорад, дар ҳамин ҷо бимонад, ба коргоҳи Усто Шодмон мефиристем.

Ҷавонон «хуб шудаст» гӯён дарҳол ба кор часпиданд. Амаки Носирҷон бо ишораи Мулло Фарҳод ду хӯрҷин ва як гунии алоҳидаро, ки Фаршеду Шодон пештар дар канор гузошта буданд, соҳибӣ шуда ба хонаи дарун даровард. Пас аз ҷо ба ҷо кардани колоҳо Савронбобо аз анбор баромада пурсид:

– Уштурона чӣ кор мекунем? Обу алаф диҳам?

– Не, бобо, арақи баданашон хушк нашуда ин ҷонварона ба соҳибаш мерасонем. Ба ҷойи хоби худашон раванд, беҳтар истироҳат мекунанд.

Акмал аз дами остона суханони охири муллоро шунида бо овози баланд гуфт:

– Домулло, уштурон ба гардани мо! Ба кӣ бурда диҳем?

– Бисёр нағз! Ба гузари Бозоргоҳ мебаред, ба Саъдуллоамак месупоред, ӯ огоҳ аст.

– Ба чашм! – Акмал чун дид ҳамраҳонаш кори худро ба поён расондаанд, бо шодмонӣ овоз дод: – Хуб, ҷӯраҳо, акнун уштурон дар ихтиёри моянд!

Бо ёрии Носирҷону Савронбобо чор нафар ҷавон пасу пеш часпида ба шутурҳо савор шуданд. Онҳо ҳамин ки худро дар пушти ҳайвонҳои болобаланд диданд, гӯё бар тахти фалак нишаста бошанд, бо ғурур ба бачаҳои гирду атроф нигоҳкунон, беист ба дастафшонӣ даромаданд. Мулло Фарҳод садо баланд кард:

– Эҳтиёт, бачаҳо, бисёр аз худ наравед! Аз хурсандӣ чаппа нашавед боз?! Бигир, Акмал, ҳайт гӯй, дар амони Худо бошед.

Ду шутур оби бинӣ кашида бо ноз ба роҳ даромаданду аз дунболи онҳо чанд бача бо пешвоии Шумшук ҳаёҳукунон дартоз шуданд. Мулло Фарҳод ҳеч гумон намекард, ки бачаҳои деҳа ин қадар ба ин гуна манзараҳо дилдодагӣ доранд. Хаёле аз зеҳн гузаронд: «Бигзор, шодӣ кунанд, хушҳолии хурдсолон сафои рӯзгор аст!»

Пас аз саранҷом кардани корҳо Мулло Фарҳод ҳамроҳи Носирҷону Савронбобо дасту панҷа шуста ба айвон гузаштанд. Шодон ба пешвози ҳар се аз ҷо хест. Фаршед бошад, дар ҳамон ҷойи нишасташ дароз кашида, сар ба болин гузошта, ба хоб рафта буд. Аз ҷайби камзӯлаш як гӯшаи рӯмолчаи гулдӯзишудае ба чашм мехӯрд.

– Роҳ вазнин, монда шудааст, бечора, – ба пешгаҳ гузашта бо садои паст гуфт Носирҷон, – монед, як дам хоб равад, хастагиаш мебурод.

– Роҳ як тараф, ҳодисаи Аға муаллима бечора кард, – ёдовар шуд Шодон, – ҳамин ки аз хамгашти қалби[186] кӯҳ мегузаштем, ногаҳон шағоле аз миёни буттаҳо давида буромаду роҳамона бурид, шутурҳо рамида рафтанд, – ҳамнишастон ҳама гӯшу ҳуш ба ҳикояти Шодон шуданд, ӯ ором нақлашро идома дод: – Муаллим ҳамон лаҳза худа ба даст гирифта, аз лаҷоми ҷонвар ба пеш кашиду вая нигаҳ дошт, аммо ман натавонистам сиришта кунам. Уштури ман аз тарс хӯсида ба кӯҳ сарболо шуд, лаҷом аз дастам афтод, поям лағжиду ба тахтасанге бархӯрда ба поён ғелида рафтам...

Мулло Фарҳод бо ҳаяҷон ба сухан омад:

– Наход?! Фалокат аз таги по мехезад, сипас чӣ шуд? Лат ки нахӯрдаӣ?

– Не, ҷойи лағжидаам регу сангрезаӣ буд, аз ин хотир натавонистам худама нигаҳ дорам. То хеле ҷо ғелида, ниҳоят ба як дарахти хорчӯб бархӯрда дармондам. То ба худ омада аз ҷо хестаму ба боло баромадам, хеле вақт гузашт. Он дам муаллим дар обу арақ ғӯтида, уштури мана аз миёни ду шах дармеовард. Бори худаш хеле дуртар аз мо, дар миёни дарахтҳои бодом меистод. Ман ҳам ёрӣ расондам.

– Пас, ин як партаамон дар ҳамон ҷо шикаст? – пурсид Савронбобо.

– Оре, ба гуфтаи муаллим, ҳангоми рамида чап додан ба теғаи шах бархӯрдааст. Ба болои ин, уштур дар васати ду харсанг дармонда, барои баромадан хеле зӯр мезанад. Ҳамон дам пуштаки парта канда шуда меравад.

– Бало ба пасаш! – сар ҷунбонда шукромез гуфт Мулло Фарҳод. – Алҳамдулиллоҳ, ҷони ҳар дуятон дар амон аст, шутурҳо ҳам зарар надидаанд.

– Болои кӯфтагии роҳ, он ҳодиса муаллима хеле хаста кард. Бо азоби алиме уштура бо бораш аз «чангол»-и шаххо баровард ва беҳол шуда дар ҷо нишаста монд. Ман давида аз хӯрҷини ӯ мешии обу нон овардам. Ҳамин, каме дам гирифта ба роҳ баромадем.

Дар сурате ки аз дер боз гӯшаи гулдӯзишудаи рӯмолчаи Фаршед нигоҳҳоро мерабуд, мулло бо лабханд пурсид:

– Ба хонаи Бибисоро даромада будед?

– Ҳа, вақти рафтанамон аз Кониоб гузаштем, – Шодон низ хандида ҷавоб дод, – набераи Қозибобо то дами дарвоза гусел кард. Аз паси шолӣ курмак об хӯрдас, ба ман ҳам як рӯмолча дод.

– Худо бахташона диҳад, – бо меҳр ба Фаршед нигоҳ карда гуфт Носирҷон, – калон шуд, бояд сараша ҷуфт кунем. Ӯ бошад, фақат бо ғами мактабу шогирдонаш, парта гуфта худаша ба обу оташ зад, додарамон. Ин қадар ба касбу кораш дил додааст ки...

---

[186] **Қалб: ҷойи қалб جای قلب** – *лаҳҷ.* ҷойи хавфнок, мушкилгузар

– Шумо нагӯед! Пеш аз рафтан як тикка сухани Фаршедҷон маро хушҳол кард. «Мактаби ман дар тамоми Нур бояд намуна бошад!» гуфта буд ӯ. Дуоятон мустаҷоб гардад, Илоҳӣ, ба орзуҳои қалбаш бирасад, халқи Бору аз ӯ розӣ бошанд.

– Омин!!!

Мулло Фарҳод аз ҳамнишастон иҷозат хоста, ба рафтан тараддуд дида гуфт:

– Ман як сари қадам ба манзили Ҳамроҳбобо медароям, ба Усто Шодмон ҳам омада бурдани партара гӯшрас мекунам. Усто чашм ба роҳи партаҳо буд, мехост аз рӯйи тарҳи онҳо зудтар ба кор сар кунад. Додарам ки хест, гӯед, бегоҳӣ дар назди модарам бо ҳам вомехӯрем.

Носирҷону Савронбобо бо итоат ҳарфҳои муллоро пазируфта, то дарвозаи калон ӯро ҳамроҳӣ ва гусел карданд.

## 8. ЗУЛМ

### Фирор

Фасли хазон мазҳари ғаму андуҳ аст? Чаро аҳли шеър барои тасвири дарду ғуссаҳо аз номи поиз ёд мебаранд? Оё дар асл кандани барг гусастани инсон, ранги хазонаш намои коҳидаи дардмандон аст? Барои чӣ табиат ба зардӣ рӯ медиҳад, тарак мехӯрад, ранҷ мекашад?..

Суол бисёр, бо ин ҳама, тирамоҳ фасли зебост! Фаслест, ки дар он неъматҳои самовӣ бирезанд чун борон ва ба полоиши доманаҳо, мазрааҳо, боғу бӯстонҳо пардозанд. Худро афшондани дарахтон чӣ?! Оре, худро такон медиҳанд ва мерезанд баргҳои заррину хунфому ҷигарранги хешро! Баргҳое, ки гӯё ба наҳви амонат домани заминҳоро мепӯшонанд ва шохаҳои лухту урёни дарахтон ба насли нави онҳо мунтазир мемонанд. Баргҳое, ки хаш-хаши дилосоро зери поҳо ба ёдгор мегузоранд, садою навои хоси чанд муддат фаромӯшшударо дар хаёлҳо зинда месозанд. Хӯшаҳо сар мебанданд – саракҳои тиллоӣ, нуқраӣ, муҷалло... Мева фаровон аст, неъмати дастранҷи деҳқон аз он бештар, замин бор медиҳад... Муҳити пуртараддуди парандаҳо эҷод ва омодагии мурғони аз лонаҳо раҳоёфта ба сафари гузарҳои дур фароҳам меояд. Оре, мурғоне, ки на тоқати гармою на тоқати сарморо доранд, дар ҷойҳои дигар ба хотири ёфтани лонаи муносиб бол мезананд...

Аммо...

Бо ин ҳама зебоӣ фасли хазон омаду ҳукмашро ронд...

Боруи оғушта дар чодари зард дилдодаҳои худро дар кӯйи хазонӣ афканд. Бо ин ки Меҳргони фаромӯшшуда дасти мурод ба заҳмапешагон дод, кисаю халтаю ҷуволҳо пур шуд, соботу каҳдону анборҳо саррез гардид, дар поён бар ивази ин ҳама неъмат, пас аз ин ҳама лутфу карам пайвандони хешро

сахт афшонда монд. Илло-биллоҳ, бар сари дидаҳои хандону гунаҳои гулгун шаттае фурӯ нишаст, мегӯйӣ, дил аз хонааш даррафт, таҳлука ҷома паҳн кард...

Дар яке аз шабҳои тираи моҳи охири поиз дари Мулло Фарҳодро кӯфтанд. Дар ҳоле, ки ҳавои бим дар гулу хӯрда, даст аз остинҳои яктаҳ мегузаронд, мулло дарро кушода ба берун баромад. Ҳама ҷо сокиту ором, ҳамроҳи табиат гӯё фазои зиндаи деҳа ба ғанаб рафтааст, осмони дур бо ситораҳо лаболаб, дуруст аз раъси Пашнигор ҳилоли дурӯза ба мисли доси нозук намоён аст. Дар назди дар Суҳроб ва Фаршед меистоданд.

– Дӯстам, додарҷон, чӣ хабар? – бо ҳаяҷон пурсид Мулло Фарҳод. – дар ин бевақтӣ чӣ коре пеш омад?

Суҳроб даст ба дӯши мулло гузошт. Ӯро зиёд мунтазир накарда, возеҳу равшан гуфт:

– Ҷойи нигаронӣ нест, ҳамин ҳозир чопари Оркоди омад. Бо таъкид аз ҳамаи мо хоҳиш кардааст, ки тура наҷот диҳем.

Дили мулло шуввӣ рехт. Ҳарчанд дастури навро ба ӯ инсонҳои наздикаш мерасониданд, дар вуҷуди худ ноҳинҷорӣ ҳис кард.

– Пас, овозаҳои ахир бесабаб набудааст, – гуфт ӯ бо каме изтироб, – ҳукумат аз мо даст шустанист?

– Мавриди ин суханҳо нест, дӯстам! Фурсате расид, ки мебояд ҳафт хони Рустама тай кунӣ.

– Додӣ, мо ҳамеша бо ту ҳастем! – ба сухан даромад Фаршед. – Агар ҷонамон дар амон бошад, ба ҳар гуна сахтӣ таҳаммул мекунем ва албатта, ба ҳадафҳои худ мерасем. Биё, бачаҳота ҳам бо худат гир, ба роҳ бароем. Мо низ то пушти кӯҳ ба шумо ҳамроҳ мешавем.

– Ин қадар ҷиддӣ аст? Наметавонем то субҳ бимонем?

Суҳроб ноором шуд, илтиҷоомез гуфт:

– Ҳимояти тую фарзандонат ба гардани мост, дӯстам, илтимос ба суханамон гӯш кун. Сарулибос, тӯшаи роҳ – ҳар чӣ зарурист бо худ гиред. Фардо дер мешавад, мебинӣ ки то зухр ҳама ҷора одамони огепу зер кардаанд. Рӯзҳои охир онҳо танҳо бо дастгир кардани муллоҳо овораанд. Мегӯянд, бисоти аҳли дина мусодира ва китобҳояшона месӯзонанд, пушти ҳам дари масҷиду мадрасаҳора мебанданд. Дигар аз мусалмонию диёнат ҳарфе нест, ба ҳеч кас раҳм намекунанд, ба гапи касе гӯш намедиҳанд, – Суҳроб беқарор ба Фаршед рӯ оварда афзуд: – Ҳар лаҳза ғанимат, додар, янгаю бачаҳора ҳам бедор кун, ба роҳ мебароем.

Мулло Фарҳод бо хотири мушавваш пурсид:

– Устод чӣ мешавад, он каса ҳам мегиранд?

– Намедонам... Мулло Дурандеш бемори бистарӣ аст, аввал ба пеши эшон рафтем. Ӯ ҳам дар ғами туст, дудаста мора аз худ дур кард, бо доду фарёд ба сӯят фиристод. Шояд ба бемориаш раҳм кунанд, ба ӯ кордор нашаванд...

– Пас, китобҳояма чӣ кор мекунем?

– Додӣ, ҳамин ҳозир Ҳабиб бо ароба аз манзили Мулло Дурандеш меояд. Китобҳои тура низ, ҳар чӣ ҳаст, бор карда мебарад.

– Ба куҷо?

– Феълан зерзаминие дар Кониоб дорем, аз чашми бад дур. Парво накун, дӯстам, ҳамааш хуб мешавад. Биё, дар торикӣ зудтар ба роҳ бароем, аз ҳар чашму гумон орӣ шавем.

– Бо оча, бо додару хоҳарон хайрухуш накунам? Хавотир намекашанд?

– Дӯстам, ман ба ҷуз Фаршед ба аҳадунносе бовар надорам, шӯру қиём барпо мешавад. Корамон, ки мушкил шуд, ҳама ниятҳо ба пуч мебарояд. Ту парво накун, ба ҳамааш вазъията мефаҳмонем.

– Хуб, аз Бору дармеравам, аммо то куҷо? Магар ба пушти кӯҳ огепуҳо намеоянд? То кай аз гумоштаҳои амнияту фирқавиён мегурезем?

– Бадбахтона, имрӯзҳо шикорашон дар самти мост, он тараф ором аст. Дар ҳар сурат, он ҷо низ ошно дорем, азоб намекашӣ. Ҳар гоҳ ин гирудорҳо яксӯ шуд, дубора ба деҳа бармегардӣ. Наҷоти тура ҳама мехоҳад – аз деҳқону чӯпони дами дара то раиси кулхузу бародарони нурӣ. Агар тура ҳам бибаранд, мо тамом мешавем, мардум дунёра ба сар мебардоранд, зиндагиамон сиёҳ мешавад. Ҷонам, бародарам, мо ҳамеша ба ҳарфи ту гӯш медодем, ҳол як бор ба гапи мо даро... Ба хусус, устод Оркоди рафтаната мехоҳад...

Як лаҳза боли хаёл ба фазои нишасте, ки чанд гоҳ пеш бо раис доштанд, парвоз кард. Мулло Фарҳод сухани Аркадийро ба ёд овард: «Бародарам, аҳволи замона ҳамеша дар як мадор нест. Аз ин рӯ, ба ман ваъда деҳ, ки ҳар гоҳ ба таъқиби ту биафтанд, ба сухани ман гӯш меандозӣ ва ҷоната дар хатар намегузорӣ. Ҳамон вақт бароят мегӯям, ки чӣ кор бояд кард». Бо ҳаяҷони хосе даст рӯйи дасти Суҳроб гузошт, бо меҳр гуфт:

– Ҳар чӣ ту мефармоӣ, қабул, дӯстам, биё зудтар аз пайи фирор шавем!

Аз ин тасмими мулло ҷуз хушҳол шудан чораи дигар набуд. Фаршед, ки тоза мехост ба хона дарояд, беихтиёр аз роҳ бозистода ба пас гашт ва ӯ низ даст ба рӯйи дастони қуфлзадаи ду рафиқи ҳамдам гузошта бо хушнудӣ гуфт:

*– Ҳар чӣ дар хотири ошиқ гузарад, медонӣ,*
*Хуш адофаҳму адоёбу адодон шудаӣ!*[187]

– Оҳ, додари соибхони ман! Агар донӣ, ман чӣ қадр хушбахтам! Зеро додаре мисли ту дорам, ки аз дилу ҷон ба очаю хоҳарон ғамхорӣ мекунад, ҷонаш ба оила месӯзад. Танҳо як дилвопасиам Зебогул аст, аммо ғам махӯр, дилам гувоҳӣ медиҳад, ки тез бармегардам, он вақт арӯсиатона бо ҳам мегузаронем. Худата эҳтиёт кун, дигар ҳама бародарон бо ғаму ташвиши худ овораанд, ту сару сарвар шав.

– Додиҷон, аз ин ҷо нигарон набош. Талотум гузарад, бо оилаат боз бармегардед, гуфтаи худат, ҳама рӯзҳои нек дар пеш аст!

Ҳар се ҳамдигарро гарм ба оғӯш кашиданд...

Он чиро барои зиндагии муваққат лозим буд, гирд оварда дар лингаҳо бастанд. Хӯрҷинҳоро аз зарфу нону хӯрданӣ ва ду-се китоби рӯйилавҳӣ пур карданд. Ҳар ду хари мулло ба сафар рост шуданд, ҳатто ду тӯрба ҷав дар канори ашё ҷо гирифт. Холпарӣ бо Нисо, Мулло Фарҳод бо Ғоиб савори ду

[187] Байт аз Соиб

маркаб шуданд ва пасу пеш бо роҳбаладии ду аспакӣ зодбумро бо мақсади ноаён тарк карданд.

Маълум буд, ки сафари тӯлоние дар пеш хоҳанд дошт. Аз деҳа баромада, ҳарчи роҳ мерафтанд, фароз бештар мешуду осмон наздиктар, фикр мекунӣ, фавҷи ситораҳои самои нукрафом ба бағал меуфтад. Бору дар як лаҳза аз назарҳо ғоиб шуд. Мулло Фарҳод роҳравон зери лаб замзама кард:

*Сухани ишқи ту бе он ки бароя ба забонам,*
*Ранги рухсора хабар медиҳад аз ҳоли ниҳонам.*
*Гоҳ гӯям, ки бинолам зи парешонии ҳолам,*
*Боз гӯям, ки аён аст, чӣ ҳоҷат ба баёнам...*
*Гар чунон аст, ки рӯйи мани мискини гадоро*
*Ба дари ғайр бубинӣ, зи дари хеш биронам...*
*На маро тоқати ғурбат, на туро хотири қурбат,*
*Дил ниҳодам ба сабурӣ, ки ҷуз ин чора надонам...*[188]

## Даргузашти Мулло Дурандеш

Фасли хазон ҳукм меронд. Таҳу болои деҳа то як санг раҳ дида мешуд. Дигар он муҳити сабзе, ки дару пила, ҳисору роҳу ҷӯйборҳоро аз назар мастур месохт, на ҷамоле дошту на муҳоботе. Дар дили ин туҳидастии табиат, вақте ки Хуршед дуруст аз болои сар ба замину осмон нурпошӣ мекард, дар гузари поёндасти деҳа як гурӯҳ савораи мусаллаҳ ба чашм хӯрд. Камзӯлҳои низомии ба тан часпида, кулоҳҳое бо лабаи ба пеш баромада ва ситораи сурх, зеҳҳои хат-хатии обиранги сандуқи сина, мӯзаҳои соқбаланди мишкӣ аз омадани одамони хос дарак медоданд...

Дар идораи ферма аз нигаҳбони дар гирифта то котибу ҳисобдору молдухтур – ҳама дар маҳалли кор ҳозир буданд, ба ҷуз Суҳроб. Тибқи маъмул ҳама ҷоро об зада рӯфтаанд, тамоми роҳравҳо то дами кӯча тозаю озода аст. Танҳо ба даври дарахтони рӯйи дарича даст назадаанд, фарше танида аз баргҳои зарду хазон ба назар менамояд, ки он ҳам аз тасаллути фасли поиз гувоҳӣ медод. Чун раисро надид, Чаманхолаи ошпаз рост ба назди ришсафеди идора Содирамак омад.

– Суҳробҷон наменамояд, имрӯз ба хӯроки нисфирӯзӣ чанд нафар мемонед? – пурсид ӯ муаддабона даст ба рӯйи сина гузошта. – Камӣ накунад мегӯям, рӯзҳои охир ҳамеша аз ин тарафу он тараф се-чортоӣ думу гӯшҳои нохонда пайдо мешаванд.

– Меҳмон бо ризқи худаш меояд! – сари худро бо ғурур ба боло ва ду шонаашро ба ду самт кашида гуфт Содирамак, ки ҳамин одати ӯ ҳамкору ҳамнишинонро ҳамеша ба завқ меовард. – Ту аз нақшаи ҳаррӯзаат каме бештар паз, агар монад, зиёнаш нест, ба галабонҳо дода мефиристем.

[188] Абёт аз ғазали Саъдӣ

– Намехоҳам сабзавоту гӯшт беҳуда ҳайф шавад, набошад дегам мардуми деҳара сер мекунад! Аммо раисамон исрофкорира нағз намебинад.

Ба суҳбат молдухтур Хушнуд ҳамроҳ шуда, ба ришсафед рӯ овард:

– Дар воқеъ, барои чӣ раис наменамояд, амак? Қарор буд имрӯз ба Кониобу Зиҳвор равем, «ҳама асбобу анҷомата омода кун» гуфта таъйин карда буд ба ман...

Содирамак чизе нагуфта, ғайричашмдошт аз дар нигаҳбони идора Башири чимкаҷ сар халонд ва ҳаяҷонангез гуфт:

– Оқсақол, зуд биё! Як тӯда аскар омадаанд, раиса мепурсанд...

Аммо давоми сухани чимкаҷ низ дар даҳонаш монд. Ҳанӯз ба пушт тоб нахӯрда, аз пасаш сару сурати ду нафар марди либоси огепуипӯшида намудор шуд. Марди аввалӣ бе пӯшт-пӯшт дарро калон кушода ба дохил даромад. Пӯшаи сурхранги дасташро боз карду коғази коҳирангеро, ки рӯяш комилан навиштаҳое дошт, ба каф гирифт. Пеш аз он ки матни ҳуҷҷати дасташро бихонад, бо нигоҳҳои халанда суол кард:

– Раисатон Рустамзода аст? Ба куҷо гуму гӯр шуд?!

Чаманхола рӯяшро пӯшонида, каҷ шуда баромада рафт. Содирамак беадабии меҳмони ногаҳониро дар дил хӯрда, бо мулоимат гуфт:

– Салом, бародар, аввал гузаред, ба курсӣ нишинед, як дам нафас рост кунед. Чой, нон...

– Мо барои чойхӯрӣ наомадаем! Раисат дар куҷост?!

Молдухтур Хушнуд ҳарфе гуфтанӣ шуд, ки аз ӯ пештар Содирамак боз ҳам дағалии марди ношиносро нодида гирифта афзуд:

– Раиси мо бекор намегардад, шабу рӯз бо ғами мардум овора аст. Имрӯз саҳарӣ ба Кониобу Зиҳвор рафт, қарор буд ҳосили заминҳои кулхузро баровард кунад.

– Ту чикора ҳастӣ, ин кист? – нописандона ба Хушнуд рӯ овард меҳмон.

– Банда масъули тадорукотам[189], вақте ки раисамон набошад, ҳама кор ба уҳдаи ман аст. Вай ҳам байтори фермаамон. Аз мо чӣ мехоҳед, кӣ шуморо фиристод?

Мард ангушт аз мӯйлаби баланди зардгунааш кашиду кулоҳи худро аз сар гирифт ва ба ҳамроҳаш, ки дар назди дар мисли хода рост меистод, ишораи даромадан карду дарро баст. Ҷойи ин ки ба пурсиши Содирамак посух диҳад, сари по ба қироати навиштаҳои коғазаш пардохт:

– Таваҷҷуҳ кунед, ин Амри хаттии додситони минтақаи Нур рафиқ Саидов аст, – бо таъкид гуфт ӯ. – Бар асоси мусаввабаи иҷлосияи чоруми Кумитаи марказии иҷроияи шуроҳо дар хусуси билкул бастани мактабҳои куҳна ва қорихонаҳо[190], ки кору фаъолияти онҳо мустақиман бар хилофи идеулужии пролетарӣ аст, органи олии қонунгузории ҷумҳурӣ ба тасвиб мерасонад: «Дар кишвар, ки ҷумҳурии шуравии сусиёлистӣ аст, тамоми занҷираю дарҳои мактабҳои куҳна баста гардад ва аз ин пас ба ташкили чунин таълимгоҳҳо роҳ дода нашавад». Дар пайрави амалӣ кардани ин фармон аз

[189] **Тадорукот تدارکات** – корҳои суфориш додан ва дарёфтану таҳия кардани ашё, амвол ва хадамот
[190] Ин мусавваба дар санаи 16 ноябри соли 1928 ба имзо расидааст.

деҳаи Бору муллоҳо Дурандеш Соҳибзода ва Фарҳоди Шокир барои бозпурсӣ ба додситонии ноҳия эҳзор[191] ва аз сӯйи мудирияти колхоз ҳар гуна иқдоми ҳамкорӣ барои фаро хондани онҳо муҳайё гардад.

Мард аз коғаз чашм канда, бо нигоҳҳои амиқ, гӯё ки мехост дунёро фурӯ барад, ба Содирамак дида дӯхт. Аммо оқсақол ҳам наҳаросид, чун пушташ зарбу таҳдидҳои зиндагиро фаровон дида буд, ошкоро гуфт:

– То ин мусавваба ҳам чандин қонуну қарор баромад, душманҳои шуравиро рӯфта яксон кардед, боз чӣ мехоҳед аз мо? Муллоҳои мо муаллимону мураббиёни мардум ҳастанд, онҳо ба андозаи хас ба Ҳукумати Шуроҳо душманӣ надоранд, барои чӣ ба бозпурсӣ мебаред?

– Бо думи шер бозӣ мекунӣ, мӯйсафед! – садо баланд кард марди ношинос, дар ҳоле ки аз чашмонаш шарораи ҷаҳл мепароканд. – Мо фурсати туюман надорем, раисатро пайдо кун, зуд бош!

Содирамак кам наомад:

– Бародар, ҳар кӣ бошӣ, худатро иззат кун! – ӯ низ бо овози расо идомаи суханро гуфт: – Гумон мекунӣ, фақат ту одами шуравӣ ҳастӣ?!

Мард нигоҳе ба ҳамроҳи худ афканд, ба ду ҷониб сар ҷунбонда, дубора хурӯшид:

– Ҳар кас кори худашро анҷом медиҳад, нафасатро каш, мӯйсафед! – ва ба ҳамроҳаш рӯ оварда амр кард: – Толик, бигир протокол навис, ин ёғиҳоро бо раисашон ба додгоҳ мекашам! Беҳуда ба гапи Аркадий даромадам, аз Суҳробаш ному нишон нест.

Марди лоғари биникалон дарҳол кифи дасташро кушоду қаламу коғаз гирифт ва ба тарафи мизи молдухтур гузашт. Хушнуд оқибати бад доштани якравии Содирамакро пай бурда ба пеш баромад ва бо оҳанги нарм ба марди омир гуфт:

– Бародар, хоҳишан ба ғазаб наоед, агар раисамон набошад, кори вайро ман анҷом медиҳам! Чӣ бояд кард?

– Ана ин гапи дигар, – лабу мӯйлабашро кеш дода ором шуд мард, – биё, пеш даро!

Пасу пеш ба берун баромаданд. Содирамак намехост тан диҳад, аз ғояти хашм сурх шуда рафт. Вақте ки дид молдухтур ба васат даромаду «забон»-и меҳмонро ёфт ва ба ӯ ишораи «ором бошед» кард, дигар ҳарфашро аз ҳалқ ба пушт балъида сари ҷо хомӯш монд.

Оре, Хушнуд дарҳол пай бурд, ки меҳмонон одамҳои одӣ нестанд, агар барояшон дағалӣ кунанд, оқибати бадтаре ба бор хоҳад омад. Ӯ дар канори марди мӯйлабдори якрав роҳравон, саъй кард бо сухани нарм дилашро ёбад:

– Бародар, аз роҳи дур омадед, биёед камтарак таматтуъ кунед, хастагиатон рафъ мешавад.

– Мо дар Авлиё ғизо хӯрдем. Вақтамон бениҳоят кам аст, бояд муллоҳоро ба бозпурсӣ барем. Бе он ҳам дар Қизилработ ду рӯзамон барҳадар рафт.

– Хуб, роҳи дур ҳамин, гапи хона ба бозор рост намеояд.

---

[191] **Эҳзор** احضار – фаро хондан, ба ҳузур хостан

– Кош, ин ҳарфҳоро болоиҳо гӯш мекарданд. Агар коратро дуруст анҷом надиҳӣ, ба ту раҳм намекунанд, – чун аз дарвоза баромаданд, густохона ба молдухтур амр кард: – Аз Дурандеш Соҳибзода сар мекунем, пеш даро!

Хушнуд пушти сар хорида, дудила пеш гузашта ба роҳ уфтод. Дар ин лаҳза намедонист чӣ гӯяду чӣ тавр амал кунад. Аз як сӯ зӯрии одамҳои давлатӣ, ки эҳтимол дошт якравию нофармонӣ оқибати наҳсе ба бор оварад, ва аз ҷониби дигар, дастгир шудани ду тан инсони зиёӣ ва дӯстдоштаи халқ ӯро гиҷ кард. Агар бо ин роҳбаладиаш муллоҳо асир шуда ба шиканҷа рӯ ба рӯ оянд, фардо дар назди мардум чӣ гуна сар мебардорад? Оё намегӯянд, ба обхӯри Ансор ту шарик шудӣ? Эҳ, раис ҳам наомад, худаш медонист чӣ кор кунад...

– Зуд бош, чаро почаҳоят рӯйи ҳам мепечанд?! – яке дод зад марди ношинос ва аз ҷайби сари дилаш нишонбаргеро бо ҳошияҳои сурх бароварда, наздиктар ба Хушнуд омаду дар таҳи чашмонаш нишон дода гуфт: – Савод дорӣ, бихон!

Молдухтур роҳгардиро каме суст карда, бо диққат хатҳои нишонбаргро хонд: «Удостоверение. Сухаров Пётр Иванович. Старший уполномоченный Бухарского оперсектора ОГПУ. Лейтенант…»[192]. Бо чашм давонидан ба санад, Хушнуд беихтиёр таниши сардеро аз қалб то майнаи сар ҳис кард. Дар ҳоле ки тамоми вуҷудаш ба ларзиш омада буд, аз гувоҳинома дида канда бо нигоҳҳои тарсолуд арз кард:

– Ҷаноби Петер, оқибати ин кор чӣ мешавад? Шумо бояд бидонед, ки муллоҳои мо беозоранд, аллакай ба Ҳукумати Шуроҳо сар хам кардаанд... Илтимос, агар баред ҳам, коре кунед дубора ба деҳа баргарданд...

– Роҳ гард! Ин тараф амри додситон аст, агар гуноҳе наёбад, озод мекунад, бепарво бош!

Хушнуд ором шуд. Тарсу нигарониаш каме коҳиш ёфт, бо дили пур ба сӯйи манзили Мулло Дурандеш по бардошт. Ӯ бо Пётру ҳамроҳи вай аз пеш ва ду нигаҳбони формапӯш низ аз қафо бо хароробае, ки ғиҷир-ғиҷир садои нофорами чарххояш дар ғилдираки гӯшҳо менишаст, роҳ мерафтанд. Ин мурури онҳоро одамон аз гӯшаю канори хонаҳову тавораи боғҳои худ зери чашм мехонданд. Ҳарчанд дар нигоҳу ҳаракатҳои ҳайратомези ҳар яке чандин суол нуҳуфта буд, касе кордор нашуд. Онҳо молдухтур Хушнудро дида ба қасди бад надоштани меҳмонони нохонда умедвор мешуданд.

Ниҳоят, ароба дар назди дарвозаи дулингаи мулло аз нолиш монд. Хушнуд раҳбари дастаро ба пеш гузаронд, се нафар ба ҳавлӣ даромада, аз назди танӯрхона гузашта, ба хонаи ҷойинишасти Мулло Дурандеш дохил шуданд. Мағфиратбону пушти шавҳарашро ба чаҳор болишт такя дода, аз косаи сафоли дасташ ба ӯ шӯрбо мехӯронд. Ба хотири ҷилавгирӣ аз ҳарфу муомилаи дурушт, Хушнуд дарҳол аз канори Пётр ба пеш гузашт ва нороҳатии кадбонуро дарк намуда, бо таъзиму эҳтиром изҳор кард:

---

[192] Гувоҳинома. Сухаров Пётр Иванович. Вакили аршади шуъбаи амалкунандаи ОГПУ дар Бухоро. Лейтенант.

– Салом домулло, бубахшед, ки огоҳ накарда омадем. Меҳмонон аз шаҳри Нур ташриф овардаанд...

Мағфиратбону ноилоҷ косаи дасташро канор гузошта, бо дастмол лабу даҳони шавҳарашро пок кард ва дарҳол рӯмоли калони худро ба даври сар печонида аз ҷо хест. Мулло Дурандеш ҳоли ғарибонае дошт. Дар ҷойи нишаст ду даст ва аз гардан боло беист ларзида меистод. Бо кушода шудани дар суханҳои Хушнудро шунида, ба даромадгаҳ рӯ гардонд. Бар замми рухсори пӯсту устухонӣ чашмонаш мисли ду гурда боз шуда, дар мағоки худ фурӯ рафта буданд. Ҳамроҳи сар ларзидани риши тунуки дарозаш равшан мушоҳида мешуд. Ӯ танҳо ангушти ишоратро ба боло ҷунбонда бо овози паст гуфт:

– Гузаред...

Сарвари гурӯҳ риштаи суханро ба даст гирифта, бе муқаддима ба қироати амри додситон пардохт ва дар поён ба ҳамраҳонаш Толику Хушнуд рӯ оварда гуфт:

– Вақтамон бениҳоят танг аст, бигиред мӯйсафедро, ба ароба бароред!

Ранги рӯйи Хушнуд канд, ҳуш аз сараш парид, ба бераҳмии ӯ бовар накарда, забон хоида арз кард:

– Ҷаноби Петер, намебинӣ аҳволашро? Ӯро чӣ хел бардошта мебаред?

– Феълан ки зинда аст! Толик, бигир!

Хушнуд дар анг монд. Мағфиратбону аз асли қазия воқиф шуд, ба ёдаш ҳушдориҳои шавҳараш омад, ки чандин бор барояш гӯшзад карда буд: «Як рӯз не, як рӯз аз дунболи ман меоянд. Шуравӣ душмани муллоҳо аст, моро нобуд мекунад...» Беихтиёр ба пеш гузашт, чун сипар пушт ба шавҳар дода рост истод. Аз сӯрохии рӯмол танҳо ду дидааш ҷило медоданд, гӯё теғҳое буданд, ки ба чашми рақиб мехалиданд. Сарвари гурӯҳ сари мӯе наҳаросид, чун ин гуна бархӯрди кӯҳистониёнро бисёр дида буд, бо итоб ба Хушнуд рӯ овард:

– Ту одами худашӣ, ӯро бикаш канор! Маро маҷбур накунед тундию зӯрӣ ба кор барам, нигаҳ дор ин занро! – ва дар идома дубора ба ҳамроҳаш дод зад: – Толик, мӯйсафедро барор!

Хушнуд ҷуз илтимосу илтиҷо чораи дигар надошт. Ба бонуи мулло наздик шуда бо мулоимат, дар ҳоле ки аз хӯрӣ наздик буд гиря кунад, сухан ба забон чид:

– Холаҷон, мухолифати мо фоида надорад. Хоҳиш мекунам, аз роҳи инҳо гардед, муллора бибаранд...

– Бибаранд ба куҷо? Ба куштан, ба овехтан?!

– Не, не, ҳаргиз! Фақат пурсуҷӯ мекунанд... Чун мефаҳманд айбе надорад, сар медиҳанд...

– Хуб, ҳамин ҷо пурсанд, дарди дилашона дар ҳамин ҷо гӯянд, охир!

– Мана фаҳмед, ин амри додситон аст, тафтиш дар маркази ноҳия мегузарад. Агар ба гапи инҳо надароем, бо зӯрӣ дасту пояшона баста мебаранд...

– Бубин, додар, бо ин ҳол то куҷо мерасад? Фикр мекунӣ, роҳи Нура мебардорад? Не, аввал мана кушанду баъд хоҷама баранд, ман намемонам!

– Холаҷон, кора мушкил насозед, шумора ҳам маҳкум мекунанд. Мо аз пасашон меравем, мулло танҳо намемонад.

Дар ҳоле ки Хушнуд пеши ҳамсари муллоро гирифта ӯро ба муросо фаро мехонд, бо ишораи сарвар Толик давида ба пешгаҳ гузашт ва бе таваққуф аз бағали Мулло Дурандеш дошта бардошт. Чун такяаш суст шуд, қариб монд мулло калавида аз по дарравад. Толик дарҳол даст ба миёни ӯ қуфл зад ва кашолакунон ба берун баровард. Ин якравиҳо Мағфиратбонуро ба шӯру валвала андохт.

– Ҳой бераҳмон, ҳой золимон! – бо қиём даст ба осмон карда хонаро ба сар бардошт ӯ. – Хушнуд, гард аз роҳам, ба ту коре накунам, гард! Раҳи ин ҷаллодона гир, хоҷама баргардон!

Ба ин минвол, яке бо зӯрӣ, дигаре бо талвоса ба ҳавлӣ ва аз дарвозаи он ба кӯча баромаданд. Ба кӯча баромаданду сарвари гурӯҳ Пётр дар шигифт монд. Хароробаю ду сарбози ӯро тӯдаи одамон – хурду калон, як идда зану марду бачаҳо печонида буданд. Нигоҳе ба ҳамроҳи худ, ки Мулло Дурандеши беҳолро базӯр дошта меистод, афканду бо хитоб ба издиҳом рӯ овард:

– Ҳой мардум! Барои худ чоҳ накобед! Ин чӣ гап, сиёсати Ҳукумати Шуроҳоро шӯхӣ мепиндоред? Дар миёни шумо коммунист ҳаст?

Фазилатхола аз ҳалқаи одамон берун омад. Бо шуҷоате, ки ҳангоми парасторӣ дар духтурхона ва ҳамнишиниҳо бо Марина дар вуҷудаш роҳ ёфта буд, ба пеш қадам ниҳода гуфт:

– Кӣ гуфт сиёсати Шуроҳо ҷойи шӯхист? Мо ҳеч кадом барги фирқавӣ надорем, аммо ҳама аллакай ҷонсупори давлатамон ҳастем. Магар давлат ба ҷонсупорони худ зулм мекунад? Шунидем муллоҳоямона ба истинтоқ мебурдаед, ин чӣ бедодист?!

– Мо вазифаамонро анҷом медиҳем, ба корамон халал нарасонед! – ба суолҳои зан шарҳе надода садо баланд кард Пётр. – Ҳар эроду даъвое доред, марҳамат, биравед ба марказ, арзатонро ба додситон гӯед!

Фазилатхола кам наомад, дубора даст афшонда афзуд:

– Аз раисонамон касе нест, на Суҳроб, на Оркоди... Фикр мекунед, деҳа бе дарвоза аст? То имрӯз ҳар чӣ дилатон хост кардед, баҳонаатон босмачиҳо, душманони шуравӣ буданд, ҳоло чӣ?

– Гапро бисёр накун, пароканда шавед, сар диҳед аробаро! – сарвари гурӯҳ Пётр асабонӣ шуд ва бо қаҳр аз Фазилатхола ба ҷамъи одамон, аз он ба тарафи Хушнуд рӯ гардонда дод зад: – Байтор, ту аз аҳли фаҳм ҳастӣ, фаҳмон ба ин ҳамдеҳаҳоят!

– То домуллора ба хонааш барнагардонӣ, мо ҳеч ҷо намеравем! – аз миёни издиҳом садоҳо баланд шуданд.

Фазилатхола ҳамовоз шуд:

– Рост мегӯянд! Ихтиёри мо дар дасти раисонамон аст, онҳо ҳама коммунистанд, аз шумо бештар ғами давлату халқа мехӯранд. То наоянд, мо иҷозати рафтан намедиҳем!

Пётр бетоқатона аз ҷайби сари дил барги коҳирангро ба рӯ кашида, дар миёни ангуштон дар ҳаво алвонҷ дода гуфт:

– Ин амри додситон! Ҳар касе ба дастури муҳофизони қонун зид бараояд, душмани халқу давлат аст! Мо на тобеи Сухробему на тобеи раиси колхозатон Аркадий, пароканда шавед!

Ғиреви одамон ба осмон печид. Садоҳои эътирозомези «Не!», «Ҳақ надорӣ!», «Муллоро баргардон!» пайи ҳам ба фазо печид. Пётр маҷбур шуд охирин имкониятро ба кор барад. Бе истиҳола ҳафттирашро аз ниём кашида, нӯки миларо ба осмон нигаронда, беист се бор мошаро зер кард. Аз садои гӯшгири тир одамон дам дар дарун монданд, паси ҳам ба чор сӯ парешон шуданд. Пётр ба сарбозони худ амр дод:

– Марат, Нурик, биёред аробаро! Муллояшонро ба ароба нишон, Толик!

Дар ин лаҳза Хушнуд Фазилатхолаи даступочашударо ба назди даромадгоҳ хонда, Мағфиратбонуи дилошӯбро ба ӯ супурд ва бо овози баланд ба сухан омад:

– Бародарон, хоҳаронам! Ҳама ба канор оед, ба кори одамони давлат халал нарасонед! Инҳо ҳам фаризаи худро анҷом медиҳанд, агар раисонамон ин ҷо мебуданд, боз ҳамин корро мекарданд. Гардед канор, музоҳим нашавед!

Мардум хомӯш буданд. Танҳо аз пушт овози гиряолуди Мағфиратбону шунида шуд:

– Хоҷаам бемор аст, охир, ҳатто худаш роҳ гашта наметавонад. Чӣ кор кард, ки азият мекунед, аз бурдани як марди пиру оҷиз чӣ фоида мебинед?

– Холаҷон, ман ҳамроҳашон меравам, ба ҳар куҷо баранд, меравам! – мардонавор садо баланд кард Хушнуд. – Ба ман бовар кунед, як лаҳза ҳам эшона танҳо намегузорам!

Аз ин қавлу истодагарии молдухтур одамон ором шуданд. Онҳо бо чуғур-чуғури паст ба як сӯ канор рафтанд. Чун худи Мулло Дурандеш тавони ҳаракат надошт, ӯро ду сарбоз озод бардошта ба пушти ароба, рӯ ба муқобили ҳаракат нишонданд. Пётр ёзида аз дасти як сарбоз халачӯбашро гирифту бо зарб ба кафали хар фуровард. Ғиж-ғиж садои чархҳои гардуна ба осмон печид, хароба бо суръат ба роҳ уфтод. Одамон бо нигоҳҳои ғуссабору ҳайратзада, яке даст ба пушти гардану дигаре ангушт ба лаб гузошта нигарон монданд. Нолаю гиряи ҷонгудози Мағфиратбону канда намешуд, ҷудо шудан аз пушту паноҳаш душвор буду дардзо.

Харароба гарди роҳро ба осмон бардошт, чанд лаҳза симои маъюсу андуҳгини мулло дилҳоро об кард. Пирамарди мазлум аз беҳолӣ ду дасташро ба поён сар дода, саъй мекард сари хамашро бардорад, аммо наметавонист. Бо ин ҳол пилкҳои чашмони хастааш бо мушкилӣ ба боло меёзиданд, имдодҷӯёна мехост ба мардум дида андӯзад. Бо ин вазъ аз хаёлаш чиҳо мегузашт – фақат ба худаш аён буду ба Худо. Маънии ин гуна нигоҳу тааммулоти[193] ӯро, агар мебуд, танҳо шогирдаш Мулло Фарҳод дарк мекард ва ҳатман барои дилдории ӯ сухане мегуфт ё шеъре аз Мавлоно, ё аз Шайх, ё ки аз Лисонулғайб мехонд...

*Ваҳ, ки гар ман боз бинам рӯйи ёри хешро,*
*То қиёмат шукр гӯям Кирдигори хешро...*

---

[193] **Тааммул** تعمّل – ранҷ бурдан, сахтӣ кашидан *(аз касе)*

*Ҳар киро дар хоки ғурбат пой дар гил монд, монд,*
*Гӯ, дигар дар хоби хуш бинӣ диёри хешро...*[194]

Ароба ба самти поён сарнишеб шуд. Хари мишкиранги болобаланд сару гӯшҳои худро рост карда, мисли ин ки гуфтанӣ буд «ин гардуна ба ман ҳеч сангиние надорад», бо сози худ роҳравон, дар хамгаштҳо печ хӯрда, йӯрғасон онро кашида мебурд. Бо роҳбаладии Хушнуд дастаи Пётр ба тарафи Даридуруд тоб хӯрд, онҳо мустақим ба дари ҳавлии Мулло Фарҳод омаданд.

Дар ин ҳангом чашми Хушнуд ба Шумшуки гумшуда уфтод. Ҳамон инсони доиман шоду даҳонпаҳн ин дам бо ҳоли гирифта, сархаму малул ба рӯйи санги лӯлаи бағали девор менишаст. Ин рӯйдоди ғайричашмдошт буд, Шумшук на фақат ғамгин, балки ҳеч гоҳ бе ҳамроҳ, ҷудо аз бачаҳои деҳа намегашт. Хушнуд акнун ӯро садо заданӣ шуд, ки овози дурушти Пётр ҳамаро ба худ ҷалб кард:

– Дарвоза баста аст, қуфле ба монанди каллаи гов андохтаанд. Дар хонаи Фарҳоди Шокир касе нест-чӣ?

– Намедонам, – бо таҳайюр ҷавоб дод Хушнуд ба ӯ наздиктар омада, – ман чанд рӯз пеш муллоро дида будам, дар айвони масҷид ба бачаҳо тақвими ҳиҷрию милодиро ёд медод.

– Мулло нест! Моёна партофта рафт! – ногаҳон овози Шумшук аз канор баланд шуд, ки хафагиаш аз ғаму ғуссае дарак медод.

Сарвари гурӯҳ пурсид:

– Ба куҷо рафт?

– Ба ҳеч кас нагуфт! Ба ман ҳам хабар накард, хараша меовардам, хӯрҷини китобаша мегузоштам, халачӯбаша медодам...

Пётр аз гапҳои Шумшук чизе нафаҳмида суоломез ба молдухтур нигоҳ карду сар ҷунбонд.

– Вай ба муллои мо сахт алоқаманд аст, ҳар рӯз ба хидматаш меояд. Агар як рӯз мулло дам наандозад, бемор мешавад.

– Аҷабо?! Муллоятон ӯро сеҳру ҷоду кардааст? – Пётр хандид.

Хушнуд дар тӯли ҳамроҳӣ бори аввал табассуми ӯро медид, бехаёл гуфт:

– Мо ҳама ошиқи сеҳри ҳалоли мулло ҳастем, ӯ касеро фиреб намедиҳад, дуояш гиро аст.

Пётр кинояомез овоз баланд кард:

– Яъне алоқаатон то ҷое, ки намедонед ӯ куҷост?

– Ба Худо, намедонем, – бимолуд посух дод молдухтур.

– Худо нагӯ! – дод зад Пётр. – Бирав, аз ҳамсояҳояш суол кун, Фарҳодро ёфта биёр!

Хушнуд дам дар дарун ба самти рост по бардошт. Бо шунидани амри сарвари гурӯҳ Шумшук парида аз ҷо хесту ба ӯ ҳамроҳӣ кард. Онҳо ба хонаи ҳамсояи дасти рост, аз он ҷо ба манзили ҳамсояи болодастӣ ба суроғи мулло рафтанд. Кофтукову пурсуҷӯ натиҷа надод, бо дасти холӣ баргаштанд. Ин

---
[194] Абёт аз ғазали Саъдӣ

нобарорӣ Пётрро асабонӣ кард. Ӯ ба осмон рӯ оварда офтобро рост дар болои сар дид. Хеле гузаштани рӯз ва дурии роҳро пай бурда, ба ҳамсафарон фармуд:

– Толик, рафтем! Дар ин деҳа мондани мо суде надорад! – ӯ маънидорона ба Хушнуд чашм афканд. – Барои ёфтани дурри ноёб мебояд чанд сандуқро пора кард, аммо барои ин мо вақт надорем. Раҳораҳ баённома менависем, бо гувоҳии Хушнуду дигарҳо ба «маъмурият»[195] рафтани ӯро зикр мекунем.

Хушнуд ҳама луқмасуханҳои сарвари гурӯҳро дарк намуд. Дар дарун шоду мамнун, хомӯшу сархам аз пайи меҳмонон қадам зад. Аз набудани мулло то ҷое сари ҳол шуд, ки беист дар дил дуои растагорӣ мехонд. Ҳадди ақал яке аз бозпурсиҳо дар канор монд, масъулияте, ки бар дӯши вай буд, ду баробар коҳиш ёфт. Дар воқеъ, Мулло Фарҳод дар куҷо бошад? Қуфли калони дараш чӣ сирре дорад? Чаро дақиқан дар рӯзи омадани огепуиён дар хона нест, ҳатто бачаҳояш низ? «Илоҳӣ, ҳар ҷо рафтааст, сиҳату саломат бимонад, сараш дардро набинаду дар пояш хор нахалад!»-бо тамоми ихлосу эҳтиром аз дил гузаронд Хушнуд.

Ғиҷ-ғиҷ садои чархҳои харароба шунида мешуд, аҳёнан ба сангҳои сари роҳ бармехӯрд, ки «мусиқӣ»-аш аз тақ-туққҳои изофӣ барҳам мехӯрд. Гурӯҳи Пётр аз саисхонаи қароргоҳ аспҳои худро гирифтанд ва бедиранг гузари Бозоргоҳро паси сар гузоштанд. Хушнуд дар паҳлуи Мулло Дурандеш менишаст. Бо вуҷуди он ки кормандони ОГПУ ба ҳеч ваҷҳ одамони ғайрро дар назди худ нигаҳ намедоштанд, ин бор Пётр андешаҳои дигар дошт. Аз як сӯ беҳолии Дурандеш Соҳибзода ӯро музтариб месохт, аз ҷониби дигар низ, барояш молдухтури ферма гувоҳи зинда барои ҳар пешомаде ва пайдо нашудани Фарҳоди Шокир буд. Ӯ шитоб дошт, пас аз се шабонарӯзи қуфлукалиди таъхир мехост ҳарчи тез худро ба Авлиё ва аз он ҷо то Қизилработ расонад. Аз «асирон»-и дигари худ, ки дар он маҳалҳо хоназиндон менишастанд, хавотир дошт. Дар ин замона намешавад ба касе бовар кард, ҳар талае домкушо ва ҳар хона сӯрохе дорад.

Ҳаво диму гирифта буд. Офтоб наменамуд, тамоми роҳи нимадаштии Авлиёро пардаи меғ мепӯшонд. Аз он ки ҳатто шамолаке намевазид, нафасгирӣ мушкил мешуд. Ҳарчанд мусофирон бо вуҷуди ин гирифтагии табиат бепарво ба пеш саъй мекарданд, Мулло Дурандеши бемор тоб наовард. Шояд ду чақрим аз гузари Бодия дур шуда буданд, ки мисли кабкчӯҷа тез-тез ба нафаскашӣ даромад. Хушнудро воҳима зер кард. Беихтиёр аз зери ҷомаи пахтагини худ миёнбандашро кушода, як нӯки онро аз мешии дасташ, ки ба ҳар эҳтимол онро аз чашмаи Даридуруд бо об пур карда буд, тар кард. Гӯшаи нами миёнбандро аз рӯйи гунаҳо ва даври лабҳои мулло кашида, ба пешониаш гузошт. Ӯ каме ором шуд, вале он қадар зиёд роҳ нагашта, аз як сӯ, ҳавои дим ва аз ҷониби дигар, тароқо-туруқи ароба дубора корашро кард. Ин дафъа мулло аз фарти беҳолӣ базӯр, канда-канда нафас гирифта, чашмонашро пӯшид, ҳатто тавони даҳонкушоӣ надошт. «Омад ба сарам аз он чӣ метарсидам», аз дил гузаронд Хушнуд ва ба беҳолии мулло тоб наоварда, бо садои баланд дод зад:

– Нигаҳ доред! Аробаро нигаҳ доред, мулло аз ҳуш рафтанд!

---

[195] **Маъмурият** مأموريت – рисолати корӣ, ба коре гумошта шудан; *ин ҷо:* киноя аз фирор аст

Ҷилавдори ароба дарҳол «ишш-ш!» гӯён нӯхтаи харро кашид. Сарвари гурӯҳ Пётр, ки хеле пештар гузашта рафта буд, бо овози фарохонии корманди худ ба қафо гашт. Ӯ аспашро қулоч занонда то назди ароба омад. Хушнуд дубора арзу дод кард:

– Ҷаноби Петер, ман дар деҳа гуфтам аҳволаш хуб нест, ба гапам гӯш накардед. Инак бубинед, ба чӣ ҳол уфтод. Ҳанӯз дер нашудааст, баргардед, дар роҳ ӯро бой медиҳем!

Сарвари гурӯҳ аз асп пиёда нашуда, наздик омаду онро ба ароба зич часпонд. Ҷойи ин ки ба гапи Хушнуд гӯш кунаду чорае барои наҷоти мулло бияндешад, беихтиёр мешии обашро аз камарбанд кушод ва даҳанаки чӯбиро аз он канда, бо дасти дарози худ аз мешӣ ба сари мулло об рехт. Мулло Дурандеш дар ҷо ҷунбид, аз оби сард ба ҳуш омада, оҳиста сар боло кард ва чашмонаш ҳам нимабоз шуданд. Пётр ба Хушнуд рӯ оварда бо истеҳзо гуфт:

– Ин шумоҳоед одамро дарҳол мекушед! Ба муллоятон бало намезанад, нафасатро ба дарун кашу хомӯш омадан гир! – сарвар баргашту тозиёна ба гардани аспаш фуровард ва шунаво амр дод: – Гардед, ҳама санг нашавед сари ҷо! Вақти мо кам аст!

Ба маҳзи дур рафтани аспакиҳо Хушнуд нигарон шуд, бо нӯки миёнбанд чеҳраи обгирифтаи муллоро поккунон, нолаомез, дар ҳоле ки суханашро дигар касе намешунид, гуфт:

– Худоё, ин чӣ бераҳмист, охир ба кӯр ҳам аён аст, мӯйсафед тамом мешавад...

Ба ин минвол хараробаю саворaҳо то таҳи Авлиё расиданд. Ҳаво ҳанӯз меҳолуд, осмон ба назар намерасид. Хушнуд то понздаҳ-бист қадам пешу қафоро медид, саъй мекард Мулло Дурандешро ёрӣ диҳаду аз мадҳушиҳо ба худ биёварад. Бо азоб ӯро аз нисф боло дар бағал нигаҳ медошт, мисли модаре, ки ба тифли ночораш мувозибат мекунад, вай низ муллоро рӯйи даст гирифта, аз бардорузанҳои ароба эҳтиёт карданӣ мешуд, ҳар замон ба лабу даҳонаш гӯшаи нами миёнбандро мегузошт, сару китфонашро масҳ мекард. Вале ҳар қадар кӯшид, ин расиданҳо коре надод. Дар поён, он чиро, ки дил намехост, ба вуқуъ пайваст, Мулло Дурандеш ба ҳолати назъ уфтод. Ҷонкании ӯ зиёд тӯл накашид, охирин бор нигоҳи маъсумонае ба Хушнуд афканду чашмонашро пӯшид, сари бе он ҳам нимҷонаш ногаҳон каҷ шуда беҳаракат монд. Ҳамин ки молдухтур аз задан бозистодани раги гардан ва нест шудани гармии нафасро дар зери бинии ӯ пай бурд, беихтиёр бо овози баланд садо дардод:

– Мулло даргузашт! Ҳой бераҳмон, муллоямон ҷон бохт!

Ғиҷирроси чарххои ароба хомӯш гардид. Пётр ва ҳамраҳони савораш ноилоҷ аз роҳгардӣ истода, ба даври ӯ гирд омаданд.

– Бовари кас намеояд, наход ки ҳамин рӯзро мунтазир буд? – ба даргузашти мулло итминон ҳосил карда бо шигифт ба сухан омад сарвари гурӯҳ. – Ҳама талошамон бар абас рафт!

Хушнуд ҳам алам дошту ҳам ғазаб, намедонист аз пайи кадом майли дилаш биравад: гиряву шеван роҳ андозад ё ба сари меҳмонони нохонда тундбоди хашм бирезад. Чанд лаҳза ба чеҳраи асаболуди Пётр дида дӯхта

истод, вале дар мағзаш ҳисси таҳаммул пирӯз омаду нимхез шуда муллоро ба кафи ароба хобонид. Сурати ӯро бо миёнбандаш пӯшонд, ду пояшро ба ҳам ҷафс кард. Сипас дар дил дуои кӯтоҳе хонду даст аз рӯ кашид ва ба самти сарвари гурӯҳ рӯ оварда гуфт:

– Сад бор гуфтем, ҳолаш хуб нест, гӯш накардед. Илтимос, ба ман рухсат диҳед баргардам, уболу савоби мулло ба гардани ман аст.

Пётр мижа хам накарда, бо сиёсат гуфт:

– Оре, ҳамин суханат сад бор аз забони бефаровезат баромад! Бас кун, дигар! Барои ман зиндаю мурда будани душмани халқ аҳамияте надорад, – сарвари гурӯҳ аз сари ғазаб нафуромад, ба корманди худ рӯ оварда бо овози баландтар гуфт: – Толик, биё, зуд бош! Коғазу қалам гир, ҳар ду ҳодисаро бинавис!

Толик ҷаҳида аз асп пиёда шуд ва кифи қирмизранги худро дар канори ароба гузошта аз он ду барг коғази сапед, қалами нӯкҷавҳарӣ ва як дона сиёҳидони даҳонбастаро баровард. Пётр амр дод:

– Баённома бинавис! Яке дар мавриди набудани Фарҳоди Шокир, дигаре дар хусуси ҳалокати Дурандеш Соҳибзода дар роҳи Авлиё. Дар поён номҳои ҳар сеи мо ва шоҳидони қазия Марату Нурикро ҳам биёр!

– Ба чашм!

Аз бархӯрду ҳаракатҳои Толик равшан маълум буд, ки марди босавод аст, дар ин гуна корҳо пӯсту устухон надорад. Ҳанӯз замони хушк шудани дока нагузашта, ҳар ду суратмаҷлис, ба гуфтаи раисаш, баённомаҳоро омода кард ва барои имзо ба дасти сарвари худ дод. Пушти ҳам ҳозирин дар ростои номи худ имзо гузоштанд. Хушнуд хомӯш меистод, дар тӯли ин ҳамсафарии кӯтоҳ дарк кард, ки ҳар гуна сухани изофӣ бар зарари худаш тамом хоҳад шуд. Дар дил мехост зудтар аз ин ҳамраҳони нобоб ҷудо шавад, ҷанозаи инсони муҳтарамро ба деҳа баргардонад. Дар поён Пётр ғайриихтиёр даст ба сӯйи Хушнуд дароз кард ва гуфт:

– Бародар, ту ба мо ёрии бедареғ расондӣ, ба ин мегӯянд садоқат! Харароба тую муллоятонро ба деҳа мебараду бармегардад, нағзии ман фақат ҳамин аст. Аз мо нороҳат нашавед, давлат ҳар чӣ фармояд ҳамонро анҷом медиҳем, ин дайни муқаддаси мост, саломат бош!

Хушнуд низ ба ӯ даст дода худоҳофизӣ кард. Савораҳо ба тарафи Авлиё, аробадору ӯ ба пас гашта, ба самти деҳа роҳ пеш гирифтанд. Боз садои ошнои «ғиҷ-ғиҷ»-и гардуна беист аз зери гӯшҳо шунида мешуд. Хушнуд малулу маҳзун дар паҳлуи муллои беруҳу беҳаракат чорзону зада ба хаёл фурӯ рафт. Гоҳ-гоҳе сухани охири Пётр ӯро ба андеша водор месохт – «дайни муқаддас». Бо ин ҳама беимонӣ, чӣ дайне!!!

## Аз сарнавишт ҷойи гурез нест

Ҳоҷӣ Салим аз хурсандӣ ҷойи нишаст намеёфт. Барои пазироӣ ва меҳмондории Мулло Фарҳоду бачаҳои ӯ даст ба дасташ намерасид. Як ҳафта боз миёнро муҳкам баста аз онҳо мувозибат мекард, аммо дилаш пур намешуд.

Намедонист чӣ кор кунад, ки фарзандони дӯсти қиёматиаш ҳасрати дурӣ аз ватан ва ҷудоӣ аз пайвандонро тарк намоянд. Ҳарчанд аз ҳар сӯ ба онҳо мерасид, боз ҳам дар чеҳраҳо, бархӯрду шинухезашон афсурдагӣ ва бенишотиро пай мебурд. Дар ҳоле, ки фалаки каҷрафтор мусибати фироқ ва фирорро ба сарашон овардааст, ба онҳо дил додану соябон шуданро вазифаи худ меҳисобид. Шокирустои дӯсташ ҳамин гуна инсон буд. Марҳамату меҳрабониҳои ӯ дарси сазоворе барояш буд. Акнун навбати ӯст, ки аз сабақҳои ҳаёт ба дигарон раво бубинад. Боз ба кӣ – ба инсоне равшандилу равшанфикр мисли Мулло Фарҳод! Ба ориф ва ҳофизи Қурони карим, ба инсони балогардоне, ки дуою ниёишҳояш пайваста мустаҷоб гардад! Ба нури дидаи дӯсту бародархондаш Шокирусто, ки ҳангоми сел бурдани хонаю дарҳояшон як авлодро то шаш моҳ дар манзили худашу азизонаш нигаҳ дошта, Боруро барояшон чун ватани дувумӣ шиносонда буд. Оре, ҳаққи инсонии дӯсташ беқиёс аст ва ин расиданҳои ӯ дар пеши он пашизе беш нест!

– Дар рӯзи сахт одам наздикони худро суроғ мекардааст, – чашм ба замини рӯйидаричаи сарсабзи Ҳоҷӣ Салим дӯхта изҳор кард Мулло Фарҳод, – вақте ки бо Сухробу Фаршед ба кӯҳи Ағба рост шудем, аввалин касе, ки ба зеҳнамон омад, шумо будед. Ҳатто Фаршедҷон ин нуктаро дарк намуда мегуфт: «Рост ба деҳаи Тилокон равед, ба манзили ошноямон Ҳоҷӣ Салим. Амак инсони дарёдил ва меҳрабонанд». Ман дар хиҷолатам, бо аҳли аёлам ба зиндагии ороми шумо бор шудем.

Ҳоҷӣ бо нигоҳу лаҳни норизо гуфт:

– Писарам, дигар ин гуна суханҳоро нашунавам! Ин манам, ки наметавонам бамавриду хуб ба нури чашмҳои дӯсти азизам ёрӣ диҳам. Росташро гӯям, кори ҳозираи ман ба сони як шохаки навруста дар пеши дарахти азими меҳру садоқат тароват надорад. Магар мешавад нағзиҳои бародари қиёматиамро фаромӯш кард? Ӯ хонаводаи ману нисфи ҳамдеҳагонамро аз мурдану парешон шудан нигаҳ дошта буд. Аз дасти офати табиат, ки селу ярчи беамоне омада буд, бехонумон шудем, касе моро ба хонааш роҳ надод. Деҳа ба деҳа гашта сарсон мондем, гуруснагӣ, урёнӣ, беморӣ – ҳар заҳру зақуме, ки ҳаст, ба мо, ба зану бачаҳоямон таҳдид мекард. Дигар аз зиндагӣ даст шуста, таваккул аз довон ба он сӯ гузаштем. Ба гӯшаи хаёламон наомада буд, ки дар он сӯ моро чашмаи ҳаёт, одамони биҳиштӣ интизор будаанд. Шокирусто яке намонда, ҳамаамонро ба манзилаш бурд, дар боғи худашу Қозибобо бароямон сарпаноҳ дод. Он ҳама ғамхорӣ гӯё кам буд, бо даромадани баҳор хару хингил, аспу шутур ороста моро то деҳаамон расониданд. Хонаҳоямонро аз нав обод кардем, бовар мекунӣ, ба ҳиммати дӯстони боруӣ он замон то як моҳи дигар мо нону ғизои кофӣ барои зиндагиамон доштем!

– Он гуна мусибат имрӯз ба сари ману бачаҳоям омад, вале аз дасти ҷабри одам. Ин дафъа шумо ба мо бағал кушодед.

– Нигарон набош, писарам! Бар сари фарзанди одам ҳар чӣ ояд бигзарад, ин рӯзҳо даргузаранд, ба зиндагии орому осудаат дубора бармегардӣ. Феълан

тарафҳои мо бехавф аст, ҳеч кас аз дунболи муллою қозию эшон нест. Ман шумоёнро чун гавҳараки чашм пос медорам, ман мадюни шумоҳо ҳастам...

Ногоҳ аз поёни айвон садои кадбонуи хона баланд шуд:

– Ҳоҷибобо, гӯшти танӯр омода шуд, агар худатон дар оташ мегузоштед, – ва ба ду нафар бонуи паҳлуяш ишора карда ба суханаш афзуд: – Хоҳарамон Гулбӣ ҳам бо духтараш омадааст, ба шумо кор доштаанд.

Ҳоҷӣ Салим суҳбатро қатъ карда ҷавоб дод:

– Гӯштро ба сари танӯр баред, Гулбибонуро гӯ ба айвон барояд, бубинем чӣ дарде дорад.

Бо арзи салому таъзим аввал зани калонсол ва аз пайи ӯ духтараш, ки ҳар ду бо рӯмолҳои баланд сару рӯяшонро печонида буданд, домани ҷомаҳои тунуки адрасиро ба пеш ҷамъ карда, сари дузону дар пойгаҳ нишастанд.

– Ҳоҷибобо, ман бо дарди духтарам ба назди шумо омадам, – бо садои маҳин ба сухан омад Гулбӣ, – агар вақтатон ҳаст раҳи кор нишон медодед...

Ҳоҷӣ Салим беихтиёр хурсанду шод пешонӣ боз кард, чашмонаш дурахшиданд, бо мамнуният изҳор кард:

– Ба дарди шумоён Мулло Фарҳод дармон мешавад, сари вақт омадед, – ва ба сӯйи мулло рӯ гардонда афзуд: – Писарам, ин кори туст, ҳар чӣ маслиҳат диҳӣ равост. Ман бошам, бояд аз пайи хидмати янгаат равам, нигоҳ кун, бо чӯб дар болои сарам истодааст.

Аз ин муболиғаи соҳибхона Мулло Фарҳод ба завқ омад, бо хушҳолӣ гуфт:

– Ба чашм, ҳоҷиамак, ҳар чӣ мефармоед.

Бо сари по шудани соҳибхона ҳама аз ҷо хестанд. Ӯро ба поён гусел карда, Гулбибону дубора сари дузону нишаст ва бо ишораи Мулло Фарҳод ба арзи дил даромад:

– Домулло, дар масъалаи ҳаёти духтарам Фарзона гаранг шудем. Гап дар ин аст, ки панҷ моҳ пеш шавҳараш аз асп афтида гарданимиён шуд, духтарам бева, ду писараш ятим монданд. То имрӯз азодор аст, то ҳол сарбандаша напартофтааст, – Гулбӣ назаре ба духтараш, ки сархам менишаст, афканда, дасташро ба пушти панҷаи ӯ гузошт ва ба ҳарфаш идома дод: – Лекин як ҳафта боз аз писари осиёбони деҳа хостгорон меоянд. Амаки Зиё ҷони одам аст, писараш ҳам аз худаш намемонад. Аз бахти бад, пас аз сурхак шуда фавтидани занаш вай ҳам бева монд, як духтар дорад. Амак ҳарчи тез хонадор шудани писарашро мехоҳад, мегӯяд, ки як сол азо гирифтани Фарзона дуруст нест. Лекин одатҳои моро медонед, то як сол ба ҳурмати марҳумамон мотам мегирем, духтарам ҳам сахт побанди ин суннат аст.

– Ҳатто суннат... – шумханде кард Мулло Фарҳод ва бо мулоҳиза ба сухан пардохт: – Медонед, хола, ташкили хонавода кори муқаддас ва шоиста аст. Дар оила зану мард вазифаю уҳдадории худро дарк мекунанд ва иттиҳоди онҳо бо зода шудани фарзандон мустаҳкамтар мегардад. Бино ба фармудаи Паёмбари хотам(с), ҳар кас издивоҷ кунад, ниме аз дини худро ҳифз менамояд. Бо ин ҳол, баъзан мавридҳое пеш меояд, ки ғайр аз талоқ роҳи дигаре мавҷуд нест. Хушбахтона, ҳолати шумо дигар аст, ҷудоии фарзандонатон ба сабаби

ҳодисаи табиӣ, ки марги муфоҷо мебошад, рух додааст. Тибқи аҳкоми шариати мо ҳар бону бо гузарондани давраи идда метавонад шавҳар кунад. Дар асл, иддаи талоқ давраи се дафъа покизагӣ аст. Яъне, агар зани талоқгирифта бордор набошад ва се бор одати моҳиёнаро аз сар гузаронда пок шавад, бо оғози одати моҳиёнаи чорум аз иддаи талоқ фориғ мешавад. Ӯ ҳақ дорад ба инсони дилхоҳаш издивоҷ кунад.

Чашмони Гулбибону равшан шуд. Дасти духтарашро сахт фишор дода бетоқатона суол кард:

– Пас, сари Фарзонаамро ҷуфт кунам, мешавад?!

Мулло Фарҳод пай бурд, ки ин бону ҳам мисли ҳама занони рустоӣ орзу дорад ҷигарбандаш танҳо набошад, бо тамоми вуҷуд сару соҳиб доштани ӯро мехоҳад. Бо итминон ба ҳарфаш идома дода, қалби пурмеҳри ӯро бештар таскин бахшид:

– Албатта, иддаи вафот дар никоҳи доим чор моҳу даҳ рӯз аст, дар сурате ки аз марги домоди шумо панҷ моҳ гузаштааст. Ин азогирии духтаратон аз суннат берун аст, агар тарафи талабгор бароятон мақбулу писандида бошад, бе дудилагӣ ва натарсида сарашонро ҷуфт кунед.

– Мешунавӣ домулло чӣ мегӯянд? – духтарашро каме нихта карда гуфт Гулбибону. – На ба гапи ман гӯш кардӣ, на ба ҳарфҳои Зиёамак. Агар боз ҳам чизеро нафаҳмидӣ аз домулло пурс, надорӣ ягон гапи гуфтанӣ?

Фарзона бо аломати рад сар ҷунбонд. Мулло Фарҳод ҳис кард, ки ӯро то андозае бо суханҳояш қонеъ сохтааст, боз ҳам афзуд:

– Хоҳарам, сарнавишти ҳар яки моро Парвардигор менависад ва Ӯ издивоҷро суннат хонда, ҳамчун арзиши воло муқаррар кардааст. Яъне, касе, ки издивоҷ намекунад, худро аз ин арзиш маҳрум месозад. Ту ва ҳамаи мо бояд бидонем, ки аз назари дини Ислом сохтани хонавода як фариза аст, амале, ки марду зан онро чун як кори илоҳӣ ва вазифа анҷом медиҳанд. Мо пайванди зану мардро ташвиқ мекунем, вале танҳоӣ ва ҷудоиро мазаммат. Ту набояд имкони хуби сарнавиштатро аз даст диҳӣ, бароят бахт мехоҳам.

Аз суханҳои мулло модару духтар мутаассир шуда хомӯш менишастанд. Ба хусус, Фарзона ба ваҷд омада, бо нигоҳҳои амиқу умедвор ба модараш чашм дӯхта хоҳиш кард:

– Очаҷон, аз гапҳои домулло як олам фараҳ гирифтам, мешавад маро дам андозанд?

Гулбибону посух надода худи Мулло Фарҳод суханро аз даҳони ӯ гирифт:

– Чаро нашавад? Ҳатман дуо мехонем, ниятҳои нек мекунем, хоҳарам. Ту бояд аз ранҷи ғаму андуҳ, аз гумону шубҳа, аз дудилагӣ раҳо ёбӣ. Ин моем, ки бо амру изни Худованди якто афсурдагиро аз тану ҷонат рафъ месозем.

Гулбибону бениҳоят шод шуд. Аз ҷо хеста, бо изҳори миннатдорӣ гуфт:

– Хеле меҳрубон ҳастед, домулло, ба мо руҳ бахшидед. Ман намедонам ин ҳама нағзиҳоятонро чӣ хел баргардонам, Худо илматонро зиёда гардонад, саломат бошед! – ва ба Фарзона рӯ оварда афзуд: – Духтарам, ман ба назди

дугонаам мефуроям. Ту наздиктар лағҷ, нафаси домулло расад. Дам андозанд сабук мешавӣ, аз ҳама азобҳои руҳиат фориғ мегардӣ...

Аз самти боғи Ҳоҷӣ Салим шаббодаи маҳине мевазид. Шохакҳои дарахтони пасту баланди ҳаёт якзайл, бо мароми худ алвонҷ мехӯрданд. Дар сари тути балхӣ як даста кабӯтар, ки номаълум буд аз куҷо парида омадаанд ва бар сари шоху навдаҳои маҷнунбеди лаби ҷӯй як идда миною акка ва гунҷишкҳои пуртараддуд ҷо хуш карда ҳар замон овоз мехонданд, чириқ-чириқ суҳбату баҳсҳои ноошно роҳ меандохтанд. Ба ин нозу ромиши табиат ҳой-ҳуйи пурнишоти се-чаҳор духтару писарак, ки дар дами ресмони овезон аз шохи каҷи зардолуи пирсол арғунч мерафтанд, изофа мешуд. Ва халои фазои таносоиро садои маҳину ширадори Мулло Фарҳод пур кард, чанд лаҳза ҳама гӯшу ҳуш ба сӯйи айвон шуданд, каломи оёти руҳафзо ба дилҳо сурур бахшид...

*Гарам ба ноз кашӣ в-ар ба лутф бинвозӣ,*
*Ҳар он чӣ мекунӣ, эй нозанин, хушоянд аст.*[196]

Бо хатми дуою салавот Фарзона аз ҷайби дохили қабояш як баста ҳамели мағзи бодомро баровард ва бо таъзиму эҳтиром дар канори мулло гузошта аз зери рӯмол гуфт:

– Овозатон дар ҳафт мағзи ҷонам нишаст, худамро хеле сабук ҳис кардам, гӯё дар осмонҳо бол мезадам, шумо бузургворед, домулло!

– Ба умеду орзуҳоят бирас, хоҳарам, ба ман чизе надиҳед, лозим нест, – бо сари хам, ки гӯё ҳанӯз дуо мехонд, лаб ба сухан кушод Мулло Фарҳод.

– Дар изои дами гарми шумо ҳеч чизе арзанда нест, ин аз бодоми ширинаки боғамон, худам чидаю шикаста ба ришта гузарондаам.

Мулло Фарҳод бо завқ гуфт:

– Ман ошиқу шефтаи дастранҷҳои духтарони деҳа ҳастам. Маълум, ки ба зебоӣ муҳаббат дорӣ, бахт ёр гардад!

Дар ин ҷо таваҷҷуҳи ҳамаро садои марғуладори Ҳоҷӣ Салим ҷалб кард:

– Канӣ, ҳама ба гирди суфра оянд! – бо хушҳолӣ овоз дод ӯ. – Кабоби танӯрӣ омода шуд, доғу хушхӯр аст, аз барраи яксола, баҳ-баҳ, чи бӯе, чи атре дорад ин кабоб!

Мулло Фарҳод аллакай ба ин гуна таоруфҳои соҳибхона одат карда буд. Пас аз Фарзона, ки ба самти хонаи занон фуромада рафт, ӯ низ аз зинаҳо ба поён омад ва дар лаби ҷӯ сари по нишаста мухтасар дасту рӯ шуст. Сипас бо изҳори сипос гуфт:

– Шумо сарвари холигарони[197] ҷаҳон ҳастед, амак! Дастпухтҳоятон ҳамто надоранд, рост мегӯед, ҳатто аз як фарсанг раҳ бӯйи лазизи кабобатон ба машом мезанад!

Ҳоҷӣ Салим ба шавқ омада хандид. Як тиккаи калони кабобро ба ҳамсараш, ки аз таҳхона ба пешвозаш баромада буд, дода, табақи дасти ӯро

---

[196] Байти Заргари Исфаҳонӣ
[197] **Холигар خوالیگر** – ошпаз

гирифту тиккаи дуюмро рӯйи он гузошт ва ба ҷониби айвон роҳ пеш гирифта афзуд:

– Бифармо, домуллоҷон, ин насибаи мо будааст, ҳой-ҳой нагӯям, янгаат инро ҳам аз дастам рабуданист.

– Не-е, – қирмиз шуда рафт ҳамсараш, – ош шавад, ба домулло теед.

Ба чеҳраи ҳар се табассуми гарм шукуфт, дидаҳо аз шодӣ механдиданд...

Дар дили наҳор садои тақ-тақи дарвоза баланд шуд. Чун ҳамаи бачаҳо ба хонаи ҷойи нишаст даромада буданд, худи Ҳоҷӣ Салим аз ҷо хест.

– Боз кадом як коруфтодааш омад барин, – ба Мулло Фарҳод ҳарфзанон аз зинаҳо фуромад ӯ, – ту хӯрда ист, домулло, хӯрок сард нашавад.

Азбаски аз пешайвон дарвозахона равшан ба чашм мерасид, хаёли мулло низ беихтиёр ба он сӯ рафт. Марди қадбаланде ба дохил даромад, бо ангушт камзӯли чармиашро ба китф андармон карда меистод. Дар сар кепка дошт. Бо пайдо шудани чеҳраи ношинос шамолаки нофораме сари дилро пармосида гузашт. Мулло Фарҳод дар дил нооромиеро ҳис кард.

– Бародар аз фирқавиёни мо аст, Раҷабалӣ исмаш, одами худӣ, – чун пасу пеш ба пешайвон баромаданд, гуфт Ҳоҷӣ Салим, – ҳар замон моро суроғ карда меистад.

– Хуш омаданд, дӯст болои таом!

Раҷабалии коммунист бо виқор дасти муллоро фишурда изҳор намуд:

– Бобоҳои мо дӯстони наздик буданд, шумо низ хуш омадед, аз дидоратон мо ҳама сарфарозем!

Чун ҳар се дар гирди дасторхон нишаста даст ба дуо бардоштанд, Ҳоҷӣ Салим дарҳол чанд тикка нонро наздиктари меҳмон гузошта, ба ӯ як пиёла чой рехта дод ва гуфт:

– Пас аз даргузашти Шокирустои дӯстам сарвари хонадонаш Мулло Фарҳод аст, инсони ҳамадон, донишманди ин тарафу он тарафи кӯҳистонамон. Бо дидори нозанинаш ба дару манзиламон нуру сафо овард.

– Бисёр нағз, хурсандии шумо шодмонии мост, – дарҳол сари виқорашро нашикаста ҳарф зад Раҷабалӣ ва бо нигоҳи маънодор ба мулло дида дӯхта афзуд: – Дар ҳама ҷо таъқиби муллоҳо сар шуд, диёри шумо ба чӣ ҳол аст?

Мулло Фарҳод дақиқан ҳамин пурсишро аз дил мегузаронд, худро ба нофаҳмӣ зада ҷавоб дод:

– Намедонам, вақте ки ба сафар баромадем ҳеч хабаре набуд. Аз муллоҳо чӣ ғалате содир шуда, ки онҳоро таъқиб мекунанд?

– Унсурҳои куҳна, душманони Ҳукумати Шуроҳо ҳастанд.

– Яъне, гуфтанӣ ҳастед, дину ибодати мардум куҳна шуд, давлати нав бояд аз дину ҳомиёни дин парҳез кунад?

– Албатта, магар шиори «дин афюн аст» то гӯши шумо нарасид? Фирқавиён охирин муллою эшону шайххоро барканор мекунанд. Масҷиду мадрасаҳо яке намонда баста мешавад, дунёи тоза ва холӣ аз динро месозем.

– Агар ин хел аст, барои чӣ ҳукумати нав муллоҳоро ба ихтиёри худи мардум намегузорад? Охир, одамон чун ба сиёсати нав одат кунанд, худ аз худ ба муллоҳо эҳтиёҷе намемонад...

– Ҳама мушкил дар ҳамин ҷост, Мулло Фарҳод, – устухони дасташро канор гузошта, ангуштонашро лесида гуфт Раҷабалӣ, – мо ҳар қадар ҳомиёни динро муҳосира кунем, халқ ҳамон қадар барои наҷот додани онҳо мекӯшад. Ин корро намешавад ба ихтиёри мардум гузошт, ҳама бесаводанд, хурофотпарастанд.

– Аҷабо?! – шумханд зад Мулло Фарҳод. – Бо ин халқи бесавод ҷомеаи наватонро чӣ хел месозед?

– Ҳизби Линин беҳуда то ин ҷо нарасидааст, аз уҳдаи ҳама кор мебарояд...

Аз ин наҳви мунозира Ҳоҷӣ Салим каме дар худ печида, ба хотири тоб додани мавзуи суҳбат ба миёни ҳангома сар зад:

– Як моҳ даракат нашуд, Раҷабалӣ, куҷоҳо рафтӣ?

– Дар Миёнкол будам. Бисту чор рӯз пешвоёни фирқа дарс гузаштанд, аз Тошканд омадаанд. Аз иштирокиюн як ҷаҳон сабақ омӯхтем. Маро дубора ба ин ҷо фиристоданд, ин ҳама деҳаҳои дастнораси миёникӯҳиро ба ман бовар карда супурданд. Аз ин пас, Ҳоҷибобо, шумо ҳам эҳтиёт шуда гардед. Дигар ба ҳеч муллое гузашт карда намешавад, омадам, ки ҳушдорӣ диҳам.

– Шикор акнун сар мешавад, гӯй?

– Фирқаи мо босмачиҳоро гумдом кард, акнун сахт аз пайи боқимондаҳои замони куҳна афтидааст, ба хусус, муллою мударрисон. Ман намехоҳам шумо низ ба ин гирдоб биафтед.

– Илтифот мекунӣ, додар, – нимнигоҳе ба сӯйи Мулло Фарҳод андохта афзуд Ҳоҷӣ Салим, – худат медонӣ, чор-панҷ сол аст, ки котибӣ мекунам, навиштаҷоти шуроҳо бар зиммаи ман аст.

– Аммо, муллоӣ ҳам мекунед, офтобро намешавад бо доман пӯшонд. Як муддат ин шуғлро канор гузоред, ҳеч кас шубҳа набарад. Одамон ин чизҳоро намефаҳманд, аз маросим даст кашидан намехоҳанд, ба хоҳишу илтимосҳояшон фирефта нашавед, ба хотири дӯстӣ худро дар чоҳ наафканед, – Раҷабалӣ ба Мулло Фарҳод рӯ овард, як лаҳза сукут, оре, сукуте, ки маънии онро ҳар се хуб дарк мекарданд, ба миён омад.

– Ман туро нағз фаҳмидам, додар, саъй кун ба мардум нафъат расад. Дар ҳоле ки ин дунё пур аз фитнаву шар аст, ду-се рӯза умри худро ба халқ бахшем, номамон ба бадӣ наравад.

– Рост мегӯед, ҳоҷибобо, – Раҷабалӣ ба соҳибхона чашм дӯхта аз ҷо хест, – ҳар кас бояд ба дурустӣ гаравад! Ба ман иҷоза диҳед, равам, бояд ба корҳоям расам...

Ҳоҷӣ Салим меҳмони худро гусел карда ба айвон баргашт. Аз ранги рӯйи ӯ маълум буд, ки хеле ноҳинҷор аст, намедонад хиҷолати хешро дар пеши мулло чӣ хел рафъ созад. Саъй кард фориғбол нишинад, бо оҳанги узромез гуфт:

– Дигар аз ҳеч кас умеди некӣ нест, домулло, чор тараф пур аз бӯқаламун шудааст.

Мулло Фарҳод ба хубӣ ҳолати соҳибхонаро ҳис кард. Ба хотири осуда шудани ӯ нарму қатъӣ гуфт:

– Мо дар ҳаёти кӯтоҳи худ бисёр чизро дидем, шоҳиди рӯйдодҳо шудем, бо ҳар гуна одам рӯ ба рӯ гаштем. Дӯсти фирқавиатон бӯй гирифта омадааст, дар айни ҳол манзураш на шумо, балки бештар камина будам.

– Ба дилат нагир, додарам, инро фикр ҳам накун, – нооробм шуд ҳоҷӣ.

– Не, ҳақиқат ин аст, ки сафари мо дар манзилатон пир шуд. Бешак, шумо инро намехоҳед, аммо ман бояд ҷой иваз кунам, ин ба суди ҳамаамон аст.

Ҳоҷӣ Салим наздиктар ба самти мулло лағжиду бо меҳрабонӣ кафи даст ба зонуи ӯ гузошт ва гуфт:

– Ман дар пеши ҳар гуна пешомад ҳамчун сипар меистам, туву бачаҳоятро ҳимоят мекунам. Хаёли ба ҷойи дигар рафтанро аз сарат парто, ин хел намешавад!

– Амак, аз дасти фирқавиён ҳар кор меояд. Намебинед, ошкоро мақсудашро гуфта рафт. Кӣ медонад, фардо киҳоро ба сарамон меоварад?!

– Додарам, Раҷабалиро ба ман бигузор, ман таноби ӯро кашида мемонам. Ин аз дастам меояд!

– Кош, инҳо як нафар мебуданд... – Мулло Фарҳод кафи даст ба пушти дасти ҳоҷӣ гузошт. – Шумо ғусса нахӯред, аз сарнавишт ҷойи гурез нест, дар пешониамон ин зиёратҳо будааст, – мулло хост дарбадариҳо гӯяд, аммо ба хотири наранҷидани мизбон бо таъкид «зиёратҳо» гуфта монд. – Ман дӯсти хубе дар Ғиҷдувон дорам, ҳангоми таҳсил дар мадрасаи Хоҷа Порсо ҳафтаю моҳҳо рафта дар хонааш мемондем. Имрӯзҳо одамони давлат аз гиребони деҳаҳои дурдаст доштаанд, чунки медонанд ҳамеша ба тӯрашон сайде дармемонад. Дар шаҳрҳо бошад, бояд дар ба дар гарданду як-як мардумро бисанҷанд. Ман ҳам ният дорам ба шаҳри дӯстам Ромиш-махсум равам, то дар он ҷо тавонам чанд муддат пинҳон гардам. Манзилашон дар як канори назарногири шаҳр аст, шояд аз ин гирудорҳо дуртар бошад.

Чеҳраи Ҳоҷӣ Салим шаб шуд гӯё. Пай бурд, ки Мулло Фарҳод боз ҳам таваккул ба Худо мекунад, бо овози хаста гуфт:

– Малик ҳамроҳат меравад, шумоёнро то хонаи дӯстат бурда мемонаду бармегардад. Худатро эҳтиёт кун, писарам, боз кай ҳамдигарро мебинем?..

– Лутфу марҳамати шумо зиёд аст, ҳоҷиамак, ба гуфтаи Фаршеди додарам, ин талотумҳо гузарад, бо қатъи бозҷӯйиҳо дубора ба дидор хоҳем расид. Аз мо нигарон набошед, тану ҷон сиҳат бошад, аз зиндагӣ умед ҳаст. Бубинед, агар чунин намебуд, ин табиат фақат сиёҳу сапед менамуд, вале бо чанд ранг дар пешорӯямон ҷилва мекунад. Пас, ҳаёт давом дорад!

Ҳоҷӣ Салим дигар чизе нагуфт, азбас дар гулуяш лӯлагие мехалид, беовоз сар ба ҷониби дигар гардонд. Барои ӯ ҷудоӣ аз Мулло Фарҳод, дасткӯтаҳиаш дар ростои тазйиқҳои зиндагӣ дардовар буд. Намехост фарзанди дӯсти қиёматиаш ба сарсониҳо рӯ оварад, аммо худро ночор дид, вуҷудашро ба мисли барги аз шохак кандашуда сабуку беҷон ҳис кард...

***

Силсилаи одамони сар ба зер аз роҳи каҷу килеби деҳа ба самти чап печиду ба доманаи пушта пайваст. Рӯ-рӯйи дастҳо тахти равон беист мелӯккид, онро эҳтиёт карда бо навбат мебурданд. Баръакси дирӯз имрӯз ҳаво офтобӣ буд, аз пардаи меҳу абрҳои ба осмон нишемангирифта хабаре набуд. Тобути Мулло Дурандеш аз миёни фавҷи одамон, болотар аз ҳама ба чашм мехӯрд. Порчаи сабзранги рӯяш дар зери нурҳои Хуршед ба мисли пулакчаҳои моҳӣ ҷило медод. Ҳар кӣ саъй мекард ҳадди ақал як бор аз дастаи он бигирад. Аз қафо бошад, гурӯҳ-гурӯҳ бачаҳою духтаракони хурдсол ва занон дар гузарҳои Даридуруду Миёнаву Пайку Бодия... ба сари дӯнгиҳо баромада, хомӯш ва бо овози гирифтаю нигоҳҳои ғамгин занҷираи одамони рӯ ба пуштаро гусел мекарданд. Дили ҳар яке дар хонаи худ хун мегирист, дидаҳо ашки фироқу ғам мерехт, дар саҳни хаёлҳо лафзи хайрбод бо инсони дилогоҳу азиз ва муллои калон нишеман мегузид.

Хокҷойи авлоди мулло, не, паҳное густурдатар аз он бо одамони худиву бегона, бо онҳое, ки ҷанозаи муллои бузургро мушояат мекарданд, пур шуд. Азбаски дӯстону ҳаводорони марҳум дар деҳаҳои атрофу дуру наздик бешумор буданд, Мулло Абдусалом ташйиъи ҷанозаро ба рӯзи дигар вогузошт. Кори дурусте ҳам кард, ба хусус, аз пойи тобути инсоне мисли пири муллоҳо, орифи ҳофизи Каломуллоҳ Дурандешро гирифтан савоби бисёр дошт, ба хотири дарёфти ин савоб ва изҳори имону садоқат одамҳо ба сар медаванд.

Бо дастуру роҳбаладиҳои Мулло Абдусалом ҷанозаро дар хок карданд. Қабрро бо сангҳои паҳни баланд пӯшониданд, ду миёнбанд хоки хондаро аз сӯрохӣ ба торсари гӯр рехтанд, сипас рӯйи қабрро бо хоки худаш пур карданд. Дар миёни афроди савобгир Суҳроб ва аз пайи ӯ муовини Оркодий Азимқул низ сархаму мағмум хам шуда бо бел ба пушти гӯр хок рехтанд. Ҳар ду белҳои худро чаппа гузошта, навбатро ба касони дигар дода, дар сафи нишастагони пеш, пушт ба қибла ҷой гирифтанд. Суҳроб бо овози кам, шунаво ба Азимқул гуфт:

– Бечора мулло... марди шарифу донишманде буд.

– Оре, аз ҷумлаи инсонҳое, ки бинои маърифату фарҳанги мардумиро мисли сутун нигаҳ медошт. Одами ҳалиму меҳрабон, бо чеҳраи шукуфо, ҳамеша хандида суҳбат мекард.

Аз эътирофи муовини раис Суҳробро хушаш омад.

– Дар поёни умр дармонаш рафт, аз дасти беморӣ ба мо ҳамроҳ нашуд. «Шогирдамро наҷот диҳед, раҳоии ӯ озодии ман аст», гуфта буд ӯ.

– Ин якравиашро ману раис Оркодий ҳам шунидем... Суҳроб, бубин, ду инсони наҷиброо аз даст медиҳем: якеро аз зодбумаш гурезондем, дигаре бо олами равшан падруд гуфт. Барои чӣ барномаҳои мо баҳам хӯрд?

– Фикр мекунӣ, касе аз пушт кор мекунад?

– Аз ин пеш ҳам масъули комиҷроияи ҳизб ба раис чанд бор ёддоштҳое фиристод, қариб ҳамааш аз камукостиҳои фермаи туст. Агар дӯсти акаи Баҳром хабар намедод, мо пеши ин мусибатро гирифта наметавонистем.

– Ман таҳқиқ мекунам, каждумҳои зери бӯрёро ҳатман меёбам.

– Ба фикрам, гӯши яке намудор шуд. Имрӯз ҳангоми ба ташйъии ҷаноза омадан Шермат дар Авлиё мегашт. Он ҷо чӣ кор мекард, ба гумонат? Аз пушташ одам мондам...

– Шермати гӯл?

– ...

Дар ин асно садои Мулло Абдусалом дар муҳити гӯристон, аз канори қабри ҳосилшудаи Мулло Дурандеш ба гӯшҳо расид:

– «Ҷаҳолат ин нест, ки мардум фақиру дасткӯтаҳ бошад, ҷаҳолат он аст, ки арзишҳои мардумӣ поймол ва ғуруру иззати нафсаш латма хӯрад» – ин аз зикрҳои устоди мо Мулло Дурандеш аст. Эй аҳли муъмину мусалмон, ҳамдеҳагони арҷманд! Мо инсонеро ба хок супурдем, ки умри мубораки худро дар роҳи имону эътиқод ба Худованди якто, бо гузоштани намозҳои панҷвақтаю ниёишҳои муттасил, додани закоту садақоти ҷория, гузоштани рӯзаҳои ҳарсола ва бо орзуи расидан ба қабули Хонаи Худову эътимоди аҳли муслим бахшидааст. Ӯ инсоне буд, ки мурдаю зиндаи моро сарварӣ мекард, дарсҳову аҳкоми диниро ҳамроҳ бо расму оини мардумӣ ба мо ёд медод, шогирдонаш аз Бору гирифта то Пойгачу Дизаху Сир ва ин тараф, то Нуру Карминаву Бухоро роҳ паймуда, манзил гузида обрӯ ёфтаанд. Хурду калон дар ҳузури ӯ аз «Бидон»-у «Аввали илм»-у «Авомил» гирифта то «Шарҳи Мулло»-ву «Шамсия» ва «Ҳикмат-ул-айн»-у «Мулло Ҷалол» ва дар поён, маснавиҳову девони шуаро ва ниҳоятан, «Қуръони карим»-ро меомӯхтанд. Ҳар як зикру хитобаи эшон пайки сулуку имон, мизону меъёри зиндагӣ, пилаҳои расидан ба гулзори улвӣ буд. Ба ҳар баҳонае буда, эшон акнун дар байни мо нест, ба олами бақо реҳлат кард. Биёед, дастҷамъӣ ба руҳи пурфутуҳи мулло дуо бихонем, равонаш шоду хотираш назди бозмондагон гиромӣ бод; таслияти амиқи қалбии худро ба аъзои хонаводаи мутаваффӣ тақдим дошта барояшон шакебоӣ мехоҳем; Худованд биҳишти баринро ба ӯ раво гардонад! Инак, фурсат аст сураи «Мулк»-ро болои сари гӯри майит бихонем, то муҷиби рафъи азоби қабр аз ӯ гардад. Илоҳӣ, омин!

Тӯдаи одамоне, ки перомуни қабр нишаста гӯш ба овози Мулло Абдусалом медоданд, муҳри хомӯшӣ бар лаб заданд. Қироати муассири ҳазрати «Таборак» ёду ҳуши ҳамаро ба моварои андешаҳо бурд, бегумон, ҳар як нафар дар ҳавои каломи Илоҳӣ сурату симои муллои дӯстдоштаи худро аз сафҳаи хаёл мегузаронд, хӯю хислат ва одобу бархӯрдҳои ӯро дар оинаи зеҳну ёд медид...

Вақти аср шуду маъракаи ташйиъи ҷаноза ба поён расид, одамон маъюсу малул ба ҳар сӯ пароканда шуданд. Як гурӯҳ дубора ба ҷониби манзили марҳум роҳ пеш гирифтанд. Суҳроб шитоб дошт, мехост ҳарчи зуд тадоруки рӯзи дигарро бубинад. Медонист, ки ба худоии муллои калон одами бисёр меояд, истиқболу пазироии онҳо осон нахоҳад гузашт.

Дар манзили Мулло Дурандеш омодагиро барои фардо аллакай оғоз карда буданд. Муриди пурғайрат, додархонди вафодори мулло Каримҳоҷӣ дар обу арақ ғӯтида, бо ишораҳо ва овози баланд ба ҷавонҳои ба хидмат миёнбаста

дастурҳо медод. Ӯ баробари дидани Суҳроб ба пешвозаш шитофт ва ҳамоно бо дарки дили раис гузориш дод:

– Ба Равшан фармудам, бо се нафар дастёр наргови мулло ва панҷ сар гӯсфандро меоваранд. Шодон ба хабар кардани Нуралӣ-қассоб рафт, Қассоб Ҳамид дар ҳамин ҷост. Бобо Шуҷоъро ба занҳо масъул гузоштам, фармудам, ки ягон даҳ танӯр нон пазанд, панҷ-шаш даст чалпак кунанд, хамири чузмаю буғурсоқ омода кунанд. Ягон даҳ нафар бояд барои тоза кардани каллапочаҳо омода бошанд...

– Ба пасу пеш гӯшт камӣ накунад, панҷ-шаш сар буз ҳам биёред, – бо ризоият аз гуфтаҳои мурид изофа кард Суҳроб, – фардо деҳаро одам пахш мекунад! Ба ҳамсояҳо ҳам хабар додед?

Каримҳоҷӣ пушти сар хорида гуфт:

– Хабар накардаем, лекин аз ин гуна маъракаҳо ҳама огоҳанд. Бачаҳои бекор бисёр, дарҳол мефиристам.

– Гӯй, даҳ-понздаҳ хона омода бошанд, асосан меҳмонҳои аз дуру дурдаст омадаро бояд ҷой диҳем, – Суҳроб чун дид Мулло Абдусалом ҳам расида омад, дар идомаи суханаш бо садои баланд афзуд: – Бародарон, ҳама дар ҷойи худ нишинед, домулло як фотиҳа бихонад. Барои чӣ занҳо хомӯш намешаванд?

Каримҳоҷӣ ба ӯ ҳамовоз гардид:

– Бас, гиря накунед, сад доду фарёд ҷойи як дуоро намегирад!

Мулло Абдусалом орому ботамкин пушт ба сутуни пешайвон такя дода нишаст. Чун сарусадоҳо хомӯшу ҳама гӯшу ҳуш ба ӯ шуданд, бо оҳанги хоси худ ба қироати сураи «Фотиҳа» пардохт. Аз пушта расидагон ҳам паси якдигар омада, оромона дар гӯшаю канор ҷой хуш мекарданд. Мулло пайи ҳам чанд сура хонд, чун зери чашм ҳис мекард расидани одамон қатъ намешавад, наистода хондан гирифт. Ниҳоят, ба иқтидои ӯ ҳама – марду зан, хурду калон ба хотири даргузашти Мулло Дурандеш ва бо истидъои улувви дараҷот ва охирати ободи ӯ дасти дуо бардоштанд.

Пас аз дуо ҳама аз пайи кори хеш шуданд. Мулло Абдусалом суоломез ба Суҳробу Каримҳоҷӣ дида дӯхт. Маънии нигоҳи ӯро ҳар ду фаҳмиданд. Суҳроб оҳиста ба ду ҷониб сар такон доду гуфт:

– Акнун муллои кеҳтар ҳам худатон, муллои меҳтар ҳам. Дудила нашуда ба хонаи дарун дароеду миёна баста ба хатми Каломуллоҳ пардозед. Дигар аз ҳеч ҷо муллое намеояд.

– Дунё дигар шуд, гӯй...

– Акнун донистед, домулло? Ба мағзи ҳукумати нав ҳанӯз сар дарнаовардаед, мегӯям.

– Гуфтанӣ ҳастӣ, ҳукумата бе мулло месозем?

Суҳробу Каримҳоҷӣ ба ҳамдигар нигоҳ карда шумханд заданд. Каримҳоҷӣ низ тоқат накарда ба гап ҳамроҳ шуд:

– Худора шукр гӯед, ки аз дунболи шумо наомадаанд. Дар ҳама ҷо коммунистон бо таъқиби муллою шайху қозиёни пештара дастхушӣ доранд,

танҳо ин моем, ки ба шарофати Суҳробино ҳанӯз дуою ниёишҳо мекунем. Шумо ҳам хонара ба сар набардошта, дар даруни дил хатма фуроред.

– Ана халос, дунё ба доми бединҳо уфтодаасту мо бехабар, э вой! – Мулло Абдусалом даст афшонда ба хонаи дарун даромада рафт. Суҳроб аз қафо гуфт:

– Бечора, домуллои сода, нисфи ҷаҳона об мебараду ӯ хабаре надорад. Мо ҳам дар баробари расму оини куҳна то кай истодагарӣ мекунем, танҳо ба Парвардигор аён!

Каримҳоҷӣ ба паҳлуи Суҳроб наздиктар омад, аз оринҷи ӯ дошта гуфт:

– То замоне, ки дар қалбамон шарораи имон ҳаст, раис, ҳазор сифати фирқавӣ ҳам диҳанд, мо мусалмонем.

«Пас, то мурдан муъминем» – фурӯ дар андеша зери лаб ғурунгид Суҳроби коммунист.

## 9. КАЖДУМИ ЗЕРИ БӮРЁ

Гуфтаҳои Азимқул дар дили Суҳроб ғулғула андохт. Бо ин ки мехост бол бароварда ба Авлиё ба назди Оркодий гузарад, як рӯзи дароз дар Бору мехкӯб шуд. Наметавонист маъракаи Мулло Дурандешро партофта равад, ҳар касе меомад, аввал суроғи ӯро мегирифт. Гузашта аз пазироии меҳмонон, ба ҳама иқдом худаш сару сарвар гардид. Ҳис мекард, ки дар ин замона ба дили ҳар як одам роҳ ёфтан кори саҳл нест, ба хусус, агар андешаю бархӯрди одамон мутафовит бошад. Як сӯ халқи заҳматпешаи одӣ, ки онҳо фақат дастмоя мехоҳанду таъриф; аз ҷониби дигар, нафарҳое, ки ба ҳеч ваҷҳ моил нестанд аз тарзу равиши зиндагии пешин даст бардоранд ва барои онҳо ҳар як падидаи тоза бегона менамояд; аз тарафе, ҳамчунин, касони нави ҷомеа, ки Ҳукумати Шуроҳоро барои хеш пуштибон хондаанд ва даст ба дасти фирқавиён дода ҳаёти ҷадид месозанд. Он рӯз омадурафти меҳмонон то ғуруби офтоб кашол ёфт ва ӯ маҷбур шуд аз манзили марҳум дур нарафта ба онҳо бирасад ва аёдати раиси калонро низ ба рӯзи дигар мавқуф гузорад. Пас аз он ки шомгоҳон ба Мағфиратбонуя наздикони оилаи мулло дил дода[198], ба сӯйи хона раҳсипор мешуд, Фаршедро ба назди худ хонд. Қадди болою лоғари муаллим дар назараш боз ҳам баландтару низортар намуд.

– Додарам, қатори ман ту ҳам азият кашидӣ, – бо дилсӯзӣ гуфт ӯ, – ранҷи кӯҳгардиҳо яктарафа нашуда ин мусибат пеш омад. Тамоми рӯз сари по гаштӣ, раву истироҳат кун, фардо кори нав дорем.

– Ҷисму ҷони мо бо ҳамин давутозҳо сахт шудааст, ҷойи нигаронӣ нест. Ҳар чӣ мефармоед, дар хидмат ҳастем, раис!

– Ба ҳар ҳол, худата бисёр нахӯр, чанд муддат гузарад ҳатман дӯстама дубора меоварем. Худат нағз мефаҳмӣ, тамғаи «душмани халқ» задан оқибати гарон дорад. Мо бояд бародарони худа аз ин номбариҳои сиёҳ ҳифозат кунем.

---

198 **Дил додан دل دادن** – дилҷӯйӣ кардан, тасаллӣ додан

Мулло Дурандеш сари вақт реҳлат кард, кӣ медонад ба сараш чӣ балоҳое бор мекарданд.

– Додиям пайваста мегуфт, «муҳим ин аст, ки миллат зинда монад, дигар ҳама кор аз осиёб меафтад». Аз ин хотир, шумо нигарон набошед. Ману дӯстонам ҳамеша ҳаводори шумою Оркодиву дигар бародарони коммунист ҳастем. Дуруст, давлати дигар месозед, аммо ба миллат бо чашми нек нигоҳ мекунед ва ин назари мустаҳсан[199] бахту саодати мост!

Суҳроб муҳкам аз китфи Фаршед дошт. Бо панҷаи бақуввати худ дӯши муаллимро ду-се такон доду афзуд:

– Боракаллоҳ, ту инсони хушбин ҳастӣ! Кош, ҷавононе ба мисли ту бештар медоштем. То замоне, ки дӯстам дар деҳа нест, ман ба ту такя мекунам. Танҳо аз шумоҳо насиҳати дуруст мегирам, хоҳишан, ҳар роҳкору маслиҳате лозим донистӣ, дареғ мадор, бе мулоҳиза ба ман гӯй. Ба гуфтаи Азимкул, Шермати гӯл корҳое кардагӣ барин, фардо бо ҳам ба Авлиё меравем, бубинем чӣ гап.

– Ман кайҳост, ки ин ҳолата дарк карда будам, аммо ҳеч рӯйи хатояш дастгир накардам, – баъзе ҳаракатҳои машкуки Шермати гӯла аз мадди хаёл гузаронда гуфт Фаршед, – ба назарам, пас аз марги Ансор ӯ ба кӯйи интиқом даромада буд. Бошад, пагоҳ бо ҳам меравем!

– Сипос, додарам, то субҳи фардо!

– Хайр!

Ҳавои Авлиё дар фаслҳои гарми сол нисбат ба Бору ва дигар деҳоти кӯҳпоя гармтар ва дар айёми сард хунуктар мешуд. Чун аз се ҷониб бо фазои боз ба дашт мепайваст, ҳар гуна гармселу шамоли хӯро гиребонашро мегирифт. Алалхусус, панҷаи тобистон ин доманаи белаблӯларо ором нагузошта, аз ҳар сӯ бо нохуни ҷафо мехарошид. Азбаски боғҳои ончунонӣ ва дарахти зиёд надошт, ин зулм осонтар рӯйи кор меомад. Гоҳе ҷодаҳои хокӣ танӯри тафсонро мемонданд, ки бошандагонаш наметавонистанд бо пойи урён роҳ раванд ва гоҳе низ гирдбодҳои сиёҳ гарду хоки худро бераҳмона ба даҳону бинӣ зада, чашмҳоро кӯр карданӣ мешуданд. Танҳо бо фаро расидани поиз авлиёиҳо аз ин ранҷҳо роҳат мешуданд. Дар ин фасл фақат боронгариҳои муттасил одамонро азият медод. Аз касрати оби борон гилолуду балчиқ шудани роҳҳо рафтуомадро мушкил месохт.

Имрӯз ҳавои маркази колхоз хушки офтобӣ менамуд. Ба ҳар ҳол, ҳавои сарди тирамоҳӣ фораму матбуъ ба димоғ мевазид. Вақте ки Суҳробу Фаршед ба даромадгоҳи Авлиё расиданд, ғайричашмдошт, ин ҳама насими диловезро халалдор карда, дар паҳнои қисми поёнӣ, аз миёни даштҳои тоссар ду гирдбоди бадвоҳима ба шакли девҳои сиёҳи каллакалон намудор шуданд. Онҳо дар атрофи тири худ чунон босуръат давр зада меомаданд, ки гумон мекунӣ ба таъқиби лашкаре саъб гирифтор шудаанд. Суҳроб «девҳо»-ро дида садо баланд кард:

---

199 **Мустаҳсан** مستحسن – некӯ, писандида, нағз

– Фаршед, аспатро ба чорхез андоз! – ва ҳамзамон худаш низ тозиёнаи обдор ба кафали самандаш фуровард. – Агар камтари дигар дар ин ҷо бимонем, бешакку шубҳа, ба доми он балоҳо меуфтем!

Фаршед низ бо як назари кӯтоҳ ба самти гирдбодҳои шитобанда, бо тамоми неру дасту по зад ва аз паси раис аспашро ба дав андохт. Ҳар ду дам нагирифта, бо шитобу аҷалаи бесобиқа саворкорӣ карданду дар як зум сар ба дохили кӯчаи калон заданд ва наистода то назди идораи колхоз омаданд. Чун ҳар ду бо суръати бод давиданд, девбодҳо низ натавонистанд тири ҳуҷум ба ҳадаф андозанд. Онҳо пасу пеш то аввалин кӯча расида, бо сарҳои бузургсаллаи худ ба қоши хонаҳои аввал бархӯрданд ва аз миён шикаста ба чор сӯ чошу пареш шуданд. Суҳроб аз қирраи чашм ин ҳолатро дида пирӯзмандона сар ба боло ёзонд ва лигоми аспашро ба тарафи Фаршед кашида гуфт:

– Даштҳои мо аз гирдбод бадтар офате надорад! Худо нахоста, одаме ё ҷонваре ба қабзаш биуфтад, ҳамон замон тикка-тикка карда мисли барги дарахт ба осмон пош медиҳад.

– Вой бар ҳоли авлиёиҳо, аз тарси ин бало шояд аз хонаҳояшон намебароянд?! – суоломез ҳарф зад Фаршед. – Шояд чанд бор ба он уқубате, ки гуфтед, мубтало шудаанд?

Суҳроб гуфт:

– Не, одамро нашунидаам, лекин чандин бор барраю бузғолаҳояшонро талаф додаанд.

Ҳамин ки ба назди саисхонаи идора расиданд, нигаҳбон тозон ба тарафашон омад ва бо таъзиму дуруд лаҷоми ҳар ду аспро ба даст гирифта ба дохили тавила бурд. Суҳробу Фаршед сару тан афшонда, каме либосҳои худро ба тартиб доварда, нигоҳе ба ҳамдигар афканданд ва бо ризоият аз ҳолу симои якдигар, ба самти пеши бино гузаштанд ва вориди идораи колхоз шуданд. Мисли ин ки ҳамин лаҳза мунтазирашон буд, Азимқул онҳоро дар роҳрав пешвоз гирифт.

– Хуш омадед, гурга ном гирӣ пайдо мешавад, ҳамин ҳозир бо раис суҳбати шумора мекардем, – бо табассум хушҳолии худро пинҳон накарда гуфт ӯ, – биёед, сарварамон ҳам чашм ба роҳи шумо буд.

Раис утоқи корикалону боҳавое дошт. Аз ду тирезаи шишадори бузурги он дохили хона мисли рӯз равшан мешуд. Ба маҳзи дидани меҳмонон чун низомиён рост хеста ба сӯяшон қадам зад ва аввал Суҳробро, ки гӯё фарзанди худро медид, ба оғӯш кашида гуфт:

— Ду рӯз боз чашмҳоям ба роҳат тор метанад, куҷо шудӣ пас?

– Маро маъзур доред, раис, маъракаҳои қишлоқа худатон беҳтар медонед, – бо гуфтани салом изҳор намуд Суҳроб, – боз худоии Мулло Дурандеш – инсоне, ки ҳафт иқлим вая мешиносад!

– Мефаҳмам, додарам, мефаҳмам... Боз як нафар инсони зиёӣ аз байнамон рафт, охираташ обод бошад, – раис Аркадий бо Фаршед низ саломалейк карду ҳар дуро аз ду самти миз ба нишастан фаро хонд. – Чунон дунёи бӯқаламуне дорем, ки сад ботаваҷҷуҳ бошем ҳам, аз як сӯ пирт

мушкилие пеш меояд. Ҳар лаҳзара бояд бо нигоҳи нав бинем, бо одамон кор кардан сахт шудааст. Мулло Фарҳод мегуфт, «ҳар хаёлеро хаёле мехӯрад, фикри он фикри дигарро мечарад».

Дар ин асно Фаршед табассуме кард. Аркадий суоломез ба ӯ рӯ овард.

– Ҳеч гап не, раис, аз он завқам омад, ки сухани охиратон аз Мавлоно буд, на аз бародарам.

Ҳар се хандиданд.

– Хуб, шумо дуруст фаҳмед, маро Фарҳодамон «мулло» кардааст, – афзуд Аркадий.

Суҳроб гуфт:

– Ҷойи Фарҳоди дӯстам холӣ, ҳар каломи ҳар шеъре ёд гирифтаем, аз ӯст. Бечора дар ғарибӣ мегардад, аз сараш чиҳо мегузарад, намедонем.

– Ман агар раис бошам, агар ба қадри як қатра об дар ин минтақа обрӯ дошта бошам, дӯстама ҳатман бармегардонам! – раис каме барошуфт, муштҳояш гиреҳ шуданд. – Мо узви ҳизбем гуфта бо биниҳояшон осмона харошиданӣ мешаванд, салларо гир гӯянд, калларо мегиранд, номардон! Ин талотум аз байн биравад, ҳар кас ба ҷойи худ бармегардад. Дар айни ҳол бояд душманони дохилиамона сарнагун кунем, Суҳроб, вақтҳои охир ҳасуду хоинон зиёд шудаанд. Ба хусус, дар деҳаи ту...

Дар ҳамин лаҳза дари утоқи корро боз карда нигаҳбон ба дохил сар халонд ва бо узр изҳор намуд:

– Раисбобо, бубахшед, ин кӯлборҳои меҳмонон аст, аз ёдашон наравад, – ӯ ду хӯрҷинро, ки чашмиҳояш пур менамуданд, дар канори дар гузошт.

Суҳроб гуфт:

– Дастат дард накунад, лутф кардӣ! – нигаҳбон ба маънии «қобиле надорад» даст ба сари сина гузошту аз дар берун баромад ва Суҳроб ба Фаршед рӯ оварда суханашро идома дод: – Муаллим, бе заҳмат меваҳора ба рӯйи суфра гузор.

Вақте ки Фаршед себу беҳиҳои тиллоиранг ва нонҳои танӯриро мебаровард, Аркадий бетоқатона ба сухан омад:

– Баҳ-баҳ! Бӯйи нони модарон чӣ қадр хушмазза аст, заҳмат кашидед! Азимқул, бигир аз дасти муаллим, ҳамин ҳозир аз меваҳои тар як-ду лаълӣ шуста биёред.

– Хуб шудаст, устод! – Чашмҳои Азимқул низ равшан шуд, бо шитоб аз пайи дастур рафт.

Аркадий аз нонҳое, ки Фаршед бо бӯғчааш ба рӯйи миз гузошт, якеро гирифту ба чашмҳояш молид ва бо хумор бӯйида ду тақсим кард. Як бурдаро шикаста бо иштиҳо ба даҳон бурд.

– Нонҳои танӯрии деҳаи шумо таъму мазаи дигар доранд, Суҳроб, – бо изҳори қаноат гуфт раис, – бубин, як қадам ин тараф дигар ин гуна нона намешавад пухт.

– Ош шавад! Аз ин пас ҳар ҳафта барои шумо мефиристам. То имрӯз нагуфтед, намедонистам, ки ин қадар шефтаи нонҳои мо ҳастед.

– Не, не, ин кора накун, одамҳо механданд.

– Ҳеч ҷойи ханда надорад, баръакс, нон додан савоб аст.

– Бошад, ман розиам, фақат ба шарте, ки ордаша худам диҳам ва ба нонпаз дастмуздаша ҳам худам расонам!

Суҳроб бо табассум ҷавоб гардонд:

– Хуб, шарти шумо қабул!

Дар ҳоле ки раис маза карда нон мехоид, Азимқул бо як лаълӣ мева ва чойники чой даромад. Фаршед дарҳол чойникро ба пешаш кашиду чойгардон кард ва дар пиёлаҳои гулдори сафолӣ ба ҳамнишастон рехта дод. Раис Аркадий аз болои нони хойидааш чой хӯрда, роҳат нафасе амиқ ба дарун кашиду гуфт:

– Хуб, Суҳробҷон, ба асли мақсад оем. Лучу пӯсткандаи гап ҳамин ки, дирӯз мо шогирди Ансора бо ду рафиқаш дастгир кардем. Офтоб ба рӯямон хандид, агар бачаҳо каме дер мекарданд ҳама навиштаҳои росту дурӯғашон ба дасти огепуиён меуфтод. Агар бубинӣ, чӣ чизҳое омода кардаанд, нокасон!

– Аҷабо, мисли гӯсфанд сар ба зер мегардад, лаънатӣ, ҳеч гумон намебарӣ, ки ин корҳо аз дасташ меояд, – дар ҳавои шигифт гуфт Суҳроб, – навиштаҳояшон дар чӣ хусус аст?

– Ҳама «корҳои иштибоҳ»-и туву «ҳамтабақонат» ва «мушкилот»-и мардуми фақири сарфароварда ба Ҳукумати Шуроҳо! – раис хам шуду аз кашуи мизаш як пӯшаро баровард ва аз дохили он чанд коғази зардшудаи чорқатро гирифта ба Суҳроб дароз кард ва афзуд: – Бубин, чӣ қадр маълумот ҷамъ кардааст. Ҷойи хавф он буд, ки агар намегирифтем бӯйи ҳодисаи Ансор ба рӯ мезад. Кушта шудани он палида бо обуранг навиштааст, гӯё ту ба ӯ кинаи дерина доштаӣ ва қасдан одам фиристода вая ба қатл расондаӣ.

– Номард! – Суҳроб каме оташин шуд. – Агар қасде медоштам, сари ҳазору як бадкориашон ҳардура ҷазо медодам. Ба инҳо хона сохтем, чорбоғ ҷудо кардем, анҷоми рӯзгор додем, то дар кӯча намонанд, боз ҳам...

– То ин ҷо дарёфтам, ки Шермати гӯли мо аз ҳама ҳушёртар будааст. Ансор ҳам дар дурӯягӣ пӯсту устухон надошт, вале ҳама кораш зуд ошкор мешуд, аз симояш метавонистӣ дарунаша бихонӣ. Ин нокас бошад, шабеҳи каждуми зери бӯрёст! Дам дар дарун мегардад, гӯё мусичаи бегуноҳ аст, вале корҳое карда, ки аз ҳайрат гиребон даст мегирӣ. Чун тахмин мекардам, дар фурӯхтани муллоҳо ҳамин даст дорад, ҳамраҳонаш Харину Лесбека нағзакак ба қин гирифтам. Онҳо нарезондаю начаконда ҳама навиштаҳои Шермата бароям нақл карда доданд. Медонӣ, он номаи шикоята кай додааст?

Суҳроб китф дарҳам кашид, бештар ба шигифт омад. Аркадий ба суханаш идома дод:

– Ба ёд биёр, чаҳор моҳ пеш бароям нома навишта хоҳиш карда будӣ, ки барои Шермату Харину Лесбек аз молҳои колхоз ҷудо кунам, «аҳволашон танг, рӯзгорашон вазнин, ба ҷуз нони қоқ барои хӯрдан чизе надоранд»...

– Оре, дар ёд дорам.

– Ҳамон вақт гӯсфандҳои додаамона фурӯхта ба марказ рафтаанд, чор-панҷ рӯз он ҷо монда номаҳояшона таҳия карда супурдаанд.

– Як ҳафта гуму гӯр шуданашон ҳам дар ёдам ҳаст.

– Офарин! Агар аз омадани огепуиён ним рӯз дертар хабар меёфтем, Мулло Фарҳода ҳам аз даст медодем. Чопари дӯстам то ба мо расид, аз ҳол рафта, қариб, ки хунаш аз ҳалқаш бадар омада буд. Бечора се рӯзи қулфукалид рӯйиҷойӣ хоб рафта хест.

Суҳроб гарчи намехост навиштаҳои коғазро бихонад, вале беихтиёр барги аввалро кушоду чашмаш ба исми худаш уфтод. «Фикр мекунед Рустамзода Суҳроб коммунист асту ба ҳизбу ватанамон содиқ аст? Аслан ин тавр нест! Ӯ дар рӯзи равшан ба чашми давлат хок мепошад. Ман ин ҷо бо тартиб корҳои нопоки ӯро баён мекунам ва шумо аз ҳақиқати амалҳояш огоҳ мешавед. То имрӯз наздики шаст сар аспи мардуми деҳаҳоро ба нафъи давлат мусодира кард, вале ҳеч кадоме ба саисхонаи ферма нарасид, ҳамаро ба яйлоқи худашу дӯстонаш бароварда пинҳон кард. Имсол аз ҳисоби молҳои одамон ба унвони молиёти[200] давлат бештар аз шаст ман[201] гӯшт ҷамъ кард, вале шунидем, ки ба анбори колхоз як мисқол ҳам нарафтааст. Муллоҳо озодона ба масҷид мераванд, намоз мехонанд, одамонро куфу суф мекунанд, бо эшонҳои Нур рафтуомад доранд, Рустамзода бошад, ба онҳо на танҳо мамониат намекунад, балки ба ҳар амалашон роҳ кушода, мардумро барои эътиқод ба диндорон даъват менамояд. Ҳам дар Бору, ҳам дар Кониобу Зиҳвор то ба ҳол амалдорону бойҳо замину молҳои худро ба кулхуз нагузарондаанд, фақиронро чун ғулом кор мефармоянд. Азбаски Рустамзода аз онҳо манфиати бисёр дорад, барои мутеъ карданашон чорае намеандешад. Дар ҳама ҷо коргоҳҳои хусусӣ фаъол аст, ҳеч кас ба фикри сохти ҷамоавии Ҳукумати Шуроҳо нест...»

– Додар, мебинам, ки ғарқи мутолиа шудӣ, – бо диққат хондани Суҳробро дида гуфт Аркадий, – он коғазҳора гузор дар ҷайбат, баъдан бафурҷа дида мебарой. Маълум ки ҳамааш дурӯғ, туҳмату дасисаи ошкоро, ба асабӣ шудан намеарзад.

Суҳроб сар бардошт, таҳайюромез суол кард:

– Фикр мекунед, ин ҳамара ҳамин гӯли худамон навиштааст? Яъне ин қадар маҳорати баён дорад?

– Худаш тан гирифт, ҳамраҳонаш ҳам тасдиқ карданд.

– Охир, ҳамагӣ як доруға буд, дум-думи мирохураш мегашт, савод аз куҷо?

– Дар оғоз ман ҳам шубҳа кардам, вале бозпурсиҳоям натиҷа дод. Ин касифи дам дар дарун аввалҳо дар Кармина мушрифӣ[202] мекардааст. Як тирамоҳ бо дуздии калон ба даст меуфтад. Ансор, ки дар асл ҳамдеҳааш аст, вая аз зиндон наҷот дода бо худаш ба ин тараф меоварад. Ҳарчанд худаша хидматкор вонамуд карда, ба гӯлӣ зада мегашт, дар ҳама давр ба Ансор котибӣ мекардааст. Ин сирре буда дар байни ҳар дуяшон.

– Во аҷаб, мана лол кардед, раисбобо. Акнун чӣ маслиҳат медиҳед, чӣ кор кунем бо инҳо?

---

200 **Молиёт مالیات** – андоз, боҷ

201 **Ман من** – миқёси вазн, ки дар ҷойҳои мухталиф гуногун будааст; ин ҷо: як ман баробари 8 пуд (128 кг) аст

202 **Мушриф مشرف** – нозири харҷ, ҳисобдор

– Чӣ ҳам мекардем? Ҳар се нафара аз ин ҷо гумдон мекунем, изи пояшон намонад! Аз он чиз хушам омад, ки Шермат ба пеши поям афтида илтиҷо кард қазияро ба ту нагӯям. Аз ту мурданивор метарсанд, нокасон. Ман ҳам ба онҳо шарт гузоштам, гуфтам, ки ё ба Суҳроб ҷавобатонро худатон медиҳед, ё лашу лушатона ҷамъ карда ба Миёнкол меравед. Албатта, шарти дуюма қабул карданд.

– Кори шумо дуруст аст, раис, аммо... – бо андеша пушти сар хорид Суҳроб. – Беҳтар нест, гӯё ман ҳеч чиза пай набурдаам, ҳарфе нагуфта аз онҳо кор кашам? Чунон кор кашам, ки аз таваллуд шудани худ пушаймон шаванд.

Раис бо қатъият гуфт:

– Суҳроб, мефаҳмам, ту чӣ мегӯйӣ. Бовар кун, инҳо одам намешаванд, боз ҳам фурсати муносиб мепоянд, сад назорат кунӣ, боз ҳам чун мормулак[203] роҳе меёбанд. Аз худамон дур мекунем, хас каму ҷаҳон пок!

– Ба Миёнкол ба пеши кӣ мефиристед?

– Он ҷо як ҳамяроқам раҳбари каналҳои обёрист. Инҳора ба қатори коргаронаш, ки аксаран зиндониён ҳастанд, мегирад. Ман гӯяму ту шунав, аз ғулом бадтар кор мекунанд. Дигар роҳати Борура дар хоби шабашон мебинанд.

– Кора то охир пазондам гӯед?! Ман навкари шумо ҳастам.

– Барои дӯстон ҷонам фидо бод! Нагӯ навкар, ту ҳамсафу ҳамболи ман ҳастӣ. Аз ин пас бояд ҳушёр бошем, ҳам одамона ҳифз кунем, ҳам давлати нава бисозем. Чӣ гуфтӣ, Фаршед? – раис диққати муаллимро, ки то ҳол гӯшу ҳуш ба суҳбаташон менишаст, низ ҷалб намуд.

– Ҳатман! Мо ҳама мадюни шумо ҳастем, рафиқ Оркоди. Ҳамон тавре ки фармудаед, бо сабру оромӣ, саросема нашуда, ба дили мардум роҳ ёфта, бо хотирҷамъӣ зиндагии куҳнара ба сохти нав иваз мекунем...

## 10. ГУРЕЗГОҲ

### Маҳаллаи Рахтшӯён

– Оташ[204], илтимос як тори  дигар кашида диҳед, дигар безобита намекунам, – аз дохили ҳавлӣ, ки бо девори похсагини баланд маҳсур мешуд, садои илтиҷоомези зане ба гӯш расид.

Дар пай овози гирои мардона баланд шуд:

– Ҳама ҷо бо либос пур шуд, камтар гиред намешавад?! Ҳар рӯз шумоён аз торканӣ ҳалок, ман аз торкашӣ!

– Ҳозир духтарон дар хона, кор кунанд-дия! Ҳар тангааш дарора, кӣ ба ману шумо ҳақ метияд? Наомада монанд ин шӯроиҳо, аз сари муллогиятон ҳам

---

[203] **Мормулак** مارمولک – калтакалос, калпеса

[204] **Оташ: отааш** – падараш (*дар лаҳҷа:* муроҷиати зан ба шавҳар)

об рехтанд, акун то кор меёбед ҳамин – сарҳоморa ба ин дар, ба он дар зада мегардем-дия. Ба як торкашӣ ин қадар...

Садои мард миёни гапро бурид:

– Хуб-хуб, ман ҳам як гуфтам-дия, даррав дардата достон накун. Ба худат ҷабр нашавад мегӯям, рахтшӯйӣ кори осон нест, миёни ҷона мегирад...

Мулло Фарҳод ба Холпарӣ бо лабханд нигоҳи маънодоре карду Ғоибро, ки беҳолона сарашро ба китфу гарданаш мемолид, оҳиста дар замин гузошт ва ба Нисо ишора кард, ки аз дасташ бигирад. Кӯлбори китфашро низ дар паҳлуи гиреҳҳои либосворӣ монда, бе дудилагӣ ҳалқаи дарвозаро кӯфт. Сарусадоҳо қатъ шуд, аз дохил мард ба ҷиринги ҳалқаи дар ҷавоб гуфт:

– Омадам, омадам, як лаҳза!

Овози ошно, ҳамон овози борику тези ҳамсабақи беқарор – Ромиши махсум! Мулло Фарҳод равшан дар ёд дорад, Ромиши шитобкор ҳамеша чояшро бо чангол мехӯрд, то дигарон таҳорат мегирифтанд, ӯ намозашро адо мекард. Дӯстонаш ҳанӯз чойи пагоҳиро нахӯрда, Ромиш аз ҳуҷрааш бадар мерафт ва аз ҳама пештар ба мадраса омада, ба пушти лавҳи дарсхонӣ менишаст. Дар замони пурсишу посуххо низ тунд мерафт, вале зуд дар роҳ мемонд. Устоди калом пайваста бо чӯбдаст ба китфаш мезад ва мегуфт:

*Кори шайтон аст таъҷилу шитоб,*
*Лутфи Раҳмон аст сабру иҷтиноб.*[205]

Дарвоза, ки дар асл дари яклингаи калоне буд, боз шуду дидаҳои ба ҳам шинос аз зери абрувони ғафс бо нигоҳҳои ҳайратзову шарарангез ба ҳам дакка хӯрданд. Ромиш як лаҳза мисли чӯб истод, беихтиёр бо пушти остин чашмонашро молид, аввал нигоҳе ба зану бачаҳо афканду сипас, гӯё луълуи лоло ба рӯяш механдад, бо як ҳаракати тез муллоро ба оғӯш кашид.

– Салому дуруд, дӯстам, мора дар ғафлат гузоштӣ! Чӣ хел шуду ёд кардиамон? – бо шигифт изҳор намуд Ромиш. – Ба Худо, ҳамон Фарҳодӣ, фақат каме дурушттар.

Мулло Фарҳод табасссумашро канда накарда гуфт:

– Махсум, ба ту низ салом! Ин зиндагист, ки ҳамаамона дурушту дағал мекунад. Бубахш, аз дасти замона ба паноҳи ту шитофтам, бо оилаам омадам.

– Сарпаноҳамон ягона Офаридгор аст, биёед, дар остона наистед, – Ромиш баргашту бо эҳтироми хос ба Холпарӣ рӯ овард, – бифармоед, хоҳарам, ин ҷо ҳам хонаю манзили худатон аст, бе таоруф! Баҳ, баҳ, чӣ духтари париваше, чӣ бачаяки нозе, ман қурбони ҳамаатон шавам, хуш омадед, сафо овардед!

Аз он ки наистода ҳарф мезаду бетоқатона ба дохил фаро мехонд, Фарҳод дубора дӯсти бесабри солҳои мадрасаро ба ёд овард. Лоилоҷ ӯ ва бачаҳояш низ тезтар ҷунбида ҳамроҳи мизбон аз борубуна бардоштанд ва ҳама пасу пеш вориди ҳавлӣ шуданд.

---

[205] Байт аз Мавлонои Балхӣ

Ҳамсари Ромиш гӯшу ҳуш ба самти дарвоза, либосҳои хушкро аз тор ҷамъ карда гирифт. Ҳамин ки аз қафои шавҳараш сару сурати Мулло Фарҳодро дид, даҳонашро бо даст пӯшонида беихтиёр садо баланд кард:

– Эҳ, Фарҳодака, ин шумо будед? Кадом шамолҳо катӣ?

– Салом, Бибӣ, оре, ҳамон шарикдарси кӯҳистонии махсум! Ба қавли шумо, меҳмони наталбида шудем, аз Бору меоем.

Ромиш дастпоча шуда гиреҳу бӯғчаҳоро ба рӯйи суфаи назди хона гузошта, бединранг ба сухан даромад:

– Инҳо чӣ суханоне ҳастанд, дӯстам, ман замони талибилми мадраса буданамон ин як дар хонаю ҷояма ба ту бахшида будам. Бифармо, ба хонаи худат! Танҳо аз ин ҳама либосу порчаҳо наҳаросед, кори Бибӣ, духтар дорам гӯён рахти ҳама шаҳриёна ҷамъ меоварад ба манзиламон.

– Эҳ, ҳама воҳима дар сари мо, бубинед чиҳо мегӯянд, – дар миёни гапи шавҳар тохт кадбону.

– Ғарам мекунанд, мешӯянд, хушку таҳ карда ба соҳибонаш бармегардонанд, –суханро идома дод Ромиш, – Дар ин васат кӣ овора – боз мани бечора! Бояд фурорам, кашонам, тор кашам, бардорам, ба ароба бор кунам... Э, дӯстам, як ҷаҳон ташвиш, аз дасти ин занҳо оромӣ надорӣ, на ба намозат мерасӣ, на ба дигар ибодату зиёратат.

Мулло Фарҳод гуфт:

– Кори хоҳар дуруст, то заҳмат накашӣ ба роҳат намерасӣ, ин зиндагӣ мисли ғор аст, ҳар қадар гузорӣ дарунаш пур шудам намегӯяд. Бояд ҷон канӣ, то дурри мақсуд ба каф ояд.

Ҳама бо ишораи Бибӣ дар пешайвон даври ҳам нишастанд. Мисли ин ки аз аввал ҳамдигарро мешинохтанд, ҳеч кас ҳисси хиҷолат надошт, ҳамсару бачаҳои Мулло Фарҳод низ бо дили пур, гӯё хонаю дари худашон аст, аз паси ӯ ба даври дасторхон гузаштанд. Бо ишораи махсум дӯсташ Мулло Фарҳод дуои расидан ба манзилро хонд, ҳама даст ба рӯ кашиданд. Дар ин миён Ғоиб хеле беҳолу суст менамуд. Баробари нишастани Холпарӣ сарашро ба рӯйи зонуи ӯ гузошту пойҳояшро дароз кард. Модар даст ба пешонии вай бурд, ҳанӯз мӯйҳояшро масҳ накарда, беихтиёр ба сухан омад:

– Оҳ, писарам гармӣ дорад...

– Ба назари ман ҳам беҳол намуд, – ба ӯ ҳамроҳ шуд кадбону Бибӣ ва ба самти ошхона рӯ оварда садо баланд кард: – Нурбӣ, як дастмола дар оби ях тар карда биёр, зуд бош!

Ромиш-махсум хурсандиашро аз ташрифи Мулло Фарҳоду оилаи ӯ накоста, бо табъи болида гуфт:

– Хуб, дӯстам, бифармоед, ҳама ба дасторхон меҳрубон шавед. Худо хоҳад, писаракамон нағз мешавад, роҳи дур, бача як сӯ, ҳатто одами калона хастаю лакот мекунад.

Мулло Фарҳод илова кард:

– Беҳуда нагуфтаанд, «ас-сафару қитъатун мин-ал-азоби», яъне сафар пораест аз азоби дӯзах! Аз дасти роҳи дурудароз ҳамаамон бечора шудем,

тамоми бадан гӯшт канда дард мекунад. Шояд ин ранҷҳоямон то ду-се рӯз давом ёбад...

– Мегузарад, мегузарад, дӯстам, ҷойи нигаронӣ нест!

Нурбӣ дастмоли тарро ба дасти модараш доду бо эҳтиром ба ҷониби Мулло Фарҳод ва сипас ба Холпарӣ рӯ оварда бо таъзим салом арз кард. Бибӣ наздиктар ба Ғоиб нишаста дастмолро ба пешонии ӯ гузошт. Ҳама бо ҳисси раҳму шафқат як чашм ба бача нигоҳкунон, ба тановул пардохтанд. Ҳаво сарди мулоим буд, аҳёнан боди фораме фазои пешайвонро навозиш дода мегузашт. Шохаҳои як дарахт маҷнунбеди ҳавлӣ бо ноз ҷунбида меистод, дар ду тори баланд, ки ба бари ҳаёт аз девор ба девор кашида буданд, либосу малофаҳои[206] овезон оҳиста-оҳиста алвонҷ мехӯрданд. Мулло Фарҳод ба манзараи берун чашм дӯхта менишасту аз як сӯ ба суҳбати гарми соҳибхона гӯш медод ва аз сӯйи дигар рӯйдодҳои ахирро дар мизони тафаккур бармечид. Ҳеч ба гӯшаи хаёл оварда наметавонист, ки аз ин пас ҳаёташ чӣ гуна хоҳад гузашт...

***

Пас аз чанд рӯзи дурию фироқ дубора шаби мулоқот бо Ёри ҳамабин фаро расид. Ҳангоме ки ҳама хуфтаанд ва ҳама ҷо ором аст, дар ҳуҷраи хилват зону ба замин зада, аз миёни қат-қат пардаҳои торикӣ домани илтиҷою ниёиш густурдан чӣ қадар ҳаловат дорад! Мулло Фарҳод дар канори ин лаззат бо Нигаҳбони ҳушу зеҳни худ ба пушти дари маъбуду маҳбубаш нишаст. Бедорӣ ва шабзиндадориаш аз зинда будани қалби ноором хабар медод. Нишасту бо ҳазор ниёиш ва саъйи ҷон ба манзили субҳ расид. Садои хурӯсе аз ҳавлии ҳамсоя баланд шуд ва аз пушти дар Ромиш-махсуми саҳархез овоз дод:

– Дӯстам, бедорӣ? По шав, бомдода мехонем, дар остона оби гарм гузоштам.

Мулло Фарҳод охирин оятҳои сураи «Мумтаҳина»-ро қироат карду аз ҷо хест ва шамъи то поин сӯхтаро ба лаби токчаи хона гузошт. Миёнбандашро аз болои яктаҳи пешкушода ба китф партофта арақчини нилирангро ба сар пӯшиду аз дар баромад. Офтобаро ба даст гирифта роҳравон ба самти чишнави[207] канори маҷнунбед, фармудаҳои расули акрамро аз мадди хаёл гузаронд: «Ҳар кас сураи «Мумтаҳина»-ро мутолиа намояд, тамоми муъминон – зану мард, аз ӯ шафоат мекунанд... Фариштагон бар ӯ дуруд фиристода, барои ӯ талаби бахшиш мекунанд. Агар дар ҳамон рӯзи қироати сура аз дунё биравад, шаҳид аз дунё рафтааст ва муъминон дар рӯзи қиёмат шафеи ӯ хоҳанд буд».

Мулло Фарҳод пас аз адои таҳорат худро хеле сабук ҳис кард. Дар ҳоле ки аз ҳавои сарди матбуи субҳгоҳон нашъа мебурд, аз пайи соҳибхона ба самти пешайвон қадамзанон каме бо лабханд изҳор кард:

– Хурӯсҳои шумо хеле масъулиятшиносанд, махсум, дақиқан вақти азон бонгашон гӯша кар мекунад.

---

[206] **Малофа** ملافه – рӯкаши бистару кӯрпа

[207] **Чишнав** چِشْنو – ҷойи обрез, ки махсуси таҳорат аст ва фозилоб дорад

Ромиш-махсум хандид:

– Нагӯ! Як ҳамсояи ғозгардан дорам, дар хонааш як даста мурғ мепарварад, дар миёни онҳо низ се-чор сар хурӯси даканг ҳаст. Баъзан бо ҳам чунон қуттос мезананд, ки мехоҳӣ бархезию сангборон кунӣ, – беист ба сухан даромад ӯ ҷойнамозҳоро паҳнкунон. – Ҳамеша бо ҳам сабқат мекунем – чун гуфтаат, онҳо бонг мезананду ман азон мегӯям.

Мулло Фарҳод завқи худро аз суханҳои дӯсташ фурӯ бурда, бедиранг ба гуфтани такбиру сано пардохт...

Намози бомдод ба охир расид. Аввал Мулло Фарҳод, ки имомат мекард, ва аз пайи ӯ Ромиш-махсум аз ҷо хеста, сӯзании ҷойнамозиро ҷамъ кард. Дар ҳамин асно ногаҳон чашми соҳибхона ба маҳсиҳои Мулло Фарҳод уфтод, ки ҳар ду тоқаш аз қафо каме даридагӣ дошт ва пахмоқҳои сапеди лойи чарм дида мешуд. «Имрӯз барояш як ҷуфт кафшу маҳсӣ мехарам, – аз дил гузаронд ӯ, – ба назарам, яктаҳу саллаашро низ бояд нав кард».

– Ғоибҷон ба чӣ ҳол бошад, хабар ҳам нагирифтем.

– Ман саҳарӣ аввал ба хонаи занҳо гузаштам. Хоҳарат гуфт, шаб таби баданаш каме боло рафта инҷиқӣ кардааст, ҳозир хоб, – ҷавоб дод Ромиш-махсум ва афзуд: – Таъйин кардам, агар аҳволаш хуб нашуд, табиба ҷеғ мезанам. Мирзотабиби маҳаллаамон ҳазору як гиёҳи шифобахш дорад, дасташ – гул.

– Умедворам ҳамааш ба хубӣ анҷом ёбад, ташаккур. Имрӯз чиҳо мекунем?

– Каме баъд аробакаш меояд, рахтҳои хушка ба ӯ месупорему ба зиёрат меравем. Медонам, дилат барои Хоҷа танг шудагист.

– Ман қурбони ту, аҳли фаҳмӣ, махсум!

Ҳар кас устоди кори худ аст. Вақте ки чашми корро медонӣ, ниёз ба «ина гир, вая мон» гуфтан нест. Дар лаҳзаи зарурӣ, ба таври шоиста шуғлатро анҷом медиҳӣ, вассалом! Ин воқеиятро Мулло Фарҳод имрӯз дар манзили рафиқаш равшану возеҳ мушоҳида кард. Дар як вақт Ромиш-махсуму ҳамсараш аз хона ба ҳавлӣ баромаданд, аз паси онҳо духтарашон Нурбӣ. Падар бо як маҳорати хос рахтҳои шустаро аз тор кашида ба Бибӣ медод, зан бо ҳаракатҳои тез устокорона либосу порчаҳоро таҳ мекард ва ҳамоно духтар аз дасти ӯ гирифта дар гиреҳ мегузошт ва ба рӯйи ҳар баста коғазеро бо исми соҳиби рахт мехалонд. Сараввал мулло хост барояшон ёрӣ диҳад, аммо ҳамин ки бо як чашмпӯшӣ онҳо дур шуданд, дигар ба канори суфа нишасту бо ҳавас андармони тамошо гардид. Аз ҳама ҷолибу шигифтовар он буд, ки дақиқан ҳангоми ба итмом расонидани кор, ба маҳзи ин ки гиреҳҳоро дар назди дарвоза қатор чиданд, аз берун овози чирросии ҷавоне шунида шуд:

– Бибихола!!! Сару баргат наменамояд, куҷоӣ!?

Аз ҳамсараш пештар Ромиш-махсум ба мулло рӯ оварда «аробакаш» гуфту сар ҷунбонд ва беист дарвозаро калон боз карда гуфт:

– Дод назанӣ, намешавад, аз ҷорчиҳо ҳам мегузаронӣ-е!

– Касбамон ҳамин, нороҳат нашавед, домулло, – ҷавоб дод ҷавони аробакаш лаҷоми аспашро як қадам дуртар аз дарвоза нигаҳ дошта, – баъзеҳо хоб мемонанд, то чиррос назанӣ аз болин сар намебардоранд.

Бибӣ ба сухан ҳамроҳ шуд:

– Бубин, Сурнай[208], ҳашт гиреҳ – ҳамааш поку покиза, рӯйи ҳам таҳ кардем. Даҳ тангаи парерӯзата кам куну бақия ҳама пулама деҳ!

– Не, не, ин хел намешавад, имрӯз пулам кам, ин бор нисфаша гиред, фардо Худо подшо!

– Э, ин ҳилаҳо ҳам ҳаст? Бибӣ, ту шабу рӯз ҷон канию ҳаққи дастат насия? Бас, дигар аз ин корҳо намекунӣ! – оташин шуд Ромиш-махсум.

– Аҷаб одамҳоед, ҳазла ҳам намебардоред-е! – мулоим шуда гуфт аробакаш. – Шумоён содиқу хушқавл ҳастед, розӣ мекунам.

Ромиш-махсум боз шӯрид:

– Розӣ мекунамаш чӣ? Мо гадоем магар? Барои кори ту се кас аз субҳ то шом овора, дастмузди ҳалолашона бурор!

– Хуб, хуб, ҳар чӣ мефармоед, домулло, ман чокари шумоям!

Ромиш-махсум дарҳол машғули бор задани гиреҳҳо ба болои ароба шуд. Дар ин дам Мулло Фарҳод низ расида омад ва ба эътирози дӯсташ эътино накарда ба ӯ ёрӣ дод. Сурнайҷавон бо мулозимат дастмузди Бибиро пардохта ёдрас намуд:

– Хола, агар вақт доред, ба хонаи амаки Қаҳҳор гузаред, як ғарам либос ҷамъ кардааст, ҳаққи нағз медиҳад... номард.

– Номард? – бо тааҷҷуб пурсида лабханд зад Ромиш-махсум. – Оё ҳаққи хуб доданаш номардӣ аст?

Аробакаш ба ҳузури муллою бачаҳои соҳибхона назаре афканду даст афшонда гуфт:

– Номардиаш қиссаи дигар аст, баъд ба худатон мегӯям. Хуб, хола, ба либос меравед ё ба ягон каси дигар таъйин кунам?

Бибӣ ҷавоб дод:

– Не, ба ҳеч кас нагӯ, ҳамин ҳозир Нурбӣ меравад.

– Э, оча...

– Бидав, духтарам, дур нест, як кӯча он тараф.

– Ба рафтан меравам, лекин боз ҳам мебояд чимтолама[209] пури санг кунам!

Ромиш-махсум ҳайрон ба ҳамсараш чашм дӯхт. Бибӣ кӯтоҳ шарҳ дод:

– Аз дасти бачаҳои безорӣ! Шилқинӣ мекунанд, сагбачаҳо, вай ҳам бо санг ҷавоб медиҳад.

– Оҳ-ҳо, аз маҳаллаамон осоиш гум шудааст-гӯй! Сурнай, ту ба амаки Қаҳҳорат гуфта мон, ман худам бегоҳӣ меоварам, пагоҳ мешӯянд, пасфардо мебарӣ.

Аробакаш бо ризоят сар ҷунбонда, қамчини баландашро ба осмон бардошту бо ҳамон садои чирросиаш дод зад:

---

[208] «Сурнай» лақаби аробакаш, ки занони маҳаллӣ ӯро чунин меномиданд.

[209] **Чимтол چمتال** – ҷайб, киса

– Чу-у!!

Ромиш-махсум яке худро канор гирифта гуфт:

– Ӯ шайтон-е!

Мулло Фарҳод тафти гуфтугӯро нашикаста ба Бибӣ рӯ овард ва кунҷковона пурсид:

– Хоҳар, ту ҳам намедонӣ достони номардии амакаша?

– Аз он воқеа ҳама хабар дорад, – бо табассум ба сухан омад кадбону, – Сурнайи мо ҳамчун Маҷнун дар ишқи Лайло – духтари Қаҳҳорамак месӯзад. Ҳама розӣ, ба ҷуз худи амак!

Ромиш-махсум гуфт:

– Пас ин тавр гӯй... Аробакашамон ҷавони нағз, заҳматкаш, агар шайтониаша камтар кунад, беҳтарин инсон мешавад. Бечора дар синни хурдсолӣ аз падару модараш ҷудо шуд, ятиму ясир монд, раҳмам меояд.

– Наход?! – ба шигифт омад Мулло Фарҳод. – Шояд  мо ба имдодаш расем, мехоҳӣ аз тарафи ӯ ба хостгорӣ равем?

– Кош ин кора мекардем, дӯстам, беҳтарин амали савоб мешуд! Ду-се рӯз бо ту шаҳра гардам, сипас ҳатман аз домани ин кор ҳам мегирем.

Дар ин миён чашмони Бибӣ аз пешниҳоди мулло ва суханҳои шавҳараш ҷило зад. Аз ниҳояти хурсандӣ дидагонаш пури об шуд, оҳиста нӯки рӯмол аз рӯйи чашм кашида ба хона баргашт. Нурбӣ низ аз паси ӯ рафт.

## Зиёрат

Бо ин ки дили Мулло Фарҳод бесаброна барои тавофи оромгоҳи пири Хоҷагон гум мезад, Ромиш-махсум ӯро мустақим ба бозори Каҷова бурд. Дар оғози рӯз мардуми шаҳр гӯё ҳама ба бозор рехта буданд. Аз пайи сарусадоҳои берабти аробаю фурғонҳо ва соҳибонашон ҳаёҳуйи харидорону фурӯшандаҳо низ боло шуда, дар фазои бозоргоҳ, то мағзи тоқу гунбазҳои растахонаҳо пахш мешуд. Махсуму мулло ба фарохонии савдогарон нигоҳ накарда, аз назди ғурфаю дӯконҳои заргарон, косагарон, мисгарон гузашта ба растаи сарулибос омаданд. Дар пеши чанд кас аз тоқияву миёнбанд гирифта то шалвору кафшу маҳсӣ ва ҷомаҳои ранг ба ранг рӯйи ҳам рехта буд. Ба маҳзи дидани харидор зану мард бо ишораю чарбзабониҳои беинтиҳо намунаи моли худро рӯйи каф гирифта тарғибу рӯнамоӣ мекарданд. Ромиш-махсум ин ҳама доду ҷеғро нодида гирифта, то залъи самти чап омад ва ба як марди кулӯтариши башангпӯшида, ки ба назар аз ҳама бештар молу манол дошт, рӯ оварда салом арз кард.

– Ҳар чӣ аз молҳоят хубу марғуб аст ба рӯй гир, Бақо! – азбаски фурӯшанда аз ошноҳояш буд, бо дили пур дархост намуд Ромиш-махсум. – Ба меҳмони азизамон, муллои муллоҳо сарутан мехарем!

Марди савдогар сари ғурур ва нишасти назарногири худро коста, ба маҳзи мурoҷиати махсум даст ба сари дил бурда гуфт:

– Як даҳон суханат, домулло! Фақат, хоҳишан ба ин тараф, ба дохили чодарам гузаред. Он чӣ ба табъашон нишинад бипӯшанду имтиҳон кунанд.

– Ана ин гапи дигар, ту худат яктоӣ, ҷӯра! – Ҳар ду паси ҳам ба қафо гузаштанд. Ҷавони тоқипӯше бо ишораи марди фурӯшанда ба хидмат ҳозир шуд. Ромиш-махсум пурсид: – Номат чист?

– Диёрам, домулло, бифармоед! Ҳар чӣ хоҳед, ба ҳар андозае, ки лозим бошад, дар дӯконамон ҳаст. Иштибоҳ наомадед, беҳтарин ҷинсҳо дар ҳамин ҷост!

– Боракаллоҳ, ана ба ин мегӯянд шогирди боэътимод. Бигир, хоҷаатро аз сар то по бипӯшон!

– Ба чашм!

Мулло Фарҳод якравӣ намекард, ҳар чӣ дӯсташ мехост, пайрави он мегашт. Бе ин ҳам, дар дил ният дошт ба маҳзи расидан ба шаҳр барои худу бачаҳояш сарутани тоза бихарад. Мисли ин ки Ромиш-махсум дили ӯро мехонд, ба хусус, пеш аз зиёрат либоси тоза пӯшидан айни муддао буд. Дар ин дами масарратбахш, аз як сӯ сарусадоҳои бозориён ва аз ҷониби дигар, дилёбию талошҳои махсум ӯро хушҳол мекард. Агарчи худаш одитарин либосвориро мехост, дӯсташ ба ин имкон намедод. Ӯ тамоми моли ошнои савдогарро тагурӯ карда, беҳтарин ҷинсро ба рӯ мегирифт ва аз мулло хоҳиш мекард, ки пӯшида бинад. Дунафарӣ, ҳамроҳ бо Диёр дар хидмати ӯ ҷон меканданд...

– «Хонаю палос, одаму либос», ҳақ ба ҷониби касест, ки ин таъбирро гуфтааст! – Ромиш-махсум аз бозор баромада, ду чашм ба Мулло Фарҳод роҳравон изҳор намуд. – Ба ту либос мезебад, дӯстам, яктаҳат боби танат омад, ранги хокистарӣ намоята кушод. Саллаат ҳам он қадар бузург нест, баҳ-баҳ, кафшу маҳсиҳора бин!

Мулло Фарҳод аз таърифҳои махсум хиҷолат кашида, бо табассум муште оҳиста ба китфи ӯ зад ва гуфт:

– Чашми ту зебо мебинад, дӯстам! Лекин, бас, ҳама ба мо менигаранд...

Бе он ҳам аксари бозориён то ин дам муроқиби Ромиш-махсуму ҳамроҳи ӯ буданд. Ба назар мерасид, ки махсум то ҷое шахси шинохташуда аст, аз пеши ҳар растае мегузаштанд, ба ӯ бо таъзиму такрим рӯ оварда, даст ба рӯйи сина мегузоштанд. Худи вай ин эҳтиромро нодида мегирифт, ба хурду калон бо шумханди ҳамешагӣ, кафи дасташро каме ба боло бардошта ҷавоби салом медод. Дар ин миён он чиз таваҷҷуҳи Мулло Фарҳодро ҷалб намуд, ки ҳар ҷо-ҳар ҷо дар васати маҳаллиҳо мардҳои урупоипӯшида, онҳое, ки мушаххас буд кормандони Ҳукумати Шуроҳо ҳастанд, дида мешуданд. Дар канораҳои бозор, бар сари залъи роҳҳои рафтуомад ҷавонони силоҳбадасти сурх қадам мезаданд. «Дар ин шаҳр аллакай ҳукумати нав тасаллут дорад...» – аз дил гузаронд мулло ва аз дӯсти махсумаш қафо намонда, бозори Каҷоваро паси сар гузошта, ба самти оромгоҳи Хоҷа Абдухолиқи Ғиҷдувонӣ ба роҳ уфтоданд.

*– Ё Раб, чӣ хуш аст бе даҳон хандидан,*
*Бе воситаи чашм ҷаҳонро дидан.*
*Биншин, сафар кун, ки бағоят хуб аст*
*Бе заҳмати по гирди ҷаҳон гардидан, –*

Мулло Фарҳод ба оромгоҳи Хоҷа Абдулхолиқ наздик шуда, сурудхонон аз зинаҳо ба боло, барои тавофи қабри саркушода шитофт.

Дар паҳлуи ӯ Ромиш-махсум низ қадамзанон ба илҳом омад:

*– Чун мегузарад умр, камозорӣ беҳ,*
*Чун медиҳадат даст, накӯкорӣ беҳ.*
*Чун киштаи худ ба дасти худ медаравӣ,*
*Тухме, ки накӯтар аст, агар корӣ, беҳ!*[210]

Мулло Фарҳод бо мамнуният ба дӯсти худ нигоҳе андохт. Аз он ки ӯ низ аз рубоиҳои пири Хоҷагон медонист, хушҳол шуд, вале аз дасти пазмонӣ ва бо ёди мутасаввифи маҳбуб гиряашро дошта натавонист. Даври марқади Хоҷаро се бор гашта, дар гӯшаи самти чапи он сари дузону нишаст ва нарм-нарм кафи даст аз рӯйи қабр кашида, бо оҳанги ҳазину муассир ба қироати сураи «Фотиҳа» пардохт. Ромиш-махсум бар рӯйи курсии сангини канори қабр ҷо хуш кард, се-чор нафар боздидкунанда низ бо шунидани овози мулло рӯйи по нишастанд. Дар дилҳо мавҷи сурур ҷавона зад, хаёлҳоро сукунати руҳбахше бо ёди муршиди Хоҷагон фаро гирифт, дидаҳо пури об, синаҳо аз оташи меҳру имон сӯзон шуд.

Пайи ҳам аз канори қабр гузашта аз зинаҳо ба поин фуромаданд. Ромиш-махсум ба пайроҳаи самти рост печид.

– Пас аз тавофи оромгоҳи модари Хоҷа ба масҷид меравем, – пеш аз Мулло Фарҳод роҳ рафта гуфт ӯ, – хеле мехостам ба шогирдони мадраса перомуни Хоҷа Абдухолиқ дарсе гузарӣ, дӯстам.

– Пас, барои чӣ ба масҷид? Магар мадраса баста аст?

– Оре, ду-се моҳ аст, ки ба ҳар ду дари он қуфлҳои калон-калон задаанд. Ходимони шуравӣ гуфтаанд, ки дар худи Бухоро ҳам ҳеч як мактабу мадрасаи куҳна намонд, дигар ба он муассисаҳо эҳтиёҷ нест.

– Вале ба масҷид коре надоранд?

– Дар Ғиҷдувон ҳамин якто монд, дигар ҳамааш анбору мактабу идораҳои шуроӣ шуд.

– Ин ҳам дарди бахайр. Шунидем, ки дар бисёр ҷо аз масҷидҳо тавила дуруст кардаанд, ноҷинсҳо...

Тоза ба сари қабри модари Хоҷа расида буданд, ки Ромиш-махсум ногаҳон аз дами дари вурудии оромгоҳ омадани чанд нафарро дида овоз баланд кард:

– Эҳ-ҳе, бубин, Мулло Ҳилол ба зиёрат меоянд!

– Эшон киянд?

– Имомхатиби масҷидамон. Нигоҳ кун, ҳамраҳонашон бегонаанд, зоҳиран аз марказ омадаанд.

Ромиш-махсум ба самти меҳмонон қадам ниҳод. Вақте ки ба ҳам наздик шуданд, бо эҳтиром ба имомхатиб салом арз кард. Мулло Ҳилол низ ӯро дида

[210] Ҳар ду рубоӣ аз сурудаҳои Хоҷа Абдулхолиқи Ғиҷдувонӣ аст.

хушҳол шуд, дасташро раҳо накарда, ба ҳамраҳони сипопӯшидааш рӯ оварда гуфт:

– Мулло Ромиш, дар мадрасаи Хоҷа Порсо таҳсил гирифтааст. Ӯ аз ҷумлаи муллоҳои саршиноси мост, ҳофизи Қуръон, ба ҳама масоилу аҳкоми дин ворид аст...

Вақте ки имом ҳарф мезад, Ромиш-махсум бо вуҷуди серҳарфии худ дар ин лаҳза лол монд, аз таърифҳои ногаҳонӣ дар худ печида, хомӯшу дам дар дарун ба меҳмонон даст дода вохӯрӣ кард. Ҳамин лаҳза, ба ҷойи ӯ Мулло Фарҳод ба маҳзи чашм дӯхтани имомхатиб худашро шинос кард:

– Банда шарикдарси Мулло Ромиш ҳастам, аз Нур барои зиёрат омадем.

Дар ин ҷо, махсум ҳушёр шуд ва дар идомаи суханҳои мулло изҳор намуд:

– Меҳмонро хайра мақдам мегӯем, ҷаноби имом кори савоб кардед, тавофи Хоҷаи бузург беҳтарин зиёрат аст. Дӯсти ман ҳам аз диёри муқаддаси Нур ташриф овард, бо ҳам дар мадраса мехондем, аммо вай бузургтар аз мост, ба илми дину тасаввуф комилан ворид аст, ба маротиб беҳтар аз мо Каломуллоҳу аҳодисро медонад. Мулло Фарҳод роҳи соликону раҳравони тариқати Хоҷагонро то охир тай намудааст.

– Бисёр хуб! – бо алоқаи бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуд имомхатиб. – Ман ҳамин рӯзҳо дунболи ту мегаштам, нағз шуд, ки ин ҷо вохӯрдем.

– Дар хидмат ҳастем, ҷаноби имом.

– Аз ин пас худат дар масҷидамон имоматӣ мекунӣ, ҳар қадар гаштам, ғайр аз ту ягон муллои табъи дил пайдо накардам.

– Шумо бузургамон ҳастед, мо куҷову имоматӣ куҷо?

– Пас аз бозпурсию имтиҳонот маро ба идораи динии Самарқанд фаро хонданд. Фардо ҳамроҳи меҳмонон ба он ҷо меравам, бояд кори навро шуруъ кунам.

– Муборак аст! – хушҳол шуд Ромиш-махсум. – Аз ин ки маро ба ҷойи худ муносиб мебинед, хеле сипосгузорам, лутфу марҳамати шумо зиёд, ҷаноби имом, – ва ин дам фикре, ки мисли барқ дар хаёлаш дурахшид, ба забонаш омад: – аммо номзади беҳтар аз ман дӯстам Мулло Фарҳод аст! Имоматиро ба ӯ месупорем, дар назди донишу маҳорати ӯ мо ҳанӯз шогирдем.

– Боз ҳам беҳтар! – хушҳол ба суханаш идома дод имомхатиб. – Мо чанд кори дигар дорем, дар намози пешин ҳамдигарро мебинем ва боз суҳбат мекунем. Ҳоло биёед дуои зиёрат бихонем...

## Масҷиди озод

Намозгоҳи масҷиди ҷомеъ сокиту ором буд. Намозгузоронро мешуд бо ангушт шумурд. Азбаски ҳама ҳозиршудагон машғули китобу дуохонӣ буданд, ғиҷ-ғиҷи дари дулинга як тараф, садои помонии тозаомадаҳо низ шунида мешуд. Мулло Фарҳод ин гуна хомӯшии намозгоҳро дар масоҷиди шаҳрҳо аслан надида буд. Бо ин ҳол, тааҷҷуб ҳам накард. Медонист, ки хурӯс дар ҳама ҷо яксон бонг мезанад. Дигар аз он айёме, ки бар замми намозгоҳи

калон роҳраву айвону ҳавлиҳои масҷид низ бо одам пур мешуд, набояд ёд кард. Он мусалмониҳо дар таърих монд... рафт...

– Аҳли муъмину мусалмон, бародарони азиз, ҳузури ҳар яки шумо ихлосмандони роҳи Худову паёмбари акрам дар ин даргоҳи поку мутаҳҳар лоиқи таҳсин аст, хуш омадед! – садои баланду гирои Ромиш-махсум таваҷҷуҳи нишастагонро ҷалб намуд ва Мулло Фарҳод низ аз доми хаёлрониҳо раҳо ёфта гӯш ба ӯ дод. – Намедонам шумо огоҳ ҳастед ё на, муқаддаман аз имрӯз имомхатиби гиромиямон Мулло Ҳилол моро тарк мекунанд. Эшон аз ин ҷо ба Самарқанд мекӯчанд ва дар идораҳои воломақоми динӣ машғул ба кор мешаванд. Аз пайи дастуре, ки ҳазрати имомамон ба камина фармудаанд, банда маъмурам имоми нав, сархатиби масҷидамонро ба шумо муаррифӣ намоям.

Дар ин лаҳза намозгоҳ батамом сокит шуд, агар паша пар мезад садои болаш ба гӯш мерасид. Аз миёни нишастагони сафи пеш мӯйсафеди нуронӣе, ки риши сап-сафеди ӯ дарозтар аз фаши саллааш буд, ба сухан омад:

– Аз ин хабарҳо огоҳем махсум, аммо ҳама фикр мекардем худат муллои калон мешавӣ, магар ҳамин тавр нест? – бо дида андохтани мӯйсафед ба атроф садоҳои пасту ғалоғулаи канда-канда дар миёни намозгузорон баланд шуд. Мӯйсафед суханашро дунбол кард: – Ё худатро канор кашидӣ, чӣ хабар, махсум?

– Ҳоҷибобо, ҳарфи шумо саҳеҳ аст, вале бовар кунед, дар ҳамин асно ба китфи мо мурғи бахт нишаст! Дӯстам Мулло Фарҳодро худи Офаридгор бароямон расонд! – Ромиш-махсум хам шуду кафи даст ба дӯши мулло гузошт, ки ӯ низ дар канораш хезад ва афзуд: – Ману Мулло Фарҳод дар мадрасаи Хоҷа Порсо бо ҳам таҳсил кардаем, ӯ ба муллоиву имомат сазовортар аз ман аст. Мулло Фарҳод ҳанӯз дар солҳои толибилмӣ дар маъҳади мо мударрисӣ мекард, ӯ сӯфӣ аст, ҳофизи Каломи Худост, ба ҳама донишу маонии динӣ ворид аст. Ман кафили бузургворӣ ва роҳбаладии ӯям!

Ромиш-махсум чунон бо ҷуръат ва мутмаин ҳарф мезад, ки аҳли масҷид ба ваҷд омаданд, ба ҳамдигар нигариста, бо таъйид сар ҷунбонда, ризояти худро нишон доданд. Мӯйсафеди нуронӣ дубора гуфт:

– Агар ҳамчунон бошад, ҳамчунин бодо! Мо ҳамрайъи туем, махсум!

Аз суханҳои муҷази мӯйсафед ҳама ба завқ омаданд. Ромиш-махсум бо табассум изҳор намуд:

– Аз ҳамчунон заррае онсӯтар нест, Ҳоҷибобо, худам вакили пешкории дӯстам хоҳам буд. Ҳамин замон худи Мулло Ҳилол низ ба намоз меоянд, имрӯз бо мо худоҳофизӣ карданианд, – ӯ ба Мулло Фарҳод рӯ оварду афзуд: – Дӯстам,

*Ҳама мӯбадон раъйи ҳушёри хеш*
*Ниҳоданд дар пеши солори хеш*[211].

Бифармо, ваъзи қабл аз намозро аз ту бишнавем!

---

[211] Байт аз Ҳаким Фирдавсӣ

Мулло Фарҳод ҳанӯз ҳарфе назада мӯйсафед аз нав дар миёни сухан тохт:

– Махсум, чанд бор қавл дода будед аз сулуку мактаби Хоҷа Абдухолиқ ваъз гӯед, вале доим бод дар остинамон мекунед. Мо-ку чизҳое медонем, аммо ин бачаҳо чӣ гуноҳ доранд? Аз он чи мукаррар бигӯем, «Хоҷаи мо нахустин пири Бухоро аст», «тариқати Хоҷагонро поя гузоштааст», чӣ суд?

– Ҳоҷибобо, мо ба қавламон устуворем! Метавонед аз имомамон бипурсед, ҳамин имрӯз ин хоҳишро аз ӯ карда будам. Шумо акнун ин дарсҳоро аз устодаш мешунавед!

– Ба номи Худо, ки раҳматаш беандоза аст ва меҳрабониаш ҳамешагӣ! Ба номи Худое, ки моро ба роҳи рост роҳнамоӣ кунад! – Мулло Фарҳод ҳам ба хотири ҳимоят аз дӯсташ ва ҳам барои муаррифии худ дилпурона, бо садои ширадори муллоӣ ба сухан пардохт, аҳли масҷид гӯшу ҳуш ба ӯ шуданд. – Мо ҷумла муъминонем, ки ба ҳар чӣ нозил шуда аз Худованд имон овардаем ва Худо нигаҳ дорад аз касоне, ки кофар гардидаанд. Онҳоро чи ҳушдорашон бидаҳӣ, чи надаҳӣ, имон намеоваранд. Чун замонаи мо нозук шудааст ва зиндагӣ барои аҳли муъмину муслим танг, ба ҳар яки шумо таҳаммул ва умедворӣ орзу дорам. То замоне, ки ин рӯбарӯйӣ насиби мост, ман бо шумо хоҳам буд ва бо ҳам намоз мегузорем, ваъзгӯйӣ мекунем ва дар эътиқоду имони хеш собит мемонем. Чун сухан дар мавриди Хоҷа Абдулхолиқ рафт, ба унвони вориси ин пири тариқати маъруфи Хоҷагон, ки баъдан Нақшбандия шуда, мо ҳама ҳаққи комил дорем бештар омӯзему бештар донем. Яқинан, аз ҷараёни зиндагии Хоҷа ҳар яки шумо воқиф ҳастед, бо ин ҳол, дар ин нишасти аввал ният дорам ба таври иҷмолӣ дар атрофи таълимоти ӯ сухане чанд ироа намоям. Хоҷа Абдулхолиқи Ғиҷдувонӣ аз бузургтарин пирони тариқати Нақшбандия, яке аз машоихи номии Вароруд аст. Силсилаи Хоҷагон мансуб ба ӯ ва ҳашт асли усули ёздаҳгонаи тариқати Нақшбандия аз ӯст. Падараш як нафар муқтадии вақт, олими зоҳиру ботин буда, маъруф бо номи Абдулҷамил Имом. Ӯ дар Рум сакана доштааст ва ба сабаби ҳаводиси айём бо мутааллиқони худ ба Вароруд муҳоҷират мекунад. Эшон дар Ғиҷдувон иқомат мегузинад ва Абдулхолиқ дар ҳамин ҷо ба дунё меояд. Хоҷа дар синни нуҳсолагӣ ҳофизи Қуръон шуд, бубинед, ҳамнишастон, мо дар хусуси чӣ касе суҳбат мекунем, аз даҳсолагӣ ба ҳалқаи дарвешон ва аҳли зикр пайваст! Хоҷа аз дасти Юсуфи Ҳамадонӣ хирқа пӯшид, ки он замон бисту дусола буд ва пас аз ӯ халифа ва идомадиҳандаи тариқати он хоҷа гардид. Пас аз он ки Хоҷа Юсуф ба Хуросон меравад, Абдулхолиқ ба риёзату хилват ва муҷоҳидат менишинад ва пас аз чанде ба иршод мепардозад. Охири умр дар Ғиҷдувон буд ва пас аз вафот[212] дар ҳамин ҷо ба хок месупоранд. Хоҷа васият кардааст, ки қабрашро иморат накунанд, аз ин рӯ, ин хокҷо бе соябону гунбаз аст. То ба имрӯз мадфани эшон яке аз зиёратгоҳҳои муътабар мебошад, – Мулло Фарҳод як дам аз суханронӣ бозистод, ҳамаро хомӯш дида, бо ҷиддият ба ваъзи худ идома дод: – Тавре ки ёдовар шудем, ҳашт асли тариқати Хоҷа инҳоянд: ҳуш дар дам, назар бар қадам, сафар дар ватан, хилват дар анҷуман, ёдкард,

[212] Соли 575 ҳ.қ. мутобиқ бо соли 1179 милодӣ

бозгашт, нигоҳдошт ва ёддошт. Ҳар нафасе, ки фурӯ меравад, ёридиҳандаи ҳаёт аст ва чун бармеояд, муфарраҳи зот. Пас, дар ҳар нафасе ду неъмат мавҷуд аст ва бар ҳар неъмате шукре воҷиб. Азизон, ин тавзеҳи ҷузъии «ҳуш дар дам» аст ва «назар бар қадам» ба ин маънист, ки нигоҳи солик ҳангоми рафтану омадан дар хиёбону саҳро ва дар ҳама ҷо бар пушти пойи ӯ бошад, то назари ӯ пароканда нашавад ва ба ҷое, ки намеёбад, наафтад. «Сафар дар ватан» он аст, ки солик дар табиати башарӣ сафар кунад, яъне аз сифоти башарӣ ба сифоти малакӣ ва аз сифоти замима[213] ба сифоти ҳамида бигзарад. Шарҳи ҷузъии «хилват дар анҷуман» бошад, бар ду навъ аст. Яке хилвати зоҳирӣ, ки солик дур аз мардум дар гӯшае хилват, ба танҳоӣ менишинад, то ӯро иттилоъ бар олами малакут ҳосил шавад. Зеро, агар ҳавоси зоҳира аз кор боздошта шавад, ҳавоси ботина ба мутолиаи оёти малакут мепардозад. Навъи дувум хилвати ботинӣ аст. Яъне, он ки ботини солик дар мушоҳидаи асрор ҳақ бошад ва худ ба зоҳир бо халқ бошад. «Ёдкард» ба маънии зикри лисонӣ ё қалбӣ аст. Тавре ки зикр дар роҳҳои гуногуни тасаввуф муҳимтарин амал буда, ғараз аз он ҳосил шудани малакаи ҷамъият аст. Асли «бозгашт» ба он маънӣ аст, ки солик пас аз ҳар зикр ин иборатро ба забон меоварад ё аз дил мегузаронад: «Худовандо, мақсуди ман туӣ ва ризои ту хостаи ман аст». «Нигоҳдошт» муроқиба аз хавотир[214] бошад, чунонки дар як дам чанд бор калимаи «тайиба»-ро мегӯяд, ки хотир ба ғайри он наравад. Яъне, нигаҳ доштани қалб аз он чӣ ғайр аз Ҳақ аст. Ва ниҳоят, мазмуни «ёддошт» давоми огоҳӣ ба Ҳақ, бар сабили[215] завқ, ҳузури беғайбат аст. Ба ин усули ҳаштгонаи Хоҷа Абдулхолиқ, ки ҳар якеро дар оянда муфассал шарҳ хоҳем дод, Хоҷа Баҳоваддини Нақшбанд се асли дигарро меафзояд: вуқуфи замонӣ, вуқуфи қалбӣ, вуқуфи ададӣ...

– Дӯстам, Мулло Ҳилол меоянд, – ногаҳон аз ҷойи нишаст хабар дод Ромиш-махсум ва бо хомӯш шудани Мулло Фарҳод аз ҷо баланд шуда, таваҷҷуҳи аҳли масҷидро ба дари даромади самти чап ҷалб намуд ва дар идомаи суханаш гуфт: – Вақти намоз ҳам шуд, ман азонро мегӯям, ту ба истиқболи домулло баро, – махсум ба нишастагон рӯ оварда афзуд: – Иншоаллоҳ, идомаи ваъзи имомро дар намозҳои баъдӣ мешунавем, ҳама сафҳои пешро пур кунед, ба назм биёед, ба иттифоқи муллои калон салоти пешинро мегузорем.

Мулло Фарҳод аз минбар канор омада, аз Мулло Ҳилол ва ду ҳамроҳи ӯ, ки шоду хушҳол, сарҳои худро баланд бардошта, устувор қадам зада ба пешгаҳ расиданд, пазироӣ кард. Дар ин ҳангом садои азон баланд шуд, ҳама сари ҷойи худ нишастанд. Дар сафи пеш Мулло Ҳилол бо шариконаш ва Мулло Фарҳод дар як хат ҷо хуш карданд. Пас аз хондани дуои баъд аз азон ҳама пасу пеш сари по хестанд ва ҳар кӣ барои худ ба гузоштани чаҳор ракъат суннат пардохт.

---

[213] **Замима ذمیمه** – зишт, носутуда, накӯҳида
[214] **Хавотир خواطر** – ҷамъи хотир, андешаҳо
[215] **Сабил سبیل** – роҳ, тариқ

## Бо ёди дӯст

Хониши беисти кабки дарӣ дар фазои ҳавлӣ танин андохт. Ҳарчанд ба қақра-қақарҳои мурғи хушилҳон аҳли хона одат карда буданд, ин дафъа Баҳроми баззоз садои дӯсти қафасбанди худро ба навъи дигар шунид. Ин саҳар овозхонии кабк гӯё нигароние дар худ дошт, мехост чизеро аз соҳибаш илтиҷо кунад. Садои дардолуди тӯлонӣ аз ғами калоне дарак медод, ки шояд заҳри фироқу пазмонӣ, дилтангии танҳоӣ, озурдагиҳое аз по задан дар сари ҷо буд.

– Дараҳои Боруро ёд кардӣ? Хумори зодгоҳат туро азият медиҳад? – бо нӯли обдаст ба қуттичаи қафас об рехта ба кабк ҳамдард шуд Баҳроми баззоз. – Аз он рӯзе, ки Фаршедҷон туро дар ихтиёри ман гузошт, як сол мегузарад, вале ҳеч гоҳ ба ин сахтиву алам садоятро нашунидаам. Ё аз беғамии ман нороҳат ҳастӣ, ки аз дара, аз дӯстони кӯҳистониат хабар намегирам?

Кабк дубора аз мағзи гулу хониши дардомезе баровард, чашмони мисли лахча сурхшудаашро аз соҳибаш гурезонд. Бо панҷаҳои қирмизранг симтӯри қафасро харошид, ором нагирифта, ба ҳар чӣ рост омад, нӯл зад. Сари хурдаки худро чунон тез мезад, ки танҳо нӯли мишкин ба чашм мерасиду алвонҷи бадани ғуншудаи нооромъ. Баҳроми баззоз ба шигифт омад, мисли ҳамеша хост сарашро сила кунад, вале вай даст надод, ба самти муқобил рӯ гардонд. Фикре барқосо ба зеҳни соҳиб зад. Ба пас гашту аз зинаҳо боло рафт ва ҷомаи гарми худро пӯшида баргашт. Овози ҳамсараш аз пушти сар шунида шуд:

– Дар каллаи саҳар ба куҷо мешитобед, чӣ хабар додош?

Баҳроми баззоз ҳарфе назад, хаёлолуд ба ҳавлӣ фуромада, аз қирраи чашм ба кабки нооромъ нигоҳкунон аз дарвозаи калон ба кӯча баромад. Мустақиман роҳи манзили Эшон Саидҷонро пеш гирифт. Як ҳафта пеш бо ҳам қарор гузошта буданд ба суроғи Мулло Фарҳод мебароянд. «Рӯз омада меравад кас бехабар мемонад. Мо ин ҷо дар хонаи худ, пеши зану бача роҳат карда мегардему дӯстамон дар ғарибиҳо сарсону саргардон. Худо медонад, чӣ рӯзҳоеро аз сар мегузаронад – сер аст ё гурусна, пӯшида аст ё лухт, ҳавои озод нафас мекашад ё дар зиндон... Эҳ, Баҳроми беғам, эҳ дӯсти бехаёл! Одамгарӣ ҳамин аст, ошноию ҳамнишиниҳо то ҳамин ҷо буд? Наход ки як сол мегузараду ту наздиктарин инсонатро суроғ намекунӣ... ба аёдаташ намеравӣ... Пас, он ҳама қавлу ваъдаҳо чӣ шуд? Магар ту набудӣ, Суҳробро аз роҳ задӣ, Фаршеду Фарнурро ба пас гардондӣ, ки имрӯз шишаи паймон мешиканӣ?...» Баҳроми баззоз ба суръаташ афзуд, барои ҳарчи зуд расидан ба хонаи эшон шитофт. Намехост ҳатто як лаҳзаро аз даст диҳад, дигар вақти баҳона нест, аз ин пас ҳар гуна баҳонаҷӯйӣ узри нобаҷост!

«Фиғон, аз ҳар чӣ метарсидам, ба он расидам!» Баҳроми баззоз ба маҳзи омадан ба назди манзили эшонино ду қуфлу як танбаи бузургеро дар паси дарвозаи онҳо диду ҳуш аз сараш парид. Наход ки ин ҳаёти бесару таҳ, ин хона, не-не, ин кохи боҳишмат, ки шабу рӯз пур аз меҳмону муштарӣ буд, холӣ бошад? Куҷо рафтанд одамонаш? Бадани Баҳром ларзид, гӯё боди сарде аз сару буни деворҳои сарбаланд боло хесту ба тану ҷони ӯ вазид. Боди хунак дар чиллаи баҳор! «Эй Худоҷон, хаёли маро ба ёди ҳодисаҳои талх мабар, накунад

ки сарнавишти Бобои Судур ба эшонзодаҳо низ даст дода бошад...» Поҳои худро беҳолу нимҷон ҳис кард, калавида наздиктар рафту пушт ба сутуни соябони пеши дар ба рӯйи таҳкурсии сангин нишаст. Амиқ оҳ кашиду онро аз димоғ баровард. Чанд гоҳе дар саҳни хаёл азобу уқубатҳои Судурбобо пайдо шуданд. Аз дасти зимомдорони Ҳукумати Шуроҳо ӯ аз баҳри ҳама дову дастгаҳ ва боғу манзилаш баромад ва бо оилааш шаҳрро ба мақсади деҳаи дурдасти Қушоғоч тарк кард. Бо ин ки инсоне буд ғамхору пуштибони мардуми одӣ, сохти нави шуравиён вайро напазируфт. Оре, ғурури ӯ, андешаҳои озод ва роҳи мустақили ӯ ба ин имкон намедод. Масъулини бозҷӯйиву назорати сохти нав бо салоҳдиди худ барояш айбнома дуруст карданд ва эълом намуданд, ки Турсунхоҷа эшон аст, мақоми судуриро аз иморати куҳна гирифтааст, одамҳоро дар умури сохтмонию деҳқонию боғдорӣ ҳамчун муздур ба кор кашидааст. Бо ин ҳукм ӯро аз гӯшаи фирор дарёфтанд ва бо вуҷуди эътирозҳои аёну ниҳони мардум, бобои олиҳиммат ба Самара табъид шуд. Дигар, на аз ҳолаш хабаре ҳаст, на аз заволаш...

Баҳроми баззоз ба сутун такя карда аз ҷо хест. Бехаёл ба самти ҳаммоми шаҳр роҳ пеш гирифт. Медонист, ки ҳаммомдор Ҳоҷӣ Анвар аз ҳама гап огоҳ аст. Акнун ӯро касе «ҳоҷӣ» намегӯяд, барои ҳама Анварака аст. Гармобааш низ мисли пештара моли хусусии ӯ нест, давлатӣ шудааст. Ӯ мудирият мекунад ва дар радифи кормандонаш маош мегирад. Бо ин ҳол, утоқи қабул дорад, чойи сабзу лӯнгию дасторхҳояш – ҳама сари ҷо!

Баробари дидани Баҳроми баззоз ҳаммомдор бо шаст по шуда, ба пешвозаш шитофт. Маълум буд, ки барои ошнои азиз дилаш танг шудааст. Бо меҳр ба ӯ бағал кушод, вале дӯсти ҳамешабаҳорашро надида лутфомез пурсид:

– Чин бар ҷабин чаро задай, хандаҳоят ку?

– Ҷойи шӯхӣ нест, ҳоҷӣ, – дасти вохӯрӣ аз китф кашида гуфт баззоз, – қулфу пуштбанди дари Эшонро дидаму хун ба сарам зад, чӣ хабар?

– Биё, ба хонаам дароем, сари як пиёла чой ҳама хабарро бароят нақл мекунам, биё, дӯстам.

Бо таоруфи ҳаммомдор ҳар ду ба хоначаи самти рост, ки ҳанӯз ҳам он ҷо идораи ӯ буд, даромаданд. Баробари дохил шудан Ҳоҷӣ Анвар ба ходими ҳаммом, ки даст ба пеш онҳоро ҳидоят мекард, гуфт:

– Қӯчқор, як чойи талху набот биёр!

– Хуб шудаст, Анварака!

– Корубори худат чӣ хел, ҳоҷӣ? Гармобаи туро ҳанӯз «шуроӣ» накардаанд? – бо танз ба сухан омад Баҳроми баззоз, дар ҳоле ки донист дӯсти ҳаммомдораш аз ҳама чиз бохабар аст.

Ҳоҷӣ Анвар низ бо мутоиба гуфт:

– Гармобаи мо ҳамон хари маъруф аст, ки танҳо полонашро дигар кард, дӯстам. Мо ҳам сурх шудем, мусалмону кофарро баробар қабул мекунем. Пули ҷамъшударо ба давлат мерезем, ба мо моҳона медиҳанд. Мегӯянд, дар шафати Чашма як бонё[216] месозем... Ҳар кор кунанд майлаш, оби покро ҳаром накунанд шуд. Дидӣ, Чилсутунро чӣ карданд?

[216] **Бонё** بانيا – ҳаммом, гармоба

– Не, чӣ шуд?

– Аз нисфи ҳодисаҳои дунё бехабар будаӣ, дӯстам! Мефаҳмам, корат савдогарӣ, аз шаҳр ба шаҳр мегардӣ, гузорат ба ин ҷоҳо кам меуфтад.

– Рост, охирин бор бо Эшон Саидҷон Чашмаро зиёрат карда будем, расо як моҳ мегузарад.

– Эҳ-ҳа, як моҳ?! – Ҳоҷӣ Анвар бо шигифте, ки дар ин як моҳ гӯё ҳазору як воқеа рух додааст, ишора карда афзуд: – Фирқавиён масҷиди ҳазорсолаамонро анбор карданд! Мефаҳмӣ чӣ мегӯям? Ҳар чӣ касифу заҳру зақум буд, оварда дар ин ҷо рехтанд. Эшонҳоямон тоқат наоварда исён бардоштанд. Аммо, эътироз карданду ба сари худ бало хариданд. Додситони шуроҳо ба ҳама парвандаи ҷиноӣ кушод.

– Пас, он дарвозаҳои танбазада аз ин хотир аст?

– Оре, бино ба маслиҳати мӯйсафедон бо оилаашон фирор карданд, – Ҳоҷӣ Анвар наздиктар ба пеши баззоз лағжида гӯшакӣ гуфт: – Онҳо ба дараи Битов паноҳ бурдаанд.

– Аҷаб сиёсатҳое ба сарамон омад. Ба ақли кас намеғунҷад, ки як рӯз эшонҳо низ ба кӯйи саргардонӣ меуфтанд. Ёдат ҳаст соли гузашта чӣ ҳиммати бузурге карда буданд?

– Манзурат ғаллаҷоту меваҳои хушки бойбачаҳои фирорӣ Ҳақназару Эрназар аст?

Баҳроми баззоз мулоим хандид ва бо завқ афзуд:

– Хуб коре карда буд Эшон Атоҷон! Бо бародараш хорбори ба амонат гузоштаи бойҳои ҳарисро заррае намонда ба одамон тақсим карда дод.

– Он рӯзҳоро аҳли Нур фаромӯш намекунанд. Медонам, гуруснагӣ мардуми бечораро азият медод, бисёриҳо ҳатто як коса атола барои хӯрдан надоштанд. Виҷдони эшонзодаҳо тоб наёвард, ҳарчанд моли анборашон аз они худашон набуд, дарҳояшро барои халқ кушоданд, дар зимистони қаҳратун кори савоб карданд.

– Фирқавиён ҳамаи инро бо чашми худ медиданд, вале имрӯз раҳм намекунанд...

– Чиҳо мегӯйӣ? Ҳамон кори савоби эшонҳо низ барои муфаттишони шуроӣ далели ошкоре буд, ки онҳоро бадном кунанд. Гӯё эшону эшонзодаҳо ба хотири ҷалб намудани мардум ба сӯйи худ ва нафрат варзидан ба ҳукумати нав ғаллаву ғизо додаанд!

– Ба хизмат туҳмат шуд гӯй...

Ҳаммомдор ба маънии тасдиқ сар ҷунбонд. Дар ҳамин асно ходимаш Қучқор бо як дасторхон ва чойники чой даромад.

– Анваракa, марҳамат, чойи кабуд, табъи дили Баҳромака талх дам кардам! – хушҳол аз хидмати худ арз кард ӯ. – Агар ин ҷо бошанд, самбӯса ҳам биёрам?

– Раҳмат, додар, намехоҳам, – гуфт баззоз ба ҷойи ҳаммомдор, – дер нашуда бояд ба дӯстон расам. Афсӯс, бо Эшон Саидҷон ният доштем ба Ғиҷдувон равем, вале мебинам, ки худаш ба ёрию ғамхорӣ муҳтоҷ аст...

***

Ҳавои гарм доман густурд. Аз фарқи хаймаи осмон, ки рӯйи заминро бе сутун мепӯшонд, Хуршед худнамоӣ мекард. Офтоби оташгун бар сари ҳар чизе, ки дар зераш буд, бераҳмона нур мепошид. Аз як сӯ ғулғулаи сӯзноки ба дил роҳёфта ва аз ҷониби дигар, ҳавои доғи берун вуҷуди Баҳроми баззозро ба сони танӯр метафсонд. Дар худ печида, саргарангу дармонда дар гиреҳи хаёлот намедонист худро ба кадом сӯй занад: аз пайи эшонзодаҳо равад ё бо тасмими пешина ба суроғи Мулло Фарҳод барояд. Бо ин ҳол, дар сурате ки дилу мағзаш дар осмонҳои андеша пар мекашиданд, поҳояш ӯро мустақим ба самти идораи райком[217] бурд. Худ бехабар, ба дидори Сабур – дӯсти ҳамгузараш, писари қаннод шитофт. Пас аз коммунист шудан ӯро «Рафиқ» меномид. То ҷое ба рафиқ гуфтан хӯ гирифта буд, ки дигар исми аслиаш ба забон намеомад. Ин дам дарбони идора низ ба пурсиши ӯ лолу гаранг шуда монд.

– Рафиқ дар сари кор аст? – суоли баззозро такрор кард дарбон. – Ин ҷо ҳама рафиқанд, чӣ касеро мепурсед?

– Барои ман як кас Рафиқ аст – Сабури Ҳамид!

– Ин гапи дигар, бифармоед, утоқи корашон дар кунҷи роҳрав, самти рост.

– Медонам... – Баҳроми баззоз бо шаст ба дарун даромад.

Ҷавони қадбаланди лоғарандом, ки бо шими сиёҳу пероҳани сапед ва мӯйҳои қатронии ҷингилааш хеле хуштарҳу барно ба назар мерасид, баробари дидани ӯ аз ҷо парида хест ва ба ду нафар коруфтодаи наздаш рӯ оварда гуфт:

– Шумо баромада истед, ман устодро гусел кунам баъдан суҳбатамонро идома медиҳем, – сипас бо хушҳолӣ ба Баҳроми баззоз даст дода вохӯрӣ кард ва барои нишастан фаро хонда ҳолу аҳвол пурсид: – Хубу хуш ҳастед, амак, вақтҳои охир кампайдо шудед? Рафтуомад зиёд аст-чӣ?

– Ман хубам, Рафиқ. Маъмури харид ки ҳастам, як поям дар Нур бошад, пойи дигарам доим дар як шаҳри дигар. Чархи рӯзгор мегардад, шикоят нест. Вале имрӯз бо дарди кухна ба пешат омадам.

– Чӣ гап? Аз дӯстони кӯҳистонӣ хабаре шунидед?

– Он ҳам ҳаст, аммо аввал бигӯ, бо эшонзодаҳо чӣ иттифоқ пеш омад? Чаро фирор кардаанд?

– Оҳиста... – Сабур аз ҷо хеста дарро зичтар басту ба ҷояш баргашт. – Девор муш дорад, муш – гӯш! Замона вазнин шудааст, амак, гуфтугӯйи моро набояд касе шунавад.

– Рост мегӯйӣ, маро бубахш, кори ту ҳам нозук. Ҳамин ки Ҳоҷӣ Анвар аз фирори эшонҳо гуфт, ба ҷонам алов уфтод. То худи райкум ба онҳо таъзим мекарданд, боз чӣ шуд?

– Дастурҳо аз Маскав мерасанд, раҳбарони ин ҷо ҳечкораанд, амак. Ҳар кӣ мулло буду эшон, бояд дастгир шавад, онҳо расман душманони халқу давлат хонда шудаанд. Дар миёни мо як лаънатӣ ҳаст ба исми Талвич, аз шуъбаи махсуси сиёсӣ, ки ҳар рӯз ба раисони болоии худ дурӯғу рост дар чанд

[217] **Райком** رایکوم – районный комитет: ин ҷо манзур идораи кумитаи марказии ҳизбии ноҳия аст

варақ гузориш медиҳад. Дар саросари кишвар тарғиби зиндагии бехудой меравад, ҳама бояд атеист бошанд, аз ин пас исломро фаромӯш кунед, амак.

– Эҳтимол дорад боз ҳам аз гиребони эшонҳо гиранд?

Сабур шумханди мулоим зад. Дар ҷояш нанишаста ба Баҳроми баззоз наздик шуду даст ба китфи ӯ гузошт ва гуфт:

– Огепучиён акнун ҷон гирифтаанд, онҳо на ба гапи парткуму на ба ҳарфи райкум гӯш мекунанд. Ба ҳар гуна эътирозу ғалаёни халқ бетафовутанд. Амалиёташонро рӯзу шаб пинҳонӣ анҷом медиҳанд, аз барномаҳояшон касе огоҳ нест. Шумо ҳам аз роҳу рафтори худ эҳтиёт шавед, мабодо бо эшонзодае ба назар биафтед – тамом, ба дунболатон одам мегузоранд. Тақдири эшонҳо аз дасти мо даррафт. Имрӯз ё фардо онҳоро дастгиру маҳкум хоҳанд кард. Аллакай молу мулкашон, ҳар чӣ гову гӯсола, аспу шутур, бузу гӯсфанд, ҳатто харҳое, ки доштанд, мусодира шуданд. Аз маҳаллиҳо танҳо ба ман каму беш эътимод доранд. Саъй мекунам бештар ба дарунашон дароям, мақсадамро шумо нағз мефаҳмед, амак. Ҳар ёрие аз дастам барояд, анҷом медиҳам. Намехоҳам одамонамон ба хотири доштани ақидаю андешаҳои дигар дастгиру зиндонӣ шаванд, ба хусус, муллоҳоямон. Миллати мо бе он ҳам бисёр чизро бохт, бояд коре кунем, ки на сих сӯзаду на кабоб.

– Ба озодии дӯстони боруӣ ва синдобиамон умед ҳаст?

– Фикр мекунам он сӯ аз барнома хориҷ шуд. Ҳар касеро лозим буд гирифтанд ва ман ҳам рустакӣ дунболи исми Фарҳод гаштам, не, дар ҳеч ҷо сабте аз ӯ нест. Ё аз қалам уфтодааст, ё қасдан ба прутукул наовардаанд.

– Худоро шукр, ҳадди ақал як дӯстамон дар амон бошад...

– Аммо эшонҳои Нур дар сархатти ҳама арзномаҳоянд. Раҳбарон ҳам дигар исми онҳоро намегиранд, ҳар кас аз гирифтории худ метарсад. Тасодуфан айбномаи Эшон Саидҷон ба чашмам хӯрд, дар як ҷумла хулоса кардаанд: «Руҳонӣ – эшони дараҷаи олӣ. Дар чанд ҷо зиндагӣ карда, молиёти[218] иҷбориро ба шуъбаи молиёт пардохт накардааст. Маблағи молиёти пардохтнашуда се ҳазору дусад сӯму даҳ тин». Барои ба ҳабс гирифтани касе имрӯз ҳамин як хатти ҳукм кофӣ аст.

– Афсӯс, хайрхоҳони мардум нобуд мешаванд, – Баҳроми баззоз сарашро миёни ду даст гирифта даме ба хаёл рафт ва яке умедворона ба сухан омад: – Рафиқ, мо ҳама қарздори ту ҳастем, ҳар гоҳ хабаре ноҷо шунидӣ ё пай бурдӣ, маро огоҳ кун. Ин рӯзҳо мегузарад, ҳар кореро анҷоме ҳаст, ин тафтишҳо низ фарҷом доштагист, охир?!

– Албатта, як муддат бояд ҳушёр гардем. Падарам ба даст наафтидани писари дӯсташонро шунида бисёр хурсанд шуданд, Мулло Фарҳод ҷони одам аст, хеле инсони донишманд. Ҷаноби Аркадий, дамаш гарм, оҳанро дар гармиаш кӯфт.

– Мулло дар Ғиҷдувон иқомат дорад, бо баҳонаи кор ба дидорбиниаш меравам. Худам ҳам бехабарам чӣ рӯзҳоеро аз сар мегузаронад.

– Агар ҳоли падарам хуб мебуд, ба шумо ҳамроҳ мекардам, бо ҳам рафта дида меомадед.

---

[218] **Молиёт** ماليات – боҷ, андоз

– Чӣ шуд ба саркор?

– Аз хавоза афтида пояшон шикаст.

– Ана ба ту! Чанд бор гуфтам, дигар аз қаннодӣ даст кашад, корашро ба бачаҳо диҳад, не, бе кор нишаста наметавонад, эҳ Ҳамид, Ҳамид... – Баҳроми баззоз таассуфомез сар ҷунбонда, бо даст ба миз такя карду аз ҷо хест. – Хуб, Рафиқ, гап аз худат намемонад, ман ҳам вақтатро намегирам. Бояд ба роҳ бароям...

– Ҳамин имрӯз мехоҳед ба Ғиҷдувон равед?

– Медонӣ, ин хислати ман аст, ҳамин ки ба коре миён бастам дигар онро сар намедиҳам. То муллоро набинам, ҳавосам парт мегардад.

– Як лаҳза! – Сабур баргашту говсандуқи хурдаки мишкирангашро боз кард ва аз он чанд коғаз пулро гирифта ба Баҳроми баззоз дароз карда гуфт: – Ба роҳи дур меравед, агар бародарамонро дидед, саломи моро ҳам расонед.

– Не, пулатро намегирам, Рафиқ! – тараддуди рафтан кард баззоз. – Ин ҳама меҳру садоқати ту бароямон кофӣ аст, бе он ҳам нағзиҳоят ҳисоб надорад.

Сабур якравӣ кард:

– Ман чизе намедиҳам, барои бародарамон мева ё ширинние мехаред.

– Хеле ҳиммат дорӣ, Рафиқ, Худо ба корҳоят омад диҳад, саодати рӯзгорат афзун гардад. Ҳатман пайғоматро мерасонам, саломат бош!

– Ба умеди дидор, сафаратон ба хайр гузарад!

– Омин!

***

Фасли баҳор бо шабҳои маҳтобии худ ифтихор дорад. Аз як сӯ боди сарди матбуъ хуморҳоро нашикаста тӯда-тӯда абрҳои хокистариро ба шино дарорад, аз ҷониби дигар, гилеми мунаққаши осмон дар фарози дастнорас бо ҷилои нурониву чолаҳои сияҳгун хаёлу назарҳоро мерабояд. Дар ин фурсат замину заминиён ба хоби ғафлат мераванд, вале шаҳри осмон ҷон гирифта, аз ҳастии гунбази бесутуни мунаввар дарак медиҳад.

Баҳроми баззоз нисфи шаб аз ароба пиёда шуда, ба мисли мусофирони дигар дар саҳни назди айвон кӯлборашро болин карда дароз кашид. Чун рӯ ба боло мехобид, наметавонист дида аз тобу ҷилои фалак бардорад, бар замми ин, ҳавои сарди мулоим сари синаро беист масҳ мекард, сукути руҳбахши шаб барои таскини мағзи пурандеша талош меварзид. Ин ҳама намоию ҳаво пас аз бардорузанҳои роҳи тӯлонӣ табъи дил буду марҳаме барои ҷону тан. «Фардо субҳ ба суроғаш меравам, аздусар намози бомдодро доир мекунад, – аз мадди хаёл гузаронд Баҳроми баззоз, – имом-хатиби масҷиди калони Ғиҷдувон... Аҷаб барномаҳое доранд шуроиҳо: як сӯ аз линги муллоён мегиранд, сӯйи дигар масҷидҳоро фаъол мегузоранд – ҳила мекунанд зарангҳо! Мехоҳанд расанро дароз афканда, оҳиста-оҳиста бикашанду ба даст гиранд. Дунё дигар мешавад...»

Аз дасти тазйиқҳои роҳу тақутуқи ароба то ҷое лакоту хаста шуда буд, ки баззоз ба маҳзи дароз кашидан чӣ хел ба ғанаб рафтани худро пай набурд.

Ба қавли нигаҳбони корвонсарой, «мурда» барин хоб рафту чанд муддат аз ранҷу ташвишҳои бедорӣ чашм пӯшид. Рӯзи дигар ӯ дертар аз ҳама, баробари ламъидани нурҳои Хуршед ва сарусадои аробадорону раҳгузарони ба ҷунбуҷӯл омада бедор шуд. Шитоб накарда дасту рӯ шуст, таҳорат гирифт ва ҳаққи якшабаро ба саройдори работ пардохт карда, пиёда ба самти масҷид сарболо шуд.

Баҳроми баззоз бино ба нишондоди саройдор мебоист кӯчаи Кулолиёнро пайдо карда дарояд, то ки аз он мустақим ба масҷиду мадраса барояд. Вале, ҳамин ки ду роҳравро давр зада гузашт, сараш гирд гашт, дар дами ду кӯчаи нисбатан васеъ ҳайрон шуда истод. Ҳамин дам харакие аз қафо омад, мӯйсафеде бар маркаб нишаста худ ба худ суҳбат мекард. Баҳроми баззоз ӯро диду ҷон даровард.

– Ассалом, бародар, вақтатон ба хайр! – бо хушҳолӣ овоз дод ӯ. – Кадоме аз ин ду кӯча Кулолиён аст?

– А? – агарчи ба баззоз чашм дӯхта меомад ба шигифт омад мӯйсафед. – Бо манӣ?

– Гуфтанд, аз тариқи Кулолиён ба масҷид мебароем...

– Ҳа, ҳамонро гӯй, пештар рав, ҳама кулол ҳастанд! Кӯза месозанд, косаю табақ, обдасту гулдон – ҳар чӣ хоҳӣ, ҳаст!

– Не, ба ман кӯчаи Кулолиёнро нишон диҳед...

– Хуб, дарой дигар, ин ҳам, ваяш ҳам, сари ҳар қадам сафолсоз, – ҳарфи Баҳроми баззозро то охир нашунида афзуд бобо ва ба ҳангомаи худии худ идома дода гузашта рафт.

Кӯчаҳо хилват буд, гӯё паша пар намезад. Баҳроми баззоз ба ёд овард, ки чанд сол пеш ин гуна шаҳракҳои қадима субҳи зуд пуртараддуд мешуданд. Азбаски ҳар як кӯча ҳунармандони худро дошт, мардум саъй мекарданд саҳарии барвақт ба кору савдои худ бирасанд. Ҳукумати Шуро ҳамаро аз миён бурд. Дигар касе мустақилона косибӣ намекунад, сохтусози хусусӣ надорад. Кӯчаҳо, гӯё об задаанд, сокиту хомӯшанд, маълум нест ин ҳама одам бо чӣ машғуланд...

– Марди хуб, кӯлбор ба китф шах шудаӣ, дунболи чӣ мегардӣ?

Садои занона аз паси сари Баҳроми баззоз баланд шуд. Ӯ баргашту пиразани миёнхамидаеро дар рӯ ба рӯйи худ дид, ки ду дасташро ба пушт қуфл зада, аз миёни ду бари рӯмоли калон бо ҷиддият нигоҳ мекард.

– Ба масҷиди Хоҷа рафтаниам, модар, – чашми пурсишомез ба кампир дӯхта гуфт баззоз, – чанде пеш як бобои харсавор гузашт, якдигарро нафаҳмидем.

– Хомхишти карро мегӯйӣ? Он аз азал гапро намефаҳмад, девона аст, фақат моро бинад ба пӯстинаш кайк меуфтад, аз беҳудагӯйӣ даст мекашад, шӯри ишқи ҷавониаш ҷӯш мезанад.

– Ҳарчи худ ба худ ҳарф мезад, ман дар гӯям вай девор мегуфт. Ишқи кӣ ӯро ба ин ҳол афкандааст? – таҳқовӣ кард баззоз.

Пиразан ду бари рӯмолашро аз рухсори пурожанг болотар лағжонида табассуме кард ва дар ҳоле ки аз ҷиддияти пештара осоре намонда буд, сари суханро тоб дод:

– Агар ба масҷид рафтанӣ бошӣ, рост ба ҳамин кӯчаи Кулолиён даромада рав!

Баҳроми баззоз низ ба завқ омад, бо изҳори сипос ба роҳи аввалӣ раҳсипор шуд. «Оре, ин гуна лаҳзаҳо дар зиндагӣ фаровон аст, – роҳравон дар худ андешид ӯ. – Одам гоҳе аз як ҳарф, аз як нигоҳ, ё ки аз як лабханд метавонад тарафи муқобилро бифаҳмад, манзури ӯро дарк кунад. Пиразан ҳанӯз ҳам нозе дар вуҷуд дорад, хомхишт мегӯяду аз ишқ ёдовар мешавад, чӣ тазоде!»

Ба мисли кӯчаҳои шаҳрак масҷиди ҷомеъ низ бесару садо менамуд. Танҳо панҷ-шаш нафар аз дари он баромада, бо суръат ба чор сӯ ғайб заданд, яқинан аз чизе ҳарос доштанд. Саҳни масҷид дашти хушку холиеро ба хотир меовард, аз муллобачаю намозгузорон, ки ҳамеша дар он ҷо мегаштанд, асаре наменамуд. «Аҷаб даврҳое расид, – наздики ниёишгоҳ омада аз хаёл гузаронд Баҳроми баззоз, – одамон боз ҳам ба ғами шикам гирифторанд, аз кору заҳмати ҳукумати нав сар намебардоранд... Агар замоне пойбанду бидеҳкори бойҳои якка буданд, ҳол мутеи «бойбобо»-и бузурги қонунӣ ҳастанд. Бо ин ҳол, камбизоатӣ ва гуруснагӣ ҳукм меронад, тоату ибодат аз ёд рафтааст...» Ӯ бо роҳаки канори ҳавлӣ ба самти пеш гузашта, аз дари масҷид по ба дарун ниҳод, бо иштиёқи бепоён мехост зудтар ба дидори муллописари дӯсташ бирасад.

Намозгоҳ. Толори васеъ бо ду рад сутунҳои мунаббаткоришуда. Аз тирезаҳои атроф ва дарichaҳои гунбази мудаввар, ки бо нақшунигори пайвастаи худ муҳобот дорад, равшании рӯз беохир роҳ мепояд ба дохил. Фарши саросар гилему намадпӯш аз зинда будани ниёишгоҳ дарак медиҳад. Оре, ин масҷид фаъол аст, бар хилофи садҳо, ҳазорҳо саҷдагоҳи дигар, ки даст ба ҳукми фаромӯшӣ мезананд, ҷон дорад, аз ҷавву пайкараш насими худоҷӯйӣ ба машом мерасад. Аз гӯшаи самти рост марде тоқипӯш баробари дидани Баҳроми баззоз доманҳои яктаҳи худро рӯйи ҳам кашида, тез-тез қадамзанон ба сӯяш омад:

– Ассалому алайкум, хуш омадед, бародар! – бо лутфу таъзим азми пазироӣ кард ӯ. – намози фаҷрро гузоштем, шумо низ метавонед қазои фарзатонро адо кунед.

Баззоз посухи салом дода, бо ҳавлу таҳлукаи ногаҳоние, ки вуҷудашро фаро гирифт, бесаброна пурсид:

– Пас, Мулло Фарҳод куҷост?

Ходими масҷид нигаронии ӯро пай бурда дарёфт, ки ҳамсуҳбаташ мусофир аст, аз воқеаҳои охир хабаре надорад. Бо эҳтиром таоруф кард:

– Маълум, ки аз ҷойи дигар омадаед, бифармоед, ба хонаи домулло медароем.

– Ман додарамро пурсидам, вале... – шигифти Баҳроми баззоз афзуд, – ту риштаи суханро ба сӯйи дигар мекашӣ, тезтар бигӯ, чӣ гап шуд?

Ходим дигар ҳарфе назада, бо ишораи «аз дунболи ман биё» ба самти дарсхона қадам зад. Ба дохил даромада дарҳол ба рӯйи хонтахта суфраи нон паҳн кард. Танҳо пас аз он, ки меҳмонаш ба пешгаҳ гузашта нишаст, даст ба дуо бардошту ба шарҳи ҳол пардохт:

– Сурхҳо дили сиёҳ доранд, бародар, ба ҳар кӣ ҷома мепӯшаду салла мебандад бо чашми шубҳа менигаранд. Ҳар касе тоату ибодат мекунад, барояшон мисли душман метобад. Ин ягона масҷидамонро ҳам бастанӣ мешаванд, сари намозгузоронро аз саҷҷода канданианд, вале аз боло рухсат наомадааст. Як ҳафта пеш Мулло Фарҳоду Ромиш-махсумро ба ҳабс гирифтанд...

– Барои чӣ? Магар коре беҷо карданд? – дарунаш даргирифт баззозро.

– Гӯё бачаҳои пешоҳангро ба масҷид хондаанд.

– Ин сухан рост аст?

– Куҷо?! Чун қӯрғошим манзурашонро ба гӯши ду бачаи наврас рехтаанд, ҳар ду мактабхон. Дар вақти пурсуҷӯ онҳо бо номи доҳиашон Линин қасам хӯрда гуфтанд, ки «инҳо моро фармуданд, гарданбанди сурхамонро дур андохта ба масҷид оем». Намояндаи порткумашон ҳамон лаҳза прутукул кард, бо дастури як марди бадбашара пулисҳо ба дасти ҳар ду домулло кишан зада бурданд... Фикр мекунанд, бо гирифтани муллоҳо одамон аз дин рӯ метобанд.

Баҳроми баззоз пешониашро дошт, ҳис кард, ки аз чашмонаш ҳаври ғазаб мебарояд. Дандон хоид, бо мушти гиреҳхӯрда ба сари зону зад.

– Дар куҷо зиндонианд, метавонам онҳоро бубинам? – бо нигаронӣ пурсид ӯ.

– Бародар, гапе паҳн шудааст, ки ҳар кӣ ба онҳо наздик шавад, ба ҳабс мегиранд. Вале, мо хомӯш нанишастем, дарҳол ин хабарро ба Мулло Ҳилол расонидем, шояд аз марказ имдодашон расад.

– Эшон чӣ касе ҳастанд?

– Ин ҷо обрӯ доштанд, дар кумитаи динӣ дар Самарқанд машғули коранд.

– Манзили Мулло Фарҳод дар куҷост, бачаҳояшро ба азоб накашидаанд?

– Не... – мад кашид ходими масҷид ва пурсид: – Шумо аз хешони домулло ҳастед, аз Нур омадед?

Баҳроми баззоз нигоҳе илтиҷоомез ба ҳамсуҳбати худ андохт, каме бо ҳаяҷон гуфт:

– Дуруст дарёфтед, мулло писархонди ман аст, ман кафили ҳаёти ӯям. Муллою оилаашро, агар ҳар балое ба сарашон омада, бояд саробонӣ кунам.

– Имомамон дар ҳамин кӯчаи Ҳалвопазон, дар бағали масҷид хонаи иҷора дошт. Пареррӯз бачаҳояшро ба хонаи махсум бурдем, бечораҳо хеле руҳшикаста буданд.

– Бояд аз ҳолашон хабар гирам...

– Пас, ин хел мекунем, – бо андеша ба суханаш идома дод ходими масҷид, – шумо бо Миралӣ ба манзили махсум меравед, ман саре ба маҳбас мезанам. Аз рӯйи тахминам, эҳтимол дорад имрӯз вакили Мулло Ҳалим ҳам

биёяд. Нисфирӯзӣ хидмататон мерасам, нигарон набошед, ҳама кор ба хубӣ анҷом мепазирад.

Бо итминон суҳбат кардани ходими масҷид Баҳроми баззозро то андозае ором кард. Илтиҳоби дарунаш пасанда шуд, суоломез пурсид:

– Фикр мекунед кормандони амниятӣ ба осонӣ аз ин имконият даст мекашанд? Ба онҳо Худо додааст-ку, далелашон ҳам ҳаст.

– Худо ҳеч гоҳ ҳамроҳи онҳо нест, бародар, бачаҳо ҳам сухани худро пас мегиранд! – хира чашм дӯхтани баззозро пай бурда, ходим бо лаҳни шод афзуд: – Мо бо падарони ҳар ду пешоҳанг ҳамсуҳбат шудем, омодаанд фиреб хӯрдани фарзандонашонро дар ҳар ҷаласа баён кунанд. Дар байни мардум шармсоранд онҳо, ёрои сар бардошта гаштан надоранд. Шумо ба дидори бачаҳои домулло расед, ин тараф кори мо!

Ин гуфтугузор буду дили беқарори Баҳроми баззоз ба ҷояш омад. Ӯ бо як пиёла чою як бурда нон иктифо карда, ҳамроҳи хидматкори масҷид Миралӣ ба гузари Рахтшӯён шитофт. Дар роҳ мерафту наметавонист хаёл аз дӯсти қаринаш, раҳматӣ Шокирусто бардорад. Танутӯши лоғару чандирии дар кӯраи ҳаёт обутобёфтаи ӯ ҳамроҳ бо табассуми мулоими ҳамешагиаш батакрор дар пеши назар ҳувайдо мешуд. Ҳис мекард, ки ӯ дар ҳамин ҳолат низ барояш аз деҳқониҳои худ таоруф мекунад, ба тӯби порчаҳои бофтааш ишора карда аз мағзи чашмонаш нури меҳр мепошад, бо забони безабонӣ дарди дил мегӯяд... Лик-лик ҷунбидани ароба ногоҳ қатъ шуд, марди пир аз шах шуда истодани хари фартути худ дар канори пули чӯбини ҷӯйбори калон нороҳат шуда садо баланд кард:

– Аблаҳ, бори аввал ба кӯпрук мебароӣ, хӣ!!

Аммо гӯшдароз ба ҳарфи соҳибаш гӯш надод, бо сари хам зарбаҳои халачӯбро таҳаммул карда, поҳои пешашро ба зинаи баромад тиргак монда истодан гирифт. Миралӣ ҷаҳида аз ароба фуромад ва гуфт:

– Бобо, ҷонварро беҳуда азоб надиҳед, – ва ба Баҳроми баззоз рӯ овард: – Бародар, шумо ҳам пиёда шавед, хар аз кӯпрук гузарад дубора савор мешавем.

Ба маҳзи ин ки баззоз низ ба поин ҷаҳид, гӯшдароз яке по ёзонида ба пул баромад ва бо алвонҷ қадамзанон ба ҷониби дигар гузашт. Вақте ки мусофирон дубора ба ароба расиданд, мӯйсафед хиҷолатомез гуфт:

– Аз хар ҷонвари муғамбиртар нест дар ин ҷаҳон! Кушӣ ҳам ба гап гӯш намекунад, лаънатӣ!

– Аммо ақлаш будааст, – ҳазломез гуфт Баҳроми баззоз дубора бар лабаи ароба нишаста, – ҳар гуна хавфи эҳтимолиро андешид, ҷонвар.

– Рост мегӯед, – илова кард Миралӣ ва аз қулоч кашида зарбаи сахте ба гардани хар фуровардани мӯйсафед нороҳат шуда афзуд: – Бобо, гӯшдарозатон ба фардо ҳам лозим мешавад, ин чӣ бераҳмӣ?

– Мурад, ин гӯшдарози якрав!

Хаёлоти пештараи Баҳроми баззоз парт шуд. Ӯ акнун ба ҷӯйбори сероб, ки аз бағали он роҳ мегузиданд, чашм дӯхта, ба лап-лапи мавҷҳои он диққат дода мерафт. Баъзан ради буттаҳои зич пеши ҷӯйборро мегирифт, баззоз

ҳарисона аз нав ба тамошои мавҷи об дида медавонд. Вале ин тамошо дер давом накард, ҷӯйбор ҳанӯз ба поён нарасида, харароба ба самти рост печид ва дар ҷодаи софу суфи байни хонаҳо ба суръаташ афзуд. Миралӣ хомӯширо вайрон кард:

– Ба гузари Рахтшӯён омадем, бародар, ду тангкӯчаро гузарем, ба хонаи махсум мерасем.

Баҳроми баззоз гуфт:

– Он қадар дур набудаст, пиёда меомадем ҳам, мешуд, хару аробаро беҳуда овора кардем.

– Шумо меҳмони мо ҳастед, бе он ҳам аз роҳи дур омадед...

– Меҳрубонед, дастатон дард накунад. Худо ба ҳар яки шумо аҷр диҳад.

Меҳмонро дар назди дарвоза духтари калони соҳибхона ва Нисо пешвоз гирифтанд. Ба хусус, бо дидани набераи дӯсташ, ки бо пероҳани шоҳию нимчаи мишкиранги гулдӯзишуда ва тоқияи нақшини як замон туҳфакардаи худаш дилкашу зебо ба назар мерасид, Баҳроми баззоз хурсанд шуда рафт. Нисо низ беихтиёр худро ба оғӯши ӯ андохт.

– Духтари нозанини худам, меҳрабони furбобоҷонаш! – сару дӯши духтаракро навозиш карда гуфт баззоз. – Қариб, ки нашиносам, ширинам, қадат ёзидаст, лекин куҷо шуд он чил кокули парпаракат?

– Акун ман ҳам калон шудам, furбобоҷун, апам дутоӣ мебофад, – бо ноз шарҳи ҳол кард духтарак, вале маълум буд, ки садояш каме гирифта аст, аз чизе хафа менамояд.

– Оҳо, ман нафаҳмида мондаам, – баззоз ба ваҷд омад, – ду гесуи дароз дорӣ, ба худат зебидааст, фариштаааам!

Дар ин ҳангом ғиҷирроси дари даромад баланд шуду аз дохил сару сурати зани қоматбаланди Ромиш-махсум, ки рӯмоли обии якранги худро озод аз болои сараш партофта буд, намудор шуд. Бо дидани мардҳои бегона рӯяшро то зери чашмҳояш басту аз зинаҳо поин нафуромад. Дар ин асно Миралӣ рӯ ба ӯ оварда гуфт:

– Янга, меҳмонро қабул кунед, аз дӯстони Мулло Фарҳоданд, – ва баргашту ба Баҳроми баззоз даст дода афзуд: – Шумо ин ҷо истироҳат кунед, бародар, ман ба масҷид бармегардам. Пас аз нисфирӯз бояд хабаре ба дастамон ояд, нигарон набошед.

Баззоз дасти мусоҳибашро мулоим фушурда, дар ҳоле ки аз умқи чашмҳояш нури хоҳиш ламъа мезад, бо садои кам гуфт:

– Чашм ба роҳи шумоҳо мемонем, агар мушкилие ҳам пеш омад, моро огоҳ кунед.

– Ҳатман, бародар, ин вазифаи мост!

Миралӣ ба кӯча баромаду Нисо дасти Баҳроми баззозро раҳо накарда, дида ба кадбонуи хона дӯхт ва бо овози ғамгинона эълон кард:

– Бибиамма, бубинед, Бобо-Баҳромам омадан, ба суроғи мо а худи Бору меоян...

– Хуш омаданд, бобоҷонат, биёед-чи, дар остона наистед, – Бибӣ бо меҳрабонӣ таоруф кард, – биёед, даромадан гиред, ин ҷо ҳам хонаи худатон аст.

– Хоҳарам, салом арз мекунам, – ҳамроҳи Нисо аз пайи духтари ба қадду баст калонтар, ки ӯ низ андуҳгин менамуду ин мулоқотро хомӯш пайгирӣ мекард, ба сӯйи айвон қадам зад Баҳроми баззоз. – Мебинам, ҳамаатон сар ба зеру ғамгин ҳастед, аз набудани додаронам ғамгин менамоед. Худо хоҳад, ҷонамон дар амон бошад, ҳама мушкилот ҳал мешавад... Хоҳарам Холпарӣ дар куҷост?

Бибӣ аз зина канортар рафта дубора муроот кард:

– Биёед, амак, ба дохил дароед, дугонаам ҳам дар ҳамин ҷост...

Охири сухани кадбону камтару кашолдор шуд. Дили Баҳроми баззоз таҳ хӯрд. Қувваи ниҳоне ӯро ба тезтар қадам задан водор кард. Яъсу ноумедии хонагиҳо бештар аз он менамуд, ки соҳибхонаҳо маҳбус шудаанд. Агар ин хел намебуд, Холпарӣ ҳатман ба пешвозаш мебаромад. Раҳораҳ аз Нисо пурсид:

– Очат сара-мӣ, духтарам, додаракат ҳам калон шудагист?

Аммо аз Нисо ҷавобе нашунид. Дар ҳоле, ки рухсорашро ба пушти панҷаи ӯ часпонида роҳ мерафт, гармии оби дидаро ҳис кард. Бибӣ ва Нурбӣ ҳам суоли ӯро шунида худро ба нашунида заданд. Ҳама пасу пеш ба хонаи миёна даромаданд...

«Санг гиря мекунад, ҳоло ки мо одамем. Дар куҳистони мо сангҳо, не, харсангҳои гирён фаровон аст. Бовар намекунӣ? Вақт ёбу биё, ман нишонат медиҳам...» – ин суханҳои раҳматӣ Усто Шокир беихтиёр аз дили Баҳроми баззоз гузашт. Ӯ аз дари хонаи нимаравшан по ба дарун гузошта медид, ки зане бо сахтҷонии сангсон беҳолу бемадор дар лиҳофи баланд ҷо шуда, ба сар ду қабат рӯмол баста, аз дидагони фурӯрафта базӯр чашм боз карда, дар пушти хони сандалӣ бо ҳоли низору гирифта дароз мекашад. Дар болосари ӯ гаҳворае бо рӯпӯши сабуки тоза меистод ва аз дарзи самти пеши он дасти хурдаки тифл, ки бандаки пӯпилакдори аз тири гаҳвора овезонро медошт, ба чашм менамуд. «Хоҳарам кӯдаки ширмак дорад, тоза сабук шудааст», барқосо аз хаёл гузаронд баззоз ва бо дили ба ҳавл омада наистода дар пушти сандалӣ нишаст. Холпарӣ ӯро диду гӯё ҷон гирифт, лиҳофи болояшро канортар тела дода, бо як даст аз гӯшаи сандалӣ дошту бо як талош сари ҷо нишаст.

– Бихоб, хоҳарам, безобита нашав... – ҳаво ба дарун кашида бо мушкилӣ ҳарф зад баззоз.

– Амак, аз куҷо пайдо шудед... Суроғи моро кардед...

– Ман ҳамеша суроғи азизонама дорам, хоҳарҷон. Мебинам ки ҳолат хуб нест, дароз каш.

– Не-е, чиҳо мегӯед, – бо нӯки рӯмол ашкҳои дидагонашро пок кард Холпарӣ ва ҳамин ки соҳибони хона ва Нисо ҳам дар гирди сандалӣ нишастанд, чашмҳои муҷалло аз оби дидаашро ба сӯйи меҳмон дӯхта гуфт: – Як дуо хонед, амакҷон, руҳи писарҷонам шод бошад...

Гӯё тире то устухон расид, Баҳроми баззоз нигоҳи шигифтзада ба сӯйи бачаҳо ва Бибӣ афканд. Кадбону лабаҳои ҷомаашро бештар рӯйи ҳам кашида,

маънидор сар хам кард. Як лаҳза хомӯшии мутлақ ба миён омад. Сипас бо баёни «Аузубиллоҳи мина-ш-шайтони-р-рачим, бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим...» баззоз се бор пушти ҳам сураи «Ихлос»-ро хонд. Ҳама даст ба дуо бардоштанд. Дар поён Холпарӣ чашм аз суфра наканда бо садои кам дарди дил кард:

– Амакҷон, як ки ғам ояд, пушти ҳам меомадас... Мо Ғоибамона бой додем, писарҷонам баъди ба Ғиҷдувон омадан касал шуду дигар ба худ наомад. Шаш моҳ бештар азоби дунёра кашид, охиру оқибат килкак барин лоғару хароб шуду моро тарк кард, – ба рухсори зан ашк ҷорӣ шуд, дубора бо нӯки рӯсарии худ пок карда, фиқ-фиқ ғуссаашро ба дарун хӯрда гуфт: – Ин дард кам буд магар, чилаш набаромада додаратону махсум ба зиндон афтиданд, ба ҳеч кас зарарашон намерасид, шуроиҳо чӣ мехоҳанд, намедонем...

– Эҳ, бачаякони саргардонам, эй Худоё, ин ҳама озору уқубат ба саратон омадасту мо бехабар! – Баҳроми баззоз доди афсӯсу надомат зад. – Намедонам бо чӣ забон таслият гӯям, э вой!

Аз пайи таалluму таассуфи Баҳроми баззоз дар хона як дам хомӯшӣ ҳукмрон шуд. Ҳама сархам менишастанд, дар худ гирифтаву малул. Ниҳоят Бибӣ, гӯё парда аз рӯйи ғӯза мекашид, барои бештар ошно шудани меҳмон ба ҳодисаҳои охир ба сухан омад:

– Дар ин миён ба дугонаам мушкил шуд, дардҳои ғайримунтазира пушти ҳам ба дӯшаш бор шуд. Аз як сӯ писараки лоғару нимҷоншудааш рӯз ба рӯз заҳиру нотавон мешуд, аз ҷониби дигар вазнинпойӣ шинухези вая мушкил месохт... Бар замми азоби руҳие, ки пас аз вафоти Ғоибҷон дошт, дарди ҷонкоҳи зойимона аз сар гузаронд... Албатта, вақте ки санг дар мағз метаркаду аз ҷигараш гули умед ҷавона мезанад, шукуфаи тозае бо ҳусни беғубор ҳастии ҷаҳона таҷаллӣ медиҳад. Таваллуди Исломҷон ба ҳар яки мо, ба хусус, ба Холпарии дилмондаю маъюс неруи нав бахшид, ба дидаҳо рӯшанӣ овард, тану ҷонамона бо сафои меҳр навозиш кард. Вале, афсӯс ки хурсандиамон дер напоид, инак ҳоламон ин аст, ки шумо гувоҳи он мешавед...

Баҳроми баззоз бо диққат ба суханҳои Бибӣ гӯш андохта, дар канори Холпарии сабуру доно боз як хоҳари оқиларо дид. Мулло будани шавҳарони ҳар дуро аз саҳни хаёл гузаронда, дарун-дарун мадад гирифт, таъсиргузор будани нафаси гарму ҳунари дилёбии додарони муллоро бар рӯйи ҳамсаронашон ҳис кард. Аз будани онҳо болиду Худоро шукр гуфт.

Нурбию Нисо даст ба даст айвонро рӯфтаю мураттаб карда барои истироҳати амаки мусофир ҷой дуруст карданд. Ӯ дигар коре ҳам надошт. Мебоист дар хонаи ошно бимонад ва то омадани масҷиддор тоқат кунад. Ва албатта, ин тоқат барои марде мисли Баҳроми баззоз, ки аслан чорзону зада нишастанро намеписандид, ҳадду нисобе дошт. Ӯ тасмим гирифт то вақти зуҳр таҳаммул кунад, аз он пас, агар шамоли пайки нек ба машом навазад, ба сароғи ҷигаргӯшаҳо барояд.

## Аз сиёҳчол то рӯшноӣ – як қадам

Кафи таҳхона хокбодӣ аст, вале нам. Бар замми ин, девораш аз фарти намнокӣ шӯрхок шуда, рутубатро ба рӯ мезанад. На имкони нишастан ҳасту на илоҷи такя кардан. Хона часпида ба шифт ду токчаи дарозрӯя ба шакли сӯрохакҳое дорад, ки аз онҳо мавҷи рӯшноӣ базӯр ба дарун мезанад. Ҳатто рӯзона ҳам андарун шабеҳи вақти говгум ниматорик аст, бошандагони он якдигарро ба шакли хӯсаҳое мебинанду бас.

Масҷиди Бозори Қаймоқ аз нахустин рӯзҳои погузории сарбозони сурх нишемангоҳи онҳост. Нишемангоҳи хунине, ки Ҳукумати Шуроҳо ба хотири баровarда кардани қасду амалҳои ифротии худ аз он истифода мекунад. Таҳоратхонаи масҷид кушторгоҳ аст, намозгоҳ анбори силоҳу тиру мармӣ, таҳхона бошад – зиндон. Дигар аз ибодатгоҳ на нишоне ҳасту на таровате, аз пилаҳои дами ҳавлӣ гирифта то курсии сутуну нардаҳои айвон олудаи бавлу наҷосати сутурони куффор гаштааст.

Коменданти лоғари болобаланд, ки бо қиёфаи рӯбаҳона ва муштуки доиман дудхези канори лабҳояш дар зеҳни атрофиён нишаста, чандин сол аз амру дастурдиҳӣ хаста намешавад. Даҳони бефаровези ӯ ба мисли кафши куҳна ҳамеша боз ва ҳақоратзо аст. Ӯ дарсхонаи имоми масҷидро ба дафтари худ табдил дода, фақат аз беимонӣ дарс медиҳад, барои ӯ ҷонамозу ҷомаю салла ба қадри пашизе арзиш надорад. Аз пайи ғуруру виқори ӯ ва ҳамтоёнаш масҷиди Бозори Қаймоқ чандин сол қатлгоҳу азобхонаю тиморгоҳ буд. Гарчи кори шуроҳо ба ғалтак уфтода ва дигар душмани онҷунонӣ надоранд, «унсурҳои зиддиҳукуматӣ» ҳанӯз ҳам ёфт мешаванд. Ин бор коменданти содиқ чашм ба роҳи вакилони созмони махсуси бозҷӯйиҳо аз пойтахт аст. Ӯ ду асир аз «мубаллиғин»-и мактаби куҳна ва қорихонаҳои мамнуъ дорад. Ду нафар мулло – ба қавли худаш, «зоғҳои бадмуре, ки ба осонӣ ҷон намедиҳанд, ба зиндагӣ танҳо хунукӣ меоваранд». Ин бор ҳам гӯё ба раъю ақидаҳои пролетарӣ зид баромада, бачаҳои тозафикри шуравиро мағзшӯйӣ кардаанд. Инак, онҳоро барои истинтоқ нигаҳ медорад, бесаброна мунтазир аст ба дасти ҳар ду занҷир андохта ба марказ фиристад ва дар гузориши якмоҳаи худ бо хатти муҷаллои қирмизӣ аз корномаи бузургаш хабар диҳад.

Дар таҳхонаи намноки олуда бошад, як ҳафтаи тамом бо хӯрдани заҳри шӯрахок ду тан муллои туҳматзада ранҷи роҳравиро мекашанд. Бо поҳои обилазада, чашмони хису хирабини дар мағоки худ фурӯрафта, ғарқи андешаҳои чигилу печида дигар ёрои танаффус ва истодагарӣ надоранд. Чандин бор дари оҳанинро кӯфта аскарони посбонро ба имдод, барои мулоқот бо раҳбарашон хостанд, вале аз дару девор акси садо буду аз онҳо не. Дигар дар ҷонашон рамақ, дар бозувонашон дармон намонд, ҳар ду ба сарнавишт тан дода, ба ҳам даст дода, часпида ба девор дар як гӯшаи таҳхона пушт ба замини хокии мартуб ниҳоданд.

– Ба гумон аст аз ин сиёҳчол зинда бароем, – беҳолу нафасгирифта зери лаб гуфт Ромиш-махсум.

– Таслим нашав, мо ҳанӯз нафас мегирем, пас, зиндаем, – бо овози хира ҷавоб гардонд Мулло Фарҳод, – аз ҳар ҷони зинда умеди ҳаёт бошад.

– Ин заки таҳхона кабиду ҷигарамона об мекунад, зотуррия мешавем...

Риши гирди то ним ваҷаб расида ва шахшӯли худро бо мушкилӣ хилол карда, дар ҳоле ки аз даҳону бинӣ ва ҳатто аз мағзи чашмони (ба худаш ноаён) хунолудшудааш ҳаври доғ мебаромад, Мулло Фарҳод бо кафи дасти рост китфи ҳамроҳи зиндониашро фишурд ва бо дили пур гуфт:

– Ноумед – шайтон, дӯстам... Нигоҳ кун ба он дарича, чиро мебинӣ?

– Як каф рӯшноӣ.

– Ҳамин як каф нур моро ба манзили мурод мерасонад!

Ромиш-махсум ба ваҷд омад, мехост табассум кунад, аммо лабонаш наҷунбиданд. Риши тунуки муддати мадид обнадидаи ӯ ба мисли сихҳои сугурна[219] ба кафи дасташ халиданд. Бемадору хаста то буногӯши дигар даст кашида худро ҳушёр карданӣ шуд. Пилкҳои аз интизорӣ вазнинро бори дигар ба боло ёзонд, то ҳарчи мавҷи бештари нурро ба обхӯри дидагон ҷо кунад. Хаёле аз сатҳи тафаккураш гузашт: «Аҷаб иродае дорад мулло. На аз гуруснагию ташнагӣ меноладу на аз беҳавоӣ, на аз таҳқир мешиканаду на аз бемадорӣ... Ин ҳама неруро аз куҷо мегирад?» Бо хаёлҳои мағшуш гӯиё замони кундакафонӣ сипарӣ шуд, ҳамон як каф рӯшноӣ низ ба нисф расид. Дар ҳоле ки ӯ охирин тавони бедорхобиро аз даст дода ба ғанаб мерафт, садои меҳромези ҳамроҳи дилсӯз ӯро ҳушёр кард:

– Ба дунболи мо меоянд, – овози илҳомбахши дӯст дар гӯшҳояш нишаст, мисли ин ки аз ғайб башорат медод, – омода бош, моро ба рӯшноӣ мебароранд.

«Фикр мекунад ман кӯдакаш ҳастам, – аз дил гузаронд Ромиш-махсум дубора ба мавҷи нур чашм кушода, – намехоҳад маро аз даст диҳад... Эҳ, модар, модар...»

Дар ин лаҳза «шарақ» садои афтидани занҷири дар аз роҳрави таҳхона то сиёҳчол расид. Ромиш-махсум як он такон хӯрда қоматашро дар ҷойи нишаст рост кард. Баробари баланд шудани овози ғиҷирросии дарби берун Мулло Фарҳод ба суханаш афзуд:

– Одамони худӣ меоянд, моро аз бозпурсӣ маоф мекунанд.

Мутмаин ҳарф задани дӯсташ махсумро аз кӯйи ноумедӣ ба гузари орзу гузаронд. Ҳарчанд ҳанӯз дудила буд, мулло аз толеъбинӣ даст накашид. Ӯ низ ҷуссашро аз девор канда баробари махсум сари дузону нишаст ва гуфт:

– Ниҳоят, мо имрӯз ба назди фарзандон бармегардем!

– Хоб мебинӣ, дӯстам, ё аз ғайб фариштае омад?

Мулло Фарҳод бо як даст ба девор такя зада сари по хест. Чун вазнаш ба поҳо гузашт, аз сӯзиши ногаҳонӣ ҷонаш ба дард омад. Аммо ҳама ранҷро ба дарун хӯрд, ҳатто оҳ нагуфта, ду-се бор дастҳояшро ба даври китф чарх занонда, аз мағзи дил ҳавои нафасро ба берун баровард ва ба махсум даст дароз карда гуфт:

– Бихез, худатро омода кун, наҷоткорон дунболи мо меоянд.

---

219 **Сугурна سُگُرنه** – ҷайра

Ромиш-махсум низ бо ёрии ӯ сари по баланд шуд. Пас аз нишастани тӯлонӣ гӯё тамоми устухонҳояш дар бадан часпида буд, аз фарти гӯшт кандани мушакҳояш дарди ҷонкоҳеро дар вуҷуди худ ҳис кард, беихтиёр «оҳ, ҷона-ам...» гӯён садои зориомез аз гулу баровард...

Ин сарипошуданҳо буду ногоҳ дохили таҳхона нуронӣ гардид. Дақиқан дар ҳамин лаҳза Хуршеди мунаввар рӯ ба рӯйи сӯрохиҳое, ки нақши даричаро адо мекарданд, қарор гирифта, домани нуру шуоъ раҳо кард. Дар давоми як ҳафта зиндони заҳнок бори нахуст равшан мешуд, гӯё ба дили гирифтаи асирон нури умед мебахшид. Ҳамзамон сукути зерзаминӣ халал ёфт, садои ғиҷирросии ошиқмаъшуқҳои дари чӯбини роҳрави берун то остонаи сиёҳчол расид. Аз роҳрав болои ҳам садои помонӣ шунида шуд, ки ба назар дару девор ларзида рафт, аз лойи вассаҳои шифт хокрезаҳои суст ба замин рехт. Ромиш-махсум ба мағзи рӯйдодҳо сар дарнаёварда, шарақ-шуруқ қуфли дарро боз карданд ва дар дами остона аввал ду нафар сарбоз ва аз паси онҳо симои марди малламӯе, ки аз шалвори сиёҳу пероҳани обирангаш дида кулоҳи сабуки лабадори ӯ пештар ба чашм мехӯрд, намудор шуданд. Марди масъул баробари рӯ ба рӯ шудан бо маҳбусон кулоҳашро ба даст гирифт ва бо илтифоту оҳанги расо гуфт:

– Рафиқон Фарҳоди Шокир ва Ромиш Деҳқонзода, барои бурдани шумо омадем, бо мо биёед.

– Моро мебаред? Ба куҷо? – бо ин ки мард ҳалимона сухан мегуфт, бо шигифт суол кард Ромиш-махсум.

– Нигарон набошед, дар ин миён каҷфаҳмӣ шудааст... Ба куҷо мебурдем, албатта, ба озодӣ!

Муллову махсум беихтиёр ба ҳамдигар нигоҳ карданд, гӯё ки дар чашмони ҳар ду нури Офтоб мавҷ мезад. Ромиш-махсум таҳайюҷашро фурӯ бурда шоду мамнун гуфт:

– Ту валӣ ҳастӣ, дӯстам!

– Ҳамеша бо умед бояд зист. Он гоҳ мебинӣ, ки аз сиёҳчол то рӯшноӣ як қадам мемонаду бас.

Ҳар ду дасти ҳамдигарро раҳо накарда ба самти берун по бардоштанд. Чун озурдаю хаста буданд, натавонистанд осон роҳ гарданд, ба хусус, кафи поҳои обилазада ба ин имкон намедод. Ҳоли табоҳи онҳо аз нигоҳи марди масъул дур намонд, бо ишораи ӯ ду сарбози ҳамроҳаш давида ба ёриашон шитофтанд.

Баробари хориҷ шудан аз таҳхона, Мулло Фарҳоду Ромиш-махсумро ба аробаи болопӯшдоре савор карда мустақим ба ҳаммоми Лайлак бурданд. Дар гармоба ҳар дуро ба хубӣ шустушӯ доданд, муллою махсум дар ҳаёти худ ба ин ҳад аз кори даллоку муштмолгар баҳраманд нашуда буданд. Пас аз ҳаммом дар утоқи махсуси пазироӣ барояшон суфраи зиёфат густурда шуд. Воқеан, чойи кабуд, санбӯсаҳои «ашки чашм» ва кабоби гӯшти гӯсфанд бо нони доғи танӯрӣ пас аз гармоба ба танҳои озордидаю рӯдаҳои часпида чун ҳалво нишаст. Дар поёни зиёфат ҳамон марди малламӯйи масъул дубора ҳозир шуд, ӯ дар даст дутоӣ пероҳани сапеди баланд, яктаҳи фохираи бухороӣ ва тоқии

ироқӣ дошт. Ҳамаро бо камоли адаб ба «маҳбусони озодшуда» супурд ва муаддабона изҳор кард:

– Рафиқон, либосҳоятонро иваз кунеду ба кӯча бароед. Бо ҳамон фойтунамон ба масҷид меравем, раисони фирқаамон ҳамроҳ бо меҳмонони самарқандӣ мунтазири моянд.

Ромиш-махсум ин воқеаҳоро гӯё дар хоб медид. Гарчи баъд аз гарду ғубори чандрӯзаи зиндонӣ тозаю озода шуда, азобиҳои ташнагию гуруснагӣ аз байн мерафт, ҳанӯз ҳам дар шинухез ва роҳгардӣ азият мекашид. Вале, ин азият хеле ширин ва сафобахш менамуд, ҳамроҳи Мулло Фарҳоди вазнину ором, ки ин ҳама лутфу марҳаматро хомӯшона мепазируфт, ҳар як амри мутасаддиёни шуроиро бо ҷону дил қабул мекард. Аз дасти воқеаҳои ахир ҳатто ӯ, инсоне, ки серҷоғӣ ба хунаш даромада буд, музтару дам дар дарун мегашт. Бо ин ҳол, сухани охири роҳбалад ӯро сахт ба шигифт овард, хастагии ҳафт қабати ҷонашро нодида гирифта, ҳангоми пӯшидани либосҳои нав бо заҳрханд гуфт:

– Дӯстам, шунидӣ чӣ мегӯяд? Бо раисони фирқа дар масҷид...

Мулло Фарҳод сухани ӯро бурида бо табъи хуш гуфт:

*– Он сурхқабое, ки чу маҳ пор баромад,*
*Имсол дар ин хирқаи зангор баромад...*[220] –

Инро мехостӣ бигӯйӣ, махсум? Парво накун, зоти инсон ҳамин аст, аммо ба ҳеч ранге бовар ҳам накун. Созкориҳои имрӯз паёварди наҷиб надорад.

– Ҳар чӣ ҳаст, моро ба озодӣ мебаранд ё не?

– Оре, феълан, ки фурсат ҳаст, бо ин дами озодӣ дил хуш кун!

## Пайки шодӣ

Дар манзили Ромиш-махсум дунё барои Баҳроми баззоз танг мешуд. Ҳавои ҳавлии кушод дар гулуяш мемонд. Ҳарчанд ба хотири куштани вақт як қитъа замини холӣ ва бехи дарахтҳои боғчаро нарм карда баромад, шӯри ҳавловар нашикаст, чун мурғи бетоқат гоҳ дар канори замин, гоҳ ба рӯйи зина ва аҳёнан дар бару қадди ҳаёт қадамзанон симои Мулло Фарҳодро аз хаёл мегузаронд. Аз он ки дар ин гӯшаи дур аз диёр дасташ кӯтоҳ буд, алам мекард, аз сари ҷо по задани худ нафраташ меомад. Ду-се бор Нисою Нурбӣ чойи тоза ба айвон баровард582, вале ӯ нахӯрда сард шуд. Дафъаи дувум ба хона даромаду аз ҳоли Холпарӣ хабар гирифт, бо дидани нимҷонӣ ва касолати ӯ димоғаш бештар сӯхт. Дидагони ғарқи ашк шудаашро пинҳон карда худро ба берун зад. Рӯ ба осмон гардонда аз мағзи қафаси сина оҳи дарднок баровард. Офтоб ба болои сар омада буд, аз миёни тӯда-тӯда абрҳои каҷукулаи шиновар беохир нур мепошид. «Вақт аз нисфирӯз гузашт, ба масҷид меравам...», дар дил гуфт баззоз ва аз айвон фуромада кафшҳояшро пӯшид. Нисо давида ба

[220] Ин байт аз Мавлоно Балхӣ аст.

наздаш баромад, ба ӯ расида аз пушти панҷааш дошт ва бо лаҳни умедворона гуфт:

– Амакҷон, ба назди додом меравед?

– Ҳа, духтарам, аз нишастан фоида нест, бояд илоҷашро ёбем...

– Маро ҳам бо худатон баред, амакҷон...

– Барои чӣ? – ҳайрон шуд Баҳроми баззоз. – Аз дасти ту чӣ кор меояд?

– Ҳар кӣ раис бошад, дардама мегӯям, бегуноҳии додома мегӯям... Бемор хоб рафтани очама ҳам мегӯям.

Баҳроми баззоз бо меҳр сари ӯро навозиш карда гуфт:

– Хуб шудааст, Нисоҷон, фақат ҳозир не. Ман аввал равам, суҳбат кунам, дар куҷо будану бо кӣ буданаша фаҳмида гирам, баъд ҳатман тура ҳам мебарам, ҳатман! Ана ҳамон вақт ҳама дарди дилата мегӯйӣ.

– Баъд дер намешавад?

– Не, духтарам, кори таваккул хуб нест, бо умед, ки худата ба дарё мезанӣ, бояд моҳӣ бигирӣ. Дуруст мегӯям?

– Хуб шудаст, амакҷон!

Баҳроми баззоз акнун ба сӯйи дарвоза қадам мезад, ки аз сари кӯча пас аз ғиҷирроси баланди чархҳои ароба садои ҷавоне дар фазо печид:

– Бибихола, ҳой, кӣ ҳаст дар дохил, берун бароед!

Нисо ба нигоҳи ҳайратомези баззоз бо хандаи мулоим ҷавоб дод:

– Ин Сурнайи аробакаш, аз доду бедодаш маълум ки боз либос овардааст барин.

– Либос барои чӣ меоварад?

– Мо мешӯем, ӯ дубора ба соҳибонаш бурда мерасонад.

– Ҳамин тавр гӯй... – Баҳроми баззоз нигоҳе ба самти торҳои симини ҳавлӣ афканду дарёфт, ки бачаҳои Ромиш-махсум аз ҷумлаи рахтшӯён ҳастанд. Пасу пеш ба назди дарвоза омаданд, ӯ лингаи хурди онро боз кард. Сурнайҷавон баробари дидани Нисо бо шавқу шӯр гуфт:

– Ҳа гулак, туӣ, хола куҷоянд, Нурбӣ ку? Гӯ, зуд бароянд, мо мол овардем!

Манзараи берун ранги дигар дошт. Меҳмонони нохонда на либос, балки як гӯсфандро аз ароба мефуроварданд. Дар канори Сурнай ходими масҷид меистод. Чашмони Баҳроми баззоз равшан шуд. Билофосила бо дидани ӯ садо баланд кард:

– Бародар, шумо? Шеред ё рӯбоҳ?

Ходими масҷид посух надода Сурнай ҳозирҷавобӣ кард:

– Киё Ҷонмурод ҳамеша шеранд дар ҷангали мо! – ва хурсандона аз гардани гӯсфанд дошта ба тарафи дар кашола кард. – Ромиш-махсумро бурданду ҳамаамон гирифтори ғам шудем, лекин Худо бузург аст, одамони дӯстдоштаашро азоб намедиҳад. Бинед, ҳаш-паш нагуфта озод шуданд, бо имомамон бармегарданд!

Ходими масҷид Ҷонмурод низ бо хушҳолӣ илова кард:

– Амак, ман гуфтам имрӯз пайки нек меояд. Пою қадами шумо низ ба хайр будааст, ки ба муродамон расидем. Мулло Ҳалим одами чакана не,

худашон шахсан ташриф оварданд, ҳамаро ба по хезонданд. Мо-ку аз сиёсати шуравиҳо сар дарнамеорем, лекин то раҳбари вилоят ба давуғеч афтиданд. Масҷиди ҷомеамон ҳам корашро давом медиҳад, муллою махсум ягон соати дигар расида меоянд.

– Боракаллоҳ, боракаллоҳ! – изҳори хушнудӣ кард Баҳроми баззоз ва аз паси Сурнай, ки аллакай бо шӯру валвала ким-чиҳое ба кадбону Бибӣ мегуфт, дар канори ходими масҷид қадамзанон афзуд: – Ба Худо, тоқатам тоқ шуда буд, ҳамин ҳозир ба роҳ баромаданӣ будам... Маро хурсанд кардед, боракаллоҳ, ба хурсандиатон ман ҳам шарикам, ҳазор раҳмат!

Ҷонмурод бо ишора ба гӯсфанд гуфт:

– Ба шарафи озодии устодон ба пеши пояшон забҳ мекунем. Дар фикри оварданаш будам ки, аз куҷое Сурнайи худамон пеш омад, дамаш гарм, бачаи чусту чолокест. Худам қассобӣ мекунам, як хун барорем, ҳама баду балоҳо дафъ шавад, бародар!

Дар хонабудаҳо ҳама ба ҷунбуҷӯл даромаданд, шодмониашон ҳадду канор надошт. Ҳатто Холпарии бедармон ҷон даровард, тоқат накарда сари по хест ва ба оҳистагӣ қадамзанон то дами дари берун омад. Чашмони хундамидаи бодкардааш, ки гӯё ба даври ҳар ду дида тасмаи сиёҳранге печида буд, бо нури хурсандӣ медурахшиданд. Лабони рангпаридаю ҷо-ҷо таракхӯрдааш низ аз ниҳояти хушҳолӣ ранг даровардa, рухсори маҳгуна гӯиё чун ранги рӯз ҷило медод. Баҳроми баззоз ӯро диду нигарон шуд, тараддуди хонагиҳоро ба ҳоли худ гузошта, бо шитоб ба назди ӯ омад ва бо меҳрабонӣ гуфт:

– Ту ҳам хестӣ, хоҳарам? Худатро азият накун...

– Аз шодӣ дар куртаам нағунҷидам, додиҷон, – аз паҳлударӣ дошта истода ба сухан омад Холпарӣ, – Ҳамин ки Нурбӣ гуфт, чӣ хел парида хестанамро надониста мондам. Э, Худоҷон, рӯзи равшан ҳам будааст-ку...

Ин ҷо шодмонии зан дар ашкҳои марворидӣ мунъакис шуд, худро дошта натавониста бо садои шунаво ба гиря даромад. Баҳроми баззоз даст зери оринҷаш гузошту бо мулоимат дилдорӣ кард:

– Хоҳарам, аз ин пас ҳамааш нағз мешавад. Додарам, ки омад, суҳбат мекунем, шояд дубора ба Нур баргардем. Акнун даро, дар ҷоят дароз каш, ҳолат хуб нест.

Дар воқеъ, Холпарӣ пай бурд, ки сараш давр мезанад, беихтиёр аз дасти Баҳроми баззоз дошту сарашро ба канори китфи ӯ гузошт ва бо ёрии амак ба ҷойи нишасташ баргашт...

Нишоту шодмонӣ сафвати[221] шоистаи инсонҳост, ки аз густараи эҳсосоти онон падид меояд. Ин ҳолат нишоне аз сурури руҳӣ дорад ва аз барканор шудани баргҳои хазону пажмурдаи вуҷуд дарак медиҳад. Дар замини ин руҳия партави оромиш, нури ояндаи нек нуҳуфта аст, танҳо барои соҳибонаш муҳим он аст, ки ҳар гуна талоши худро бамаврид ва оқилона ба харҷ диҳанд, то дар гоҳи зарурӣ дар ғафлат намонда, аз чунин заминаи нек бархурдор шаванд. Бо наҷоти ду инсони равшанзамир манзили Ромиш-махсум

---

[221] **Сафват صفوت** – покизагӣ, баргузидагӣ

моломоли ҳавою нафасҳои гарм шуд, ба маҳзи расидани муллоҳо сели одамони ошною ноошно, мухлису муътақид фурӯ рехт. Ҳар яке бо ихлосу тавозуъ арзи хушҳоливу муҳаббат мекард, чашм ба доманҳои поку мутаҳҳар молида, бо қасди имону эътиқоди комил хоки пойи қадамҳои муборакро тӯтиё менамуд.

Дар ин мулоқоти сафою вафо дидани ҳамватан, ба вижа, ҳамдиёре, ки паёмрасони муҳаббати падарона аст, ба Мулло Фарҳод хушҳолии чандбаробар бахшид. Ӯ дар канори бачаҳои худ Баҳроми баззозро диду бори дигар ба адолати Офаридгор қоил омад, бо тамоми вуҷуд пай бурд, ки меҳр дар дида аст, инсон бо инсон зинда аст.

Ҳамсояҳо омада мерафтанд, дӯстону ошноёни наздик ба суҳбат менишастанд, суфраи пазироӣ торафт гарм мешуд. Дар канори Миралию Ҷонмурод Сурнайи шӯху шанг низ ҷон меканд, барои меҳмонон хидмат мекард. Дар дили ин расиданҳо як лаҳза диққати ҳар ду мулло ба ӯ банд шуд: Сурнай бо иштиёқи тамом аз дасти ҳамгузари Ромиш-махсум марди сарватманду савлатӣ Қаҳҳор об мерехт. Ҳамин ки меҳмон дастҳояшро шуст, Сурнай чанг зада аз дасти Миралӣ дастпоккунро гирифт ва дуқат шуда ба ӯ дароз кард. Сипас, ҳама корро як сӯ гузошта бо таоруф ӯро ба айвон роҳнамоӣ кард. Ромиш-махсум аз ин ҳаракатҳои Сурнайи аробакаш ба завқ омад, бо ишора ба ӯ гуфт:

– Бубин, дӯстам, ба касе, ки ӯро «номард» хонда буд, чӣ қадр тамаллуқ мекунад. Аҷаб шайтонест ин бача!

– Аммо, тамаллуқҳояш ҳама табиӣ мебарояд, ба ӯ аз сидқ эҳтиром мегузорад, – аз ин лаҳзаи тамошо шодмон гуфт Мулло Фарҳод.

– Ёдат ҳаст, барояш ба хостгорӣ рафтанӣ будем.

– Оре, ваъдаамонро фаромӯш накардаам. Ин гуна кори хайрро ба файсал гузоштан ҳам хуб нест, – чун дар ин ҷойи суҳбат Баҳроми баззоз низ таваҷҷуҳ кард, Мулло Фарҳод афзуд: – шояд амак низ бо мо меравад, хеле дилёб ҳастанд додии Баҳром, дар ин корҳо устухон надоранд!

– Ман дар хидмати шумоям, додаронам.

Ромиш-махсум гуфт:

– Оре, Қаҳҳор инсони мағрур аст, сари ғурури ӯро шикастан осон нест. Танҳо мо ин бурдро дорем, ки духтараш низ ба Сурнай дил бастааст.

– Пас, имкони мо бештар аст!

Қаҳҳор ба айвон баромаду ҳар се шоду хуррам ва бо табассум ба ӯ бағал кушоданд. Дар гирди суфра нишаста дуо хонданд ва гарм пурсупос карданд. Дар вақти ин ҳолпурсӣ Сурнай ҳозир шуд. Ӯ бо илтифот чойники чойи овардаашро дар назди Қаҳҳор гузошт ва бо эҳтироми хосса гуфт:

– Амак, марҳамат чой хӯрда истед, ҳоло ман шӯрбо меоварам, – ӯ қафо-қафо рафту танҳо дар сари зинаҳо тоб хӯрда ба поин фуромад.

– Сурнай бисёр ҷавони бодоб аст, ҳурмату иззат чист медонад, бача, – ба Қаҳҳор шунавонда гуфт Ромиш-махсум.

Ҳамоно Мулло Фарҳод низ илова кард:

– Бале, аз рӯзи аввале, ки ба Ғиҷдувон омадаам, шоҳиди хулқу хӯйи ҳасанаи ӯ ҳастам. Гузашта аз ин, писари заҳматкаш менамояд.

Қаҳҳор туздакӣ ба самти Сурнай чашм дӯхта хомӯш менишаст. Дар ин лаҳза чиҳоро аз хаёл мегузаронд фақат ба худаш аён. Аммо ду нафар муллои дурбин, худ бехабар, бо ду ҷумла хишти нахустини бинои оилаи навро гузошта буданд...

Ниҳоят, пардаи шом фуромаду аз ҳавлии Ромиш-махсум думи меҳмонон канда шуд. Пас аз он ки аҳли оилаи махсуму мулло худ ба худ нишаста, то ҷое шишаи пазмонӣ шикастанд, Мулло Фарҳод низ ба хонаи пазирой ба назди Баҳроми баззоз гузашт. Дар паҳлуи ӯ, ки барояш ҷойи хоб андохта буданд, дароз кашид.

– Монда шудӣ, додарам? Тамоми рӯз сари по истодану ба ҳама илтифот кардан кори осон не, – ҳарчанд мулло оҳу уф намекашид, бедармонии ӯро ҳис карда гуфт баззоз. – Мебинам, ки бисёр рӯзҳои сахта аз сар гузарондӣ, ин ҳама оворагию сарсониҳо ба сарат омад.

– Шумо мана мешиносед, амак, сабабгори ҳама пешомад худам ҳастам. Дар ин зиндагӣ як роҳа баргузидам, бароям ғайр аз муллой ва дарси дину адабиёт дигар ҳама чиз бегона аст.

– Хуб мефаҳмам. Агар ту баринҳо низ аз гузашта даст кашед, ин дунё ба мисли чормағзи пуч боқӣ мемонад. Ин айём даври гузариш аст, то замоне, ки сиёсатдорон давлати нава мустаҳкам мекунанд, бисёр ҳодиса, ҳатто даҳшатҳои зиёд рух медиҳад. Аммо ин зулмҳо поён дорад, як рӯз оромӣ мешавад, боз ҳама ба сарвақтии худ мераванд, ана он гоҳ дубора ба гузашта рӯ меоваранд. Агар ту баринҳо то он замон сиҳату саломат расидед, аз ҳама бештар ба дарди ҷомеа марҳам мешавед.

– Кош, он рӯзҳо тезтар мерасид... Ба Худо, ғами худама намехӯрам, вале танҳо аз азобу азиятҳои наздиконам ранҷ мебарам. Мушкилоти онҳора дида дилам таҳ мекашад, дарунакӣ месӯзам, аммо... Аммо ҳисси худшиносии миллӣ ба ҳама чиз пирӯз меомадааст, наметавонам ин бори маънавии гузаштагона, ки ба дӯш дорам, дар нимароҳ гузорам.

– Иродаата устувор гир, як рӯз фурсаташ меояду миллат ба суроғи ту бармегардад. Бубин, ҳанӯз аз зиндагӣ умед ҳаст, дар ҳар ҷое бошӣ, инсонҳои нек дастгирӣ мекунанд. Бо шунидани асорати ту дунё ба назарам воруна намуд, ба абрҳои сиёҳи рӯзгор нафрин кардам, дилу ҷигарам об шуд... Марги писараки навболат бошад, маро тамом кард...

Ба миён хомӯшӣ нишаст. Чун буғз гулуи Баҳроми баззозро мегирифт, Мулло Фарҳод низ ёрои ҳарф задан надошт. Чанд лаҳзаи ҳасрату вовайлои пинҳон гузашту баззоз аз нав ба сухан омад:

– Нақшаҳоят чӣ аст намедонам, мулло, лекин агар ба Бору баргаштанӣ бошӣ, роҳҳо кушода аст. Ба фикрам, дигар аз паят намеафтанд. Ба қавли Рафиқ, дигар дар рӯйхати сиёҳ нестӣ.

– Бубинем сарнавишти масҷиди ҷомеъ чӣ мешавад. Бино ба ваъдаҳо, феълан таҳти назорати шуъбаи динии Самарқанд фаъол мемонад. Мо ҳам қавл

додем танҳо намозамона мехонему ба таърихнигору шарқшиносон ёрӣ медиҳем ва ҳеч гуна таблиғоте зидди шуравӣ намебарем.

– Ин ҳам дастоварди хуб аст, ҳеч боварам намеояд, ки дар даруни Ҳукумати Шуроҳо масҷиди диндорон амал кунад. Фақат Мулло Ҳилол аз шумо пуштибонӣ кард?

– Бародари мулло порткуми вилоят будаанд. Ба гуфтаи махсум, он кас дар мактаби ҳизбии Маскав хондаанд, забони урусира мисли об медонистаанд, дар ин ҷо ба ҳама гапашон мегузаштааст... Чанд далел аст, ки бо ҳимояти эшон мадрасаи динии Бухорора зинда нигаҳ медоранд. Боз Худо медонад, дар оянда чӣ иттифоқҳо рӯй хоҳад дод.

– Акнун фаҳмидам, гап дар кучост. Саломат бошад ин дӯстамон, шири поки модараш ҳалол бод. Дар ин замона пойлуч шуда гардӣ ин гуна одамона намеёбӣ, ангуштшуморанд.

Мулло Фарҳод шамъи сари тоқчаро, ки ба бун расида бо оташи суст дуд мебаровард, хомӯш кард. Дубора сари ҷо дароз кашида гуфт:

– Агар ин ҳодисаҳо рух намедод, Худо медонад такдирамон ба чӣ шакл сурат мегирифт. Ба гумонам, ҳама чиза бой медодем... Инак, дудила ҳастам, аҳволи зан хуб нест, аз рӯзе, ки ба Ғиҷдувон омадем, ба мисли Ғоиби ғӯрамаргам наҳифу нимҷон аст. Дурӣ аз ватан бо ӯ созгор наомад...

– Худат бубин, додарам, агар ҳолаш хуб нашуд маҷбурӣ ба диёр баргардӣ.

– Рост мегӯед, чанд моҳи дигар мемонам, дар айни ҳол имомати масҷида партофта рафтан аз рӯйи инсоф нест...

– «Обро бину мӯза каш, ҳаворо бину ғӯза каш», – гуфтаанд. Ту ҳам ин ҷо бимону хуб мулоҳиза кун, ҳар гоҳ дидӣ дарди сар пеш омад, ба худат санг андозанд ё ҳоли бачаҳоят беҳбуд наёфт, ба деҳа баргард. Агар хабар кунӣ, худам омада мебарам! – Баҳроми баззоз ба паҳлу гашту хомӯш монд. Чун дид Мулло Фарҳод низ чизе намегӯяд, суханашро хатм кард: – Ҳамин додарам, акнун хоб кун, даматро гир, фардо боз суҳбат мекунем, хоби хуш!

– Ҳар он чӣ шумо мефармоед, шаб ба хайр!

## 11. БОЗГАШТ

Дар фарози гарданаи Боғишоҳ истода таҳу болои деҳаро тамошо кардан чӣ қадар фараҳбахш аст! Ба хусус, вақте ки офтоби зарнисор бар сари доманаю теғаҳои кӯҳӣ механдаду ҳавои матбуи кӯҳсор беохир ба димоғ мевазад. Қат-қат дараҳои кӯтоҳу баланд бошад, ба бар дарахту буттаҳои сабзу зарринро кашида, то гардан дар лойи меҳ мондаанд. Тори сари онҳо низ пас аз пардаи тунуки меҳ бо пӯшиши варақасангу шаххҳои таскою хорою ордаку қайроқӣ дар сад ранг ҷило медиҳад.

Ба қавли Мусалламхола, моҳи сунбула оғоз шуду дубора ташвишҳои Фаршед зиёд гардид. Ӯ ҷойи нишаст надорад, равуояш тараддуди мӯрчаҳои хастагинопазирро ба хотир меоварад. Се сол аст, ки ин ҳолро дорад, оре, се сол

ва боз чанд сол идома хоҳад ёфт – номаълум, инро ҳаёт нишон медиҳад! Ӯ аз Кониобу Зиҳвор бармегашт, ин бор аз сафари худ шоду мамнун буд. Охир, чӣ хел хушҳол набошад?! Тайи ду-се рӯзи будубош бо як тир се нишонро зад! Нахуст, ба ҳар як хонаи ҳамдеҳагон қадам ниҳод ва хурду калонро барои таҳсил фаро хонду ҷалб намуд. Барои шуъбаи мактабаш дар Кониоб, ки масъули он ҷавони зираку босавод Афшин-муаллим аст, бештар аз панҷоҳ нафар духтару писарро номнавис карданд. Акнун мебояд муаммои набудани омӯзгорро дар назди шуъбаи маориф кӯндаланг гузорад. Ҳарчанд аз духтарону ҷавонҳои саводбаровардаи Бору се-чор нафарро вобаста кардааст, боз ҳам кам, ҳадди ақал ду-се муаллими таҳсилкарда лозим. Ин мавридро ба Суҳробу ҷаноби Оркодий низ хотирнишон сохтааст, бешак, ҳал хоҳад шуд... Дувум, ҳамроҳи Афшину Хоҷа Саид саре ба устохонаи Усто Ором зад. Ба ӯ низ, мисли Усто Шодмон, сохтани тахтаю нимкати синфхонаҳоро фармуда буд. Марди кор! Дастсохтҳои Усто Ором на бузургу на хурд, хеле мусоид барои бачаҳои хурдсол аст. Ҳар якеро соф тарошида, ранда карда, сайқал додааст. «Агар ранг занем, боз ҳам хушрӯтар мешавад, ба муҳкамии партаҳо аслан шак набаред, – бо эътимод мегуфт устои дуредгар ҳангоми боздид, – ҳамаро аз чӯби чормағзу туту зардолу сохтам. Болорҳоро муддати тӯлонӣ дар оғилхонаам, ки на нам асту на офтоб мерасад, хушк кардаам...» Ва, севум, дар асной ин маъмурият ба дидори дилдодааш, ки шабу рӯз соҳиби хаёлу орзуҳои бесарунӯкаш буд, расида, гарду ғубори ғаму фироқро барафканд ва бо сафою шодобии бӯсаҳои гарм ташнагии ком бишкаст.

Фаршед аз баландии Боғишоҳ чанд гоҳе дараҳои дарун ба даруни самти боло ва боғоту мазрааҳои аз сарсабзӣ тунукшудаи андаруни деҳаро тамошо кард, бо тамоми вуҷуд аз ҳавои сарду форами кӯҳӣ то мағзи ҷон дам кашид, заминҳои ҷо-ҷо меҳолуд ва осмони обиранги пур аз абрҳои дуданамои аъҷубашаклро дар навори дидагон сабт кард ва бо иштиёқу алоқаи бемисл ба диёри маҳбубу ҳамдиёрони маҳбубтар дурри андеша ба риштаи хаёл чида, дубора ба гардани гӯшдарози сарбазер халачӯб зад. Дар ҳавои роҳгардии леколеки маркаб гиребони куртаи чити дарозашро фарохтар боз карда ба шеъргӯйӣ даромад. Дар охири ҳар як мисраъ овозашро то ҷое, ки аз синаҳои сангини дара пажвоки садо шунида мешуд, баланд мебаровард ва ба навъи худ оҳанги марғубу беҳамто эҷод мекард. Роҳравон банди хаёлаш ба сафари чанд сол пеш, ки бо бародари дар кӯйи фироқ афтидааш Мулло Фарҳод дошт, гиреҳ хӯрд. Оҳ, чӣ сайру сафари пурборе ба сар бурда буданд он замон! «Додии донишмандам, нури дидаам, устоди беҳамтоям, дар куҷоӣ? Бо чӣ рӯзу сарнавишт сина леҳ мекунӣ, пешонии сахти ту аз чӣ рӯзгоре чину хатҳо мезояд? – ёди бародари бузург ӯро ба риққат овард, як лаҳза ҳама чизро фаромӯш карду бо тамоми овоз, аз решаҳои дил садо дардод: – Эй фалаки ҷаббор, чаро санг ба синаҳоямон мезанӣ! Мо чӣ гуноҳ доштем!» Фаршед бо сари хам, дар ҳоле ки ашкҳои армони ногаҳонӣ рухсорашро муҷалло месохт, то дари деҳа хомӯш омад. Танҳо ба саргаҳи гузари Сафолако ки расид, худашро ба даст гирифт ва ба роҳи асосӣ баромада бо Султон писари Шаҳбози кӯзагар рӯ ба рӯ омад. Султон бо эҳтиром салом арз кард:

– Расидан ба хайр, муаллим, аз Кониоб меоед?

– Ҳа, китобҳои дарсӣ бурдам, мактабамона рӯ ба роҳ андохта баргаштам. Панҷ-шаш рӯзи дигар дарсҳо сар мешавад.

– Шунидем, дар ин ҷо низ мактабамон барои соли хониши нав омода шудааст. Дирӯз амаки Каримҳоҷира дидам, хеле хурсанд буданд. Он кас аз забони форсӣ дарс медодаанд. Бисёр кори нағз кардаед, бе ин фан мактабамон гӯё маънӣ надошт.

– Рост мегӯйӣ, додар, пас аз давутозҳои зиёд ниҳоят дархостамона қабул карданд. Орзуи додиям Мулло Фарҳод ҷомаи амал пӯшид. Имсол алифбою забони ниёкона дар синфҳои дую се ҷорӣ мекунем, ҳамин тавр то синфи чорум мехонанд. Сипас, Худо хоҳад, бачаҳо баъд аз синфи чор ба мактаби ҳафтсолаи Синдоб меравaнд.

– Намешавад мактаби мора ҳам ҳафтсола кунанд? То Синдоб хеле дур, «азоби роҳ – азоби гӯр» гуфтаанд.

– Не, феълан ба ин рухсат надоданд, гуфтанд, ки будҷаи давлат намерасад.

Султон дар назари Фаршед хеле фаъол намуд, ба ҷавонии худ нигоҳ накарда суханҳои бамаънӣ мегуфт. Дар воқеъ, ӯ соли гузашта саводи пухта бароварда буд, алалхусус, фанни арифметикаро хуб медонист. Барои ҳамин Суҳроб ӯро ба ҳисобдораш шогирд монд.

– Хуб, аз корҳои худат чизе бигӯ, вақтҳои охир бо чӣ машғулӣ? – кунҷковӣ кард Фаршед. – Шаҳбоздодӣ чӣ хел, чӣ корҳо мекунанд?

Султон бо сурати шукуфон гуфт:

– Корҳои ман панҷ, муаллим! Раис ваъда доданд даҳ нафара барои хондан ба шаҳри Самарқанд мефиристанд. Аз ҷумла, ман ба техникуми ҳисобдорӣ мерафтаам. Падарам бо кори қадимашон банд, аз гилкорӣ даст намекашанд.

– Бисёр нағз. Падарат ҳам кори дуруст мекунанд. Ба гуфтаи ҷаноб Оркоди, то омадани зарфу ҷогаҳҳои нави шуравӣ косаю табақу кӯзаҳояшона сохта истанд беҳтар аст, муҳим ин ки чархи рӯзгор бигардад... Хуб, боз чӣ гапҳои нав? Се рӯзи аз деҳа рафтанам ба назар се сол менамояд...

– Э, ростӣ, шумо ҳанӯз хабар наёфтаед?

– Аз чӣ?

– Ин дафъа Абдуи серҷоға милисаҳо омада бурданд.

– Не-е, барои чӣ?

– Боз ҳамон беҳурматиаша ба Ҳукумати Шуроӣ кард.

– Наход, бо раис туюман рафт?

– Не, ин дафъа ҳама одамони кулхуза наҳ задааст. Вақте ки зану бачаҳо аз боғҳои поён, аз дарав бармегаштаанд, даҳонаша пур карда гуфтааст: «Ҳа, харони кулхуз, аз кор меоед?!» Дар миёни одамон пулеводамон[222] Тӯракалта ҳам будаанд. Худатон медонед, он кас то чӣ андоза ба ин гуна таҳқирҳо ҳассосанд. Ҳамон замон даст ба гиребон мешаванд. Одамон базӯр ҷудо кардаанд. Тӯракалта тоқат накарда шабошаб бо номаи шикоятӣ ба марказ

[222] Талаффузи маҳаллии вожаи русии «полевод» аст: масъули боғу мазрааҳо.

меравад. Аз он ҷо саҳарӣ милисаҳо омадаанд, дасту пойи Абдуакара баста бурдаанд.

– Бечора... – саравввал Султон нафаҳмид, ки Фаршед чаро изҳори таассуф мекунад. – Абдуи серҷоғ ҳамсараша дар боғи кулхуз талаф доду ба ҳукумат чап шуд. Доғи зан вая аз роҳ бероҳа кард. Медонӣ, Султон, ӯ дар оғоз аз нахустин сарсупурдаҳои ҳукумати нав буд, дар навсозиҳо бисёр ёрдамаш расидааст. Лекин дар авҷи кор гусастани риштаи умри янгаи Зулхумор ҳама саъю талошаша баръакс тоб дод, ба ҳар кӣ пеш омад, дарафтида, ҳақорат дода мегуфт, ки кори вазнини давлатат бачаҳояма, худи мана кушт. Барои гардондани раъйи саркаши ӯ Сухробдодӣ чӣ корҳое накард! Не, одам нашуд, ҳамин раисамон ҳам дар назараш душман шуда монд. Пас, он якравиҳо охиру оқибат сараша хӯрд-гӯй...

– Ба назаратон ҷавоб намедиҳанд, гуноҳаша намебахшанд?

– Бо ҳукумат шӯхӣ мекунӣ, Султон? Камтарин ҷазояш қулоқ аст, мефаҳмӣ, бадарға ба маконҳои маҳруму дастнорас!

– Афсӯс...

Фаршед низ аз хар пиёда шуда буд. Канори ҳам бо Султон суҳбаткунон ба гузари Миёна наздик шуданд. Пас аз лаҳзае, ки ҳар ду ба манзараҳо дида андӯхта табъиди Абдуи серҷоғро аз мадди хаёл мегузаронданд, Султон пурсид:

– Ба мактаб мегузаред?

– Не, хеле хастаам, рост ба хона меравам. Бовар кун, очаама сахт пазмон шудам, ҳарчи зуд ба оғӯшаш расиданиам.

Султон бо лабханд нигоҳе афканду дубора хомӯш монд. Дар самти чап дарвозаи дулингаи баланди Дороамин, ки ҳанӯз ҳам бо ҳамон салобати қадимӣ ба назар мерасид, намоён шуд. Он танҳо бо дуто парчами сурх, ки дар иртифои ду гӯшааш эҳтизоз доштанд, маънии дигар касб мекард. Аз дари хурди дарвоза ягон-ягон одамон, ки шояд кормандони идора ё коруфтодаҳое буданд, даробаро мекарданд. Фаршед ба он ҷониб наздик нарафта бо пайроҳаи самти рост ба тарафи гузари Пайк сарнишеб шуд. Султон, ки мебоист ба коргоҳи падараш равад, ба ӯ ҳамроҳӣ кард ва ресмони харро ба даст гирифта, ноаён идораи фермаро зери чашм пармосида гуфт:

– Медонед, имрӯз дар деҳа боз як хабари дигар паҳн шуд.

Фаршед бо таваҷҷуҳ ба нигоҳҳои ӯ суол кард:

– Як чашмат ба сӯйи идораҳост, чӣ хабар?

– Не-е, ба идораи мо вобастагӣ надорад, ҳодиса дар Синдоб рух додааст. Мегӯянд, китобхонаи нави он ҷо сӯхта хокистар шудааст.

Фаршед беихтиёр сари ҷо истод ва ҳайратзада ба ҳамроҳаш дида дӯхт:

– Наход? – гуфт ӯ бо ҳаяҷон.

– Ҳа, Синдоб ҷойи калон, дар он ҷо ҳама кора интизор шудан мумкин.

– Охир, дигар ҷо хушк шуда буд, ки махзани илму дониша ба коми оташ медиҳанд?

– Аммо, аз рӯйи шунидамон, ин аловандозӣ қасд ба қасд рӯй додааст.

– Чӣ хел?

– Агар ёдатон бошад, як гурӯҳ фирқавиён бо милисаҳо аз Нур омада, қишлоқҳора яке намонда давр зада буданд. Ҳамон вақт дар канори ду шутур китоби ҷамъкардаашон як сандуқ китоби Мулло Ҳосила низ бароварда, дар сари Қӯрғони Синдоб бо чор хар ҳезум сӯзониданд, дуди гулхани афрӯхтаашон ба ҳафт қабати осмон мебаромад. Ману чанд ҷӯраи кунҷковам аз пушти китобсӯзон рафта он кирдорашона бо чашми худ дида будем.

– Он даҳшата кӣ намедонад, мегӯйӣ... Дар миёни он хазинаи аҳли кӯҳпоя як олам китоби раҳматӣ Дороамина ҳам аз даст додем, аз чоплусии лаънатӣ Шермати гӯл ҳама дар ғафлат мондем. Ҷояша медонистааст, номард, бо дасти адаб ба он гурӯҳи «маърифатсоз»-и коммунистӣ супурд. Ману Суҳробдодӣ бо чашми сар медидему ҳеч коре аз дастамон намеомад.

– Ана ҳамон вақт Мулло Ҳосил чун мурғи посӯхтаю болу парканда ду чақрим фосилаи байни хонааш ва гулхана то бас шудани оташ чандин бор гашта, поҳояша хуншор карда буд. Ба сухану дилдории касе гӯш намедод, аз забонаш танҳо як гап мебаромад: «Ман ин ҷоҳилии шумора бе ҷавоб намемонам, қасдама ҳатман мегирам!»

Фарҳод аз ин нақл рамуз фаҳмида гуфт:

– Яъне, қасдаша ба қиёмат намондааст?

– Шояд. Раисашон Бӯрӣ дар чор сӯ ӯро мекобад. Мегӯянд, баъд аз сӯхтани китобхона Мулло Ҳосил ҳафт гувоҳ нест, ба куҷо ғайб задааст, касе намедонад...

То ин ҷойи суҳбат онҳо ба манзили Шокирусто, ки ҳоло марди ин хона Фаршед аст, расида омаданд. Баробари аз дарвоза даромадан хар ҳаллос зада ба самти архона давид, ба назар мерасид, ки вай охурчаи худро сахт ёд кардааст. Азбаски бо истодагарии Фаршед Султон низ ба хонаашон медаромад, ин дави ногаҳонии гӯшдарозро дида ҳар ду ба завқ омаданд.

– Аз ман бештар дил мондааст ба ҷойгоҳаш, бубин, ҷойи зист чӣ қадар азиз аст, – Фаршед ба дари даромад наздик шуда, бо меҳру алоқаи ширин ба хонаи падарӣ, аз таҳи дил овоз дод: – Оча?! Очаҷон, ман омадам!

Ғайри интизор, дар дами остона ҳамроҳи Маҳтобу Сокина Баҳроми баззоз низ ба пешвоз баромад. Хурсандии ҳар ду ҷониб омехта бо эҳсосоти шигифту ҳаяҷон бепоён буд. Фаршед гарму самимӣ худро ба оғӯши дӯсти падар афканд, чанд лаҳза дар бағали ҳамдигар гарди ҷудоӣ аз димоғ рехтанд, дар ҳавои шодмонии аҳли хона пасу пеш ба рӯйи кӯрпачаҳои гирди дасторхон нишастанд.

– Илоҳӣ омин, – даст ба пеш кушода ба дуохонӣ оғоз кард Баҳроми баззоз, ки аз пайи таниши нарми ҷонфизо панҷаҳои дурушту рагу пай барӯзадааш каме меларзиданд, – ба номи Худо, ки раҳматаш бисёр ва меҳрабониаш ҳамешагӣ аст, ба номи Худо, бар он чӣ Парвардигорам ба ман бахшид. Худоё, ман ба ту паноҳ меоварам аз шарри худам, аз шарри ҳар шайтони ситамгар, аз шарри ҳар пешомади бад, ба дурустӣ, ки ту бар ҳар чиз нигаҳбонӣ. Худо маро бас аст, маъбуде ҷуз Ӯ нест, бар Ӯ таваккул кардам ва Ӯ парвардигори арши азим аст, Аллоҳу акбар!

Маҳтоб чашм аз писар наканда, дар сурате ки аллакай дидагонаш лиқ-лиқи ашк шуда буданд, гуфт:

– Рафта омадӣ, писарҷон, сафарат хуб гузашт? Кӯҳистониҳо чӣ хеланд, Бибисоро, апаи Мусаллам, Зебоҷонам – ҳама хуб буданд?

– Шукри Худо, ҳамаашон салом расониданд. Дамаш гарм, Хоҷа Саид саркори меҳрабонест, ёриашро аз касе дареғ намедорад. Мактабамона таъмир кардаанд, Афшинҷон ба соли нави таҳсил омодааст. Китобҳои нава супурдам, рӯйхати бачаҳои мактаба тартиб додем. Курсҳои маҳви бесаводира худи Хоҷа Саид ба уҳда гирифт, барои калонсолон ҳам пас аз соатҳои мактабӣ дарс мегузаранд. Мақсад якест – ҳама бояд навиштану хондана ёд гиранд.

Баҳроми баззоз ба сухан ҳамроҳ шуд:

– Падару модарон аввалҳо дудила буданд, гуфта будӣ, алалхусус, духтаронро ба мактаб намедиҳанд...

– Не, акнун вазъ хеле беҳтар аст. Соли гузашта дар бораи ҷорӣ кардани таълими умумии ҳатмӣ қарор баромаду таҳсили бачаҳо маҷбурӣ шуд. Ҳам дар Бору, ҳам дар деҳкадаҳои кӯҳистонамон одамон бо майли худ савод бароварданианд. Гарчи муаллимонамон камшуморанд, тавонистанд ба дили бачаҳою волидайнашон роҳ ёбанд.

– Алифбоямона иваз карданду мушкилот бисёр шуд, – гуфт Баҳроми баззоз бо тафаккур, – аздусар кори шумоён ҳам ду баробар шудагист.

– Рост мегӯед, амак, ин алифбои лотинӣ ба миллати мо зарбаи сахт зад. Ҳуруфи форсӣ дар хуни мо буд, ба мисли як хати ирсӣ аз насл ба насл мегузашт, одамҳо нахонда ҳам навиштану хондана ёд мегирифтанд. Акнун, пеш аз он ки як калимаро ба лотинӣ нависед, аввал тарҳи ҳарфҳоша бо хати форсӣ тасаввур мекунеду баъд ба коғаз мефуроред. Аз калонсолон дида бачаҳо зудтар ёд мегиранд.

– Ин амри табиист. Зеҳни бачаҳо коғази сапеда мемонад, ҳар чӣ сабт кунӣ, зуд ба чашм дида мешавад...

Маҳтоб аз ин гуфтугузор каме ғамгин шуд, бо нияти гузаштан ба асли мақсад, бетоқатона суол кард:

– Фаршедҷон, аз Бибисоро суҳбат кун, номаи мана бурда додӣ?

– Э, очаҷон, шумо чиҳо кардед? Ман бехабар аз он хататон, дар пеши хешон шарманда шудам. Ҳамсари Қозибобо ҳам ҷойи ин ки ба номаатон ҷавоб нависад, дар пеши чанд зани кониобӣ ҳама сиррамона фош карданд.

– Хуб, хуб, чиҳо гуфт? – бо алоқа ба сухан ҳамроҳ шуд Баҳроми баззоз.

– «Писарам, ба апаи Маҳтоб гӯед, ки ҷиҳези Зебо аллакай тайёр аст. Ҳар замон хоҳанд, духтарама гирифта бурдан гиранд!», – ҳама хандиданд, Фаршед афзуд: – Он лаҳза замин накафид, ки дароям...

– Аз ин сухан ҳеч сирре намондааст, писарам, ҷойи хиҷолат ҳам нест, – Маҳтоб ба Баҳроми баззоз рӯ оварда ба суханаш идома дод: – Додӣ, вақташ омад, сараша бояд ҷуфт кунем. Худаш ҳеч ба гардан намегирад, мегӯяд то додиям Фарҳод наояд ман хонадор намешавам.

Ҳама ба сӯйи Фаршед чашм дӯхтанд. Ӯ бо аломати тасдиқи ҳарфи модар сарашро хам кард. Дар ин асно Баҳроми баззоз ногаҳон шукуфт, мисли ин ки

пайғоми хушеро мерасонд, аз чашмонаш нури меҳр борид. Вале, як он чеҳрааш ҷамъ шуд, чизе дилашро харошид гӯё, бо овози кам гуфт:

– Тараддуди тӯйро бинед мешавад, хоҳарам... – ин суханро гуфту бештар ба андеша рафт. Аз ҳама бештар Маҳтоб нигарон шуд. Ба нигоҳҳои маъниҷӯйи ӯ, ки ҳайратзада дида медӯхт, тоб наоварда баззоз бехаёл рози ташрифашро ифшо кард: – Мақсади омадани ман ҳамин буд, ки як хабари муҳима дар бораи Мулло Фарҳод расонам. Додарам ба наздикӣ меояд, вале танҳо бо духтаракамон Нисою писари хурдиаш Ислом...

Марди роҳ бо ин ҳама таҷрубаи зиндагӣ натавонист ҳарфашро то охир гӯяд. Гӯё садояш гирифту хомӯш монд. Дар канори модари мутаҳаййир Фаршед низ бо изтироб пурсид:

– Барои чӣ, ба оилааш чӣ гап шудааст?

Баҳроми баззоз дигар ҳарфе назада, аз кисабағал коғази чорқатеро баровард ва ба Фаршед дароз карда гуфт:

– Ин хати ӯст, худат хон, ҳама фаҳманд. Ҳоҷати пинҳон кардан нест.

Сокинаю Султон об дар даҳан менишастанд, Маҳтоб сари дузону қоматашро ба пеш хам карда, бо чашмони боз бештар мутаваҷҷеҳи қазия шуд. Фаршед номаро ба даст гирифта кушод ва бо андак ҳаяҷон ба қироат пардохт: «Салому дуруд, амаки азизам, Баҳромхоҷа! Умедворам дар сояи Худованд сиҳату саломат ҳастед, ба янгаю нури дидаҳои худ саломи маро расонед. Имрӯз ба бозори Тилокон баромада, тасодуфан ошноятон Ризохонро дидам ва бо шитоб ин номаро навиштам, то ки бароятон фиристонам. Тааҷҷуб накунед, ман ҳанӯз дар ин деҳаи пуштикӯҳиамон Тилокон ҳастам. Ҳамон тавре ки хабар доред, дар Ғиҷдувон зиндагиам хуб буд, дар масҷиди ҷомеъ имомат мекардам, ба шогирдон дарси арабӣ ва аҳкоми диниро ёд медодам, касе бо ман коре надошт. Вале бо гузашти замон, он тавре ки медонед, ҳоли ҳамсарам беҳбуд наёфт. Бемориаш пас аз даргузашти Ғоибҷонам рӯз ба рӯз авҷ гирифт, ки кам не. Бо ин ҳол, як сол таҳаммул кардам, табобате намонд, ки барояш накарда бошам. Охирсар, сабрам аз даст рафт, чун дидам билкул аз ҳол рафта мисли килкак шуда монд ва бар замми вай, Нисоҷон ҳам зуд-зуд бетоб шудан гирифт, чораи дигаре наёфта, бо маслиҳати дӯстам Ромиш-махсум, баргаштан ба ватанро афзал шумурдам. Бо як азобе то Тилокон омадем, аммо... Бубахшед, гулуям гирифт... Ин ҷо ҳамсарамро бохтам, бечора ҷон ба Ҷаббор таслим намуд... – дар ин ҷойи нома Фаршед низ сукут кард, ҳамнишастон ҳама дар худ фурӯ рафтанд. Маҳтоб натавонист гиряашро нигаҳ дорад. Бо вуҷуди ин, Фаршед ба хондани давоми мактуб азм кард: – Бо ҳамдастии Ҳоҷӣ Салим ва дигар ошноён ӯро дар ҳамин ҷо гӯручӯб кардем. Фардо гӯсфандеро забҳ мекунем, худоӣ медиҳам. Баъд аз гузарондани маърака ба роҳ мебароем. Додӣ, салоҳ донистам ба шумо нома навишта қазияро равшан кунам. Хеле мехостам дар сурати имкон, агар бароятон заҳмат набошад, фурсат ёфта ба Бору равед ва очааму наздиконро аз ин пешомадҳо огоҳ созед... Худо бузургу меҳрабон аст, иншоаллоҳ дар рӯзҳои наздик ҳамдигарро мебинем. Бо иродат ва эҳтиром, Фарҳод».

– Оҳ писарҷони рӯз надидаам! Ин чӣ сарсонию оворагиҳо буд, ки ба сарат омад? Э вой, Худоҷон, чаро нури дидаама ин қадар имтиҳон мекунӣ, ӯ аз ин ҳама азобӣ кай фориғ мешавад? – Маҳтоб нолаи дарднок аз решаҳои дил баровард, дар айни ҳол ҷуз доду фарёд чизе барои осоишаш намедид. – Ин чӣ замона аст, ки ба Худою расул чаппа шуд, чаро бандаҳои муъмину вафодор ба доми ранҷу шиканҷа афтидаанд? Додӣ, Фаршедҷон, ин рӯзҳои сиёҳ то кай дар сари вай аст, наход бегуноҳиаша набинанд ин фирқавиён?

Ниҳоят, Баҳроми баззоз худашро ба даст гирифт. Бо овози расо ба Маҳтоб рӯ оварда гуфт:

– Хоҳарам, реҳлати ҳар як банда хости Худо аст, дуо мекунем, ки боргоҳи Эзиди мутаол барои марҳума биҳишти барин гардад, ба ҳамаи шумо таслият мегӯям, Худо сабр диҳад. Барои писарамон Фарҳодҷон бошад, роҳҳо боз аст. Аз ин пас ӯро таъқиб нахоҳанд кард. Шояд ду-се рӯзи дигар бо бачаҳояш расида меоянд. Мо ҳама урфу одати лозима анҷом медиҳем, чили хоҳарамона мегузаронему аз он баъд ба тӯйи зангирии Фаршедҷон миён мебандем. Зиндагӣ ҳамин аст, одам гоҳе дард мекашад, ғусса мехӯрад ва гоҳе низ шаҳди шодӣ мечашад. Чӣ гуфтӣ, Фаршедҷон?

– Амак, Худо ба шумо аҷр диҳад, ин садоқати беминнате, ки барои мо доред, шоистаи ҳазор таҳсин аст, – бо эҳтиром сухан ба лаб овард Фаршед. – Ҳарчанд то ин ҷо заҳмат кашидед, хоҳиш мекунам, боз як кори савоб кунед. Агар розӣ бошед, бо ҳам ба хонаи амаки Нурбоқӣ равем, онҳора ҳам аз сарнавишти духтарашон огоҳ кунем. Беҳтар буд дар он ҷо худатон ҳодисаҳора гуфта диҳед. Сари роҳ, агар бошад, Суҳробдодира ҳамроҳ мегирем.

Баҳроми баззоз бо камоли майл мувофиқат кард.

– Рост мегӯйӣ, писарам, ҳатман аз пайи ин кор шавед, – гуфт Маҳтоб оби дида пок карда ва ба Сокина рӯ оварда афзуд: – Духтарам, хез дасторхон кун, алови зери дегата гирон. Фаршедҷон, шӯрбоямон тайёр аст, аввал хӯреду баъд ба коратон равед.

Султон тараддуди рафтан кард. Ӯ сар аз сукути тӯлонӣ бардошта, бо меҳр, бо изҳори ҳамдардӣ гуфт:

– Хола, келинатон инсони меҳрабону заҳматкаш буд, Худо мағфират кунад, ҷояш дар ҷаннат бошад. Ҳар коре буд фармоед, дар хидматем. Ин дам ба ман иҷоза диҳед биравам.

– Сипос, додар, – ба ҷойи модар посух дод Фаршед, – бимон, шӯрбо омода будааст, бо ҳам мехӯрем.

– Не, як вақти дигар. Падарам дар коргоҳашон интизори мананд. Хабар кардаанд, ки тез биёям, шояд кори муҳимме бошад.

Ба ҷуз Баҳроми баззозу Фаршед ҳама аз ҷо хестанд, Маҳтоб Султонро то дами дарвоза гусел карду ба сӯйи танӯрхона баргашт. Бо ҳамдастии духтари хурдӣ Сокина, ки ҳол танҳо вай дастёраш аст, аз пайи корҳои зиндагӣ шуд. Маҳтоб гарчи аз ин пеш ҳам муттасил бо ёди писари бузургаш мегашт, акнун бештар ӯро ёд кард, аз саҳни хаёлаш суроби суратҳои Мулло Фарҳоду Нисоҷон ва Холпарии раҳматию Ғоиби ғӯрамарг дур намешуд...

***

Шаби ширгуне аз моҳи сунбула. Ба ҳисоби Мулло Фарҳод, рӯзи чордаҳуми рабиуссонӣ аз соли панҷоҳум[223] даст ба шаб дода, худро ба коми таърих месупурд. Аз миёни осмони пурситора, ки шабеҳи қолии мунаққаш беист чашмак мезад, бадри мунир чеҳра мекушод. Гӯё чароғи роҳнамое буд, ки барои се тан раҳакии аз дур расида хатти ҳаракатро нишон медод. Хари болобаланди сапед аз пайроҳаи морпечи кӯҳи Ағба ба поён сарнишеб шуд. Ба пушти вай Мулло Фарҳод дар як даст халачӯб, бо дасти дигар писари якунимсолаи худро дар бағал дошта менишаст ва ӯро аз қафо духтараки дукокулаи тоқию нимчапӯши ҳаштсолааш Нисо бо ду даст оғӯш мекард. Мулло метавонист бо аспу ароба аз тариқи роҳҳои калон ба Нур фуромада ояд, лекин биму хатари дастгиршавӣ ӯро аз ин кори таваккул нигаҳ дошт. Бо ҳазору як хаёл ҷодаҳои мушкилгузари кӯҳӣ, сафари танҳоро баргузид. Ӯ ба неру ва саъю талоши худ итминон дошт, намехост ба касе бор шавад, оромии дигаронро халалдор кунад...

Роҳи Ағба барои Мулло Фарҳод ошно аст. Ду сол пеш ӯ бо ҳамсару ду фарзандаш аз деҳа бадар рафта, аз банди асорат наҷот ёфта буд. Инак, бо пайроҳаҳои ошно, аз миёни сангу шаххҳои дурушту тезу шахшӯл гузашта, буттаю хорҳои кӯҳиро зер кардаву чап дода дубора ба ватан бармегардад. Ба сӯйи зодбум роҳ пеш гирифта, сарҳисоби оворагиҳои худро аз мадди хаёл мегузаронад: чӣ басо сахтиҳои сафарро сипарӣ кард, дардҳои ҳасрату фироқ кашид. Ин ҳама кам буд магар, дар поён бадтарин бало ба сараш омад – аз ду нафар дилбанди худ ҷудо шуд. Барои чӣ, бар ивази чӣ? Беҳтар набуд дар деҳа бимонаду худаш ба дом биафтад, ба ҳар талае, ки коммунистон гузоранд, гирифтор шавад? Не, ихтиёри ӯ дар дасти дигарон буд, дӯстону наздикон зинда монданашро хостанд, будану умр ба сар бурдани ӯро тарҷеҳ доданд...

Аз сӯе, сафари Ғиҷдувон бо вуҷуди ҳар гуна мушкилот, босамар ҳам буд. Имомати ягона масҷиди ҷомеъро ба уҳда дошт, ба муъмину муътақидон, гарчи теъдодашон кам буд, ваъзҳо гуфт, ба шогирдон дарсҳои динӣ гузашт, забони Каломуллоҳро омӯзонд. Тавонист бо дастбакорони шуравӣ муомила кунад, дар даруни ҷамоаи даҳрию бедиёнат дарсҳои дину шариатро ба роҳ андозад. Бо ширкат дар нишасту анҷуманҳо дар доираи уламои дин нақши носутурданӣ гузошт. Дар ин миён донишҳои омӯхтааш, таҷрибаҳои андӯхтааш хеле ба кор омад...

Мулло Фарҳод ба сози роҳравии хар худашу бачаҳоро мутобиқ карда, аз банди андешаҳо раҳоӣ намеёфт. Дар ин саъй воқеае ба ёдаш омаду зери лаб табассум кард. Дар ёд дорад, бо ҳузури як идда уламои дин дар мадрасаи Бухоро анҷумани густурдае доир гардида буд. Дар он нишаст як нафар муҳаддиси маъруфи озарбойҷонӣ тавзеҳоте дар хусуси Имом ал-Бухорӣ ва осори вай медод. Ҳанӯз дар оғози суханрониаш, ки мегуфт, «Абӯабдулло Муҳаммад Исмоили Бухорӣ соли 810 дар Бухоро ба дунё омада, соли 869 дар ҳамон ҷо вафот кардааст», ӯ таҳаммул накарда, аз ҷо хеста, гуфта буд:

[223] 14-уми рабиуссонии соли 1350 ҳ.қ. – мутобиқ бо 29.08.1931

«Тақсир, аввал ин ки як соли ҳаёти муҳаддисро хӯрдед, соли даргузашти Ҳазрати имом ал-Бухорӣ 256 ҳиҷрии қамарӣ, яъне 870 милодӣ аст ва маҳалли даргузашташ низ на Бухоро, балки рустои Хартанг бошад». Дар ҷойи дигар низ, вақте ки аз он пажӯҳишгари озарбойҷонӣ дар хусуси «Шарти Бухорӣ» пурсиш карданду ӯ оҷиз монд, вай беихтиёр аз ҷо баланд шуда мухтасар ташреҳ дода буд: «Бухорӣ барои интихоби ҳадиси саҳеҳ меъёре дошта, ки ба «Шарти Бухорӣ» маъруф шудааст. Тибқи он, ӯ ҳамон ҳадисеро саҳеҳ медонад, ки муҳаддисони бузург нисбат ба васоқати[224] фард-фарди силсилаи ровиёни он то як саҳобаи машҳур иттифоқи назар дошта бошанд. Ва санади он низ муттасил ва ғайримақтуъ бошад. Бар ин асос, Бухорӣ барои гузиниши ҳадиси саҳеҳ иттисоли санад, итқон[225], васоқати риҷол[226] ва низ набудани ишкол ва заъф дар матн ё санади ҳадисро муроот мекардааст...» Аз пайи он эроду тафсирҳо ӯро ба шуъбаи марказии Кумитаи динии Самарқанд даъват намуданд, вале ӯ аз дасти мушкилоти рӯзгор, алалхусус, ба хотири дур нашудан аз назди ҳамсари бемор ин фарохониро рад кард...

Ниҳоят, гӯшдарози болобаланди неруманд бо се нафар савораи дар сафари дурудароз шалпару леҳшудаи худ аз кӯҳу теппагиҳо ва роҳҳои каҷу килеб гузашта нисфи шаб ба деҳаи Бору расид. Дар зери партави моҳи кулчарӯйи зардгун, бо танаффуси ҳавои матбуи зодгоҳи чун ҷон азиз, дар дили шаби тирафом лаҳзаи деринтизор фаро расид ва пас аз баёни каломи «бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим», дар пушти тирезаи Шокирусто садои дилчаспи марди роҳ баланд шуд: «Оча! Очаҷон, ман омадам!»

*ПОЁН*

---

[224] **Васоқат وثاقت** – устуворӣ

[225] **Итқон اتقان** – мустаҳкам кардан

[226] **Риҷол رجال** – *ҷамъи* раҷул *(марде, ки ба синни балоғат расидааст)*

# М У Н Д А Р И Ҷ А


ФАСЛИ ЯКУМ ....................................................................................................4

**1. РОҲИ НУР ......................................................................................................4**
Дар омади гап ....................................................................................................4
Дузди боинсоф ....................................................................................................20
Дар ҳузури ҳофиз ....................................................................................................29

**2. МАНЗИЛИ СУЛАҲО ......................................................................................................36**
Гузарҳои ҳунармандон ....................................................................................................36
Судурбобо ....................................................................................................48
Гармоба ....................................................................................................53
Рози Чашма ....................................................................................................62
Сулаҳои ҳамроз ....................................................................................................68
Муруввати баззоз ....................................................................................................73

**3. ОДАМОНИ БОРУ ......................................................................................................83**
Дӯкондор ....................................................................................................83
Сирқат ....................................................................................................88
Ҳамдастӣ ....................................................................................................92
Намадпазӣ ....................................................................................................102
Иқдоми нек ....................................................................................................111
Дар гирди суфраи ширак ....................................................................................................119
Дар остонаи манзили охират ....................................................................................................125
Деҳаи «зинда» ....................................................................................................132

**4. САФАРИ БУХОРО ......................................................................................................142**
Шаҳри хароб ....................................................................................................142
Мадади дӯст ....................................................................................................159
Ҳарфи шаҳру хоби хуш ....................................................................................................166
Сардоба ....................................................................................................170

**5. АРӮСӢ ......................................................................................................178**
Ҳезумакӣ ....................................................................................................178
Тӯйбарон ....................................................................................................184
Ақди никоҳ ....................................................................................................191
Арӯсфуророн ....................................................................................................194

**6. ФОТИҲАИ МУЛЛОӢ ......................................................................................................199**

ФАСЛИ ДУЮМ ....................................................................................................203

**1. ВАСИЯТИ ВОПАСИН ......................................................................................................203**
Пирию тааммул ....................................................................................................203
Тасодуфи сарироҳӣ ....................................................................................................209
Меҳр дар чашм ....................................................................................................213

**2. МЕҲМОНҲОИ НОХОНДА ......................................................................................................219**
Қадами аввал ....................................................................................................219
Усул дар дасти нақорачӣ ....................................................................................................223

**3. ПЕШОМАДҲОИ САХТ** .... **232**
Талоши беҳуда .... 232
Хатми Каломуллоҳ .... 240

**4. САРУБАРГИ ЗИНДАГӢ** .... **246**
Мазаи чалпаку азми таҳсил .... 246
Меваи ҳаёт .... 253
Миёнҷигарӣ .... 258
Дар суҳбати раис .... 263

**5. ДАСТГОҲИ НАВ** .... **268**
Авлиёи шурой .... 268
Аҷали муаллақ .... 274

**6. ҚИСМАТ** .... **285**
Азму ҳиммат .... 285
Аз пайи Раънои гумшуда .... 289

**7. ПАРТА ОМАД!** .... **309**

**8. ЗУЛМ** .... **315**
Фирор .... 315
Даргузашти Мулло Дурандеш .... 318
Аз сарнавишт ҷойи гурез нест .... 328

**9. КАЖДУМИ ЗЕРИ БӮРЁ** .... **339**

**10. ГУРЕЗГОҲ** .... **345**
Маҳаллаи Рахтшӯён .... 345

**Зиёрат** .... **351**
Масҷиди озод .... 354
Бо ёди дӯст .... 358
Аз сиёҳчол то рӯшноӣ – як қадам .... 371
Пайки шодӣ .... 374

**11. БОЗГАШТ** .... **379**

Адабий-бадиий нашр

**ЮНУСИ ИМОМНАЗАР**

**ЯШИЛ ВА ҚИЗИЛ**

(Роман)

*Тожик тилида*

Бош муҳаррир: Олим Давлатов
Муҳаррир: Олим Давлатов
Мусаҳҳиҳ: Холбикаи Нурназар
Саҳифаловчи: Иқболбек Исмоилзода

«Tamaddun» нашриёти.
Тошкент шаҳри, Навоий кӯчаси, 30-уй.
Лицензия рақами AI №247, 02.10.2013 й.

2021 йил 29 мартда босишга рухсат берилди.
Бичими: 60x80 1/16 «Times New Roman»
гарнитурасида офсет босма усулида офсет коғозида босилди.
28,3 шарт. б.т. 28,1 ҳисоб нашр табоғи
Адади: 500 нусха. 34-сон буюртма.

«TURON-MATBAA» МЧЖ босмахонасида чоп этилди.
Тошкент шаҳри, олмазор тумани, Талабалар кӯчаси, 2-уй.